Хадамоти мутақобили

Ислом ва Эрон

Ба қалами Устод Муртазо Мутаҳҳарӣ

Таҳия ва баргардон: Сайидюнуси Истаравшанӣ

بسم الله الرحمن الرحيم

Феҳрист:

Бахши аввал: Ислом аз назари миллияти эронӣ 8

Мо ва ислом 8

Миллатпарастӣ дар асри ҳозир 9

Вожаи “миллат” 13

Калимаи “миллат” дар истилоҳи имрӯзи форсӣ 14

Миллият аз назари иҷтимоӣ 15

Таассуботи миллӣ 17

Носиюнолизм 18

Миқёси миллият 18

Интерносиюнолизми исломӣ 22

Доияи ҷаҳонии ислом 22

Миқёсҳои исломӣ 26

Исломи эрониён 29

Оғози исломи эрониён 30

Хадамоти эрониён ба ислом аз кай шурӯъ шуд? 32

Эрониён дар Яман 34

Исломи Бозони эронӣ ва соири эрониёни муқими Яман 35

Иртидоди Асвади Анасӣ ва муборизаи эрониён бо вай 36

Номаи ҳазрати Расул ба эрониёни Яман 37

Кушта шудани Асвади Анасӣ ба дасти эрониён 38

Муборизаи эрониёни Яман бо гурӯҳе аз муртаддини араб 43

Чаро давлати сосонӣ шикаст хӯрд? 45

Норозӣ будани мардум 47

Нуфузи ором ва тадриҷӣ 50

Забони форсӣ 56

Мазҳаби ташайюъ 63

Ғалабаи ислом бар таассубот 74

Ташайюъи эрониён 75

Иҳонат дар шакли ҳимоят 78

Бахши дуввум: Хадамоти Ислом ба Эрон 81
Мавҳибат ё фоҷеа? 81
Изҳори назарҳо 83
Низоми фикрӣ ва эътиқодӣ 94
Адён ва мазоҳиб 96
Ойини зартуштӣ дини расмии кишвар 100
Ойини масеҳӣ 104
Ойини монавӣ 108
Ойини маздакӣ 111
Ойини будоӣ 117
Ақоиди ориёӣ 120
Ақоиди ориёӣ қабл аз Зартушт 122
1. Аммо қисмати аввал: 122
2. Ислоҳоти Зартушт 124
Таҳаввулоти ақоиди ориёӣ пас аз Зартушт 129
Санавияти зартуштӣ 135
Шайтон 144
Ойини зартуштӣ аз назари фиқҳи исломӣ 146
Санавият пас аз Зартушт 147
Санавияти монавӣ 149
Санавияти маздакӣ 150
Оташ ва парастиш 150
Маъбуд ё меҳроби ибодат? 155
Маросим ва ташрифот 164
Маздаясно ва адаби порсӣ 168
Низоми иҷтимоӣ 179
Низоми хонаводагӣ 186
Таълим ва таъаллуми занон 193
Низоми ахлоқӣ 194
Китобсӯзии Эрон ва Миср 199
Корномаи ислом дар Эрон 235
Бахши севвум: Хадамоти Эрон ба Ислом 247

Густардагӣ ва ҳамаҷонибагӣ 247
Тамаддуни Эрон 248
Самимият ва ихлос 254
Ангезаҳо 256
Фаъолиятҳои исломии эрониён 257
Фаъолияти исломии эрониён дар Ҳинд 259
Ғуриён 259
Темуриён 260
Қутбшоҳиёни Дакан 261
Одилшоҳиёни Биҷопур 261
Низомшоҳиёни Аҳмаднагар 262
Мулуки нишопурии Авад 262
Ислом дар Кашмир 263
Ислом дар Чин 264
Ислом дар ҷануби шарқии Осиё ва Офриқои шарқӣ 264
Хадамоти исломии эрониён дар мағриб ва шимоли Офриқо 265
Ҳуккоми хуросонӣ дар Миср ва Офриқои шимолӣ: 266
Аксуламалҳо 267
Нашр ва таблиғи ислом 279
Низомуддин Авлиё 287
Нуфуз ва тавсиъаи ислом дар Чин 288
Сарбозӣ ва фидокорӣ 291
Илму фарҳанг 294
Нахустин ҳавзаи илмӣ 295
Нахустин мавзӯъ 297
Оғози тадвину таълиф 300
Иллатҳо ва авомили суръат 301
Қироат ва тафсир 305
Тафосири аҳли тасаннун 315
Ҳадис ва ривоят 319
Ҳадис ва ривоят дар аҳли суннат 325
Фиқҳ ва фақоҳат 327

Хулоса ва баррасӣ 346
Фуқаҳои аҳли тасаннун 349
Адабиёт 352
Калом 358
Фалсафа ва ҳикмат 363
Табақаи аввал 366
Табақаи дуввум 368
Табақаи севвум 372
Табақаи чаҳорум 378
Табақаи панҷум 379
Табақаи шашум 381
Табақаи ҳафтум 385
Табақаи ҳаштум 387
Табақаи нӯҳум 391
Табақаи даҳум 392
Табақаи ёздаҳум 394
Табақаи дувоздаҳум 397
Табақаи сездаҳум 399
Табақаи чаҳордаҳум 399
Табақаи понздаҳум 400
Табақаи шонздаҳум 401
Табақаи ҳафдаҳум 403
Табақаи ҳаҷдаҳум 404
Табақаи нуздаҳум 405
Табақаи бистум 407
Табақаи бисту якум 408
Табақаи бисту дуввум 410
Табақаи бисту севвум 412
Табақаи бисту чаҳорум 414
Табақаи бисту панҷум 415
Табақаи бисту шашум 416
Табақаи бисту ҳафтум 416

Табақаи бисту ҳаштум 418
Табақаи бисту нӯҳум 420
Табақаи сиюм 421
Табақаи сию якум 427
Табақаи сию дуввум 430
Табақаи сию севвум 436
Ирфон ва тасаввуф 442
Ирфон ва ислом 445
Табақоти урафо ва сӯфия 455
Қарни дуввум 455
Қарни севвум 457
Қарни чаҳорум 459
Қарни панҷум 460
Қарни шашум 462
Қарни ҳафтум 464
Қарни ҳаштум 468
Қарни нӯҳум 469
Завқу санъат 473
Ду қарни сукут?! 475

Бахши аввал: Ислом аз назари миллияти эронӣ

Мо ва ислом

Ба тавре, ки торих шаҳодат медиҳад, мо эрониён дар тӯли зиндагонии чандинҳазорсолаи худ, бо ақвом ва милали гуногуни олам ба иқтизои авомили торихӣ гоҳе равобити дӯстона ва гоҳе равобити хасмона доштаем. Як силсила афкор ва ақоид дар асари ин равобит аз дигарон ба мо расидааст, ҳамчунонки мо низ ба навбаи худ дар афкор ва ақоиди дигарон таъсир кардаем. Ҳар чо, ки пойи қавмият ва миллияти дигарон ба миён омада муқовамат карда ва дар миллияти дигарон ҳазм нашудаем. Ва дар айни ин ки ба миллияти худ алоқаманд будаем, ин алоқамандӣ зиёд таассубомез ва кӯр-кӯрона набуда ва сабаби кӯрботинии мо нагаштааст, то моро аз ҳақиқат дур нигоҳ дорад ва қувваи тамйизро аз мо бигирад ва дар мо инод ва душманӣ нисбат ба ҳақоиқ ба вуҷуд оварад.

Аз ибтидои давраи ҳахоманишӣ, ки тамоми Эрони қунунӣ ба изофаи қисматҳое аз кишварҳои ҳамсоя таҳти як фармон даромад, тақрибан ду ҳазору понсад сол мегузарад. Аз ин бисту панҷ қарн, наздик чаҳордаҳ қарни онро мо бо ислом ба сар бурдаем ва ин дин дар матни зиндагии мо ворид ва ҷузъи зиндагии мо будааст; бо одоби ин дин коми атфоли худро бардоштаем, бо одоби ин дин зиндагӣ кардаем, бо одоби ин дин Худои ягонаро парастидаем, бо одоби ин дин мурдаҳои худро ба хок супурдаем. Торихи мо, адабиёти мо, сиёсати мо, қазоват ва додгустарии мо, фарҳанг ва тамаддуни мо, шуъуни иҷтимоии мо, ва билохира ҳама чизи мо, бо ин дин тавъам будааст.

Низ ба эътирофи ҳамаи огоҳон, мо дар ин муддат хадамоти арзанда ва фавқулъода ва ғайриқобили тавсифе ба тамаддуни исломӣ намудаем ва дар тараққӣ ва таъолии ин дин ва нашри он дар миёни соири мардуми ҷаҳон, аз соири милали мусалмон — ҳатто худи аъроб — бештар кӯшидаем. Ҳеч миллате ба андозаи мо дар нашр ва ишоъа ва тарвиҷ ва таблиғи ин дин фаъолият надоштааст.

Бинобар ин, ҳақ дорем равобити ислом ва Эронро аз ҷиҳоти мухталиф мавриди баррасӣ қарор диҳем ва саҳми худро дар нашри маорифи исломӣ ва низ саҳми исломро дар тараққии моддӣ ва маънавии хеш бо диққати комил ва бо иттико ба мадорики мӯътабари торихӣ равшан намоем.

Миллатпарастӣ дар асри ҳозир

Яке аз масоиле, ки дар қарни ҳозир мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор гирифтааст, масъалаи "миллият" аст. Дар ин рӯзҳо бисёре аз милали олам аз ҷумла мусалмонони эронӣ ва ғайри эронӣ ба ин масъала таваҷҷӯҳи хоссе пайдо кардаанд ва ҳатто бархе аз онон ба қадре дар ин масъала ғарқ шудаанд, ки ҳадду ҳисобе барои он наметавон қоил шуд.

Ҳақиқат ин аст, ки масъалаи миллиятпарастӣ дар асри ҳозир барои ҷаҳони ислом мушкили бузурге ба вуҷуд овардааст. Гузашта аз ин ки фикри миллиятпарастӣ бар хилофи усули таълимоти исломӣ аст (зеро аз назари ислом ҳамаи миллатҳо баробар ҳастанд), ин фикр монеи бузурге аст барои ваҳдати мусалмонон.

Чунонки медонем, ҷомеаи исломӣ аз милали мухталифе ташкил шудааст, ва дар гузашта, ислом аз милали мухталиф ва гуногун, як воҳид ба вуҷуд овард ба номи ҷомеаи исломӣ. Ин воҳид акнун низ воқеан вуҷуд дорад. Яъне воқеан дар ҳоли ҳозир як воҳиди бузурги ҳафтсад милюнӣ (имрӯза наздик ба аз якуним милёрдӣ) вуҷуд дорад, ки фикри воҳид ва ормони воҳид ва эҳсосоти воҳид дорад ва ҳамбастагии нерӯманде миёни онон ҳукмфармост. Ҳар андоза ҷудоӣ миёни онҳост, марбут ба худи онон нест, марбут ба ҳукуматҳо ва давлатҳо ва сиёсатҳост. Ва дар қуруни ҷадид қудратҳои урупоӣ ва омрикоӣ омили асосии ин ҷудоӣ ҳастанд. Бо ҳамаи инҳо, ҳеч як аз ин омилҳо натавонистааст асоси ин ваҳдатро, ки дар руҳи мардум қарор дорад аз байн бибарад. Ба қавли Иқболи Лоҳурӣ:

Амри ҳақро ҳуҷҷату даъво яке,

Хаймаҳои мо ҷудо дилҳо яке.

Аз Ҳиҷозу Чину Эронем мо,

Шабнами як субҳи хандонем мо.

Афроде аз ҳамин воҳид ҳамасола як иҷтимои тақрибан як милюну ним нафариро дар маросими ҳаҷ ташкил медиҳанд.

Аммо аз ин тараф, фикри миллиятпарастӣ ва нажодпарастӣ фикре аст, ки мехоҳад милали мухталифро дар баробари якдигар қарор диҳад. Ин мавҷ дар қуруни ахир дар Урупо боло гирифт. Шояд дар онҷо табиӣ буд, зеро мактабе, ки битавонад милали Урупоро дар як воҳиди инсонӣ ва олӣ ҷамъ кунад, вуҷуд надошт. Ин мавҷ дар миёни милали шарқӣ ба василаи истеъмор нуфуз кард. Истеъмор барои ин ки асли "Тафриқа биандоз ва ҳукумат

кун!”-ро иҷро кунад, роҳе аз ин беҳтар надид, ки ақвом ва милали исломиро мутаваҷҷеҳи қавмият ва миллият ва нажодашон бикунад ва онҳоро саргарми ифтихороти мавҳум намояд. Ба ҳиндӣ бигӯяд, ту собиқаат чунин асту чунон, ба турк бигӯяд, наҳзати ҷавонони турк эҷод кун ва “понтуркизм” ба вуҷуд овар, ба араб — ки аз ҳар қавми дигар барои пазириши ин таассубот омодатар аст – бигӯяд, рӯйи урубат (арабият) ва “понарабизм” такя кун, ва ба эронӣ бигӯяд, нажоди ту ориёст ва ту бояд ҳисоби худро аз араб, ки аз нажоди сомӣ аст ҷудо кунӣ.

Фикри миллият ва таҳйиҷи эҳсосоти миллӣ аҳёнан мумкин аст осори мусбат ва муфиде аз лиҳози истиқлоли порае аз миллатҳо ба вуҷуд оварад, вале дар кишварҳои исломӣ беш аз он ки осори хубе ба бор оварад, сабаби тафриқа ва ҷудоӣ шудааст. Ин миллатҳо қарнҳост, ки ин марҳиларо тай кардаанд ва по ба марҳилаи олитарӣ гузоштаанд. Ислом қарнҳост, ки ваҳдате бар асоси фикр ва ақида ва идеулужӣ ба вуҷуд овардааст. Ислом дар қарни бистум низ нишон додааст, ки дар муборизоти зиддиистеъморӣ метавонад нақши қотеъе дошта бошад.

Дар муборизоте, ки дар қарни бистум ба василаи мусалмонон бар зидди истеъмор сурат гирифт ва мунҷар ба наҷоти онҳо аз чанголи истеъмор шуд, беш аз он ки омили миллият таъсир дошта бошад, омили ислом муассир будааст, аз қабили муборизоти Алҷазоир, Андунезӣ, кишварҳои арабӣ ва Покистон.

Оре, ин миллатҳо қарнҳост нишон додаанд, ки бо ангезаи фикрӣ ва эътиқодӣ ва бар асоси як идеулужӣ метавонанд ваҳдат ба вуҷуд ованд ва қиём кунанд ва худро аз чанголи истеъморгарон наҷот диҳанд. Савқ додани чунин мардуме ба сӯйи омили эҳсоси миллият, ҳаққан ҷуз иртиҷоъ номе надорад.

Ба ҳар ҳол, мавҷи унсурпарастӣ ва нажодпарастӣ, ки силсилаҷунбони он урупоиёнанд, мушкили бузурге барои ҷаҳони ислом ба вуҷуд овардааст. Мегӯянд, иллати ин ки марҳум Сайидҷамолуддини Асадободӣ миллияти худро махфӣ мекард ин буд, ки намехост худро ба як миллати муайян вобаста муаррифӣ кунад ва аҳёнан баҳонае ба дасти истеъморгарон бидиҳад ва эҳсосоти дигаронро алайҳи худ барангезад.

Мо ба ҳукми ин ки пайрави як ойин ва маслак ва як идеулужӣ ба номи ислом ҳастем, ки дар он унсури қавмият вуҷуд надорад, наметавонем нисбат ба ҷараёнҳое, ки бар зидди ин идеулужӣ таҳти ном ва унвони миллият ва қавмият сурат мегирад, бетафовут бимонем.

Ҳама медонем, ки дар ин авохир афроде бешумор таҳти унвони дифоъ аз миллият ва қавмияти эронӣ, муборизаи васеъеро алайҳи ислом оғоз кардаанд ва дар зери ниқоби мубориза бо араб ва арабият, муқаддасоти исломиро ба боди иҳонат гирифтаанд.

Осори ин мубориза бо исломро, ки дар Эрон дар китобҳо, рӯзномаҳо, маҷаллоти ҳафтагӣ ва ғайра мебинем, нишон медиҳад, як амри иттифоқӣ ва тасодуфӣ нест, як нақшаи ҳисобшуда аст ва манзуре дар кор аст.

Таблиғоти зартуштигарӣ низ, ки ин рӯзҳо боло гирифта ва мӯд шуда, як фаъолияти сиёсии ҳисобшуда аст. Ҳама медонанд, ки ҳаргиз эронӣ имрӯз ба дини зартуштӣ барнахоҳад гашт, таъолими зартуштӣ ҷойи таъолими исломиро нахоҳад гирифт, шахсиятҳои маздакӣ ва монавӣ ва зартуштӣ ва ҳамаи касоне, ки имрӯз таҳти унвони дурӯғини миллӣ муаррифӣ мешаванд ва ҳеч сифати мушаххасе ҷуз инҳироф аз таълимоти исломӣ надоштаанд — хоҳ он ки расман ба номи мубориза бо ислом фаъолият карда бошанд ё мубориза бо қавми арабро баҳона қарор дода бошанд — ҳаргиз ҷойи қаҳрамонони исломиро дар дили эрониён нахоҳанд гирифт. Ҳаргиз Муқаннаъ ва Синбод ва Бобаки Хуррамдин ва Мозиёр ҷойи Алӣ ибни Абӯтолиб ва Ҳусайн ибни Алӣ ва ҳатто Салмони Форсиро дар дили эрониён нахоҳанд гирифт. Инҳоро ҳама медонанд.

Вале дар айни ҳол, ҷавонони хом ва бехирадро метавон бо таҳрики эҳсосот ва таассуботи қавмӣ ва нажодӣ ва ватанӣ, алайҳи ислом барангехт ва робитаи ононро бо ислом қатъ кард. Яъне агарчи намешавад эҳсосоти мазҳабии дигаре ба ҷойи эҳсосоти исломӣ нишонид, вале мешавад эҳсосоти исломиро табдил ба эҳсосоти зидди исломӣ кард ва аз ин роҳ хидмати шоёне ба истеъморгарон намуд. Аз ин рӯ мебинем, афроде, ки ба куллӣ зидди дин ва зидди мазҳаб ва зидди Худо ҳастанд, дар осори худ ва навиштаҳои пуч ва бемағзи худ, аз зартуштигарӣ ва авзоъи Эрони қабл аз ислом ҳимоят мекунанд. Ҳадафашон равшан ва маълум аст.

Мо мехоҳем дар ин баҳси худ бо ҳамон мантиқе, ки ин афрод ба кор мебанданд, вориди баҳс шавем. Яъне мантиқи миллият ва эҳсосоти миллӣ ва носиюнолистӣ. Оре, бо ҳамин

мантиқ, ҳарчанд таваҷҷӯҳ дорем, ки ба қавли Иқбол, “Миллатпарастӣ худ навъе таваҳҳуш аст”. Таваҷҷӯҳ дорем, ки эҳсосоти миллӣ то он ҷо, ки ҷанбаи мусбат дошта бошад ва натиҷааш хидмат ба ҳамватанон бошад, қобили таваҷҷӯҳ аст, вале он ҷо, ки ҷанбаи манфӣ ба худ мегирад ва мӯҷиби табъиз дар қазоват, дар дидан ва надидани хубиҳо ва бадиҳо ва дар ҷонибдориҳо мешавад, зидди ахлоқ ва зидди инсоният аст. Таваҷҷӯҳ дорем, ки мантиқи олитаре аз мантиқи эҳсосоти миллӣ ва носиюнолистӣ вуҷуд дорад, ки тибқи он мантиқ, илм ва фалсафа ва дин фавқи марҳилаи эҳсосот аст. Эҳсосоти қавмӣ ва ғурурҳои миллӣ дар ҳар куҷо матлуб бошад, дар ҷустуҷӯҳои илмӣ ва фалсафӣ ва динӣ матлуб нест. Як масъалаи илмӣ ё як назарияи фалсафӣ ё як ҳақиқати диниро ҳаргиз ба далели ин ки миллӣ ва ватанӣ аст, наметавон пазируфт, ҳамчунонки ба баҳонаи ин ки бегона ва аҷнабӣ аст, наметавон нодида гирифт ва рад кард. Рост гуфта он ки гуфтааст: “Илм ва дин ва фалсафа ватан надорад, ҳамаҷоӣ ва ҳамагонӣ аст”, ҳамчунонки риҷоли илм ва риҷоли дин ва риҷоли фалсафа низ ватан надоранд, ҷаҳонӣ мебошанд, ба ҳамаи ҷаҳон таъаллуқ доранд, ҳамаҷо ватани онҳост ва ҳамаи ҷаҳониён ҳамватани онҳо ҳастанд. Оре, ҳамаи инҳоро медонем.

Аммо мо феълан ба ин мантиқи олии ақлӣ ва инсонӣ коре надорем. Мехоҳем бо ҳамон мантиқи эҳсосотӣ, ки шоистаи инсонҳои такомулнаёфта аст, вориди баҳс шавем.

Мехоҳем бибинем, бо мантиқи эҳсосоти миллӣ, оё бояд исломро амре худӣ ба шумор оварем ё амре бегона ва аҷнабӣ? Оё бо миқёси миллият, ислом ҷузъи миллияти эронӣ аст ва эҳсосоти носиюнолистии эронӣ, бояд онро дарбар гирад ё хориҷ аз он аст?

Аз ин рӯ бояд баҳси худро дар ду қисмат идома диҳем: аввал дар бораи миқёси “миллият”, яъне милоки ин ки чизе, ки ҷузъи миллияти як қавм ё хориҷ аз миллияти як қавм қарор диҳем, чист? Қисмати дуввум дар бораи ин ки тибқи ин миқёс, оё ислом аз назари миллияти эронӣ як амри “худӣ” аст ё як амри бегона ва аҷнабӣ? Дар воқеъ баҳси мо куброе дорад ва суғрое. Қисмати аввал куброи баҳс аст ва қисмати дуввум суғрои баҳс.

Зимнан, муқоисае низ аз ин ҷиҳат миёни ислом ва зартуштигарӣ ба амал хоҳад омад. Маълум хоҳад шуд, ки бо меъёрҳо ва миқёсҳои миллӣ, оё ислом бештар ҷанбаи миллии эронӣ дорад ё зартуштигарӣ?

Вожаи “миллат”

Калимаи “миллат” калимае арабӣ аст ва ба маънои роҳу равиш аст. Дар Қуръони Карим низ ин калима ба ҳамин маънӣ омадааст. Ин калима дар 15 оят дар Қуръони Карим омадааст, вале мафҳуме, ки ин калима дар Қуръони Карим дорад, бо мафҳуме, ки имрӯз мусталаҳи форсизабонон аст ва аз он калимаи “миллият”-ро муштаққ кардаанд, мутафовит аст.

“Миллат» дар истилоҳи Қуръон ба маънои роҳу равиш ва тариқае аст, ки аз тарафи як раҳбари илоҳӣ бар мардум арза шудааст. Масалан, мефармояд:

ملة أبيكم ابراهيم

Яъне роҳу равиши падари шумо Иброҳим. Ё мефармояд:

ملة ابراهيم حنيفا

Рағиби Исфаҳонӣ дар китоби “*Муфрадот ул-Қуръон*” мегӯяд: “*Миллат ва имлол, ки ҳамон имло аст, аз як реша аст.*

فليملل وليه بالعدل

Яъне валии ӯ аз рӯйи адолат имло кунад”. Рағиб мегӯяд: “*Иллати ин ки як тариқаи илоҳӣ “миллат” номида шудааст ин аст, ки аз тарафи Худованд имло ва дикта шудааст*”.

Пас, аз назари Қуръон, як маҷмӯаи фикрӣ ва илмӣ ва як равише, ки мардум бояд тибқи он амал кунанд, миллат номида мешавад. Бинобар ин, миллат бо дин як маънӣ дорад, бо ин тафовут, ки як чиз ба эътиборе дин ва ба эътибори дигаре миллат номида мешавад. Ба он эътибор миллат номида мешавад, ки он чиз аз тарафи Худо ба паёмбаре имло мешавад, ки ба мардум иблоғ намояд ва мардумро бар асоси он раҳбарӣ намояд.

Уламои фиқи луғат мегӯянд, як тафовут миёни калимаи “дин” ва калимаи “миллат” ин аст, ки калимаи “дин”-ро ба Худо метавон изофа кард ва масалан гуфт: “Динуллоҳ”, яъне дини Худо, ва ҳамчунин ба фарди пайрав низ изофа мешавад, масалан гуфта мешавад: “Дини Зайд, дини Амр”.

Вале калимаи “миллат” на ба Худо изофа мешавад ва на ба фарди пайрав. Гуфта намешавад: миллати Худо ё миллати Зайд ё миллати Амр, балки ба он раҳбаре, ки аз тарафи Худо маъмури раҳбарии мардум бар тибқи тариқаи хоссе аст изофа мешавад, масалан гуфта мешавад: “миллати Иброҳим” ё “миллати Исо” ё “миллати Муҳаммад

(Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)". Мисли ин аст, ки дар мафҳуми ин калима раҳбарӣ гунҷонда шудааст.

Аз ин назар метавон гуфт, калимаи "миллат" наздик аст бо калимаи "мактаб" дар истилоҳи ҷадид. Калимаи "мактаб" низ маъмулан ба раҳбари як равиш ва маслак изофа мешавад. Агар ин ҷиҳатро, ки дар калимаи "миллат" низ монанди калимаи "мактаб" имло ва дикта кардан гунҷонида шудааст мавриди таваҷҷӯҳ қарор диҳем, шабоҳат ва наздикии ин ду калима бештар равшан мешавад.

Калимаи "миллат" дар истилоҳи имрӯзи форсӣ

Дар истилоҳи имрӯзи форсӣ, ин калима ба куллӣ мафҳуми муғойире бо мафҳуми аслии худ пайдо кардааст. Имрӯз калимаи "миллат" ба як воҳиди иҷтимоӣ гуфта мешавад, ки дорои собиқаи торихии воҳид ва қонун ва ҳукумати воҳид ва аҳёнан омол ва ормонҳои муштарак ва воҳид мебошанд. Мо имрӯз ба ҷойи мардуми Олмон ва Ангилистон ва Фаронса ва ғайра, миллати Олмон, миллати Ангилистон, миллати Фаронса мегӯем. Ва аҳёнан ба ҳамаи он мардум ин калимаро итлоқ намекунем, (балки) ба як табақа аз мардум миллат мегӯем. Яъне онҳоро ба ду табақа тақсим мекунем: табақаи ҳокима ва табақаи маҳкума. Ба табақаи ҳокима калимаи "давлат" ва ба табақаи маҳкума калимаи "миллат"-ро итлоқ мекунем.

Ин истилоҳи форсӣ як истилоҳи мустаҳдас (нав) ва ҷадид аст ва дар воқеъ як ғалат аст. Дар 100 сол ва 200 сол ва 1000 соли пеш ҳаргиз ин калима дар забони форсӣ ба ин маънои ғалат истеъмол намешуд. Гумон мекунам, ин истилоҳи ҷадид аз замони машрутият ба баъд пайдо шудааст ва зоҳиран решаи ин ғалат ин буда, ки ин калимаро музофун илайҳи калимаи дигар қарор медодаанд. Масалан мегуфтаанд, пайравони миллати Иброҳим, пайравони миллати Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи), пайравони миллати Исо ва ҳамчунин… Баъдҳо калимаи пайравон ҳазф шуда ва гуфтаанд: миллати Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи), миллати Исо. Кам-кам кор ба онҷо кашида, ки гуфтаанд: миллати Эрон, миллати турк, миллати араб, миллати Ангилис. Ба ҳар ҳол, як истилоҳи мустаҳдас аст.

Аъроб имрӯз дар мавориде, ки мо калимаи “миллат”-ро ба кор мебарем, онҳо калимаи “қавм” ё калимаи “шаъб”-ро ба кор мебаранд, масалан мегӯянд: “ашшаъбул-ирониӣ” ва ё “ашшаъбул-мисрӣ” ва ғайра. Мо, ки феълан дар ин баҳс калимаи “миллат” ва “миллият”-ро ба кор мебарем, ҳамон мафҳуми ҷадид ва мусталаҳи имрӯзи форсиро дар назар гирифтаем, хоҳ ғалат ва хоҳ дуруст.

Миллият аз назари иҷтимоӣ

Аз баҳси луғавӣ мегузарем ва вориди баҳси иҷтимоӣ мешавем. Кучактарин воҳиди иҷтимоӣ “хонавода” аст. Зиндагии муштараки инсонҳо то вақте ки ба зану шавҳару фарзандону фарзандзодагон ва аҳёнан ҳамсарони фарзандони онҳо маҳдуд аст, “зиндагии хонаводагӣ” номида мешавад.

Зиндагии хонаводагӣ фавқулъода қадим аст. Аз вақте ки инсон пайдо шуда, зиндагии хонаводагӣ доштааст. Ба ақидаи баъзе, аҷдоди ҳайвонии инсон ҳам каму беш зиндагии хонаводагӣ доштаанд.

Воҳиди бузургтар аз хонавода “қабила” аст. Зиндагии қабилаӣ маҷмӯаи хонаводаҳоеро, ки дар ҷадди аъло бо ҳам муштараканд дарбар мегирад. Зиндагии қабилаӣ марҳилаи такомулёфтаи зиндагии хонаводагӣ аст. Мегӯянд, дар зиндагиҳои хонаводагӣ ва инфиродии аввалияи башар, аз лиҳози молӣ ва иқтисодӣ, иштирок ҳукмфармо буд, на ихтисос, баъдҳо моликияти ихтисосӣ ба вуҷуд омадааст.

Воҳиди иҷтимоии дигаре, ки аз ин воҳид бузургтар ва такомулёфтатар аст ва шомили маҷмӯи мардуме мешавад, ки ҳукумати воҳид ва қонуни воҳиде бар онҳо ҳукумат мекунад, дар истилоҳи имрӯзи форсизабонон “миллат” номида мешавад. Воҳиди “миллӣ” мумкин аст аз маҷмӯи қабоиле фароҳам шуда бошад, ки дар аслу реша ва хун бо ҳам шариканд. Ва мумкин аст қабоиле, ки эҷодкунандаи як миллат ҳастанд, дар хуну решаи аслӣ ҳеч гуна бо ҳам иштирок надошта бошанд. Ва мумкин аст асосан зиндагии қабилаӣ дар миёни онҳо ба ҳеч ваҷҳ вуҷуд надошта бошад ва агар вуҷуд дошта бошад, фақат дар миёни баъзе аз афроди он миллат вуҷуд дошта бошад, на дар миёни ҳамаи онҳо.

Дар китоби “*Усули улуми сиёсӣ*” ҷилди аввал, сафҳаи 327 чунин омадааст:

“Бо тафкике, ки дар қарни бистум аз “миллат” ва “мардум” мешавад, луғати “мардум” бештар барои таъйини гурӯҳи иҷтимоӣ ба кор меравад ва лекин “миллат” аз назари ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, воҳиди ҷамъият аст, ки бар қаламрави арзии кишваре мустақар мешавад, ва ин истиқрор натиҷаи ваҳдати торихӣ, забонӣ, мазҳабӣ ё иқтисодӣ ё ормонҳои муштарак ва хостани идомаи зиндагии муштарак аст. Калимаи “мардум” ҷанбаи ҷомеашиносии бештаре дорад, дар ҳоле ки “миллат” бештар аз назари ҳуқуқ ва сиёсати дохилӣ ё байналмилалӣ мавриди назар қарор мегирад. Ба илова, истеъмоли ин калима дар урфи марксистҳо ва либералҳо фарқ мекунад ва бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки дар ба кор бурдан, гӯянда ё нависанда пайрави чӣ идеулужӣ ва андеша аст”.

Имрӯз дар ҷаҳон милали гуногуне вуҷуд дорад. Он чӣ онҳоро ба сурати миллати воҳид даровардааст, зиндагӣ муштарак ва қонун ва ҳукумати муштарак аст, на чизи дигар аз қабили нажод ва хун ва ғайра. Ваҷҳи муштараки ин воҳидҳо ин аст, ки ҳукумати воҳиде онҳоро идора мекунад. Баъзе аз ин миллатҳо собиқаи торихии зиёде надоранд, мавлуди як ҳодисаи иҷтимоианд мисли бисёре аз милали Ховари Миёна, ки мавлуди ҷанги байналмилали аввал ва шикасти Усмониҳоянд.

Феълан дар дунё миллате вуҷуд надорад, ки аз назари хуну нажод аз соири милал ҷудо бошад. Масалан, мо эрониҳо, ки собиқаи торихӣ низ дорем ва аз лиҳози ҳукумат ва қавонин дорои вазъи хоссе ҳастем, оё аз лиҳози хуну нажод аз соири милали муҷовир ҷудо ҳастем? Масалан, мо, ки худро аз нажоди ориё ва аъробро аз нажоди сомӣ медонем, оё воқеан ҳамин тавр аст ё дигар пас аз ин ҳама ихтилотҳо ва имтизоҷҳо, аз нажодҳо асаре боқӣ намондааст?

Ҳақиқат ин аст, ки иддаои ҷудо будани хунҳо ва нажодҳо хурофае беш нест. Нажоди сомӣ ва ориёӣ ва ғайра ба сурати ҷудо ва мустақил аз якдигар фақат дар гузашта будааст, аммо ҳоло он қадр ихтилот ва имтизоҷ ва нақлу интиқол сурат гирифтааст, ки асаре аз нажодҳои мустақил боқӣ намондааст.

Бисёре аз мардуми имрӯзи Эрон, ки эронӣ ва форсизабонанд ва доияи эронигарӣ доранд, ё арабанд ё турк ё муғул, ҳамчунон ки бисёре аз аъроб, ки бо ҳамосаи зиёде дам аз арабият мезананд, аз нажоди эронӣ ё турк ё муғул мебошанд. Шумо агар ҳамин ҳоло сафаре ба Макка ва Мадина биравед, аксари мардуми сокини онҷоро мебинед, ки дар асл аҳли Ҳинд ё Эрон ё Балх ё Бухоро ё ҷойи дигаре ҳастанд. Шояд бисёре аз касоне, ки нажодашон аз

Куруш ва Дориюш аст, алъон дар кишварҳои арабӣ таассуби шадиди арабият доранд ва билъакс шояд бисёре аз авлоди Абӯсуфёнҳо имрӯз санги таассуби эроният ба сина мезананд.

Чанд сол пеш яке аз асотиди Донишгоҳи Теҳрон кӯшиш дошт, бо далел исбот кунад, ки Язид ибни Муовия як эронии асил буда, то чӣ расад ба фарзандонаш, агар дар ин сарзамин бошанд.

Пас, он чӣ ба номи миллат феълан вуҷуд дорад ин аст, ки мо феълан мардуме ҳастем, ки дар як сарзамин ва дар зери як парчам ва бо як режими ҳукуматӣ ва бо қавонини хоссе зиндагӣ мекунем, аммо ин ки ниёгон ва аҷдоди мо ҳам ҳатман эронӣ будаанд ё юнонӣ ё араб ё муғул ё чизи дигар, намедонем.

Агар мо эрониён бихоҳем бар асоси нажод қазоват кунем ва касонеро эронӣ бидонем, ки нажоди ориё дошта бошанд, бештари миллати Эронро бояд ғайри эронӣ бидонем ва бисёре аз мафохири худро аз даст бидиҳем. Яъне аз ин роҳ бузургтарин зарбатро бар миллияти эронӣ задаем. Алъон дар Эрон қавмҳо ва қабоиле зиндагӣ мекунанд, ки на забонашон форсӣ аст ва на худро аз нажоди ориё медонанд.

Ба ҳар ҳол, дар асри ҳозир дам задан аз истиқлоли хунӣ ва нажодӣ хурофае беш нест.

Таассуботи миллӣ

Воҳиди иҷтимоӣ, хоҳ хонавода, хоҳ қабила ва хоҳ миллат (ба истилоҳи имрӯзи форсӣ) бо навъе эҳсосот ва таассубот ҳамроҳ аст. Яъне дар инсон як навъ ҳисси ҷонибдорӣ нисбат ба хонавода ва қавм ва миллати худ пайдо мешавад. Ин ҳисси ҷонибдорӣ мумкин аст дар воҳиди хеле бузургтар яъне воҳиди “қоррағӣ ва минтақағӣ” низ ба вуҷуд ояд. Масалан, мардуми Урупо дар баробари мардуми Осиё як навъ ҳисси ҷонибдорӣ нисбат ба худ эҳсос мекунанд, ва билъакс мардуми Осиё дар баробари мардуми Урупо; ҳамон тавр, ки мардуми як нажод низ имкон дорад, ки чунин эҳсосе нисбат ба ҳамнажодони худ дошта бошанд.

Миллият аз хонаводаи “худхоҳӣ” аст, ки аз ҳудуди фард ва қабила таҷовуз карда, шомили афроди як миллат шудааст ва хоҳ нохоҳ аворизи ахлоқии худхоҳӣ: таассуб, уҷб, надидани

айби худ (албатта айбҳои миллӣ дар миқёси миллат), бузургтар дидани хубиҳои худ, тафохур ва амсоли инҳоро ҳамроҳ дорад.

Носиюнолизм

Гароиш ба ҷанбаҳои қавмӣ ва миллӣ дар забонҳои урупоӣ "носиюнолизм" хонда мешавад, ки бархе аз донишмандони форсизабон онро "миллатпарастӣ" тарҷума кардаанд.

Носиюнолизм мутобиқи баёни гузашта, бар авотиф ва эҳсосоти қавмӣ ва миллӣ муттакӣ аст, на бар ақлу мантиқ. Носиюнолизмро набояд ба таври куллӣ маҳкум кард. Носиюнолизм агар танҳо ҷанбаи мусбат дошта бошад, яъне мӯҷиби ҳамбастагии бештар ва равобити ҳасанаи бештар ва эҳсон ва хидмати бештар ба касоне, ки бо онҳо зиндагии муштарак дорем бишавад, зидди ақлу мантиқ нест ва аз назари ислом мазмум намебошад, балки ислом барои касоне, ки табъан ҳуқуқи бештаре доранд — аз қабили ҳамсоягон ва хешовандон — ҳуқуқи қонунии зиёдтаре қоил аст.

Носиюнолизм он гоҳ ақлан маҳкум аст, ки ҷанбаи манфӣ ба худ мегирад. Яъне афродро таҳти унвони миллиятҳои мухталиф аз якдигар ҷудо мекунад ва равобити хасмонае миёни онҳо ба вуҷуд меоварад ва ҳуқуқи воқеии дигаронро нодида мегирад.

Нуқтаи муқобили носиюнолизм, "интерносиюнолизм" аст, ки қазоёро бо миқёси ҷаҳонӣ менигарад ва эҳсосоти носиюнолистиро маҳкум мекунад. Вале ҳамчунон ки гуфтем, ислом ҳамаи эҳсосоти носиюнолистиро маҳкум намекунад, эҳсосоти манфии носиюнолистиро маҳкум мекунад, на эҳсосоти мусбатро.

Миқёси миллият

Дар ибтидо чунин ба назар мерасад, ки лозимаи носиюнолизм ва эҳсосоти миллӣ ин аст, ки ҳар чизе, ки маҳсули як сарзамини муайян ё натиҷаи ибдои фикри мардуми он сарзамин аст, он чиз аз назари он мардум бояд миллӣ ба ҳисоб ояд ва эҳсосоти миллӣ ва носиюнолистӣ онро дарбар мегирад ва ҳар чизе, ки аз марзу буми дигар омадааст бояд барои мардуми ин сарзамин бегона ва аҷнабӣ ба шумор ояд.

Вале ин миқёс миқёси дурусте нест, зеро миллат аз афроди зиёде ташкил мешавад ва мумкин аст фарде аз афроди миллат чизеро ибдоъ кунад ва мавриди қабули соири афрод

воқеъ нашавад ва завқи умумӣ онро тард кунад. Бидуни шак чунин чизе наметавонад ҷанбаи миллӣ ба худ бигирад.

Масалан, мумкин аст миллате як системи иҷтимоии махсусеро дар зиндагии худ интихоб кунад ва фарде ё афроде аз ҳамон миллат як системи муғойир бо системи умумӣ ибдоъ ва пешниҳод кунанд ва мавриди қабули умум воқеъ нашавад. Дар ин сурат, он системи мардуд ва матрудро сирфан ба хотири ин ки аз миёни мардум бархоста ва мубдеъ ва мубтакири он яке аз афроди ҳамон миллат буда наметавон барои он миллат як падидаи миллӣ донист. Ва баръакс мумкин аст як системи иҷтимоӣ дар хориҷ аз марзҳои як кишвар ба василаи афроде аз ғайри он миллат тарҳ шавад, вале афроди он кишвар бо оғӯши боз онро бипазиранд. Бадеҳӣ аст дар инҷо наметавонем он системи пазируфташударо ба хотири он ки аз ҷойи дигар омадааст бегона ва аҷнабӣ бихонем ва ё муддаӣ шавем, ки мардуме, ки чунин коре кардаанд, бар хилофи усули миллияти худ амал карда ва дар миллати дигар худро ҳазм кардаанд ва ё болотар, муддаӣ шавем, ки чунин мардуме худро тағйир додаанд.

Бале, дар як сурат он чизе, ки аз хориҷ расидааст бегона ва аҷнабӣ хонда мешавад ва пазириши он бар хилофи усули миллият шинохта мешавад ва аҳёнан пазириши он навъе тағйири миллият ба шумор меояд, ки он чиз ранги як миллати бахусус дошта бошад ва аз шиорҳои як миллат бегона бошад. Бадеҳӣ аст, ки дар ин сурат агар миллате шиори миллати дигарро бипазирад ва ранги он миллатро ба худ бигирад, бар хилофи усули миллияти худ амал кардааст. Масалан, нозизми Олмон ва саҳюнизми яҳуд ранги миллияти бахусусе дорад. Агар афроди як миллати дигар бихоҳанд онро бипазиранд, бар хилофи миллияти худ амал кардаанд.

Аммо агар он чиз ранги махсус надошта бошад, нисбаташ бо ҳамаи миллатҳо баробар бошад, шиорҳояш шиорҳои куллӣ ва умумӣ ва инсонӣ бошад ва миллати мавриди назар ҳам онро пазируфта бошад, он чиз аҷнабӣ ва бегона ва зидди миллӣ шумурда намешавад. Ба ҳамин далел, ҳақоиқи илмӣ ба ҳамаи ҷаҳон таъаллуқ дорад. Ҷадвали Фисоғурис (Пифагор) ва нисбияти Эйнштейн ба қавми муайяне тааллуқ надорад ва бо ҳеч миллияте мунофот надорад, барои ин ки ин ҳақоиқ беранг аст ва рангу бӯйи қавм ва миллати махсусеро надорад.

Ба ин далел, донишмандон ва файласуфон ва паёмбарон ба ҳамаи ҷаҳониён тааллуқ доранд, ки ақоид ва ормонҳои онҳо маҳсур дар маҳдудаи як қавм ва миллат нест.

Хуршед аз миллати хоссе нест ва ҳеч миллате нисбат ба он эҳсоси бегонагӣ намекунад, зеро хуршед ба ҳамаи олам як нисбат дорад ва бо ҳеч сарзамин вобастагии махсус надорад. Агар баъзе аз сарзаминҳо камтар аз нури хуршед истифода мекунанд, марбут ба вазъи худашон аст, на ба хуршед. Хуршед худро ба сарзамине муайян вобаста накардааст.

Пас, маълум шуд сирфи ин ки як чизе аз миёни як мардуме бархоста бошад, милоки худӣ будани он намешавад, ва сирфи ин ки чизе аз хориҷи марзҳо омада бошад, милоки аҷнабӣ будан ва бегона будани он намешавад. Ҳамчунон ки собиқаи торихӣ милоки амал нест. Яъне мумкин аст миллате қарнҳо як системи хосси иҷтимоиро пазируфта бошад ва баъд тағйири назар бидиҳад ва системи навинеро ба ҷойи он интихоб кунад. Масалан, мо мардуми Эрон дар тӯли бисту панҷ қарни торихи миллӣ, монанди бисёре аз кишварҳои дигар режими истибдодӣ доштем ва акнун каму беш аз ним қарн аст, ки режими машрутаро ба ҷойи он интихоб кардаем. Режими машрутиятро мо ибдоъ ва ибтикор накардем, балки аз дунёи хориҷ ба кишвари мо омадааст, вале миллати мо онро пазируфта ва дар роҳи таҳсили он фидокориҳо кардааст.

Албатта афроди зиёде аз ҳамин миллат бо сарсахтии аҷибе муқовамат карданд, мусаллаҳона қиём карданд ва барои ҳифзи режими истибдод хуни худро рехтанд, вале аз он ҷо, ки дар ақаллият буданд ва аксарияти миллати Эрон режими машрутиятро пазируфт ва дар роҳи он фидокорӣ кард, онон шикаст хӯрданд ва оқибат таслими иродаи аксарият шуданд.

Акнун оё мо бояд режими машрутаро як режими миллӣ ва худӣ бидонем, ё назар ба ин ки дар тӯли торихи зиндагии иҷтимоӣ ва миллии мо, режими мо режими истибдод буда, на режими машрута, ва ба илова, мо ибдоъкунандаи он набудаем ва онро аз ҷойи дигар иқтибос кардаем, бояд бигӯем режими миллии мо режими истибдодӣ аст ва режими машрута барои мо як режими бегона аст?

Эъломияи ҳуқуқи башарро мо танзим накардаем ва дар танзими он ҳам ширкат надоштаем ва дар тӯли торихи миллии мо масоиле, ки дар он эъломия матраҳ аст, камтар матраҳ шудааст, вале миллати мо монанди миллатҳои дигари ҷаҳон каму беш маводди

онро пазируфтааст. Акнун мо аз назари “миллияти эронӣ” дар бораи ин эъломия чӣ бигӯем? Соири миллатҳое, ки танзимкунандаи ин эъломия нестанд, дар бораи ин эъломия, ки аз хориҷи марзҳои кишварашон ба онҳо расидааст, чӣ бигӯянд? Оё эҳсосоти миллӣ эҷоб мекунад, ки ба ҳукми собиқаи торихӣ ва ба ҳукми ин ки ин эъломия аз хориҷи марзҳои онҳо сарчашма гирифтааст, бо он мубориза кунанд? Онро аҷнабӣ ва бегона бидонанд? Ё ин ки ба ҳукми ду асли мазбур: яке ин ки: ин эъломия рангу бӯйи миллати хоссе надорад, дигар ин ки: миллат онро пазируфтааст, бояд онро худӣ ва ғайри аҷнабӣ бидонанд?

Акси ин матлабро низ метавон дар назар гирифт. Яъне мумкин аст ойин ва маслак ва мароме аз миёни миллате бархезад, аммо “миллӣ” шумурда нашавад, аз боби ин ки ранги як миллати дигарро дорад, ё аз роҳи ин ки мавриди қабули ин миллате, ки аз миёни онҳо бархоста воқеъ нашудааст, масалан кеши монавӣ ва маслаки маздакӣ аз миёни миллати Эрон бархостааст, вале натавонистааст пуштибонии миллатро ба даст оварад, ба ҳамин ҷиҳат ин ду маслакро наметавон як падидаи миллӣ ба шумор овард.

Асосан, агар ингуна умурро ба эътибори ибдоъкунандагон ва пайравони маъдудашон “миллӣ” ба ҳисоб оварем, авотиф ва эҳсосоти аксариятро нодида гирифтаем.

Аз маҷмӯи матолибе, ки гуфта шуд, дониста мешавад, ки аз назари эҳсосоти миллӣ ва авотифи қавмӣ, на ҳар чизе, ки аз ватан бархост ҷанбаи миллӣ пайдо мекунад ва на ҳар чизе, ки аз марзу буми дигар омада бошад бегона ба шумор меравад, балки умда он аст, ки аввалан бидонем он чиз ранги миллати бахусусе дорад ё беранг аст ва умумӣ ва ҷаҳонӣ аст, сониян оё миллати мавриди назар он чизро ба рағбат пазируфтааст ё ба зӯр ва икроҳ.

Агар ҳар ду шарт ҷамъ шуд, он чиз худӣ ва ғайри аҷнабӣ ба шумор меравад, ва агар ин ду шарт ҷамъ нашуд, хоҳ фақат яке аз ин ду мавҷуд бошад ва хоҳ ҳеч кадом мавҷуд набошад, он чиз бегона шумурда мешавад. Ба ҳар ҳол, омили “ин ки ин чиз аз миёни чӣ миллате бархостааст” на сабаб мешавад, ки илзоман он чиз худӣ ва миллӣ маҳсуб шавад ва на сабаб мешавад, ки аҷнабӣ ва бегона шумурда шавад.

Акнун бояд вориди ин мабҳас бишавем, ки оё ислом дар Эрон воҷиди ду шарт ҳаст ё нест? Яъне оё аввалан ислом ранги миллати махсусе — масалан миллати араб – ро дорад ё дине аст ҷаҳонӣ ва умумӣ ва аз назари миллиятҳо ва нажодҳо беранг, ва сониян, оё миллати Эрон ба хоҳиш ва рағбат исломро пазируфтааст ё хайр?

Он чӣ дар бораи “миллат” ва “миллият” гуфтем, ба истилоҳи туллоб “кубро”-и баҳс буд, акнун вориди “суғро”-и баҳс бишавем.

Интерносиюнолизми исломӣ

Ин масъала мусаллам аст, ки дар дини ислом миллият ва қавмият ба маъное, ки имрӯз миёни мардум мусталаҳ аст, ҳеч эътиборе надорад, балки ин дин ба ҳамаи миллатҳо ва ақвоми мухталифи ҷаҳон бо як чашм нигоҳ мекунад ва аз оғоз низ даъвати исломӣ ба миллат ва қавми махсусе ихтисос надоштааст, балки ин дин ҳамеша мекӯшидааст, ки ба васоили мухталиф решаи миллатпарастӣ ва тафохуроти қавмиро аз беху бун решакан кунад.

Дар ин ҷо лозим аст дар ду қисмат баҳс кунем: аввал ин ки ислом аз оғози зуҳури хеш доияи ҷаҳонӣ доштааст. Дуввум ин ки миқёсҳои исломӣ миқёсҳои ҷаҳонӣ аст, на миллӣ ва қавмӣ ва нажодӣ.

Доияи ҷаҳонии ислом

Бархе аз урупоиён иддао мекунанд, ки Пайғамбари ислом дар ибтидо, ки зуҳур кард, фақат мехост мардуми Қурайшро ҳидоят кунад, вале пас аз он ки пешрафте дар кори худ эҳсос кард, тасмим гирифт, ки даъвати хешро ба ҳамаи милали араб ва ғайри араб таъмим диҳад. Ин сухан як тӯҳмати ноҷавонмардона беш нест, ва илова бар ин ки ҳеч далели торихӣ надорад, бо усул ва қароине, ки аз оятҳои аввалияи Қуръон — ки бар Пайғамбари Акрам (с) нозил шуд — истифода мешавад мубойинат дорад.

Дар Қуръони Маҷид оятҳое ҳаст, ки нузули онҳо дар Макка ва дар ҳамон аввалҳои кори беъсати Пайғамбари ислом буда ва дар айни ҳол ҷанбаи ҷаҳонӣ дорад.

Яке аз ин оятҳо оятест дар сураи Таквир, ки аз сураҳои кучаки Қуръон аст. Ин сура аз сураҳои маккӣ аст, ки дар аввалҳои беъсат нозил шудааст. Он оят чунин аст:

إِنْ هُوَ إِلَّا ذِكْرٌ لِّلْعَالَمِينَ

“*Нест ин, магар як тазаккур ва бедорбош барои тамоми ҷаҳониён*”. (*Сураи Таквир, ояти 27*)

Дар ояти дигар, ки дар сураи Сабаъ аст мефармояд:

وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلَّا كَافَّةً لِّلنَّاسِ بَشِيرًا وَنَذِيرًا وَلَكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ

"Туро нафиристодем, магар он ки барои ҳамаи мардум башоратдиҳанда ва боздоранда бошӣ, вале бештари мардум намедонанд". (Сураи Сабаъ, ояти 28)

Низ дар сураи Анбиё мефармояд:

وَلَقَدْ كَتَبْنَا فِي الزَّبُورِ مِن بَعْدِ الذِّكْرِ أَنَّ الْأَرْضَ يَرِثُهَا عِبَادِيَ الصَّالِحُونَ

"Ва ҳар ойина навиштем дар Забур пас аз зикр, ки "замин" ба бандагони солеҳи ман хоҳад расид". (Сураи Анбиё, ояти 105)

Низ дар сураи Аъроф мефармояд:

قُلْ يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنِّي رَسُولُ اللَّهِ إِلَيْكُمْ جَمِيعًا

"Эй мардум! Ман фиристодаи Худоям бар ҳамаи шумо". (Сураи Аъроф, ояти 158)

Дар Қуръон ҳеч ҷо хитобе ба сурати *"Ё айюҳал-араб!"* (Эй арабҳо!) ё *"Ё айюҳал-қурашиюн!"* (Эй аҳли Қурайш!) пайдо намекунед. Оре, гоҳе дар бархе аз ҷоҳо хитоби *"Ё айюҳал-лазина оману!"* (Эй касоне ки имон овардаед!) ҳаст, ки матлаб марбут ба хусуси мӯъминон аст, ки ба Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) гаравидаанд (ва дар ин ҷиҳат ҳам фарқ намекунад, мӯъмин аз ҳар қавм ва миллате бошад, дохили хитоб ҳаст), вагарна дар мавориди дигар, ки пойи умум дар миён буда унвони *"Ё айюҳан-нос!"* (Эй мардум!) омадааст.

Як матлаби дигар дар ин ҷо ҳаст, ки таъйидкунандаи ҷаҳонӣ будани таълимоти исломӣ ва вусъати назари ин дин аст. Ва он ин ки: оятҳои дигаре дар Қуръон ҳаст, ки аз муфоди онҳо як навъ изҳори беэътиноӣ ба мардуми араб аз назари қабули дини ислом истинбот мешавад. Муфоди он оятҳо ин аст, ки ислом ниёзе ба шумо надорад. Фаразан шумо исломро напазиред, ақвоми дигаре дар ҷаҳон ҳастанд, ки онҳо аз дилу ҷон исломро хоҳанд пазируфт. Балки аз маҷмӯи ин оятҳо истинбот мешавад, ки Қуръони Карим руҳияи он ақвоми дигарро аз қавми араб барои ислом муносибтар ва омодатар медонад. Ин оятҳо ба хубӣ ҷаҳонӣ будани исломро мерасонад, чунонки дар сураи Анъом мефармояд:

فَإِن يَكْفُرْ بِهَا هَؤُلاء فَقَدْ وَكَّلْنَا بِهَا قَوْمًا لَّيْسُواْ بِهَا بِكَافِرِينَ

"Агар инон (аъроб) ба Қуръон кофир шаванд, ҳамоно мо касонеро хоҳем гуморид, ки қадри онро бидонанд ва ба он кофир набошанд". (Сураи Анъом, ояти 89)

Низ дар сураи Нисо мефармояд:

إِن يَشَأْ يُذْهِبْكُمْ أَيُّهَا النَّاسُ وَيَأْتِ بِآخَرِينَ وَكَانَ اللّهُ عَلَى ذَلِكَ قَدِيرًا

"Агар Худо бихоҳад, шуморо мебарад эй мардум, ва дигаронро ба ҷойи шумо меоварад. Худованд бар ҳар чизе тавоност". (Сураи Нисо, ояти 133)

Низ дар сураи Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) мефармояд:

وَإِن تَتَوَلَّوْا يَسْتَبْدِلْ قَوْمًا غَيْرَكُمْ ثُمَّ لَا يَكُونُوا أَمْثَالَكُمْ

"Агар шумо (ба ислом ва Қуръон) пушт кунед, гурӯҳе дигар ҷойи шуморо хоҳанд гирифт, ки монанди шумо набошанд". (Сураи Муҳаммад (с), ояти 38)

Дар зайли ин оят ҳазрати Имом Боқир алайҳис-салом мефармояд: *"Манзур аз қавми дигар, мавлӣ (эрониён) ҳастанд"*.

Низ Имом Содиқ алайҳис-салом фармуд: *"Ин амр, яъне пушт кардани мардуми араб бар Қуръон, таҳаққуқ пайдо кард ва Худованд ба ҷойи онҳо мавлӣ (яъне эрониён)-ро фиристода ва онҳо аз ҷону дил исломро пазируфтанд". (Руҷӯъ шавад ба тафсири Маҷмаъул-баён*)

Мақсуди мо феълан ин нест, ки бигӯем, он қавми дигар эрониён буданд ё ғайри эрониён, балки инро мехоҳем бигӯем, ки аз назари ислом, қавми араб ва ғайри араб аз назари қабул ё радди ислом баробар буданд, ва ҳатто арабҳо ба хотири беэътиноиҳое, ки ба ислом мекарданд, кароран мавриди сарзаниш воқеъ мешуданд. Ислом мехоҳад ба аъроб бифаҳмонад, ки онҳо чӣ имон биёваранд ва чӣ наёваранд, ин дин пешрафт хоҳад кард, зеро ислом дине нест, ки танҳо барои қавми махсусе омада бошад.

Матлаби дигаре, ки дар ин ҷо хуб аст тазаккур дода шавад, ин аст, ки ин амр яъне хуруҷи як ақида, як фикр, як дин ва як маслак аз марзҳои маҳдуд ва нуфуз дар марзҳо ва мардуми дурдаст, ихтисос ба ислом надорад. Ҳамаи адёни бузурги ҷаҳон, балки маслакҳои бузурги ҷаҳон, он андоза ки дар сарзаминҳои дигар мавриди истиқбол қарор гирифтаанд, дар сарзамини аслӣ, ки аз он ҷо зуҳур кардаанд, мавриди истиқбол қарор нагирифтаанд.

Масалан, ҳазрати Масеҳ алайҳис-салом дар Фаластин (минтақае аз машриқзамин) ба дунё омад ва акнун дар мағрибзамин беш аз машриқ масеҳӣ вуҷуд дорад. Аксарияти азими мардуми Урупо ва Омрико масеҳӣ ҳастанд. Онҳо ҳатто аз лиҳози қора ва минтақа низ бо ҳазрати Масеҳ ҷудо ҳастанд. Баръакс, худи мардуми Фаластин ё мусалмонанд ё яҳудӣ. Агар масеҳӣ вуҷуд дошта бошад, бисёр кам аст. Оё мардуми Урупо ва Омрико нисбат ба дини Масеҳ эҳсоси бегонагӣ мекунанд?

Ман намедонам, чаро худи урупоиён, ки илқокунандаи ин афкори тафриқаандоз ҳастанд, ҳаргиз дар бораи худашон ин ҷур фикр намекунанд ва фақат ба абзорҳои истеъмориашон ин афкорро талқин мекунанд. Агар ислом барои эронӣ бегона аст, масеҳият низ барои урупоӣ ва омрикоӣ бегона аст.

Иллат равшан аст. Онҳо эҳсос кардаанд, ки дар сарзаминҳои шарқӣ ва исломӣ, фақат ислом аст, ки ба сурати як фалсафаи мустақилли зиндагӣ, ба мардуми он ҷо руҳи истиқлол ва муқовимат медиҳад. Агар ислом набошад, чизи дигаре, ки битавонад бо андешаҳои истеъмории сиёҳу сурх мубориза кунад, вуҷуд надорад.

Будо низ — чунонки медонем — дар Ҳинд мутаваллид шуд, аммо милюнҳо нафар мардуми Чин ва сарзаминҳои дигар ба ойини вай гаравидаанд.

Зартушт агарчӣ ойинаш тавсиъа пайдо накард ва аз ҳудуди Эрон хориҷ нашуд, вале бо ин ҳама, мазҳаби зартуштӣ дар Балх бештар ривоҷ ёфт, то Озарбойҷон, ки мегӯянд, маҳди Зартушт будааст.

Макка низ, ки маҳди Пайғамбари ислом буд, дар оғоз ин динро напазируфт, вале Мадина, ки фарсангҳо аз ин шаҳр фосила дошт, аз он истиқбол кард.

Аз баҳс дар мазоҳиб хориҷ мешавем ва маромҳо ва маслакҳоро дар назар мегирем. Маъруфтарин ва нерӯмандтарин маслак дар дунёи имрӯз “кумунизм” аст. Кумунизм дар куҷо пайдо шуд ва аз чӣ мағзе таровуш кард ва чӣ миллатҳое онро пазируфтанд? Карл Маркс ва Фридрик Энгелс ду нафар олмонӣ буданд, ки пояи кумунизми имрӯзро рехтанд. Карл Маркс охирҳои умри худро дар Англистон гузаронд. Пешбинии худи Маркс ин буд, ки мардуми Англистон қабл аз соири миллатҳо ба кумунизм хоҳанд гаравид, вале миллати Олмон ва миллати Англистон зери бори ин маром нарафтанд ва мардуми Русияи Шӯравӣ онро пазируфтанд. Маркс ҳам пешбинӣ намекард, ки фикри ӯ ба ҷойи Олмон ва Англистон, дар кишвари дурафтодаи Шӯравӣ ва ё Чин ривоҷ ёбад.

Боз аз ин носиюнолистҳои дуоташа бояд бипурсем: чаро мардуми Шӯравӣ ва мардуми Чин эҳсосоти носиюнолистиашон гул намекунад ва кумунизмро ба узри ин ки аз марзҳои хориҷи кишвар расидааст ва зидди эҳсосоти миллӣ аст, тард намекунанд? Агар ҳамчу сухане ба онҳо бигӯед, ба шумо механданд ва хоҳанд гуфт:

Ҳин, макун “ло ҳавл”, Имронзодаам,

Ки зи "ло ҳавл" он тараф афтодаам.

Ин мавзӯъ, ки ойин ё мароме аз маҳалли худаш хориҷ шавад ва дар ҷойи дигар аҳаммият ва нуфузи бештар пайдо кунад, масъалаи тозае нест ва ислом дар ҳамон оғози кор ин масъаларо пешбинӣ кард ва бо таън задан ба аъробе, ки ба Қуръон кофир буданд, ояндаи дунёи пуршукӯҳи худро дар миёни милали дигар ба ҳамагон навид дод.

Миқёсҳои исломӣ

Замоне, ки ислом зуҳур кард, дар миёни аъроб масъалаи хешовандпарастӣ ва тафохур ба қабила ва нажод ба шиддат вуҷуд дошт. Арабҳо дар он замон чандон ба арабияти худ намеболиданд, зеро ҳанӯз қавмияти арабӣ ба сурате ки араб худро як воҳид дар баробари соири ақвом бибинад вуҷуд надошт. Воҳиди мавриди таассуби араб, воҳиди қабила буд.

Аъроб ба ақвом ва ашоири хеш тафохур мекарданд. Аммо ислом на танҳо ба ин эҳсосоти таассубомез таваҷҷӯҳе накард, балки бо шиддат бо онон мубориза кард. Қуръони Карим дар камоли сароҳат фармуд:

يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنَّا خَلَقْنَاكُم مِّن ذَكَرٍ وَأُنثَى وَجَعَلْنَاكُمْ شُعُوبًا وَقَبَائِلَ لِتَعَارَفُوا إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِندَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ

"*Эй мардум! Мо ҳамаи шуморо аз як мард ва як зан офаридем ва шуморо гурӯҳҳо ва қабилаҳо қарор додем, то ба ин васила якдигарро бишносед. Ҳамоно гиромитарин шумо назди Худо, парҳезкортарини шумост". (Сураи Ҳуҷурот, ояти 13*)

Ин оят ва баёнот ва таъкиди Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ва тарзи рафтори он ҳазрат бо ғайри аъроб ва низ қабоили мухталифи араб, роҳи исломро комилан мушаххас кард.

Баъдҳо, ки дар асари тасаллути умавиён ва сиёсати зидди исломии онҳо иддае аз аъроб унсури арабиятро пеш кашиданд ва оташи таассуботи қавмӣ ва нажодиро барафрӯхтанд, соири ақвоми мусалмон ба хусус баъзе аз эрониён, ба мубориза бо онҳо бархостанд ва шиори ин даста, ояти фавқ буд ва худро "аҳли тасвия" яъне тарафдори мусовот (баробарӣ) меномиданд. Ва ба муносибати калимаи "шуъубан", ки дар ояти мазбур омадааст, худро "шуъубӣ" мехонданд. Мутобиқи тафсири баъзе аз муфассирон ва ривояти Имом Содиқ алайҳис-салом, мақсуд аз калимаи "қабоил" воҳидҳое назири воҳиди арабӣ аст, ки ба сурати қабила зиндагӣ мекунанд, ва мақсуд аз калимаи "шуъуб" воҳидҳои миллӣ аст, ки ба сурати як воҳиди бузургтар зиндагӣ мекунанд.

Бинобар ин, вақҳи ин ки “шуъубия” худро ба ин ном хондаанд равшан аст. Ва ин худ мерасонад, ки наҳзати шуъубӣ як наҳзати зидди таассуби арабӣ ва як наҳзати тарафдорӣ аз усули исломӣ будааст. Лоақал асоси ин наҳзат чунин будааст. Агар аҳёнан афроди маъдуде кори худро ба зиддият бо ислом кашонда бошанд, далел бар зидди исломӣ будани шуъубиён намешавад.

Ба эътирофи ҳамаи муаррихон, ҳазрати Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) дар мавоқеи зиёд ин чумларо тазаккур медод:

ايها الناس كلكم لآدم وآدم من تراب، لا فضل لعربي على عجمي الا بالتقوى

“*Эй мардум! Ҳамаи шумо фарзандони Одам ҳастед ва Одам аз хок офарида шудааст. Араб наметавонад бар гайри араб даъвои бартарӣ кунад, магар ба парҳезкорӣ*”.

Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) дар ривояте, ифтихор ба ақвоми гузаштаро як чизи ганднок мехонад ва мардумеро, ки бад-ин гуна аз корҳо худро машғул мекунанд, ба “чуъал” (суск, таракан) ташбеҳ мекунад. Асли ривоят чунин аст:

لَيَدَعَنَّ رِجَالٌ فَخْرَهُمْ بِأَقْوَامٍ إِنَّمَا هُمْ فَحْمٌ مِنْ فَحْمِ جَهَنَّمَ أَوْ لَيَكُونُنَّ أَهْوَنَ عَلَى اللَّهِ مِنْ الْجِعْلَانِ الَّتِي تَدْفَعُ بِأَنْفِهَا النَّتِنَ

Яъне онон, ки ба қавмияти худ тафохур мекунанд, ин корро раҳо кунанд ва бидонанд, ки он мояҳои ифтихор чуз зуғоли чаҳаннам нестанд, ва агар онон даст аз ин кор накашанд, назди Худо аз чуъалҳое (сускҳое), ки касофатро бо бинии худ ҳамл мекунанд, пасттар хоҳанд буд.

Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) Салмони Эронӣ ва Билоли Ҳабаширо ҳамон гуна бо оғуши боз мепазируфт, ки масалан Абӯзари Ғифорӣ ва Миқдод ибни Асвади Кендӣ ва Аммори Ёсирро. Ва чун Салмони Форсӣ тавониста буд гӯйи сибқатро аз дигарон бирубояд, ба шарафи “Салмону минно аҳлал-байт” (Яъне, Салмон аз мо аҳли байт аст) ноил шуд.

Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ҳамвора муроқибат мекард, ки дар миёни мусалмонон пойи таассуботи қавмӣ — ки хоҳ нохоҳ аксуламалҳое дар дигарон эҷод мекард — ба миён наёяд. Дар чанги Уҳуд як чавони эронӣ дар миёни мусалмонон буд. Ин чавони мусалмони эронӣ пас аз он ки зарбате ба яке аз афроди душман ворид овард, аз рӯйи ғурур гуфт:

خذها وأنا الغلام الفارسي

Яъне, "*ин зарбатро аз ман таҳвил бигир, ки манам як ҷавони эронӣ!*"

Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) эҳсос кард, ки ҳамакнун ин сухан таассуботи дигаронро бархоҳад ангехт. Фавран ба он ҷавон фармуд, ки чаро нагуфтӣ, манам як ҷавони ансорӣ?! Яъне чаро ба чизе, ки ба ойин ва маслакат марбут аст ифтихор накардӣ ва пойи тафохури қавмӣ ва нажодиро ба миён кашиди?!

Дар ҷойи дигар Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) фармуд:

إن العربية ليست بأب والد ولكنها لسان ناطق فمن قصر به عمله لم يبلغه حسبه

Яъне, "*арабият падари касе ба шумор намеравад ва фақат забони гӯёе аст. Он ки амалаш натавонад ӯро ба ҷойе бирасонад, ҳасабу насабаш ҳам ӯро ба ҷойе нахоҳад расонд*".

Дар "*Равзатул-кофӣ*" менависад: Рӯзе Салмони Форсӣ дар масҷиди Пайғамбар нишаста буд. Иддае аз акобири асҳоб низ ҳозир буданд. Сухан аз аслу насаб ба миён омад. Ҳар касе дар бораи аслу насаби худ чизе мегуфт ва онро боло мебурд. Навбат ба Салмон расид. Ба ӯ гуфтанд: Ту аз аслу насаби худат бигӯ. Ин марди фарзонаи таълимёфта ва тарбиятшудаи исломӣ, ба ҷойи ин ки аз аслу насаб ва ифтихороти нажодӣ сухан ба миён оварад, гуфт:

أنا سلمان بن عبد الله

Ман номам Салмон аст ва фарзанди яке аз бандагони Худо ҳастам.

كنت ضالا فهداني الله عزّ وجلّ بمحمّد

Гумроҳ будам ва Худованд ба василаи Муҳаммад маро роҳнамоӣ кард.

وكنت عائلا فأغناني الله بمحمّد

Фақир будам ва Худованд ба василаи Муҳаммад маро бениёз кард.

وكنت ملوكا فأعتقني الله بمحمّد

Барда будам ва Худованд ба василаи Муҳаммад маро озод кард. Ин аст аслу насабу ҳасаби ман.

Дар ин байн, Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ворид шуд ва Салмон гузориши ҷараёнро ба арзи он ҳазрат расонд. Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) рӯ кард ба он ҷамоат, ки ҳама аз Қурайш буданд ва фармуд:

يا معشر قريش! إن حسب الرجل دينه، ومروؤته خلقه، وأصله عقله

Яъне, эй гурӯҳи Қурайш! Хун яъне чӣ? Нажод яъне чӣ? Насаби ифтихоромези ҳар кас дини ӯст, мардонагии ҳар кас иборат аст аз хулқу хуй ва шахсияти ӯ, аслу решаи ҳар кас иборат аст аз ақлу фаҳму идроки ӯ. Чӣ реша ва асли нажодӣ болотар аз ақл?! Яъне ба ҷойи

ифтихор ба устухонҳои пӯсидаи гандида, ба дину ахлоқу ақлу фаҳму идроки худ ифтихор кунед.

Ростӣ, биандешед, бибинед сухане олитар ва мантиқитар аз ин метавон адо кард?!

Таъкидоти Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) дар бораи беасос будани таассуботи қавмӣ ва нажодӣ асари амиқе дар қулуби мусалмонон ба хусус мусалмонони ғайри араб гузошт. Ба ҳамин далел, ҳамеша мусалмонон (аъамм аз арабу ғайри араб) исломро аз худ медонистанд, на бегона ва аҷнабӣ. Ва ба ҳамин ҷиҳат, ситамҳо ва таассуботи нажодӣ ва табъизоти хулафои умавӣ натавонист мусалмонони ғайри арабро ба ислом бадбин кунад. Ҳама медонистанд, ки ҳисоби ислом аз корҳои хулафо ҷудост ва эътирози онҳо бар дастгоҳи хилофат ҳамеша бар ин асос буд, ки чаро ба қавонини исломӣ амал намешавад?!

Исломи эроniён

Аз мачмӯи он чӣ дар мабоҳиси гузашта баён доштем, миқёс ва мизони миллӣ будан ё аҷнабӣ будани як чиз барои як миллат равшан шуд. Ва ҳам равшан шуд, ки ислом шарти аввали аҷнабӣ набудан, яъне беранг будан ва умумӣ ва инсонӣ будан ва ранги як миллати махсус надоштанро дорост.

Маълум шуд, миқёсҳои исломӣ миқёсҳои куллӣ ва умумӣ ва инсонӣ аст, на қавмӣ ва нажодӣ ва миллӣ. Ислом ба ҳеч ваҷҳ худро дар маҳдудаи таассуботи миллӣ ва қавмӣ ва нажодӣ маҳсур накарда, балки бо онҳо мубориза кардааст.

Акнун мехоҳем бибинем, оё ислом шарти дуввумро дорост ё на? Яъне, оё ислом дар Эрон пазириши миллӣ доштааст ё хайр? Ба иборати дигар, оё пешрафти ислом дар Эрон, ба хотири муҳтавои олӣ ва инсонӣ ва ҷаҳонии он будааст ва эроniён онро интихоб кардаанд, ё ҳамон тавр ки бархе изҳор медоранд, ойини мазбурро бар хилофи тамоюлоти мардуми Эрон ба онон таҳмил кардаанд?

Албатта, манзури мо ин нест, ки танҳо омили гароиши мардуми ғайри арабро ҷаҳонӣ ва умумӣ будани таълимоти исломӣ, ва ба иборати дигар, асли мусовоти исломӣ муаррифӣ кунем. Омили гароиши миллатҳо ба ислом, як силсила имтиёзҳост, ки баъзе фикрӣ ва эътиқодӣ ва баъзе ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ва сиёсӣ аст. Таълимоти исломӣ аз тарафе маъқул ва

хирадписанд аст, ва аз тарафи дигар фитрӣ ва мафҳум. Таълимоти исломӣ як нерӯи кашиш ва ҷозибаи хоссе дорад, ки ба мӯҷиби ҳамон ҷозиба милали мухталифро таҳти нуфузи худ қарор додааст. Миқёсҳои куллӣ ва умумӣ ва ҷаҳонии ислом яке аз имтиёзҳо ва яке аз ҷанбаҳое аст, ки ба ин дин нерӯ ва ҷозиба додааст. Мо феълан дар бораи соири имтиёзҳои ислом баҳсе намекунем. Дар ин ҷо ба муносибати баҳси "миллият", ин омилро мавриди назар қарор медиҳем.

Дар ҳудуди чаҳордаҳ қарн аст, ки эрониён мазоҳиби собиқи худро канор гузошта ва ойини мусалмониро пазируфтаанд. Дар хилоли ин қурун, садҳо милюн эронӣ бо мазҳаби исломӣ зода шуданд ва пас аз гузарондани даврони зиндагӣ бо ҳамин ойин, ҷон ба Ҷонофарин таслим карданд.

Дар миёни кишварҳои исломӣ шояд — ҷуз кишвари Арабистони Саудӣ — кишваре надошта бошем, ки ба андозаи Эрон аксарияти мардуми он мусалмон бошанд. Ҳатто кишвари Миср, ки худро пойтахти ислом медонад, ба қадри мамлакати Эрон (албатта бо ҳифзи нисбат) мусалмон надорад. Бо ин ҳол, хуб аст равшан бишавад, ки оё исломи эрониён дар тӯли чаҳордаҳ қарн иҷборӣ буда ё онҳо онро аз рӯйи самими қалб пазируфтаанд?

Хушбахтона, торихи Эрон ва ислом бо он ҳама дасисаҳое, ки истеъморгарон мехоҳанд ба кор бибаранд, комилан равшан аст ва мо барои он ки хонандагони гиромиро беҳтар бо ҳақиқат ошно кунем, ногузирем торихи Эронро варақ бизанем ва вуруди исломро дар ин кишвар аз оғоз мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Оғози исломи эрониён

Тибқи гувоҳии торих, Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) дар замони ҳаёти худашон пас аз чанд соле, ки аз ҳиҷрат гузашт, номаҳое ба сарони кишварҳои ҷаҳон навиштанд ва паёмбарии худро эълом ва онҳоро ба дини ислом даъват карданд. Яке аз он номаҳо номае буд, ки ба Хусрави Парвиз, подшоҳи Эрон навиштанд ва ӯро ба ислом даъват карданд. Вале чунонки ҳама шунидаем, Хусрави Парвиз танҳо касе буд, ки нисбат ба номаи он ҳазрат иҳонат кард ва онро дарид. Ин худ нишонаи фасоде буд, ки дар ахлоқи дастгоҳи ҳукуматии Эрон роҳ ёфта буд. Ҳеч шахсияти дигар аз подшоҳон ва ҳукком ва императорон

чунин коре накард. Баъзе аз онон ҷавоби номаро бо эҳтиром ва тавъам бо ҳадоёе фиристоданд.

Хусрав ба подшоҳи Яман, ки дастнишондаи ҳукумати Эрон буд, дастур дод, ки дар бораи ин марди муддаии пайғамбарӣ, ки ба худ ҷуръат дода, ки ба ӯ нома бинигорад ва номи худро қабл аз номи ӯ бинависад, таҳқиқ кунад ва ҳангоми зарурат ӯро назди Хусрав бифиристад. Вале аз он ҷо, ки:

يُرِيدُونَ لِيُطْفِؤُوا نُورَ اللَّهِ بِأَفْوَاهِهِمْ وَاللَّهُ مُتِمُّ نُورِهِ وَلَوْ كَرِهَ الْكَافِرُونَ

(*“Мехоҳанд, нури Худоро бо даҳони худ хомӯш кунанд ва ҳол он ки Худо агарчи кофиронро нохуш афтад, нури худро комил хоҳад гардонид». (Сураи Саф, ояти 8)*) — ҳанӯз фиристодагони подшоҳи Яман дар Мадина буданд, ки Хусрав суқут кард ва шикамаш ба дасти писараш дарида шуд. Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) қазияро ба фиристодагони подшоҳи Яман иттилоъ дод. Онҳо бо ҳайрати тамом хабарро барои подшоҳи Яман бурданд ва пас аз чанде маълум шуд, ки қазия ҳамчунон буда, ки Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) хабар додааст. Худи подшоҳи Яман ва иддаи зиёде аз яманиҳо баъд аз ин ҷараён мусалмон шуданд ва ҳамроҳи онон гурӯҳи зиёде аз эрониёни муқими Яман низ ислом ихтиёр карданд. Дар он замон ба воситаи як ҷараёни торихӣ — ки дар китобҳои торихӣ мастур аст — иддаи зиёде аз эрониён дар Яман зиндагӣ мекарданд ва ҳукумати Яман як ҳукумати сад дар сад дастнишондаи эронӣ буд.

Низ дар замони ҳаёти Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи), дар асари таблиғоти исломӣ, иддаи зиёде аз мардуми Баҳрайн — ки дар он рӯз маҳалли сукунати эрониён ва ғайри эрониён буд — ба ойини мусалмонӣ даромаданд. Ва ҳатто ҳокими он ҷо, ки аз тарафи подшоҳи Эрон таъйин шуда буд, мусалмон шуд. Бинобар ин, аввалин исломи гурӯҳии эрониён дар Яман ва Баҳрайн будааст.

Албатта агар аз назари фардӣ дар назар бигирем, шояд аввалин фарди мусалмони эронӣ Салмони Форсӣ аст. Ва чунонки медонем, исломи ин эронии ҷалил он қадр боло гирифт, ки ба шарафи “Салмону минно аҳлал-байт” ноил шуд. Салмон на танҳо дар миёни шиъаён эҳтироми зиёд дорад, балки дар миёни аҳли тасаннун низ дар радифи саҳобаи дараҷаи аввал ба шумор меравад. Касоне, ки ба Мадина мушарраф шудаанд, медонанд, ки давр то даври Масҷидуннабӣ номҳои саҳобаи бузург ва имомони мазоҳиби исломӣ навишта

шудааст. Яке аз кибори саҳоба, ки номаш дар он ҷо ба унвони як саҳобаи кабир нақш шуда, Салмони Форсӣ аст.

Ҳамин миқдор собиқаи эрониён бо ислом дар замони Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) кофӣ буд, ки бисёре аз онон бо ҳақоиқи исломӣ ошно шаванд. Табъан ин худ василае буд барои ин ки хабари ислом ба Эрон бирасад ва каму беш мардуми Эрон бо ислом ошно шаванд. Хусусан бо таваҷҷӯҳ ба ин ки — чунонки хоҳем гуфт — вазъи динӣ ва ҳукуматии он рӯзи Эрон тавре буд, ки мардум ташнаи як сухани тоза буданд. Дар ҳақиқат, дар интизори фарач ба сар мебурданд. Ҳар гуна хабаре аз ин навъ, ба суръати барқ дар миёни мардум мепечид. Мардум табъан мепурсиданд, ин дини ҷадид усулаш чист? Фурӯъаш чист?

То он ки замони хилофати Абӯбакр ва Умар фаро расид. Дар охирҳои давраи хилофати Абӯбакр ва тамоми даврони хилофати Умар, дар асари ҷангҳое, ки миёни давлати Эрон ва мусалмонон падид омад, тақрибан тамоми мамлакати Эрон ба дасти мусалмонон афтод ва милюнҳо нафар эронӣ, ки дар ин сарзамин ба сар мебурданд, аз наздик бо мусалмонон тамос гирифтанд ва гурӯҳ-гурӯҳ дини исломро пазируфтанд.

Мо дар ин ҷо қисматеро, ки ҷаноби оқои Азизулоҳи Аторудӣ дар заминаи собиқаи хадамоти эрониён таҳти унвони "*Хадамоти эрониён ба ислом аз кай шурӯъ шуд?*" таҳия кардаанд, ки ба моқабли футуҳоти низомӣ марбут мешавад, айнан дарҷ мекунем.

(*Ҷаноби оқои Аторудӣ аз фузалои бисёр боарзиш ва аз огоҳон ва китобшиносони олиқадр ҳастанд, бар бисёре аз нусхаҳои китобҳои исломӣ дар китобхонаҳои муҳим махсусан дар Ҳинд даст ёфтаанд, ки бесобиқа аст ва аз ҳамаи онҳо аксбардорӣ кардаанд. Китобе мабсут дар бораи риҷоли Хуросон дар дасти таълиф доранд, ки шояд болиғ бар чиҳил ҷилд бишавад. Аз Худованд тавфиқи бештари эшонро масъалат менамоем. М.М.*)

Хадамоти эрониён ба ислом аз кай шурӯъ шуд?

"Алоқаи эрониён ба дини муқаддаси ислом аз ҳамон оғози зуҳури ин дини муқаддас шурӯъ шуд. Қабл аз ин ки шариати муқаддаси ислом тавассути муҷоҳидони мусалмон ба ин сарзамин биёяд, эрониёни муқими Яман ба ойини ислом гаравиданд ва бо майлу рағбат ба аҳкоми Қуръон таслим шуданд ва аз ҷону дил дар тарвиҷи шариати ислом кӯшиш

намуданд ва ҳатто дар роҳи ислом ва мубориза бо муонидони Набии Акрам, ҷон супурданд.

Хадамоти эрониён дар интишор ва тарвиҷи дини ислом ниёзманд ба таҳқиқи бисёр доманадоре аст ва бояд гурӯҳе аз муҳаққиқон ва коршиносони маорифи исломӣ, ҳар кадом дар мавзӯе, ки тахассус доранд, дар ин маврид баррасӣ кунанд. Торихи футуҳоти исломӣ дар шарқу ғарби ҷаҳон ҳокӣ аз ҷонфишонӣ ва муҷоҳидати гурӯҳе аз мардумони эронӣ аст, ки бо хулуси ақида дар роҳи ислом аз худгузаштагӣ нишон доданд ва душманони дохилӣ ва хориҷии исломро саркӯб карданд.

Мусалмонони кишварҳои шарқӣ ва ҷануби шарқӣ монанди шибҳиқораи Ҳинд ва Покистон, Туркистони Шарқӣ, Чин, Молезӣ (Малайзия), Андунезӣ (Индонезия) ва ҷазоири уқёнуси Ҳинд марҳуни фаъолиятҳои беназири эрониёни мусалмон ҳастанд, ки бо кӯшиши пайгире аз тариқи дарёнавардӣ ва бозаргонӣ исломро ба дуртарин нуқоти Осиё расониданд ва аз тариқи таблиғ ва иршод, мардумро бо дини муқаддаси ислом ошно сохтанд.

Эрониён дар кишварҳои ғарбӣ ва шимоли Офриқо ва қораи Урупо ва Осиёи Сағир низ дар тарвиҷи дини ислом саҳми басазое доранд. Пас аз ин ки аҳолии Хуросон ва ноҳияҳои шарқии Эрон бар зидди хилофати зидди исломии умавиён қиём карданд ва басоти ҳукумати ононро, ки ба номи ислом бар мардуми мусалмон ҳукумат мекарданд барандохтанд ва Аббосиён бар арикаи хилофат мустақар шуданд, тамоми умури кишварӣ ва лашкарии мамолики ислом ба дасти эрониён махсусан хуросониён афтод ва инон тамоми маносиби сиёсии давлати исломиро дар шарқу ғарб ба даст гирифтанд.

Дар асри Маъмун ҳангоми муроҷиати вай ба Ироқ, гурӯҳе аз аъён ва ашроф ва риҷоли Хуросон бо вай ҳамроҳӣ карданд ва дар Ироқ сокин шуданд. Маъмун чун аз коршикании баъзе аз афроди хонадони худ нороҳат буд, тасмим гирифт маносиби давлатиро ба эрониён бидиҳад. Аз ин рӯ, гурӯҳе аз бузургони Эронро ба ноҳияҳои Миср ва шимоли Офриқо фиристод, то дар он ҷо мустақар шуда роҳи нуфузи мухолифонро дар он манотиқ бигиранд. Махсусан, ки ҳанӯз давлати умавиён дар Андалус вуҷуд дошт ва Аббосиён аз ин ҷиҳат ҳамвора дар нороҳатӣ ба сар мебурданд ва аз нуфузи онон ҷилавгирӣ мекарданд.

Таҳқиқ ва баррасӣ дар бораи ин хонадонҳои муҳоҷир, ки аксар аз аҳли Нишопур, Ҳирот, Балх, Бухоро ва Фарғона буданд, ниёз ба навиштани чанд муҷаллад китоб дорад ва ташреҳи хадамоти эрониёни шимоли Офриқо дар китобҳои торих ва тароҷуми риҷоли илму адаб ба тафсил зикр шудааст.

Мо ба таври ихтисор феҳристе аз фаъолиятҳои эрониёнро дар ду қисмат: яке, қабл аз вуруди дини ислом ба Эрон, ва дигар, пас аз гароиши онҳо ба ислом, зайлан менигорем. Инак, қисмати аввал:

Эрониён дар Яман

Дар овони таваллуди ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) гурӯҳе эронӣ дар Яман, Адан, Ҳазрамавт ва соҳили дарёи Сурх зиндагӣ мекарданд ва ҳукумати Яманро низ дар даст доштанд. Қабл аз баррасӣ дар ин мавзӯъ, ногузир ҳастем барои равшан шудани матлаб, иллати муҳоҷират ва иқомати афроди эрониро дар Яман баррасӣ кунем, то мавзӯъ беҳтар қобили дарк бошад.

Дар замони Анушервон давлати Ҳабаша аз тариқи дарё ба Яман ҳамла овард ва ҳукумати ин минтақаро барандохт. Сайф ибни Зиязан, подшоҳи Яман ба дарбори Анушервон омад, то аз вай ёрӣ ҷӯяд ва ҳабашиёнро аз Яман берун кунад. Муаррихон навиштаанд, Сайф муддати ҳафт сол дар Тисфун (Мадоин) иқомат намуд, то иҷоза ёфт, ки бо Анушервон мулоқот кунад. Сайф ибни Зиязан ба Анушервон гуфт: Маро дар ҷанг бо ҳабашиён ёрӣ кун ва гурӯҳе аз сарбозони худро бо ман бифирист, то мамлакати худро бигирам.

Анушервон гуфт: Дар ойини ман раво нест, ки лашкариёни худро фиреб диҳам ва онҳоро ба кӯмаки афроде, ки бо ман ҳамақида нестанд бифиристам. Пас аз машварат бо дарбориён ва мушовиринаш, қарор шуд, ки гурӯҳе аз зиндониёни маҳкум ба эъдомро ҳамроҳи Сайф ибни Зиязан ба Яман бифиристанд, то ҳабашиёнро аз он ҷо ихроҷ кунанд. Ин раъй ба тасвиб расид ва мавриди амал қарор гирифт.

Теъдоди ин ҷамоатро дар ҳудуди ҳазор нафар навиштаанд, ва ҳамин ҷамоати андак тавонистанд ҳабашиёнро, ки ададӣ онҳо аз сӣ ҳазор ҳам бештар буд, аз по дароваранд ва ҳамаро ҳалок кунанд. Фармондеҳи эрониён дар Яман ба ӯҳдаи шахсе ба номи Ваҳриз буд.

Пас аз шикасти ҳабашиён ва мурдани Сайф ибни Зиязан, ҳамин Ваҳризи эронӣ, ки номи ҳақиқии он Харзод буд, дар Яман ба ҳукумат расид ва аз давлати Эрон мутобиат мекард.

Исломи Бозони эронӣ ва соири эрониёни муқими Яман

Ҳангоме ки дини муқаддаси ислом ошкор шуд ва Набии Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) даъвати худро оғоз фармуд, ҳукумати Яман ба дасти Бозон ибни Сосони эронӣ буд. Ҷангҳои ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) бо қабоили араб ва мушрикони Қурайш дар замони ҳамин Бозон шурӯъ шуд. Бозон аз ҷониби Хусрави Парвиз бар Яман ҳукумат мекард ва бар сарзаминҳои Ҳиҷоз ва Таҳома низ назорат дошт ва гузориши корҳои он ҳазратро мураттабан ба Хусрави Парвиз мерасонид.

Ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) дар соли шашуми ҳичрӣ Хусрави Парвизро ба дини муқаддаси ислом даъват кард. Вай аз ин мавзӯъ сахт нороҳат шуд ва номаи он ҷанобро пора намуд ва барои Бозон, омили худ дар Яман, навишт, ки нависандаи ин номаро назди вай эъзом кунад. Бозон низ ду нафар эрониро ба номи Бобавайҳ ва Хусрав ба Мадина фиристод ва паёми Хусрави Парвизро ба он ҷаноб расониданд. Ва ин аввалин иртиботи расмии эрониён бо ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) будааст.

Ҳангоме ки хабари эҳзори ҳазрати Расул ба Эрон ба мушрикони Қурайш расид, бисёр хушвақт шуданд ва гуфтанд, дигар барои Муҳаммад халосӣ нахоҳад буд, зеро маликулмулук Хусрави Парвиз бо вай тараф шуда ва ӯро аз байн хоҳад бурд. Намояндагони Бозон бо ҳукме, ки дар даст доштанд, дар Мадина ҳузури Пайғамбар расиданд ва манзури худро дар миён гузоштанд. Ҳазрат фармуд: Фардо биёед ва ҷавоби худро дарёфт кунед. Рӯзи баъд, ки хидмати он ҷаноб омаданд, ҳазрат фармуд: Ширавайҳ дишаб шиками падараш Хусрави Парвизро дарид ва ӯро ҳалок сохт. Пайғамбар фармуд: Худованд ба ман иттилоъ дод, ки шоҳи шумо кушта шуд ва мамлакати шумо ба зудӣ ба тасарруфи мусалмонон дархоҳад омад. Инак шумо ба Яман бозгардед ва ба Бозон бигӯед, ислом ихтиёр кунад. Агар мусалмон шуд, ҳукумати Яман ҳамчунон бо ӯ хоҳад буд. Набии Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ба ин ду нафар ҳадоёе марҳамат фармуд ва он ду нафар ба Яман бозгаштанд ва ҷараёнро ба Бозон гуфтанд. Бозон гуфт: Мо чанд рӯзе диранг

мекунем, агар ин матлаб дуруст аз кор даромад, маълум аст, ки вай пайғамбар аст ва аз тарафи Худованд сухан мегӯяд, он гоҳ тасмими худро хоҳем гирифт.

Чанд рӯзе бар ин қазия гузашт, ки пайке аз Тисфун расид ва нома аз тарафи Ширавайҳ барои Бозон овард. Бозон аз ҷараёни қазия ба таври расмӣ мутталеъ шуд ва Ширавайҳ иллати куштани падарашро барои вай шарҳ дода буд. Ширавайҳ навишта буд, ки мардуми Яманро ба пуштибонии вай даъват кунад ва шахсеро, ки дар Ҳиҷоз муддаии нубувват аст озод бигузорад ва мӯҷиботи нороҳатии ӯро фароҳам насозад. Бозон дар ин ҳангом мусалмон шуд ва сипас гурӯҳе аз эрониён, ки онҳоро “абноъ” ва “аҳрор” мегуфтанд, мусалмон шуданд ва инон нахустин эрониёне ҳастанд, ки вориди шариати муқаддаси ислом гардиданд.

Ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) Бозонро ҳамчунон бар ҳукумати Яман ибқо карданд ва вай аз ин торих аз тарафи Набии Акрам бар Яман ҳукумат мекард ва ба тарвиҷ ва таблиғи ислом пардохт ва мухолифон ва муонидонро сари ҷойи худ нишонид. Бозон дар ҳаёти ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) даргузашт ва фарзандаш Шаҳр ибни Бозон аз тарафи пайғамбар ба ҳукумат мансуб шуд. Вай низ ҳамчунон равиши падарро таъқиб намуд ва бо душманони ислом мубориза мекард.

Иртидоди Асвади Анасӣ ва муборизаи эрониён бо вай

Пас аз муроҷиати Набии Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) аз ҳаҷҷатулвидоъ, чанд рӯзе аз фарти хастагӣ мариз шуда бистарӣ гардиданд. Асвади Анасӣ аз бемории Пайғамбар иттилоъ пайдо кард ва пиндошт, ки Набии Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) аз ин нохушӣ раҳоӣ пайдо нахоҳад кард. Аз ин рӯ, дар Яман иддаои нубувват кард ва гурӯҳеро даври худ ҷамъ намуд. Иддаи касире аз аъроби Яман перомуни вайро гирифтанд.

Иртидоди Асвади Анасӣ нахустин иртидодест, ки дар ислом падид омад. Анасӣ бо қабоиле аз араб, ки перомуни вайро гирифта буданд, ба тарафи Санъо ҳамла овард. Шаҳр ибни Бозони эронӣ, ки ҳокими ҳазрати Набии Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) буд ва дар маркази Санъо ҳукумат меронд, худро барои дафъи Асвади каззоб, ки бар зидди ислом қиём карда буд, омода сохт. Асвад бо ҳафтсад савор ба ҷанги Шаҳр ибни Бозон омад ва

байни ин ду ҷанги сахте даргирифт. Шаҳр ибни Бозон дар ин ҷанг кушта шуд. Ва ин нахустин фарди эронӣ аст, ки дар роҳи ислом ба шаҳодат расид.

Асвади Анасӣ пас аз куштани вай, бо зани Шаҳр ибни Бозон издивоҷ кард ва бар ҳамаи Яман то Ҳазрамавт, Баҳрайн, Эҳсоъ ва биёбонҳои байни Наҷд ва Тоиф тасаллут пайдо кард ва ҳамаи қабоили Яманро мутеи худ сохт ва фақат тане чанд аз аъроб таслими ӯ нашуданд ва ба тарафи Мадинаи Мунаввара муроҷиат намуданд.

Пас аз кушта шудани Шаҳр ибни Бозон, риёсати эрониёнро Фирӯз ва Довудяҳ ба ӯҳда гирифтанд. Инон ҳамчунон дар тариқаи ислом ва мутобеат аз Набии Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) собит монданд ва равиши Бозон ва фарзандаш Шаҳр ибни Бозонро аз даст надоданд.

Дар ин байн, ҷараёни кушта шудани Шаҳр ибни Бозон ва ҳаводиси Яман ба иттилои ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) расид ва мусалмонони Мадина мутаваҷҷеҳ шуданд, ки ҷамоате аз араби сарзамини Яман муртад шуда перомуни Асвади каззобро гирифтаанд.

Номаи ҳазрати Расул ба эрониёни Яман

Ҷашиши Дайламӣ, ки аз эрониёни мусалмони Яман буд гӯяд: Ҳазрати Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) барои мо нома навиштанд, ки бо Асвади каззоб ҷанг кунем. Фармони Пайғамбари ислом барои Фирӯз, Довудяҳ ва ман (Ҷашиш) содир шуда буд ва мо маъмур шуда будем, ки бо душманони ислом ба таври ошкор ва пинҳон ҷанг кунем ва фармони ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)-ро ба ҳамаи мусалмонон бирасонем. Фирӯз, Довудяҳ ва ман (Ҷашиши Дайламӣ) фармони Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)-ро ба ҳамаи эрониён расонидем.

Дайламӣ гӯяд: Мо шурӯъ кардем ба мукотиба ва даъвати мардум, ки худро барои ҷанг бо Асвади Анасӣ муҳайё созанд. Дар ин ҳангом Асвад аз ҷараён мутталеъ шуд ва барои эрониён паёме фиристод ва онҳоро таҳдид кард, ки агар бо вай сари ҷанг ва ситез дошта бошанд, чунону чунин хоҳад шуд. Мо дар посухи вай гуфтем: Ҳаргиз сари ҷанг бо шумо надорем. Ва лекин Асвад ба суханони мо эътимоде пайдо накард ва ҳамвора аз эрониён бим дошт, ки имкон дорад вайро аз пой дароваранд.

Дар ин гиру дор, номаҳое аз Омир ибни шаҳр ва Зизуд ва чанд ҷойи дигар расид. Мардум дар ин номаҳо моро ба ҷанг бо Асвад ташвиқ мекарданд ва навиди мусоидат ва ҳамроҳӣ медоданд. Сипас мутталеъ шудем, ки ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) барои ҷамоате дигар низ нома навиштаанд ва фармон додаанд, ки аз Фирӯз ва Довудяҳ ва Дайламӣ пуштибонӣ кунанд ва ононро дар муқобили Асвади каззоб ёрӣ намоянд. Аз ин рӯ, мо дар миёни мардум пуштибон пайдо кардем.

Кушта шудани Асвади Анасӣ ба дасти эрониён

Асвади Анасӣ аз тавтиаи эрониён эҳсоси хатар кард ва дарёфт, ки ин мавзӯъ ба ҷойи ҳассосе хоҳад расид.

Ҷашиши Дайлами гӯяд: Озод, зани Шаҳр ибни Бозон, ки дар тасарруфи Асвад буд, моро бисёр мусоидат мекард ва роҳнамоиҳои вай моро саранҷом пирӯз гардонид.

Дайламӣ гӯяд: Ба Озод гуфтам: Асвад шавҳари туро кушт ва ҳамаи хешовандонатро ҳалок кард ва аз дами шамшер гузаронид ва занонро тасарруф кард. Озод, ки зане боғайрату шаҳомат буд, гуфт: Ба Худо савганд, ки ман мардеро монанди Асвад душман намедорам, Асвад марде бераҳм аст ва ҳеч ҳаққеро аз Худованд муроъот намекунад ва ба маҳраму номаҳрам ақида надорад.

Озод гуфт: Шумо тасмими худро бо ман дар миён гузоред, ман низ он чӣ дар манзили Асвад мегузарад, бо шумо дар миён хоҳам гузошт.

Дайламӣ гӯяд: Аз назди Озод берун шудам ва он чӣ байни ман ва ӯ ҷараён пайдо кард, ба иттилои Фирӯз ва Довудяҳ расонидам. Дар ин ҳангом, марде аз дар дохил шуд ва Қайс ибни Абдияғусро, ки бо мо ҳамкорӣ мекард, ба манзили Асвад даъват кард. Қайс ба иттифоқи чанд нафар, ба манзили Асвад рафтанд ва лекин натавонистанд осебе ба вай бирасонанд.

Дар ин ҳангом, байни Қайс ва Асвад суханоне радду бадал шуд ва Қайс бори дигар ба манзили Фирӯз ва Довудяҳ ва ман (Дайламӣ) мурочиат кард ва гуфт: Инак, Асвади каззоб мерасад ва шумо ҳар коре, ки дилатон мехоҳад, бо вай анҷом диҳед. Дар ин вақт, Қайс аз манзил берун шуд ва Асвад бо гурӯҳе аз атрофиёнаш ба тарафи мо омад. Дар наздики манзил, дар ҳудуди дивист гову шутур буд. Вай дастур дод, ҳамаи он говон ва шутуронро куштанд. Асвад фарёд зад: Эй Фирӯз! Оё рост аст, ки дар назар дорӣ маро бикушӣ ва бо

ман ҷанг кунӣ? Дар ин вақт Асвад ҳарбаеро, ки дар даст дошт, ба тарафи Фирӯз ҳавола кард ва гуфт: Туро монанди ин ҳайвонот сар хоҳам бурид. Фирӯз гуфт: Чунин нест. Мо ҳаргиз бо ту сари ҷанг надорем ва қасди куштани туро ҳам надорем, зеро ту домоди эрониён ҳастӣ ва мо ба эҳтироми Озод, ба ту осебе нахоҳем расонид. Ба илова, ки ту акнун пайғамбарӣ ва умури дунё ва охират дар дасти ту қарор дорад.

Асвад гуфт: Бояд қасам ёд кунӣ, ки нисбат ба ман хиёнат накунӣ ва вафодор бошӣ. Фирӯз суханоне бар забон ронд ва бо вай ҳамроҳӣ кард, то аз хона берун шуданд. Дар ин ҳангом ки Фирӯз ба иттифоқи Асвад аз хона берун шуда роҳ мерафтанд, ногаҳон шунид, ки марде аз вай сиоят (хабаргирӣ) мекунад, Асвад ҳам ба ин марди соъӣ (хабарчин) мегӯяд: Фардо Фирӯз ва руфақояшро хоҳам кушт. Ногаҳон Асвад мутаваҷҷеҳ шуд, ки Фирӯз гӯш медиҳад. Дайламӣ гӯяд: Фирӯз аз назди Асвад муроҷиат кард ва ҷараёни ғадр ва ҳилаи вайро дар миён гузошт. Мо дунболи Қайс фиристодем ва ӯ низ дар маҷлиси мо ширкат кард. Пас аз муддате мушовира, тасмим гирифтем бори дигар бо Озод, зани Асвад музокира кунем ва ҷараёнро ба иттилои вай бирасонем ва аз назари вай низ иттилое ба даст оварем.

Дайламӣ гӯяд: Ман назди Озод рафтам ва мавзӯъро бо вай дар миён гузоштам ва ҳамаи қазоёро ба иттилои ӯ расонидам. Озод гуфт: Асвад ҳамеша аз худ метарсад ва ҳеч итминоне ба ҷонаш надорад. Ҳангоме ки дар манзил қарор мегирад, тамоми атрофи ин қаср ва роҳҳое, ки ба он мунтаҳӣ мешавад, мавриди назари маъмурон аст ва ҳаракати ҳар ҷунбандаеро зери назари худ мегиранд. Бинобар ин, роҳи вусул ба ин сохтмон барои афроди оддӣ имкон надорад. Танҳо ҷойе, ки Асвад бидуни ҳофиз ва нигаҳбон истироҳат мекунад, ҳамин утоқ аст. Шумо фақат дар ин ҷо метавонед ӯро дарёбед ва ӯро аз пой дароваред. Ва мутмаин бошед, ки дар утоқи хоби вай, ҷуз шамшер ва чароғе, чизи дигаре нест.

Дайламӣ гӯяд: Ман аз назди Озод берун шудам ва дар назар доштам аз қаср хориҷ гардам. Дар ин ҳангом, Асвад аз утоқ хориҷ шуд ва то маро дид, бисёр нороҳат гардид. Вай дар ҳоле ки дидагонаш аз фарти ғазаб сурх шуда буд, гуфт: Аз куҷо омадӣ ва чӣ касе ба ту иҷоза дод, бидуни изни ман, ба хона ворид шавӣ?

Дайламӣ гӯяд: Вай сарамро чунон фишор дод, ки наздик буд аз пой дароям. Дар ин ҳангом, Озод аз дур ҷараёнро дид ва фарёд баровард: Асвад! Аз вай даргузар! Ва агар вай фарёди

Озодро нашунида буд, маро мекушт. Озод ба Асвад гуфт: Вай писарамуи ман аст ва ба дидани ман омадааст. Аз вай даст бикаш! Асвад пас аз шунидани ин суханон, даст аз ман бардошт ва маро раҳо кард ва ман аз қаср берун шудам ва ба назди дӯстони худ омада ҷараёнро бо онон дар миён гузоштам. Дар ин ҳангом ки саргарми гуфтугӯ дар ин мавзӯъ будем, қосиде аз тарафи Озод омад ва гуфт: Вақти фурсат аст ва шумо метавонед ба мақсуди худ бирасед ва ҳар тасмимеро, ки дар назар гирифтаед, ҳар чӣ зудтар ба марҳилаи амал дароваред.

Ба Фирӯз гуфтем: Ҳар чӣ зудтар худро ба Озод бирасон. Вай ба суръат худро ба Озод расонид. Озод ҷараёнро комилан бо вай дар миён гузошт.

Фирӯз гӯяд: Мо дар хориҷи сохтмоне, ки Асвад дар он зиндагӣ мекард, роҳе аз зерзамин ба утоқи вай боз кардем ва афродеро дар деҳлизи он қарор додем, то дар мавқеи лузум, худро аз хориҷ ба ин утоқ бирасонанд ва вайро бикушанд.

Фирӯз пас аз ин, дохили утоқ шуд ва бо Озод монанди ин ки ба дидани вай омадааст, нишаст ва машғули гуфтугӯ шуданд. Дар ин ҳангом, ки Фирӯз бо Озод саргарми сухан буд, Асвад аз дар ворид шуд ва чун чашмонаш ба Фирӯз афтод, сахт нороҳат шуд. Озод ҳангоме ки нороҳатии Асвадро мушоҳида кард, ғайрataш ба ҷӯш омад ва гуфт: Вай аз хешовандони ман аст ва бо ман нисбати наздик дорад. Асвад бо камоли нороҳатӣ Фирӯзро аз утоқ хориҷ кард ва ӯро аз қаср берун кашид.

Чун шаб шуд, Фирӯз, Дайламӣ ва Довудяҳ ҳар се нафар тасмим гирифтанд аз роҳи зерзамин худро ба утоқи махсуси Асвад бирасонанд ва ӯро аз пой дароваранд.

Пас аз ин ки муқаддамоти куштани Асвадро аз ҳар ҷиҳат фароҳам оварданд, назари худро бо дӯстон ва ҳамфикрони худ дар миён ниҳоданд ва мавзӯъро ба иттилои баъзе аз қабоили араб монанди Ҳамдон ва Ҳимяр расониданд.

Дайламӣ гӯяд: Мо шаб даст ба кор шудем ва аз зерзамин роҳе ба утоқи Асвад боз кардем ва худро ба даруни утоқи вай расонидем. Дар миёни утоқ як чароғ месӯхт ва рӯшноии мухтасаре аз он мушоҳида мешуд. Мо ба Фирӯз эътимод доштем, зеро вай марде шуҷоъ ва бебок ва ҳам зӯрманд ва қавӣ буд. Ба Фирӯз гуфтем: Бингар дар рӯшноӣ чӣ чиз мебинӣ? Фирӯз берун шуд дар ҳоле ки мобайни ӯ нигаҳбонон қарор гирифта буданд. Ҳангоме ки бар дари утоқ расид, садои хур-хуре шунид. Маълум шуд, Асвад дар хоб фурӯ рафта ва

нафираш баланд шудааст ва Озод, занаш низ дар гӯшае нишаста. Ҳангоме, ки Фирӯз ба дари утоқ расид, ногаҳон Асвад аз хоб парид ва баланд шуд ва дар ҷойи худ нишаст ва фарёд баровард: Эй Фирӯз! Маро бо ту чӣ кор аст?!

Дар ин ҳангом, Фирӯз мутаваҷҷеҳ шуд, ки агар муроҷиат кунад, ба дасти нигаҳбонон кушта хоҳад шуд ва Озод низ ҳалок хоҳад шуд. Ногаҳон худро ба даруни утоқ афканд ва хештанро ба рӯйи Асвад андохт ва бо вай галовез шуд ва монанди шутури нар бар вай ҳамла овард ва сарашро гирифт ва ӯро хафа кард.

Ҳангоме ки мехост аз утоқ берун равад, Озод гуфт: Мутмаин ҳастӣ, ки ин мард кушта шуда ва ҷон аз колбадаш даромадааст? Фирӯз гуфт: Оре, кушта шуд ва ту аз вай роҳат шудӣ. Фирӯз аз утоқ берун шуд ва ҷараёнро ба иттилои мо, ки дар канори деҳлизи зерзамин будем расонид. Мо низ дохили утоқ шудем, дар ҳоле ки Асвади каззоб ҳанӯз монанди гов фарёд бармеовард. Сипас бо корди бузурге сарашро аз тани вай ҷудо кардем ва бад-ин тариқ минтақаи Яманро аз вуҷуди нопокаш пок сохтем.

Дар ин лаҳза, изтиробе дар атрофи утоқи махсуси вай падид омад ва сару садо баланд шуд. Нигаҳбонон аз атрофу акноф ба тарафи сохтмони маскунии Асвад омаданд ва фарёд баровардand: Чӣ шудааст? Озод, зани Асвад гуфт: Мавзӯи тозае нест, пайғамбар дар ҳоли нузули ваҳй аст ва дар асари ваҳй, бад-ин ҳолат афтодааст. Ва бад-ин тариқ нигаҳбонон аз атрофи утоқ пароканда шуданд ва мо аз хатар ҷастем.

Пас аз рафтани нигаҳбонон, бори дигар сукут фазои утоқро фаро гирифт ва мо чаҳор нафар (яъне Фирӯз, Довудяҳ, ман (Ҷашиши Дайламӣ) ва Қайс) дар ин фикр афтодем, ки руфақои худро чӣ гуна аз ин ҷараён мутталеъ созем. Дар назар гирифтем, фарёд бизанем, ки Асвадро куштем. Ва ҳамин назарияро дар ҳангоми тулӯи фаҷр ба марҳилаи амал даровардем. Пас аз тулӯи фаҷр, шиореро, ки қарор буд, бо садои баланд эълом кардем ва дар охири ин фарёд, мусалмонон ва куффор расиданд ва аз вуқӯи қазияи бузурге иттилоъ пайдо карданд.

Дайлами гӯяд: Сипас шурӯъ кардам ба азон гуфтан ва бо садои баланд гуфтам: “Ашҳаду анна Муҳаммадан Расулуллоҳ” ва эълом кардам, ки “Ъиҳла” яъне Асвади каззоб дурӯғ мегуфт ва бидуни ҳақ худро пайғамбар муаррифӣ мекард. Дар ин мавқеъ, сари ӯро ба тарафи мардум афкандам. Пас аз ин ҷараён, гурӯҳе аз нигаҳбонони вай, ки кушта шудани

вайро мушоҳида карданд, шурӯъ карданд ба ғорати қасри вай ва ҳар чӣ дар он буд, ба яғмо бурданд, ва ба таври куллӣ дар як лаҳза он чӣ дар он кох ҷамъ шуда буд, аз байн рафт ва торумор шуд. Бад-ин тариқ як иддаои ботил ва дурӯғ, ки мӯҷиби қатли нуфуси бешуморе гардид нобуд шуд.

Пас аз ин, ба аҳли Санъо гуфтем, ҳар кас яке аз асҳоби Анасиро мушоҳида кард, дастгир кунад. Бад-ин тартиб, гурӯҳе аз ёрони Асвад тавқиф гардиданд. Ҳангоме ки тарафдорони Асвад аз ҷойгоҳи худ даромаданд, мушоҳида карданд, ки ҳафтод нафар аз руфақои онҳо нопадид мебошанд. Дӯстони Асвад ҷараёнро барои мо навиштанд. Мо низ барои онон навиштем он чиро, ки онҳо дар даст доранд барои мо вогузоранд ва мо низ он чиро дар ихтиёр дорем, ба замин хоҳем гузошт.

Ин пешниҳод ба марҳилаи амал даромад ва лекин ёрони Асвад баъд аз ин натавонистанд ҳамдигарро мулоқот кунанд ва тасмимоти ҷадиде бигиранд, ва мо комилан аз шарри онон осуда шудем. Асҳоби Асвад баъд аз кушта шудани вай, ба биёбонҳои байни Санъо ва Наҷрон паноҳ бурданд ва дигар аз мудохила дар умур мамнӯъ шуданд. Дар ин ҳангом куллияи уммол ва ҳуккоми ҳазрати Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ба тарафи маркази ҳукумат ва маҳалли худ рафтанд ва бори дигар авзоъ ва аҳвол ба ҳоли оддӣ баргашт.

Хабари кушта шудани Асвад ба суръат ба иттилои мусалмонон дар Мадинаи Мунаввара расид. Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунад: Дар шабе, ки Асвади каззоб кушта шуд, аз тариқи ваҳй хабари кушта шудани вай ба иттилои Набии Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) расид ва ҳазрат фармуданд: Анасӣ кушта шуд ва қатли вай ба як дасти муборак, ки аз як хонаводаи муборак мебошад воқеъ гардидааст. Мусалмонон аз ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) пурсиданд: Кадом мард вайро кушт? Фармуд: Фирӯз.

Айёми ҳукумат ва риёсати Асвад дар Яман ва ноҳияҳои он се моҳ ба тӯл анҷомид. Фирӯз гӯяд: Чун Асвадро куштем, авзоъ ва аҳвол ба сурати оддӣ даромад ва монанди рӯзҳои қабл аз вай, бори дигар амну оромиш сарзамини Яманро фаро гирифт. Маоз ибни Ҷабал, ки аз тарафи Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) имоми ҷамоати аҳли Яман буд ва дар давраи Асвад хонанишин шуда буд, бори дигар даъват шуд, ки намозро аз сар гирад ва иқомаи ҷамоат кунад. Мо аз ҳеч чиз бок надоштем ҷуз андаке аз саворони тарафдори

Асвад, ки дар атрофи Яман пароканда шуда буданд. Дар ин ҳангом ки авзоъ ва аҳвол ором шуда буд, хабари даргузашти Набии Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) расид ва бори дигар оромиш баҳам хӯрд ва ришгаи умур аз ҳам гусехта гардид.

Муборизаи эрониёни Яман бо гурӯҳе аз муртаддини араб

Қайс ибни Абдияғус, ки бо Фирӯз ва соири эрониёни муқими Яман бо Асвади каззоб мубориза мекард, пас аз даргузашти ҳазрати Расул муртад шуд ва бо Фирӯз ба ҷанг пардохт. Қайс ибни Абдияғус тасмим гирифт, ки нахуст Фирӯзро бикушад, зеро Фирӯз бо куштани каззоби Анасӣ дар миёни мардуми Яман шӯҳрате ба ҳам расонида буд ва аҳаммияти фавқулъодае барояш қоил буданд.

Қайс бо ҳила ва макр ва нақшаҳои шайтонӣ Фирӯзро шикаст дод ва бори дигар авзоъ ва аҳволи Яман, махсусан авзоъи мусалмонони эронӣ, парешон шуд ва мусалмонон ҳастаи марказӣ ва нигаҳбони ҳақиқӣ ва фидокори худро аз даст доданд.

Қайс ибни Абдияғус дар Яман аз се нафар мусалмон, ки ҳар се эронӣ буданд, тарс ва воҳима дошт ва инон иборат буданд аз: Фирӯз, Довудяҳ ва Ҷашиши Дайламӣ. Ҳангоме, ки хабари иртидоди Қайс ибни Абдияғус ба Мадина расид, Абӯбакр, ки тоза ба хилофат расида буд, ба чанд нафар нома навишт, ки аз Фирӯз ва мусалмонони эронӣ, ки мӯҷиби ҳалоки Асвади каззоб шуданд пуштибонӣ кунанд.

Қайс ҳангоме, ки шунид Абӯбакр чунин номае навишта, барои Зулкилоъ навишт, ки худ ва асҳобаш бо эрониён ҷанг кунанд ва ононро аз хоки Яман ихроҷ намоянд ва лекин Зулкилоъ ва ёронаш ба Қайс эътино накарданд ва пешниҳоди ӯро рад намуданд.

Қайс ҳангоме, ки дид касе ӯро ёрӣ намекунад, тасмим гирифт ба ҳар тариқ, ки шуда ҳарчанд бо макру фиреб, эрониёнро аз по дароварад ва Фирӯз, Довудяҳ ва Дайламиро, ки саркардагони онҳо ба шумор мераванд, бикушад.

Қайс барои асҳоби Асвади каззоб, ки дар кӯҳҳо пароканда буданд ва бо Фирӯз ва эрониён сахт душман буданд, даъватнома фиристод ва аз онон дархост намуд, ки бо Фирӯз ва эрониёни мусалмон ҷанг кунанд ва Қайсро ёрӣ намоянд. Дар асари ин даъват, ҷамоате аз асҳоби Асвади Анасӣ дар Санъо иҷтимоъ намуданд ва худро барои ҷанг бо эрониён омода сохтанд.

Дар ин ҳангом, аҳли Санъо аз ин ҷараён иттилоъ пайдо карданд ва аз асрор ва ҳақоиқи пушти парда, ки тавассути Қайс ибни Абдияғус анҷом мегирифт, мутталеъ шуданд.

Қайс бо Фирӯз ва Довудяҳ ба машварат пардохт ва бо макру ҳила авзоъ ва аҳволро бар онҳо воруна ҷилва дод ва аз ин ду нафар даъват кард, ки фардо бо ҳам ғизо бихӯранд. Инон низ даъвати вайро пазируфтанд ва қарор шуд дар мавъиди муқаррар дар манзили вай ҳозир шаванд.

Нахуст Довудяҳ ба хонаи Қайс ворид шуд ва билофосила тавассути гурӯҳе, ки қаблан омода шуда буданд, кушта шуд. Пас аз чанд лаҳза Фирӯз аз роҳ расид. Ҳамин ки вориди хона шуд, шунид, ки ду зан аз пушти бом бо ҳамдигар мегӯянд, ин мард ҳам алъон кушта хоҳад шуд, ҳамон тавр ки қабл аз расидани ӯ Довудяҳро куштанд.

Фирӯз пас аз шунидани ин сухан, билофосила аз манзил берун шуд ва ёрони Қайс чун инро диданд, вайро таъқиб карданд, лекин натавонистанд ӯро дарёбанд.

Фирӯз ба суръати тамом аз он атроф дур шуд ва дар байни роҳ Ҷашиши Дайламиро дид, ки вай барои ширкат дар ноҳор ба манзили Қайс меравад. Билофосила худро ба вай расонид ва ҷараёнро гуфт, ва бидуни диранг ҳар ду ба тарафи кӯҳи Хулон рафтанд ва дар он ҷо дар назди хешовандони Фирӯз қарор гирифтанд.

Фирӯз ва Ҷашиш ҳар ду аз кӯҳ боло рафтанд ва ёрони Қайс бо дидани ин вазъ муроҷиат намуданд. Дар ин ҳангом, ки Фирӯз аз Санъо берун шуда буд, бори дигар асҳоби Асвади Анасӣ ба фаъолият пардохтанд.

Пас аз истиқрори Фирӯз дар кӯҳи Хулон, гурӯҳе аз мусалмонони араб ва эронӣ бори дигар атрофи Фирӯзро гирифтанд. Фирӯз ҳамаи ин ҳаводисро ба Мадина гузориш дод.

Руасои қабоили араб аз ёрии Фирӯз ва эрониёни мусалмон даст бардоштанд ва роҳ бар Асвади каззоб гирифтанд. Қайс дастур дод, ҳамаи эрониёнро аз Яман ихроҷ кунанд ва ба онон дастур доданд ҳар чӣ зудтар ба сарзамини худ муроҷиат кунанд. Занон ва фарзандони Фирӯз ва Довудяҳро низ маҷбур карданд аз Яман берун равонд.

Ҳангоме, ки Фирӯз аз ин ҷараён иттилоъ пайдо кард, тасмим гирифт, ки бо Қайс ибни Абдияғус ҷанг кунад. Фирӯз барои чанд қабила аз аъроб навишт, ки вайро дар ҷанги муртаддин ёрӣ кунанд.

Дар ин мавқеъ гурӯҳе аз тоифаи Ақил, ки ба ҳимоят аз Фирӯз ва эрониён бархоста буданд, бар саворони Қайс, ки эрониёнро аз Яман берун мекарданд тохтанд ва эрониёнро аз дасти онон наҷот доданд.

Қабилаи Ак низ ба тарафдорӣ аз Фирӯз бапо хостанд ва муваффақ шуданд ҷамоати дигаре аз эрониёнро, ки дар асорати аъроби муртад қарор доштанд озод созанд. Қабилаи Ақил ва Ак муттафиқан мардони худро ба ёрии Фирӯз фиристоданд ва ҳамагон бар муртаддин, ки дар раъси онҳо Қайс қарор дошт, ҳамла оварданд. Дар натиҷа, Қайс ибни Абдияғус шикаст хӯрд ва аз майдони ҷанг фирор кард ва ёрони Асвади Анасӣ низ аз ҳам пошиданд.

Пас аз фирор кардани Қайс ва аз ҳам пошидани лашкариёни вай, худи ӯ саранҷом ба дасти муҳофизини Абиумайя асир шуд. Ӯро банд карда ба Мадина бурданд. Абӯбакр аз вай бозҷӯӣ кард, ки чаро Довудяҳи эрониро куштӣ? Гуфт: Ман ӯро накуштаам, вайро ба таври ниҳонӣ куштанд ва маълум нест кушандаи ӯ чӣ марде будааст. Абӯбакр низ сухани вайро пазируфт ва аз қатли ӯ даргузашт.

(*Поёни қисмати аввали навиштаи оқои Аторудӣ. Қисмати дуввуми навиштаи эшон дар бахши дуввуми китоб зикр хоҳад шуд. Маохиз ва манобеи ин қисмат низ дар поёни он қисмат хоҳад омад.*)

Чаро давлати сосонӣ шикаст хӯрд?

Масъалаи бархӯрди мусалмонон бо давлати Эрон ва саранҷом пирӯз шудани онон бар ҳукумати сосонӣ, яке аз масоиле буд, ки азамат ва воқеияти исломро дар назари эрониён беҳтар ҷилвагар месохт.

Дар рӯзгоре, ки мусалмонон бо давлати сосонӣ меҷангиданд, кишвари Эрон бо ҳамаи иғтишошот ва аз ҳам пошидагиҳое, ки дошт, аз назари низомӣ бисёр нерӯманд буд. Эрони он рӯз дар муқоиса бо мусалмонони он рӯз, тарафи нисбат набуд. Дар он замон ду қудрати дараҷаи аввал бар ҷаҳон ҳукумат мекард: Эрон ва Рум. Соири кишварҳо ё таҳти ҳимояти онҳо буданд ё боҷгузори онҳо. Эрониёни он рӯз чӣ аз назари сарбоз ва аслиҳа ва васоили ҷангӣ ва чӣ аз назари касрати ҷамъият ва чӣ аз назари озуқа ва таҷҳизот ва имконоти дигар, бартарии фавқулъодае нисбат ба мусалмонон доштанд. Мусалмонон ҳатто бо фунуни ҷангии он рӯз дар сатҳе, ки эрониён ва румиён ошно буданд, ошно набуданд. Мусалмонон

фунуни ҷангиро ба таври комил намедонистанд, аз ин рӯ аҳаде дар он замон наметавонист он шикасти азими Эронро ба дасти мусалмонон пешбинӣ кунад.

Дар ин ҷо мумкин аст гуфта шавад, ки иллати пирӯзии мусалмонон, шӯри имонӣ ва ҳадафҳои равшан ва имон ва эътиқоди онҳо ба рисолати торихиашон ва итминони комил ба пирӯзӣ ва билохира имон ва эътиқоди муҳками онон нисбат ба Худо ва рӯзи ҷазо буд.

Албатта дар ин ки ин ҳақиқат дар ин пирӯзӣ хеле дахил будааст ҳарфе нест. Фидокориҳо ва ҷонбозиҳои онон ва суханоне, ки аз онон дар он вақтҳо боқӣ монда нишон медиҳад, ки имони онон ба Худо ва қиёмат ва сидқи рисолати Набии Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ва рисолати торихии худашон, комил будааст. Мӯътақид будаанд ҷуз Худоро набояд парастиш кард ва миллатҳоеро, ки ғайри Худоро ба ҳар шакл ва ҳар сурат парастиш мекунанд, бояд наҷот дод. Барои худ рисолате қоил будаанд, ки тавҳиди илоҳӣ ва адли иҷтимоиро барқарор кунанд, табақоти мазлумро аз чанги табақоти ситамгар раҳо созанд.

Суханоне, ки дар мавоқеи мухталиф дар мақоми ташреҳи ҳадафҳои худ гуфтаанд, нишон медиҳад, ки сад дар сад огоҳона гом бармедоштаанд ва ҳадафи мушаххас ва муайяне доштаанд ва воқеан ба тамоми маъно наҳзатеро раҳбарӣ мекардаанд. Воқеан ончунон будаанд, ки Алӣ алайҳис-салом тавсиф мекунад:

وحملوا بصائرهم على اسيافهام

"Ҳамоно бинишҳои равшани хешро бар дӯши шамшерҳои хеш ҳамл мекарданд". (Наҳҷул-балоға, хутбаи 148) Аммо ҷирахорони истеъмор ноҷавонмардона наҳзати исломиро дар радифи ҳамлаи Искандар ва муғул қарор медиҳанд.

Вале танҳо қудрати руҳӣ ва имонии онон кофӣ набуд, ки чунин футуҳоте насиби онҳо бишавад. Ҳар чӣ бошад, маҳол аст ҷамъияти каме, он ҳам бо он шароите, ки гуфтем, битавонад бо ҳукумате ҳамчун ҳукумати сосонӣ муқобила кунад ва онро ба куллӣ маҳву нобуд созад.

Ҷамъияти он рӯзи Эронро дар ҳудуди 140 милюн тахмин задаанд, ки гурӯҳи бешуморе аз онон сарбоз буданд, ва ҳол он ки тамоми сарбозони ислом дар ҷанги Эрону Рум ба шаст ҳазор нафар намерасиданд ва вазъ тавре буд, ки агар масалан эрониён ақибнишинӣ мекарданд, ин ҷамъият дар миёни мардуми Эрон гум мешуданд, вале бо ин ҳама — чунонки гуфтем — ҳукумати сосонӣ ба дасти ҳамин идда барои ҳамеша маҳву нобуд шуд.

Пас, иллати асосии шикасти Эронро дар ҷойи дигаре бояд ҷустуҷӯ кунем.

Норозӣ будани мардум

Ҳақиқат ин аст, ки муҳимтарин омили шикасти ҳукумати сосониро бояд норозӣ будани эрониён аз вазъи давлат ва ойин ва русуми иҷҳофомези он замон донист.

Ин нукта аз назари муаррихони шарқӣ ва ғарбӣ мусаллам аст, ки режими ҳукумат ва авзоъи иҷтимоӣ ва динии он рӯз ба қадре фосид ва хароб буд, ки тақрибан ҳамаи мардум аз он норозӣ буданд.

Ин норизоӣ ношӣ аз ҷараёнҳои чанд соли ахир баъд аз Хусрави Парвиз набуд, зеро агар руҳи мардуме ба асоси як режим ё як ойин хушбин бошад, норизоии муваққат сабаб намешавад, ки ҳангоме, ки душмани муштарак рӯ меоварад, он мардум наҷанганд. Баръакс, агар руҳи миллӣ зинда бошад, ҳарчанд авзоъи зоҳир хароб бошад, дар ин гуна мавоқеъ миллат худро ҷамъу ҷур мекунад, ихтилофоти дохилиро канор мегузорад ва якдаст ба дафъи душмани муштарак мепардозад, ҳамчунонки назири онро дар торих зиёд дидаем.

Маъмулан, ҳуҷуми душман сабаби иттиҳоди бештар ва аз миён рафтани ихтилофоти дохилӣ мешавад, аммо ин ба шарте аст, ки як руҳи зинда дар он мамлакат — ки аз мазҳаб ё ҳукумати онон сарчашма бигирад — вуҷуд дошта бошад.

Дар асри худамон мебинем, ки аъроб бо он ҳама ихтилофот ва тафриқаҳо, ки дар миёнашон ҳаст ва истеъмор ҳам онро доман мезанад, вуҷуди душмани муштарак, яъне “Исроил”, омили ваҳдати онҳо шудааст, қувваҳои ононро тадриҷан ҷамъу ҷур мекунад, шуъури онҳоро якдаст мекунад. Ин худ далел аст, ки як руҳи зинда дар ин миллат вуҷуд дорад.

Иҷтимои он рӯзи Эрон як иҷтимои табақотии аҷибе буд бо ҳамаи осоре, ки дар ин гуна иҷтимоъот ҳаст, то он ҷо, ки ҳатто оташкадаҳои табақоти мухталиф бо ҳам фарқ дошт. Фарз кунед, ки миёни мо масоҷиди ағниё аз масоҷиди фуқаро ҷудо бошад, чӣ руҳе дар мардум бедор мешавад?! Табақот баста буд, ҳеч кас ҳақ надошт аз табақае вориди табақаи дигар бишавад. Кешу қонуни он рӯз ҳаргиз иҷоза намедод, ки як баччаи кафшдӯз ва ё коргар

битавонад босавод бишавад. Таълим ва таъаллум танҳо дар инҳисори аъёнзодагон ва мӯбадзодагон буд.

Дини Зартушт дар асл ҳар чӣ буд, ба қадре дар дасти мӯбадҳо фосид шуда буд, ки миллати боҳуши Эрон ҳеч гоҳ наметавонист аз рӯйи самими қалб ба он ақида дошта бошад ва ҳатто — он чунонки муҳаққиқон гуфтаанд — агар ҳам ислом дар он вақт ба Эрон наомада буд, масеҳият тадриҷан Эронро мусаххар мекард ва зартуштигариро аз миён мебурд. Равшанфикрон ва босаводони он рӯзи Эрон ва ҳамчунин марокизи илмӣ ва фарҳангии Эрони он рӯзро масеҳиён ташкил медодаанд, на зартуштиён. Зартуштиён ончунон дучори ғурур ва таассубҳои хушк ва суннатҳои ғалат буданд, ки наметавонистанд дар бораи илм ва фарҳанг ва адолат ва озодӣ биандешанд. Ва дар воқеъ масеҳият беш аз зартуштигарӣ аз вуруди ислом ба Эрон зиён дид, зеро заминаи бисёр муносиберо аз даст дод.

Беалоқагии мардуми Эрон нисбат ба ҳукумат ва дастгоҳи динӣ ва руҳонияташон, сабаб мешуд, ки сарбозони онҳо дар ҷангҳо бо майлу рағбат алайҳи мусалмонон наҷанганд ва ҳатто дар бисёре аз маворид ба онҳо кӯмак кунанд.

Эдворд Броун (*Edward Browne*) дар ҷилди аввали "*Торихи адабии Эрон*", сафҳаи 299 мегӯяд:

"*Ин масъала (оё ислом ба зӯр ба Эрон таҳмил шуда ё эрониён ба рағбат исломро пазируфтаанд?)-ро профессор Орнулд, устоди дорулфununи Алигар, дар китоби нафиси худ дар бораи таълимоти ислом, ба ваҷҳи бисёр хубе собит намудааст. Орнулд ба бетобии мӯбадони бегузашти зартуштӣ ишора мекунад ва мегӯяд, мӯбадон на танҳо нисбат ба уламои соири адён, балки дар баробари куллияи фирқаҳои мухолифи Эрон ва монавиён ва маздакиён ва урафои масеҳӣ (гинустик) ва амсоли онҳо таассуб нишон медоданд ва бад-ин сабаб ба шиддат мавриди бемеҳрӣ ва нафрати ҷамоатҳои зиёде қарор гирифта буданд. Рафтори ситамгаронаи мӯбадон нисбат ба пайравони соири мазоҳиб ва адён сабаб шуд, ки дар бораи ойини Зартушт ва подшоҳоне, ки аз мазолими мӯбадон ҳимоят мекарданд, ҳисси бугз ва кинаи шадид дар дили бисёре аз шаҳрвандони Эрон барангехта шавад ва истилои араб ба манзилаи наҷот ва раҳоии Эрон аз чанголи зулм талаққӣ гардад*".

Эдворд Броун сипас ба суханони худ чунин идома медиҳад:

"*… Ва мусаллам аст, ки қисмати аъзами касоне, ки тағйири мазҳаб доданд, ба тиби хотир ва ба ихтиёр ва иродаи худашон буд. Пас аз шикасти Эрон дар Қодисия, филмасал чаҳор ҳазор сарбози*

дайламӣ (наздики баҳри Хазар) пас аз мушовира тасмим гирифтанд ба майли худ ислом оваранд ва ба қавми араб мулҳақ шаванд. Ин идда дар тасхири Ҷалуло ба тозиён кӯмак карданд ва сипас бо мусалмонон дар Куфа сукунат ихтиёр карданд ва ашхоси дигар низ гурӯҳ-гурӯҳ ба ризо ва рағбат ба ислом гаравиданд…"

Қонун ва ойин ва ҳукумати Эрон муқорини зуҳури ислом тавре буд, ки қотибаи миллати Эронро вомедошт барои мутобеат аз ҳукумат ва ойини тозае худро омода кунанд, ва ба ҳамин ҷиҳат буд, ки вақте Эрон ба дасти мусалмонон фатҳ шуд, мардуми Эрон илова бар ин ки аксуламали мухолифе аз худ нишон надоданд, худ барои пешрафти ислом заҳамоти тоқатфарсое кашиданд.

Оқои дуктур Соҳибуззамонӣ дар китоби "*Дебочае бар раҳбарӣ*" мегӯянд:

"*Тӯдаҳои мардум на танҳо дар худ дар баробари ҷозибаи ҷаҳонбинӣ ва идеулужии зидди табъизи табақотии ислом муқовимате эҳсос намекарданд, балки дуруст дар ормони он ҳамон чизеро меёфтанд, ки қарнҳо ба баҳои оҳу ашку хун харидор ва ҷоннисор ва муштоқи он буданд ва аташи онро аз қарнҳо дар худ эҳсос мекарданд…" (Дебочае бар раҳбарӣ, с.255*)

"*Тӯдаҳои насли аввали Эрон дар садри ислом, дар баробари ормони раҳоибахши ойини нав на танҳо бо шиорҳои таблиғотии мардумфиреби хушзоҳири беботин рӯ ба рӯ нагаштанд, на танҳо фақат Паёмбари ислом борҳо тасреҳ карда буд, ки: "Ман инсоне ҳамонанди шумо ҳастам" ва ё: "Байни сиёҳи ҳабашӣ ва сайиди қурайшӣ ҷуз ба парҳезкорӣ ва тақво тафовуте вуҷуд надорад", балки амалан низ равиши ҳукумати хулафои рошидин бавижа Алиро дар ҳадди хобу хаёли афсонаомезе, бепироятар аз он чӣ худ мехостанд ва орзуяшро дар дил доштанд содда ёфтанд… Яке аз ҳассостарин лаҳазоти барҳӯрди ин ду ҷаҳонбинӣ (барҳӯрди суннати мунҳатти сосонӣ ва ойини нав ислом)-ро дар басиҷи Алӣ ҳангоми лашкаркашӣ ба Шом бо кишоварзони озодшудаи эронии шаҳри Анбор бар соҳили Фурот меёбем. Ин барҳӯрд мӯҷиби тақрири яке аз шевотарин ва такондиҳандатарин хутбаҳои Алӣ аст, ки аз ин пешвои беназири торихи ҷаҳондорӣ ва сиёсат, барои ҳамеша барои ибрати раҳбарони ояндаи ҷаҳон бар ҷой мондааст… Нерӯи Ироқ ба сӯйи Шом басиҷ карда буд, деҳқонони шаҳри зебои Анбор бар соҳили Фурот ба ойини Эрони қадим саф баста буданд, то мавкиби ҳумоюни Амири мӯъминонро истиқбол кунанд. Чун навбат расид, пеш давиданд. Алиро, ки аз сарбозони дигар имтиёзе надошт, бо ҳалҳала ва шодбош ва шодӣ талаққӣ карданд. Он пешвои бузург аз расми таъзиму такрими эрониён нисбат ба пешвои хеш бо баёне*

пурлутф инчунин интиқод мекунад: "Парвардгори Мутаъол аз ин амал розӣ нест… Дар назари Амирулмӯъминин ҳам сахт нописанд ва макруҳ аст, аҳрор ва озодагон низ ҳаргиз ба чунин нанге тан дарнамедиҳанд… Фикр кунед оё хирадманд хашми Худовандро ба баҳои машаққат ва заҳмати хеш харидор аст?…" (Ҳамон манбаъ, с.267-27)

Оқои дуктур Соҳибуззамонӣ сипас чунин мегӯяд:

"*Ислом нуқтаи атферо дар фалсафаи раҳбарии тӯдаҳо ба миён кашида буд; "шубон"-ро барои ҳиросати "гала" медонист, на галаро барои итфои хуношомии шубони гургсират. Ислом ҳамосаи озодии тӯдаҳо ба шумор мерафт. Раҳбар барои мардум ё мардум барои раҳбар? Ин буд пурсиши тозае, ки ислом дар баробари фалсафаи сиёсии дунёи қадим ва Эрони сосонӣ ба вуҷуд оварда буд. Дар ҷангҳои ҳафтсадсолаи Эрон ва Рум ҳеч гоҳ чунин масъалае дар баробари тӯдаҳо матраҳ нагашта буд. Сиёсати худкомаи ҳар ду империтурӣ яке буд: мардум барои раҳбар, тӯдаҳо фидои табақоти мумтоз* (*Ҳамон манбаъ, с.272*)

"*Боргоҳи бепирояи Алӣ дар Куфа қарор дошт ва маволӣ ва эрониён бо он тамоси наздик доштанд. Соддагии онро танҳо ба васф намешуниданд, балки бо дидагони хеш ба хубӣ мединанд. Аз ин рӯ агар тӯдаҳои ситамдидаи эронӣ бад-ин даъват лаббайк гуфтанд, шигифтӣ надорад.." (Ҳамон манбаъ, с.323*)

Нуфузи ором ва тадричӣ

Ҳар чӣ рӯзгор мегузашт, бар алоқа ва иродати эрониён нисбат ба ислом ва бар рӯйоварии рӯзафзуни онон ба ислом ва тарки кешҳо ва ойинҳои қаблӣ ва одобу русуми пешин афзуда мешуд.

Беҳтарин мисол, адабиёти форсӣ аст. Ҳар чӣ замон гузаштааст, таъсири ислом ва Қуръон ва ҳадис дар адабиёти форсӣ бештар шудааст. Нуфузи ислом дар осори удабо ва шуаро ва ҳатто ҳукамои қуруни шашум ва ҳафтум ба баъд, бештар ва машҳудтар аст, то шуаро ва удабо ва ҳукамои қуруни севвум ва чаҳорум. Ин ҳақиқат аз муқоисаи осори Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ бо осори Мавлавӣ ва Саъдӣ ва Низомӣ ва Ҳофиз ва Ҷомӣ комилан ҳувайдост.

Дар муқаддимаи китоби "*Аҳодиси Маснавӣ*" (таълифи марҳум Бадеуззамони Фурӯзонфар) пас аз он ки мегӯяд: "*Аз қадимтарин аҳд, таъсири мазомини аҳодис дар шеъри порсӣ маҳсус аст*" ва ба ашъоре аз Рӯдакӣ истишҳод мекунад, мегӯяд:

“Аз охирҳои қарни чаҳорум, ки фарҳанги исломӣ интишори тамом ёфт ва мадорис дар нуқоти мухталиф таъсис шуд ва диёнати ислом бар соири адён голиб омад ва муқовимати зартуштиён дар ҳамаи билоди Эрон бо шикасти қатъӣ ва ниҳоӣ мувоҷеҳ гардид ва фарҳанги Эрон ба сибғаи исломӣ ҷилвагарӣ огоз ниҳод ва пояи таълимот бар асоси адабиёти арабӣ ва мабонии дини ислом қарор гирифт, биттабъ тавоҷҷӯҳи шуаро ва нависандагон ба нақли алфоз ва мазомини арабӣ фузунӣ гирифт ва калимот ва амсол ва ҳиками пешиниён (қабл аз ислом) дар назму наср камтар меомад; чунонки ба ҳасби муқоиса, дар сухани Дақиқӣ ва Фирдавсӣ ва дигар шуарои аҳди сомонӣ ва аввалҳои аҳди газнавӣ номи Зартушт ва Авасто ва Бузруҷмеҳр ва ҳиками вай бештар дида мешавад, то дар ашъори Унсурӣ ва Фаррухӣ ва Манучеҳрӣ, ки дар охирҳои қарни чаҳорум ва аввалҳои қарни панҷум мезистаанд”.

Низ торих нишон медиҳад, ки ҳар чӣ истиқлоли сиёсии эрониён бештар шуда, иқболи онҳо ба маънавиёт ва воқеиёти ислом фузунӣ ёфтааст.

Тоҳириён ва Оли Буя ва дигарон, ки нисбатан истиқлоли сиёсии комиле доштанд, ҳаргиз ба фикри ин наафтоданд, ки Авасторо дубора зинда кунанд ва дастуроти онро сармашқи зиндагии худ қарор диҳанд, балки баръакс бо талошҳои пайгир барои нашри ҳақоиқи исломӣ кӯшиш мекарданд.

Эрониён пас аз сад сол, ки аз фатҳи Эрон ба дасти мусалмонон гузашт, нерӯи низомии азиме ба вуҷуд оварданд. Дастгоҳи хилофати умавӣ дар асари иҷҳофот ва инҳирофот аз таълимоти исломӣ, мавриди беалоқагии умуми мусалмонон – ба ҷуз аъробе, ки рӯйи таассуби арабӣ гом бармедоштанд — воқеъ шуд. Эрониён бо қудрат ва нерӯи худ тавонистанд хилофатро аз хонадони умавӣ ба хонадони аббосӣ мунтақил кунанд. Қатъан дар он замон агар мехостанд ҳукумати мустақилли сиёсӣ ташкил диҳанд ва ё ойини куҳани хешро таҷдид кунанд, барои онон комилан мақдур буд, вале дар он вақт на ба фикри таъсиси ҳукумати мустақил дар баробари дастгоҳи хилофат афтоданд ва на ба фикри таҷдиди ойини куҳан ва дур афкандани ойини ҷадид. То он вақт тасаввур мекарданд бо тағйири хилофат аз дудмоне ба дудмони дигар, метавонанд ба орзуи худ, ки зиндагӣ дар зилли як ҳукумати динии исломӣ дар партави Қуръони Карим буд ноил гарданд.

То он ки давраи Банӣ Аббос пеш омад ва аз дудмони аббосӣ низ норозӣ шуданд. Дар давраи Банӣ Аббос ҷанг миёни Тоҳир ибни Ҳусайн ва сипоҳи эронӣ ба тарафдорӣ аз

Маъмун аз як тараф, ва Алӣ ибни Исо ва сипоҳиёни араб ба тарафдории Амин аз тарафи дигар воқеъ шуд. Ғалабаи Тоҳир ибни Ҳусайн бар сипоҳиёни тарафдори Амин бори дигар нишон дод, ки қудрати низомӣ дар ихтиёри эрониён аст. Дар айни ҳол, дар ин мавқеъ низ эрониён на ба фикри истиқлоли сиёсӣ афтоданд ва на ба фикри ин ки дини исломро канор бигузоранд. Эрониён ҳангоме ба фикри истиқлоли сиёсӣ афтоданд, ки аз ҳукуматҳои арабӣ ва ин ки онҳо як ҳукумати воқеан исломӣ бошанд, сад дар сад маъюс шуданд.

Аммо дар айни ҳол танҳо ба истиқлоли сиёсӣ қаноат карданд ва нисбат ба ойини муқаддаси ислом сахт вафодор монданд. Ағлаби эрониён дар давраи истиқлоли сиёсии Эрон мусалмон шудаанд. Истиқлоли сиёсии Эрон аз аввалҳои қарни севвуми ҳичрӣ шурӯъ шуд ва то он вақт ҳанӯз бисёре аз мардуми Эрон ба кешҳо ва ойинҳои қадим аз қабили зартуштӣ ва масеҳӣ ва собеӣ ва ҳатто будоӣ боқӣ буданд. Сафарномаҳое, ки дар қарни севвум ва чаҳорум навишта шуда ҳикоят мекунад, ки то он замонҳо дар Эрон оташкадаҳо ва калисоҳои фаровон вуҷуд доштааст, баъдҳо кам-кам аз адади онҳо коста шуда ва ҷойи онҳоро масоҷид гирифтааст.

Торихнависони исломӣ хонадонҳои чандеро аз эрониён ном мебаранд, ки то қарнҳои дуввум ва севвум, балки то қарни чаҳоруми ҳичрӣ ҳамчунон ба дини Зартушт боқӣ будаанд ва дар иҷтимои мусалмонон, мӯҳтарам мезистаанд ва сипас он динро тарк кардаанд. Мегӯянд: Сомон, ҷадди аълои Сомониён, ки аз набераҳои салотини сосонӣ аст ва худ аз бузургони Балх будааст, дар ҳудуди қарни дуввум, ва ҷадди аълои хонадони Қобус, ки онҳо низ ҳукумат ва фармонравоӣ ёфтанд дар қарни севвум, ва Меҳёри Дайламӣ, шоири забардаст ва маъруфи эронӣ дар охирҳои қарни чаҳоруми ҳичрӣ ба дини ислом гаравиданд.

Мардуми Табаристон ва қисматҳои шимолии Эрон то сесад сол пас аз ҳичрат ҳанӯз дини ҷадидро нашинохта буданд ва бо давлати хулафо ба душманӣ бармехостанд. Бештари мардуми Кирмон дар тамоми муддати хилофати умавиҳо зартуштӣ монданд ва дар рӯзгори Истахрӣ (соҳиби китоби "*Алмасолик вал-мамолик*") зартуштиёни Форс аксариятро ташкил медоданд. Мақдисӣ соҳиби китоби "*Аҳсанут-тақосим*" низ, ки аз муаррихон ва ҷуғрофинависони бузурги ҷаҳони ислом аст ва худ ба Эрон мусофират кардааст, дар сафҳаи 39 ва 420 ва 429 китоби худ, аз зартуштиёни Форс ва нуфузи бисёри онҳо ва

эҳтироми онҳо назди мусалмонон, ки аз соири аҳли зимма мӯҳтарамтар будаанд ёд кардааст.

Бино ба гуфтаи ин муаррих, дар ҷашнҳои зартуштиён дар он вақт ҳамаи бозорҳои шаҳрро озин мебастаанд ва дар идҳои Наврӯз ва Меҳргон мардуми шаҳр дар суруру шодӣ бо эшон ҳамоҳанг мешудаанд. Мақдисӣ дар сафҳаи 323 "*Аҳсанут-тақосим*" роҷеъ ба мазҳаби аҳли Хуросон мегӯяд: "*Дар он ҷо яҳудӣ бисёр аст ва масеҳӣ кам ва аснофе аз маҷус дар он ҷо ҳастанд*".

Масъудӣ, муаррихи исломӣ вафотёфта дар нимаи аввали қарни чаҳорум, ки ӯ низ ба Эрон мусофират кардааст ва бо ин, ки эронӣ нест, ба торихи Эрон ва осори Эрон алоқаи хоссе нишон медиҳад, дар китоби "*Атанбиҳ вал-ишроф*" сафаҳоти 91 ва 92 аз хонадони мӯҳтараме аз мардуми Истахр ном мебарад, ки китоби торихи ҷомеъе аз давраи Сосониён дар даст доштаанд ва Масъудӣ аз он китоб истифода кардааст. Масъудӣ ҳатто номи мӯбади замони худро мебарад. Маълум мешавад, мӯбади зартуштиён ба эътибори иддаи фаровони зартуштӣ шахсияти мумтозе ба шумор меомадааст.

Масъудӣ дар ҷилди аввали "*Муруҷуз-заҳаб*" сафҳаи 382 таҳти унвони "*Фи зикрил-ахбор ъан буютин-нирон ва ғайриҳо*" аз оташкадаҳои Зартушт ёд мекунад. Аз он ҷумла аз оташкадае дар Доробҷурд ном мебарад ва мегӯяд: "*Дар ин торих, ки соли 332 ҳиҷрӣ аст, он оташкада мавҷуд аст ва маҷус он андоза, ки ба оташи он оташкада эҳтиром мегузоранд ва онро таъзиму тақдис мекунанд, оташи ҳеч оташкадаи дигарро чунин таъзим намекунанд*".

Инҳо ҳама мерасонад, ки — чунонки гуфтем — эрониён тадриҷан исломро пазируфтаанд ва ислом тадриҷан ва махсусан дар давраҳои истиқлоли сиёсии Эрон бар кеши зартуштӣ ғалаба кардааст. Аҷиб ин аст, ки зартуштиён дар садри ислом, ки давраи сиёдати сиёсии араб аст, озодӣ ва эҳтироми бештаре доштаанд аз давраҳои мутааххиртар, ки худи эрониён ҳукуматро ба даст гирифтаанд. Ҳар андоза, ки эрониён мусалмон мешуданд, ақаллияти зартуштӣ вазъи номуносибтаре пайдо мекард ва эрониёни мусалмон аз аъроби мусалмон таассуби бештаре алайҳи зартуштигарӣ иброз медоштанд ва зоҳиран ҳамин таассуботи эрониёни тозамусалмон сабаб шуд, ки иддае аз зартуштиён аз Эрон ба Ҳинд муҳоҷират карданд ва ақаллияти порсиёни Ҳиндро ташкил доданд.

Дар ин ҷо бад нест сухани Мистер Фрой, нависандаи китоби "*Мероси бостонии Эрон*"-ро аз сафҳаи 396 он китоб нақл кунем. Ӯ мегӯяд:

“Аз манобеи исломӣ чунин бармеояд, ки Истахр дар Форс, ки яке аз ду конуни ойини зартуштӣ дар Эрони сосонӣ (конуни дигараш дар Шизи Озарбойҷон) буд, дар рӯзгори ислом низ ҳамчунон шукуфон монд. Андак-андак шабакаи оташгоҳҳо бо кам шудани зартуштиён рӯ ба костӣ ниҳод. Бо ин ҳама, бештари мардуми Форс то қарни даҳуми мелодӣ ҳамчунон ба ойини Зартушт вафодор монданд ва пас аз он то рӯзгори кишваргушоии Салҷуқиён дар садаи ёздаҳум боз гурӯҳи анбӯҳе зартуштӣ дар Форс мезиистанд. Шарҳи ҷолибе аз пайкор миёни мусалмонон ва зартуштиён дар шаҳри Козирун дар замони Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Шаҳриёр ал-Козирунӣ, ки бунёнгузори яке аз фирқаҳои мутасаввифон аст ва дар соли 1034 мелодӣ даргузаштааст, дар даст дорем.

Бисёре аз зартуштиён ба роҳнамоии ин шайх ба ислом гаравиданд, вале аз ин китоб (китоби “Муъҷамул-булдон”-и Ёқут) ва низ аз китобҳои дигари исломӣ чунин бармеояд, ки мавқеияти зартуштиён ҳамчунон устувор будааст.

Омили Козирун дар рӯзгори Оли Буя, ки аз он ҷо бар саросари Форс фармон меронд, зартуштӣ буд ва Хуршед ном дошт. Вай дар дидаи фармонравои буяи Шероз чунон пойгоҳи баланде дошт, ки ин шоҳзодаи буяӣ фармон дод, то Шайх Козирунӣ назди ӯ биравад ва сарзаниишҳои ӯро ба сабаби ошӯбе, ки барои мусалмон кардани мардум барпо карда буд, бишинавад”. (с.117-121)

Мусалмонон ва зартуштиён ду гурӯҳи умдаи форсӣ буданд ва масеҳиён ва яҳуд бисёр андак буданд. Дар сафҳаи 399 менависад:

“Ҳар чӣ бар домanаи андешаҳои исломӣ афзуда мешуд, ҷунбишҳои гуногун монанди сӯфигарӣ ва шиъагарӣ равнақ меёфт ва дар натиҷа паноҳгоҳе барои эрониёне, ки наметавонистанд аз андешаҳои кӯтоҳ ва тавсиъанаёфтаи зартуштӣ пайравӣ кунанд, падид меомад. Ҳангоме ки фармонравоёни дайламии Эрон ба ташайюъ гаравиданд ва бахшҳои гарбии Эронро аз дасти халифа ба дар бурданд ва саранҷом дар соли 945 мелодӣ (334 ҳиҷрӣ) бар Багдод даст ёфтанд, ойини Зартушт рӯ ба завол ниҳод. Дигар Оли Буя ислом ва забони арабиро баргузиданд, зеро ки ин ҳар ду ҷанбаи байналмилалӣ гирифта буд ва ҳол он ки зартуштиён ба маҳаллоти махсуси зартуштинишин ронда шуда буданд. Чунин менамояд, ки рӯйи ҳам рафта Оли Буяи шиъамазҳаб дар баробари пайравони мазҳабҳои дигар мусомиҳа ва бурдборӣ пеша карда буданд, зеро хулафои суннӣ ва бисёре аз гумоштагони расмии суннимазҳабро бар сари корҳо бар ҷой мегузоштанд. Чунонки гуфтем, омили зартуштии Козирун низ аз ҷумлаи ин гуна касон буд. Аммо Оли Буя

бештар дилбастагӣ ба суннатҳои арабии хонадони Алӣ алайҳис-салом ва фарҳанги исломӣ доштанд, то ба сарбаландиҳои гузаштаи Эрон. Масалан, Азудуддавла, яке аз подшоҳони Оли Буя, дар соли 955 мелодӣ (344 ҳиҷрӣ) дастур дод, то катибае дар Тахти Ҷамшед ба арабӣ бикунанд".

Чӣ омиле сабаб шуд, ки қарнҳо баъд аз заволи сиёдати сиёсии араб, мардуми Эрон гароиши бештаре нисбат ба ислом нишон бидиҳанд? Оё чуз ҷозибаи ислом ва созгории он бо руҳи эронӣ чизи дигаре дар кор будааст?

Худи ҳукуматҳои мустақилли эронӣ, ки аз лиҳози сиёсӣ душмани ҳукуматҳои арабӣ буданд, беш аз ҳукуматҳои арабӣ посдори ислом ва муайид ва мураввиҷи уламои ислом ва мушаввиқи хидматгузорони ислом буданд. Донишмандонро дар таълиф ва таснифи китобҳои исломӣ ва дар таълими улуми исломӣ кӯмак мекарданд.

Шӯру ҳаяҷоне, ки эрониён нисбат ба ислом ва улуми исломӣ дар тӯли чаҳордаҳ қарни ислом ҳатто дар ду қарни аввал — ки Сэр Ҷон Малкуми англисӣ (*John Malcolm*) номи онҳоро "*Ду қарни сукут*" гузоштааст — нишон доданд, ҳам аз назари ислом бесобиқа буд ва ҳам аз назари Эрон. Яъне на миллати дигаре ғайр аз эронӣ он қадр шӯру ҳаяҷон ва ишқ ва хидмат нисбат ба ислом нишон додааст ва на эрониён дар давраи дигаре барои ҳадафи дигаре (чӣ миллӣ ва чӣ мазҳабӣ) ин қадр шӯру ҳаяҷон нишон додаанд.

Эрониён пас аз истиқлол бидуни ҳеч музоҳимате метавонистанд ойин ва русуми куҳани худро эҳё кунанд, вале накарданд, балки бештар ба он пушт карданд ва ба ислом рӯ оварданд, чаро? Чун онҳо исломро бо ақл ва андеша ва хостаҳои фитрии худ созгор медиданд, ҳеч гоҳ хаёли тағдиди ойин ва русумеро, ки солҳо мӯҷиби азоби руҳии онон буд, дар сар намепарваронданд ва ин суннате аст, ки тибқи шаҳодати торих дар тӯли ин чаҳордаҳ қарне, ки ислом ба Эрон омадааст ҳамчунон боқӣ ва побарҷост. Ва агар мулоҳиза мекунед, ки афроди маъдуди маълумулҳоле дар ин рӯзгор ва аҳёнан замонҳои гузашта сухан аз тағдиди ойин ва русуми қадим ба миён овардаанд, набояд онҳоро ба ҳисоби миллати Эрон овард. Зеро ки эрониён — ҳамон тавр ки пас аз ин низ муфассалан шарҳ хоҳем дод — борҳо нишон додаанд, ки аз худи аъроб исломро бо руҳиёти худ созгортар донистаанд ва далели он ин ҳама хадамоти содиқонае аст, ки онон дар тӯли ин чаҳордаҳ қарн ба ислом ва Қуръон намудаанд; хадамоте, ки бо ихлос ва имони аҷибе ҳамроҳ будааст ва мо ба ёрии Худо дар сафаҳоти оянда шарҳи нисбатан ҷомеъе перомуни бархе аз

хадамоти арзандаи онон хоҳем дод, то ҳамагон бидонанд, ки миллати Эрон чӣ гуна бо ҷону дил ойини мусалмониро пазируфта ва онро мувофиқ бо ақл ва андеша ва танҳо посухгӯи хостаҳои виҷдонии худ донистааст. Ва ҳамин ҳақиқат аст, ки моро ба ёди фармоиши Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) меандозад, ки фармуд:

"*Ба Худо қасам, ман рӯзеро мебинам, ки ҳамин эрониён, ки шумо барои ислом бо онон меҷангед, бо шумо биҷанганд, то шуморо мусалмон кунанд*".

Ду ҷараён дар Эрон пеш омада ва сабаб шудааст, ки иддае — дониста ё надониста — муғолата кунанд ва онҳоро навъе муқовимат ва аксуламали мухолиф аз тарафи эрониён дар муқобили ислом ва лоақал дар муқобили аъроб қаламдод кунанд: эҳёи забони форсӣ ва дигар мазҳаби ташайюъ. Аз ин рӯ лозим аст мо дар бораи ин ду падида, ки яке ба забони расмии мо марбут аст ва дигаре ба мазҳаби расмии Эрон, то он ҷо, ки бо ин масъала иртибот дорад, баҳсу таҳқиқ намоем.

Забони форсӣ

Яке аз масоиле, ки баҳона қарор дода шуда то ойини мусалмониро бар эрониён таҳмилӣ нишон диҳанд ин аст, ки мегӯянд: эрониён дар тӯли ин торих забони худро ҳифз карданд ва онро дар забони арабӣ маҳву нобуд насохтанд.

Шигифто! Магар пазируфтани ислом мусталзими ин аст, ки аҳли як забон забони худро канор бигузоранд ва ба арабӣ сухан гӯянд? Шумо дар куҷои Қуръон ё ривоёт ва қавонини ислом чунин чизеро метавонед пайдо кунед?

Усулан, дар мазҳаби ислом, ки ойини ҳамагонӣ аст, масъалаи забон матраҳ нест. Эрониён ҳаргиз дар мухайялаашон хутур намекард, ки такаллум ва эҳёи забони форсӣ мухолифи усули ислом аст. Ва набояд ҳам хутур мекард.

Агар эҳёи забони форсӣ ба хотири мубориза бо ислом буд, чаро ҳамин эрониён ин қадр дар эҳёи луғати арабӣ, қоидаҳои забони арабӣ, сарфу наҳви арабӣ, маъонӣ ва баён ва фасоҳат ва балоғати забони арабӣ кӯшиш карданд ва ҷиддият намуданд? Ҳаргиз аъроб ба қадри эрониён ба забони арабӣ хидмат накардаанд. Агар эҳёи забони форсӣ ба хотири мубориза бо ислом ё араб ё забони арабӣ мебуд, мардуми Эрон ба ҷойи ин ҳама китоби луғат ва дастури забон ва қоидаҳои фасоҳат ва балоғат барои забони арабӣ, китобҳои луғат

ва дастури забон ва қоидаҳои балоғат барои забони форсӣ менавиштанд ва ё лоақал аз тарвиҷ ва таъйид ва ишоъаи забони арабӣ худдорӣ мекарданд. Эрониён на таваҷҷӯҳашон ба забони форсӣ ба унвони зиддият бо ислом ё араб буд ва на забони арабиро забони бегона медонистанд. Онҳо забони арабиро забони ислом медонистанд, на забони қавми араб. Ва чун исломро мутааллиқ ба ҳама медонистанд, забони арабиро низ мутааллиқ ба худ ва ҳамаи мусалмонон медонистанд.

Ҳақиқат ин аст, ки агар забонҳои дигар — аз қабили форсӣ, туркӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ — забони як қавм ва миллат аст, забони арабӣ танҳо забони як китоб аст. Масалан, забони форсӣ забонест, ки тааллуқ дорад ба як қавм ва як миллат. Афроде бешумор дар ҳаёт ва бақои он саҳим будаанд. Ҳар як аз онҳо ба танҳоӣ агар набуданд, боз забони форсӣ дар ҷаҳон буд. Забони форсӣ забони ҳеч кас ва ҳеч китоб ба танҳоӣ нест; на забони Фирдавсӣ аст ва на забони Рӯдакӣ ва на Низомӣ ва на Саъдӣ ва на Мавлавӣ ва на Ҳофиз ва на ҳеч каси дигар. Забони ҳама аст. Вале забони арабӣ фақат забони як китоб аст ба номи Қуръон. Қуръон танҳо нигаҳдоранда ва ҳофиз ва омили ҳаёт ва бақои ин забон аст. Тамоми осоре, ки ба ин забон ба вуҷуд омада, дар партави Қуръон ва ба хотири Қуръон будааст. Улуми дастурӣ, ки барои ин забон ба вуҷуд омада, ба хотири Қуръон будааст.

Касоне, ки ба ин забон хидмат кардаанд ва китоб навиштаанд, ба хотири Қуръон будааст. Китобҳои фалсафӣ, ирфонӣ, торихӣ, тиббӣ, риёзӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра, ки ба ин забон тарҷума ё таълиф шуда, фақат ба хотири Қуръон аст. Пас, ҳаққан забони арабӣ забони як китоб аст, на забони як қавм ва як миллат.

Агар афроди барҷастае барои ин забон эҳтироми бештаре аз забони модарии худ қоил буданд, аз ин ҷиҳат буд, ки ин забонро мутааллиқ ба як қавми муайян намедонистанд, балки онро забони ойини худ медонистанд, ва аз ин рӯ, ин корро тавҳин ба миллат ва миллияти худ намешумурданд. Эҳсоси афроди милали ғайри араб ин буд, ки забони арабӣ забони дин аст ва забони модарии онҳо забони миллат.

Мавлавӣ пас аз чанд шеъри маъруфи худ дар Маснавӣ, ки ба арабӣ сурудааст:

Уқтулунӣ, уқтулунӣ, ё сиқот!

Инна фи қатлӣ ҳаётан фӣ ҳаёт

— мегӯяд:

Порсӣ гӯ, гарчи тозӣ хуштар аст,

Ишқро худ сад забони дигар аст.

Мавлавӣ дар ин шеър забони арабиро бар забони форсӣ, ки забони модарии ӯст тарҷеҳ медиҳад, ба ин далел, ки забони арабӣ забони дин аст.

Саъдӣ дар боби панҷуми "*Гулистон*" ҳикояте ба сурати муҳовира бо як ҷавони кошғарӣ — ки муқаддимаи наҳви Замахшарӣ мехондааст — сохтааст. Дар он ҳикоят аз забони форсӣ ва арабӣ чунон ёд мекунад, ки забони форсӣ забони мардуми авом аст ва забони арабӣ забони аҳли фазлу дониш.

Ҳофиз дар ғазали маъруфи худ мегӯяд:

Агарчи арзи ҳунар пеши ёр беадабист,

Забон хамӯш, валекин даҳон пур аз арабист.

Ислом — чунонки пеш аз ин гуфтем — ба миллат ё қавм ва дастаи махсусе таваҷҷӯҳ надорад, ки бихоҳад забони онҳоро расмӣ бишносад ва забони қавми дигарро аз расмият биандозад.

Зайд ибни Собит — ба нақли Масъудӣ дар "*Аттанбиҳу вал-ишроф*" — ба дастури Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) забонҳои форсӣ, румӣ, қибтӣ, ҳабаширо аз афроде, ки дар Мадина буданд ва яке аз ин забонҳоро медонистанд омӯхта буд ва симати мутарҷимии Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)-ро дошт. Дар таворих нақл шудааст, ки ҳазрати Алӣ алайҳис-салом гоҳе ба форсӣ такаллум мекардаанд.

Ба таври куллӣ, ойин ва қонуне, ки мутааллиқ ба ҳамаи афроди башар аст, наметавонад рӯйи забони махсусе такя кунад, балки ҳар миллате бо хатту забони худ — ки хоҳ нохоҳ мазҳари як навъ фикр ва завқ ва салиқа аст — метавонад бидуни ҳеч монеъ ва родеъе аз он пайравӣ кунад.

Бинобар ин, агар мебинед эрониён пас аз қабули ислом, боз ба забони форсӣ такаллум карданд, ҳеч ҷойи тааҷҷуб ва шигифтӣ нест, ва ба таъбири дигар, ин ду ба якдигар рабте надорад, ки муғризон онро нишонаи адами тамоюли эрониён ба ислом бидонанд.

Усулан, танаввӯи забон, илова бар ин ки монеи пазириши ислом нест, василае барои пешрафти бештари ин дин ҳам маҳсуб мешавад; чаро ки ҳар забоне метавонад ба василаи зебоиҳои махсуси худ ва қудрати махсуси худ хидмати ҷудогонае ба ислом бинамояд. Яке

аз муваффақиятҳои ислом ин аст, ки милали мухталиф бо забонҳо ва фарҳангҳои гуногун онро пазируфтаанд ва ҳар як ба саҳми худ ва бо завқ ва фарҳанг ва забони махсуси худ хадамоте кардаанд.

Агар забони форсӣ аз миён рафта буд, мо имрӯз осори гаронбаҳо ва шоҳкорҳои исломии арзандае ҳамчун Маснавӣ ва Гулистон ва девони Ҳофиз ва Низомӣ ва садҳо асари зебои дигар, ки дар саросари онҳо мафоҳими исломӣ ва қуръонӣ мавҷ мезанад ва пайванди исломро бо забони форсӣ ҷовид сохтаанд, надоштем.

Чӣ хуб буд, ки чанд забони дигар ҳамчун забони форсӣ дар миёни мусалмонон вуҷуд дошт, ки ҳар як метавонистанд бо истеъдоди махсуси худ ба ислом хидмати ҷудогонае бинамоянд. Ин аввалан.

Сониян, забони форсиро чӣ касоне ва чӣ авомиле зинда нигоҳ доштанд? Оё воқеан эрониҳо худашон забони форсиро эҳё карданд ё аносури ғайри эронӣ дар ин кор беш аз эрониҳо дахолат доштанд? Ва оё ҳисси миллияти эронӣ омили ин кор буд ё як силсила авомили сиёсӣ, ки рабте ба миллияти эронӣ надошт?

Тибқи шавоҳиди торихӣ Банӣ Аббос, ки аз решаи араб ва арабнажод буданд, аз худи эрониҳо бештар забони форсиро тарвиҷ мекарданд. Ва ин бад-он ҷиҳат буд, ки онҳо барои мубориза бо Банӣ Умайя, ки сиёсаташон арабӣ буд ва бар асоси тафаввуқи араб бар ғайри араб, сиёсати зидди арабӣ пеша карданд. Ва ба ҳамин далел аст, ки аъроби носиюнолист ва унсурпарасти имрӯз Банӣ Умайяро мавриди таҷлил қарор медиҳанд ва аз Банӣ Аббос каму беш интиқод мекунанд.

Банӣ Аббос ба хотири мубориза бо Банӣ Умайя, ки асоси сиёсаташон қавмият ва нажод ва унсурпарастии арабӣ буд, бо арабият ва ҳар чӣ мӯҷиби тафаввуқи араб бар ғайри араб буд, мубориза мекарданд, унсури ғайри арабро тақвият мекарданд ва умуреро, ки сабаб мешуд камтар ғайри араб таҳти таъсири араб қарор бигиранд низ тақвият мекарданд. Ва ба ҳамин ҷиҳат, ба тарвиҷи забони форсӣ пардохтанд ва ҳатто бо забони арабӣ мубориза карданд.

Иброҳими Имом, ки поягузори силсилаи Банӣ Аббос аст, ба Абӯмуслими Хуросонӣ навишт:

"Коре бикун, ки як нафар дар Эрон ба арабӣ сӯҳбат накунад ва ҳар касро, ки дидӣ ба арабӣ сухан мегӯяд, бикуш". (Нақл аз Миқризӣ)

Мистер Фрой дар сафҳаи 387 китоби худ мегӯяд:

"*Ба ақидаи ман, худи тозиён дар густариши забони форсӣ дар машриқ ёрӣ кардаанд, ва ин худ мӯҷиби барафтодани забони сугдӣ ва лаҳҷаҳои дигари он сарзамин шуд*".

Дар "*Райҳонатул-адаб*" менависад:

"*Дар соли 170 ҳиҷрӣ, ки Маъмун ба Хуросон рафт ва ҳар як аз афозили ноҳияҳо ба василаи хидмате ва мидҳате тақарруб меҷустаанд, Абулаббоси Марвазӣ низ, ки дар суханварӣ ба ҳар ду забони тозӣ ва дарӣ маҳорате бениҳоят дошт, мидҳати мулмаъе махлут аз калимоти форсӣ ва арабӣ назм ва дар ҳузури Маъмун иншо кард ва бас писандидаи табъ шуд ва ба инъоми ҳазор динор ба таври истимрор қарини ифтихор гардид. Аз он пас, форсизабонон бад-он шева рағбат карданд ва тариқаи назми форсиро, ки баъд аз галабаи араб матрук буда маслук доштанд.*

Аз абёти қасидаи ӯ дар мадҳи Маъмун:

Эй расонида ба давлат фарқи худ бар фирқадайн

Густаронида ба фазли вуҷуд бар олам ядайн

Мар хилофатро ту шоиста чу мардум дидаро

Дини Яздонро ту боиста чу рухро ҳар ду айн

Кас бад-ин минвол пеш аз ман чунин шеъре нагуфт

Мар забони порсиро ҳаст бо ин навъ байн

Лек аз он гуфтам ман ин мидҳат туро то ин луғат

Гирад аз мадҳу санои ҳазрати ту зебу зайн."

(*Райҳонатул-адаб, с.181*)

Аз тарафи дигар, дар тӯли торих бисёре аз эрониёни эронинажоди мусалмонро мебинем, ки чандон рағбате ба забони форсӣ нишон намедоданд. Масалан, Тоҳириён ва Даёлима, ки ҳама аз нажоди эронии холис будаанд, дар роҳи пешбурди забони форсӣ кӯшиш намекарданд, ва ҳол он ки Ғазнавиён, ки аз нажоди ғайри эронӣ буданд, василаи эҳёи забони форсӣ гаштанд. Мистер Фрой дар сафҳаи 403 китоби "*Мероси бостонии Эрон*" мегӯяд:

"*Медонем, ки Тоҳириён ҳавохоҳи ба кор бурдани забони арабӣ дар дарборашон дар Нишопур буданд…*"

Қаблан сухани ҳамини мусташриқро дар бораи рӯй овардани Дайламиён ба забони арабӣ нақл кардем.

Сомониён — чунонки гуфтаанд- аз насли Баҳроми Чӯбин, сипаҳсолори маъруфи давраи сосонӣ будаанд. Ин силсила аз салотин, аз мусалмонтарин ва ҳам додгустартарин салотини Эрон ба шумор мераванд, нисбат ба ислом ва шаъоири исломӣ ниҳояти алоқамандиро доштаанд.

Дар муқаддимаи пурмағзи китоби "*Аҳодиси Маснавӣ*" зимни ташреҳи нуфузи тадриҷии аҳодиси набавӣ дар ҳамаи шуъуни илмӣ ва адабии ҷаҳони ислом, ба нақл аз "*Ансоб*"-и Самъонӣ мегӯяд:

"*Ва бисёре аз умаро ва вузаро, ки мушаввиқи шуаро ва ҳомии куттоб ва нависандагон буданд, худ аз руввоти (ровиёни) ҳадис ба шумор мерафтанд, чунонки аз умаро ва шаҳриёрони сомонӣ Амир Аҳмад ибни Асад ибни Сомон (вафотёфта дар соли 250 ҳ.қ) ва фарзандони вай Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад (вафотёфта дар моҳи сафари 295 ҳ.қ) ва Абулҳасан Наср ибни Аҳмад (вафотёфта дар ҷамодиулохири 279 ҳ.қ) ва Абӯяъқуб Исҳоқ ибни Аҳмад (вафотёфта дар 21 сафври 301 ҳ.қ) дар табақоти рувот зикр шудаанд ва Абулфазл Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ, вазири машҳури Сомониён (вафотёфта дар 10-уми сафари 319) ривояти ҳадис мекардааст ва Амир Иброҳим ибни Абӯимрони Симҷур ва писари ӯ Абулҳасан Носируддавла Муҳаммад ибни Иброҳим аз акобири умарои сомонӣ ва солори Хуросон дар ъидоди (шумори) руввоти ҳадис ба шуморанд, ва Абуалӣ Музаффар (ё Муҳаммад) ибни Абулҳасан (мақтул дар рачаби 388), ки амири Хуросон буд ва даъвии истиқлол мекард, ровии ҳадис буд ва маҷлиси имло дошт ва Абӯабдуллоҳ Ҳоким ибни Албиъ (соҳиби китоби маъруфи "Мустадрак", вафотёфта дар 405) аз вай самоъ доштааст*".

Дар дастгоҳи Ғазнавиёни туркнажоди мутаассиб забони форсӣ рушду нузҷ ёфт. Инҳо мерасонад, ки иллатҳо ва авомили дигаре ғайр аз таассуботи миллӣ ва қавмӣ дар эҳё ва ибқои забони форсӣ дахолат доштааст. Бале, Саффориён таваҷҷӯҳашон ба забони форсӣ будааст, оё иллати ин амр навъе таассуби эронӣ ва зидди арабӣ будааст ё чизи дигар?

Мистер Фрой мегӯяд:

"*Шояд дудмони саффорӣ, ки таборе аз мардуми фурӯдаст доштанд, форсии навинро пешрафт доданд, зеро ки Яъқуб, поягузори он, арабӣ намедонист ва бино ба ривояте хоҳони он буд, ки шеър ба забоне суруда шавад, ки вай дарёбад*".

Бинобар ин, иллати таваҷҷӯҳи бештари саффориён ба забони форсӣ, оммӣ ва бесавод будани онҳост. Мистер Фрой пас аз он ки ба як наҳзати форсии махлут ба арабӣ дар замони Сомониён ишора мекунад, мегӯяд:

"*Адабиёти навини форсӣ (форсии махлут бо луғоти арабӣ) ношӣ аз шӯриш бар зидди ислом ё арабӣ набуд. Мазмунҳои зартуштӣ, ки дар шеър омадааст, вобаста ба шеваи росихи замон буда ва набояд онро нишонаи имони мардум ба ойини Зартушт донист. Афсӯси гузашта хӯрдан дар он рӯзгор бисёр ривоҷ дошт. Ба вижа дар миёни шоироне, ки руҳе ҳассос доштанд, ин андӯҳи гузашта маъмултар буд, аммо дигар бозгашт ба гузашта ношуданӣ буд. Забони форсии навин яке аз забонҳои исломии ҳампояи арабӣ гашта буд. Шак нест, ки акнун ислом аз такя бар забони арабӣ бениёз гашта буд. Дигар ислом дорои миллатҳои бисёр ва фарҳанге ҷаҳонӣ гашта буд ва Эрон дар гардондани фарҳанги исломӣ нақше бузург дошт*".

Мистер Фрой дар сафҳаи 400 китоби худ, дар бораи вуруди вожаҳои арабӣ ба забони форсӣ ва таъсироти он, таҳти унвони "*Огози зиндагии навини Эрон*" чунин мегӯяд:

"*Дар бархе фарҳангҳо, забон бештар аз дин ё ҷомеа, дар идома ёфтан ё барҷой мондани он фарҳанг аҳаммият дорад. Ин асл бо фарҳанги Эрон рост меояд, зеро ки бешак дар пайвастагии забони форсии миёна (форсии аҳди сосонӣ) ва форсии навин (форсии давраи исломӣ) наметавон тардид раво дошт. Бо ин ҳама, ин ду яке нестанд. Бузургтарин фарқ миёни ин ду забон, роҳ ёфтани бисёре вожаҳои арабӣ аст дар форсии навин, ки ин забонро аз назари адабиёт нерӯе бахшида ва онро ҷаҳонгир кардааст. Ва ин бартариро дар забони паҳлавӣ наметавон ёфт. Ба ростӣ, ки арабӣ форсии навинро тавонгар сохт ва онро тавонои падид овардани адабиёте шукуфон бавижа дар таҳияи шеър сохт, чунонки шеъри форсӣ дар поёни қуруни вусто ба авҷи зебоӣ ва лутф расид. Форсии навин роҳе дигар пеш гирифт, ки қофиласолор он гурӯҳе мусалмонони эронӣ буданд, ки дар адабиёти араб даст доштанд ва низ ба забони модарии хеш бисёр дилбаста буданд. Форсии навин, ки бо алифбои арабӣ навишта мешуд, дар садаи нӯҳуми мелодӣ дар машриқи Эрон равнақ гирифт ва дар Бухоро, пойтахти дудмони сомонӣ гул кард*".

Дар сафҳаи 402 роҷеъ ба истифодаи шеъри форсӣ аз арӯзи арабӣ чунин мегӯяд:

"Дар сохтани шеърҳои навини форсӣ равиши куҳанро бо афоили арабӣ даромехтанд ва баҳрҳои бисёр фаровоне падид оварданд. Шояд беҳтарин ва куҳантарин намунаи ин "пайванд" Шоҳномаи Фирдавсӣ бошад, ки ба баҳри мутақориб сохта шудааст".

Мазҳаби ташайюъ

Эрониён аз қадимулайём, ки ислом ихтиёр карданд, беш аз ақвом ва милали дигар нисбат ба хонадони нубувват алоқа ва иродат нишон доданд.

Баъзе аз шарқшиносон хостаанд ин алоқаҳо ва иродатҳоро содиқона надонанд, балки навъе аксуламали зиракона дар муқобили ислом ва лоақал дар муқобили аъроб барои эҳёи русум ва ойини қадими эронӣ муаррифӣ намоянд. Гуфтаи ин афрод барои ду даста баҳонаи хубе шудааст:

Яке, мутаассибҳо, ки ба ин васила шиъаро як фирқаи сиёсӣ ва ғайри мухлис нисбат ба ислом муаррифӣ кунанд ва ба асоси ташайюъ ҳамла баранд, чунонки Аҳмад Амини Мисрӣ дар китоби "*Фаҷрул-ислом*" чунин коре кард ва алломаи фақид Шайх Муҳаммадҳусайн Кошифулғито барои радди он ифтиро, китоби "*Аслуш-шиъа ва усулуҳо*"-ро навишт.

Дастаи дигар, ба истилоҳ носиюнолистҳои эронӣ ҳастанд. Ин даста баръакси дастаи аввал, эрониёнро таҷлил мекунанд, ки тавонистанд ойини куҳанро зери пардаи ташайюъ ҳифз ва нигаҳдорӣ кунанд.

Дар китоби "*Қонун ва шахсият*" аз интишороти Донишгоҳи Теҳрон, таълифи дуктур Парвизи Сонеъӣ, сафҳаи 157, зимни баҳс дар ин ки тадриси торих дар мадориси мо хушк ва мурда ва сатҳӣ аст ва бояд зинда ва асосӣ ва таҳлилӣ бошад, мегӯяд:

"*Масалан, масъалаи ихтилофи фирақи шиъа ва суннии ислом ба унвони як матлаби торихӣ ба мо таълим дода мешуд ва мегуфтанд, ки эрониён, ки тарафдори ҳазрати Алӣ алайҳис-салом буданд, ба эшон гаравиданд ва ихтилофи асосӣ байни шиъа ва суннӣ он аст, ки мо ҳазрати Алиро халифаи аввал медонем, дар ҳоле ки сунниён эшонро халифаи чаҳорум мешуморанд. Ин тарзи таъриф ва ташреҳи масъала, ихтилоф байни суннӣ ва шиъаро комилан сурӣ ва гайри муҳим ҷилва медиҳад, ба тавре ки худи ихтилоф ҳам ғайри мантиқӣ ба назар мерасад. Солҳо баъд аз тарки дабиристон ва зимни мутолеа, ба ин матлаб бархӯрдем, ки пайдоиши фирқаи шиъа аз ибтикороти фикри эронӣ ва ба хотири ҳифзи истиқлоли миллӣ ва шаъоири бостонии ӯ будааст.*

Аз он ҷиҳат, ки Имом Ҳусайн алайҳис-салом духтари охирин подшоҳи эрониро ба занӣ ихтиёр карда буданд, фарзанди эшон ва сипас фарзандонашон аз шоҳзодагон ва мансуб ба силсилаҳои боазамати эронӣ шумурда шуда, ба ин тартиб давоми ҳукумати эронӣ ва шаъоир ва ифтихороти ӯ таъмин шудааст ва аз он ба баъд калимаи "сайид" ҳам, ки ба авлоди имомон итлоқ мешуд, дар воқеъ ҷонишини калимаи "шоҳзода" гаштааст.

Моҳият ва аҳаммияти ин ибтикори фикр ва отифаи эронӣ, ки барои ҳифзи "миллият"-и ӯ сурат гирифта, бо мутолеаи бештаре дар мазҳаби қадими Эрон яъне дини зартуштӣ ва одоб ва русум ва суннате, ки аз он дин вориди риштаи шиъаи дини ислом шуда, беҳтар маълум гашта ва робитаи фирқаи шиъа бо торихи бостони Эрон ва ҳамин тавр давраи феълии ҳаёти мо равшан мешавад. Яъне дарк мекунем, ки чӣ тавр баъзе ақоид ва сунани Эрони бостон аз тариқи мазҳаби шиъа барои мо ҳифз шудааст. Губину (Arthur de Gobineau) дар китобе, ки дар ҳудуди сад сол пеш ба номи "Фалсафа ва адён дар Осиёи Марказӣ" мунташир карда, ақоиди қадимии эрониёнро дар бораи ҷанбаи осмонӣ ва илоҳӣ доштани салотини сосонӣ решаи аслии ақоиди шиъа дар боби имомат ва исмат ва таҳорати имомони атҳор алайҳимус-салом донистааст ва издивоҷи Имом Ҳусайн алайҳис-саломро бо Шаҳрбону омили сирояти он ақидаи эронӣ дар андешаи шиъа ба шумор овардааст.

Эдворд Броун низ назарияи Губинуро таъйид мекунад. Вай мегӯяд: "Нигоранда мӯътақид аст, ки ҳақ бо Губину будааст он ҷо, ки мегӯяд, эрониён салтанатро ҳаққи осмонӣ ё мавҳибати илоҳӣ медонистанд, ки дар дудмони сосонӣ ба вадиъа қарор гирифта буд, ва ин ақида таъсири азиме дар саросари торихи адвори баъдии Эрон доштааст, алалхусус алоқаи шадиди эрониён ба мазҳаби ташайюъ таҳти таъсири ҳамин ақида аст, ки муҳкам ба мазҳаби ташайюъ часпидаанд. Интихоби халифа ё ҷонишини руҳонии Пайғамбар ҳар андоза назди араби демукрот амри табиӣ буд, дар назари аҳли ташайюъ ғайри табиӣ менамуд ва ҷуз эҷоди ишмиъзоз асари дигаре надошт, ва шахси Умар халифаи сонии суннат ва ҷамоат ҳам бад-он сабаб назди шиъа мавриди нафрат аст, ки имперотурии Эронро нобуд сохт. Кинаи эрониён нисбат ба Умар, гарчи дар либоси мазҳаб зоҳир шуд, маҳалли ҳеч гуна шубҳа ва тардид нест. Ба ақидаи эрониён, Ҳусайн ибни Алӣ, ки писари кучаки Фотимаи Заҳро бинти Набии Акрам мебошад, Шаҳрбону духтари Яздгирди севвум, охирин подшоҳи сосониро ба ҳаболаи никоҳ даровард ва бинобар ин ҳар ду фирқаи бузурги ташайюъ (имомия ва исмоилия) на танҳо намояндаи ҳуқуқ ва фазоили хонадони нубувватанд,

балки воҷиди ҳуқуқ ва фазоили салтанат низ мебошанд, зеро нажод аз ду сӯ доранд: аз байти рисолат ва аз дудаи сосонӣ". (Торихи адабиёт, ҷ.1, с.195)

Оре, ин аст тавҷеҳе, ки бархе аз мусташриқон ва эрониёне, ки таҳти таъсири суханони онҳо воқеъ шудаанд, роҷеъ ба моҳияти мазҳаби шиъа ва иллати пайдоиши он менамоянд. Бадеҳӣ аст, ки баҳси тафсилӣ дар ин мавзӯъ ниёзманд ба рисолаи ҷудогонае аст, вале мо дар ин ҷо аз зикри баъзе матолиб ба таври иҷмол гузире надорем.

Мавзӯи издивоҷи Имом Ҳусайн алайҳис-салом бо Шаҳрбону, духтари Яздгирд ва таваллуди Имом Саҷҷод алайҳис-салом аз шоҳзодахонуми эронӣ ва интисоби имомон баъд аз эшон ба хонадони салтанатии Эрон баҳонае ба дасти иддае хаёлбоф ё муғриз додааст, ки гароиши эрониёнро ба хонадони рисолат натиҷаи интисоби онҳо ба дудмони шоҳони сосонӣ муаррифӣ кунанд ва эътиқоди шиъаёнро ба ҳаққи илоҳии имомони атҳор алайҳимус-салом аз бақоёи эътиқоди қадимии эрониён ба "фарраи эзадӣ"-и подшоҳони сосонӣ бидонанд, зеро мусаллам аст, ки подшоҳони сосонӣ худро осмонинажод медонистанд ва барои худ мақоме нимахудоӣ ва фавқи башарӣ қоил буданд. Ойини зартуштии он аср низ ин тарзи тафаккурро таъйид мекард.

Мегӯянд, дар яке аз катибаҳои паҳлавӣ, ки аз Шоҳпур писари Ардашери Сосонӣ дар Ҳоҷиобод ба даст омадааст, чунин навишта шудааст:

"*Шоҳпур, шоҳи шоҳони Эрон ва ғайри Эрон, минусиришт, аз сӯйи Яздон, фарзанди мавҷуде осмонӣ ва Маздопараст Ардашер минусиришт, аз сӯйи Яздон, наваи Бобаки подшоҳ, ки худ низ осмонӣ ва аз сӯйи Яздон будааст*".

Пас, чун подшоҳони сосонӣ барои худ мақоме осмонӣ қоил буданд, ва аз тарафи дигар, имомони атҳор ҳам нажодашон ба онҳо мерасад ва шиъаён ва пайравони онҳо ҳам ҳама эронӣ ҳастанд ва барои онҳо мақоми осмонӣ қоиланд, пас бо ин суғро ва куброи сад дар сад саҳеҳи мантиқӣ, эътиқод ба имомати имомони атҳор алайҳимус-салом мавлуди ҳамон эътиқоди қадимии эронӣ аст.

Мо зимни баёни мухтасаре, пучии ин иддаоро равшан мекунем. Муқаддиматан бояд бигӯем, ки дар ин ҷо ду матлаб аст ва бояд аз якдигар тафкик шавад. Яке ин ки табиӣ аст, ки ҳар миллате, ки дорои як силсила ақоид ва афкори мазҳабӣ ё ғайри мазҳабӣ ҳаст ва сипас тағйири ақида медиҳад, хоҳ нохоҳ қисмате аз ақоиди пешин дар завоёи замираш

боқӣ мемонад ва нохудогоҳона онҳоро дар ақоиди ҷадиди хеш ворид мекунад. Мумкин аст нисбат ба ақидаи ҷадиди хеш ниҳояти хулуси ниятро дошта бошад ва ҳеч гуна таассуб ва тааммуде барои ҳифзи мӯътақадоти пешини худ надошта бошад, вале аз он ҷо, ки лавҳи замираш ба куллӣ аз афкор ва ақоиди пешин пок нашудааст, каму беш онҳоро бо худ вориди ақида ва маслак ва мазҳаби ҷадид менамояд.

Ин матлаб ҷойи тардид нест. Милале, ки мусалмон шуданд, бархе бутпараст буданд ва ақоиди васанӣ доштанд, баъзе дигар масеҳӣ ё яҳудӣ ё маҷусӣ буданд. Заминаҳои фикрии пешини онҳо аҳёнан мумкин аст дар афкор ва ақоиди исломии эшон асар гузошта бошад. Мусалламан эрониён низ нохудогоҳ бархе ақоиди хешро бо сибғаи исломӣ ҳифз карданд. Мутаассифона порае хурофот ҳамакнун дар миёни бархе эрониён вуҷуд дорад аз қабили паридан аз рӯйи оташ дар чоршанбеи охири сол ва савганд хӯрдан ба сӯйи (нури) чароғ, ки аз бақоёи моқабли ислом аст. Ва ин вазифаи исломӣ аст, ки бо миқёсҳои усулии ислом ақоиди пок ва холиси исломиро аз кудурати андешаҳои ҷоҳилӣ ҳамеша дур нигоҳ доранд. Масъалаи вилоят ва имоматро агар бихоҳем аз ин ҷиҳат мавриди мутолеа қарор диҳем, бояд ба Қуръони Карим ва суннати қатъии Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) мурочеа кунем, то маълум шавад оё қабл аз он ки милали мухталифи ҷаҳон ислом ованд, чунин матлабе дар худи ислом матраҳ будааст ё хайр?

Мутолеа дар Қуръон ва суннати қатъии Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) мерасонад, ки аввалан, мақомоти маънавӣ ва осмонӣ ва вилоятии бархе аз бандагони солеҳи ҳақ мавриди таъйиди Қуръони Карим аст. Сониян, Қуръони Карим талвеҳан ва тасреҳан вилоят ва имоматро таъкид кардааст ва ба илова, Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) низ итрати тоҳирини худро ба ин мақом муаррифӣ кардааст.

Пеш аз он ки аъроби мусалмон бо милали дигар бархӯрд кунанд ва ақоиди онҳо дар якдигар таъсир кунад, дар матни ислом чунин масоиле матраҳ будааст. Ояти каримаи:

إِنَّ اللَّهَ اصْطَفَى آدَمَ وَنُوحًا وَآلَ إِبْرَاهِيمَ وَآلَ عِمْرَانَ عَلَى الْعَالَمِينَ. ذُرِّيَّةً بَعْضُهَا مِن بَعْضٍ وَاللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ

(*Ба яқин Худованд Одам ва Нӯҳ ва хонадони Иброҳим ва хонадони Имронро бар мардуми ҷаҳон бартарӣ додааст. Фарзандоне, ки баъзе аз онон аз (насли) баъзеи дигаранд ва Худованд шунавои донист". (Сураи Оли Имрон, оятҳои 33 ва 34*) — каму беш нозир ба мақомоти вилоятии баъзе аз афроди башар аст. Асоси мазҳаби ташайюъ дар Қуръон ва суннати қатъӣ аст ва ҷойи ҳеч

гуна тардиде аз ин назар нест. Мо дар ин ҷо наметавонем вориди ин баҳс шавем – ки майдони боз ва васеъе дорад — зеро ба матлаби мавриди баҳси мо марбут нест. Он чӣ марбут ба ин баҳс аст, робитаи эрониён бо ташайюъ аст. Баҳс дар иддаои баъзе аз мусташриқон ва дунболаравони онҳост, ки мегӯянд, мазҳаби ташайюъ аз тарафи эрониён ба унвони аксуламале дар муқобили ислом ибтикор ва ихтироъ шуд ва эрониён мазҳаби шиъаро аз ин ҷиҳат халқ карданд, то дар зери пардаи ташайюъ ақоиди куҳани худро, ки ба он алоқа ва имон доштанд, ҳифз ва нигаҳдорӣ кунанд.

Матлаби дигар ин аст, ки баъзе аз милал пас аз он ки аз лиҳози сиёсӣ ва низомӣ мағлуби миллате дигар мегарданд, ақоид ва афкори худро огоҳона дар зери парда нигаҳдорӣ мекунанд, ва ин худ навъе муқовимат аст дар баробари қавми ғолиб. Бархе аз мусташриқон ва бархе аз эрониён, ки аз онон илҳом мегиранд, маъмулан иддао мекунанд, ки эрониён ташайюъро баргузиданд, то ақоиди куҳани худро дар зери пардаи ташайюъ ҳифз ва нигаҳдорӣ кунанд. Мо ҳам ин матлабро аз ҳамин зовия таҷзия ва таҳлил мекунем.

Ин матлаб аввалан бастагӣ дорад ба матлабе, ки қаблан баҳс кардем, ки оё исломи эрониён аз рӯйи ризо ва рағбат буда ё ба зӯру ҷабру унф сурат гирифтааст? Агар эрониён маҷбур мебуданд, ки ақоид ва афкори пешинро раҳо кунанд ва ақоиди исломиро бипазиранд, ҷойи ин таваҳҳум буд, ки гуфта шавад, онҳо чун маҷбур буданд ақоиди пешинро тарк гӯянд, ночор мутавассил ба ҳила шуданд.

Вале пас аз он ки мусаллам шуд, ки ҳеч вақт мусалмонон эрониёнро маҷбур ба тарки дину мазҳаб ва ақоиди пешини худ накардаанд, балки ба онҳо иҷоза медоданд, ки оташкадаҳои худро нигаҳдорӣ кунанд ва ҳатто пас аз он ки аҳли китоб (яҳуд, насоро, маҷус) дар зиммаи мусалмонон қарор мегирифтанд, мусалмонон худро мулзам ба ҳифзи маъобиди онҳо медонистанд ва монеи тахриби он маъобид мешуданд. Ба илова, имкон надошт гурӯҳи андаке аз мардуми араб, ки мусалламан иддаашон ҳеч вақт ба чанд сад ҳазор нарасид, битавонанд миллате чандмилюниро маҷбур ба тарки дину ойини худ бикунанд, хусусан бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ҳар тараф аз ҳамон навъ силоҳе бархӯрдор буданд, ки дигаре бархӯрдор буд, балки имконоти эрониён аз ҳар назар бештар ва беҳтар буд, бинобар ин имкон надошт, ки аъроб битавонанд эрониёнро маҷбур ба тарки дини худ кунанд. Бинобар ин

агар эрониён ҷиддан мехостанд ақоид ва одоби куҳани худро ҳифз кунанд, чӣ лузуме дошт, ки аз рӯйи нифоқ изҳори ислом кунанд ва бо номи ташайюъ онҳоро нигаҳдорӣ кунанд?

Ба илова, қаблан собит кардем, ки исломи эрониён тадричӣ будааст ва нуфуз ва султаи амиқи ислом бар руҳи эрониён ва ғалабаи он бар кеши зартуштӣ бештар дар даврaҳое сурат гирифта, ки эрониён истиқлоли худро боз ёфта буданд. Бинобар ин, ҷойе барои ин ёваҳо боқӣ наменонад.

Худи оқои Эдворд Броун дар ҷоҳои мутааддиди китоби худ иқрор ва эътироф мекунад, ки эрониён дини исломро ба тавъ ва рағбат пазируфтанд. Дар сафҳаи 297 аз ҷилди аввали "*Торихи адабиёт*" мегӯяд:

"*Таҳқиқ дар бораи ғалабаи тадричии ойини ислом бар кеши Зартушт, мушкилтар аз таҳқиқ дар истилои арзии араб бар мустамлакоти сосониён аст. Чӣ басо тасаввур кунанд, ки ҷангҷӯёни ислом ақвом ва мамолики мафтуҳаро дар интихоби яке аз ду роҳ мухайяр месохтанд: аввал Қуръон, дуввум шамшер. Вале ин тасаввур саҳеҳ нест, зеро габр ва тарсо ва яҳуд иҷоза доштанд ойини худро нигоҳ доранд ва фақат маҷбур ба додани ҷизя буданд. Ва ин тартиб комилан одилона буд, зеро шаҳрвандони ғайри мусалмони хулафо аз ширкат дар ғазавот ва додани хумсу закот, ки бар уммати Паёмбар фарз буд, муофият доштанд*".

Дар сафҳаи 306 ва 307 пас аз ин ки шарҳе роҷеъ ба инқирози дини зартуштӣ баҳс мекунад, мегӯяд:

"*Агарчӣ ахбор роҷеъ ба касоне, ки тағйири мазҳаб доданд қалил аст, лекин ҳамин ҳақиқат, ки то се қарну ним баъд аз фатҳи ислом ин гуна маворид пеш омадааст, гувоҳи равшане аст бар ин ки эрониён аз руҳи таҳаммул ва гузашти фотеҳон баҳраманд буданд. Ва ин амр худ долл бар ин маънӣ аст, ки эрониён ойини худро ба сулҳу силм ва лоақал то ҳадде ба тадриҷ тағйир додаанд*".

Эдворд Броун аз Дузи (*Reinhart Dozy*), мусташриқи маъруфи ҳуландӣ, дар китоби "*Ислом*" нақл мекунад, ки:

"*Муҳимтарин қавме, ки тағйири мазҳаб доданд, эрониён буданд, зеро онҳо исломро нерӯманд ва устувор намуданд, на араб, ва аз миёни онҳо буд, ки ҷолибтарин фирақи исломӣ бархостааст*".

Аксуламале, ки эрониён дар баробари ислом нишон доданд, он чунон мувофиқ ва лабрез аз ишқу алоқа буд, ки ҷойи ин нест гуфта шавад эҳсосоти миллӣ ё эҳсосоти мазҳабии куҳан

онҳоро водор кардааст, ки дар зери пардаи ташайюъ ақоиди мазҳабии куҳани хешро ишоъа диҳанд.

Қаблан шарҳ додем, ки яке аз иллатҳои шикасти эрониён бо он ҳама нерӯ ва қудрат ва азамат, норозӣ будани мардуми Эрон аз ҳукумат ва ойинашон буд. Мардуми Эрон аз онҳо ба сутӯҳ омада буданд ва омодагии комил доштанд барои ин ки маъмане биёбанд ва агар бонги адолат ва ҳақиқате бишнаванд, ба сӯйи он бишитобанд. Гароиши фавқулъодаи эрониён ба Маздак низ иллате ҷуз норизоӣ надошт. Қаблан низ ишора кардем, ки вазъи зартуштигарӣ дар Эрон он чунон дучори фасод ва инҳироф ва мавриди беалоқагии мардум шуда буд, ки фаразан ислом ба Эрон наомада буд, масеҳият Эронро тасхир мекард.

Боз Броун аз Дузи, мусташриқи ҳуландӣ чунин нақл мекунад:

"*Дар нимаи аввали қарни ҳафтуми мелодӣ ҳама чиз ҷараёни оддии худро дар Руми Шарқӣ ва кишвари шоҳаншоҳии Эрон тай мекард. Ин ду мамлакат барои тасарруфи Осиёи Ғарбӣ ҳамеша бо ҳам дар низоъ буданд. Аз ҳайси зоҳир, дар роҳи рушду тараққӣ ва ободӣ сайр мекарданд. Маболиғи муътанобеҳе молиёт оиди хазонаи салотини ин ду кишвар мешуд ва карру фарри таҷаммул ва танаъуми пойтахтҳои ҳар ду мамлакат зарбулмасал буд. Бори камаршикани истибдод бар пушти ҳар ду кишвар сангинӣ мекард. Торихи дудмони салотини ҳар ду мамлакат машҳун аст аз як силсила фаҷойеъи ҳавлнок ва зачру озори халоиқ. Ва ин рафтори золимонаи давлатҳо мавлуди нифоқ ва шиқоқи мардум дар масоили мазҳабӣ буд. Дар ин асно, ногаҳон аз миёни саҳроҳои ғайри маъруф қавме ҷадид дар саҳнаи ҷаҳон падид омад. Қабоили бешумор, ки то он торих пароканда ва мутафарриқ ва аксари авқот бо ҳам дар набард буданд, нахустин бор дар он ҳангом ба ҳам пайвастанд ва қавми муттаҳид ва муттафиқи ҷадидро ба вуҷуд оварданд. Қавме, ки алоқаи шадид ба озодии худ дошт, либоси содда мепӯшид ва ғизои содда мехӯрд, наҷиб ва меҳмоннавоз буд, бонишот, бофаросат, маззоҳ, базлагӯ ва дар айни ҳол магрур ва сареъулғазаб буд ва ҳамин ки оташи хашми ӯ барафрӯхта мешуд, кинаҷӯ ва оштинопазир ва золим буд. Ин ҳамон қавмест, ки дар як лаҳза кишвари куҳансол ва муаззаз, вале фосид ва пӯсидаи Эронро сарнагун сохт ва зеботарин вилоятҳоро аз дасти ҷонишинони Қустантин рабуд ва салтанати ҷадидуттаъсиси Олмонро поймол намуд ва мамолики дигари Урупоро таҳдид кард, ва ҳол он ки дар шарқи олам низ ҷуюши фотеҳи ӯ ба ҷиболи Ҳимолой роҳ ёфтанд ва дар он ҷо ҳам рахна карданд. Вале ин қавм шабоҳате бо кишваргушоёни дигар надошт, зеро ойини навине оварда буд ва ақвоми дигарро таблиғ*

ва даъват менамуд. Бар хилофи санавияти эрониён ва мазҳаби Масеҳ, ки инҳитот ёфта буд, тавҳиди пок ва холис оварда ва милюнҳо мардум ба он гаравиданд ва ҳатто дар ҳамин асри мо мазҳаби ислом мазҳаби як ъушр аз нажоди башар аст".

Эдворд Броун дар сафҳаи 155 китоби мазбур, зимни баҳс аз Авасто ва ин ки оё Авастои воқеӣ боқӣ аст ё аз миён рафтааст, чунин ба сухани худ идома медиҳад:

"*Авасто мутазаммини усули ақоиди шахси шаҳире монанди Зартушт ва дарбардорандаи аҳкоми ойини дунёи қадим аст. Ин ойин замоне нақши муҳимме дар торихи ҷаҳон бозӣ карда ва бо ин ки иддаи пайравони он имрӯза дар Эрон даҳ ҳазор ва дар Ҳиндустон беш аз навад ҳазор нест, дар адёни дигаре, ки биззот дорои аҳаммияти бештаре буда таъсироти амиқе доштааст. Бо ин вуҷуд, дар васфи Авасто наметавон гуфт, китобе дилписанд ё дилчасп аст. Дуруст аст, ки тафсири бисёре аз иборот маҳалли тардид аст ва ҳар гоҳ ба мафҳуми он пай бурда шавад, қадру қимати он шояд бештар маълум гардад. Лекин ин нуктаро метавонам аз тарафи худ бигӯям, ки ҳар чӣ бештар ба мутолеаи Қуръон мепардозам ва ҳар чӣ бештар барои дарки руҳи Қуръон кӯшиш мекунам, бештар мутаваҷҷеҳи қадру манзилати он мешавам. Аммо баррасии Авасто малолатовар ва хастагиафзо аст, магар он ки ба манзури забоншиносӣ ва илмуласотир ва мақосиди татбиқии дигар бошад*".

Он чиро оқои Эдворд Броун аз тарафи худ мегӯяд, бояд аз тарафи ҳамаи он эрониёне бигӯяд, ки қарн ба қарн фавҷ-фавҷ Авасторо раҳо карданд ва ба Қуръон гаравиданд. Гароиш аз Авасто ба Қуръон барои эрониён як амри бисёр содда ва табиӣ будааст ва мавриде надоштааст, ки бихоҳанд он чӣ аз Авасто омӯхтаанд ва ё одоте, ки нисбат ба салотини худ маъмул медоштаанд, дар зери пардаи ташайюъ ҳифз кунанд ва амалӣ намоянд.

Сониян, Яздгирд пас аз он ки дар пойтахт натавонист муқовимат кунад, бо дарбор ва ҳарамсарои худ дар ҳоле ки ҳазор таббох ва ҳазор тан ромишгар ва ҳазор тан юзбон ва ҳазор тан бозбон ва ҷамоате касир аз соири хадама ҳамроҳи ӯ буданд ва ӯ ҳанӯз ин гурӯҳро кам медонист, шаҳр ба шаҳр ва устон ба устон фирор мекард ва паноҳ меҷуст. Қатъан агар мардуми маркази Эрон мехостанд аз ӯ ҳимоят кунанд ва ҷилави лашкари муҳоҷимро бигиранд қодир буданд, аммо ӯро паноҳ надоданд, то ба Хуросон рафт. Дар он ҷо низ

ҳимояте надид ва оқибатуламр ба осиёбе паноҳ бурд ва ба дасти осиёбон ё ба дасти яке аз марздорони эронӣ кушта шуд.

Чӣ гуна аст, ки эронӣ ба худи Яздгирд паноҳ намедиҳад, вале баъд аҳли байти Пайғамбари исломро ба хотири пайванд бо Яздгирд муаззаз ва мукаррам мешуморад ва онҳоро дар ҳассостарин нуқоти қалби худ ҷой медиҳад ва олитарин эҳсосоти худро нисори онҳо мекунад?!

Солисан, фаразан эрониён дар қуруни аввали исломӣ маҷбур буданд эҳсосоти хешро махфӣ кунанд ва дар зери пардаи ташайюъ изҳор намоянд, чаро пас аз ду қарн, ки истиқлоли сиёсӣ ёфтанд ин пардаро надариданд ва эҳсосоти хешро ошкор накарданд, балки баръакс, ҳар чӣ замон гузашт бештар дар ислом ғарқ шуданд ва пайванди хешро бо ойини гузашта буриданд?!

Робеъан, ҳар мусалмони эронӣ медонад, ки Шаҳрбону мақом ва мавқеъе бештар ва болотар аз модарони соири имомони атҳор, ки баъзе араб ва баъзе офриқоӣ буданд надорад. Кадом шиъаи эронӣ ё ғайри эронӣ дар дили худ нисбат ба модари ҳазрати Саҷҷод алайҳис-салом эҳтироме бештар аз модарони соири имомони атҳор алайҳимус-салом эҳсос мекунад?! Нарҷис Хотун, волидаи моҷидаи ҳазрати Ҳуҷҷат ибни Ҳасан як канизи румӣ аст, қатъан эҳтироми ин бонуи румӣ дар миёни эрониён беш аз эҳтироми Шаҳрбону аст.

Хомисан, агар аз зовияи торих бингарем, асли достони Шаҳрбону ва издивоҷи ӯ бо Имом Ҳусайн алайҳис-салом ва вилодати Имом Саҷҷод алайҳис-салом аз шоҳзодае эронӣ машкук аст. Достони алоқаи эрониён ба имомони атҳор ба хотири интисоби онҳо ба хонадони сосонӣ аз тариқи Шаҳрбону, аз назари торихӣ айнан ҳамон достони касе аст, ки гуфт: Имомзода Яъқубро дар болои манора гург дарид. Дигаре гуфт: Имомзода набуд, пайғамбарзода буд, Яъқуб набуд, Юсуф буд, болои манора набуд, таҳи чоҳ буд, тоза асли матлаб дурӯғ аст ва гург Юсуфро надарид.

Дар ин ҷо низ асли достон, ки Яздгирд духтаре ба номи Шаҳрбону ё номи дигар дошта ва ба ифтихори ақди заношӯии Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис-салом ва модари Имом Саҷҷод алайҳис-салом ноил шуда бошад, аз назари мадорики торихӣ сахт машкук аст. Муаррихони асри ҳозир умуман дар ин қазия ташкик мекунанд ва онро беасос медонанд.

Мегӯянд, дар миёни ҳамаи муаррихон танҳо Яъқубӣ ҷумлае дорад ба ин мазмун, ки гуфтааст: Модари Алӣ ибни Ҳусайн алайҳис-салом "Ҳарор" духтари Яздгирд буд ва Ҳусайн алайҳис-салом номи ӯро Ғазола ниҳод.

Худи Эдворд Броун аз касоне аст, ки достонро маҷъул медонад. Кристенсен (*Arthur Christensen, эроншиноси донморкӣ*) низ қазияро машкук талаққӣ мекунад. Саиди Нафисӣ дар "*Торихи иҷтимоии Эрон*" онро афсона медонад. Ва агар фарз кунем ин достонро эрониён ба ҳамин манзур ҷаъл карда ва сохтаанд, ҳатман пас аз ҳудуди 200 сол аз асли воқеа будааст. Яъне муқорин бо истиқлоли сиёсии Эрон будааст. Ва ин пас аз он аст, ки аз пайдоиши мазҳаби шиъа низ дар ҳудуди 200 сол гузашта будааст. Акнун чӣ гуна мумкин аст, ки гароиши эрониён ба ташайюъ мавлуди шойеъаи шоҳзодагии имомони атҳор буда бошад?! Ин ки гуфтем, пайванди заношӯии Имом Ҳусайн алайҳис-салом бо духтари Яздгирд машкук аст, аз назари торих аст, вале дар порае аз аҳодис ин матлаб таъйид шудааст. Аз он ҷумла ривояти Кофӣ аст, ки мегӯяд: Духтарони Яздгирдро дар замони Умар ба Мадина оварданд ва духтарони Мадина ба тамошо омаданд. Умар ба тавсияи Амирулмӯъминин алайҳис-салом ӯро озод гузошт, ки ҳар киро мехоҳад интихоб кунад, ва ӯ Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис-саломро интихоб кард.

Вале гузашта аз адами интибоқи мазмуни ин ривоят бо торих, дар санади ин ривоят ду нафар қарор доранд, ки ин ривоятро ғайри қобили эътимод мекунад: яке, Иброҳим ибни Исҳоқи Аҳмарии Наҳовандӣ аст, ки уламои риҷол ӯро аз назари динӣ муттаҳам медонанд ва ривоёти ӯро ғайри қобили эътимод мешуморанд. Ва дигарӣ, Умар ибни Шимр аст, ки ӯ низ каззоб ва ҷаъол хонда шудааст.

Ман намедонам соири ривоёте, ки дар ин мавриd аст, аз ин қабил аст ё на. Баррасии маҷмӯи аҳодисе, ки дар ин замина ворид шудааст, эҳтиёҷ ба мутолеа ва таҳқиқи бештаре дорад.

Содисан, агар мардуми Эрон эҳтироме, ки барои имомони атҳор алайҳимус-салом қоиланд, ба хотири интисоби онҳо ба хонадони сосонӣ аст, мебоист ба ҳамин далел барои хонадони умавӣ низ эҳтиром қоил бошанд, зеро ҳатто касоне, ки вуҷуди духтаре ба номи Шаҳрбонуро барои Яздгирд инкор мекунанд, ин матлабро қабул кардаанд, ки дар замони Валид ибни Абдулмалик дар яке аз ҷангҳои Қутайба ибни Муслим, яке аз наводагони

Яздгирд ба номи Шоҳофарид ба асорат афтод ва Валид ибни Абдулмалик шахсан бо ӯ издивоҷ кард ва аз ӯ Язид ибни Валид ибни Абдулмалик маъруф ба “Язиди Ноқис” мутаваллид шуд. Пас, Язиди Ноқис, ки халифае умавӣ аст, насаб ба шоҳони эронӣ мебарад ва қатъан аз тарафи модар шоҳзодаи эронӣ аст.

Чаро эрониён барои Валид ибни Абдулмалик ба унвони домоди Яздгирд ва барои Язид ибни Валид ба унвони як шоҳзодаи эронӣ ибрози эҳсосот накарданд, аммо филмасал барои Имом Ризо алайҳис-салом ба унвони касе, ки дар шашумин пушт ба Яздгирд мерасад, ин ҳама ибрози эҳсосот карда ва мекунанд?!

Агар эрониён чунин эҳсосости ба истилоҳ миллӣ медоштанд, бояд барои Убайдуллоҳ ибни Зиёд эҳтироми фавқулъодае қоил бошанд, зеро Убайдуллоҳ қатъан нимаэронӣ аст. Зиёд падари Убайдуллоҳ марди маҷҳулулнасабе аст, аммо Марҷона модари Убайдуллоҳ як духтари эронии шерозӣ аст, ки дар замоне, ки Зиёд волии Форс буд, бо ӯ издивоҷ кард.

Чаро эрониён, ки ба қавли ин оқоён он андоза эҳсосости миллӣ доштаанд, ки имомони атҳор алайҳимус-саломро ба воситаи интисобашон ба хонадони салтанатии Эрон ба он мақоми рафеъ боло бурданд, Убайдуллоҳи Зиёди нимаэронӣ ва Марҷонаи тамомэрониро ин андоза паст ва манфур мешуморанд?!

Собеъан, ин матлаб он гоҳ метавонад дуруст бошад, ки шиъа мунҳасир ба эронӣ бошад ва лоақал дастаи аввали шиъаро эронӣ ба вуҷуд оварда бошад. Ва аз он тараф ҳам, умум ва лоақал аксари эрониёне, ки мусалмон шуданд, мазҳаби шиъаро ихтиёр карда бошанд. Ва ҳол он ки на шиъаёни аввалия эронӣ буданд (ба истиснои Салмон) ва на аксари эрониёни мусалмон шиъа шуданд, балки дар садри ислом аксари уламои мусалмони эронинажод дар тафсир ё ҳадис ё калом ё адаб суннӣ буданд ва баъзе аз онҳо таассуби шадиде алайҳи шиъа доштанд ва ин ҷараён то қабл аз Сафавия идома дошт. То замони Сафавия аксари билоди Эрон суннӣ буд. Дар замони хулафои умавӣ, ки сабби Алӣ алайҳис-салом дар манобир роиҷ шуда буд, мардуми Эрон низ таҳти таъсири таблиғоти суи умавиҳо қарор гирифта ва иғфол шуда буданд ва ин барномаи шанеъро иҷро мекарданд. Ҳатто гуфта мешавад, ки пас аз он ки Умар ибни Абдулазиз ин корро қадаған кард, баъзе аз шаҳристонҳои Эрон муқовимат карданд.

Акобири уламои тасаннунро то қабл аз Сафавия эрониён ташкил медиҳанд, аъамм аз муфассир, фақеҳ, муҳаддис, мутакаллим, файласуф, адиб, луғавӣ ва ғайра. Абӯҳанифа, ки бузургтарин фақеҳи аҳли тасаннун аст ва Имоми Аъзам хонда мешавад, як эронӣ аст. Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, ки бузургтарин муҳаддиси аҳли тасаннун аст ва китоби маъруфи ӯ бузургтарин китоби ҳадисии аҳли тасаннун аст, эронӣ аст. Ҳамчунин аст Сибавайҳ аз удабо ва Ҷавҳарӣ ва Фирӯзободӣ аз луғавийин ва Замахшарӣ аз муфассирон ва Абӯубайда ва Восил ибни Ато аз мутакаллимин. Аксарияти уламои эронӣ ва аксарияти тӯдаи мардуми Эрон то қабл аз Сафавия суннӣ будаанд.

Ғалабаи ислом бар таассубот

Аҷиб ин аст, ки милали исломӣ ғолибан пайрави фатвои уламое будаанд, ки аз назари миллият бо онҳо мухолиф будаанд. Масалан, мардуми Миср тобеи фатвои Лайс ибни Саъд буданд, ки як эронӣ буд, вале мардуми Эрон дар қадим бештар тобеи Шофеӣ буданд, ки арабинажод буд. Баъзе аз уламои эронӣ монанди Имомулҳарамайн Ҷувайнӣ ва Ғаззолии Тӯсӣ таассуби шадиде ба Шофеӣ ва алайҳи Абӯҳанифаи эронӣ доранд. Мардуми Эрон дар давраҳои баъдӣ шиъа шуданд ва имомати имомони атҳор алайҳимус-саломро пазируфтанд, ки қурашӣ ва ҳошимӣ мебошанд.

Дар фатвоҳои уламои мазоҳиб гоҳе чизҳое дида мешавад, ки аз назари таассуботи миллӣ, мӯҷиби ҳайрат мешавад, яъне қудрат ва тасаллут ва ғалабаи исломро бар ин таассубот мерасонад.

Масъалае аст дар фиқҳ дар боби никоҳ дар бораи "куфвият", яъне оё ҳамаи нажодҳо аз назари издивоҷ куфви якдигаранд? Дар ин ҷо фатвои Абӯҳанифаи эронӣ ҷалби таваҷҷӯҳ мекунад. Абӯҳанифа монанди касе, ки дучори таассуби арабӣ бошад назар медиҳад ва муддаӣ мешавад, аҷам куфви араб нест, аҷам наметавонад зани араб бигирад, вале соири фуқаҳо (аз қабили Молик ибни Анас бо он ки худ араб аст) мегӯянд, хайр, арабу аҷам аз ин назар тафовуте надорад. Суфёни Саврӣ низ, ки араб аст, ҳамин фатворо медиҳад. Алломаи Ҳиллӣ, аз бузургони фуқаҳои шиъа, ки ӯ низ араб аст, дар китоби "*Тазкиратул-фуқаҳо*" фатвои Абӯҳанифаро нақл мекунад ва мегӯяд: "*Сухани Абӯҳанифа нодуруст аст. Дар ислом, шарифи алавӣ ва канизи ҳабашӣ баробар аст*". Мегӯяд: "*Далели ин матлаб ин аст, ки Пайғамбари*

Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) Зубоа, духтарамуи худро ба ақди Миқдод ибни Асвади Кендӣ даровард, ки сиёҳ буд. Ва вақте ки ба он ҳазрат эътироз карданд, фармуд:

لتتضع المناكح

Яъне, барои ин ки куфвият дар як сатҳ қарор бигирад".

Фатвои Абӯҳанифа аҷиб аст ва иллаташ — ҳамчунонки худи аҳли тасаннун эътироф доранд — камиттилоии Абӯҳанифа аз сират ва суннати набавӣ аст. Вале аз ин ҷо метавон фаҳмид, ки дар он асрҳо чизе, ки дар миёни уламои мусалмонон вуҷуд надошта таассуботи миллӣ аст.

Достоне шунидани дар китобҳои фиқҳ дар ин маврид нақл мешавад, ки аз тарафе аз таассуботи шадиди араб нисбат ба ғайриараб ҳикоят мекунад, ва аз тарафи дигар намунае аз пирӯзии аҷиби ислом аст бар таассубот. Менависанд: "*Салмони Форсӣ духтари Умарро хостгорӣ кард. Умар пазируфт. Абдуллоҳ писари Умар рӯйи ҳамон таассуби арабӣ нороҳат шуд, аммо дар муқобили иродаи падар чорае надошт. Даст ба домани Амр ибни Ос шуд. Амр гуфт: Чораи ин кор бо ман. Як рӯз Амр ибни Ос бо Салмон рӯ ба рӯ шуд ва гуфт: Табрик арз мекунам, шунидаам, мехоҳӣ ба домодии халифа муфтахар бишавӣ! Салмон гуфт: Агар биност ин кор барои ман ифтихор шумурда шавад, пас ман намекунам ва инсирофи худро эълом кард*".

Ташайюъи эрониён

Аксарияти мардуми Эрон аз замони Сафавия ба баъд шиъа шуданд. Албатта дар ин ҷиҳат наметавон тардид кард, ки Эрон аз ҳар нуқтаи дигар барои базри ташайюъ замини муносибтаре будааст. Ташайюъ ба андозае, ки дар Эрон тадриҷан нуфуз кард, дар ҷойи дигар нуфуз накард ва ҳар чӣ замон гузаштааст, омодагии Эрон барои ташайюъ бештар шудааст. Ва агар чунин решае дар руҳи эронӣ намебуд, Сафавия муваффақ намешуданд, ки бо дар даст гирифтани ҳукумат, Эронро шиъа ва пайрави Аҳли байт намоянд.

Ҳақиқат ин аст, ки иллати ташайюъи эрониён ва иллати мусалмон шуданашон як чиз аст: эронӣ руҳи худро бо ислом созгор дид ва гумгаштаи хешро дар ислом ёфт. Мардуми Эрон, ки табъан мардуме боҳуш буданд ва ба илова собиқаи фарҳанг ва тамаддун доштанд, беш аз ҳар миллати дигар нисбат ба ислом шефтагӣ нишон доданд ва ба он хидмат карданд.

Мардуми Эрон беш аз ҳар миллати дигар ба руҳ ва маънои ислом таваҷҷӯҳ доштанд. Ба ҳамин далел, таваҷҷӯҳи эрониён ба хонадони рисолат аз ҳар миллати дигар бештар буд ва

ташайюъ дар миёни эрониён нуфузи бештаре ёфт. Яъне эрониён руҳи ислом ва маънои исломро дар назди хонадони рисолат ёфтанд, фақат хонадони рисолат буданд, ки посухгӯи пурсишҳо ва ниёзҳои воқеии руҳи эрониён буданд.

Он чизе, ки беш аз ҳар чизи дигар руҳи ташнаи эрониро ба сӯйи ислом мекашид, адл ва мусовоти исломӣ буд. Эронӣ қарнҳо аз ин назар махрумият кашида буд ва интизори чунин чизеро дошт. Эрониён медиданд, дастае, ки бидуни ҳеч гуна таассубе адл ва мусоваи исломиро ичро мекунанд ва нисбат ба онҳо бениҳоят ҳассосият доранд, хонадони рисолатанд. Хонадони рисолат паноҳгоҳи адли исломӣ, махсусан аз назари мусалмонони ғайриараб буданд.

Агар андаке ба таассуботи арабӣ ва табъизоте, ки аз ноҳияи бархе хулафо миёни араб ва ғайриараб сурат мегирифт ва дифоъе, ки Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис-салом аз мусоваи исломӣ ва адами табъиз миёни араб ва ғайриараб менамуд таваҷҷӯҳ кунем, комилан ин ҳақиқат равшан мешавад.

Дар Биҳор, ҷилди нӯҳум, боби 124, аз Кофӣ нақл мекунад, ки:

"Рӯзе гурӯҳе аз "маволӣ" (эрониён) омаданд ба ҳузури Амирулмӯъминин ва аз аъроб шикоят карданд ва гуфтанд: Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ҳеч гуна табъизе миёни араб ва ғайриараб дар тақсими байтулмол ё дар издивоҷ қоил набуд, байтулмолро баробар тақсим мекард ва Салмон ва Билол ва Суҳайб дар аҳди Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) бо занони араб издивоҷ карданд, вале имрӯз аъроб миёни мо ва худашон тафовут қоиланд. Алӣ алайҳис-салом рафт ва бо аъроб дар ин замина сӯҳбат кард, аммо муфид воқеъ нашуд. Фарёд карданд: Мумкин нест, мумкин нест! Алӣ дар ҳоле, ки аз ин ҷараён хашмнок шуда буд, омад миёни маволӣ ва гуфт: Бо камоли таассуф инон ҳозир нестанд бо шумо равиши мусовот пеш гиранд ва монанди як мусалмони баробарҳуқуқ рафтор кунанд. Ман ба шумо тавсия мекунам, ки бозаргонӣ пеша кунед, Худованд ба шумо баракат хоҳад дод".

Муовия дар номаи маъруфе, ки барои Зиёд ибни Абиҳ, волии Ироқ фиристод, навишт:

"Муроқиби эрониёни мусалмон бош, ҳаргиз онҳоро бо араб ҳампоя қарор надеҳ! Араб ҳақ дорад аз онҳо зан бигирад ва онҳо ҳақ надоранд аз араб зан бигиранд. Араб аз онҳо ирс бибарад ва онҳо аз араб ирс набаранд, ҳатталимкон ҳуқуқи онҳо камтар дода шавад, корҳои паст ба онҳо вогузар шавад,

бо будани араб гайриараб имомати ҷамоат накунад, дар саффи аввали ҷамоат ҳозир нашаванд, марзбонӣ ва қазоватро ба онҳо вомагузор!"

Аммо вақте ки миёни як зани араб ва як зани эронӣ ихтилоф воқеъ мешавад ва кор ба он ҷо мекашад, ки ба ҳузури Алӣ алайҳис-салом шарафёб мешаванд ва Алӣ алайҳис-салом миёни он ду ҳеч гуна тафовуте қоил намешавад ва мавриди эътирози зани араб воқеъ мешавад, Алӣ алайҳис-салом даст мебарад ва ду мушт хок аз замин бармедорад ва ба он хокҳо назар меафканад ва он гоҳ мегӯяд: Ман ҳар чӣ тааммул мекунам, миёни ин ду мушт хок фарқе намебинам.

Алӣ бо ин тамсили амалии латиф, ба ҷумлаи маъруфи Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ишора мекунад, ки фармуд:

كلكم لآدم وآدم من تراب، لا فضل لعربي على اعجمي الا بالتقوى

Яъне, ҳама аз Одам ва Одам аз хок аст, араб бар аҷам фазилат надорад, фазилат ба тақвост, на ба нажоду насабу қавмияту миллият. Вақте ки ҳама насаб ба Одам мебаранд ва Одам хокинажод аст, чӣ ҷойи иддаои фазилати тақаддуми нажодӣ аст?

Дар "*Сафинатул-биҳор*", моддаи "валӣ" менависад:

"*Алӣ алайҳис-салом дар як рӯзи ҷумъа бар рӯйи минбари оҷурӣ хутба мехонд. Ашъас ибни Қайси Кендӣ, ки аз сардорони маъруфи араб буд омад ва гуфт: Ё Амиралмӯъминин! Ин "сурхрӯён" (яъне эрониён) ҷилави рӯйи ту бар мо галаба кардаанд ва ту ҷилави инҳоро намегирӣ. Сипас дар ҳоле, ки хашм гирифта буд гуфт: Имрӯз ман нишон хоҳам дод, ки араб чӣ кора аст. Алӣ алайҳис-салом фармуд: "Ин шикамгундаҳо худашон рӯзҳо дар бистари нарм истироҳат мекунанд ва онҳо (маволӣ ва эрониён) рӯзҳои гарм ба хотири Худо фаъолият мекунанд ва он гоҳ аз ман мехоҳанд, ки онҳоро тард кунам, то аз ситамкорон бошам. Қасам ба Худо, ки донаро шикофт ва одамиро офарид, ки аз Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) шунидам фармуд: Ба Худо, ҳамчунонки дар ибтидо шумо эрониёнро ба хотири ислом бо шамшер хоҳед зад, баъд эрониён шуморо бо шамшер ба хотири ислом хоҳанд зад*".

Ҳамчунин дар "*Сафинатул-биҳор*" менависад:

"*Мугира ҳамеша дар муқоиса миёни Алӣ ва Умар мегуфт: Алӣ тамоюлаш ва меҳрубониаш нисбат ба маволӣ бештар буд ва Умар баръакс аз онҳо хушаш намеомад*".

Марде ба Имом Содиқ алайҳис-салом арз кард:

“Мардум мегӯянд, ҳар кас, ки араби холис ё мавлои холис набошад, паст аст. Имом фармуд: Мавлои холис яъне чӣ?

Гуфт: Яъне касе, ки падару модараш ҳар ду қаблан барда буданд.

Фармуд: Мавлои холис чӣ мазияте дорад?

Гуфт: Зеро Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) фармудааст, мавлои ҳар қавме аз худи онҳост, пас мавлои холиси аъроб монанди худи аъроб аст, пас касе соҳиби фазилат аст, ки ё араби холис бошад ва ё мавлои сареҳ бошад, ки мулҳақ ба арабӣ аст.

Имом фармуд: Оё нашунидаӣ, ки Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) фармуд, ман валии касоне ҳастам, ки валӣ надоранд, ман валии ҳар мусалмонам хоҳ араб ва хоҳ аҷам? Оё касе, ки Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) валии ӯ бошад, аз Пайғамбар нест?

Имом сипас изофа фармуд: Аз ин ду кадом ашрафанд? Оё он ки аз Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ва мулҳақ ба Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) аст ё он ки вобаста аст ба як араби ҷилф, ки ба пушти пойи худ идрор мекунад?

Сипас фармуд: Он ки аз рӯйи майлу ризо дохили ислом мешавад, басе ашраф аст аз он ки аз тарс вориди ислом шудааст. Ин аъроби мунофиқ аз тарс мусалмон шуданд, вале эрониён бо майлу рағбат мусалмон шуданд”.

Аз ин навъ ҷараёнҳо, ки нишон медиҳад, сиёсати табъиз ва тафовут миёни арабу ғайриараб дар ҷаҳони ислом иҷро мешуд ва имомони атҳор алайҳимус-салом умуман бо ин сиёсат мухолифат мекардаанд, дар торихи ислом зиёд дида мешавад. Ҳамин ба танҳоӣ кофӣ будааст, ки эрониён, ки аз тарафе ба руҳу ҳақиқати ислом беш аз дигарон таваҷҷӯҳ доштаанд ва аз тарафи дигар беш аз ҳар қавми дигар аз ин табъизот зиён медидаанд, тарафдори хонадони рисолат бшванд.

Иҳонат дар шакли ҳимоят

Аз ҳама аҷибтар ин аст, ки иддае ба номи ҳимоят аз миллияти эронӣ ва нажоди эронӣ, бузургтарин тавҳинҳоро ба миллат Эрон мекунанд.

Гоҳе мегӯянд: “Миллати Эрон бо камоли ҷиддият мехост аз ҳукумат ва режим ва ойини худаш дифоъ кунад, вале бо он ҳама шавкат ва қудрат ва ҷамъияти саду чиҳил милюнӣ ва

вусъати сарзамин, дар муқобили як иддаи панҷоҳ шастҳазорнафарии араб шикаст хӯрд". Агар рост аст, пас чӣ нанги бузурге!

Гоҳе мегӯянд: "Эрониён аз тарс, кешу ақида ва имони хешро иваз карданд". Воқеан агар чунин бошад, эрониён аз пасттарин милали ҷаҳонанд. Миллате, ки натавонад ақидаи қалбии худро дар муқобили як қавми фотеҳ ҳифз кунад, шоистаи номи инсоният нест.

Гоҳе мегӯянд: "Эрониён чаҳордаҳ қарн аст, ки зери юғи араб ҳастанд. Яъне бо он ки сиёдати низомии араб яксад сол бештар тӯл накашид, ҳанӯз пушти эрониён аз зарбате, ки дар чаҳордаҳ қарн пеш хӯрда, рост нашудааст". Зиҳи заъфу нотавонӣ ва белиёқатӣ ва беурзагӣ! Миллатҳои нимаваҳшии Офриқо пас аз қарнҳо истеъмори ҳамаҷонибаи урупоӣ занҷирҳоро яке пас аз дигаре пора мекунанд ва худро озод менамоянд, аммо миллате мутамаддини дорои собиқаи фарҳангии куҳан аз қавме биёбонӣ шикаст мехӯрад ва тӯле намекашад, ки қавми фотеҳ нерӯи худро аз даст медиҳад, аммо ин миллати шикастхӯрда ҳанӯз аз хотираи шикасти чаҳордаҳ қарн пеш ваҳшат дорад, рӯз ба рӯз бештар фикру одобу русуму забони қавми фотеҳро алорағми майли ботинии худ вориди зиндагии худ мекунад!

Гоҳе мегӯянд: "Эрониён аз он ҷиҳат шиъа шуданд, ки дар зери пардаи ташайюъ мӯътақадот ва одоби куҳани хешро ҳифз кунанд; дар ҳамаи ин муддати тӯлонӣ аз рӯйи нифоқ ва дӯруӣ изҳори ислом карданд ва ҳамаи иддаоҳои мусалмониашон, ки торихашонро пур кардааст ва аз ҳар қавми дигар бештар будааст дурӯғи маҳз аст; чаҳордаҳ қарн аст, ки дурӯғ мегӯянд ва дурӯғ менависанд ва дурӯғ тазоҳур мекунанд". Зиҳи бешарофатӣ ва номардумӣ!

Гоҳе мегӯянд: "Решаи ин ҳама гароишҳо, фидокориҳо, дарки як силсила ҳақоиқ ва маориф ва синхияти ислом ва ташайюъ бо руҳи эронӣ набудааст, балки фақат як пайванди заношӯӣ будааст. Ин миллат фақат ба хотири як пайванди заношӯӣ, масири зиндагӣ ва фарҳанги хешро тағйир дод". Зиҳи беасолатӣ ва берешагӣ!

Гоҳе мегӯянд: "Эронӣ моил буд аз ҳукумат ва ойини он рӯзи хеш дифоъ кунад ва ҳимоят намояд, аммо накард, тарҷеҳ дод худро канор кашад ва тамошочӣ бошад". Зиҳи пастӣ ва номардумӣ!

Тибқи изҳороти ин бехирадон, миллати Эрон пасттарин ва мунҳаттарин милали ҷаҳон аст, зеро эронӣ аз тарс хатти қадими худро раҳо кард ва хатти арабиро ба кор бурд, аз тарс ба

забони арабӣ беш аз забони форсӣ аҳаммият дод ва барояш фарҳанг ва қоида ва дастур навишт, аз тарс таълифоти худро ба забони арабӣ навишт, аз тарс ба баччаҳои худ забони арабӣ меомӯхт, аз тарс мафоҳими исломиро дар дили адабиёти худ ҷой дод, аз тарс дини қадими худро ба дасти фаромӯшӣ супурд, аз тарс ҳукумати мавриди алоқаи худро ҳимоят накард, аз тарс ба кӯмаки кеш ва ойини маҳбуби худ барнахост.

Хулоса, аз назари ин муддаиён, дар тӯли ин чаҳордаҳ қарн он чӣ дар торихи ин миллат рух дода белиёқатӣ, нифоқ ва дӯрӯӣ, тарсу ҷубн, беасолатӣ, пастӣ ва номардумӣ будааст. Чизе, ки вуҷуд надошта, "ташхис" ва "интихоб" ва "имон" ва "ҳақиқатхоҳӣ" будааст. Аз ин рӯ бузургтарини иҳонатҳо аз тарафи ин нобихрадон ба миллати шариф ва наҷиби Эрон ворид мешавад.

Аммо хонандаи мӯҳтарами ин китоб мутаваҷҷеҳ хоҳад шуд, ки ҳамаи инҳо тӯҳмат ба Эрон ва эронӣ аст. Эронӣ ҳар чӣ карда, ба ташхис ва интихоби худ будааст, эронӣ лоиқ буда на белиёқат, рост ва сареҳ буда, на мунофиқ ва дурӯғгӯ, шуҷоъ ва далер буда, на ҷабон ва тарсу, ҳақиқатхоҳ буда, на чашм ба ҳаводиси зудгузар, асил буда, на бебуну береша. Эронӣ дар оянда низ асолати хешро ҳифз, ва пайванди хешро бо ислом рӯз ба рӯз муҳкамтар хоҳад кард.

Бахши дуввум: Хадамоти Ислом ба Эрон

Мавҳибат ё фоҷеа?

Баҳси мо дар ин бахш ва бахши баъд аз он, дар бораи хадамоти мутақобили ислом ва Эрон аст. Яъне хадамоте, ки ислом ба Эрон ва эронӣ кардааст, ва хадамоте, ки мутақобилан Эрон ва эронӣ ба ислом кардаанд.

Хидмате, ки як кеш ё маслак ба як миллат метавонад бикунад, чӣ гуна ва аз чӣ навъ аст? Бадеҳӣ аст, ки ба сурати баровардани як ниёзи онӣ нест, ки масалан дар як ҷанг нерӯ ба кӯмаки онҳо бифиристад, ё дар як хушксолӣ озуқа ворид кунад ва ё як корхона барои онҳо таъсис намояд. Хеле асоситар аз инҳост. (Балки) ба ин аст, ки таҳаввуле муфид ва самарабахш дар андеша ва руҳи онҳо ба вуҷуд оварад, тарзи тафаккури онҳоро дар ҷиҳати воқеъбинӣ нав кунад, ахлоқ ва тарбияти онҳоро беҳбуд бахшад, сунан ва низомоти кӯҳна ва даступогири онҳоро барандозад ва ба ҷойи онҳо, сунан ва низомоти зинда ҷойгузин созад, имон ва идеяе олӣ ба онҳо илҳом намояд, шӯру ҳаяҷони кору кӯшиш ва доништалабӣ ва некӯкорӣ ва азхудгузаштагӣ дар онҳо ба вуҷуд оварад. Вақте, ки чунин шуд, биттабъ зиндагии иқтисодии онҳо беҳбуд меёбад, нерӯҳои инсониашон ба кор меафтад, истеъдодҳои илмӣ, фалсафӣ, фаннӣ, ҳунарӣ, адабиашон мешукуфад ва билохира дар ҳамаи шуъуни он чизе, ки “тамаддун” номида мешавад, такомул сурат мегирад.

Ва аммо хидмате, ки як миллат ба як кеш ва ё маслак мекунад ба ин аст, ки дар роҳи таблиғ ва тарвиҷи он кеш ва тадвин ва ишоъаи фарҳанги он мекӯшад, ба тавзеҳ ва тафсири мафоҳими он ҳиммат мегуморад, ба забони он хидмат мекунад, милали дигарро бо он ошно месозад, бо ҷону моли худ аз он дифоъ мекунад ва дар роҳаш сарбозӣ ва ҷонфишонӣ менамояд ва дар ҳамаи заминаҳо хулуси ният ва азхудгузаштагӣ нишон медиҳад.

Баҳси мо дар ин бахш, дар бораи қисмати аввал, яъне хадамоти ислом ба Эрон аст, ва қисмати дуввум, яъне хадамоти Эрон ва эрониён ба исломро дар бахши севвуми ин китоб мутаъарриз хоҳем шуд.

Акнун бо миқёсе, ки ба даст додем, бояд бибинем, оё ислом ба Эрон хидмат кард ё на? Оё ислом Эронро озод кард ва руҳи тозае дар пайкари эронӣ дамид ва торихи Эронро дар масири беҳтаре андохт ва сабаб шуд истеъдодҳои мардуми ин сарзамин бишукуфад ва самар бидиҳад? Ё баръакс, Эронро дар ихтиноқ фурӯ бурд ва истеъдодҳоро рокид кард ва

торихи Эронро дар як масири инҳирофӣ андохт ва тамаддуни эрониро зойеъ ва табоҳ сохт? Оё ислом мӯҷиб шуд, ки эрониёни олиқадр дар ҷаҳони илм ва фалсафа ва ирфон ва ҳунар ва санъат ва ахлоқ зуҳур кунанд ва баландовоза шаванд ва номашон ҷаҳонгир гардад? Ё баръакс, монеи зуҳури чунин мардоне шуд ва агар дар ҷаҳони ислом эрониёне инчунин зуҳур кардаанд, на аз он ҷиҳат аст, ки ислом заминаи мусоиде фароҳам кард, ислом ҳеч таъсире дар зуҳури чунин мардоне аз Эрон надоштааст, зуҳури мардоне назири Бӯалӣ ва Абӯрайҳон ва Хоҷа Насируддини Тӯсӣ танҳо ва танҳо мавлуди қареҳаи эронӣ ва тамарруд ва исён нисбат ба ислом будааст? Билохира, оё ислом барои Эрон мавҳибат буд ё фоҷеа?

Он чӣ қатъӣ ва мусаллам аст ин аст, ки пас аз зуҳури ислом ва ташкили ҳукумати исломӣ ва гирд омадани милали гуногун дар зери як парчам ба номи парчами ислом, тамаддуне азим ва шукӯҳманд ва бисёр камназир ба вуҷуд омад, ки ҷомеашиносӣ ва торих онро ба номи “тамаддуни исломӣ” мешиносад. Дар ин тамаддун миллатҳои гуногун аз Осиё ва Офриқо ва ҳатто Урупо ширкат доштанд ва саҳим буданд. Эрониён ҷузъи милале ҳастанд, ки дар ин тамаддун шарик ва саҳиманд ва ба иттифоқи ҳамаи соҳибназарон, саҳми умда азони эрониён аст.

Ҳақиқати матлаб чист? Оё ҳамон тавр, ки номи он ҳикоят мекунад, воқеан тамаддуни исломӣ аст, яъне воқеан ислом омили аслӣ ва муҳаррики асосӣ ва бавуҷудоварандаи шароити ин тамаддун ва фарҳанг буда ва руҳи ҳоким бар он, руҳи исломӣ аст? Ё иллатҳо ва асбоб ва мӯҷибот ва ангезаҳои дигаре дар кор будааст ва ҳар миллате, ва аз он ҷумла миллати Эрон, ба мӯҷиби хосс ва ангезае, ки танҳо бо собиқаи торихии ӯ марбут аст, саҳми худро ифо кардааст?

Баррасии ин баҳси торихӣ ва иҷтимоӣ ва динӣ мусталзими ин аст, ки торихи Эрон муқорини зуҳури исломро варақ бизанем ва низомоти фикрӣ, эътиқодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, хонаводагӣ, ахлоқии он аҳдро таҳқиқ ва баррасӣ кунем ва бо он чӣ ислом дар ин заминаҳо овард ва ба Эрон дод, муқоиса кунем, то битавонем ба натиҷагирии саҳеҳ ноил ойем.

Хушбахтона, торихи ислом ва ҳамчунин торихи Эрон муқорини зуҳури ислом равшан аст. Ба суҳулат метавон ҳақиқатро дарёфт ва чунонки медонем, дар ним қарни ахир дар бораи ин матлаб зиёд баҳс мешавад. Нахустин бор урупоиён ин масъаларо тарҳ кардаанд. Қаблан, мардуми Эрон монанди ҳамаи мардуми дигари ҷаҳон одат надоштанд дар бораи

ин гуна масоил биандешанд, вале имрӯза дар бораи ин гуна матолиб бисёр баҳс мешавад. Аммо мутаассифона асри мо ва лоақал кишвари мо ҳанӯз марҳилаи "таблиғ"-ро тай мекунад ва камтар ба "таҳқиқ" мепардозад. Афроде тӯтивор аз неъмати ислом барои Эрон дам мезананд ва афроде дигар низ ба ҳамин минвол нуқтаи муқобили онро тарҳ мекунанд ва нуфузи исломро ба Эрон як фоҷеа барои Эрон талаққӣ мекунанд. Дар ҳоли ҳозир рӯзе нест, ки рӯзномае ё маҷаллае ё китобе дар ин мавзӯъ қаламфарсоӣ накунад ё дар радио ва телевизион сухане дар ин бора гуфта нашавад. Болотар ин ки китобҳои торихӣ ва ҷуғрофиёии дабистонҳо ва дабиристонҳо низ аз талқини як силсила матолиб дар ин замина худдорӣ намекунанд.

Мо алоқамандем бидуни таассуб ва ҷонибдорӣ ва дар камоли бетарафӣ, ин мавзӯъро расидагӣ кунем. Мӯътақидем, заминаи таҳқиқ дар ин мабҳас хеле омода аст. Хушбахтона, гурӯҳе аз муҳаққиқони урупоӣ ва тане чанд аз эрониён то ҳудуде дар ин масъала таҳқиқ кардаанд ва мо дар суханони худ ба гуфтаҳои онон бисёр истинод хоҳем кард.

Изҳори назарҳо

Барои ин ки намунае аз ақоиди мухталифе, ки дар ин замина иброз мешавад ба даст дода бошем, чанд намунаро зикр мекунем.

Оқои Тақизода дар хитобаи "*Таҳаввулоти иҷтимоӣ ва мадании Эрон дар гузашта*" ба нақли оқои дуктур Муъин дар китоби "*Маздаясно ва адаби порсӣ*" чунин мегӯяд:

"*Ислом… ойине нав, дорои маҳосин ва усул ва қавонини муназзам овард, ва интишори ислом дар Эрон руҳи тоза ва имони қавитар дамид, ки ду мояи матлуб низ бар асари он ба ин диёр омад: яке, забони бисёр ганӣ ва пурмоя ва васеъ яъне арабӣ буд… Ин забон вақте, ки ба Эрон омад ва ба тадриҷ бо забони латиф ва нағз ва дилкаши ориёӣ ва тамаддуни эронӣ мамзуҷ ва таркиб шуд ва ҷӯши комил хӯрд… барои мо забоне ба вуҷуд овард, ки лоиқи баёни ҳамаи матолиб гардид. Ва намояндаи дурахшони он Саъдӣ ва Ҳофиз ва Носири Хусрав ва амсоли онҳо ҳастанд… Дигаре, улум ва маориф ва тамаддуни бисёр олии пурмояе буд, ки ба василаи тарҷумаҳои китобҳои юнонӣ ва сурёнӣ ва ҳиндӣ ба забони арабӣ, дар машриқи исломӣ ва қаламрави хилофати шарқия аз авосити қарни дуввум то охирҳои қарни севвум байни мусалмонони ошно ба забони арабӣ ва бахусус эрониён интишор ёфт… Аз уқёнуси бекарони улум ва фунун ва одоби ҳикмати юнонӣ, нисбатан*

кам китобе — ки дар қарни дуввум мавҷуд буд — монд, ки мусалмонон тарҷума накарданд… Бар асари он тарҷумаҳои арабӣ аз юнонӣ, илм ва ҳикмат ва ҳамаи фунун чунон дар мамолики исломӣ ва махсусан дар Эрон ривоҷ ёфт, ки ҳазорон олими номдор монанди Ибни Сино ва Форобӣ ва Берунӣ ва Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ ва гайруҳум бо даҳҳазорон таълифи муҳим (албатта 99 дарсад ба арабӣ) ба зуҳур омаданд ва тамаддуни бисёр дурахшони исломии қуруни 2 то 7 ислом, ки шояд пас аз Юнон ва Рум бузургтарин ва олитарин тамаддуни дунё бошад, ба вуҷуд омад…"

Оқои Тақизода дар ин гуфтори худ ҳамин қадр мегӯянд, ислом ба Эрон руҳи тоза дод, дар бораи ин матлаб баҳсе намекунанд, ки ислом аз Эрон чӣ чизро гирифт ва чӣ чиз ба он дод, ки дар натиҷа Эрон руҳи тоза ёфт. Мо саъй мекунем иншоаллоҳ дар ин китоб то ҳудуде ин матлабро равшан кунем. Эшон фақат ишоратан мегӯянд: "усули адолат ва қавонини муназзам овард", ки албатта инҳо қисмате аст аз он чӣ ислом оварда ва додааст. Эшон дар сухани худ сареҳан иддао мекунанд, ки ин ислом буд, ки заминаро барои шукуфтани истеъдодҳои адабӣ ва ҳикмати амалӣ аз қабили Саъдӣ ва Ҳофиз ва Носири Хусрав ва барои шукуфтани истеъдодҳои фалсафӣ ва тиббӣ ва риёзӣ аз қабили Ибни Сино ва Форобӣ ва Розӣ ва Берунӣ фароҳам кард.

Оқои Зайнулобидини Раҳнамо дар муқаддимаи тарҷума ва тафсири Қуръон чунин менависад:

"*Зуҳури дини ислом дар Арабистон яке аз бузургтарин инқилобҳои торихи башарӣ буд… Дар аввали садаи ҳафтуми масеҳӣ шурӯъ шуд ва ба тадриҷ дар муддати кӯтоҳе тамоми шибҳиҷазираи Арабистонро фаро гирифт. Пас аз он, ба кишварҳои муҷовир ҳам, ки дорои барҷастатарин тамаддун ва фарҳанги он аср буданд рӯ овард. Тағйирот ва таҳаввулоти шигарф ва бисёр жарфе, ки дар мардум ва ҷомеаи он кишварҳо ба номи усули мазҳабӣ ба вуҷуд овард, аз шигифтиҳои пур аз рамзи ҳаёти башарӣ аст, ки бисёре вобастагиҳои беҳудаи зиндагиро аз миён бурд ва бисёре аз бастгиҳои ҷадидро, ки аз ҳар занҷири пӯлодин муҳкамтар буд, дар дил ва фикри мардум офарид. Ин инқилоб ба номи тамаддуни ҷадид, на танҳо Арабистони мурда ва саҳрои беобу алафи сокит ва бесару садоеро, ки мардумаш ба ҷуз ангуштшуморе ношинос буданд, ба Арабистони пурсару садое, ки ҳазорон фарди он ба номҳо ва ановин ва барҷастгиҳои ахлоқӣ шинохта шуданд табдил кард, балки фалсафаҳо ва андешаҳои навине барояшон овард. Агарчӣ порае аз решаҳои он аз тамаддуни ду кишвари бузурги муҷовири он (Эрон ва Рум) обёрӣ шуда буд, бо*

вуҷуди ин, барои он ду кишвар ҳам бисёр тозагӣ дошт; ба манзилаи дуруси нави осмонӣ ва фалсафаҳое аз адолатхоҳӣ ва парҳезгорӣ алайҳи ситамгарӣ ва бедод буд, ки монанди обҳои хунук ва гуворое дар дили ташнаи афроди он ва дар магзи мутафаккири ҷӯяндагони онҳо ҷойгузин гардид. Ин ғалабаи фикрӣ ба номи "казо" кори бузурги ислом бар иҷтимоъот ва мардуми он ду кишвари бузург ва русухи таълимоти додхоҳӣ дар мардуми ситамдидаи онҳо, ки роҳашон аз халқ бурида шуда ва фақат ба сӯйи холиқ боз монда буд, танҳо ба унвони пирӯзии побараҳнаҳо бар чакмапӯшҳо ва ғалабаи силоҳи кӯҳна бар силоҳи нав, ё ғалабаи бесилоҳҳо бар силоҳдорон набуд, балки — чунонки гуфтем — ғалабаи андешаи нав ва додхоҳии гурӯҳи мазлумон бар ҷамъияти золимон ва пирӯзии ситамдидагон бар ситамгарон буд. Ин фикр ва эҳсос дар мардуми он кишварҳо чунон русухе кард, ки барои барандохтани ҳукуматҳои худашон, бо парчамдорони ойини исломӣ ҳамовоз ва ҳамфикр шуданд ва осори ин ғалабаи маънавӣ имрӯз ҳам, ки якҳазору чандсад сол аз он зуҳур ва пайдоиш мегузарад, дар хонаи яко-яки афроди миллатҳои имоноварда барқарор аст, дар сурате, ки аз пирӯзии ҷангӣ ва ҷанговарони фотеҳи араб кучактарин асаре дар ин кишварҳо боқӣ намондааст".

Ба ақидаи оқои Раҳнамо, ислом вобастагиҳои беҳударо аз байн бурд ва вобастагиҳои пӯлодин ба вуҷуд овард, фалсафаҳо ва андешаҳои навине арза ва ироа кард, ғалабаи ислом ғалабаи андешаи нав бар андешаи кӯҳна буд, на ғалабаи қавме бар қавми дигар, ғалабаи ислом ғалабаи адолатхоҳӣ ва парҳезгорӣ буд бар ситамгарӣ ва табаҳкорӣ, омили аслии пирӯзии ислом мардуми араб набуданд, балки тӯдаҳои маҳрум ва ташнаи ҳақиқат ва адолати худи он сарзаминҳо буданд, ки дар партави як андешаи осмонӣ бар қудратҳои аҳримании ҳоким бар иҷтимоъоти худ шӯриданд.

Оқои дуктур Абдулҳусайни Зарринкӯб дар китоби "*Корномаи ислом*" дар баҳс аз иллатҳои тамаддуни азим ва бошукӯҳи исломӣ мегӯяд:

"*… Он чӣ ин мояи тараққиёти илмӣ ва пешрафтҳои моддиро барои мусалмонон муяссар сохт, дар ҳақиқат ҳамон ислом буд, ки бо ташвиқи мусалмонон ба илм ва тарвиҷи нашоти ҳаётӣ, руҳи муъозадат ва тасомуҳро ҷонишини таассуботи дунёи бостонӣ кард. Ва дар муқобили руҳбонияти калисо, ки тарк ва инзиворо тавсия мекард, бо тавсияи мусалмонон ба "роҳи васат", тавсиъа ва такомули санъат ва илми инсониро тасҳил кард. Дар дунёе, ки ислом ба он ворид шуд, ин руҳи тасоҳул ва эътидол дар ҳоли завол буд. Аз ду нерӯи бузурги он рӯзи дунё (Бизонс ва Эрон), Бизонс дар асари таассуботи масеҳӣ, ки рӯз ба рӯз дар он бештар ғарқ мешуд, ҳар рӯз алоқаи худро*

беш аз пеш бо илм ва фалсафа қатъ мекард. Таътили фаъолияти фалосифа ба василаи Жустинён, эъломи қатъи иртиботи қарибулвуқӯъ буд байни дунёи Рум бо тамаддун ва илм. Дар Эрон ҳам изҳори алоқаи Хусрави Анушервон ба маърифат ва фикр, як давлати мустаъҷил буд, ва боз таассуботе, ки Бурзуяи табиб дар муқаддимаи "Калила ва Димна" ба он ишорат дорад, ҳар навъ эҳёи маърифатро дар ин сарзамин ғайримумкин кард. Дар чунин дунёе, ки асири таассуботи динӣ ва қавмӣ буд, ислом нафхаи тозае дамид, чунонки бо эҷоди дорулислом, ки маркази воқеии он Қуръон буд — на Шом ва на Ироқ — таассуботи қавмӣ ва нажодиро бо як навъ ҷаҳонватанӣ чора кард. Дар муқобили таассуботи динии насоро ва маҷус, тасомуҳ ва таоҳуд бо аҳли китобро тавсия кард ва алоқа ба илм ва ҳаётро. Ва самараи ин дарахти шигарф, ки на шарқӣ буд ва на ғарбӣ, баъд аз басти футуҳоти исломӣ ҳосил шуд".

Аз назари оқои дуктур Зарринкӯб, ислом ба дунёе по гузошт, ки дар ҳоли рукуд ва ҷумуд буд. Ислом бо таълимоти мабнӣ бар ҷустуҷӯи илм ва тарки таассуботи қавмӣ ва мазҳабӣ ва эъломи имкони ҳамзистӣ бо аҳли китоб, ғиллҳо ва занҷирҳое, ки ба таъбири худи Қуръон, ба дасту по ва гардани мардуми ҷаҳони он рӯз баста шуда буд, пора кард ва заминаи рушди як тамаддуни азим ва васеъро фароҳам сохт.

Профессор Эрнест Кунели олмонӣ (*Ernst Kühnel*), устоди ҳунари исломӣ дар донишгоҳи Берлин дар солҳои 1935-1964, дар муқаддимаи китоби "*Ҳунари исломӣ*" мегӯяд:

"*Иштирок дар мӯътақадоти динӣ дар ин ҷо, таъсире қавитар аз он чӣ дар дунёи масеҳият вуҷуд дорад, бар фаъолиятҳои фарҳангии милали мухталиф доштааст. Иштирок дар мазҳаб боис шуда то бар рӯйи ихтилофоти нажодӣ ва сунани бостонии миллатҳо "пул" баста ва аз фарози он на танҳо алоиқи маънавӣ, балки ҳатто одоб ва русуми кишварҳои гуногунро ба тарзи ҳайратангезе дар ҷиҳати равшан ва мушаххасе ҳидоят намояд. Чизе, ки беш аз ҳама дар ин феълу инфиъол ҷиҳати эҷоди ваҳдат ва посух ба ҷамиъи масоили зиндагӣ қотеъият дошт, Қуръон буд. Интишори Қуръон ба забони аслӣ ва фармонравоии мутлақи хатти арабӣ, пайванде ба вуҷуд овард, ки тамоми дунёи исломро ба ҳам марбут сохт ва омили муҳимме дар халқи ҳар навъ асари ҳунарӣ гардид. Табоюн дар ҳунари динӣ ва ғайрдинӣ он тавр, ки дунёи ғарб мешиносад, дар ин ҷо ба куллӣ аз байн рафтааст. Албатта ибодатгоҳҳо ба иллати эҳтиёҷоти амалӣ, шакли меъмории хоссе пайдо кардаанд, вале тазйини онҳо дуруст мутобиқи қоидаҳое буда, ки дар мавриди биноҳои ғайрдинӣ ҳам риоят шудааст*".

Ва ҳам ӯ мегӯяд:

“*Он чӣ дар ин ҷо камоли аҳаммиятро дорад ин аст, ки бо вуҷуди бархӯрдҳои шадиди сиёсӣ дар қуруни вусто, байни тамоми кишварҳои исломӣ равобите вуҷуд дошт, ки на танҳо муомилоти тиҷориро равнақ медод, балки имкони тавсиъа ва табодули пешрафтҳои фарҳангиро низ муяссар месохт. Сафарномаҳои ҷаҳонгардон ва ҷуғрофиёдонони бузурги араб ҳокӣ аз он аст, ки чӣ гуна мардуми як кишвар аз имтиёзҳои кишварҳои дигар мутталеъ будаанд. Бинобар ин, ҷойи ҳеч гуна тааҷҷубе нест агар мебинем, ки кашфиёти техникии ҷадид ва пешрафтҳои ҳунарӣ бо суръат ба ҳама ҷо роҳ пайдо кунад. Ҳар кас дар мактаби ҷаҳонбинии гарбӣ таълим дидааст, бояд пеши худ муҷассам кунад, ки дар дунёи ислом шароити аввалияи дигаре ҳукмфармо буд ва ин шароит беш аз ҳар чиз дар халқи осори ҳунарӣ муассир буд*”.

Он чӣ ин донишманд мегӯяд, агарчӣ махсуси Эрон нест ва шомили тамоми қаламрави исломӣ мешавад, вале ба ҳар ҳол шомили Эрон ҳам ҳаст. Нуктаи ҷолиб дар баёни ин донишманд ин аст, ки мегӯяд, мусалмонон аз нажодҳои мухталиф бар рӯйи ихтилофоти нажодии худ пул баста буданд. Яъне ислом барои аввалин бор тавонист куллияте ва ваҳдате сиёсӣ ва иҷтимоӣ бар асоси ақида ва марому маслак ба вуҷуд оварад, ва ҳамин ҷиҳат тасҳилоти зиёде аз лиҳози эҷоди тамаддуне азим ва васеъ ба вуҷуд овард. Аз ин гуна изҳори назарҳо фаровон метавон ёфт.

Нуқтаи муқобили ин гуна изҳори назарҳо (ки дар қисмати пешин оварда будем), як силсила изҳори назарҳои дигар аст, ки онҳо низ бояд мавриди таваҷҷӯҳ воқеъ шавад. Тибқи он изҳори назарҳо ҳуҷуми аъроби мусалмон ба Эрон ва ғалабаи онҳо бар эрониён, барои Эрон фоҷеа будааст назири фоҷеаи ҳамлаи Искандар ва ҳамлаи муғул. Ҳамон тавр, ки ҳамлаи Искандар ва ҳамлаи муғул — ва махсусан ҳамлаи муғул — шерозаи як тамаддуни бузургро аз ҳам пошид, ҳамлаи аъроби мусалмон низ маданиятеро музмаҳил сохт. Ва агар мардуми Эрон баъд аз ислом, хусусан дар қарнҳои севвум ва чаҳорум ва панҷум ва шашуми ҳичрӣ, дар хатти илму фарҳанг афтоданд, ношӣ аз хасисаи нажодӣ ва собиқаи фарҳангии қабл аз исломи онҳо буд, ва дар ҳақиқат, навъе бозгашт ба давраи қабл аз ислом буд. Ва ислом танҳо коре, ки кард ин буд, ки дар ҳудуди ду қарн вақфае дар ин сайри илмӣ ва фарҳангӣ эҷод кард. Пас аз ду қарн, ки Эрон истиқлоли сиёсӣ ёфт ва аз таҳти султа ва

нуфузи араб хорич шуд ва шахсияти пешини худро бозёфт, думартиба роҳи гузаштаи хешро идома дод ва бад-ин гуна истимрори фарҳангии Эрон идома ёфт.

Албатта, дар миёни муҳаққиқони эронӣ ва ғайриэронӣ касеро наметавон ёфт, ки ин гуна изҳори назар намояд. Ин гуна изҳори назарҳо ҳамвора аз тарафи касоне сурат мегирад, ки гуфторашон обуранги таблиғ дорад ва аҳаммияте, ки дорад, дар ин аст, ки ахиран зиёд такрор мешавад ва ғолибан тавъам аст бо таъбироти адабӣ ва таҳрикомез.

Оқои Фаридуни Одамият дар китоби "*Амири Кабир ва Эрон*" мегӯяд:

"*Дини ислом барои эҷоди марказият дар як ҷомеаи ибтидоӣ мисли Арабистон, комилан зарурӣ буд, ба ҳамин далел ҳам зуҳур кард. Ин мазҳаб, ки маъҷуне буд аз афкор ва адёни собиқи он шибҳиҷазира ва ҳовии таъолими дупаҳлӯ ва кешдор, пас аз вуруд ба Эрон як инҳирофи ногаҳонӣ дар сайри иҷтимоии ин кишвар ворид овард, ва ба ҳамон андоза, ки барои як иҷтимои ибтидоӣ мисли Арабистон муфид воқеъ гардид, маншаи осори шум ва мухаррибе дар Эрон гашт. Эрониён низ ба навбаи худ бекор нанишастанд ва муддати буҳту ҳайрат ва замони тамошои онон кам тӯл кашид ва аз ҳар тараф нағмаҳои мухолиф соз намуда, ғолибан тариқа ва машйи худро бо оятҳои носиху мансухи Қуръон мудаллал мекарданд.*

… Вале рафта-рафта дар натиҷаи интишор ва русухи он қисмат аз таъолими ислом, ки дунёро ҷифае фонӣ ва зиндони мӯъмин медонист ва ривоҷи фалсафаи ҳиндӣ бо он усули манфӣ ва фано филлоҳӣ, миллати Эрон ба як беалоқагӣ ба зиндагонии моддӣ хӯгар шуд, ки тасаллибахши андешаи чорачӯии ӯ буд. Бад-ин тартиб мебинем, ки таъолими ислом мисли гуноҳ шумурдани ҷамъи сарвату мол, таҳрими санойеи мустазрафа, рӯзиро мақсум ва сарнавишти башарро муқаддар ва маҳтум шумурдан ва мутавассил ба қазо ва қадар шудан, бо фалсафаи ишроқ ва усули тасаввуф, ки дар бадви амр ба сурати як муқовимати манфӣ аз тарафи мухолифини ислом ҷилвагар шуда буд, дарҳам омехт. Эътиқод ба фалсафаи тақдир дар Эрон ривоҷи бисёр гирифт ва дар натиҷаи он, ҳаёти моддии Эрон ба парешонӣ ва вайронӣ гаройид. Қатъи алоиқи дунявӣ, танбалӣ, вайронанишинӣ, хароботигарӣ, гадоӣ ва дарюзагӣ ҳама аз натоиҷе буд, ки дуруст ё нодуруст аз мазҳаби ислом гирифтанд. Ин таъолим дар Эрон равнақ ёфта, муқаддимаи як инҳитоти иҷтимоиро фароҳам менамуд".

Ин нависанда аз тарафе мегӯяд дини ислом барои эҷоди марказият дар як ҷомеаи ибтидоӣ мисли Арабистон комилан зарурӣ буд, ва аз тарафи дигар танбалӣ, вайронанишинӣ,

хароботигарӣ, гадоӣ ва дарюзагиро маҳсули таъолими исломӣ медонад. Чӣ тавр мумкин аст, ки таълимоти инчунин қодир бошад ҳатто ҷомеае мисли Арабистони он рӯзро марказият ва ваҳдат ва қудрат бидиҳад? Сониян, агар чунон буд, бояд милали исломӣ аз ибтидои нуфузи ислом дар миёни онҳо дучори рахват ва сустӣ ва инҳитот мешуданд, дар кори зиндагӣ ба унвони ин ки дунё ҷифа аст лоқайд мегаштанд ва даст рӯйи даст гузошта ҳама чизро ҳавола ба тақдир мекарданд ва худ хароботӣ мешуданд, ва ҳол он ки тибқи гувоҳии қатъии торих, бо зуҳури ислом, дар мардуми минтақае васеъ аз шимоли Офриқо то шарқи Осиё ҳаёт ва ҷунбиш ва наҳзате азим ва васеъ падид омад ва тамаддуне камназир поягузорӣ шуд ва то шаш қарн идома ёфт ва пас аз он, рукуд ва ҷумуд ва руҳи хароботигарӣ бар мардуми ин минтақа мусаллат гашт.

Ин нависанда, дониста ё надониста, муборизаи ахлоқии исломро бо пулпарастӣ ва ин ки набояд ҳадафи зиндагӣ таҳсили даромад ва анбоштани сарват бошад, ба ҳисоби гуноҳ шумурдани кор ва фаъолият ва касб ва санъат ва тавлиди сарват ҳарчанд ба манзури хидмат ва тавсиъаи зиндагии иҷтимоӣ бошад — ки акидан мавриди ташвиқ ва тавсияи ислом аст — мегузорад ва миёни зуҳду тақво ба мафҳуми будоӣ ва масеҳӣ, ки ҳар як аз ибодат ва фаъолиятро ба як дунёи ҷудогона марбут медонад ва зуҳду тақвои исломӣ, ки иборат аст аз улувви назар ва покӣ ва таҳорати нафс фарқ намениҳад ва ё намехоҳад фарқ ниҳад.

Аз ҳама аҷибтар, пеш кашидани баҳси қазо ва қадар аст, ки ба пайравӣ аз урупоиён онро омили инҳитоти мусалмонон мешуморад. Беҳтар ин буд лоақал ин баҳсро ба касоне, ки тахассусе доранд вогузор мекард. Ин банда (Муртазо Мутаҳҳарӣ) дар рисолаи "*Инсон ва сарнавишт*" ба андозаи лозим дар бораи қазо ва қадар ба мафҳуми исломии он ва таъсир ва ё адами таъсири он дар инҳитоти мусалмонон баҳс кардааст, ва он рисола чоп шуда ва дар ихтиёри хонандагони мӯҳтарам ин китоб аст.

Дар китобҳои дарсии дабистонӣ ва дабиристонӣ каму беш ҳамин тарзи тафаккур таблиғ мешавад. Камтар китоби килосикро метавон ёфт, ки вориди ин баҳс шуда бошад ва ин тарзи тафаккурро таблиғ накарда бошад. Мо намунае аз як китоби дабиристонӣ нақл ва ба ҳамон иктифо мекунем. Дар ҷуғрофиёи соли дуввуми дабиристон, таҳти унвони "ҷуғрофиёи инсонии Эрон" менависад:

"Таъсис ва эҷоди донишкадаи пизишкии Ҷунди Шопур (дар Хузистон) дар замони сосониён, намудори тавоҷҷӯҳи амиқи эрониён ба масоили илмӣ буда. Ба таври қатъ китобҳо ва рисолоти пуразрзише дар он замон ба василаи эрониён тадвин гардидааст, ки мутаассифона бар асари ҳамалоти бегонагон аз байн рафта ва акнун фақат асомии баъзе аз онҳо ба ёдгор мондааст. Тасаллути араб бар Эрон, дар ҳаёти илмӣ ва адабии мо таъсири амиқе доштааст. Зеро аз як сӯ қисмати аъзами осори илмӣ ва адабӣ ва ҳунарии моро маҳву нобуд сохт, ва аз сӯйи дигар муҳоҷимон забон ва хатти худро онҷунон бар мо таҳмил карданд, ки бисёре аз донишмандони эронӣ монанди Ибни Муқаффаъ, Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абуалӣ Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯнасри Форобӣ, Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ва Ҳаким Умари Хайёми Нишопурӣ осори илмӣ ва адабии фаровоне ба забони арабӣ мунташир сохтанд. Аз қарни севвуми ҳичрӣ, ки бар асари муҷоҳидот ва муборизоти далеронаи мардуми Эрон кишвари мо истиқлоли худро бозёфт, забони кунунӣ эътибори фаровоне гирифт ва гӯяндагон ва нависандагони суханпардози номӣ ҳамчун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Масъуди Саъди Салмон, Мавлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва садҳо шоир ва нависандаи нагзгуфтори ватани мо сарчашмаи файёзе барои адабиёти ҷаҳон ба вуҷуд оварданд".

Бино бар навиштаи ин китоб, дар Эрони қабл аз ислом улум ва ҳунар ва адабиёт равнақи фаровоне доштааст ва тасаллути аъроби мусалмон, дар ҳаёти маънавии Эрон таъсири манфӣ доштааст ва аъроб забон ва хатти худро онҷунон бар Эрон таҳмил карданд, ки ҳатто амсоли Бӯалӣ Сино ва Ғаззолӣ пас аз чаҳорсад сол ва понсад сол баъд аз ин ҳамла ва дивист сол ва сесад сол пас аз истиқлоли Эрон, боз ҳам маҷбур буданд ба забони арабӣ осори худро таълиф кунанд, ва фақат аз замоне ба назму насри порсӣ пардохтанд, ки аз асорати араб наҷот ёфтанд ва забони форсӣ аксуламале буд дар муқобили ҳуҷуми ислом ва мусалмонӣ. Мо қаблан дар бораи афсонаи таҳмили забони арабӣ ба Эрон ва ин таблиғи муғризона, ки эҳёи забони форсӣ як аксуламали эронӣ буд дар муқобили ислом, баҳс кардаем ва дар бораи афсонаи маҳви осори илмии Эрон ба василаи аъроби мусалмон ва бахусус дар бораи моҳият ва ҳувияти донишкадаи Ҷунди Шопур баъдан дар ҳамин китоб ва ё дар як рисолаи ҷудогона баҳс хоҳем кард.

Бархе поро аз ин фаротар ниҳода ва вуруди исломро ба Эрон мусовӣ бо як фалокат ва бадбахтии доим дониста ва тамоми хасоиси суи ахлоқии имрӯзи эрониёнро мавлуди ҳуҷуми аъроб ба Эрон ва нуфузи ислом дар миёни эрониён муаррифӣ мекунанд. Барои

намуна, қисмате аз як мақола дар маҷаллаи "*Фирдавсӣ*" шумораи 787 муаррахаи 3 обони 1345 (25 октябри 1966)-ро зикр мекунем. Нависанда дар ин мақола хостааст ба китоби "*Ғарбзадагии Ҷалоли Оли Аҳмад*" посух бигӯяд. Оли Аҳмад гуфтааст, фасоди ин насл мавлуди худбохтагии ин насл дар баробари ғарб ва мошинисм аст. Оли Аҳмад ғарбзадаро ин тавр тавсиф мекунад:

"*Одами ғарбзада ҳирҳиримазҳаб аст (яъне касе ки ҳеч мазҳабе надорад), ба ҳеч чиз эътиқод надорад, аммо ба ҳеч чиз ҳам беэътиқод нест, як одами исқотӣ аст, нон ба нархи рӯзхур ва ҳама чиз барояш баробар аст. Худаш бошад ва хараш аз пул бигузарад, дигар буду набуди пул ҳеч аст. На имоне дорад, на маслаке, на мароме, на эътиқоде ба Худо ё ба башарият. На дар банди таҳаввули иҷтимоӣ аст ва на ҳатто дар банди ломазҳабӣ ва бединӣ. Албатта гоҳе ба масҷид меравад, ҳамон тавр ки ба ҳизб меравад ё ба синамо, аммо ҳамаҷо фақат тамошочӣ аст, дуруст мисли ин ки ба тамошои бозии футбол рафтааст. Ҳамеша канори гуд аст. Ҳеч вақт ӯро васати гуд намебинӣ. Ҳеч вақт аз худаш моя намегузорад, ҳатто ба андозаи ним ашке дар марги дӯсте ё тавоҷҷӯҳе дар зиёратгоҳе ё тафаккуре дар соати танҳоӣ, ва аслан ба танҳоӣ одат надорад, аз танҳо мондан мегурезад, чун аз худаш ваҳшат дорад. Ҳамеша дар ҳамаҷост. Ҳеч вақт аз ӯ фарёде ё эътирозе ё аммое ё чуну чарое намешунавӣ. Одами ғарбзада роҳатталаб аст, дамро ганимат медонад — ва на албатта ба таъбири фалсафа — одами ғарбзада шахсият надорад, чизест беасолат…*"

Маҷаллаи "*Фирдавсӣ*" ба Оли Аҳмад ҷавоб медиҳад, ки:

"*Ин одам, ки ту васф кардӣ, фақат моли дивист соли ахир аст?.. На, чунин одами сар ба ҳаво ва беэътиқоди ҳирҳиримазҳаби мутамаллиқи дурӯғгӯи бемояи беватани ҳеҷҷойӣ, ки ту васф кардӣ, қариб ҳазору сесад сол аст, ки дар ин обу хок падид омадааст. Аз ҳамон рӯзи шуму сиёҳ, ки нигаҳбонони кохи Мадоин ба дидани тозиён ба канори дарвозаҳои шаҳр фарёд баровардand: "Девон омаданд, девон омаданд", нутфаи ин мавҷуди ҳаромзода баста шуда. Ва ҳангоме ки Фирӯзён, сардори нигунбахти эронӣ дар ҷанги Наҳованд фиреби худъаи ноҷавонмардонаи аъробро дар гурезу ҳамла хӯрд ва бохт, ин мавҷуд ба дунё омад. Ва ҳоло ҳазору сесад сол аст, ки мо онҷунон одамҳое дорем, ки ҳамаашон тақия мекунанд, ба дигарон итминон надоранд. Ва чун суизаннӣ ҳастанд, ҳеч гоҳ дилашонро боз намекунанд ва ҳеч вақт аз онҳо фарёде ё эътирозе ё аммое ва ё чуну чарое намешунавӣ*".

Ҳамин маҷалла дар дунболаи ин мақола дар шумораи баъд менависад:

“Дар ҳазору анде сол пас аз ҳамлаи аъроб ба ин сарзамин, меъёрҳои ахлоқӣ, руҳӣ ва миллии мо дигаргун шудааст, кайфияти ҷанговарӣ, ҳариф будан ва ҳуҷумоварии мо, ба забунӣ, нон ба нархи рӯзхӯрӣ ва ноҷинсӣ ва тазабзуб бадал шуд. Ва аз ин тағйир чӣ ҷурсумаҳои дигар, ки ба ҷонамон ҳамла меоварад…”

Ва ҳамчунин ҳамин маҷалла дар шумораи 23 урдибиҳиштмоҳи 1347 (13 майи 1968) таҳти унвони “*Сумбулизм дар шеър*” менависад:

“Медонем ҳамлаи тозиён ба Эрон барои мардуми марзу буми мо бисёр гарон тамом шуд, ва дар тасодуми ду тамаддуни Эрон ва тозиён, мардуми мо аз пой даромаданд ва шикасти сиёсӣ ба шикасти маънавӣ анҷомид… Тозиён тамаддуни Эронро истеҳзо мекарданд ва эрониёнро “маволӣ” яъне бандагон мехонданд… Ҷашнҳои эронӣ мавқуф шуд, бода, ки эрониён пас аз ноҳор ва шом менӯшиданд, амали шайтонӣ ва ҳаром хонда шуд, шӯълаҳои оташкадаҳои марзу буми мо хомӯшӣ гирифт, аммо ба зудӣ мардуми Эрон ба муқовиматҳои ҷиддӣ даст заданд ва миллати Эрон аз хокистари тирабахтӣ ва шикаст чун мурги оташ бархост ва шӯълаҳои оташи нубуғи эронӣ аз оташкадаи ҷони донишвароне чун Абӯрайҳони Берунӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Закариёи Розӣ, Байҳақӣ забона кашид, кобус ба поён омад…”

Сэр Ҷон Малкуми англисӣ (*John Malcolm*) дар “*Торихи Эрон*” менависад:

“Пайравони пайғамбари арабӣ аз пойдорӣ ва лиҷоҷе, ки эрониён дар дифоъ аз мулку мазҳаби хеш намуданд, чунон дар хашм буданд, ки чун даст ёфтанд, ҳар чизро, ки мӯҷиби тақвияти миллият донистанд, арзаи тахриб ва ҳалок сохтанд. Шаҳрҳо бо хок яксон ва оташкадаҳо бо оташ сӯхта шуд ва мӯбадонро, ки маъмури мувозибати умур ва мубоширати хадамоти маъбадҳо ва ҳайкалҳо буданд, аз дами тег гузаронданд ва китобҳои фузалои миллат, аъамм аз он ки дар мутлақи улум навишта шуда буд ё дар торих ва масоили мазҳабӣ, бо касоне, ки ин гуна китобҳо дар тасарруфи эшон буд, дар маърази талаф оварданд. Араби мутаассиб ба ҷуз Қуръон дар он айём на китобе медонист ва на мехост бидонад. Мӯбадонро маҷус ва соҳир медонистанд ва китобҳои эшонро китобҳои сеҳр меномиданд. Аз ҳоли китобҳои Юнон ва Рум метавон қиёс кард, ки китобҳои мамлакате мисли Эрон чӣ қадр аз он тӯфон боқӣ хоҳад монд…”

Он чӣ ин ба истилоҳ муаррих мегӯяд, хеле тозагӣ дорад, зеро дар ҳеч санад ва мадраки торихӣ ёфт намешавад. Ночор бояд фарз кунем, ки ин муаррих ба санад ва мадраке даст ёфта, ки чашми ҳеч ҳалолзодае онро надида ва дасти аҳаде ба он нарасида ва маслиҳат ҳам

набудааст, ки он санад ва мадрак ифшо шавад. Оре, ночорем чунин фарз кунем, зеро агар чунин фарз накунем, ночорем Худой нохоста дар ҳусни ният ва камоли садоқат ва ниҳояти ростгӯии ин муаррихи азимушшаън, ки албатта ҳеч маъмурияте аз тарафи Вазорати умури хориҷаи Англистон барои таълифи ин китоб надоштааст (!) андаке тардид раво дорем, ва чунин чизе чӣ гуна мумкин аст?!

Он чӣ ин муаррих дар аснод ва мадорики ғайримаръӣ — ки ҷуз дар оршиви Вазорати умури хориҷаи Англистон пайдо нахоҳад шуд – ёфтааст, ин аст, ки аввалан, бар хилофи гуфтаи ҳамаи муаррихон, эрониён дар дифоъ аз мулку мазҳаби хеш пойдорӣ ва лиҷоҷ менамуданд ва бо он ҳама пойдориҳо ва лиҷоҷҳо ва бо он ҷамъияти фаровон, ки болиғ бар саду чиҳил милюн дар он аср тахмин зада шудааст ва бо он ҳама созу баргҳо, аз як ҷамъияти чиҳил-панҷоҳ ҳазор нафарии араби побараҳна, ки аз лиҳози адад камтар аз як даҳуми сарбозони таҳтуссилоҳи Эрон буданд ва аз лиҳози созу барги ҷангӣ тарафи муқоиса набуданд ва ба фунуни ҷангии он рӯз низ чандон ворид набуданд, шикаст хӯрданд. Пас, қатъан ин шикастро тибқи изҳороти ин нависанда бояд ба ҳисоби пуфюзии миллати Эрон гузошт, на ба ҳисоби норизоии онҳо аз ҳукумат ва ойин ва низомоти дохилии худ ва на ба ҳисоби ҷозибаи ойин ва идеулужии ҷадид ба номи ислом.

Сониян, шаҳрҳои Эрон ба василаи аъроби мусалмон бо хок яксон шудааст. Ин шаҳрҳо дар куҷо буда ва чӣ номе доштааст ва дар кадом китоби торих номи онҳо бурда шудааст? Ҷавобашро худи Сэр Ҷон Малкум бояд бидиҳад.

Солисан, мӯбадон ва мубошироне маъбадҳо аз дами теғ гузаронда шудаанд ва оташкадаҳо бо оташ сӯхта шудааст, аммо ин ки муаррихоне монанди Масъудӣ ва Мақдисӣ ва ғайри онон навиштаанд, ки то замони онҳо (дар ҳудуди қарни чаҳорум) ҳанӯз оташкадаҳо боқӣ ва побарҷо будааст ва ҳатто умарои мусалмон зимни паймони аҳд мутааҳҳид мешуданд, ки маъобиди аҳли китоб ва аз он ҷумла мачусро ҳифз кунанд, матлабест, ки оқои Сэр Ҷон Малкум намехоҳад баҳсе дар он бора бикунад.

Робеъан, китобҳои илмӣ ва мазҳабии Эрон ва касоне, ки ин китобҳо дар тасарруфашон будааст, якҷо дар маърази талаф воқеъ шудаанд. Мо баъдан таҳти унвони "*Китобсӯзӣ*" дар ин бора муфассалан баҳс хоҳем кард.

Хомисан, аъроби мусалмон мӯбадонро соҳир ва китобҳои мақусро китоби сеҳр меномиданд. Ин низ матлабест, ки барои аввалин бор аз забони ин муаррихи беғараз (!) бояд шунида шавад.

Ин буд ду назари мутазодде, ки дар бораи ислом ва Эрон изҳор мешавад. Акнун мо кадом назарро бипазирем? Оё он назарро бипазирем, ки муддай аст Эрон ва ғайри Эрон дар ҷоҳилияти амиқе фурӯ рафта буд, афкор ва ақоид ба пастӣ гаройида буд, ҳукуматҳо фосид гашта буд, низомоти иҷтимоӣ фосид, ситам фаровон, тӯдаҳо норозӣ ва ҷаҳон ниёзманд ба як таҳаввул ва навсозӣ буд, ислом омад ва ин рисолатро анҷом дод, меъёрҳоро дигаргун сохт, бандҳоро пора кард ва хобҳоро аз каллаҳо паронид ва руҳи тоза ба пайкари нимаҷони миллатҳо ва аз он ҷумла миллати Эрон дамид, ва ё ин назарро, ки мегӯяд, ҳама чиз доштем, ислом омад ва ҳамаро аз мо гирифт?

Хушбахтона, ҳамон тавр ки қаблан гуфтем, торихи ҷаҳон ва Эрон муқорини зуҳури ислом равшан аст. Мутолеаи мухтасаре дар торих вазъро равшан мекунад. Кофист бибинем, ки Эрон қабл аз ислом аз лиҳози низоми фикрӣ ва эътиқодӣ чӣ афкор ва мӯътақадоте доштааст ва арзиши он мӯътақадот чист, низомоти иҷтимоӣ, хонаводагӣ, ахлоқӣ, сиёсии он рӯзи Эрон чӣ низомоте будааст? Сипас онҳоро бо низомоти фикрӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, хонаводагӣ, ахлоқии ислом бо тавоҷҷӯҳ ба матни торих муқоиса ва натиҷагирӣ кунем.

Сухани худро аз низомоти фикрӣ ва эътиқодии Эрон оғоз менамоем.

Низоми фикрӣ ва эътиқодӣ

Мақсуд, баёни афкор ва ақоиди мазҳабии оммаи мардуми Эрон дар давраи муқорини зуҳури ислом аст. Мо феълан дар афкор ва ақоиди фалсафии он аср дар Эрон баҳсе надорем, ки оё аввалан як мактаби фалсафии муҷаззо аз ақоиди динӣ ва мазҳабӣ дар Эрони сосонӣ вуҷуд доштааст ё на? Ва ба фарзи вуҷуд, чӣ навъ мактабе будааст? Зеро бар фарз бигӯем, мактаб ё макотиби фалсафӣ вуҷуд доштааст ва фалосифае ба мафҳумӣ воқеии калима дар он аср вуҷуд доштаанд, дар руҳияи оммаи мардум таъсире надоштааст. Ва мо барои ин ки афкор ва ақоиди оммаро баррасӣ кунем, бояд мазоҳиб ва адёни он асрро баррасӣ намоем.

Ислом бидуни шак як низоми фикрӣ ва эътиқодии ҷадид ба Эрон дод. Ва ҳамон тавр, ки қаблан зикр кардем, мардуми Эрон ба шакли бесобиқае низомоти фикрӣ ва эътиқодии исломро пазируфтанд ва афкор ва мӯътақадоти пешини худро дур рехтанд ва ин пазириш, дафъӣ ва фаврӣ набуд, тадричӣ буд ва махсусан бештар дар давраи истиқлол ва қудрати эрониён дар муқобили аъроб сурат гирифт.

Ин баҳс аз ин ҷиҳат дилкаш аст, ки аз тарафе ислом аз як имтиёзи хосс бархӯрдор аст, ки ҳеч ойине монанди он ин андоза натавонистааст руҳи мардуми мағлубро таҳти таъсир ва нуфузи маънавии худ қарор диҳад.

Густов Ле Бун (*Gustave Le Bon*) дар "*Торихи тамаддуни ислом ва араб*" мегӯяд:

"*Шариат ва ойини ислом дар ақвоме, ки онро қабул намуда таъсире басазо бахшидааст. Дар дунё хеле камтар мазҳабе пайдо шуда, ки ба қадри ислом дар қулуби пайравонаш нуфуз ва иқтидор дошта, балки гайр аз ислом шояд мазҳабе ёфт нашавад, ки то ин қадр ҳукумат ва иқтидораш давом карда бошад; зеро Қуръон, ки маркази аслӣ аст, асараш дар тамоми афъол ва одоти мусалмонон аз куллӣ ва ҷузъӣ зоҳир ва ошкор мебошад*".

Ва аз тарафи дигар, мардуми Эрон дар миёни ҳамаи милале, ки исломро пазируфтанд, аз як имтиёзи хосс бархӯрдоранд, ва он ин ки: ҳеч миллате монанди Эрон ба ин суҳулат низоми фикрии пешини худро раҳо накард ва он чунон бо ҷиддият ва ишқу алоқа дари дили худро ба рӯйи афкор ва ақоиди дини ҷадид боз накард, ва ба қавли Дузӣ (*Reinhart Dozy*), мусташриқи маъруф:

"*Муҳимтарин қавме, ки тағйири мазҳаб дод, эрониён буданд, зеро онҳо исломро нерӯманд ва устувор намуданд, на араб*".

Бинобар ин, бояд низоми фикрӣ ва ё низомоти фикрии ҳоким бар ҷомеаи он рӯзи Эронро мавриди баррасӣ қарор диҳем ва бо низомоти фикрӣ ва эътиқодии ислом муқоиса кунем, то маълум шавад ислом аз назари низомоти фикрӣ чӣ чиз аз Эрон гирифт ва чӣ чиз ба Эрон дод? Барои ин ки ба низоми фикрӣ ва эътиқодии он рӯз пай бибарем, бояд бибинем Эрон он рӯз чӣ дин ва чӣ мазҳабе, балки чӣ адён ва мазоҳибе доштааст?

Адён ва мазоҳиб

Дар Эрони сосонӣ, бар хилофи он чӣ ибтидо ба назар мерасад, танҳо ойини зартуштӣ ҳукумат намекардааст. Дини Зартушт албатта дини расмии кишвар будааст, вале адёни дигар, ки ба сурати ақаллият будаанд фаровон буда, хоҳ адёне, ки Зартуштро пайғамбар медонистаанд ва навъе иншиъоб аз дини зартуштӣ талаққӣ мешавад, ва хоҳ адёне, ки ҳеч гуна иртиботе бо дини Зартушт надошта ва аҳёнан мункири паёмбарии Зартушт будаанд. Марҳум Саъиди Нафисӣ дар ҷилди дуввуми "*Торихи иҷтимоии Эрон*" дар мақоми тавзеҳи сабаби ошуфтагии авзоъ дар давраи Сосониён, муҳимтарин сабабро ихтилофоти мазҳабӣ медонад ва муддаист, ки иҷҳофоти (ситамҳои) мӯбадони зартуштӣ омили муҳимме барои норизоӣ ва пайдоиши иншиъобот будааст. Вай мегӯяд:

"*Бино бар ташкилоти он замон, руҳониён, ки мӯбадон ва ҳирбадон бошанд, ихтиёроти номаҳдуд доштанд ва махсусан мӯбадон ва пешвои бузургашон "Мӯбадони мӯбад" дар дарбори сосонӣ муҳимтарин мақомро дошта ва эшон ҳаққи ҳар гуна таъбир ва тафсир ва ҷарҳу таъдил ва нақзу ибром ва носиху мансух дар аҳкоми маданӣ яъне заношӯӣ ва ирс ва моликият доштаанд ва андак-андак ҳар чӣ тамаддуни сосонӣ бештар русух меёфта, бар қудрат ва ихтиёрашон бештар афзуда мешуд. Ночор мардуми Эрон аз фишори эшон ва таҷовузоте, ки ба онҳо мешуд, безортар мешуданд ва мекӯшиданд, ки аз зери бори гарони ин номулоимот худро берун ованд. Ба ҳамин ҷиҳат, дар муқобили тариқаи расмии маздаяснии зартуштӣ, ки мазҳаби давлат ва дарбор буд ва ба он "беҳдин" мегуфтанд, ду тариқаи дигар дар миёни зартуштиён пайдо шуда буд: яке, тариқаи зарвониён, ки мӯътақид буданд Урмазд ва Аҳриман ҳар ду аз мавҷуди қадимтар ва болотаре ба вуҷуд омадаанд, ки "Зарвони акрона" яъне замони бекарон ном доштааст. Ва дигар тариқаи каюмарсиён, ки мӯътақид буданд Аҳриман вуҷуди мустақилле набуда, балки замоне, ки Урмазд дар кори худ шак карда, Аҳриман аз шакки ӯ падид омадааст. Зарвониён ва каюмарсиён ҳар ду бо зартуштиёни маздаяснӣ ихтилофи шадид доштанд ва бештари ин ихтилоф ҷанбаи душманӣ ба худ мегирифтааст ва бегонагон аз он баҳраманд мешудаанд…*

Панҷ фирқаи дигар низ дар Эрон будаанд, ки на танҳо бо зартуштиён ва зарвониён ва каюмарсиён ихтилоф доштаанд, балки бо худ низ носозгор будаанд:

Нахуст, яҳуди Эрон буданд, ки дар замони Ҳахоманишиён дар натиҷаи тасарруфи Бобил ба дасти Куруш, аз асорат раҳоӣ ёфта ва гурӯҳе аз эшон ба Эрон омада ва бештар дар мағриби Эрон

яъне Хузистон ва Икботон сокин шуда ва дар давраи Сосониён бар шумораи онҳо афзуда шуда буд ва дар дохили Эрон пеш рафта ва ҳатто дар ноҳияи Исфаҳон ҷамъияти касире аз эшон ҷамъ шуда буд.

Дуввум, насорои Эрон буданд, ки дар давраи Ашконӣ аз ҳамон огози давраи исавият иддае аз саканаи ноҳияҳои ғарби Эрон ба дини тарсоён гаравида ва калисоҳои махсусан мӯътабар дар ноҳияҳои шарқӣ ва ғарбии Фурот доир карда ва тариқаи хоссеро, ки ба тариқаи настурӣ маъруф аст писандида ва бад-он имон оварда буданд ва кам-кам дар дохили Эрон пеш рафта, то дуртарин ноҳияҳои шимоли шарқи Эрон дар Мовароуннаҳр рафта ва аз он ҷо ба Чин ҳам рафта ва тариқаи настуриро бо худ ба Чин бурда буданд…

Севвум, тариқаи монавӣ аст, ки дар соли 228 мелодӣ ошкор шуда ва ба зудӣ дар Эрон пешрафти бисёр карда ва чун тариқаи бепирояе буда ва монавиён кӯшиши умда дар тасфияи ахлоқ ва тазкияи нафс ва таҳорати зоҳир ва ботин дошта ва ҷанбаи ирфонӣ ва тачриди хоссе ба тариқаи худ медодаанд ва аз миёни ҳамаи мазоҳиби қадим, ҳисси зебоиписандӣ ва ҷамолпарастӣ ва ҷустуҷӯи рифоҳ ва осоиши моддӣ ва маънавӣ дар он бештар будааст, мардуми Эрон ба суръати фавқулъода бад-он гаравидаанд ва касоне, ки бад-он имон овардаанд, ақидаи росих бад-он доштаанд ва бо ҳамаи сахтгириҳо, ки Сосониён дар баробари он кардаанд, натавонистаанд онро аз миён бардоранд.

Чаҳорум, тариқаи маздакӣ аст, ки дар ҳудуди соли 497 мелодӣ дар Эрон эълон шуда ва чун иттилооте, ки аз он ба мо расида, аз касонест, ки бо он мухолиф будаанд, наметавон ба ин нукта эътимод кард, ки маздакиён тарафдори иштироки зану мол ва ҳатто тақсими дороӣ ва ба истилоҳи исломӣ "ибоҳӣ" буда бошанд. Ва бо он ки махсусан Хусрави Нӯшинравон мунтаҳои сахтгириро бо онҳо карда ва ҳамаро дар ҷое муҳосира карда ва куштааст, боз маздакиён аз миён нарафта ва дар Эрон пинҳонӣ зиндагӣ кардаанд…

Панҷум, будоиён, ки дар ноҳияҳои шимоли шарқи Эрон, аз як тараф ҳамсояи Хиндустон ва аз тарафи дигар ҳамсояи Чин будаанд ва — дар Эрон ба онҳо "бадаҳӣ" мегуфтанд — чандин маркази умда фароҳам сохта ва махсусан дар Бомиён ва Балх бутхонаҳои муҷаллал доштаанд ва маъбади маъруфи "Навбаҳор"-и Балх, ки дар даврaҳои исломӣ онро оташкада ва маркази дини Зартушт донистаанд, муҳимтарин маъбади будоии он сарзамин будааст ва хонаводаи бармакиён, ки дар давраи Ҳорунаррашид дар торихи Эрон мақоми бисёр баланде ба даст овардаанд, бозмондагони

касе будаанд, ки мансаби ӯ "пармака" яъне мутаваллӣ ва сарпарасти бутхонаи Навбаҳор будааст…

Монавиён ва будоиёни шимоли шарқи Эрон бар хилофи дигарон (зартуштиён, масеҳиён, яҳудиён) дар ҳамлаи тозиён ба Эрон пойдории сахт карда ва беш аз бист сол дар дифоъ аз сарзамини худ ҷангида ва онро дар баробари тозиён посбонӣ кардаанд".

Саъиди Нафисӣ он гоҳ мегӯяд:

"*Дар давраи сосонӣ муҳимтарин ноҳияи шоҳаншоҳии Эрон, сарзамини Ироқ ва Байнаннаҳрайни имрӯз буда, ки ҳамеша майдони ҷанг дар миёни Сосониён ва Румиён мешудааст. Бештари мардуми ин сарзамин аз нажоди сомӣ будаанд ва ба забонҳои сомӣ сухан меронданд ва хидмати бузурге, ки ба Эрон кардаанд ин аст, ки улуми юнонӣ ва ба истилоҳ "улуми авоил"-ро аз забони юнонӣ ба забони сурёнӣ, ки забони эшон будааст тарҷума мекарда ва тибб ва риёзиёт ва нуҷум ва фалсафаро дар Эрон интишор дода ва донишмандон низ бисёр аз эшон бархостаанд.*

Забонашон дар дарбори сосонӣ низ ривоҷи бисёр ёфта буд ва пеш аз он махсусан дар давраи Ҳахоманишиён, забони оромӣ тақрибан забони идории Эрон шуда буд. Дар миёни эшон низ чанд фирқа будаанд, ки ақоиди хоссе доштаанд ва пайравони тариқаи махсус будаанд, аз он ҷумла пайравони "Ибни Дайсон", ки урупоиён ба ӯ "Бордойсон" (Bardaisan) мегӯянд ва пайравони "Марқиюн", ки урупоиён ӯро "Морсиюн" (Marcion) меноманд. Фирқаи дигаре низ будааст, ки ҳамон "Собеин" бошад, ки дар Қуръон гоҳе номашон дунболи номи яҳуд ва насоро омадааст".

Ҳамаи касоне, ки роҷеъ ба мазоҳиби Эрони сосонӣ баҳс кардаанд, вуҷуд ва шуюъи мазоҳиби фавқуззикрро дар Эрон ёд кардаанд. Кристенсен (*Arthur Christensen*), муҳаққиқи маъруфи донморкӣ, дар китоби муҳаққиқонаи худ "*Эрон дар замони Сосониён*" мукаррар ба мазоҳибе, ки дар боло зикр кардем, ишора кардааст. Вай дар муқаддимаи китоби худ ишорае ба мазоҳиби қадими Эрон мекунад ва дар матни китоб фаслҳое таҳти ановини "*Ойини зартуштӣ, дини расмии кишвар*", "*Монӣ ва кеши ӯ*", "*Исавиёни Эрон*" ва "*Наҳзати маздакия*" меоварад ва ба тафсил баҳс мекунад. Дар китоби "*Тамаддуни эронӣ*", таълифи ҷамъе аз ховаршиносон, тарҷумаи дуктур Исо Беҳном низ мукаррар дар ин бора баҳс шудааст. Толибон метавонанд ба ин китобҳо ва китобҳои дигар дар ин мавзӯъ мурочеа намоянд.

Нуктаи ҷолиб ин аст, ки мазҳаби зартуштӣ дар аҳди Сосониён бо ин ки мазҳаби расмии кишвар буд ва давлати сосонӣ ва ташкилоти азими руҳонии он аср ҳомӣ ва пуштибон ва мудофеи сарсахт ва бегузашти он буданд, натавонист аксарияти қотеъе дар Эрон ба вуҷуд оварад. На танҳо масеҳият, ҳатто яҳудият ва будоӣ рақибҳои сарсахте барояш ба шумор мерафтанд ва махсусан масеҳият дар ҳоли пешравӣ буд. Адён ва мазоҳиби дигаре, аз дохили Эрон ва дар миёни нажоди ориё аз қабили монавӣ ва маздакӣ нашъат мегирифт ва сахт дар ҳоли пешравӣ ва костан аз пайравони зартуштӣ буд.

Дар ҳамаи торихи чанд ҳазорсолаи ин кишвар, танҳо ислом аст, ки тадриҷан аксарияти қотеъе ба даст овард ва мазҳабҳо ва маслакҳое аз қабили монавӣ ва маздакиро пас аз ду се қарн ба куллӣ решакан сохт, басоти будоигариро дар машриқи Эрон ва дар Афғонистон барчид ва масеҳият ва яҳудият ва зартуштигариро дар ақаллияти ночизе қарор дод.

Сосониён сиёсати кишвардории худро бар асоси мазҳаб ниҳоданд. Ардашери Бобакон, сарсилсилаи Сосониён, худ аз як хонадони руҳонӣ буд, ки ба салтанат расид. Ардашер аз як тараф ба хотири алоиқи мазҳабӣ ва аз тарафи дигар ба хотири сиёсати кишвардорӣ, ки ниёзманд ба як мабнои эътиқодӣ буд, ба эҳё ва ишоъа ва таҳкими мазҳаби зартуштӣ пардохт. Вай дастур дод, китоби муқаддаси зартуштиён Авасторо тадвин кунанд ва мураттаб созанд, ташкилоти муназзами руҳонӣ ба вуҷуд овард ва дар натиҷа руҳониёни зартуштӣ соҳиби қудрати фавқулъода шуданд.

Оқои дуктур Муҳаммади Муъин дар китоби "*Маздаясно ва адаби порсӣ*" мегӯяд:

"*Пас аз инқирози силсилаи ашконӣ навбати подшоҳӣ ба Ардашери Бобакон (226-241 мелодӣ) сардудмони сосонӣ расид. Зуҳури вай дебочаи китоби саодати Эрон ба шумор меравад. Миллати Эрон аз партави кӯшишҳои ӯ равнақе махсус ёфт! Ин подшоҳ асоси салтанати хеш ва ахлофро бар ойини "Маздаясно" бунёд ниҳод. Вай алоқа ба динро ба ирс бурда буд. Сосон, падарбузургаш, дар Истахр мутаваллии маъбади Ноҳид (Оноҳит) буд. Аз ин рӯ Ардашер бо ҳиммате махсус дар эҳёи ойини бостонӣ кӯшид. Дар рӯйи сиккаҳо оташкада ба унвони аломати миллӣ муаррифӣ гардид. Ӯ худро дар катибаҳо "Маздаясно" яъне ситояндаи Маздо хонда. Он чӣ муаррихон дар хусуси диндорӣ ва иртиботи подшоҳӣ бо руҳоният бад-ӯ нисбат додаанд, Фирдавсӣ дар Шоҳнома зимни андарзҳои вай ба писараш Шопур талхис карда, гӯяд:*

Чунон дину давлат ба якдигаранд,

Ту гӯӣ, ки дар зери як чодаранд.

На бе тахти шоҳӣ бувад дин ба пой,

На бе дин бувад шаҳриёрӣ ба ҷой.

Ба қавли динкарт (донишномаи маздаяснӣ), Ардашер ҳирбадони ҳирбад Тансарро ба дарбори хеш хонд ва вайро фармуд, то Авасторо мураттаб созад".

Оқои дуктур Муъин сипас чунин мегӯяд:

"*Ба таври куллӣ, аҳди Сосониён бузургтарин давраи равнақи ойини маздаясно буд. Руҳонияти зартуштӣ дар ин аср ба камоли иқтидор расид, чунонки гоҳе мӯбадон ва ашроф зидди шоҳ муттаҳид мешуданд. Нуфузи мӯбадон дар ҷомеа ба ҳадде мусаллам буд, ки ҳатто дар зиндагонии фардии шаҳриён (шаҳриёрон) низ дахолат мекарданд. Тақрибан ҳамаи масоил мебоист тавассути ҳамин табақа қатъу фасл шавад*".

Он гоҳ аз Кристенсен (*Arthur Christensen*), эроншиноси маъруф ва мӯътабар, чунин нақл мекунад:

"*Нуфузи мӯбадон фақат бар пояи қудрати руҳонии эшон ва ҳамчунин довариҳои урфӣ, ки аз тарафи давлат мувофиқат шуда буд, ва низ қудрати онон дар табаррук бахшидани вилодатҳо, издивоҷҳо ва гайра… ва иқдом ба татҳир ва қурбониҳо муттакӣ набуд, балки доро будани амлоки арзӣ ва манобеи саршоре, ки аз тариқи ҷароими динӣ ва ушрия ва садақот ва ҳадоё вусул мешуд, таъйидкунандаи нуфузи онон буд. Ба илова, руҳонияти зартуштӣ дорои навъе истиқлоли васеъ буд ва метавон гуфт, ки мӯбадон тақрибан давлате дар миёни давлат эҷод карда буданд*".

Ойини зартуштӣ дини расмии кишвар

Сосониён чун сиёсати кишварро бар асоси мазҳаб ниҳода буданд ва ойини зартуштиро мазҳаби расмӣ эълом карданд ва ба руҳониюни зартуштӣ қудрати фавқулъода доданд, бо пайравони соири мазоҳиб ғолибан ҳусни сулук надоштанд ва аҳёнан таҳти таъсири руҳониюни зартуштӣ, мардумро маҷбур ба тарки мазҳаби худ ва пайравӣ аз мазҳаби зартуштӣ мекарданд ва ин мазҳабро бо зӯри шамшер ба мардум таҳмил менамуданд.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Руҳониёни зартуштӣ бисёр мутаассиб буданд ва ҳеч диёнатеро дар дохили кишвар таҷвиз намекарданд, лекин ин таассуб бештар мубтанӣ бар иллатҳои сиёсӣ буд. Дини Зартушт*

диёнати таблигӣ набуд ва руасои он доияи наҷот ва растгории куллияи абнои башарро надоштанд, аммо дар дохили кишвар муддаии тасаллути томму мутлақ буданд, пайравони соири диёнатҳоро, ки раияти Эрон ба шумор меомаданд, маҳалли итминон қарор намедоданд, хосса агар ҳамкешони онҳо дар яке аз мамолики хориҷа дорои азамате буданд".

Саъиди Нафисӣ мегӯяд:

"*Муҳимтарин сабаби ошуфтагии авзои Эрон дар давраи Сосониён ин будааст, ки пеш аз подшоҳии ин хонадон, ҳамаи мардуми Эрон пайрави дини Зартушт набуданд ва Ардашери Бобакон чун мӯбадзода буд ва ба ёрии руҳониёни дини Зартушт ба салтанат расид, ба ҳар васила, ки буд, дини ниёгони худро дар Эрон интишор дод. Ва чун пояи тахти Сосониён бар пуштибонии мӯбадон қарор гирифт, аз огоз руҳониён нерӯи бисёре дар Эрон ёфтанд ва муқтадиртарин табақаи Эронро ташкил доданд ва ҳатто бар подшоҳон бартарӣ ёфтанд, чунонки пас аз марги ҳар подшоҳе, то аз миёни касоне, ки ҳаққи салтанат доштанд касеро барнамегузиданд ва ба дасти худ тоҷ бар сараш намегузоштанд, ба подшоҳӣ намерасид. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки аз миёни подшоҳони ин силсила танҳо Ардашери Бобакон писараш Шопурро ба валиаҳдӣ баргузидааст ва дигарон ҳеч як ҷонишини худро ихтиёр накарда ва валиаҳд надоштаанд. Зеро агар пас аз маргашон "мӯбадон мӯбад" ба подшоҳии вай тан дарнамедод, ба салтанат намерасид. Дар тамоми ин давра подшоҳон ҳама дастнишондаи "мӯбадон мӯбад" буданд. Ва ҳар як аз эшон, ки фармонбардор набуд, дучори мухолифати мӯбадон мешуд ва ӯро бадном мекарданд, чунонки Яздгирди дуввум, ки бо тарсоён бадрафторӣ накард ва ба дастури мӯбадон ба куштори эшон тан дарнадод, ӯро "базаҳкор" (гунаҳкор) ва "базаҳгар" номиданд. Ва ҳамин калима аст, ки тозиён "асим" тарҷума карданд ва вай пас аз ҳашт соли подшоҳӣ ночор шуд монанди падарони худ бо тарсоёни Эрон бадрафторӣ кунад*".

Ҳамчунин мегӯяд:

"*Дар Арманистон — ки аз замони ташкили давлати "Мод" чӣ дар давраи ҳахоманишӣ ва чӣ дар давраи ашконӣ ва сосонӣ, ҳамеша аз иёлоти мусаллами Эрон буда ва муддатҳои мадид шоҳзодагони ашконӣ дар он ҷо подшоҳӣ кардаанд — сосониён сиёсати хашине пеш гирифта буданд ва ба зӯри шамшер мехостанд дини зартуштиро дар он ҷо ривоҷ диҳанд. Арманиён дар натиҷаи ҳамин хунрезиҳо, қарнҳо пойдорӣ ва лаҷоҷат карда, нахуст дар мазҳаби бутпарастии худ по фишурда ва сипас дар ҳудуди соли 302 мелодӣ андак-андак бинои гаравидан ба дини исавиро*

гузоштанд ва тариқаи махсусе ихтиёр карданд, ки ба калисои арманӣ маъруф аст. Ва дар натиҷаи ҳамин ихтилофи мазҳабӣ, дар тамоми давраи Сосониён кашмакаш бар сари Арманистон дар миёни Эрон ва Рум боқӣ буд. Ва ин ихтилоф низ на танҳо Эронро дар баробари империторони Рум ва Безантия (Бизонс) ва Руми сугро ё Руми гарбӣ ва шарқӣ заъиф мекард, балки кори бегонагони дигар ва аз он ҷумла тозиёнеро, ки ба Эрон ҳамла бурданд, осон кард".

Ҳамчунин мегӯяд:

"*Аз Критар, мӯбадон мӯбади замони Шопури аввал, ки пас аз ӯ низ муддате бар сари кор буда, се катиба дар Нақши Рустам ва Сармашҳад ва Каъбаи Зартушт боқӣ аст ва ҷузъиёти иқдомотеро, ки ба зӯри шамшер барои интишори дини Зартушт дар ноҳияҳои мухталиф ба кор бурдааст, баён мекунад*".

Дар китоби "*Тамаддуни эронӣ*", фасли панҷум дар бораи катибаи мӯбади собиқуззикр чунин менависад:

"*Дар соли 1939 мелодӣ, дар Нақши Рустам, наздики Тахти Ҷамшед, ҳайъати ҳаффории бунгоҳи ховарии Шикогу (Чикаго), дар самти машриқи биное, ки "Каъбаи Зартушт" ном дорад, катибаи тавиле ба даст овард, ки дар он мӯбад "Критар" шарҳ медиҳад, ки чӣ гуна аз 242 то 293 баъд аз мелод кам-кам риёсати руҳониюни мазҳаби Зартуштро ишғол кардааст. Яке аз ин катибаҳо ҳикоят мекунад, ки чӣ гуна иддае аз мубаллигони мазоҳиби хориҷиро, ки мондани онҳо дар Эрон салоҳ набуд, аз ин кишвар берун карданд, монанди яҳудиҳо, руҳбонони будоӣ, браҳмоиҳо, носириҳо, масеҳиён, муктакоҳо ё наҷотёфтагон (ки эҳтимолан аз ҳиндиҳо будаанд) ва билохира зиндиқҳо яъне пайравони Монӣ…*"

Албатта ҳамаи давраи сосонӣ аз назари сахтгириҳои мазҳабӣ яксон набудааст, ҳамчунонки қудрати руҳониюни зартуштӣ ҳама вақт яксон набуда ва ҳамаи салотини Эрон таҳти нуфузи мутлақи онон набудаанд. Шопури аввал, Яздгирди аввал, Хусрав Анушервон лоақал дар қисмате аз даврони зимомдории худ равиши нисбатан озодманишонае нисбат ба атбои соири мазоҳиб доштаанд.

Дар китоби "*Тамаддуни эронӣ*" мақолаи "*Вазъи мазҳаб дар Эрони гарбӣ дар замони Сосониён*" пас аз нақли катибаи мӯбад Критар ва сахтгириҳое, ки дар замони ӯ мешудааст, мегӯяд:

"*Аз тарафи дигар, вақойеънигори арманӣ Элизе Вортобид (Elisee Vartabed), аз дастхатте ёд мекунад, ки марбут ба Шопур аст ва дар он амр дода шуда, ки мугҳо ва яҳудиҳо ва пайравони*

Монӣ ва тарафдорони тамоми мазоҳиби дигарро дар ҳар нуқта аз Эрон, ки бошанд озод бигузоранд ва монеи анҷоми маросими мазҳабии онҳо нагарданд. Катибаи аввал марбут ба озорест, ки дар замони подшоҳии Баҳроми дуввум байни 277 ва 293 мелодӣ нисбат ба ақаллиятҳо анҷом гирифта. Ва дастури дуввум роҷеъ ба озодии мазоҳиб аст, ки ифтихори онро бояд ба Шопури аввал (242-273) нисбат дод".

Кристенсен (*Arthur Christensen*) дар фасли шашуми китоби хеш, ки роҷеъ ба исавиёни Эрон баҳс мекунад, вазъи куллии исавиёнро дар он аҳд чунин шарҳ медиҳад:

"*Барои тавзеҳи равобит байни исавият ва диёнати расмии Эрон дар қуруни чаҳорум ва панҷум, ба зикри иборате чанд аз "Зоху" мубодират меварзем: исавият дар аҳди сосонӣ ҳамеша ҳатто дар сахттарин давраҳои зиҷру таъаддӣ, муҷоз будааст, агарчӣ гоҳе баъзе маҷомеи исавӣ дар шаҳрҳо ва деҳот дастхуши озори уммоли эронӣ мешудаанд. Исавиён усули дини худро дар анҷуманҳое, ки дар санавоти 410 ва 420 дар пойтахти кишвари Эрон ташкил ёфт, бо ҳузури ду нафар намояндаи давлати империтурии Бизонс барқарор намуданд, ки яке "Морусо" усқуфи Миёфорқин буд ва дигар "Окос" усқуфи Омидо. "Фаръат" хутаб ва мавоъизи худро дар сахттарин айёми ҷавру таъаддӣ, ки нисбат ба исавиён дар замони Шопури дуввум ҷорӣ буд навиштааст. Ва бо вуҷуди ин, асаре дар ин рисолот дида намешавад ҳокӣ аз ин ки иҷрои маросими диёнати исавӣ дар он аҳд ба таври оддӣ ва бидуни монеъ ҷараён надошта бошад. Фишор ҳамеша мутаваҷҷеҳи уламои дини Масеҳ буда, аммо ҳеч гуфта нашудааст, ки оммаи масеҳиёнро зиҷр ё маҷбур ба иртидод намуда бошанд. Зоҳиран, исавиён чӣ дар кишвари Эрон, чӣ дар давлати империтурии Рум, дар равобити ҳуқуқӣ байни худ тобеи қонуни сурёнӣ ва румӣ буданд, ки зоҳиран онро бо урфи маҳал вифқ медодаанд. Куштorҳои бузург нудратан иттифоқ меафтод ва голибан исавиён метавонистанд ба оромӣ таҳти ҳидояти маънавии ҷосалиқон ва усқуфони худ зист кунанд*".

Ба таври куллӣ, мазҳаби Масеҳ ба унвони як ақаллияти мазҳабӣ озод будааст ва дар айни ҳол мукаррар аз озори масеҳиён дар фавосили мухталифи торих ёд мешавад ва зоҳиран бештар решаи сиёсӣ доштааст. Яъне ақаллияти масеҳии Эрон ғолибан дар кашмакашҳои Эрон ва империтурии Рум ба ҳукми вобастагии мазҳабӣ ҷониби ҳаммазҳабони худро нигоҳ медоштаанд, ва ба ҳамин ҷиҳат мавриди хашми салотини Эрон қарор мегирифтаанд.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) дар бораи Яздгирди аввал мегӯяд:

"*Мусолимате, ки Яздгирди аввал дар равобити худ бо исавиён изҳор мекард, билошак маълули ҷиҳоти сиёсӣ буд, зеро бо устувор кардани бунёни сулҳи Эрон ва Рум метавонист масоъии ҷамила дар таҳкими иқтидори салтанати хеш ба кор барад, вале илова бар ин зарурати сиёсӣ метавон гуфт, ки табъан Яздгирд моил ба мусомиҳа дар умури диёнатӣ будааст*".

Дар бораи Хусрав Анушервон мегӯяд:

"*Хусрав бо руҳониёни зартуштӣ муттаҳид шуд, то маздакиёнро чора кунад, лекин на табақаи руҳониён ва на табақаи ашроф дар аҳди ӯ ба қудрати собиқи худ даст намеёфтанд. Хусрави аввал билошак зартуштӣ буда ва аз соири подшоҳони сосонӣ ин имтиёзро дорад, ки дар масоили мазҳабӣ ҷумуд ва таассуб надошта ва нисбат ба ақоиди мухталифаи динӣ ва мазоҳиби фалсафӣ вусъати машрабӣ нишон медодааст. Исавиёнро дар муассисоти оммулманфиа истихдом мекард ва дар ин кор тардиде ба хеш роҳ намедод*".

Ойини масеҳӣ

Масъалаи пайдоиши мазҳаби исавӣ дар Эрон ва аҳёнан таҳти фишор қарор гирифтани он ва муқовимати сарсахти масеҳиён ва сипас нуфуз ва тавсиъаи он мазҳаб дар Эрон, то он ҷо, ки дар охирҳои аҳди сосонӣ бархе салотини сосонӣ тамоюл ба ин мазҳаб пайдо карданд ва бисёре аз хонадонҳои асили зартуштӣ ба он гаравиданд, достоне дилкаш ва ибратомӯз аст ва нишондиҳандаи заъфи маънавии дини Зартушт алорағми қудрати руҳониёни он дин, дар миёни эрониён аст.

Агар ислом ба Эрон наомада буд, масеҳият Эронро мегирифт ва ойини Зартушт ба дасти исавият табоҳ мешуд, ҳамчунонки кешҳои монавӣ ва маздакӣ низ, ки аз дохили Эрон зуҳур карда буданд, рақибҳои сарсахти дигаре барои ойини зартуштӣ буданд ва зартуштиён кинаи шадиде нисбат ба онҳо доштанд. Ва ба ҳамин далел аст, ки зартуштиёни Эрон монавиҳо ва маздакиҳо ва ҳатто масеҳиҳоро беш аз мусалмонон душман медоштанд. Дар давраи ислом мукаррар мебинем, ки зартуштиён ва махсусан руҳониёни зартуштӣ, бо мусалмонон алайҳи монавиҳо ва маздакиҳо ҳамкорӣ мекунанд. Ва аз он сӯ мебинем, ки исавиёни Эрон низ дар асари озорҳо ва маҳдудиятҳо ва аҳёнан қатли оммҳо (дар замони Шопури дуввум), ки аз ноҳияи зартуштиён дида буданд, мусалмононро бар зартуштиён муқаддам медоранд ва мақдами мусалмононро ба Эрон гиромӣ мешуморанд.

Нуфузи масеҳият ва тавсиъаи он дар Эрон бисёр оддӣ ва табиӣ будааст. Роҷеъ ба иллат ва маншаи пайдоиши исавият дар Эрон, Кристенсен (*Arthur Christensen*) менависад:

"*Дар мавқеъе, ки силсилаи сосонӣ ҷонишини ашкониён шуд, исавиён маркази таблиғии муҳимме дар шаҳри "Арраҳо" (дар Осиёи сағир, Туркияи феълӣ) доштанд… Давлат дар ҷангҳои бузурге, ки бо Рум кард, асиронро дар ноҳияҳои дурдасти кишвари Эрон маскан дод. Подшоҳони Эрон дар лашкаркашиҳои худ ба Сурия гоҳе тамоми саканаи як шаҳр ё як ноҳияро кӯч дода, дар яке аз нуқоти дохилии кишвар муқим мекарданд. Чун қисмати аъзами ин муҳоҷирин исавимазҳаб буданд, диёнати Масеҳ дар ҳар гӯшае аз Эрон андаке ривоҷ гирифт*".

Дар китоби "*Тамаддуни эронӣ*" ба қалами ҷамъе аз ховаршиносон менависад:

"*Дар ҳақиқат, мазҳаби Масеҳ дар Эрон ба дасти оромиҳо, ки дар Сурия иқомат доштанд ё мубаллиғоне, ки аз Эдес (Урфе, ё ҳамон Арраҳои собиқуззикр) омаданд ва ё ба дасти усарои ҷангӣ вориди ин сарзамин шуд. Аз соли яксади мелодӣ дастаҳое аз масеҳиён дар "Арбил" буданд ва байни соли 148 то 191 дар Каркуки феълӣ осоре аз вуҷуди онҳо ҳаст. Агарчӣ ҳанӯз дар Эрон мазҳаби Масеҳ ташкилоти расмӣ ба худ надода буд, вале масеҳият тавоҷҷӯҳи бисёре аз эрониён хусусан шахси Мониро ба худ ҷалб кард*".

Ҳамчунин дар ҳамон китоб таҳти унвони "*Дини Масеҳ дар Эрони аҳди сосонӣ*" менависад:

"*Дар Бизонс императур ва дарбор ва тамоми ҷомеа масеҳӣ буданд. Дар Эрон, гузашта аз ин ки амалан қудрат дар дасти зартуштиён буд, усулан аз ибтидои аҳди сосонӣ давлат ҳам аз дини Зартушт, ки дини расмӣ буд, ҳимоят мекард. Адами таассуб дар бораи масеҳиён аз ибтидои зуҳури дини Масеҳ ба вуҷуд наомада буд. Дар замони Шопури дуввум, ки аз назари сиёсӣ бо Константин душманӣ дошт, вазъи масеҳиёни Эрон бисёр сахт буд… Дар ибтидо масеҳиён ба шиддат мавриди озор қарор гирифтанд, бидуни муҳокима ё баъд аз муҳокимаи мухтасаре, онҳоро ба шаҳодат мерасонданд ё ба тариқи бисёр шадиде азоб медоданд. Шарҳи шиканҷаи шуҳадои масеҳӣ, ба забони шомӣ ба дасти мо расида ва нишон медиҳад, чӣ гуна ин масеҳиён, ки имрӯз номи онҳоро фаромӯш кардаем, бо қудрат ва шуҷоат шаҳид шудаанд. Вале ба зудӣ мақомоти расмӣ ба ин матлаб пай бурданд, ки ин масеҳиёни пуртаҷриба аз атбои манотиқи фаръӣ ва хориҷиҳои нофармон, ки ҳар соат хиёнат мекарданд набуданд, балки аз эрониёни ҳақиқӣ буданд, ки дар замони собиқ, аз тарафдорони ҷиддии мазҳаби Зартушт маҳсуб мешуданд ва баъзе аз онҳо аз ашхоси бисёр барҷаста ва машҳур буданд, ки дар меҳанпарастии онҳо шакке набуд, фақат дар*

ҳифзи ақидаи худ бисёр собитқадам буданд. Аз он ба баъд, қувваҳои интизомӣ тасмим гирифт, ба ҷойи танбеҳ, гумроҳшудагонро ба роҳи рост ҳидоят намояд, вале аз ин низ натиҷаи муфиде ба даст наомад. Бинобар ин, бо вуҷуди муддати чиҳил сол озору шиканҷа, дини Масеҳ дар Эрон мавқеияти мутмаинне ба даст овард. Вақте айёми озор ба иллати ишколоте, ки дар натиҷаи ҳамалоти ҳунҳо ва ҳаётила дар машриқ пеш омада буд, ба поён расид, мавқеъ барои эҷоди ташкилот ва вазъи собити масеҳиён дар Эрон ба даст омад… Масеҳиёни Эрон ба зудӣ соҳиби ҳаёти маънавӣ ва фарҳангии нерӯманде гардиданд, ки ҳатто озорҳое, ки дар қарни панҷум ба василаи Яздгирди дуввум ва Баҳроми панҷум ба амал омад, натавонист шикасте бар онҳо ворид оварад. Дар Салуқия (Тисфун) ва хусусан дар Насибин, мактабҳои руҳонӣ ва мазҳабӣ ба сурати дурахшонтарин мактабҳои машриқ ба вуҷуд омад. Таъсиси савмаъаҳо боис шуд, ки иддаи зиёде муаллимини усули мазҳабӣ дар он савмаъаҳо тарбият шуданд ва ин суннат ҳанӯз дар савмаъаҳо идома дорад. Ҳаёти воқеии масеҳияти Эрон бештар аз натиҷаи таблиғоти он зоҳир мешавад".

Нависандаи мақолаи фавқуззикр сипас ба мавзӯи ҳаёти масеҳият дар он аср ва қудрати таблиғоти масеҳӣ дар он замон ва дар охир ба шикасте, ки дар машриқ аз ноҳияи ислом бар масеҳият ворид шуд, ишора мекунад ва мегӯяд:

"*Бо як назари сареъ ба нақшае, ки ахиран оқои Ж.Дуилия, устоди донишкадаи ҳуқуқи Нулуз, зимни интишори ҳосили заҳмати зиёд ва пурфоидаи хеш нашр карда, равшан мешавад, ки чӣ гуна мубаллиғоне аз иёлти Калда ба кишварҳои Медитарона ва дарёи Чин рафта ва то Ҳиндустони ҷанубӣ ва Таббат ва кишвари Мугулистон, иддаи зиёдеро ба дини Масеҳ даровардаанд. Ин таблиғ дар миёни кишварҳо нашуда, балки дар миёни милали саҳрогарде ба амал омадааст, ки ҳар рӯз дар як кишвар ба сар мебурданд. Ба ин тариқ, дини Масеҳ дар ин нуқоти бисёр дур то қарни сездаҳум ҳанӯз побарҷо буд ва ҳангоме, ки мубаллиғони Фронсискан аз қабили Жон Дуплон Корпан ва Рубрук ва мусофирине монанди Морку Пулу (Марко Поло) ба он кишвар мусофират карданд, онро дар ҳоли ҳаёт ёфтанд. Дар миёни урдуҳои сайёри руасои тавоифи мугул, ки ба дунболи пирӯзӣ ба тарафи магриб равон буданд ва ҳанӯз дар бораи ихтиёри адёни мухталифе монанди будоӣ ва монавӣ ва ислом, ки дар миёни роҳашон буд тардид доштанд, мазҳаби настурӣ тарафдори зиёд пайдо кард ва ҳангоме расид, ки эҳтимол мерафт тамоми руқабои худро шикаст диҳад. Қабули дини ислом аз тарафи мугул, шикасти бузурге барои масеҳият дар ин ноҳияҳо буд*".

Дар замони Хусрави Парвиз, масеҳият дар Эрон беш аз ҳар вақти дигар қувват гирифт. Бисёре аз наздикони шоҳ, ки аз эрониёни асил буданд исавӣ шуданд. Чунонки медонем, Хусрави Парвиз дар асари қиём ва инқилоби Баҳроми Чӯбин, сардори маъруфи эронӣ маҷбур шуд Эронро тарк кунад ва ба рақиби қудратманди хеш Мурикиюс, қайсари Рум паноҳ бибарад ва аз ӯ истимдод кунад ва бо додани имтиёзоте ба ӯ ва бо кӯмаки ӯ ба пойтахт баргардад. Гӯянд, Хусрав дар муддате, ки дар Рум монда буд, тамоюле ба масеҳият пайдо карда буд.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Мӯбадон чандон аз бозгашти Хусрав, ки дар соли 581 мелодӣ иттифоқ афтод, шодмон нашуданд, зеро ки ин подшоҳ аз Рум ин армуғонро ҳамроҳ дошт, ки нисбат ба авҳом ва хурофоти насоро майле ҳосил карда буд ва кӯмаккори ӯ дар ин ақоид зане исавӣ "Ширин" ном буд, ки сугилии ҳарами ӯ гардид*".

Баъзе иддао кардаанд, ки Хусрави Парвиз кеши зартуштиро раҳо карда ва расман ба кеши масеҳӣ даромадааст, вале Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Муҳаққақан қавли Утикиюс, ки гӯяд Хусрави Парвиз ойини насоро гирифт, асле надорад, вале равобити ин подшоҳ бо қайсар Мурикиюс, ки ӯро дар гирифтани тоҷу тахт ёрӣ кард ва музоваҷати ӯ бо шоҳзодахонуми румӣ мавсум ба Мориё ва нуфузи маҳбубаи ӯ Ширин, ки кеши исавӣ дошт, ӯро водор кард, ки лоақал зоҳиран нисбат ба раиятҳои исавии худ назари марҳамате дошта бошад. Аммо шахси Хусрав ҳам мумкин аст баъзе аз хурофоти исавиёнро бар мавҳумоти собиқи худ афзуда бошад…*"

Кристенсен (*Arthur Christensen*) сипас аз қудрат ёфтани ду фирқаи масеҳии яъқубӣ ва настурӣ дар дарбори Хусрави Парвиз ва кашмакашҳои онҳо бо якдигар ва масеҳӣ шудани бархе аз сардорони эронӣ аз қабили Мехрони Гушнасп, ки настуриён ӯро ғусли таъмид доданд ва ба номи Гиоргиюс номиданд ва ҳамчунин чанд тани дигар аз ин қабил ёд мекунад. Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Мехрони Гушнасп чун ба дини Масеҳ гаравид, худро ба биёбон кашид, то дар он ҷо ҳақоиқи дини ҷадидро аз руҳбонон таълим бигирад. Рӯзе аз хоҳари худ пурсид, ки баъд аз интиқоли ман ба кеши насоро дар дарбор чӣ мегуфтанд? Хоҳараш ҷавоб дод: Биё, барои ту ҳеч хатаре нест! Шоҳ вақте ки хабари танассури туро шунид, фақат фармуд: Мехрони Гушнасп ба дӯзах шитофт! Ҳол роҳи*

худро пеш гир. Мумкин аст подшоҳ муқаррар фармояд, ки амлокатро низ пасбидиҳанд. Чанде баъд Меҳрони Гушнасп хоҳари худро мулоқот кард дар вақте ки ба ақди яке аз ашроф даромада буд. Пас чанд қадаме пеш рафта, бо камоли эҳтиром ба ӯ намоз бурд ва таъзим кард. Хоҳар аз маснади худ бархоста, бо камоли меҳрубонӣ дастро ба ҷониби ӯ дароз кард. Он гоҳ хандон ба ӯ гуфт: Шодбош, ман низ исавӣ ҳастам".

Аз он чӣ то кунун гуфтем, маълум шуд: аввалан, исавият ба таври табиӣ дар Эрони зартуштӣ дар ҳоли пешравӣ будааст, ва агар ҳол бар ҳамин минвол боқӣ мемонд, хатари бузурге барои дини зартуштӣ буд. Сониян, исавият бар хилофи зартуштигарӣ, доияи ҷаҳонӣ дошт. Яъне мубаллиғони масеҳӣ барои исавият марз намешинохтанд, фаъолона кӯшиш мекарданд, ки исавиятро дар Эрон ва хориҷи марзҳои Эрон густариш диҳанд ва дар ин роҳ муваффақиятҳое ҳам касб карда буданд. Солисан, ислом, ки ба Эрон омад, беш аз он ки ба зартуштигарӣ, ки дар ҳоли инҳитот буд зарба бизанад, ба масеҳият, ки дар ҳоли рушд ва тавсиъа буд зарба зад, бозорашро шикаст ва онро аз майдон бадар кард. Агар ислом наомада буд, масеҳият дар саросари машриқ реша медавонид. Ва танҳо нуфузи маънавии ислом буд, ки монеи густариши масеҳият дар Шарқи наздик ва Шарқи дур шуд. Попҳои масеҳӣ ҳамвора беш аз мӯбадони зартуштӣ аз тавсиъа ва нуфузи маънавии ислом дар Эрон ранҷ мебурдаанд, зеро онҳо беш аз инҳо эҳсоси ғабн мекардаанд. Ва ба ҳамин ҷиҳат аст, ки имрӯз ҳам, ки қарнҳо аз он торих мегузарад, вақте ки як нависандаи нопоксиришт зери номи Эрон ва эроният қалам ба даст мегирад, то он ҷо, ки метавонад, ба ислом ҳамла мекунад ва он кас, ки аз ӯ тақдир ва ташаккур мекунад ва ба ӯ медол медиҳад, олиҷаноб Поп аст.

Ойини монавӣ

Дини Монӣ яке дигар аз адёни мутаҳаррик ва зиндаи аҳди сосонист. Роҷеъ ба ақоиди Монӣ ва одоби монавият, ки чӣ будааст, сухан фаровон аст. Қадри мусаллам ин аст, ки кеши Монӣ чӣ аз лиҳози ақида ва чӣ аз лиҳози одоб ва маносик, бисёр печида ва ту дар туст. Умуман мӯътақиданд, ки кеши Монӣ иборат аст аз як силсила аносури зартуштӣ ва масеҳӣ ва будоӣ ба иловаи ибдоъот ва ибтикороте, ки аз худи ӯ будааст. Оқои Сайидҳасан Тақизода дар ду хитобаи муҳаққиқонае, ки дар Анҷумани Эроншиносӣ эрод карда мегӯяд:

“Ҷамъе аз муҳаққиқон моил ба ин ақида шуданд, ки ақоиди қадимии эронӣ ва махсусан ақидаи зарвонӣ ва баъзе тариқаҳои ғайрирасмӣ ва бидъатомези зартуштиён дар давраи охирҳои Ашкониён ва аввалҳои Сосониён, дар таркиб ва бунёни ақоиди Монӣ саҳми муҳимме доранд. Лекин дар натиҷаи таҳқиқоти амиқтар, маълум шуд ин шабоҳат зоҳирӣ аст ва ношӣ аз он аст, ки Монӣ дар баёни матолиби худ истилоҳоти ҳар қавм ва уммате ро иқтибос ва таълимоти худро ба қолаби мӯътақадоти ҷамоате мерехт, ки дар миёни онҳо даъвати худро нашр мекард. Баъдҳо ба ҷанбаи ақоиди масеҳӣ дар таркиби монавият бештар аҳаммият дода шуд ва махсусан муҳаққақ гардид, ки Монӣ аз дини исавӣ бештар иттилоъ дошт то аз адён ва мӯътақадоти эронӣ ва ҳиндӣ. Вале албатта манбаи иттилооти ӯ дини расмии масеҳӣ набуд, балки бештар тариқаҳои “ганусӣ”-и масеҳӣ буда, ки таҳти таъсири “ҳелинизм” яъне ақоид ва фалсафаи юнонии ишроқимашраби роиҷ дар машриқ (Сурия ва Байнаннаҳрайн) дар давраи баъд аз Искандар — ки бо фалсафаи қадим ва аслии Юнон ихтилоф дошт — омехта ба фалсафаи шарқӣ шуда ва ранги шарқӣ ба худ гирифта буд ва аз қуруни билофасли қабл аз торихи масеҳӣ дар он ноҳияҳо нашъу намо карда ва ба вуҷуд омада буд ва махсусан “Марқиюн” ва “Бордисон”, ки ҳар ду “ганусӣ” ва дорои ақидаи “санавӣ” будаанд”.

Ва ҳам оқои Тақизода мегӯяд:

“Роҷеъ ба ақоиди муҳаққиқон дар асл ва маншаи дини Монӣ бояд гуфта шавад, ки бар ҳасби таҳқиқи саҳеҳ агарчӣ Монӣ аз ҳамаи мазоҳиб ва адёни маъруф назди ӯ каму беш (масалан аз будоӣ хеле кам ва аз зартуштӣ ва зарвонӣ қадре бештар ва аз насроният боз бештар) ва аз тариқаҳои “ганусӣ” беш аз ҳама (ва махсусан аз Марқиюн) афкоре ахз намуда лекин дини ӯ фақат таркиби иқтибосот набуда, балки асос ва руҳи он аз худи Монӣ буда ва муассиси ин бинои азим ва резандаи пайи он, худи он шахси аҷиб буда ва рангҳои адёни маъруфи дигар оризӣ ва умда барои суҳулати нашри дини Монӣ дар мамолики дигар ва байни ақвоми ҳиндӣ ва зартуштӣ ва исавӣ будааст”.

Мухтаваёти дини Монӣ ҳар чӣ буда ва худи Монӣ ҳар ки будааст, ба баҳси феълии мо марбут нест. Дар фаслҳои баъд, ки роҷеъ ба “санавият” ва ғайра баҳс хоҳем кард, лоақал қисмате аз мӯътақадот ва одоб ва шаройеъи монавиятро шарҳ хоҳем дод. Он чӣ ба ин баҳс марбут аст ин аст, ки ин дин муқорини зуҳури ислом чӣ вазъе доштааст, чӣ қадр пайрав дошта ва чӣ гуна ҷозиба ва нуфузе доштааст? Оё дар ҳоли рушд ва тавсиъа буда ва ё дар ҳоли инҳитот ва завол?

Қадри мусаллам ин аст, ки ин дин доияи ҷаҳонӣ дошта ва Монӣ муддаии пайғамбарӣ буда ва худро охирин паёмбар ва дини худро комилтарини адён мехондааст. Монавият мубаллиғони забардасте дар даврaҳои баъд дошта ва тавонистааст — бар хилофи зартуштигарӣ — аз марзҳои Эрон бигузарад ва мардуми кишварҳои зиёдеро таҳти нуфузи худ қарор диҳад.

Монавият алорағми фишорҳо ва тазйиқоте, ки аз ноҳияи руҳониёни зартуштӣ дид, то зуҳури ислом боқӣ буд ва монавиҳо беш аз зартуштиён дар муқобили ҳамалоти мусалмонон муқовимат нишон медоданд. Ва дар давраи исломӣ низ то чанд қарн вуҷуд доштаанд ва тадриҷан мунқариз шудаанд.

Зуҳури Монӣ дар аввалҳои аҳди сосонӣ будааст. Таваллуди Монӣ дар Байнаннаҳрайн воқеъ шуда, вале худи ӯ эронинажод аст. Монӣ замони Ардашер сарсилсилаи Сосониёнро дарк кардааст ва зоҳиран иддаои пайғамбариаш дар замони Шопури аввал писари Ардашер будааст. Ва мегӯянд, Шопур таҳти таъсири даъвати Монӣ қарор гирифт ва лаҳзае мураддад шуд, ки дини мониро ба ҷойи дини Зартушт дини расмии кишвар қарор диҳад, аммо баъд аз ин андеша пушаймон шуд. Ва гӯянд, то ҳудуди қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ бақоёе аз монавиён будаанд. Бинобар ин, аз тулӯъ то инқирози монавият дар ҳудуди ҳазор сол тӯл кашидааст.

Дини Монӣ дар оғоз, интишори сареъ ва фавқулъода ёфт. Оқои Тақизода мегӯяд:

"*Торихи монавиён ва даъватгарони онҳо ва пайравонашон то туғёни мугул, худ достоне дароз мешавад ва фусули намоёни он интишори сареъи монавият аст дар олам ба ҳадде, ки дар ҳудуди санаи 300 масеҳӣ, яъне қариб як рубъ қарн баъд аз вафоти Монӣ, дини вай дар Сурия ва Миср ва Офриқои шимолӣ то Испонӣ ва мамлакати Гол ҷилавтар рафта*".

Ҳамчунин менависад:

"*Дар Тахористон ва дар Марв ва Балх дини Монӣ пайравони зиёде дошт ба ҳадде, ки Ҳуин Тсунг, сайёҳи чинӣ дар рубъи дуввуми қарни ҳафтуми масеҳӣ гӯяд, ки монавият дини мутлақи Эрон аст, ки мақсуд, он ноҳияҳои Эрон буда, ки дар ҳудуди Тахористон буд, ки дини Монӣ дар онҷоҳо хеле қувват дошт ва дар аввалҳои қарни ҳаштуми масеҳӣ як халифаи монавӣ дар Тахористон мустақар буд*".

Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

“Бо вуҷуди фишор ва сахтгирӣ, ки дар кишвари Эрон аз ҷониби руҳониюни зартуштӣ нисбат ба фирқаи монавӣ ба амал меомад, ин ойини ҷадид дар сарзамини Эрон боқӣ монд, вале камобеш пинҳонӣ ва сиррӣ буд. Ривоёте роҷеъ ба таъқиб ва озори монавиён дар аҳди Нарсӣ ва Ҳурмузди дуввум дар матнҳои қибтии монавия мастур аст. Амр ибни Удай, подшоҳи араби Ҳира, ин фирқаро ҳимоят мекард. Дар иёлати Бобил, ки маншаи ин эътиқод буд ва дар пойтахти шоҳаншоҳии Тисфун басе аз монавия мезиистанд, аммо ба сабаби фишор ва таъаддии аҳли замон гурӯҳе ба самти машриқ ва шимол, ки маскани тавоифи эронинажод буд ҳиҷрат карданд. Дар Сугд ҷамоате азим аз монавия сокин шуданд. Ин монавиёни шарқӣ рафта-рафта иртиботи худро бо ҳамкешони гарбӣ аз даст доданд…”

Мазҳаби Монӣ натавонист пойдор бимонад ва мунқариз шуд. Мусалламан ислом омили аслии шикасти монавият аст. Монавият як кеши сад дар сад санавӣ аст ва табъан чунин ойине дар муқобили ойини тавҳид, ки пуштвонаи фитрӣ ва фикрӣ дорад ва беҳтар қодир аст афкори мустақим, махсусан афкори табақаи донишманд ва файласуфро ҷазб кунад, наметавонад пойдорӣ кунад. Ба илова, кеши Монӣ мубтанӣ бар навъе зуҳд ва риёзат аст, ки табъан ғайриамалӣ аст; махсусан ақоиди ӯ дар бораи палидии таносул ва тақдиси таҷарруд омили умдае барои рӯй гардондан аз ӯст, хусусан он гоҳ, ки бо мактабе мувоҷеҳ мешавад, ки дар айни маънавияти вофир, аз ин навъ зуҳд ва риёзатҳо безор аст, издивоҷро муқаддас ва таволуд ва таносулро “суннат” мешуморад.

Агар мусалмонон монавияро монанди зартуштиён ва яҳудиён ва масеҳиён аз аҳли китоб мешумурданд ва решаи осмонӣ барои монавият қоил мешуданд, мумкин буд монавиён низ — ки муқорини зуҳури ислом дар қаламрави ислом зиёд буданд — монанди зартуштиён ва яҳудиён ва масеҳиён ба сурати як ақаллияти мазҳабӣ ба ҳаёти худ идома диҳанд, аммо зандақа шумурдани монавият аз тарафи мусалмонон, имкони идомаи ҳаётро барои онҳо ҳарчанд ба сурати як ақаллияти мазҳабӣ аз миён бурд.

Ойини маздакӣ

Мазҳаби дигаре, ки дар охирҳои аҳди Сосониён тулӯъ кард ва пайравони зиёде пайдо кард, маздакӣ буд. Мазҳаби Маздакро иштиқоқе аз монавият донистаанд. Маздак дар аҳди Қубод, падари Анушервон, муддаии навъе раҳбарии мазҳабӣ шуд ва Қубод дар ибтидо аз

рӯйи ақида ва алоқа ё ба унвони як нақшаи сиёсӣ барои кӯбондани табақаи ашроф ва руҳониюни зартуштӣ, ба ӯ гаравид ва кори Маздак сахт боло гирифт, вале ба фосилаи андаке дар ҳамон замон Қубод ба дастёрии фарзандаш Анушервон ва ё дар замони салтанати худи Анушервон маздакиён қатли омм шуданд ва аз он пас ба сурати як фирқаи сиррӣ даромаданд.

Маздакиён дар давраи ислом низ лоақал то ду се қарн вуҷуд доштаанд. Дар давраи ислом наҳзатҳои эронии зидди хилофат ва аҳёнан зидди исломиро ғолибан маздакиён раҳбарӣ мекардаанд. Ба ҳамин ҷиҳат, зартуштиён бо онҳо ҳамроҳӣ накарда, бо мусалмонон алайҳи онҳо ҳамкорӣ мекарданд.

Мегӯянд, бонии аслии ойини маздакӣ марде Зартушт ном аз аҳли Фасои Шероз буд ва ба навъе монавият даъват мекард мухолифи кеши расмии монавӣ. Ин мард даъвати худро дар Рум зоҳир кард ва сипас ба Эрон сафар кард ва ба даъват пардохт. Дар Рум ин шахс ба номи "Бундас" маъруф будааст. Кристенсен (*Arthur Christensen*) пас аз зикри матлаби боло мегӯяд:

"*Бинобар ин, дини Маздак ҳамон ойини "дурустдин" аст, ки Бундас интишор дод. Агар ин шахси монавӣ, яъне Бундас, пас аз шурӯъ ба даъвати ҷадид дар Рум, ба Эрон раҳсипор шуд, то ақоиди худро таблиғ кунад, метавон ҳадси қариб ба яқин зад, ки асли ӯ эронӣ будааст. Калимаи "Бундас" шабоҳате ба аъломи эронӣ надорад, вале метавон онро лақаби ин шахс донист. На танҳо китобҳои исломӣ, ки маъхуз аз "Худой номаг" ҳастанд, балки "Алфеҳрист" ҳам, ки манбаи дигар дошта муассиси фирқаи маздакияро шахсе дониста муқаддам бар Маздак, ва дар "Худой номаг" исми ӯро Зартушт қайд кардаанд, ва аз ин ҷо номи фирқаи "Зартуштгон" пайдо шудааст… Бинобар ин, ба таври таҳқиқ метавон гуфт, ки Бундас ва Зартушт исми як шахс будааст ва Зартушт номи аслии оварандаи ин дин аст, ва ин шахс бо паёмбари маздаяснон ҳамном будааст. Пас натиҷа ин мешавад, ки фирқаи мавриди баҳси мо яке аз шӯъбаҳои монавия буда, ки қариб ду қарн қабл аз Маздак дар кишвари Рум таъсис ёфта ва муассиси он як нафар эронӣ "Зартушт" ном писари "Хӯргон" аз мардуми "Пасо" будааст… Аз ишороти мундариҷа дар китобҳои арабӣ чунин мустафод мешавад, ки Зартушт (-и Фасоӣ) пешвое буда, ки даъвати ӯ фақат ҷанбаи назарӣ доштааст, аммо Маздак, ки марди амал буда ва ба қавли Табарӣ, дар назди табақаи омма халифаи Зартушт ба шумор меомадааст, рафта-рафта номи муассиси аслиро таҳтушшуъо қарор дод ва*

дар ҳамон аҳди худ, фирқаро ба исми Маздакия машҳур намуд. Аз ин рӯ, дар адвори баъд мардумон пиндоштаанд, ки бонии ҳақиқии фирқа низ Маздак ном дошта."

Дар бораи моҳияти ақоиди маздакӣ ва иллатҳои зуҳури Зартушт (-и Фасоӣ) ва Маздак, суханони зиёде ҳаст. Аз назари усули ақоид, мусалламан Маздак низ монанди Монӣ "санавӣ" будааст, бо тафовутҳое, ки дар фасли баъд дар бораш сухан хоҳем гуфт. Ва аз назари одоб ва муқаррарот, бар навъе зуҳд ва бадбинӣ ба ҳаёт ва зиндагӣ мубтанӣ будааст. Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Назди ин тоифа — чунонки назди монавия — асл он аст, ки инсон алоқаи худро аз моддиёт кам кунад ва аз он чӣ ин алоқаро мустаҳкамтар месозад иҷтиноб варзад. Аз ин рӯ, хӯрдани гӯшти ҳайвонот назди маздакия мамнӯъ буд. Ва дар бораи гизо ҳамвора тобеи қоидаҳои муайяне буданд ва риёзатҳое мекашиданд… Шаҳристонӣ ривоят мекунад, ки Маздак амр ба қатли нуфус медод, то ононро аз ихтилот бо зулмат наҷот бахшад. Мумкин аст мурод аз ин қатл, куштани хоҳишҳо ва шаҳватҳо бошад, ки садди роҳи наҷотанд. Маздак мардумонро аз мухолифат ва кину қитол бозмедошт. Ба ақидаи ӯ, чун иллати аслии кина ва носозгорӣ, нобаробарии мардумон аст, пас бояд ночор адами мусовотро аз миён бардошт, то кина ва нифоқ низ аз ҷаҳон рахт барбандад. Дар ҷомеаи монавӣ, "баргузидагон" боисте дар таҷарруд бимонанд ва беш аз гизои як рӯз ва ҷомаи як сол чизе надошта бошанд. Аз он ҷо, ки назди маздакия низ майл ба зуҳд ва тарки дунё мавҷуд буда, метавон ҳадс зад, ки табақаи олияи маздакиён ҳам қоидаҳое шабеҳи баргузидагони монавӣ доштаанд, вале пешвоёни маздакия дарёфтанд, ки мардумони оддӣ наметавонанд аз майл ва рағбат ба лаззот ва таматтуъоти моддӣ — аз қабили доштани сарват ва тамаллуки занон ва ё даст ёфтан ба зани махсусе, ки мавриди алоқа аст — раҳоӣ ёбанд, магар ин ки битавонанд ин амёли худро ба озодӣ ва биломонеъ иқноъ кунанд. Пас, ин қабил афкорро мабнои ақоид ва назариёти худ қарор доданд ва гуфтанд, Худованд куллияи васоили маишатро дар рӯйи замин дар дастраси мардумон қарор додааст, то афроди башар онро ба тасовӣ байни худ қисмат кунанд, ба қисме, ки касе беш аз дигар ҳамнавъони худ чизе надошта бошад. Нобаробарӣ ва адами мусовот дар дунё ба ҷабру қаҳр, аз он ба вуҷуд омадааст, ки ҳар кас мехоста тамоюлот ва рағбатҳои худро аз кисаи бародари худ иқноъ кунад, аммо дар ҳақиқат ҳеч кас ҳаққи доштани хоста ва молу зан беш аз соири ҳамнавъони худ надорад. Пас бояд аз тавонгарон гирифт ва ба тиҳидастон дод, то бад-ин васила мусовот дубора дар ин ҷаҳон барқарор шавад*".

Дар бораи шахсияти Маздак ва доияи ӯ иттилооти дуруст ва қобили қабуле дар даст нест. Шӯҳрати бештари Маздак ба афкори иштирокӣ ва кумунистии ӯст. Кристенсен (*Arthur Christensen*) решаи ин гуна афкори Маздакро андешаҳои ахлоқӣ ва навъдӯстӣ медонад.

Муҳаррики Маздак ҳар чӣ бошад ва ӯ ҳар ҳадафе аз пешниҳодҳои иштирокии худ дошта бошад, он чӣ аз ноҳияи торихӣ қобили баррасӣ аст, заминаи муносиби пазириши андешаи иштирокӣ (сусиёлистӣ) дар ҷомеаи он рӯзи эронӣ аст. Кристенсен (*Arthur Christensen*) дар фасли "*Наҳзати Маздакия*" дар китоби худ ба шарҳи аҷиби низоми табақотии он рӯзи Эрон, ки заминаи ривоҷ ва тавсиъаи даъвати маздакиро фароҳам кард пардохтааст. Мо дар баҳс аз низомоти иҷтимоии он рӯзи Эрон бад-он ишора хоҳем кард. Низомоти иҷтимоии он рӯз заминаи бисёр муносибе барои рушди он гуна андешаҳо будааст.

Оқои Саъиди Нафисӣ дар "*Торихи иҷтимоии Эрон*" пас аз баёне машрӯҳ дар бораи низоми ирс ва издивоҷ ва талоқ ва ҳуқуқи зан дар аҳди сосонӣ мегӯяд:

"*Имтиёзи табақотӣ ва маҳрум будани иддаи касир аз мардуми Эрон аз ҳаққи моликият, ночор авзои хоссе пеш оварда буд ва ба ҳамин ҷиҳат ҷомеаи эронӣ дар давраи сосонӣ ҳаргиз муттаҳид ва муттафиқулкалима набуда ва тӯдаҳои азим аз мардум ҳамеша норозӣ ва нигарон ва маҳрум зистаанд. Ин аст, ки ду инқилоб, ки пояи ҳар ду бар ин авзоъ гузошта буд ва ҳар ду барои ин буд, ки мардумро ба ҳаққи машрӯи худододии худ бирасонад, дар ин давра рӯй додааст: нахуст дар соли 240 мелодӣ дар рӯзи тоҷгузории Шопури аввал, яъне чаҳордаҳ сол пас аз таъсиси ин силсила ва ниҳодани ин асос, Монӣ дини худро, ки паноҳгоҳе барои ин гурӯҳи маҳрум будааст эълон кард ва пеш бурд. Тақрибан панҷоҳ сол пас аз ин воқеа "Зародушт" ном аз мардуми Фасои Форс усули дигаре, ки маълум нест то чӣ андоза иштирокӣ будааст эълон кард. Ва чун вай коре аз пеш набурд, дивист сол пас аз он бори дигар "Маздак" писари "Бомдод" ҳамон усулро ба миён овард. Саранҷом мебоист ислом, ки дар он замон маслаке озодманиш ва пешрав ва хостори баробарӣ буд, ин авзоъро дарҳам навардид ва маҳрумон ва нокомони иҷтимоъро ба ҳаққи худ бирасонд*".

Маслаки маздакӣ ба ҳукми ин ки тарафдори табақаи маҳрум буд ва дар ҷомеае табақотӣ зуҳур кард, ривоҷ ва шуюъи фавқулъода ёфт. Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Агарчӣ кеши Маздак пас аз вуруд ба табақоти софилаи иҷтимоъ, тадриҷан сурати як маслаки сиёсии инқилобӣ гирифт, вале асоси диёнатии он боқӣ буд ва пайравони ин ойин дар миёни*

табақоти олия ҳам вуҷуд доштаанд. Оқибат маздакиён худро ба андозае қодир ёфтанд, ки шурӯъ ба тартиби маротиби руҳонии худ намуда, як нафар раиси руҳонӣ интихоб карданд".

Мегӯянд, Маздак ва атбоъаш тарафдори писари дигари Қубод ба номи "Ковус" буданд ва мехостанд алорағми тасмимоти Қубод, ба василаи тавтиъа ва таҳрик ӯро, ки маздакӣ буд, бар тахти Эрон ҷой диҳанд ва Хусрав Анушервонро маҳрум кунанд. Ин буд, ки нақшае васеъ барои қалъу қамъи онон кашида шуд.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) менависад:

"*Давлатиён тариқаеро, ки борҳо таҷриба шуда буд, пеш гирифтанд: анҷумане аз руҳониён даъват карданд ва андарзгари маздакиёнро бо соири руасои фирқа ба он ҷо хонданд ва гурӯҳе азим аз он тоифаро даъват ва ҷалб карданд, то дар маҷлиси мубоҳисаи расмӣ ҳозир бошанд. Кувоз (Кубод) шахсан маҷлисро идора мекард, аммо Хусрав, ки ба вилояти аҳд муайян шуда буд ва ҳуқуқи худро дастхуши тавтиа ва дастабандии маздакиён ва Ковус медид, тамоми ҳиммат ва ҳамагии ҷаҳди худро масруф дошт, то кор тавре ба поён расад, ки зарбате ҳавлнок ва қатъӣ ба фирқаи маздакӣ ворид ояд. Пас, чанд тан аз муҷодилин ва мубоҳисини корафтода ва озмударо аз миёни мӯбадон пеш овард… "Мӯбади мӯбадон", "Гулӯнозис" ва "Бозонс" усқуфи масеҳиёни Эрон, ки дар ин пешомад бо зартуштиён ҳамдостон шуда буданд, дар анҷуман ҳузур доштанд. Бозонс мавриди тавоҷҷӯҳи хосси Кувоз (Кубод) буд, зеро ки аз табобат сарришта дошт. Табъан мудофеъини кеши маздакӣ муҷоб ва маглуб шуданд. Ва дар ин асно, афвоҷи мусаллаҳе, ки посбони майдони махсуси маздакиён буданд, тег дар каф бар сари он тоифа рехтанд. Андарзгар (ки зоҳиран худи Маздак буд) ба ҳалокат расид. Иддаи ҳақиқии маздакиён, ки дар ин дом мақтул шуданд, маълум нест. Аъдоде, ки муаррихони Эрон ва араби овардаанд, мабнои саҳеҳ надорад, вале зоҳиран ҳамаи руасо дар ин макон арзаи ҳалок шуданд. Чунонки пас аз ин воқеа, ки ҳукми куштори умуми маздакиён содир шуд, афроди ин фирқа чун раиси мутоъ надоштанд, пароканда гаштанд ва дар муқобили душманони худ истодагӣ наёфтанд, ҳама музмаҳил шуданд, дороии онҳо забт ва китобҳои динӣ сӯхта шуд… Аз ин вақт ба баъд маздакия ҳукми фирқаи сиррӣ пайдо кард ва ба ин сурат ҳаёти худро давом дод ва баъд аз Сосониён ҳам дар аҳди ислом борҳо худнамоӣ кард*".

Дини Маздак ба василаи нерӯи низомӣ ва эъмоли зӯр ва хушунати фавқулъода, бар ҳасби зоҳир дарҳам кӯбида шуд, вале монанди оташе дар зери хокистар ҳамчунон боқӣ буд. Мусалламан, агар ислом зуҳур намекард, ойини маздакӣ ба воситаи хоссияти иштирокӣ

(сусиёлистӣ) бори дигар буруз мекард ва забона мекашид, зеро иллатҳо ва мӯҷиботе, ки мӯҷиби пайдоиши он мазҳаб ва гароиши сареъ ва аҷиби мардум ба он буд, ҳамчунон боқӣ буд. Дини Маздак аз назари усули фикрӣ ва эътиқодӣ дар бораи ҷаҳон ва хилқат ва инсон, аз дини зартуштӣ чизе кам надошт. Дар ҳамон сатҳ, балки андаке болотар буд. Аз ин назар, ҷозибааш аз соири адёни мавҷуд камтар набуд. Ва аз назари таълимоти иҷтимоӣ, дар ҷиҳати акси ойини зартуштӣ буд — ки ҳамвора тарафдори ақвиё ва соҳибони қудрат аст — ва аз ин ҷиҳат дар миёни тӯдаи мардум ҷозибае нерӯманд дошт.

Асари зӯр ва эъмоли хушунат муваққат аст. Омили аслии инқирози маздакиён ислом буд. Ислом, ки дини тавҳидӣ буд, як силсила усул ва мабонии хосс дар бораи Худо ва хилқат ва инсон ва ҳаёт овард, ки бо ақоиди маздакӣ қобили қиёс набуд ва дар таълимоти иҷтимоии худ бар *адл* ва мусовот ва баробарии афрод ва нажодҳо такя кард, бидуни он ки ифроткориҳои маздакиро дарбар дошта бошад. Қаҳран, ҳам аз ҷанбаи фикрӣ ва ҳам аз ҷанбаи иҷтимоӣ, аз тариқаи маздакӣ ҷозибаи бештаре дошт. Тӯдаи мардуми Эрон ба ҷойи гароиш ба тариқаи маздакӣ, ба ислом, ки мунодии тавҳид ва *адл* буд, гаравиданд.

Дар замони хулафои ҷаври умавӣ ва аббосӣ, ки равиши қайсарӣ ва касроиро эҳё карданд, бори дигар замина барои маздакигарӣ фароҳам шуд, вале таваҷҷӯҳи тӯдаи мардум, ки ҳисоби исломро аз ҳисоби хулафо ҷудо мекарданд ва мӯътақид буданд исломро бояд аз шарри хулафои ҷавр наҷот дод, маҷоле ба маздакигарӣ надод.

Аз ин рӯ мебинем, ки масалан дар охирҳои аҳди умавиён дар шавволи соли 129 ҳичрии қамарӣ аввалин рӯзе, ки сиёҳҷомагони эронӣ наҳзати хешро дар “Сафизанҷ” аз ноҳияҳои Марв расман эълом карданд ва парчами хешро барафроштанд, бар парчами онҳо ин оят ба чашм мехӯрд:

أُذِنَ لِلَّذِينَ يُقَاتَلُونَ بِأَنَّهُمْ ظُلِمُوا وَإِنَّ اللَّهَ عَلَى نَصْرِهِمْ لَقَدِيرٌ

(*“Ба касоне, ки ҷанг бар онон таҳмил шуда рухсати ҷиҳод дода шудааст, чаро ки мавриди зулм қарор гирифтаанд, ва албатта Худо бар пирӯзии онон сахт тавоност”*. (*Сураи Тавба, ояти 39*)

Дар он рӯз, ки рӯзи иди фитр буд, Сулаймон ибни Касир — ки як тан аз раҳбарони наҳзати ҷадид буд — ба дастури Абӯмуслими Хуросонӣ ба иқомаи намози иди фитр ва эроди хутба пардохт ва инқилоб алайҳи дастгоҳи хилофати умавиро дар хутбаи намози ид эълом кард. Агар ойини Маздак дар он рӯз дар миёни эрониён ҷозибае қавӣ медошт, ҳеч фурсате аз он

фурсат беҳтар барои зуҳуру буруз ва гароиши эрониён пайдо намешуд. Вале мо вақте, ки ба торих мурочиа мекунем, мебинем, ки наҳзатҳои адолатхоҳии эрониён дар давраи ислом муттакӣ ба ислом будааст, на маздакигарӣ ва ғайра.

Иллати ин ки маздакигарӣ низ монанди монавият ба куллӣ мунқариз шуд ва ҳатто ба сурати як ақаллият монанди зартуштигарӣ боқӣ намонд, ҳамон аст, ки дар иллати инқирози монавиён гуфта шуд, ки: мусалмонон маздакиёнро аҳли китоб намешумурданд ва барои мазҳаби онҳо решаи осмонӣ қоил набуданд ва маздакигариро монанди монавигарӣ навъе "зандақа" ба шумор меоварданд. Ин буд, ки ойини маздакӣ натавонист лоақал монанди зартуштигарӣ ба сурати як ақаллият боқӣ бимонад. Албатта ҷанбаҳои ифротии маздакигарӣ, чӣ аз ҷанбаҳои ахлоқӣ ва зуҳд ва риёзат ва чӣ аз ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иштирокии мутлақ, омили дигаре аст барои инқирози куллии ин ойин ва ин маслак.

Ойини будоӣ

Дар ҳудуди 2500 сол пеш дар Ҳиндустон, дар пойи кӯҳҳои Ҳимолиё, дар миёни мардуме, ки ба Шокё маъруф буданд, шоҳзодае ба дунё омад ва дар ҳудуди сӣ сол дар нозу неъмат зист. Дар хилоли он айём, бо улуми замони худ ва ба хусус бо таълимоти китоби муқаддаси ҳиндуҳо — ки ба номи "Ведоҳо" маъруф аст — ошно шуд. Пас аз он, дар асари як инқилоби руҳӣ муддати ҳафт сол аз тахту тоҷ ва нозу неъмат канорагирӣ кард ва ба хилват ва инзиво ва риёзат ва тафаккур пардохт. Он чизе, ки ӯро ранҷ медод ин буд, ки ранҷу дард аз куҷо барои одамизодагон фуруд омадааст ва чӣ гуна одамиён метавонанд зиндагии саодатмандонае пеша созанд. Пас аз солҳо ранҷу риёзат ва тафаккуру хилват, оқибат дар зери як дарахти анҷир андешаеро кашф кард, ки ба ақидаи худи ӯ, рози зиндагӣ ва саодат аст. Ва аз он пас, хилват ва инзиворо тарк кард ва мункири риёзат шуд ва ба иршоду таълими халқ пардохт. Он чӣ ӯ кашф кард, як қонуни содда ва табиӣ буд. Ва он ин ки: бар ҷаҳон қонуни подошу кайфар ҳукмфармост, аз некӣ некӣ ва аз бадӣ бадӣ мезояд.

Ин шоҳзода, ки ба номи Сидорото хонда мешуд ва баъдҳо лақаби "Будо" ёфт, пас аз кашфи ин қонун мункири қурбонӣ ва дуо ва зорӣ ва парастиши худоён ва таъсири ин аъмол дар сарнавишти инсон шуд. Худоёнро инкор кард ва ба қонуни азалии ҷаҳон имон овард.

Китоби муқаддаси “Ведо”-ро, ки даъват ба қурбонӣ ва дуо ва ғайра карда ва ҳам инсонҳоро ба ҳасби асли офариниш мутафовит фарз карда низ мавриди инкор ва интиқод қарор дод. Ойин ва маслаки Будо беш аз он ки ба як дин шабоҳат дошта бошад, ба як фалсафа шабеҳ аст, вале пайравони ӯ тадриҷан ойини ӯро ба сурати як ойини мазҳабӣ даровардand ва худи ӯро, ки мункири ибодат ва парастиши худоён буд, то ҳадди як маъбуд боло бурданд, маъобид сохтанд ва муҷассамаи Будоро дар маъобид барпо карданд ва гуфтаҳои ӯро пас аз худаш гирд оварда номи “*Се сабади дониш*” ба он доданд.

Будо дар замони худаш пайравони зиёд пайдо кард. Ду иёлат аз иёлоти Ҳинд, ки яке аз онҳо мақарри подшоҳии падари вай буд, ба ӯ гаравиданд ва тадриҷан тавсиъа ёфт. Дар давронҳои баъд, яке аз салотини маъруф ва муқтадири Ҳинд ба номи “Ошуко” дар қарни чаҳоруми қабл аз мелод ба дини Будо гаравид ва таъолими ӯро эҳё кард ва савмаъаҳои бисёр ба амри ӯ бино карданд.

Дини Будо дар саросари Ҳинд шӯҳрат ва азамат ва пайравони фаровон пайдо кард, вале тадриҷан, ба хусус пас аз нуфузи ислом дар Ҳинд, ин дин аз мавлид ва ватани худ рахт барбаст ва дар иваз дар кишварҳои муҷовир нуфуз ёфт. Дар ҳоли ҳозир дини будоӣ яке аз адёни бузурги олам аст ва пайравони Будоро акнун мардуми Сийлон (Шри Ланка) ва Бирма ва Сиём (Таиланд) ва Ветном ва ҷазоири Фурмуз (Тайван) ва Жопун ва Куре ва Чин ва Таббат ва Муғулистон ташкил медиҳанд.

Дини Будо аз Ҳинд ба Эрон нуфуз кард. Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

“*Дар давраи тасаллути юнониён (пас аз ҳамлаи Искандар) диёнати будоӣ дар вилоёти шарқи Эрон нуфуз ёфт ва подшоҳи Ҳинд мавсум ба “Осуко”, ки дар ҳудуди 260 сол қабл аз мелод дини будоӣ гирифта буд, даъватгароне ба аёлати Гандора (дараи Кобул) ва Бохтар гусел дошт… Будоиён дар қуруни нахустини мелодӣ дар вилояти Гандора виҳорҳо яъне савмаъаҳои бисёр сохтанд ва имрӯз дар вайронаҳои он маъобид нуқуши барҷастае ба сабки омехтаи юнонӣ ва ҳиндӣ ёфтаанд… Дар Бомиён муҷассамаҳои азиме аз Будо ҳаст, ки дар кӯҳ кандаанд… Аз сафарномаи Ҳюн Тсонг маълум мешавад, ки то қарни ҳафтуми мелодӣ савмаъаҳои будоӣ дар Эрон вуҷуд доштааст. Ва низ бино бар ривояти ӯ, аз атбои соири диёнатҳои ҳиндӣ ҳам ҷамооте муқими иёлоти шарқи Эрон будаанд*”.

Ва ҳам ӯ гӯяд:

"*Дар охирҳои қарни дуввум ва аввалҳои қарни аввали мелодӣ "Манондар" подшоҳи дараи Кобул ва Ҳиндустон, ки дар Ҳиндустон ба тасхири мамолике муваффақ шуд, дини Будо гирифт ва дар миёни пайравони он ойин шӯҳрате азим ёфт*".

Низ мегӯяд:

"*Дар соли 125 мелодӣ кишвари Қандаҳор ва Панҷоб ба подшоҳе таъаллуқ гирифт "Кониско" ном, ки дар адабиёти будоӣ шӯҳрате ба камол дорад ва аз мубаллиғони бузург ва мӯътақидин ба диёнати Будо ба шумор аст*".

Мазҳаби Будо тадриҷан аз ин минтақа рахт барбастааст. Қаблан нақл кардем, ки будоиён ва монавиён, ки ҷузъи ақаллиятҳои мазҳабии Эрон буданд, бар хилофии аксарияти зартуштӣ фаъолона дар муқобили мусалмонон муқовимат карданд. Ва ҳам нақл кардем, ки хонадони Бармакӣ қабл аз мусалмонӣ, хидматкори маъбади будоӣ дар Балх будаанд.

Дини Будо пас аз ислом натавонист дар Эрон тоб биёварад. Тадриҷан аз ин минтақа рахт барбаст ҳамчунон ки аз маҳди таваллуди хеш Ҳиндустон низ ақибнишинӣ кард, ва албатта инҳитот ва заволи будоӣ аз Эрон тадриҷӣ будааст.

Дар китоби "*Тамаддуни эронӣ*" менависад:

"*Ободӣ ва аҳаммияти биноҳои мазҳабии Бомиён (ноҳияе аз Афғонистон наздики Кобул) дар қарни ҳафтум (мелодӣ) ба қалами Ҳюн Тсонг барои мо нақл шудааст. Роҳибе аз аҳли Куре дар қуруни баъд аз он ҷо гузашта ва нақл мекунад, ки подшоҳи он маҳалл як эронии пайрави мазҳаби Будо будааст ва қӯшуни нерӯманде дар ихтиёр дорад, вале каме баъд дар қарни севвуми ҳичрӣ Яъқуби Лайси Саффорӣ он ноҳияро мутасарриф шуд*".

Авзоъ ва аҳвол нишон медиҳад: дини Будо, ки аз машриқи Эрон ягане Ҳиндустон омада ва дар Эрон нуфуз карда буд, тадриҷан пешравӣ мекард, ҳамчунон ки мазҳаби Масеҳ, ки аз ғарби Эрон ва Байнаннаҳрайн омада буд, дар ҳоли пешравӣ буд. Дини Будо ба тарафи ғарб пеш мерафт ва дини Масеҳ ба тарафи шарқ. Ва албатта давлати шоҳаншоҳии Эрон, ки дини зартуштиро дини расмӣ қарор дода ва аз он ҳимоят мекард ва ба руҳониюни зартуштӣ қудрати фавқулъода дода буд, монеи пешравии ин ду дин буд ва то ҳудуди зиёде намегузошт ин ду дин пешравӣ кунанд. Қаблан катибаи мӯбад Критарро нақл кардем, ки сареҳан навиштааст:

“*Иддае аз мубаллиғони мазоҳиби хориҷиро, ки мондани онҳо дар Эрон салоҳ набуд, аз ин кишвар берун карданд монанди яҳудиҳо, шаманҳо ё руҳбонони будоӣ, браҳмоиҳо, носириҳо, масеҳиён…*”

Вале он чизе, ки ба фаъолияти будоӣ дар Эрон хотима дод ва масеҳиятро дар ақаллияти ночизе қарор дод, ҷилави пешравии будоиро ба самти ғарб ва ҷилави пешрафти масеҳиятро ба самти шарқ гирифт — ки ҳанӯз ҳам кишишон ва мусташриқони кашишмаслак оҳи ҳасрати онро мекашанд — ислом буд.

Ба ҳар ҳол, яке аз адёни он рӯзи Эрон будоӣ будааст, вале будоӣ монанди яҳудӣ, бар хилофии масеҳӣ ва монавӣ ва маздакӣ, нақши фаъоле аз назари сиёсӣ надоштааст ва аз ин рӯ камтар мутаарризи онҳо шудаанд.

Ақоиди ориёӣ

Иҷмолан аз вазъи мазҳабии Эрони он рӯз огоҳ шудем. Маълум шуд, адён ва мазоҳиби мухталифе дар Эрон вуҷуд доштааст ва дар Эрон аз назари мӯътақадоти мазҳабӣ иттиҳод ва иттифоқи калима вуҷуд надоштааст. Агарчӣ дақиқан наметавон ҳадс зад, ки дарсади ҳар як аз ин мазоҳиб чӣ буда, вале қадри мусаллам ин аст, ки бо он ки пайравони соири адён ва мазоҳиб низ фаровон будаанд, аксарият бо зартуштиён будааст, ки пайрави дини расмии кишвар будаанд.

Аз назари мо, ки мехоҳем бидонем, ислом аз назари фикрӣ ва эътиқодӣ, чӣ аз Эрон гирифт ва чӣ ба Эрон дод, фарқ намекунад, ки атбои ҳар як аз он мазоҳиби гуногун чӣ нисбате бо маҷмӯи ҷамъияти мардуми Эрон аз назари ададӣ доштаанд. Он чӣ лозим аст бидонем ин аст, ки ин мардум чӣ гуна ақоид ва афкоре дар бораи ҷаҳон ва хилқат ва ғайра доштаанд?

Аз мӯътақадоти яҳуди Эрон иттилои дурусте дар даст надорем; қоидатан вазъи мушобеҳе бо соири яҳудиён дошта, тобеи Таврот ва Талмуд будаанд. Мӯътақадоти онҳо ҳар чӣ буда, дар ақаллияти ночизе ба сар мебурдаанд ва шаъне аз лиҳози мазҳабӣ ё сиёсӣ дар ҷомеаи эронии он рӯз надоштаанд. Вале масеҳият шаъне азим доштааст ва чунонки медонем, як ойини таслисӣ буда ва улуҳияти Исоро таблиғ мекардааст. Мо ниёзе намебинем, ки дар бораи таслиси масеҳӣ ва ин ки масеҳият аз тавҳид бегона аст, дар ин ҷо баҳсе бикунем. Зеро аввалан матлаб возеҳ аст ва ниёзе ба баҳс надорад. Сониян масеҳият ба ҳар ҳол ақаллиятеро дар Эрон ташкил медодааст ва агарчӣ пас аз ислом бештар ба сӯйи ақаллият гароид, вале

ба ҳар ҳол касоне, ки дар Эрон аз масеҳият ба ислом гаравидаанд, он қадрҳо зиёд нестанд. Аксарияти эрониёнро зартуштиён ташкил медодаанд. Монавиён ва маздакиён низ аз ин назар ақоиде шабеҳи зартуштиён доштаанд. Аз ин рӯ мо баҳси худро ба усули ақоиди зартуштиён ва то андозае монавиён ва маздакиён ва ба иборате дигар ба ақоиди ориёӣ ва таҳаввулоти он ихтисос медиҳем.

Оё зартуштиён муқорини зуҳури ислом ва монавиён ва маздакиён, дар бораи мабдаи ҳастӣ ва парастиши он чӣ ақидае доштаанд? Оё Худошинос ва муваҳҳид ва ягонапараст будаанд ё Худонашинос ва санавӣ ва дугонапараст?

Бидуни шак, зартуштиён муқорини зуҳури ислом ва ҳамчунин монавиён ва маздакиён санавӣ будаанд ва ин санавиятро дар давраҳои баъд аз тулӯи ислом низ ҳифз карданд ва дар давраи ислом бо уламои мусалмонон дар ин замина мубоҳиса мекарданд ва аз он дифоъ менамуданд. Танҳо дар ним қарни ахир аст, ки зартуштиён даъвои тавҳид доранд ва гузаштаи худро якбора инкор мекунанд.

Албатта аз назари мо, ҷойи хушвақтӣ аст, ки зартуштиён хурофоти санавиро якбора канор бигузоранд ва Худои якторо бипарастанд, вале лозимаи Худопарастӣ илтизом ба ростӣ ва дурустӣ ва дур афкандани таассубот аст. Бинобар ин, шоиста нест мардуме, ки даъвои Худопарастӣ доранд, торихи гузаштаи худро бар хилофи он чӣ будааст ҷилва диҳанд.

Иштибоҳ нашавад, мо муддаӣ нестем, ки дини Зартушт ҳатман аз асл як дини санавӣ будааст ва бинобар ин, Зартушт, ки қатъан муддаии паёмбарӣ аст, козиб будааст. Хайр! Мо чунин иддаое надорем. Мусалмонон аз садри аввал ғолибан бо зартуштиён ба равиши “аҳли китоб” амал кардаанд. Яъне муддаӣ будаанд, ки ин ойин дар асл ва реша як дини тавҳидӣ ва осмонӣ будааст ва дар адвори баъд, ҳамчунон ки масеҳият мунҳариф шуд ва ба таслис гароид, ойини зартуштӣ ба санавият гароид. Ба ҳамин ҷиҳат, шахси Зартушт назди мо мӯҳтарам аст. Он чӣ мавриди иддаои мост ин аст, ки дини зартуштӣ муқорини зуҳури ислом сад дар сад санавӣ буда ва ба ҳеч вачҳ бо ойини тавҳид созгор набудааст, ва ин равиш то ним қарни ахир идома доштааст.

Дар ин ҷо лозим аст мо баҳси худро дар се қисмат дунбол кунем:

1) Ақоиди ориёӣ қабл аз зуҳури Зартушт чӣ буда ва чӣ вазъе доштааст?

2) Зартушт чӣ ислоҳоте кард ва чӣ таҳаввулоте ба вуҷуд овард?

3) Дини Зартушт дар асрҳои баъд то зуҳури ислом дастхуши чӣ таҳаввулот ва инҳирофоте шуд?

Ақоиди ориёӣ қабл аз Зартушт

1. Аммо қисмати аввал:

Ақоиди тоифаҳои ориё дар давраҳои қадим, бар навъе табиатпарастии санавӣ мубтанӣ будааст. Яъне ин тоифаҳо дар оғози кор авомили табиатро — аъамм аз авомили муфид ва судбахш ё авомили музир ва зиёнбахш – мепарастидаанд. Масалан, об, хок, оташ, борон ва ғайра аз як тараф, ва раъд, барқ, соиқа, ҷонварони зиёнкор аз тарафи дигар, мавриди парастиш воқеъ мешудаанд. Авомили муфид барои ин ки назарашон ҷалб шавад ва хайре бирасонанд парастиш мешудаанд, ва авомили бад барои ин ки аз шарри онҳо дар амон бошанд.

Дар ин давра, ин тоифаҳо гӯӣ барои худи авомили табиӣ руҳу шуъур ва идроку эҳсосот қоил будаанд. Ба ҳар ҳол, авомили табиӣ, ки мавриди парастиш будаанд, дар ин давра ду даста будаанд: авомили нек ва авомили бад. Авомили нек ба ангезаи рафъ ва авомили бад ба ангезаи хавф парастиш мешудаанд. Дар ҳақиқат, аз ҳамон оғоз ба навъе дугонагӣ миёни худоён қоил будаанд ва ба ду гуна онҳоро мепарастидаанд.

Дар давраи баъд, барои ҳар як аз ин анвои муфид ё музир худоён ва арбоби анвоъ қоил будаанд ва ба ҷойи мавҷудоти табиӣ, худоён ва арбоби анвоъ мавриди парастиш қарор мегирифтаанд: худои оташ, худои бод, худои борон, худои раъд, худои соиқа ва ғайра… Дар ин давра, худи худоён, ки ба сурати арвоҳ ва ашбоҳ тасаввур мешудаанд, ба ду даста тақсим мешудаанд: худоёни некхоҳ ва хайррасон ва худоёни бадхоҳ ва зиёнрасон, ё арвоҳи нек ва арвоҳи палид. Яъне дар ин давра низ навъе санавият бар ақоиди ориёӣ ҳукумат мекардааст.

Марҳуми Саъиди Нафисӣ менависад:

“*Пас аз он ки ориёҳои Эрон аз давраи муҳоҷират осуда шуданд ва шаҳрнишин гардиданд, ба тадриҷ ба як идда авомили хубу бад, хайру шарр ва зишту зебоии табиат мӯътақид шуданд. Дар миёни авомили хуб аз ҳама муҳимтар рӯшноӣ ва борон, ва дар миёни авомили бад аз ҳама муҳимтар шаб ва зимистон ва хушксолӣ ва қаҳтӣ ва бемориҳо ва марг ва офоти дигар буд. Ночор авомили*

хайр ва зебоиро, ки мепарастиданд, барои онҳо намозу дуо ва назру ниёз мекарданд. Барои раҳоӣ аз авомили шарр, вирдҳое мехонданд ва кам-кам ин аъмол ба ҷодугарӣ ва сеҳру тилисм мунтаҳӣ гашт. Ва пайдост, ки ин ақоид (ҷодугарӣ ва тилисм) ёдгори даврaест, ки бо ақвоми сомии бобилӣ ва осурӣ ҳамсоя шудаанд, зеро ақвоми сомии бобилӣ ва осурӣ ба сеҳру тилисм ва ҷоду ақидае росих доштанд ва ин эътиқодро эрониён аз онҳо касб карданд. Ва дар ҳамин замон аст, ки Зартушт аз миёни эрониён бархоста ва бо ин хурофот дарафтодааст".

Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Дини қадими ориёҳо бар парастиши қувваҳои табиат ва аносур ва аҷроми самовӣ устувор буд. Бо вуҷуди ин, аз замони бисёр қадим худоёни умдаи табиат дорои хусусиёти ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мешаванд. Чунин ба назар мерасад, ки қабл аз ҷудо шудани ду тираи ҳиндӣ ва эронӣ аз якдигар, тафовуте миёни ду даста аз худоёни умдаи онҳо будааст. Як дастаро "девҳо" мехонданд ва дар раъси онҳо худои ҷангҷӯе ба номи "Индро" қарор дошт ва дастаи дигарро "Осуроҳо" (ба эронӣ "Оҳур") мегуфтаанд ва сардастаи онҳо "Варун" ва "Митар" буд. Аксари донишмандон бар онанд, ки "Маздоҳ"-и эрониён, ки ба маънии доно ва бузургтарин Оҳур мебошад, ҳамон "Варун"-и қадим аст, ки номи аслиаш дар назди ақвоми эронӣ фаромӯш шудааст*".

Санавият ба маънии эътиқод ба ду мабдаи хайру шарр, аз дуртарини замонҳо дар фикри мардуми ориё будааст ва дар ҳақиқат муҳимтарин чизе, ки аз дерзамон фикри ин мардумро машғул мекардааст, ду гуна будани мавҷудот ва хубу бад будани онҳост. Оқои дуктур Муҳаммади Муин мегӯяд:

"*Ориёиён аз дербоз ба ду мабдаи хайру шарр қоил буданд. Аз як сӯ худоён ва аз сӯйи дигар аҳриманон қарор доштанд. Умури неку хайр монанди рӯшноӣ ва боронро ба худоён нисбат медоданд ва умури баду шарр ҳамчун торикӣ ва хушкиро ба аҳриманон.*

Оташ писари осмон дар шакли ибтидоии худ, ки барқ бошад, дар муборизаи арвоҳи мунаввар — ки ҳомили равшанӣ, гармо ва зиндагонӣ ҳастанд — бо равонҳои палиди торикӣ ва хушкӣ, омили муассир шумурда мешавад. Думезил (Georges Dumézil) дар унвони "Адёни Эрони бостон" менависад: "Дар муқобили Худо ва малакут (рӯшноӣ ва фаровонӣ ва тараққӣ) дунёи шарр ва торикӣ, ки дар он девон (девҳо) фармонравоӣ мекунанд, қарор дорад. Эътиқод ба санавият аз хусусиёти тарзи тафаккури эронист. Дар ин ҷо ҷуз торикӣ, шарорат, гандидагӣ ва инҳидом чизе

ба чашм намехӯрад. Дунёи шарр таҳти фармони руҳи палидест ба номи "Ангра-Майню" ё Аҳриман".

Оқои дуктур Муин сипас ба суханони худ чунин идома медиҳад:

"*Майдони ин мубориза байни осмону замин дар қавв (фазо) аст. Инқилобҳое, ки дар назари мо маъмулан дар қолиби тазоҳуроти ҳавоӣ қилвагар мешаванд ва мо ба нудрат дар онҳо таъаммуқ мекунем, барои ориёиёни қадим, ки дорои руҳи ҳассос ва фикри мусаввир буданд, мазҳари муборизаи шадиде буд, ки байни мавқудоти фавқи башар ва қодир бар хайру шарр ба амал меояд, ва ин намоишро дар пардаҳои мухталифи хаёли худ муҷассам мекарданд…*"

2. Ислоҳоти Зартушт

Қабл аз он ки дар бораи ин мавзӯъ баҳсе бикунем, муқаддиматан бояд бигӯем, дар бораи Зартушт, пайғамбари Маздаясно ва китоби Авасто, ки китоби муқаддаси Маздаясно ба шумор меравад, маҷҳулот бисёр аст:

Оё Зартушт як шахсияти афсонаӣ аст монанди Рустам ва Исфандёр, ё як шахсияти воқеӣ?

Ва бар фарзи ин ки як шахсияти воқеӣ ва торихӣ аст, дар чӣ замон мезистааст?

Дар бораи замони Зартушт аз шашсад сол пеш аз Масеҳ то шаш ҳазор сол пеш аз Масеҳ ихтилоф аст.

Ӯ бо чӣ подшоҳе муосир будааст? Оё воқеан муосири Виштосб (Гуштосб) будааст?

Маҳалли таваллуди ӯ куҷо будааст? Озарбойҷон ё Балх ё Форс ё Рай ё Хоразм ё Марв ё Ҳирот ва ё ҳатто Фаластин?

Дар чӣ нуқтае зуҳур кардааст?

Инҳо ҳама масоилест, ки аз назари торихӣ қобили таваҷҷӯҳ аст, вале муҳаққиқон ғолибан ӯро як шахсияти торихӣ ва воқеӣ медонанд ва ғолибан маҳалли таваллуди ӯро Озарбойҷон ва замонашро дар ҳудуди шашсад сол қабл аз Масеҳ медонанд.

Оқои Тақизода менависад:

"*Занни қавӣ меравад, ки Зартушт 258 сол қабл аз истилои Искандар бар Эрон ва қатли Доро (330- 331 қабл аз мелод) буда, ё 272 сол қабл аз вафоти Искандар (223 қабл аз мелод). Ва лизо мавзӯи қобили баҳс иборат аз он хоҳад буд, ки ин фосила чунонки гуфта шуд, то таваллуди Зартушт аст ё беъсати ӯ ё имони Гуштосб? Ва бинобар ин, бояд таваллуди Зартуштро дар санаи 568 қабл*

аз Масеҳ ё 618 ва ё 630 қабл аз Масеҳ донист. Ва агар фосилаи 272 то вафоти Искандарро ҳақиқӣ фарз кунем, аъдоди фавқ 595 ва 625 ва 637 мешавад".

Дар бораи Авасто низ маҷҳулот фаровон аст:

Оё асосан Авасто, ки китоби муқаддаси Маздаясност ва мансуб ба Зартушт аст, ҳеч гоҳ тадвин нашуда ва ҳамеша сина ба сина нақл шудааст ва фақат дар давраи исломӣ зартуштиён барои он ки худро расман дар зумраи аҳли китоб қарор диҳанд, ба тадвини Авасто пардохтанд, ё қаблан тадвин шуда ва ба сурати мудавван даромада буд? Агар қаблан тадвин шуда буд, дар чӣ замоне ин тадвин сурат гирифтааст?

Баъзе мӯътақиданд, ки Авасто дар давраи ҳахоманишӣ мудавван буд ва бо ҳамлаи Искандар аз миён рафт ва ё Искандар онро сӯхт. Албатта маъруф миёни муаррихони шарқӣ ҳамин аст, ки Искандар Авасторо сӯхтааст, вале масъалаи сӯзонидани Искандар аз назари муҳаққиқони имрӯзи ғарбӣ мусаллам ва мавриди иттифоқ нест. Иддае ҳамин қадр мегӯянд, ки бо ҳамлаи Искандар Авасто дучори парешонӣ ва парокандагӣ гардид. Дар давраи ашконӣ муҷаддадан дар садади ҷамъоварии Авасто баромаданд, вале қадри мусаллам ин аст, ки дар оғози зуҳури Сосониён Авасто мураттаб ва мудавван набудааст ва ба дастури Ардашер яке аз руҳониёни зартуштӣ аз нав Авасторо мураттаб месозад, аммо он руҳонӣ бар асоси чӣ мадраке ин корро кард? Албатта маълум нест. Авастои сосонӣ бо Авастои аслӣ чӣ қадр интибоқ дорад ва чӣ қадр ихтилоф дорад? Боз ҳам маълум нест. Он чӣ маълум аст ин аст, ки ихтилофоти фаровоне миёни онҳо будааст. Чаро ҳамаи Авастои сосонӣ боқӣ нест ва фақат қисмате аз он боқист? Ин низ маълум нест. Кристенсен (*Arthur Christensen*) дар бораи матлаби ахир мегӯяд:

"*Гоҳе шахс ба фикр меафтад, ки чаро қисмати бештари Авастои сосонӣ дар замонҳои исломӣ нобуд шудааст? Медонем, ки мусалмонон зартуштиёнро аҳли китоб мешумурдаанд, бинобар ин нобуд шудани китобҳои муқаддаси он тоифаро наметавон ба таассуби исломиён мансуб кард. Ва чунонки дидем, бештари қисматҳои Авастои сосонӣ дар қарни нӯҳуми мелодӣ (севвуми ҳичрӣ) ҳанӯз мавҷуд буда ё лоақал тарҷумаи паҳлавии онҳо ба инзимоми тафсири маъруф ба "Занд"-ро дар даст доштаанд. Мусалламан, суъубати (душвории) зиндагонии моддӣ, ки дар он торих гиребонгири зартуштиён шуда буд, маҷол намедод, ки наслан баъди насл ин маҷмӯаи бузурги муқаддасро рӯнавис кунанд. Ва аз ин ҷо пай мебарем, ки чаро нусукҳои (аҳкоми) ҳуқуқӣ ва назоири*

он дар тоқи нисён мондааст, зеро ки дар он замон давлати зартуштӣ вуҷуд надошт ва нусукҳои ҳуқуқӣ бефоида ва холӣ аз аҳаммият ва эътибор менамуд. Аммо чаро нусукҳоеро, ки шомили илми мабдаъ ва маод ва таквин ва соири улуми асосӣ буд, ҳифз накарданд? Қароине дар даст дорем, ки аз рӯйи он метавон гуфт, шариати зартуштӣ дар қарни нахустини тасаллути араб то ҳадде ислоҳ шуда ва тағйир пайдо кардааст ва зартуштиён худ моил будаанд, ки баъзе аз афсонаҳо ва асотири оммӣ ва баъзе аз эътиқодотеро, ки дар фусули Авасто сабт шуда буд ҳазф кунанд".

Кристенсен (*Arthur Christensen*) афсонаи хилқатро тибқи мундараҷоти Авастои сосонӣ чунин нақл мекунад:

"*Умри дунё болиғ бар 12000 сол аст. Дар се ҳазор соли нахустини олам, Урмазд (Аҳуромаздо, ё олами равшанӣ) ва Аҳриман (ё олами торикӣ) дар ҷивори якдигар ором мезистаанд. Ин ду олам аз се ҷониб номутаноҳӣ буда, фақат аз ҷониби чаҳорум ба якдигар маҳдуд мешудаанд. Дунёи равшан дар боло ва олами зулмонӣ дар зер қарор дошта ва ҳаво фосилаи онҳо будааст. Махлуқоти Урмазд дар ин се ҳазор сол дар ҳоли имконӣ буданд, сипас Аҳриман нурро дида дар садади нобуд карданаш баромад. Урмазд, ки аз оянда огоҳӣ дошт, масоффе ба муддати нӯҳ ҳазор сол бо вай тарҳ афканд. Аҳриман, ки фақат аз мозӣ огоҳ буд, ризо дод. Он гоҳ Урмазд ба ӯ пешгӯӣ кард, ки ин ҷидол бо шикасти олами зулмат хотима хоҳад ёфт. Аз истимои ин хабар Аҳриман сахт мутаваҳҳиш шуд ва муҷаддадан ба олами торикӣ дарафтод ва се ҳазор сол дар он ҷо беҳаракат бимонд. Урмазд дар ин фурсат даст ба офариниши ҷаҳон зад. Ва чун кори хилқат ба поён расид, говеро биёфарид, ки мавсум ба гови нахустин аст. Пас он гоҳ инсони бузург халқ кард ба номи Гевмард (Каюмарс), ки намунаи навъи башар буд. Он гоҳ Аҳриман ба офаридагони ӯ ҳамла бурд ва аносурро биёлуд ва ҳашарот ва ҳавомми зорраро биёфарид. Урмазд дар пеши осмон хандақе канд. Аҳриман мукаррар ҳамла кард ва оқибат гов ва Гевмардро бикушт, аммо аз тухмаи Гевмард, ки дар дили хок нуҳуфта буд, чиҳил сол баъд гиёҳе раст, ки аввалин завҷи одамӣ ба исми Машяг ва Машёнаг (Машӣ ва Машёна) аз ӯ берун омад. Давраи омезиши нуру зулмат, ки онро гумизшан гӯянд шурӯъ шуд. Инсон дар ин ҷанги хайру шарр ба нисбати аъмоли нек ё бади худ аз ёрони нур ё аз аъвони зулмат шумурда мешавад*".

Акнун бозгардем ба ислоҳоти Зартушт.

Ҳамаи касоне, ки Зартуштро як шахсияти ҳақиқӣ ва торихӣ медонанд, эътироф доранд, ки Зартушт дар ҷомеаи худ ислоҳоти иқтисодӣ ва эътиқодӣ ва иҷтимоӣ ба амал овард.

Ислоҳоти Зартушт яке дар ноҳияи манъи парастиши девон аст. Зартушт танҳо ба парастиши Аҳуромаздо даъват мекардааст ва девонро палид ва малъун ва ғайриқобили парастиш медонистааст. Зартушт қурбонии гов ва ҳар ҳайвони дигарро манъ кардааст.

Думезил (*Georges Dumézil*) дар мақолае, ки дар китоби "*Тамаддуни эронӣ*" дорад менависад: "*Ислоҳи Зартушт тамому камол аст. Вай тариқаи ҷадиде барои ташкилоти иҷтимоӣ наёварда, вале ҷанбаи иқтисодии ислоҳи ӯ бисёр қавист. Дар ҳоли ҳозир умуман ақида доранд, ки ислоҳоти Зартушт мавқеъе сурат гирифта, ки иддае аз ақвоми ориёӣ аз ҳолати саҳрогардӣ ба ҳолати шаҳрнишинӣ ва деҳнишинӣ дармеомаданд ва чаридани галаҳо дар рӯйи маротеъи (алафзорҳои) номаълумро ба чаридан дар рӯйи заминҳои махсус ба ҳар қавму қабила мубаддал намуда буданд. Ба ҳамин далел, барои гови нару мода як навъ эҳтироми махсус, эҳтироми мазҳабӣ қоил шуда буданд. Масалан, куди (саргини) ҳайвоне дар ташкилоти ҷадиди шаҳрнишинӣ ва деҳнишинӣ аҳаммияти хосс пайдо карда ва ҳатто идрори гов ба дараҷаи маводди пок ва поккунанда иртиқо ёфтааст*".

Ҳамчунин Думезил мегӯяд:

"*Зартушт дар шашсад ё ҳазор сол қабл аз мелоди Масеҳ, қурбонӣ кардани ҳайвон ва хӯрдани шароби сукровари "сума"-ро, ки назди ҳинду эрониён беандоза аҳаммият дошт ва дар мазҳаби қадими ҳиндиҳо низ маъмул буд ҳазф кард. Барои Зартушт ибодат "андешаи нек ва гуфтори нек ва пиндори нек" буда. Ва ин кӯшиши дохилӣ ва хориҷии инсон аст, ки ӯро пирӯзмандона дар пайкори абадӣ миёни хайру шарр ширкат медиҳад, бақия хурофот ва гуноҳ аст. Зартушт мегӯяд: "Машруби сукровар ва касиф чӣ тавр мумкин аст ба некӣ мадад кунад, оё беҳтар нест, ки гови деҳқони шаҳрнишин ба ҷойи қурбонӣ барои Худованде, ки ҷисм надорад ва мӯҳтоҷ ба гизо нест, ба корҳои муфиди мазореъ гумошта шавад?*"

Шароби "сума" ё "ҳум", ки Зартушт ба шиддат онро маҳкум кардааст, иборат будааст аз усорае масткунанда аз як гиёҳи хосс, ки ба дурустӣ маълум нест чӣ навъ гиёҳе будааст, ва ориёиёни қадим дар маросими парастиш аз он истифода мекардаанд.

Оқои дуктур Муин мегӯяд:

"*Дар назари ӯ (ориёӣ)… фидяҳо дар ҳукми зиёфатҳоест, ки барои меҳмонони олимақом ва азиз таҳия мекунанд. Худоён дӯстона даъвати дӯстони худро мепазиранд. Ҳамон тавр, ки инсон аз гизо қувват мегирад, онон низ ба воситаи ин зиёфатҳо қавӣ мешаванд. Махсусан ин асар дар шираи*

гиёҳи муқаддаси "сума" ё "ҳума", ки руҳро фараҳ мебахшад мавҷуд аст… Ин гиёҳи кӯҳистон (сума) дорои соқаи нарм ва пуралёф аст ва ширае сапед ба ранги шир дорад ва онро дар китобҳои тиббӣ "ҳумул-маҷус" гӯянд… Усораи ин гиёҳро мечӯшонанд ба ҳадде, ки дорои ранг шавад. Истеъмоли ин мойеъ дар мавқеи қурбонӣ яке аз куҳантарин ва беҳтарин расмҳои ибодати ориёӣ аст. Ин нӯшобаро рӯйи оташ мерехтанд, алкуле, ки дар он мавҷуд буд, сабаби иштиъоли оташ мегардид. Руҳониён низ дар мавқеи иҷрои маросими ибодат ба қадри кифоят аз он менӯшиданд. Ин нӯшоба на танҳо муқаддас ва гиромӣ буд, балки аз гароиби мӯътақадоти ориёӣ ин аст, ки барои ин гиёҳ дараҷаи худоӣ қоил буданд".

Зартушт ин хурофаро мансух сохт, вале бори дигар ин хурофа дар давраи сосонӣ эҳё шуд ва ҷузъи сунани зартуштӣ қарор гирифт. Мегӯянд, дар Авастои сосонӣ дар "ҳуми яшт" (яснои 10 банди 8) чунин омадааст:

"*Оре, ҳамаи майҳои дигарро хашми хунини силоҳ дар пай аст, аммо он майи "ҳум"-ро ромиши (оромиши) ростӣ ҳамроҳ аст. Мастии "ҳум" сабук созад. Ҳар он мардуме, ки ҳумро чун писари (фарзанди) хурдсоле навозиш кунанд, ҳум худро барои онон омода сохта ба танашон дармон мебахшад*".

Бори дигар баргардем ба масъалаи ислоҳоти Зартушт. Дар китоби "*Торихи адён*" таълифи Ҷон Нос (*John Boyer Noss*), тарҷумаи Алиасғари Ҳикмат менависад:

"*Хайр ва савоб (дурустӣ) аз мадди назари амалии Зартушт он аст, ки заминро кишту заръ кунанд ва ғаллоту сабзиҷот бипарваронанд, гиёҳони музирра ва алафҳои ҳарзаро решакан созанд, арозии бойерро (фосидро) обод кунанд ва заминҳои хушкро об диҳанд, ҷонварони судманд ва ба вижа говро, ки барои кишоварзӣ ҳайвони муфид аст, ба меҳрубонӣ ва шафқат нигоҳ доранд ва улуфа диҳанд. Хулоса он ки одами хубу хайр ҳамеша ростгӯ ва аз дурӯғ безор аст, бар хилофи одами бад ва ширрир, ки хилофи ин аъмолро пешаи худ месозад ва абадан перомуни амали кишоварзӣ ва зироат намегардад, зеро Ангро Майню (Angra Maiпуи, Аҳриман) ҳамеша бо аъмоли фалоҳатии судбахш душман аст*".

Ва ҳам ӯ менависад:

"*Зартуштиёни қадим дар муноҷотҳои худ мегуфтаанд: ман девро душман медорам ва Маздоро мепарастам. Ман пайрави Зартушт ҳастам, ки душмани девон ва паёмбари Яздон буд, равонҳои муқаддаси "амшосапандӣ"-ро меситоям ва назди Худованди доно паймон мебандам, ки ҳамеша*

некӣ ва некӯкорӣ пеша кунам, ростиро баргузинам, бо фарраи эзадӣ беҳтарин корро дар пеш гирам, дар бораи гов, ки аз атоҳои хайри фард аст меҳрубон бошам, қонуни адолат ва анвори фалакӣ ва партавҳои осмонӣ, ки манбаи файзи яздониванд мӯҳтарам шуморам. Ман фариштаи армитӣ (сипанди Урмуз), ки пок ва некӯст бармегузинам. Умед, ки ӯ аз они ман бошад. Аз дуздӣ ва нобакорӣ ва озор ба ҷонварон ва вайронӣ ва нобудии деҳҳо ва шаҳрҳо, ки маздопарастон манзил дорад бипарҳезам".

Муҳимтарин масъала дар ислоҳоти Зартушт, ба масъалаи Худо ва ҷаҳон ва хилқат марбут аст. Оё Зартушт чӣ тасаввуре дар бораи худои ҷаҳон доштааст? Оё даъвати Зартушт як даъвати тавҳидӣ будааст ва ё ғайри тавҳидӣ? Мо ин баҳсро дар фасли ҷудогонае таҳти унвони "санавият" таъқиб хоҳем кард.

Таҳаввулоти ақоиди ориёӣ пас аз Зартушт

Аҳаде аз муаррихон ва муҳаққиқон инкор надорад, ки ақоиди ориёӣ дар даврaҳои баъдӣ ва махсусан дар давраи Сосониён, ки мавриди баҳси мост, ба пастӣ ва инҳитот гароид. Ҷанбаи зебо ва олии таълимоти Зартушт табдил шуд ба афкоре зишт ва паст. Ҳазорон хурофа ва пироя дар давраи Сосониён ба кеши Зартушт бастанд. Дар ин ҷиҳат аҳаде ихтилоф надорад ва ҳама мӯътарифанд.

Думезил (*Georges Dumézil*), эроншиноси маъруф, таҳти унвони "*Рефурми Зартушт*" мегӯяд: "*Ба рости, ки афкор ва таълими Зартушт бисёр пешрав ва шуҷоъона будааст, вале пас аз даргузашти вай, он чи ки имрӯз ба номи ойини зартуштӣ номида мешавад, ба сарнавишти адён ва мазоҳиби дигар гирифтор омада. Соддатар бигӯем: таълими устод таҳти таъсири сунани қорӣ ва эҳтиёҷоти зиндагӣ ва тамоюлоти мӯъминон тағйири сурат дод, навъе аз ширк ҷойи "тавҳид"-ро гирифт ва малоикаи муқаррабин бо худои бузург кӯси ҳамтирозӣ заданд, зибҳу қурбонӣ бо маросими шигифтоваре пой ба арса ниҳода ва ахлоқиёт ҷойи худро ба баррасии умури вичдонӣ бозгузошт*".

Ду Миноже мегӯяд:

"*Бо вуҷуди ислоҳоти асосии Зартушт, муҷаддадан мазҳаби афсонаомези қадим падидор шуд ва ҳатто Зартуштро низ аз худ донист ва "готҳо"-ро ба ташрифоти марбут ба "ҳеума", ки бо он*

муғойират дошт замима намуд. Ба ин тариқ, Худованди бузург Аҳуромаздо бо маъсумини ҷовидон ва худоёне, ки дини Маздо онҳоро ба канор ронда буд, ҳамрадиф гардид".

Пури Довуд ва дуктур Муин низ эътироф доранд, ки Авастои аҳди сосонӣ бо Авастои аслӣ фарқи фоҳиш дорад ва Авастои сосонӣ таълимоти хурофотии қабл аз Зартуштро таҷдид намудааст. Муддаӣ ҳастанд, ки: "*Ойини ҳақиқӣ ва аслии Зартуштро бояд аз готҳо ҷуст, чӣ баъдҳо ба мурур тасарруфоте дар он карданд ва бахусус ойини зартуштии давраи сосонӣ аз мабдаи худ бисёр дур гардид*".

Готҳо, ки мавриди истиноди Пури Довуд ва дуктур Муин аст, қисмате аз Ясност ва Ясно як ҷузъ аз панҷ ҷузъи Авастои сосонист. Готоҳо аз лиҳози торихӣ ва интисоб ба Зартушт мӯътабартарин қисматҳои Авастост. Қароини зиёде дар дасти муҳаққиқон аст, ки ҳама ё қисмате аз готҳо, ки ба сурати шеър ва муноҷот адо шуда, сурудаи худи Зартушт аст ва ҳам маъқултарини ҳамаи онҳост. Хурофоте, ки дар соири қисматҳо дида мешавад, дар он ҷо нест ё камтар аст ва аҳёнан зидди онҳост. Касоне, ки Зартуштро муваҳҳид медонанд, ба мундараҷоти готоҳо истинод мекунанд ва соири қисматҳои Авасторо илҳоқӣ медонанд.

Ба ҳар ҳол, дар ин ҷиҳат шакке нест, ки дини Зартушт дар даврaҳои баъд хусусан давраи сосонӣ, чӣ аз назари усули ақоид ва чӣ аз назари аҳком ва муқаррарот ба пастӣ гароидааст. Чӣ далеле беҳтар аз ин ки "Аҳуромаздо" дар даврaҳои баъд шаклу шамоил пайдо карда ва муҷассамааш ҳамаҷо дида мешавад.

Қаблан гуфтем, ки Зартушт ончунон ки ба ӯ нисбат медиҳанд, ба мафҳуми худои муҷаррад пай бурда будааст, аз ин рӯ он ҷо, ки аз қурбонӣ наҳӣ мекунад, мегӯяд: "Худо ҷисм нест, ки эҳтиёҷ ба ғизо дошта бошад", вале Худо дар давраи сосонӣ расман дорои шаклу шамоил ва ришу асову ридост. Нақшҳое, ки аз давраи сосонӣ дар нақши Раҷаб ва нақши Рустам ва Тоқи бӯстон монда ва дар он нақшҳо Аҳуромаздо тоҷи салтанатро ба Ардашер ё Шопур ё Хусрав ато мекунад, нишон медиҳад, ки чӣ гуна мӯбадони сосонӣ аз Аҳуромаздо, ки дар андешаи Зартушт таҷарруд ёфта буд буте сохтаанд.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) нақши Рустамро инчунин шарҳ медиҳад:

"*Урмазд тоҷе кунгирадор бар сар ниҳодааст ва гесувони муҷаъдаш аз болои сар ва миёни тоҷ пайдост. Ҳалқаҳои гесу ва риши дароз ва мураббаъи ӯ ҳайъате бисёр атиқ дорад, лекин аз ҳайси либос чандон бо шоҳ мутафовит нест, ӯ низ наворҳои чинхӯрда дорад, ки аз тоҷаш овехтааст.*

Зину барги аспон (аспи Худо ва аспи шоҳ) яксон аст, фақат лавҳе, ки дар қисмати муқаддами зини шоҳ ниҳодаанд, мунаққаш ба сари шерони барҷаста аст, аммо зини аспи Урмазд дорои нақши гул аст".

Нақши Худо (Аҳуромаздо) бо ҳамон ришу асо ва ёлу купол ба унвони як орми миллӣ бар рӯйи тоблуи бисёре аз муассасоти зартуштӣ дар асри ҳозир ба чашм мехӯрад ва нишонае аз инҳитоти фикрии давраи сосонӣ аст. Зартуштиён аз як тараф муддаии худошиносӣ ва тавҳиданд ва "Аҳуромаздо"-ро ҳамон "Аллоҳ"-и мусалмонон, ки:

لاَّ تُدْرِكُهُ الأَبْصَارُ وَهُوَ يُدْرِكُ الأَبْصَارَ وَهُوَ اللَّطِيفُ الْخَبِيرُ

(*"Чашмҳо Ӯро дарнамеёбанд ва Ӯст, ки дидагонро дармеёбад ва Ӯ латиф ва огоҳ аст". (Сураи Анъом, ояти 103*) муаррифӣ мекунанд ва аз тарафи дигар шаклу шамоил барояш мекашанд ва тоҷу ришу асо барояш месозанд ва ӯро ба сурати як бут намоиш медиҳанд.

Ҳақиқатан мояи шармсории Эрон ва эрониён аст, ки бо ин ки чаҳордаҳ қарн аст ба олитарин мафоҳими тавҳидӣ ноил шудаанд ва нағзтарин гуфторҳоро ба насру назм дар ин замина иншо кардаанд, худои муҷассам ва шоху болдор барояш бикашанд ва баъд ҳам исрор кунанд, ки инро ба унвони як орми миллӣ бипазир. Агар ин инҳитот нест, пас инҳитот чист? Ва агар ин бутпарастӣ нест, пас бутпарастӣ дар дунё маънӣ надорад.

Чунонки медонем, эрониёни мусалмон он ҷо, ки таъбироти исломиро ба луғати форсӣ тарҷума кардаанд, калимаи "Аллоҳ"-ро ба калимаи "Худо" тарҷума карданд, ки зоҳиран мухаффафи "худ+ой" аст. яъне ноофаридашуда. Эрониёни мусалмон калимаи "Аллоҳ"-ро ҳаргиз "Аҳуромаздо" тарҷума накарданд, бад-ин ҷиҳат, ки калимаи Аҳуромаздо дар миёни зартуштиён он қадр мафҳуми таҷассум пайдо карда буд, ки он фарзонагон шоиста надиданд онро тарҷумаи калимаи "Аллоҳ" қарор диҳанд.

Чунонки медонем, яке аз мафоҳими мазҳабӣ дар давраи сосонӣ, ки зоҳиран мавлуди сиёсати сосонӣ аст "фарри эзадӣ" аст. Дар ибтидо ба назар мерасад, ки ин мафҳум як мафҳуми маънавӣ ва муҷаррад аст, вале андаке мутолеа равшан мекунад, ки ин мафҳум низ ҷанбаи моддӣ ва ҷисмонӣ дорад.

Оқои дуктур Муин менависад:

"Тибқи мундараҷоти Авасто "фарра"-ро ба сурати мурғи ворған (уқоб, шоҳин) тасаввур мекарданд… Ҷамшед пас аз он ки ба сухани дурӯғ ва нораво пардохт, фарр (-и подшоҳӣ) аз ӯ ошкоро

ба пайкари мурге бадар рафт… Дар корномаи Ардашери Бобакон "фарр" ба сурат "барра" муаррифӣ шудааст".

Оқои дуктур Муин сипас достони гурези Ардашер ва канизак ва таъқиби Ардавон он дуро нақл мекунад:

"*Ардавон аз ҳар кас суроғи онҳоро мегирад, ҷавоб медиҳанд онҳоро дар фалон нуқта дидем, ки ба суръат мерафтанд ва як "барра" низ пушти сари онҳо дар ҳаракат буд. Ардавон аз мавзӯи "барра" дар шигифт мешавад ва аз дастур (руҳонии зартуштӣ) мепурсад. Ӯ ҷавоб медиҳад, ки он "фарраи худоӣ" (подшоҳӣ) аст, ки ҳанӯз беҳеш нарасида бибояд, ки бависуборем (битозем, бишитобем) шояд, ки пеш ки он фарра беҳеш расад шойем гирифтан*".

Дар давраи Сосониён, оташ духтари Худо шинохта мешавад. Аҳуромаздо, ки дар бархе аз таълимоти Зартушт мофавқи ҳамаи мавҷудот аст, ҳам офаринандаи хиради муқаддас (*Спента-Майню, Spentä Maiпуи)* ва ҳам офаринандаи руҳи палид (*Ангра-Майню, Аҳриман*) аст, дар арзи Аҳриман қарор мегирад ва аз тарафе табақае пайдо мешаванд, ки бо истинод ба бархе таъбироти Авасто, худи Урмаздо ва ҳамчунин Аҳриманро махлуқи мавҷуде дигар ба номи "Зурвон" (ё Зарвон, даҳр, замони лоятаноҳо) медонанд ва чунин афсона месозанд, ки:

"*Зурвон худойи асили қадим, қурбониҳо кард шояд фарзанде биёбад ва ӯро Урмазд биномад. Баъд аз ҳазор сол қурбонӣ додан, аз муассиртарини қурбониҳои худ ба шак афтод. Оқибат ду писар дар батни ӯ мавҷуд шуд, яке Урмазд, ки қурбониҳо ба номи ӯ карда буд, дигар Аҳриман, ки зодаи шакку тардиди ӯ буд. Зурвон ваъдаи подшоҳии оламро ба касе дод, ки аввал ба ҳузури ӯ биёяд. Пас Аҳриман пайкари падари хешро бишкофт ва дар муқобили ӯ зоҳир шуд. Зурвон пурсид: кистӣ? Аҳриман дар посух гуфт: "Манам писари ту". Зурвон гуфт: писари ман муъаттар ва нуронӣ аст ва ту мутаъаффин ва зулмонӣ ҳастӣ. Дар ин асно Урмазд бо пайкари муъаттар ва нуронӣ падидор шуд. Зурвон ӯро ба фарзандӣ шинохт ва ба ӯ гуфт: то имрӯз ман аз барои ту қурбонӣ кардаам, аз ин пас ту бояд барои ман қурбонӣ кунӣ*".

Китоби "*Вандидод*", ки як ҷузъ аз панҷ ҷузъи Авастои сосонӣ аст ва акнун дар даст аст, муштамил аст бар аҳком ва одоби зартуштии он давра. Қисмате аз ин китоб муштамил аст бар афсуну дуо барои дар банд кардани девҳо. Маънии калимаи Вандидод "зидди дев" аст. Худи ин луғат намояндаи тарзи тафаккури хосси он давра аст. Муҳтаваёти ин китоб ақоид

ва орои он даврaро мерасонад. Дар фасли севвуми китоби "*Эрон дар замони Сосониён*" таълифи муҳаққиқи эроншинос Кристенсен (*Arthur Christensen*), шарҳи мабсуте дар заминаи ақоид ва одоби зартуштӣ дар ин давра дода шудааст, аз ташрифоти хосси оташпарастӣ, ғизо ва машруб барои мурдагон бар бомҳо, рондани ҳайвоноти ваҳшӣ ва паронидани мурғон дар миёни шӯълаи оташ дар ҷашни сада, нӯшидани шароб ва тафреҳ намудан дар гирди оташ ва ғайра…

Кристенсен (*Arthur Christensen*) дар фасли дуввуми китоби хеш менависад:

"*Руҳониюн дар равобити худ бо ҷомеа вазоифи мутааддид ва мухталиф доштаанд, аз қабили иҷрои аҳкоми таҳорат ва исғои эътирофоти гуноҳкорон ва афву бахшоиши онон ва таъйини мизони каффорот ва ҷароим ва анҷом додани ташрифоти оддӣ ҳангоми вилодат ва бастани кустик (камарбанди муқаддас) ва арӯсӣ ва ташйеъи ҷаноза ва аъёди мазҳабӣ… Рӯзе чаҳор бор боистӣ офтобро ситоиш ва об ва моҳро ниёиш намуд. Ҳангоми хоб ва бархостан ва шустушӯ ва бастани камарбанд ва хӯрдани гизо ва қазои ҳоҷат ва задани атса ва чидани нохун ва гесу ва афрӯхтани чароғ ва амсоли он боистӣ ҳар касе дуои махсус тиловат кунад. Оташи уҷоқ ҳаргиз набоистӣ хомӯш шавад ва нури офтоб набоистӣ бар оташ битобад. Ва об бо оташ набоистӣ мулоқот намояд ва зуруфи филизӣ набоистӣ занг бизанад, зеро ки филизот муқаддас буданд. Ашхосе, ки ба ҷасади майит ва бадани зани ҳоиз ё зане, ки тоза вазъи ҳамл карда — махсусан агар тифли мурда аз ӯ ба вуҷуд омада бошад — даст мезаданд, боистӣ дар ҳаққи онҳо ташрифоте иҷро кунанд, ки басе хастагиовар ва пурзаҳмат буд. Ардои Вироз, ки аз авлиёи дини зартуштӣ аст, ҳангоми мушоҳадаи ҷаҳаннам дар миёни муаззабин мисли қотил ва лавот ва кофир ва ҷонӣ, афродеро ҳам дид, ки ба сабаби истеҳмом дар оби гарм ва олудани оташу об ба ашёи палид ва сухан гуфтан дар ҳини тановули таом ва гиристан бар амвот ва роҳ рафтан бидуни кафш, дар радифи соири гуноҳкорон муаззаб буданд*".

Гов ва ба хусус гови нар тақаддуси махсусе пайдо карда буд. Дар таълимоти аслии Зартушт қурбонӣ кардани гов ва ҳар ҳайвони дигар — ки қабл аз Зартушт хуни ин ҳайвонҳоро мерехтанд бидуни он ки манзур итъоми ниёзмандон бошад, балки ба хаёли ин ки рехтани хуни ин ҳайвонот сабаби тақвияти худоён мегардад — мамнӯъ шуд ва таъкид шуд, ки аз ин ҳайвон барои зироат истифода шавад. Шояд ҳамин таълим ва шояд савобиқи дигар аз даврони табиатпарастӣ сабаб шуд, ки баъд аз Зартушт гов кам-кам дар радифи муқаддасот

қарор гирад, дар афсонаи хилқат аввал махлуқи заминӣ фарз шавад ва бо Гевмард (Каюмарс) ба дараҷаи шаҳодат ноил гардад ва махсусан идрори гов муқаддас ва поккунанда шинохта шавад, ҳамон тавре ки Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Дар китоби "Вандидод" шарҳи мабсуте роҷеъ ба об ва таъсири он дар татҳир мундарақ аст. Фақат чизе, ки дар татҳир муассиртар аз об маҳсуб мешуд бавли гов буд*".

Абулъалои Маъаррӣ, шоири маъруфи араб дар ашъори маъруфи мансуб ба ӯ, ки ислом ва масеҳият ва яҳудият ва зартуштигариро якҷо интиқод мекунад, чунин мегӯяд:

عجبت لكسري وأشياعه
وغسل الوجوه ببول البقر
وقول النصارى إله يضام
ويظلم حيا ولا ينتصر
وقول اليهود إله يحب
رسيس الدماء وريح القتر
وقوم أتوا من أقاصي البلد
لرمي الجمار ولثم الحجر

Яке дигар аз аҳкоме, ки дар Авастои сосонӣ сахт рӯйи он такя шудааст, мамнӯияти дафни мурдагон ва олуда кардани хок аст. Дар китоби "*Вандидод*", ки қисмате аз ин Авастост, беш аз ҳар мавзӯи дигар дар бораи ин мавзӯъ исрор ва таъкид шудааст. Ва чунонки медонем, то камтар аз ним қарн пеш зартуштиёни Эрон ва Ҳиндустон мурдагони хешро дафн намекарданд, онҳоро дар болои бурҷе (бурҷи хомӯшон) мегузоштанд, ки парандагон онҳоро бихӯранд. Аз ним қарн пеш ба ин тараф дар асари мумониати давлатҳои Ҳинд ва Эрон ба лиҳози ҳифзи саломати умумӣ ва дар асари бедорӣ ва равшанфикр шудани худи зартуштиён, тадриҷан ин кор қадаған шуд. Шунидаам ҳанӯз дар Язд он бурҷҳои махсус, ки мурдаҳоро бар рӯйи онҳо мениҳодаанд мавҷуд аст.

Оқои дуктур Муин дар ин замина мегӯяд:

"*Дар ойини маздоӣ бисёре аз мӯътақадоти дини будоии ҳиндӣ мунъакис аст. Омили асосӣ дар ин ҷо оташ аст. Оташ дар меҳроб забона мекашад ва бо ҳадоёи доимӣ аз хомӯшии он ҷилавгирӣ мешавад… Бо ин ҳол, шеваи ситоиш дар дини эронӣ бештар ошкор аст, ва дуруст ба ҳамин далел, аз сӯзондан ва дафни мурдагон худдорӣ мешавад, зеро ақида бар он аст, ки наъши мурдагон оташ*

ва заминро, ки покизаанд мулаввас хоҳад сохт. Аз ин рӯ наъши мурдагонро ба даштҳо бурда ва тайи ташрифоти хоссе дар ҳавои озод қарор медиҳанд".

Маълум мешавад дар ойини маздоӣ ба пок ва тоҳир будани об ва хок ва оташ таваҷҷӯҳ шудааст ва аммо ба поккунандагӣ ва мутаҳҳир будани ин аносур таваҷҷӯҳ нашудааст.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Оготёс сареҳан мегӯяд, ки ба дахма ниҳодани мурдагон аз одоти эрониёни аҳди сосонӣ буд. Ҳюн Тсонг, зуввори будоии чинӣ фақат иҷмолан тазаккур медиҳад, ки эрониён ғолибан аҷсоди мурдагони худро раҳо мекарданд (ҷ.2, с.278). Инустронтзеф (Константин Иностранцев) рисолае дар боби рафтори эрониёни қадим бо мурдагони худ ба русӣ навиштааст*".

Ҳамчунин дар достони мағзуб шудани "Артишторонсолор Сиёвуш» дар дарбори Қубод менависад:

"*Аз ҷумла эродҳои муҳимме, ки анҷумани бузург (маҳкамаи олӣ ба риёсати мӯбадон мӯбад) ба ӯ гирифт ин буд, ки: Сиёвуш намехостааст мувофиқи одоти ҷорӣ зиндагӣ кунад ва таъсисоти эрониро маҳфуз нигаҳ дорад, худоёни ҷадид мепарастида ва зани худро, ки тоза бидруди ҳаёт гуфта "дафн" кардааст, бар хилофи ойини зартуштӣ, ки муқаррар медорад амвотро дар дахма бигузоранд, то мургони шикорӣ онҳоро бихӯранд*".

Оқои Рашид Ёсамӣ, мутарҷими китоби "*Эрон дар замони Сосониён*" мегӯяд:

"*Ҳахоманишиён маълум нест ҳамаи рафтори худро тобеи аҳкоми Зартушт карда бошанд, баъзе парастиши Оноҳито ва дафни амвотро дар мақобир намунаи мухолифати онон бо шариат донистаанд*".

Оқои Ёсамӣ зимнан мехоҳад муддай шавад, ки мамнӯияти дафни амвот дар ойини зартуштӣ дар давраи ҳахоманишӣ низ собиқа дорад.

Санавияти зартуштӣ

Оё Эрон муқорини зуҳури ислом санавӣ будааст? Муҳимтарин посух дар бораи низоми фикрӣ ва эътиқодии эрониён (албатта минҳои яҳудиён ва масеҳиён ва будоиёни Эрон, ки маҷмӯан дар ақаллият буданд), посухи ҳамин пурсиш аст. Қаблан бояд бибинем, дар давраҳои қабл, Эрон аз ин лиҳоз чӣ вазъе доштааст? Дар фаслҳои пеш роҷеъ ба давраҳои қабл аз Зартушт баҳс кардем. Маълум шуд, ки ҳатто дар давраҳои табиатпарастӣ ва

раббуннавъпарастӣ, ақидаи санавӣ дар руҳи мардуми ориё русухе доштааст, ва ба қавли Думезил (*Georges Dumézil*): "*Эътиқод ба санавият, аз хусусиёти тарзи тафаккури эронӣ аст*". Умда ин аст ва махсусан бояд бидонем, ки худи Зартушт, ки ислоҳоте дар ақоиди ориёиҳо ба амал овард, чӣ гуна тафаккуре дар ин замина доштааст? Оё муваҳҳид буда ё санавӣ?

Агар Авастои сосониро милок қарор диҳем, шак нест, ки Зартушт санавӣ будааст, вале ҳамчунонки қаблан гуфтем, муҳаққиқон танҳо қисмати мухтасари "Готҳо"-ро қадимӣ ва азони Зартушт медонанд ва қисматҳои дигарро илҳоқӣ мешуморанд. Мундараҷоти Готҳо ҳарчанд сароҳати тамом надорад, вале ба тавҳид аз санавият наздиктар аст.

Тавҳид маротибе дорад: тавҳиди зот, тавҳиди сифот, тавҳиди афъол, тавҳид дар ибодат.

"Тавҳиди зот" иборат аст аз бемонандии зоти Ҳақ аз лиҳози вуҷуби вуҷуд ва қидами зотӣ ва истиқлол ва лоятаноҳӣ будан. Ҳамаи мосиво, аъамм аз муҷаррад ва моддӣ, мумкини биззот ва ҳодиси биззот аст ва қоим ба ӯ ва маҳдуд аст:

لَيْسَ كَمِثْلِهِ شَيْءٌ

(*"Чизе монанди Ӯ (Худо) нест" (Сураи Шӯро, ояти 11*)

وَلَهُ الْمَثَلُ الْأَعْلَى

(*"Намунаи волои ҳар сифати бартар азони Ӯст" (Сураи Рум, ояти 27*)

"Тавҳиди сифот" иборат аст аз ин ки ҳамаи камолоти зот айни зот аст. Агар олим ё қодир ё ҳай (зинда) ё нур аст, ба маънои ин аст, ки айни илм ва қудрат ва ҳаёт ва рӯшноист, ӯ ба тамоми маъно аҳад ва воҳид ва фард аст. Лозимаи вуҷуби зотӣ ва лоятаноҳӣ будани зоти Ҳақ ин аст, ки ҳеч ғайре ва соние барои ӯ ва дар мартибаи ӯ фарз намешавад. Ба иборати дигар, лозимаи камоли зотии Ҳақ, айнияти сифот бо зот аст. Муғойирати сифоти зот бо зот мусталзими маҳдудияти зот аст. Яъне танҳо дар мавриди умури мутаноҳӣ ва маҳдуд, фарзи сифати муғойир бо зот мумкин аст.

"Тавҳид дар афъол" иборат аст аз ин ки муассир ва фоили ҳақиқӣ дар низоми мавҷудот мунҳасиран зоти ӯст. Ҳар фоил ва муассире ба хости ӯ ва ба машияти ӯ фоил ва муассир аст. Ҳеч мавҷуде аъамм аз муҷаррад ё моддӣ, бо ирода ё бе ирода аз худ истиқлол надорад. Низоми иллату маълул танҳо маҷрои ирода ва машияти зоти Ҳақ аст. Ҳастӣ мулки ӯст ва ӯ дар мулки худ шарик надорад:

لَمْ يَتَّخِذْ وَلَدًا وَلَم يَكُن لَّهُ شَرِيكٌ فِي الْمُلْكِ وَلَمْ يَكُن لَّهُ وَلِيٌّ مِّنَ الذُّلِّ وَكَبِّرْهُ تَكْبِيرًا

(*“На фарзанде гирифта ва на дар ҷаҳондорӣ шарике дорад ва на хор буда, ки (ниёз ба) дӯсте дошта бошад ва ӯро бисёр бузург шумор”. (Сураи Исро, ояти 111*)

“Тавҳид дар ибодат” марбут аст ба аксуламали банда дар баробари холиқ. Яъне ҳамон тавр, ки ӯ ягона дар зот ва дар сифот ва дар афъол аст, инсон низ дар мақоми парастиш бояд танҳо ӯро парастиш кунад ва ба ӯ мултаҷӣ шавад:

وَمَا أُمِرُوا إِلَّا لِيَعْبُدُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ

(*“Ва фармон наёфта буданд ҷуз ин ки Худоро бипарастанд ва дар ҳоле ки ба тавҳид гароӣидаанд, дини худро барои ӯ холис гардонанд…” (Сураи Байина, ояти 5*)

Он чӣ дар мавриди Зартушт муҳаққақ аст ин аст, ки ба тавҳид дар ибодат даъват мекардааст. Аҳуромаздо, ки аз назари шахси Зартушт номи “Худои нодида, холиқи ҷаҳон ва инсон” аст, танҳо мавҷудест, ки шоистаи парастиш аст. Зартушт, ки расман худро мабъус аз ҷониби Аҳуромаздо мехондааст, мардумро аз парастиши девҳо, ки маъмули он замон будааст наҳӣ мекардааст.

Оқои дуктур Муин инкор дорад, ки ориёиён қабл аз Зартушт қуввахои музирри табиатро ва ё девҳоро мепарастидаанд. Муддаӣ аст, ки ориёиён дар давраи табиӣ маҳз фақат қувваҳо ва арвоҳи судманди табиатро мепарастидаанд, на қувваҳо ва ё арвоҳи музирраро. Мегӯяд: “*Онон (ориёиён) аз ин арвоҳи музирр мутанаффир буданд, онҳоро лаънат мекарданд ва ҳеч вақт дар садад барнамеомаданд, ки ризояти хотирашонро фароҳам ва ба воситаи қурбониҳо, аврод ва ибодатҳои мухталиф газаби эшонро мубаддал ба раҳмат созанд. Ва ҳамин худ яке аз вуҷуҳи ихтилофи асосии мӯътақадоти ақвоми ориёӣ бо ақвоми турк ва мугул мебошад; чӣ, мутобиқи ақидаи инон бояд қувваҳои музирро ба василаи ибодат ва қурбониҳо розӣ кард, бояд марҳамат ва дафъи мазаррати ононро харид ва бо эшон сохт*”.

Агар сухани дуктур Муинро бипазирем, бояд бигӯем, Зартушт аз ин назар ислоҳе накардааст; парастиши девҳо дар миёни ориёиён маъмул набуда, то Зартушт наҳӣ кунад. Вале зоҳиран ин иддао иштибоҳ аст ва бар хилофи гуфтаи ҳамаи муҳаққиқон аст. Аз таъкидоти шадиде, ки аз Зартушт дар ин замина нақл шуда маълум мешавад, ки парастиши девҳо маъмул будааст.

Дар китоби “Торихи ҷомеи адён”, таълиф Ҷон Нос, тарҷумаи Алиасғари Ҳикмат, пас аз баҳсе дар бораи тағйироте, ки дар мафҳуми калимаи “Аҳуро” ва калимаи “дев” дар миёни ҳиндиҳо ва эрониҳо пайдо шудааст, мегӯяд:

“*Зартушт… биссароҳа (ба сароҳат) эълом фармуд, ки ин девҳо (маъбуди мугон ва тӯронён) ҳама арвоҳи ширрир ва зиёнкоранд, ки бо арвоҳи нек ва равонҳои хайр ва некӯкор дар ситез ва овез мебошанд. Онҳо падари дурӯғ ва фиребандаи ниҳодҳои пок мебошанд ва масдари шарр ва бадӣ ва зиштқориаанд ва одамиёнро аз парастиши Аҳуромаздо бозмедоранд. Пас, ибодати онҳоро манъ фармуд*”.

Ҷон Нос даъвати Зартуштро дар матолиби зайл хулоса мекунад:

“*а) Эъломи беъсати худаш ва даъвати мардум ба қабули паёмбарии ӯ.*

б) Аз он ҳама арвоҳи мутааддида (роиҷ ва маъмул дар миёни мардуми он аср) танҳо як равони хуб ва некӯ, ки Аҳуромаздо буд пазируфта ва ӯро болотарин ва бузургтарини худоён донист, офаридагор ва доно ва бартарини равонҳои илвӣ қарор дод, ва бар хилофи баъзе ақоиди мутааххирини ҷамоати зартуштиён, он пайғамбари бостонӣ гуфт, ки бар ҳасби машият ва иродаи мутаолии Аҳуромаздо тамоми мавҷудот офаридашудаанд ва чунонки дар ояти охирин аз Готҳо сароҳат дорад, Аҳуромаздо муҷиди (ба вуҷудоварандаи) ҳам нур ва ҳам зулмат ҳар ду мебошад.

в) Аҳуромаздо иродаи қуддусии илвии худро ба василаи руҳи муқаддас ва некӯниҳод аз қувва ба феъл меовард, ки ӯро “Спента-Майню” (Spentä Mainyu, хирадиҳи муқаддас) номидааст.

г) Бо он ки Аҳуромаздо дар арши ҷалоли худ ҳеч зидде ва нидде надорад, бо вуҷуди ин, Зартушт мӯътақид аст, ки дар баробари ҳар некӣ як бадӣ мавҷуд аст, чунонки дар баробари “Ашо” яъне ростӣ ва ҳақиқат, дурӯғ ва ботил ҷой гирифта ва дар баробари ҳаёт ва зиндагонӣ мавт ва марг қарор гирифтааст. Ба ҳамин қиёс, дар баробари руҳи муқаддаси пок “Спента-Майню” руҳи ширрир ва нопоки “Ангра-Майню” ҷой дорад, ки ба маънии равони палид аст… Рӯзи нахуст, ки ин ду равон тавъам бо якдигар падид омад, яке ҳаёт ва ҳастиро барқарор кард ва дигаре фано ва нобудиро, ва саранҷом ҷойгоҳи ҷовиди бадон (дӯзах) баҳраи пайравони дурӯғ хоҳад буд, лекин андешаи пок ва ҷойгоҳи ҷовиди некон яъне биҳишт насиби пайравони ростӣ хоҳад шуд… Аз ду равони тавъамон дар огози офариниши ҷаҳон, он як, ки пок ва некӯкор аст, ба дигаре, ки душмани

ӯ буд чунин гуфт: "То охирин рӯз, на дар ҷаҳони кунишу гӯишу маниш ва на дар олами арвоҳу аҷсом, мо ду равон бо якдигар ҳамоҳанг нахоҳем шуд".

д) Нуқтаи аслӣ ва пояи асосии ахлоқ дар ойини Зартушт бар рӯйи ин қоида аст, ки нафс ва замири ҳар фарди одамизод як майдони набарди доимӣ байни хайру шарр аст ва синаи одамӣ танӯрест, ки оташи ин ҷанг ҳамвора дар он муштаъил мебошад. Рӯзе, ки Аҳуромаздо одамиро биёфарид, ӯро озодии амал ато кард, ки худ амали худро баргузинад. Яъне дорои нерӯи ихтиёр гардид, ки мобайни ду роҳи хато ва савоб ҳар якро бихоҳад интихоб намояд".

Албатта, дар Готоҳо, ки як силсила муноҷотҳои манзум аст, матлаб ба ин сароҳат, ки Ҷон Нос мегӯяд нест. Аз баъзе оятҳои Готоҳо ҳамин матлаб истифода мешавад ва аз баъзе оятҳои дигар хилофи инҳо, ва ба ҳамин ҷиҳат дар ин ки ҳамаи Готоҳо аз Зартушт бошад, тардиде ҳаст. Худи оқои Ҷон Нос билохира мураддад аст, ки воқеан Зартушт Аҳуромаздоро холиқи "Ангра-Майню" (Аҳриман) медонистааст ва ё кошифи он. Аз ин рӯ мегӯяд:

"*… Нусуси китобҳои зартуштӣ дар бораи ҳадди масъулияти Аҳуромаздо дар масъалаи эҷоди руҳи ширрир (Аҳриман) бисёр мубҳам ва ғайримушаххас аст ва маълум нест, ки "Ангра-Майню" яъне равони палид ҳам аз рӯзи азал бо Аҳуромаздо муттафиқан ба вуҷуд омад ё он ки Аҳуромаздо баъдан ӯро офаридааст. Ба иборати дигар, оё Аҳуромаздо равони нопоки аҳриманиро халқ кард ё он ки "Ангра-Майню" мавҷуде буд палид ва Маздо ӯро кашф фармуд, аз ин рӯ ҳар ҷо, ки хубӣ буд, бадиро дар муқобил муайян сохт ва ҳар ҷо, ки рӯшноӣ буд, торикиро дар баробараш падидор намуд*".

Ҷузеф Геир (*Joseph Gaer*) дар китоби "*Динҳои бузург*" муддаӣ аст, ки пас аз он ки Зартушт ба дарбори Гуштосб дар Балх рафт ва миёни ӯ ва доноёни дарбори Гуштосб баҳсу гуфтугӯ шуд, аз ӯ пурсиданд: Ин офаридагори бузург кист? Ҷавоб дод: Аҳуромаздо парвардигори доно ва фармонравои бузурги ҷаҳон.

— Ту бар онӣ, ки ӯ ҳамаи чизҳои ҷаҳонро офаридааст?

— Ӯ ҳар чизро, ки некӯст офаридааст, зеро Аҳуромаздо ҷуз некӯӣ ба коре тавоно нест.

— Пас зиштиҳо ва палидиҳо сохтаи кист?

— Зиштиҳо ва палидиҳоро Ангра-Майню яъне Аҳриман бад-ин ҷаҳон овардааст.

— Пас, бад-ин гуна дар ҷаҳон ду Худо вуҷуд дорад?

— Оре, дар ҷаҳон ду офаридагор ҳаст…

Вале зоҳиран маъхази Ҷузеф Геир ривоёти зартуштӣ аст, на маохизи торихӣ. Агар бихоҳем ба ривоёти суннатии зартуштиён эътимод кунем, бидуни шак бояд Зартуштро санавӣ бидонем. Чӣ мадраке аз китоби “Вандидод”, ки ҷузъе аз Авастои сосонӣ аст болотар? Дар ин китоб ҳатто сарзаминҳо тақсим шудааст; сарзаминҳои пурхайру баракат махлуқи Аҳуромаздо ва сарзаминҳои бехайру баракат махлуқи Аҳриман муаррифӣ шудааст.

Ва чунонки гуфтем, мухталиф будани муфоди Готҳо сабаб шуда, ки донишмандон дар бораи санавият ва яктошиносии Зартушт ихтилофи назар дошта бошанд.

Гиршман (*Roman Ghirshman*), эроншиноси маъруф дар китоби “*Эрон аз огоз то ислом*” мегӯяд:

“*Ойини зартуштӣ мабнӣ бар тавҳид набуд, вале дар аҳди сосонӣ бар асари нуфузи адёни бузург (масеҳият) ваҳдатро пазируфт*”.

Ва баръакс, Думезил (*Georges Dumézil*) ҳамчунонки собиқан нақл кардем, мӯътақид аст, ки Зартушт ба тавҳид даъват мекардааст.

Шаҳристонӣ дар “*Алмилал ван-ниҳал*” Зартуштро муваҳҳид медонад. Шаҳристонӣ таҳти таъсири ақоиди фалсафӣ ва каломии исломӣ масъалаи хайру шарррро ба наҳве тавҷеҳ мекунад, ки фақат бо андешаҳои исломӣ мунтабиқ аст, на бо андешаҳои зартуштӣ.

Ҳақиқат ин аст, ки агар тавҳидро аз ҳамаи ҷиҳот дар назар бигирем, бисёр мушкил аст, ки битавонем ойини Зартуштро як ойини тавҳидӣ бидонем.

Маъмулан баҳс дар ин ки ойини Зартушт тавҳидӣ аст ё санавӣ, мубтанӣ бар ин қарор дода мешавад, ки оё Зартушт Аҳуромаздоро офаринандаи Аҳриман медонад ва Аҳриманро офаридаи ӯ? Ва ё он ки Аҳриманро қадим ва азалӣ ва дар арзи Аҳуромаздо медонад? Ва чунин фарз кардаанд, ки агар собит шавад, ки аз назари Зартушт Аҳриман офаридаи Аҳуромаздост, матлаб тамом аст ва ойини Зартушт ойини тавҳидӣ аст.

Ин матлаб аз назари тавҳиди зотӣ саҳеҳ аст, вале аз назари тавҳиди афъолӣ саҳеҳ нест, зеро он чӣ маълум аст ин аст, ки бино бар осори мавҷуд ва аз он ҷумла Готҳо, чизе, ки андешаи Зартуштро монанди соири ориёиҳои қадим сахт ба худ машғул доштааст, вуҷуди бадиҳост. Аз назари Зартушт, ҷаҳони мавҷуд, бар хилофи назми маъқулест, ки боист бошад. Як силсила ҳақоиқ мавҷуданд, ки “шарр” ва палиданд ва мавҷудоти муқаддас аз қабили

Аҳуромаздо ва ё “Спента-Майню” аъзам ва аҷал аз ин ҳастанд, ки хилқати ин шурур ба онҳо нисбат дода шавад, пас бояд мавҷуди дигаре фарз кард, ки зотан хабис аст ва офариниши ашёи бад мунтасаб ба ӯст.

Бо ин тарзи тафаккур, хоҳ Аҳриман махлуқи Аҳуромаздо бошад ва хоҳ набошад, асоси тавҳид мутазалзил аст. Агар махлуқи Аҳуромаздо нест, ки возеҳ аст, ва агар махлуқи Аҳуромаздо ҳаст, аввалан ин пурсиши асосӣ боқист, ки агар Аҳуромаздо метавонад фоили шарр ҳам бошад, чӣ лузуме дорад, ки вуҷуди Ангра-Майню дар муқобили Аҳуромаздо ё Спента-Майню фарз шавад, он шурурро ба худи Аҳуромаздо, ки воҷибулвуҷуд аст ва ё ба Спента-Майню, ки содири аввал аст нисбат медиҳем. Ва агар истиноди шурур ба Аҳуромаздо мумкин нест, чӣ гуна Аҳуромаздо худи Ангра-Майнюро, ки мабдаи кулли шурур ва шарри маҳз аст офарид? Сониян, ҳоло, ки Ангра-Майню офарида шудааст, чӣ нақше дорад? Оё мустақиллан даст ба офариниш мезанад ва ё он ки хоста ва машияти болиғаи Аҳуромаздоро иҷро мекунад? Агар мустақиллан даст ба офариниш мезанад, пас Аҳуромаздо ба ҳар ҳол шарик дорад, ниҳоят дар фоилият ва холиқият. Ва ин айни ширк аст. Ва агар истиқлол надорад ва мисдоқи

وَمَا تَشَاؤُونَ إِلَّا أَن يَشَاءَ اللَّهُ

(*“Ва то Худо парвардигори ҷаҳонҳо нахоҳад, (шумо низ) нахоҳед хост…” (сураи Таквир, ояти 29*) аст, пас фарзи Ангра-Майню таъсире дар нафйи интисоби шурур ба Аҳуромаздо надорад. Асосан, решаи санавият ин аст, ки башар ашёро ду навъ ташхис додааст: навъи хуб ва навъи бад. Барои хубҳо як мабдаъ ва як реша қоил шудааст ва барои бадиҳо мабдаъ ва решаи дигар. Фоили хайрро, ки дорои олитарин сифот ва камолот мешумурда бартар ва муназзаҳтар аз ин медониста, ки дар кори мавҷудоти муъзӣ ва зорра дахолат дошта бошад. Аз ин рӯ махлуқ будани онҳоро ба василаи инчунин мабдае инкор мекарда ва ночор мабдаи дигаре, ки шарри маҳз аст фарз мекардааст. Яъне инкори имкони махлуқ будани шурур ба василаи Худованд, мунҷар ба фарзи мабдае дигар дар арзи Худованд шудааст.

Аммо агар фарз кунем, ки он мабдаи дигар, ки холиқи шурур аст, дар арзи Худованд нест, балки махлуқи Худованд аст, ҳарчанд вуҷуди як асли қадими қоим биззотро дар баробари Худованд инкор кардаем, аммо асли матлаб яъне инкори интисоби хилқати бархе мавҷудот, ки шурур номида мешаванд, сар ҷойи худ боқист. Ба иборати дигар, барои

Худованд шарике дар мартибаи зот қоил нашудаем, вале яке аз махлуқоти ӯро шарики ӯ дар холиқият қарор додаем.

Гузашта аз ин ки ширк дар холиқият, бар хилофи таълимоти ҳамаи паёмбарон аст, дар ҳикмати аъло мубарҳан аст, ки ширк дар холиқият, билмаол мусталзими ширк дар зот аст. Ҳақиқат ин аст, ки ин навъ тарзи тафаккур, ки ношӣ аз гирифторӣ дар шашу панҷи хайру шарр аст, шаъни як нимафайласуф аст, на шаъни як набӣ ва на шаъни як файласуфи комил. Аз назари як набӣ, ки ҳастиро аз боло мебинад, ҷуз нур ва рӯшноӣ ва хайр ва раҳмат ва ҳикмат чизе нест ва ҷуз як машият, ки бар асоси ҳикмати болиға, низоми иллату маълул ва асбобу мусаббаботро барқарор карда, дастандаркор намебошад. Барои як набӣ ва ё як ориф, маҳол аст, ки чунин андешаҳое ӯро ба худ машғул созад ва аз назари як файласуфи комил низ ҳамаи шурур умуре адамӣ ва изофӣ ва нисбӣ мебошанд ва ин умури нисбӣ ва изофӣ бо ҳамин ҳол рукни низоми аҳсан ва акмал мебошанд ва муқтазои ҳикмати болиғаи илоҳӣ аст ва агар набошанд, низоми ҷаҳон ноқис аст.

Аз назари як дини тавҳидӣ, Худованди Мутаол комили мутлақ аст ва аз ҳар нақсе мубаррост, ҳамаи мавҷудот ба машият ва ирода ва ҳикмати болиғаи ӯ ба вуҷуд омада ва фонӣ мешаванд, вуҷуди ҳеч мавҷуде лағв ва абас нест, шарри ҳақиқӣ вуҷуд надорад, ҳама чиз нек офарида шуда:

الَّذِي أَحْسَنَ كُلَّ شَيْءٍ خَلَقَهُ

(*"Ҳамон касе, ки ҳар чизеро, ки офаридааст некӯ офарида…" (Сураи Саҷда, ояти 7*)

Вуҷуд медиҳад, фонӣ месозад ва зинда мекунад, мемиронад:

يحيي ويميت، ويميت ويحيي

(*"Ҳам ӯст зинда мекунад ва мемиронад, мемиронад ва зинда мекунад". (Биҳорул-анвор, 76/194*)

Рӯз ва рӯшноиро меоварад, шаб ва торикиро низ меоварад:

يُولِجُ اللَّيْلَ فِي النَّهَارِ وَيُولِجُ النَّهَارَ فِي اللَّيْلِ

(*"Худо шабро дар рӯз дармеоварад ва рӯзро низ дар шаб дармеоварад…" (Сураи Ҳаҷ, ояти 61*)

Ҳамон, ки нурро офарида зулматро низ офаридааст:

الْحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ وَجَعَلَ الظُّلُمَاتِ وَالنُّورَ

(*"Ситоиш Худойро, ки осмонҳо ва заминро офарид, ва торикиҳо ва рушноиро падид овард…" (Сураи Анъом, ояти 1*)

Қаблан аз китоби "*Динҳои бузург*" таълифи Ҷузф Геир, муҳовираи Зартуштро бо Гуштосб ва дарбориёни ӯ нақл кардем, ки чӣ гуна дар муҳовираи худ Худоро фақат офаринандаи хубиҳо медонад ва бадиҳо ва муъзиҳоро ба мавҷуде дигар мунтасаб мекунад ва хилқати онҳоро шаъни Худованд намедонад. Ҳарчанд мо дар асолати он муҳовира тардид кардем, вале ин муҳовира ба ҳар ҳол намояндаи тарзи тафаккури зартуштиён аст. Ин муҳовираро қиёс кунед бо муҳовираи Мӯсо ибни Имрон, паёмбари Худо бо подшоҳи асри хеш яъне Фиръавн, ки Қуръони Маҷид нақл кардааст.

Фиръавн ба Мӯсо ва Ҳорун хитоб карда, мегӯяд:

— Эй Мӯсо! Парвардигори шумо ду нафар кист?

— Парвардигори мо он касест, ки ба ҳар мавҷуде он офаринише, ки шоистаи ӯ буд ато кард ва сипас ӯро дар роҳи махсуси худаш ҳидоят фармуд. (*Сураи Тоҳо, оятҳои 49 ва 50*)

Мӯсо дар як ҷумлаи кӯтоҳ мегӯяд, ҳама чизро Худо офарида ва Худо ҳар мавҷудеро бар тибқи ҳикмат офарида ва он чиро мебоист ба ӯ аз назари офариниш бидиҳад додааст; ҳеч мавҷуде бар хилофи он чӣ бояд бошад нест, ҳар чизе ба ҷойи хеш некӯст, ҳеч чизе шарри воқеӣ нест, то гуфта шавад, он чизро Худованд наёфарида, мавҷуде дигар офаридааст. Оре, ин аст мантиқи паёмбарӣ.

Аз он чӣ гуфтем, маълум шуд фарзи Ангра-Майню ба унвони мавҷуде офаринандаи бадиҳо ва тавҷеҳкунандаи шурур ва ҷанбаҳои номаъқули ҷаҳони ҳастӣ ҳарчанд худаш офаридаи Аҳуромаздо бошад, бар хилофи усули тавҳидӣ ва бар хилофи мантиқи мусаллами паёмбарон аст.

Аз ин рӯ бар хилофи он чӣ Кристенсен (*Arthur Christensen*) иддао мекунад, ки дини Зартушт яктопарастии ноқис аст, бояд гуфт, фалсафаи ноқис аст яъне ба гуфтори як нимафайласуф шабеҳтар аст, то гуфтори як набӣ ё як файласуфи комил.

Оқои дуктур Муҳаммади Муин аз Ду Миноже чунин нақл мекунад:

"*Дар Қуръон ба пайдоиши шарр ва мабнои гуноҳи башар ишороте рафтааст. Ойини маздоӣ ба ин масъала посухи осон ва усулии хоссе медиҳад, бад-ин маънӣ, ки "шарр"-ро ба вуҷуде дар баробари Худо нисбат дода ва онро низ чун Худо қадим ва азалӣ муаррифӣ мекунад. Бегуфтугӯ "руҳи шарр" аз ҳайси нерӯ ва азамат ба пойи Худо намерасад ва билохира дар баробари вай бо шикаст мувоҷеҳ мегардад, бо ин ҳол, дар баробари Худо чун монеъе пайдо шуда ва аъмоли ӯро маҳдуд месозад.*

Посухе, ки ойини маздоӣ ба масъалаи хайру шарр медиҳад, лоақал ин натиҷаро дорад, ки Худоро аз масъулияти "бадиҳое", ки дар ҷаҳон мебинем мубарро месозад".

Дасти шумо дард накунад! Худованд сояи оқои Ду Миноже ва ойини маздоииро аз сари худаш ва ҳамаи малакути аъло каму кӯтоҳ нафармояд!

Агар ойини маздоӣ Худоро аз асос инкор мекард, беҳтар ӯро аз масъулияти бадиҳое, ки оқои Ду Миноже мебинад мубарро месохт. Ойини маздоӣ хоста абрӯи Худоро ислоҳ кунад, чашми Худоро кӯр кардааст. Хостааст бадиҳоро, ки як силсила умури изофӣ ва нисбӣ ва дар таҳлили ниҳоӣ адамӣ ҳастанд, ба Худо нисбат надиҳад, Худоро аз худоӣ дар ниме аз махлуқот маъзул кардааст. Дар ойини маздоӣ ба адамӣ будани шурур ва зарурӣ ва лоянфак будани инҳо аз ҷаҳони табиат ва ба фавоид ва осор ва ҳикматҳои ин ба истилоҳ шурур ва бадиҳо таваҷҷӯҳ нашудааст ва барои раҳоӣ аз ишколе, ки дучораш будааст, тешаро бардошта ва решаро қатъ кардааст.

Мо дар ин ҷо наметавонем вориди баҳси хайру шарр бишавем; баҳсест олӣ ва амиқ ва дилкаш, аз вартаҳоест, ки "дар он варта ҳазорон киштӣ фурӯ шуда ва тахтае аз он бар канор намондааст". Яке аз он киштиҳо киштии ойини маздоӣ аст.

Шайтон

Як нукта, ки лозим аст ин ҷо тавзеҳ дода шавад ин аст: мумкин аст бархе хаёл кунанд, ки Аҳриман дар кеши зартуштӣ бо шайтон дар дини ислом фарқе надорад. Яъне агар Аҳриманро махлуқи Аҳуромаздо бидонем, мусовӣ мешавад бо шайтон, ки аз назари ислом махлуқи Худо ва омили бадиҳост.

Вале ин тавр нест. Шайтон аз назари ислом нақше дар офариниши ашё надорад. Дар ислом хилқати ҳеч чизе ба шайтон нисбат дода намешавад. Дар ислом аслан чунин андешае вуҷуд надорад, ки дар низоми хилқат, мавҷудоти номатлубе ҳаст ва мебоист набошад ва чун ҳаст, пас аз як мавҷуди палид ношӣ шудааст. Аз назари ислом ҳамаи ашё бо дасти қудрати Худованд ба вуҷуд омадааст ва ҳар чӣ офарида хуб ва нек офаридааст:

الَّذِي أَحْسَنَ كُلَّ شَيْءٍ خَلَقَهُ

("*(Худованд) ҳамон касест, ки ҳар чизеро, ки офаридааст, некӯ офарида…" (Сураи Саҷда, ояти 7*)

رَبُّنَا الَّذِي أَعْطَى كُلَّ شَيْءٍ خَلْقَهُ ثُمَّ هَدَى

(“*Парвардигори мо касест, ки ҳар чизеро хилқате, ки дар хӯри ӯст дода сипас онро ҳидоят фармудааст”. (Сураи Тоҳо, ояти 50*)

Қаламрави шайтон аз назари ислом, ташреъ аст на таквин. Яъне шайтон фақат метавонад фарзанди одамро васваса кунад ва ба гуноҳ ташвиқ кунад. Шайтон беш аз ҳадди даъват кардан, султа ва қудрате бар инсон надорад:

وَمَا كَانَ لِيَ عَلَيْكُم مِّن سُلْطَانٍ إِلاَّ أَن دَعَوْتُكُمْ فَاسْتَجَبْتُمْ لِي

(“*Маро бар шумо ҳеч тасаллуте набуд, ҷуз ин ки шуморо даъват кардам ва иҷобатам намудед…” (Сураи Иброҳим, ояти 22*)

Моҳияти шайтон ҳар чӣ бошад, инсон будани инсон ба ин аст, ки соҳиби ақлу ирода ва қувваи интихоб аст. Интихоб вақте мумкин аст, ки дар марҳилаи аввал ақл ва ташхисе бошад ва дар марҳилаи дуввум ду роҳи мумкин дар ҷилави инсон бошад. Ҳар кадом аз ин ду рукн агар набошад, ихтиёр ва интихоб ва дар воқеъ инсонияте дар кор нест:

إِنَّا خَلَقْنَا الْإِنسَانَ مِن نُّطْفَةٍ أَمْشَاجٍ نَّبْتَلِيهِ فَجَعَلْنَاهُ سَمِيعًا بَصِيرًا. إِنَّا هَدَيْنَاهُ السَّبِيلَ إِمَّا شَاكِرًا وَإِمَّا كَفُورًا

(“*Мо инсонро аз нутфаи мухталите офаридем ва ӯро меозмойем ва ба ҳамин ҷиҳат ӯро шунаво ва бино қарор додем. Мо роҳро ба ӯ нишон додем, хоҳ шокир бошад ва пазиро гардад ё носипос”. (Сураи Инсон, оятҳои 2-3*)

Васвасаи нафси аммора ва шайтон, шарти ихтиёр ва интихоб ва инсонияти инсон аст. Ҳамон тавре, ки даъват ба хайр ҳаст ва илҳомоти хайр ҳаст, бояд васвасаи шарр ҳам бошад, то инсон яке аз ин дуро “интихоб” кунад ва гоме дар роҳи инсоният, ки роҳи интихоб ва ихтиёр аст бардорад. Ба қавли Мавлоно:

Аз ҷаҳон ду бонг меояд ба зидд,

То кадоминро ту бошӣ мустаид.

Он яке бонгаш нушури атқиё,

В-он яке бонгаш фиреби ашқиё.

Шайтон ва ё ҷинн дар Қуръон, дар арзи мавҷудоти табиӣ аст, на дар арзи малоика ва фариштагон. Малоика аз назари Қуръон, расулон ва маъмурони парвардигоранд ва дар низоми офариниш коргузорӣ мекунанд, вале ҷинну шайтон ҳеч нақше дар кори хилқат надоранд, аз ин ҷиҳат мисли мавҷудоти заминӣ мебошанд. Аз ин ҷо метавон фаҳмид, ки

андешаи махлуқоти бад ва ношоист ва ин ки низоми офариниш ноқис аст, ба ҳеч вақҳ дар андешаҳои қуръонӣ роҳ надорад.

Дар ин ҷо лозим аст аз фурсат истифода карда, тазаккур диҳем, ки гоҳе дар тарҷумаҳои форсии оятҳои Қуръон ва ё аҳодис, калимаи шайтон ба "дев" ва ё "Аҳриман" тарҷума мешавад. Албатта ин тарҷума саҳеҳ нест. Калимаи шайтон муъодили форсӣ надорад, аз ин рӯ бояд айни ин калима ё калимаи Иблис, ки дар арабӣ муъодили он аст оварда шавад. Дев ё Аҳриман ба мафҳуми ҳақиқӣ, аз назари Қуръон ба ҳеч вақҳ вуҷуди хориҷӣ надорад ва муғойири мафҳуми шайтон аст, ки дар Қуръон омадааст.

Ойини зартуштӣ аз назари фиқҳи исломӣ

Дар хотима ёдоварӣ мекунем, ки тардиди мо дар баҳси гузашта дар тавҳидӣ будани ойини Зартушт, танҳо аз ҷанбаи торихӣ аст. Яъне агар торих ва мадорики торихиро милок қарор диҳем ва муҳтаваёти аснод ва мадорики торихии мавҷудро бо мавозини илми тавҳид бисанҷем, наметавонем ойини зартуштиро ойини тавҳидӣ бидонем. Теурии Зартушт дар бораи низоми хилқат тибқи ин мадорик ва аснод ба наҳве аст, ки фаразан "Ангра-Майню"-ро офаридаи Аҳуромаздо талаққӣ кунем, бо тавҳид созгор нест.

Вале мо мусалмонон метавонем аз зовияи дигар ба ойини Зартушт назар афканем ва бо милоки дигаре дар бораи ин ойин қазоват кунем. Он, аз зовияи фиқҳ ва ҳадис ва бо милокоти хосси исломӣ аст, ки ҷанбаи таъаббудӣ дорад ва барои як мусалмони боимон ҳуҷҷат ва мӯътабар аст. Аз ин зовия ва аз ин назар ҳеч монеъе нест, ки ойини зартуштиро як ойини тавҳидӣ бидонем. Яъне ойине бидонем, ки дар асл ва реша тавҳидӣ буда ва ҳамаи ширкҳо — чӣ аз ноҳияи санавият ва чӣ аз ноҳияи оташпарастӣ ва чӣ аз ноҳияҳои дигар — бидъатҳое, ки баъдҳо илҳоқ шудаанд талаққӣ шавад. Эътибори асноди торихӣ агар ба марҳилаи қатъ ва яқин бирасад, кофист, ки аз назари фиқҳӣ низ милок қарор гирад, вале чун ғайри тавҳидӣ будани ойини зартуштӣ ба ҳасби аслу реша мусаллам нест, агар мавозини фиқҳӣ эҷоб кунад, ҳеч монеъе нест, ки ин ойин, тавҳидӣ талаққӣ шавад, ва ба истилоҳ, зартуштиён аз "аҳли китоб" талаққӣ шаванд. Дар гузашта, ки мусалмонон онҳоро дар радифи "аҳли китоб" овардаанд, ба истиноди ҳамин мадорик будааст, агарчӣ аз назари

фуқаҳо ҳамвора мавриди ихтилоф будааст ва фуқаҳои исломии эрониюласл камтар аз дигарон назари мухолиф надоштаанд.

Баҳси тафсилӣ дар бораи мадорики фиққӣ ва ҳадисӣ аз ҳадафи ин китоб хориҷ ва мавкул ба вақти дигар аст. Дар баҳси "низоми хонаводагӣ" он ҷо, ки дар бораи издивоҷ бо маҳорим сухан хоҳем гуфт, андаке дар ин бора баҳс хоҳад шуд.

Санавият пас аз Зартушт

Агар тардиде бошад, танҳо дар бораи худи Зартушт ва ойини аслии маздоии зартуштӣ аст, ки оё тавҳидӣ аст ё санавӣ, аммо дар ин ки даврaҳои баъд бахусус давраи Сосониён, ки мунтаҳӣ ба вуруди ислом ба Эрон гашт, "санавӣ" будааст, ҷойи кучактарин тардиде нест. Ҳамаи онҳое, ки Зартуштро муваҳҳид медонанд, бо изҳори таассуф изҳор медоранд, ки тавҳиди зартуштӣ баъдҳо олуда ба санавият шуд. Ҷон Нос, ки каму беш Зартуштро муваҳҳид медонад мегӯяд:

"*Эътиқод ба мабдаи шарр ва омили табаҳкорӣ ва хато дар тӯли замон таҳаввуле ҳосил карда ва рафта-рафта дини Зартуштро ба сурати як ойини дугонапарастии (дуолизми) ахлоқӣ даровард… Дар тайи замон "Ангра-Майню" иблисе нерӯманд гардидааст, ки дар баробари Аҳуромаздо муқовимат карда ва он ҳар ду ба сурати ду омили мутасовӣ бо якдигар ба ситез ва набард пардохтанд. Дар қатаъот ва аҷзои Авасто, ки аз осори қуруни ахир аст "Ангра-Майню"-ро ҳамшаън ва ҳамтирози Худой Аҳуромаздо мешиносад*".

Ва касоне, ки Зартуштро санавӣ медонанд, мегӯянд, санавият баъд аз Зартушт устувортар гашт. Ду Миноже мегӯяд:

"*Дугонапарастии Готҳои Зартушт ба дугонапарастии устувортаре мубаддал шуд, ки тамоми мавҷудоти оламро миёни хайру шарр тақсим мекард…*"

Китоби "*Вандидод*", ки ҷузъе аз Авастои феълӣ аст ва чоп шудааст, сареҳан "Ангра-Майню"-ро офаринандаи ноҳияҳои бади замин, сармои яхбандони зимистон, ҳарорати сӯзони тобистон, морҳо ва афъиҳо… муаррифӣ мекунад.

Дар давраи исломӣ, зартуштиён ақоиди санавии хешро озодона изҳор мекарда ва аз он дифоъ мекардаанд ва бо имомони атҳор алайҳимус-салом ва ҳамчунин бо уламо ва мутакаллимини исломӣ сареҳан дар ин бора баҳсу ҷидол мекардаанд. Дар китобҳои

ҳадисии шиъа аз қабили "*Тавҳиди Садуқ*", "*Эҳтиҷоҷи Табарсӣ*", "*Уюну ахборир-Ризо*" ва "*Биҳорул-анвор*" ин баҳсу ҷидолҳо нақл шудааст. Ва ин худ мерасонад, ки зартуштиён дар давраи сосонӣ санавӣ будаанд ва ҳамон ақидаро дар давраи исломӣ ҳифз карда ва аз он дифоъ мекардаанд.

Яке аз китобҳои маъруфи зартуштиён, ки дар давраи исломӣ (қарни севвуми ҳичрӣ) таълиф ёфта китоби Динкард (*Dēnkart*) аст. Мегӯянд, беш аз ниме аз ин китоб дар дифоъ аз санавият дар муқобили адёни калимӣ ва масеҳият ва ислом аст.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) мӯътақид аст, ки дар давраи сосонӣ мӯътақадоти "зарвонӣ" — ки қаблан ба онҳо ишора кардем — дар миёни зартуштиён русух ёфта буд. Ақоиди зарвонӣ маҷмӯан бисёр печида ва мубҳам ва дарҳам ва хурофӣ аст. Ба ақидаи Кристенсен (*Arthur Christensen*), зартуштиён пас аз зуҳури ислом аносури зарвониро ба дур афканданд ва аз як санавияти фалсафии қобили дифоъ, дифоъ карданд. Вай мегӯяд:

"*Шариати зартуштӣ, ки дар замони Сосониён дини расмии кишвар маҳсуб мешуд, мубтанӣ бар усуле буд, ки дар поёни ин аҳд ба куллӣ тиҳӣ ва бемағз шуда буд. Инҳитот қатъӣ ва ногузир буд. Ҳангоме, ки ғалабаи ислом давлати сосониро, ки пуштибони руҳониюн буд вожгун кард, руҳониюн дарёфтанд, ки бояд кӯшиши фавқулъода барои ҳифзи шариати худ аз инҳилоли томм бинамоянд. Ин кӯшиш сурат гирифт. Ақида ба зарвон ва асотири кӯдаконаро, ки ба он таъаллуқ дошт дур андохтанд ва ойини маздаясниро бидуни шоибаи зарвонпарастӣ муҷаддадан суннат қарор доданд. Дар натиҷа қиссаҳое, ки роҷеъ ба таквини ҷаҳон дар миён буд табдил ёфт. Парастиши хуршедро мулғо карданд, то тавҳиди шариати урмаздӣ беҳтар намоён бошад ва мақоми Митро (меҳр)-ро тавре қарор доданд, ки мувофиқ бо меҳри яшти атиқ бошад. Басе аз ривоёти диниро ё ба куллӣ ҳазф карданд ё тағйир доданд ва бахшҳое аз Авастои сосонӣ ва тафосири онро, ки олуда ба афкори зарвония шуда буд, дар тоқи нисён ниҳоданд ё аз миён бурданд. Ин нукта қобили тавоҷҷӯҳ аст, ки яштҳои марбут ба таквин, ки хулосаи онҳо дар Динкард боқӣ монда, ба қадре таҳлил рафта, ки чанд сатре беш нест ва аз он ҳам чизе мафҳум намешавад. Ҳамаи ин тағйирот дар қуруни торик баъд аз инқирози Сосониён воқеъ шудааст. Дар ҳеч як аз китобҳои порсӣ ишора бад-ин ислоҳот нарафтааст. Ин шариати ислоҳшудаи зартуштиро чунин вонамуд кардаанд, ки ҳамон шариате аст, ки дар ҳамаи азминаи собиқ барқарор будааст*".

Мо баъдан хоҳем гуфт, ки хидмати ислом ба кеши зартуштӣ ва мардуми зартуштӣ, камтар аз хидматҳои дигари ин ойин набудааст. Ислоҳоти ислом дар ойини зартуштӣ ҳарчанд ғайримустақим сурат гирифт, аз ислоҳоти Зартушт дар ойинҳои бостонӣ муассиртар афтод.

Санавияти монавӣ

То ин ҷо баҳс дар санавияти зартуштӣ буд. Чунонки қаблан гуфтем, ду мазҳаби дигар низ дар он давра будааст, ки онҳо низ санавӣ будаанд: мазҳаби Монӣ ва мазҳаби Маздак. Санавияти Монӣ хеле сареҳтар аст аз санавияти зартуштӣ. Санавияти маздакӣ ҳамон санавияти монавӣ аст бо андаке ихтилоф. Шаҳристонӣ дар "*Аллмилал ван-ниҳал*" санавиятро ба Монӣ нисбат медиҳад, на ба Зартушт, ва муфассал дар бораи он баҳс мекунад. Муҳаққиқон ва мусташриқон дар асри ахир таҳқиқоти зиёде дар бораи Монӣ ва дини ӯ кардаанд. Оқои Тақизода яке аз муҳаққиқони тирози аввал дар ин мавзӯъ ба шумор меравад. Барои ин ки намунае ба даст дода бошем, мухтасаре аз баёноти вайро дар ин бора нақл мекунем. Мегӯяд:

"*Дини Монӣ бар ду асл яъне хайру шарр ё нуру зулмат ва се давр яъне мозӣ (гузашта) ва ҳол ва истиқбол мабнӣ аст. Маншаи куллӣ ва аслии вуҷуд ва дар воқеъ Худои бузург дутост, ки якеро "Нур" ва дигареро "Зулмат" меномем. Дар манобеи эронӣ ин ду аслро "ду бун" номидаанд. Дар бадви амр яъне дар азал ва қабл аз ҳудуси хилқат ва дунё, ин ду асл ҷудо ва мустақил ва мунфак аз ҳам буданд, ки он дуро монавиён мозӣ меноманд. Қаламрави нур дар боло ва мунбасит ба шимол ва машриқ ва мағриб буда ва мақарри зулмат дар поин ва мумтад дар ҷиҳати ҷануб буд, ва агарчӣ бо ҳам, ҳамҳудуд буданд, сарҳади фосиле доштанд ва тамосе дар кор набуд. Бино бар баъзе баёнот, аз қисмати ҷанубии фазо низ як сулс мутааллиқ ба нур буда ва лизо вусъати қаламрави нур панҷ баробари қаламрави зулмат буд. Ҳар як аз ин ду асл дар қаламрави худ сокин ва ором қарор доштанд. Олами нур дорои тамоми сифоти хуб буд ва назм ва сулҳ ва фаҳм ва саодат ва созиш дар он ҷо ҳоким буд, вале дар олами зулмат иғтишош ва беназмӣ ва касофат муставлӣ буд. Гоҳе ин ду аслро ба унвони ду дарахт номидаанд: якеро дарахти ҳаёт ва дигареро дарахти марг. Дар қаламрави нур падари азамат ҳукмрон аст ва дар қаламрави зулмат подшоҳи торикӣ. Қаламрави нур аз панҷ ноҳия ва маскан ба вуҷуд омада, ки панҷ узви Худо яъне ҳуш ва фикр ва тааммул ва*

ирода воунҳои бешумор (мавҷудоти ҷовид ва мазоҳири Худо) дар он сокин ҳастанд. Қаламрави зулмат ҳам аз панҷ табақа рӯйи ҳамдигар ба вуҷуд омада, ки аз боло ба поин иборат аст аз дуди поя ва оташи балъанда ва боди мухарриб ва оби лаҷанӣ ва зулмот".

То ҳамин ҷо барои муддаои мо кофӣ аст. Толибини бештар метавонанд ба худи китоби Монӣ ва дини ӯ мурочиа намоянд.

Санавияти маздакӣ

Дини маздакӣ иншиқоқ ва иншиъобе аз дини монавӣ шумурда шудааст. Ҳамаи хурофоти монавӣ дар шариати маздакӣ бо андак тафовут мавҷуд аст. Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Дурустдин, ки шариати Бундас — Зартушти (Фасоӣ) — ва Маздак бошад, дар воқеъ ислоҳе дар кеши Монӣ маҳсуб мешудааст ва мисли кеши Монӣ ин ойин ҳам огози каломро баҳс дар равобити "аслайни қадимайн", яъне нуру зулмат қарор медод. Тафовути он бо ақоиди Монӣ дар ин буд, ки мегуфт, ҳаракоти зулмат иродӣ ва аз рӯйи илми қаблӣ набуда, балки алаламё (кӯр-кӯрона) бар ҳасби судфа ва иттифоқ ҷунбише доштааст, бар хилофи асли нур, ки ҳаракоташ иродӣ аст. Бинобар ин, ихтилот ва омезиши тирагӣ ва рӯшноӣ, ки олами маҳсуси моддӣ аз он пайдо шуда, бар хилофи таъолими Монӣ натиҷаи нақша ва тарҳи муқаддаме набуда ва бар ҳасби тасодуф вуҷуд ёфтааст. Пас дар ойини Маздак бартарии нур хеле беш аз кеши Монӣ муаккад буда…*"

Оташ ва парастиш

Яке аз масоили муҳим ва қобили таваҷҷӯҳ дар бораи низоми фикрӣ ва эътиқодӣ ва амалии зартуштиён муқорини зуҳури ислом, масъалаи тақдис ва таъзим ва парастиши оташ аст. Ин кор аз қадимтарин даврони бостонӣ собиқа дорад ва то ба имрӯз идома ёфтааст. Бӯалӣ Сино дар фасли ҳафтум аз фанни дуввуми "Табииёти Шифо" мегӯяд:

"*Табақоте аз пешиниён, ки ба фалсафаи аздод (зиддҳо) тамоюл доштанд ва мӯътақид буданд, ки ҳама чиз аз "зиддайн" ба вуҷуд меояд ва дар ин ҷиҳат дар масъалаи хайру шарр, нуру зулмат ба унвони ду зидд воқеъ шуда буданд, дар тамҷид ва таъзими оташ роҳи муболиға пеш гирифтанд ва оташро шоистаи тақдис ва тасбеҳ (парастиш) донистанд; бад-ин ҷиҳат, ки оташ унсури нуронӣ аст ва баръакс замин ва хок унсури зулмонӣ мебошад ва аз ин рӯ шоистаи таҳқир аст*".

Агар сухани Бӯалиро маъхаз қарор диҳем, оташпарастӣ ба дунболи фикри дугонагии ҳастӣ ва фалсафаи хайру шарр ва нуру зулмат падид омадааст, вале агар тавҷеҳи муҳаққиқони ҷадидро бипазирем, ки муддаӣ ҳастанд собиқаи оташпарастӣ аз даврони табиатпарастӣ аст ва дар он даврон башар ҳар чизи муфидро ба хотири ин ки бештар фоида бирасонад ва ҳар чизи музирро ба хотири ин ки аз шарраш маъмун бимонад мепарастидааст, башар қабл аз ин ки ба масъалаи хайру шарр ба сурати фалсафӣ таваҷҷӯҳ пайдо кунад, яъне қабл аз он ки ҳар мавҷудеро мамзуҷе аз ду унсури хайру шарр ва нуру зулмат бидонад, оташро мепарастидааст. Дар он адвор, фақат ашёро ба ду дастаи муҳим тақсим мекардааст. Як дастаро хуб ва дастаи дигарро бад медонистааст ва аҳёнан барои ҳар навъ аз ин анвоъ, Худое қоил буда ва он Худоро хуб ё бад медонистааст. Ва аммо ин ки дар ҳар мавҷуде ду унсур ташхис диҳад ва ҳар мураккаберо мамзуҷе аз зиддайн бидонад, марбут аст ба давраҳое, ки фикри башар такомули бештаре ёфта будааст. Ба ҳар ҳол, қадри мусаллам ин аст, ки тақдис ва таъзими оташ дар миёни ориёиён собиқаи зиёде дорад ва аз ҳар унсури дигар бештар мавриди таваҷҷӯҳ будааст. Оқои дуктур Муин мегӯяд:

"*Қатъи назар аз Авасто ва бавежа Готҳо, ки қидмати онро аз ҳазору сад то ҳафтсад (сол) пеш аз Масеҳ навиштаанд, дар ҷузъи осори қадими Эрон дар Исҳоқованд ҷануби Беҳистон (Бистун) нақше аз замони модҳо монда, ки қидмати он ба қарни ҳаштуми пеш аз Масеҳ мерасад. Акнун ин нақш мавсум аст ба "Дӯкони Довуд", ва он гӯре аст, ки дар баданаи кӯҳ тарошида шуда ва тасвири он иборат аст аз як эронӣ, ки дар баробари оташ истодааст. Гиршман гӯяд: Мо се маъбад аз аҳди ҳахоманишӣ мешиносем, яке дар "Посоргод", ки ба амри Куруш сохта шуда, дигаре дар нақши Рустам дар ҷабҳаи мақбараи Дориюш, ки шояд ба дастури худи ӯ бино шуда, ва севвумин дар Шуш, ки зоҳиран мутааллиқ ба замони Ардашери дуввум аст*".

Матлабе, ки қобили таваҷҷӯҳ аст ин аст, ки аксуламали Зартушт дар муқобили ин амал чӣ будааст? Оё Зартушт ин корро наҳй карда ва бори дигар баъд аз ӯ ривоҷ ёфта ва амалан ҷузъ, балки рукни дини зартуштӣ қарор гирифтааст, ё Зартушт бо таъзим ва тақдиси оташ ба ҳамон шакле, ки буда мухолиф набудааст?

Агар ривоёти худи зартуштиён ва махсусан Авастои мавҷудро милок қарор диҳем, Зартушт бо ин кор мувофиқ будааст. Оқои дуктур Муин мегӯяд:

“Озар номи яке аз эзадони Маздаясност. “Озари Эзад” (фаришгаи Озар ва ё раббуннавъи Озар) дар Авасто ғолибан писари Аҳуромаздо хонда шуда. Аз ин таъбир хостаанд бузургии мақоми ӯро бирасонанд, чунонки “Спиндормаз” фаришгаи муваккали заминро назар ба суди он, “духтари Аҳуромаздо” номидаанд. Дар ясно 25 банди 7 омадааст: Озар писари Аҳуромаздоро меситоем, туро эй Озари муқаддас ва писари Аҳуромаздо ва сарвари ростии мо меситоем, ҳамаи ақсоми оташро меситоем. Дар бандҳои 46-50 аз “Зомёдишт”, “Эзади Озар” рақиби “Ожи даҳок” (Заҳҳок) шумурда шудааст, ки аз тарафи “Спента-Майню” зидди Заҳҳок барангехта шуда, то вайро аз расидан ба “фарр” яъне фурӯғи салтанат боздорад”.

Аз назари торихӣ, ба ҳеч ваҷҳ наметавон қароине ба даст овард, ки Зартушт мухолифи тақдис ва таъзими оташ будааст. Дар Готоҳо, ки аз назари асолат ва интисоб ба шахси Зартушт мӯътабартарин қисматҳои Авастост, сухан аз ниёз бурдан ба оташ ҳаст. Чизе, ки ҳаст, бархе муддаӣ ҳастанд, ки эътиқоди шахси Зартушт бо он чӣ дар боло аз ясноҳо ва яштҳо нақл кардем, тафовут доштааст. Ҷон Нос мегӯяд:

“*Аз ташрифот ва одоби ибодот ва аъмоли мазҳабӣ, аз мазҳаби аслии Зартушт чизи муҳимме боқӣ намонда. Ҳамин қадр маълум аст, ки Зартушт русум ва маносики ориёнҳои қадимро, ки мубтанӣ бар эътиқод ба сеҳру ҷоду ва бутпарастӣ буда ва рӯ ба завол мерафта ба куллӣ мансух фармудааст. Танҳо як расм ва як ибодат аз замони Зартушт боқӣ мондааст, ва он, чунонки гуфтаанд, вай дар ҳангоми анҷоми маросими парастиш дар меҳроби оташи муқаддас ба қатл расид ва дар ҳангоми ибодат ҷон супурд. Дар яке аз сурудҳои Готоҳо омадааст, ки Зартушт мегӯяд: “Ҳангоме, ки бар Озари муқаддас ниёзе тақдим мекунам, худро росткирдор ва некӯкор медонам”. Ва дар ҷойи дигар оташи муқаддасро атияи Яздон мешуморад, ки Аҳуромаздо онро ба одамиён каромат фармуда. Вале бояд донист, ки Зартушт худ оташро намепарастида, ва он ақида, ки пешиниён ва ниёгони ӯ дар бораи ин унсури муқаддас доштаанд, вай надоштааст, ва мӯътақадоти ӯ бо он чӣ баъдҳо оташпарастони ахир унвон кардаанд ихтилоф дорад, балки ӯ оташро фақат як рамзи қуддусӣ ва нишоне гаронбаҳо аз Аҳуромаздо медонистааст, ки ба василаи ӯ ба моҳият ва усораи ҳақиқати илвии Худованди доно пай метавон бурд*”.

Он чӣ мусаллам аст ин аст, ки хоҳ оташро тақдис мекарда ва ё намекардааст, ва бар фарз тақдис ба ҳар шакл ва ҳар сурат будааст, таъзим ва тақдис ва такрим ва парастиши оташ баъд аз Зартушт сахт боло гирифт ва бузургтарин шиори зартуштигарӣ шинохта шуд, ки

ҳанӯз ҳам идома дорад. Ҳамон тавр, ки дар миёни мусалмонон масоҷид ва дар миёни масеҳиён калисо сохта мешавад, дар миёни зартуштиён оташкадаҳо сохта шуд.

Дар давраи сосонӣ зартуштиён ба номи "оташпарастон" шинохта мешуданд. Масеҳиёни Эрон, ки дар охирҳо озодӣ ва қудрати қобили таваҷҷӯҳе касб карда ва дар дарбори сосонӣ нуфуз карда буданд, бо зартуштиён дар бораи оташпарастӣ мубоҳиса ва муҷодила мекарданд. Кристенсен (*Arthur Christensen*) пас аз он ки менависад, пешрафти ойини Исо дар Арманистон мӯҷиби ташвиш ва изтироби давлати Эрон шуда буд ва Меҳрнарсӣ, подшоҳи Эрон пас аз мушовира бо уламои зартуштӣ фармоне навишт ва онҳоро ба тарки дини исавӣ ва пазируфтани кеши зартуштӣ даъват кард ва зимнан аз онҳо хоста буд, ки усули дини худро бинависанд, мегӯяд, онҳо номаи муфассали ҷасуронае навиштаанд, зимни нома чунин ёдовар шуданд: "*Аммо роҷеъ ба асли дини худ. иҷмолан гӯем, ки монанди шумо аносуру хуршеду моҳу боду оташро намепарастем…*"

Ҳамчунин дар фасли ҳаштуми китоби худ менависад:

"*Руҳониёни зартуштӣ ҳар рӯз қадаме вопас мерафтанд, ва дигар қудрати собиқро надоштанд, ки битавонанд дар баробари ҷараёнҳо садде бикашанд. Таъаддиёти (таҷовузоти) диёнатӣ то ҳадде тахфиф ёфт. Дар маҳофили донишмандон, ҳикмати амалии аҳкоми дин пешӣ гирифт. Бо тавсиъаи уфуқ ва инбисоти афкори ҷадид, рафта-рафта доманаи шак вусъат ёфт. Соддагии афсонаҳои бостонӣ, ки дар аҷзои маздаяснӣ ворид буда тадриҷан ҳатто уламои динро ҳам нороҳат ва мушавваш намуд. Ночор таъвилоти истидлолӣ барои ҳикояти мазбур пеш оварданд ва аз роҳҳои ақлӣ дар исботи онҳо кӯшиданд. Дар мубоҳасае, ки яке аз мугон бо Георгиси Исавӣ карда чунин гуфтааст: Мо ба ҳеч ваҷҳ оташро Худо намедонем, балки ба василаи оташ Худоро меситоем, чунонки шумо ба василаи "хоҷ" ӯро ибодат мекунед. Георгис, ки худ аз муртаддони эронӣ буд, дар посух чанд иборат аз Авасто бархонд, ки дар онҳо оташро чун Худое ниёиш кардаанд. Он муғ парешон шуд ва барои ин ки маглуб ба шумор наёяд гуфт: Мо оташро мепарастем аз ин рӯ, ки ӯ бо Урмазд аз як табиат аст. Георгис пурсид: Оё ҳар чӣ дар Урмазд ҳаст, дар оташ ҳам ҳаст? Муғ ҷавоб дод: Бале. Георгис гуфт: Оташ наҷосат ва мадфуъи асп ва ҳар чиро биёбад месӯзонад, пас Урмазд ҳам, ки аз ҳамон табиат аст, ин чизҳоро месӯзонад? Чун сухан бад-ин ҷо расид, муғи бечора аз ҷавоб оҷиз монд*".

Муғони зартуштӣ дар давраи исломӣ ҳангоме ки бо уламои исломӣ мувоҷеҳ шуданд, дар садади дифоъ аз худ баромаданд, вале ин бор нагуфтанд, ки мо оташро аз он ҷиҳат мепарастем, ки бо Аҳуромаздо аз як ҷинс ва як табиат аст, балки асосан парастиши оташро инкор карданд ва муддай шуданд, ки мо Аҳуромаздоро, ки Худои Мутаъол аст мепарастем ва оташро мехроб ва ё қиблаи худ қарор медиҳем, ҳамчунон ки мусалмонон ҳангоме ки Худои Мутаъолро парастиш мекунанд ва намоз мехонанд, ба сӯйи Каъба меистанд, бидуни он ки Каъбаро парастиш кунанд.

Зартуштиён аз як тараф ба пайравӣ аз суннатӣ қадимӣ, маъмулан ҳар ҷо сухан аз тақдис ва таъзими оташ ба миён меомад, калимаи "парастиш" ва "ибодат"-ро ба кор мебурданд, ва аз тарафи дигар барои ин ки худро аз ҳамалоти мусалмонон нақот диҳанд, ба ҷойи калимаи "парастиш" ва "ибодат", аз қибла қарор додани оташ сухан ба миён оварданд.

Дақиқӣ, шоири зартуштии маъруф — ки муқтадои Фирдавсӣ дар сурудани "Шоҳнома" аст, яъне аввал ӯ ба сурудани "Шоҳнома" пардохт ва Фирдавсӣ роҳи ӯро таъқиб ва такмил кард — расман тибқи суннати маъмули зартуштиён калимаи парастишро ба кор мебарад. Он ҷо, ки паёми фариштаро ба Зартушт дар бораи оташ нақл мекунад, чунин мегӯяд:

Паёме бар аз ман ба Гуштосбшоҳ,
Бигӯ, к-эй Худованди дайҳиму гоҳ!
Супурдам ба ту кори ҳар озаре,
Куҷо з-он бибинӣ ба ҳар кишваре,
Накӯшанд дар куштани озарон
Ба оби латифу хоки гарон.
Бифармой бо мӯбадону радон,
Бидон пок покизадил ҳирбадон.
Муғонро бибанданду кӯшиш кунанд
Ҳама озаронро парастиш кунанд.

Фирдавсӣ низ дар таъбироти худ аз ҳамин суннати зартуштӣ пайравӣ карда ва дар бисёре аз маворид калимаи "парастиш"-ро ба кор бурдааст. Фирдавсӣ дар афсонаи маъруфи "*Кашфи оташ*" мегӯяд, Ҳушанг як рӯз мори бузурге дид ва ба ӯ ҳамла кард ва санги бузурге

бардошт, ки ба мор бикӯбад. Санг ба мор нахӯрд ва мор фирор кард, вале ба санги дигаре хӯрд ва оташе ҷаҳид ва бад-ин тартиб оташ кашф шуд. Он гоҳ мегӯяд:

Фурӯге падид омад аз ҳар ду санг,

Дили санг гашт аз фурӯғ озаранг.

Нашуд мор кушта ва лекин зи роз

Падид омад оташ аз он санг боз.

Ҳар он кас, ки бар санг оҳан задӣ,

Аз ӯ рӯшноӣ падид омадӣ.

Ҷаҳондор пеши ҷаҳонофарин,

Ниёиш ҳамекарду хонд офарин,

Ки ӯро фурӯге чунин ҳадя дод,

Ҳамин оташ он гоҳ қибла ниҳод.

Бигуфто, фурӯгест ин эзадӣ,

Парастид бояд агар бихрадӣ.

Фирдавсӣ таҳти таъсири таъбироте, ки пас аз ислом дар дифоъ аз таъзим ва тақдиси оташ пайдо шудааст, дар айни ин ки таъбири оташпарастӣ мекунад, боз мегӯяд оташро қибла қарор доданд.

Фирдавсӣ дар бархе ашъори дигари худ дифоъҳои онҳоро мунъакис мекунад ва муддаӣ аст, ки оташ барои онҳо қибла ва меҳроб буд, на маъбуд. Дар достони рафтани Кайковус ва Кайхусрав ба оташкадаи Озаргушасб чунин мегӯяд:

Ба як ҳафта бар пеши Яздон буданд,

Мапиндор, к-оташпарастон буданд,

Ки оташ бад-он гоҳ меҳроб буд,

Парастандаро дида пуроб буд.

Маъбуд ё меҳроби ибодат?

Масъалаи санавият — ки дар фаслҳои пеш дар бораи он сухан гуфта шуд — марбут аст ба кайфияти тавҷеҳи башар аз ҳастӣ ва ҷаҳон ва офариниш. Фикри санавӣ дар муқобили фикри тавҳидӣ аст, аъамм аз тавҳиди зотӣ ва тавҳиди афъолӣ.

Таъзим ва тақдиси оташ рабте ба тавҷеҳи куллии ҷаҳони ҳастӣ надорад ва бо масъалаи тавҳиди зотӣ ё афъолӣ марбут нест. Ин масъала ба тавҳид дар ибодат марбут мешавад.

Сурати баҳс ин аст, ки: қатъи назар аз масъалаи тавҳиди зотӣ ва афъолӣ ва қатъи назар аз ин ки зартуштиён аз назари тавҷеҳи ҷаҳон санавӣ буда ё набудаанд, аз назари парастиш чӣ вазъе доштаанд? Фаразан аз назари тавҷеҳи ҷаҳон ва ҳастӣ яъне аз назари тавҳид дар зот ва дар холиқият, муваҳҳид будаанд, оё аз назари амал яъне аз назари аксуламали парастишии башар дар муқобили падидоварандаи ҳастӣ, равиши тавҳидомез доштаанд ё ширкомез?

Тавҳиди зотӣ ва тавҳид дар холиқият, мусталзими тавҳид дар ибодат нест. Аъроби ҷоҳилият аз он назар ғолибан муваҳҳид буданд:

وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ اللَّهُ

"*Агар аз онҳо пурсида шавад, ки офаринандаи осмонҳо ва замин кист, хоҳанд гуфт: Худо*". (*Сураи Луқмон, ояти 25*) Онҳо бутҳоро холиқ ва офаринанда намедонистанд, балки маъбуд медонистанд. Ғолиби бутпарастони ҷаҳон чунин будаанд. Бинобар ин, фаразан ойини зартуштиро аз назари тавҳиди зотӣ ва афъолӣ, ойине тавҳидӣ бидонем, кофӣ нест, ки аз назари ибодат ва парастиш низ тавҳидӣ бидонем.

Ибодати зартуштиён аз қадимулайём дар оташкада ва дар пешгоҳи оташ будааст. Моҳияти ин амал чист? Оё инҳо воқеан Аҳуромаздоро дар ҳузури оташ мепарастанд ё худи оташро? Ҳамчунон ки араби ҷоҳилият дар айни ин ки мегуфт:

هَؤُلاء شُفَعاؤُنَا عِندَ اللَّهِ

"*Инҳо шафеъон ва васоити мо дар назди Худо ҳастанд*" (*Сураи Юнус, ояти 18*), иқрор дошт, ки онҳоро мепарастанд:

مَا نَعْبُدُهُمْ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَا إِلَى اللَّهِ زُلْفَى

"*Мо инҳоро намепарастем, ҷуз барои ин ки моро ба Худованди Мутаъол наздик кунанд*". (*Сураи Зумар, ояти 3*)

Оқои дуктур Муин мегӯяд:

"*Зартуштиёнро назар ба ҳамин тақдиси оташ, эрониёни мусалмон оташпараст ва озарпараст хондаанд, дар сурате, ки оташ ба манзилаи Худои вежа ё Раббуннавъи мустақил набудааст, чунонки дар миёни ориёиёни пеш аз зуҳури Зартушт буда, балки ҳамон гуна ки Каъба мавриди ситоиши мусалмонон аст, оташ низ мавриди таваҷҷӯҳи Маздаяснон буда*".

Ҳамчунин мегӯяд:

“*Оташ дар кумуни куллияи мавҷудот ва маволиди табиат ба вадиъат ниҳода шуда. Ҷавҳари зиндагонии башар ва ҳамаи ҷонварон, ҳарорати дарунӣ ё ғаризӣ аст. Манбаи вуҷуд ва фаъолияти афрод ҳамин оташ аст. Оташи маънавӣ дар наботот ва ҷамодот низ сорӣ аст. Муллои Румӣ аз он таъбири нағз фармуда:*

Оташи ишқ аст к-андар най фитод,

Ҷӯшиши ишқ аст к-андар май фитод.

* * *

Оташ аст ин бонги нойу нест бод,

Ҳар, ки ин оташ надорад нест бод!”

Оқои дуктур Муин дар ин гуфтори худ дучори ҳамон иштибоҳе шудааст, ки қаблан ба он ишора кардем. Эшон “ширк дар ибодат”-ро бо “ширк дар холиқият” иштибоҳ кардаанд. Хаёл кардаанд, ки лозимаи ширк дар ибодат ин аст, ки он чизе, ки парастиш мешавад, дар низоми офариниш аз назари халқу эҷод мақоме дошта бошад, ва чун зартуштиён чунин мақоме дар низоми офариниш барои оташ қоил набудаанд, пас мушрик набудаанд. Агар чунин аст, пас аъроби ҷоҳилият низ мушрик набудаанд, зеро онон низ ҷуз ин ки амале, ки бояд барои Худо сурат гирад (яъне намоз ва қурбонӣ) барои бутҳо анҷом медоданд, коре намекарданд. Онҳо ҳаргиз бути Ҳубал ё Уззо ва ғайраро Раббуннавъи мустақил намедонистанд. Иштибоҳи дигари эшон ин аст, ки агар чизе вуҷудаш хеле муфид буд, монеъе надорад башар ӯро парастиш кунад.

Муқоисаи тақдиси оташ бо таваҷҷӯҳ ҳини намоз ба самти Каъба, муқоисаи ғалатест. Ҳеч мусалмоне ҳарчанд оммӣ бошад, он гоҳ, ки ба сӯйи Каъба барои намоз меистад, дар хотираш хутур намекунад, ки мехоҳад бо ин амал Каъбаро таъзим ва такрим ва тақдис кунад. Ислом, ки Каъбаро қиблаи намоз қарор дода, ба ин маънӣ нест, ки мардум дар ҳини намоз Каъбаро тақдис кунанд. Ва аз ин рӯ дар зеҳни ҳеч мусалмоне тақдиси Каъба хутур намекунад. Аз ин ҷиҳат дуруст мисли ин аст, ки ба мусалмонон мегуфтанд, ҳангоми намоз ҳама рӯ ба нуқтаи ҷануб биистед, ки мафҳуме ҷуз ин ки дар ҳини ибодат ҳама вазъи воҳиде дошта бошанд, надорад. Ҳаргиз дар дини ислом кучактарин ишорае ба ин матлаб нест, ки

Худованд бо Каъба ва Масҷидулҳаром як иртиботи хосс дорад, балки акси он таълим дода шудааст. Қуръони Карим сареҳан мефармояд:

فَأَيْنَمَا تُوَلُّواْ فَثَمَّ وَجْهُ اللَّهِ

(*“Пас, ҳар сӯ рӯ кунед, он ҷо рӯй ба Худост…” (Сураи Бақара, ояти 115)*) Ва агар ба Каъба гуфта мешавад “байт”, аз он ҷиҳат аст, ки ҳар маъбаде “байтуллоҳ” аст. Пас, рӯ ба Каъба истодан, танҳо мубтанӣ бар як ҳикмат ва фалсафаи иҷтимоӣ аст. Он ҳикмат ин аст, ки аввалан, мусалмонон аз лиҳози ҷиҳате, ки дар ҳини анҷоми амали ибодат интихоб мекунанд, яке бошанд, тафарруқ ва ташаттут надошта бошанд. Сониян, нуқтае, ки барои ваҳдат интихоб мекунанд, ҳамон ҷо бошад, ки аввалин бор дар ҷаҳон барои парастиши Худои ягона сохта шуд, ки ин худ навъе эҳтиром ба ибодати Худованди яктост.

Ибодати зартуштиён, ба иқрори худашон ва худи оқои дуктур Муин, тақдис ва таъзими худи оташ аст. Чӣ гуна мумкин аст таъзим ва тақдиси оташ ибодати Аҳуромаздо маҳсуб шавад?

Ибодат дар қомуси маорифи ислом мафҳуми васеъе дорад. Ҳар навъ тоате, ки аз тоати Худо сарчашма нагирад, хоҳ итоати нафси аммора ва ё итоати инсонҳои дигар, ширк маҳсуб мешавад. Албатта, ин гуна ширкҳо маротиби заъифи ширк аст ва мусталзими хуруҷ аз ҳавзаи ислом нест. Вале аъмоле, ки ба “қасди иншои ибодат” ва изҳори убудият анҷом мегирад — яъне аъмоле, ки ҳеч мафҳум ва маъние надорад ҷуз тақдис ва танзеҳи комили тараф ва изҳори убудият нисбат ба ӯ аз қабили рукӯъ ва суҷуд ва қурбонӣ ва ғайра — ба ҳеч ваҷҳ барои ғайри Худо ҷоиз нест, на барои пайғамбар ва имом ва на барои фариштa ва ё чизи дигар. Ин аъмол агар барои ғайри зоти аҳадият сурат гирад, ширк аст, аъамм аз ин ки бо ақидаи тавҳидӣ яъне тавҳид дар зот ва дар сифот ва дар холиқият тавъам бошад ё набошад.

Ин матлаб ниёзманд ба тавзеҳ аст: ҳар тавоҷҷӯҳ ё хузӯъ нисбат ба чизе, ибодат нест. Хузӯъ нисбат ба чизе, агар ҷанбаи тақдис пайдо кунад, ибодат аст. Тавзеҳ ин ки: агар изҳори хузӯи инсон сирфан ба қасд ва унвони “худкамбинӣ” ва “худ кам нишон додан” бошад, тавозӯъ ва фурӯтанӣ аст, ва аммо агар изҳори хузӯъ ба қасд ва унвони мӯҳтарам шумурдани дигарӣ бошад, он таъзим ва такрим аст. Ҳеч як аз тавозӯъ ва таъзим ибодат нест. Фарқи тавозӯъ ва

таъзим дар ин аст, ки мафҳум ва маънии тавозӯъ эъломи кучакии худ аст, ва мафҳум ва маънии таъзим, эъломи азамат ва эҳтироми дигарӣ аст.

Ва аммо агар хузӯи инсон дар баробари чизе ба унвони тақдис ва танзеҳ ва эъломи мубарро будани он чиз аз нақс бошад, ин ибодат аст ва барои ғайри Худо ҷоиз нест; чун танҳо мавҷуде, ки мубарро аз нақс аст ва шоистаи тақдис аст, зоти аҳадият аст.

Тасбеҳ ва тақдис ду гуна аст: лафзӣ ва амалӣ. Тасбеҳи лафзӣ ба ин аст, ки инсон бо як ҷумлаи лафзӣ маъбуди худро тақдис кунад. Масалан, калимаи "Субҳоналлоҳ" ва ҳамчунин калимаи "Алҳамду лиллоҳ", ки ҷамиъи ҳамдҳоро ба Худо ихтисос медиҳад ва ӯро фоили ҳақиқии ҳамаи неъматҳо ва маншаи ҳамаи хайрот ва баракот ва камолот эълом мекунад, ва ҳамчунин калимаи "Аллоҳу Акбар", ки Худоро бартар аз ҳар чиз, ки дар тасаввур ояд ва балки бартар аз тавсиф эълом мекунад, тасбеҳ ва тақдиси лафзӣ аст. Ин гуна калимот ҷуз дар бораи зоти ақдаси аҳадият ҷоиз нест, хоҳ малаки муқарраб ва ё набии мурсал бошад. Назири ин ҷумлаҳост ҷумлаи "Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ".

Ва аммо тақдиси амалӣ ин аст, ки инсон амале иншо кунад, ки мафҳуми он амал, қуддусияти он мавҷудест, ки он амал барои ӯ сурат мегирад, аз қабили рукӯъ ва суҷуд ва қурбонӣ. Албатта, амал монанди лафз сароҳат надорад, мумкин аст ҳамин аъмол ба қасди таъзим сурат гирад ва дар ин сурат ибодат нест ва худи амал ҳам муқаддас шумурда намешавад, яъне як амали оддӣ аст. Вале аъмоле, ки дар муқобили бут ва ё оташ ва ғайра сурат мегирад, ҷанбаи тақаддус пайдо мекунад, зеро ба қасди тақдиси онҳо сурат мегирад. Он чӣ фитрии башар аст "тақдис" аст. Инсон билфитра мехоҳад дар баробари як мавҷуди муназзаҳ аз нақс ва ороста ба камол биистад ва ӯро тақдис ва танзеҳ намояд.

Тақдис чун аз як ҳисси фитрӣ сарчашма мегирад, ва ғаризаи ситоиши камоли мутлақ аст, ки инсонро водор ба ин амал менамояд, хоҳ нохоҳ бо навъе эътиқод ба истиқлоли шайъи мавриди тақдис, огоҳона ё ноогоҳона, тавъам аст, ҳарчанд ки ба сурати хатое дар татбиқ бошад. Ба иборати дигар, ибодат ва тақдис чун аз як ҳисси ғаризӣ сарчашма мегирад, лузуме надорад, ки инсон дар марҳилаи шуъури зоҳир воқеан мӯътақид ба шоистагӣ ва мубарро будан аз нақс ва истиқлоли зотӣ ё феълии он маъбуд бошад.

Оре, ин аст маънии тақдис, ва ин аст фарқи тақдис ва тавозӯъ ва ҳамчунин фарқи тақдис ва таъзими содда ва ҳамчунин фарқи тақдис ва таваҷҷӯҳ ва қибла қарор додан.

Он чӣ зартуштиён дар мавриди оташ анҷом медиҳанд, тақдис аст, на тавозӯъ ва на таъзими содда ва на қибла қарор додан. Тақдис ва танзеҳ будани як амал, кофист барои ин ки ибодат шумурда шавад, хоҳ тавъам бо эътиқоди сареҳ ба мақоми рубубияти мутлақ ва ё раббуннавъӣ бошад ва ё набошад.

Гузашта аз ин, бар хилофи иддаои оқои дуктур Муин, зартуштиён барои оташ мақоме камтар аз Раббуннавъ қоил набуда ва нестанд. Барои оташ руҳоният ва таъсири маънавӣ ва қудрати моваруттабиӣ қоил буда ва ҳастанд. Қаблан нақл кардем, ки дар Авасто "Озари Эзад" писари Аҳуромаздо хонда шудааст. Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Оташ дар ин ойин муҳимтар аз соири аносур будааст*". Дар поварақӣ мегӯяд: "*Ақидаи Ҳертел (Johannes Hertel) дар як силсиламақолоте, ки таҳти унвони "Манобеъ ва таҳқиқоти ҳинду эронӣ" навиштааст ин аст, ки эрониён унсури оташро дар олами сағир ва кабир нофиз медонистанд*". Ва сипас худаш чунин изофа мекунад: "*Ба ақидаи мо, он чӣ Ҳертел гӯяд, холӣ аз ҳақиқате нест*".

Худи оқои дуктур Муин дар бораи оташкадаи "Озари Бурзинмеҳр", ки яке аз се оташкадаи бузург ва аслии бостон буда мегӯяд:

"*Дар фасли 17 Бундаҳшин, банди 8 омада: Озари Бурзинмеҳр то замони Гуштосб дар гардиш буда "паноҳи ҷаҳон" мебуд, то Зартушти Анӯшаравон дин овард, Гуштосб дин пазируфт, он гоҳ Гуштосб Озари Бурзинмеҳрро дар кӯҳи Реванд, ки онро пушт ва пуштоспон хонанд, фурӯ ниҳод*".

Ҳамчунин дар бораи ҳамин оташ аз Хӯрдаависто чунин нақл мекунад:

"*Аз ёварии ин оташ аст, ки кишоварзон дар кори кишоварзӣ донотар ва тахшотар ва покизатар ҳастанд ва бо ин оташ буд, ки Гуштосб пурсишу посух кард*".

Дар бораи "Озарфарнбағ", ки яке дигар аз оташкадаҳои аслӣ будааст мегӯяд:

"*Ин оташкада ба мӯбадон ихтисос доштааст. Дар тафсири паҳлавӣ банди панҷум, оташи Баҳром, ниёиш (Хӯрдаависто) омад: номи ин Озарфарнбаг аст ва ин оташе аст, ки нигаҳбони пешаи пешвоӣ бо ӯст ва аз ёварии ин оташ аст, ки дастурон ва мӯбадон, доноӣ ва бузургӣ ва фарр дарёфт кунанд ва ин оташ аст, ки бо Даҳҳок (Заҳҳок) пайкор кард*".

Дар фасли 17 Бундаҳшин, дар бораи "Озаргушнасб", ки севвумин оташкадаи бузург ва аслӣ аст, тибқи нақли худи оқои дуктур Муин дар китоби "*Маздаясно ва адаби порсӣ*" чунин омадааст:

“*Озаргушнасб то ҳангоми подшоҳии Кайхусрав ҳамора паноҳи ҷаҳон буд. Вақте ки Кайхусрав дарёчаи Чичастро вайрон кард, он оташ ба ёли аспи ӯ фурӯ нишаст, сиёҳӣ ва тирагиро бартараф намуд ва рӯшноӣ бахшид, ба тавре ки ӯ тавонист буткадаро вайрон кунад. Дар ҳамон маҳалл дар болои кӯҳи Аснаванд додгоҳе (маъбаде) сохт ва Озаргушнасбро фурӯ нишонд*”.

Ҳамчунин аз Бундаҳшин дар бораи ҳамин оташ нақл мекунад:

“*Яке аз се шарораи минавӣ буда, ки ба ҷаҳони хокӣ барои имдоди ҷаҳониён фуруд омада, дар Озарбойҷон қарор гирифт*”.

Фирдавсӣ дар достони рафтани Кайковус ва Кайхусрав ба оташкадаи Озаргушнасб мегӯяд:

Бибошем дар пеши озар ба пой,

Магар покяздон бувад раҳнамой.

Ба ҷое ки ӯ дорад оромгоҳ,

Намояд намояндаи дод роҳ.

Кадом тоифа аз тоифаҳои бутпарастон барои арбоби анвоъе, ки қоил буданд, беш аз ин қудрати маънавӣ ва моваройуттабиӣ қоил будаанд?

Дар мақаллаи “Ҳухт”, ургони Анҷумани зартуштиёни Теҳрон, мақолае ба қалами “Мӯбад Ардашери Озаргушасб” таҳти унвони “Радди иттиҳомот” навишта шуда ва иддао шудааст, ки зартуштиён ҳеч гоҳ оташпараст набуда ва нестанд. Дар он мақола менависад:

“*Мо бо овардани оёте аз китобҳои осмонӣ собит хоҳем кард, ки Худованди Таборак ва Таъоло худ нуруланвор ва манбаи фурӯғҳои гуногун аст ва зартуштиён бо рӯ овардан ба сӯйи оташ ва нур дар ҳини ситоиш, дар ҳақиқат ба василаи нур бо Худои худ розу ниёз менамоянд ва аз ӯ истимдод меҷӯянд. Ва ин мавзӯъ, яъне рӯ овардан ба сӯйи нур ҳангоми парастиши Аҳуромаздо, ба ҳеч ваҷҳ ба яктопарастии онҳо халале ворид намесозад, камо ин ки пайравони соири мазоҳиб низ дар ҳини хондани намоз, рӯ ба сӯйи қибла мекунанд ва касе онҳоро бад-ин сабаб хокпараст ё хоҷпараст намехонад ва намедонад*”.

Оқои Мӯбад Ардашери Озаргушасб, сипас зимни ин ки аз оташ ба унвони унсури муқаддас ё унсури шариф ёд мекунад, ба зикри фавоиди оташ, ки бар ҳама равшан аст мепардозад ва он гоҳ мегӯяд:

“*Дар ҳар ҳол, ҳамаи ин пешрафтҳо барои инсони аввалия танҳо бо кӯмаки оташи сурху сӯзон муяссар гардида буд, ва дар ин сурат ӯ ҳақ дошт, ки барои он арзиш ва эҳтироми зиёд қоил шавад*

ва онро як пайки осмонӣ бидонад, ки барои кӯмаки ӯ аз осмонҳо ба замин фуруд омадааст, ва барои он маъобид бисозад ва ё онро дар уҷоқи хонаи худ пайваста муштаъил нигаҳ дорад ва монеи аз байн рафтан ва хомӯшии он гардад".

Дар ҷавоби оқои Мӯбад Ардашери Озаргушасб арз мекунем, ки оре, Худованди Мутаъол нуруланвор аст, аммо на ба ин маънӣ, ки мо ашёро ба ду қисм тақсим кунем: нурҳо ва зулматҳо, ва Худовандро танҳо нури он нурҳо бидонем, на нури зулматҳо. Худованд нуруланвор аст ба маънии ин ки ҳастӣ мусовии нур аст ва зулмат мусовии адам, пас Худованд нури ҳама чиз аст:

اللَّهُ نُورُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ

(*"Худованд нури осмонҳо ва замин аст…" (Сураи Нур, ояти 35)*) Дар ин ҷиҳат нури ҳиссӣ, аз қабили оташу офтобу чароғ, бо сангу кулӯх тафовут намекунад. Чунин нест, ки агар рӯ ба сӯйи оташ кунем, ба сӯйи Худо рӯ овардаем, ва агар рӯ ба сӯйи хок кунем, рӯ ба сӯйи нуруланвор наёвардаем.

Эшон мегӯянд:

"*Зартуштиён ба василаи нур бо Худои худ розу ниёз менамоянд*".

Ман мегӯям: вале яктопарастӣ ин аст, ки инсон он гоҳ, ки рӯ ба сӯйи Худо меоварад, ҳеч чизро васила ва воситаи рӯ овардан қарор надиҳад:

وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ

(*"Ва ҳар гоҳ бандагони ман аз ту дар бораи ман бипурсанд, (бигӯ:) ман наздикам…" (Сураи Бақара, ояти 186)*) Дар рӯ овардан ба сӯйи Худо, лузуме надорад ва набоист чизеро васила ва восита қарор дод.

Оре, пас аз он ки одамӣ ба Худо рӯ овард ва Худоро шинохт, дар марҳилаи баъдӣ, ба авлиёи Худо аз он ҷиҳат, ки авлиёи Худо ва парастандагони Худо ва фонӣ филлоҳанд ва мароҳили убудиятро тай кардаанд, рӯ меовард. Дар ин марҳила аст, ки онҳоро василаи истиғфор ва дуо қарор медиҳад. Яъне аз онҳо, ки бандагони солеҳи Худоянд ва дар ҷаҳони дигар зиндаанд, истимдод мекунад, ки аз Худованд бихоҳанд, ки филмасал ба қалби ӯ равшанӣ иноят фармояд, гуноҳонашро ба лутфу карами худ бибахшояд.

Ин истимдод аз он ҷиҳат равост, ки тараф, як мавҷуди зинда ва ҳайи марзуқ аст ва маротиби қурбро бо қадами убудият паймудааст ва метавонад беҳтар аз мо маротиби

тазаллул ва убудиятро анҷом диҳад ва ба ҳамин ҷиҳат аз мо муқаррабтар аст. Мо мусалмонон дар зиёрати Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) чунин мехонем:

اللهم اني اعتقد حرمة صاحب هذا المشهد الشريف في غيبته كما اعتقدها في حضرته واعلم ان رسولك وخلفائك عليهم السلام عندك يرزقون يرون مقامي ويسمعون كلامي ويردون سلامي

Яъне: "*Худоё! Ман эҳтироми соҳиби ин маҳаллро пас аз вафот, ҳамон медонам, ки дар замони ҳаёт дошт. Ман медонам, ки паёмбари ту ва ҷонишиноне, ки ту баргузидаӣ, ҳама дар пешгоҳи ту зинда ва марзуқанд, маро дар ҷойгоҳам мебинанд, суханамро мешунаванд, саломамро посух мегӯянд*".

Дар охири ҳамин зиёрат чунин мехонем:

اللهم انك قلت: ولو انهم اذ ظلموا انفسهم جاؤوك فاستغفروا الله واستغفر لهم الرسول لوجدوا الله توابا رحيما. واني اتيتك مستغفرا تائبا واني اتوجه الى الله ربي وربك ليغفر لي ذنوبي

Яъне: "*Худоё! Ту дар каломи маҷидат ба паёмбарат гуфтӣ: "Агар онон он гоҳ, ки ба худ ситам мекунанд, назди ту биёянд ва аз Худованд талаби омурзиш кунанд ва паёмбар низ барои онҳо талаби омурзиш кунад, Худовандро тавбапазир ва меҳрубон хоҳанд ёфт*". Сипас хитоб ба Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) мегӯем: "*Эй паёмбари азиз! Ман омадаам назди ту дар ҳоле, ки аз Худованд омурзиш металабам ва дар ҳоле, ки аз гуноҳи гузаштаам пушаймонам. Ман ба василаи ту, ки бандаи солеҳи Худо ҳастӣ ва метавонӣ барои ман дуо ва истиғфор кунӣ, ба сӯйи Худо, ки ҳам парвардигори ман аст ва ҳам парвардигори ту рӯ овардаам, то (дар асари истиғфори ман ва истиғфори ту), гуноҳони маро биёмурзад*".

Тавассул ва таваҷҷӯҳ ба авлиёи Худо чун ба ин сурат ва ба ин шакл аст ширк нест, балки айни ибодати Худованд аст.

Аммо масъалаи Каъба ва қибла, ки оқои Мӯбад Ардашери Озаргушасб тарҳ кардаанд, қаблан дар бораш баҳс шуд ва маълум шуд, ки қиёс гирифтани тақдиси оташ бо рӯ ба Каъба истодан дар ҳини намоз ва ибодати Худо, қиёси маъалфориқ аст.

Оқои Мӯбад Ардашер мегӯяд:

"*Чун оташ ин ҳама фавоид барои инсон дошта ва дорад, пас инсон ҳақ дорад, ки барои он арзиш ва эҳтироми зиёд қоил шавад*".

Ҷони калом ҳамин ҷост. Иттифоқан, беъсати анбиё барои ин аст, ки башарро ба сарчашмаи хайрот ва баракот ва неъматҳо ошно кунанд… Анбиё омадаанд, ки башарро аз сабаб мутаваҷҷеҳи мусаббибуласбоб кунанд. Анбиё омадаанд, ки ба башар бифаҳмонанд:

“Алҳамду лиллоҳи раббилоламин” яъне тамоми сипосҳо ва ситоишҳо ихтисос дорад ба зоти ақдаси илоҳӣ, ки парвардигори тамоми ҷаҳонҳост.

Ба илова, магар танҳо оташ пайки осмонӣ аст, ки барои кӯмаки башар аз осмон ба замин омадааст? Агар мақсуд аз осмон ин фазое аст, ки болои сари мост, ҳеч унсуре аз он ҷо наомадааст, агар ҳам омада бошад, пайки махсуси илоҳӣ нест. Ва агар мақсуд аз осмон, ҷаҳони ғайб ва малакут аст, ҳама чиз аз осмон омадааст ва ҳама чиз пайки осмонӣ аст, ихтисос ба оташ надорад:

وَإِن مِّن شَيْءٍ إِلاَّ عِندَنَا خَزَائِنُهُ وَمَا نُنَزِّلُهُ إِلاَّ بِقَدَرٍ مَّعْلُومٍ

“*Ҳеч чизе нест магар он ки хазонаҳои он назди мост ва фуруд намеоварем магар ба андозаи муяйян”. (Сураи Ҳиҷр, ояти 21*)

Маросим ва ташрифот

Тақдис ва таъзим ва ё парастиши оташ ба ин соддагиҳо нест, ташрифоти аҷиб ва шуниданӣ дорад. Мо қисмате аз ин ташрифотро аз китоби “*Маздаясно ва адаби порсӣ*”, ки аз ин маросим ва лоақал аз асли тақдис ва таъзими оташ дифоъ мекунад, нақл мекунем. Ва албатта дар соири китобҳо низ метавон онҳоро ёфт ва имрӯз ҳам ин маросим ва ташрифот дар миёни ақаллияти зартуштӣ маъмул аст.

Дар ин китоб чунин омадааст:

“*Дар ойини Маздаясно, монанди дини котулики масеҳӣ ва бар хилофи ислом, олот ва адавоти фаровон ва ташрифоти бисёр маъмул аст. Ин ташрифот дар мавриди оташкадаҳо низ муҷрост: оташгоҳро дар маҳалле қарор медиҳанд, ки атрофи он ҳатман боз бошад. Дар ҳар оташкада конуни вежае барои барафрӯхтани оташ ҳаст, ки ҷуз “отурбон” (мӯбади нигаҳбони оташ) аҳаде ҳаққи вуруд ба-дон надорад. Отурбонон, ки ба сӯйи оташ мераванд, “паном” (даҳанбанд) бар рӯй мебанданд, то аз дами эшон оташи муқаддас олуда нагардад. Дар самти рости мақарри оташ, утоқест васеъ ва чаҳоргӯша, ки ба қисматҳои мутаъаддид ва мусовӣ тақсим шуда, ва ҳар якро барои вазифае муайян ихтисос додаанд. Ин утоқро “язишнгоҳ” (маҳалли анҷоми ташрифоти ибодат) меноманд… Дар шариати Зартушт ин қоида муқаррар буд, ки офтоб бар оташ натобад, ва бинобар ин, сабки ҷадиде дар сохтмони оташкада маъмул шуд: утоқи маъмулан торик дар васат месохтанд, ки макони афрӯхтани оташ дар оташдон буд… Ба нисбати*

дараҷоте, ки дар қоидаи дудмонии эрониёни қадим мавҷуд буд, оташҳои мухталифе вуҷуд дошт, аз қабили "оташи хона" ва "оташи қабила" ё "қаря" (озарон) ва "оташи билук" ё иёлат. Муҳофизи оташхона "монбиз" (ё, монбаз) ном дошт, ва барои нигаҳбонии оташ ду тан руҳонӣ, ва барои ҳиросати оташи вараҳрон (оташи билук) ҳайъате аз руҳониён таҳти риёсати як мӯбад маъмур буданд… Яке аз нусукҳои Авастои сосонӣ мавсум аст ба "сӯзгар" ва дар он тафсиле дар боби парастиши оташ махлут ба чанд қисса мастур аст: оташкада пур аз бӯи кундур ва дигар маводи муаттар буд. Як тан руҳонӣ барои ин ки аз нафаси худ оташро наёлояд, даҳонбанде баста ва оташро бо қатъаъоти чӯбе, ки бо маросими мазҳабӣ татҳир шуда буд, муштаъил нигоҳ медошт. Ин чӯб голибан аз наботи мавсум ба "ҳазонаапно" буд. Боре он руҳонӣ дам ба дам ба василаи дастачӯбе, ки барсама (барсам) мехонданд ва мутобиқи одоби хосс бурида мешуд, оташро ба ҳам мезад ва муштаъил медошт ва дуоҳои муайянеро тиловат мекард, сипас руҳониюн "ҳеъума" (ҳум) нисор мекарданд. Дар аснои тиловати дуоҳо ё сурудани Авасто, руҳониён шохаи наботи "ҳеъума"-ро пас аз татҳир дар ҳован мекӯбиданд… Дар "язишнгоҳ" (маҳалли анҷоми ташрифоти ибодат) олот ва адавоти зайл, ки ҳар як ба ҷиҳати манзури хосе ба кор бурда мешавад, мавҷуд аст:

1 ва 2 — Ҳован ва дастаҳован, ки ба манзилаи ноқуси масеҳиён аст ва акнун ба ҳамон манзур ба кор бурда мешавад, вале дар асл барои фишурдани "ҳум" (гиёҳи муқаддас) истеъмол мешуд;

3 — Барсам, ки асосан аз шохаҳои тарчӯбҳои муқаддас монанди анор таҳия мешуд, вале имрӯз онро аз филизи нуқра ё биринҷ месозанд;

4 – Барсамдон;

5 — Барсамчин, ки кордест кучак;

6 — Чанд ҷом барои ҳум ва пароҳум ва оби муқаддас;

7 — Чанд пиёлаи кучак ба номи ташт низ барои ҳум ва пароҳум (ташт на сӯроха);

8 — Варас, ки ресмонест кучак, ки аз мӯйи гов бофта мешавад ва шохаҳои барсамро бо он ба ҳам мепайванданд;

9 — Санги бузурге ба номи "арвисгоҳ", ки чаҳоргӯша буда ва олоти мазбурро рӯйи он мечинанд".

Ҳамчунин мегӯяд:

"Дар фарҳангҳои форсӣ омада: барсам шохаҳои борики бе гирех бошад ба миқдори як вақаб, ки онро аз дарахти ҳум бибуранд, ва он дарахтест шабеҳи дарахт газ, ва агар ҳум набошад дарахти газ, ва

илло дарахти анор. Ва расми буридани он чунон аст, ки аввал корде, ки дастаи он ҳам оҳан бошад ва онро барсамчин хонанд, подёвӣ кунанд яъне покиза бишӯянд ва об кашанд, пас замзам намоянд, яъне дуое, ки дар вақти ибодати оташ ва бадан шустан ва чизе хӯрдан мехонанд бихонанд ва барсамро бо барсамчин бибуранд".

Он гоҳ мегӯяд:

"*Дар маросими кунунии зартуштиёни Эрон ҳангоме, ки мӯбад ба хондани ниёиш машғул аст, мӯбади дигар муроқиби оташ аст ва шохаҳои муридро, ки дар барсамдон ниҳодаанд бармедорад ва мегардонад ва даст ба даст медиҳад ва дубора бар ҷой мегузорад*".

Ҳамчунин мегӯяд:

"*Дорместетер (James Darmesteter) дар "Занди Авасто"-и худ менависад: ду қисм оташкада мавҷуд аст. Маъобиди бузургро "Оташи Баҳром" меноманд, маъобиди кучакро "Одриён" ё "Огёрӣ" хонанд. Дар Бомбаӣ (Ҳиндустон) се оташи Баҳром ва дар ҳудуди сад огёрӣ мавҷуд аст. Фарқ байни оташи Баҳром ва одриён асосан дар чигунагии оташ ва сипас дар асл ва тарзи таҳияи он мебошад. Таҳияи оташи Баҳром як сол ба тӯл меанҷомад ва он аз сездаҳ қисм оташи мухталиф ташкил мешавад ва дар худ ҷавҳари онҳоро, ки ба манзилаи руҳи ҳамаи оташҳо мебошад тамаркуз медиҳад. Таҳия ва тасфияи ин оташҳо мусталзими ташрифоти мухталиф аст, ки дар "Вандидод" (яке аз аҷзои Авастои сосонӣ) тавзеҳ дода шудааст. Тибқи суннати зартуштиён, ҳар як аз ҳавзаҳои беҳдинон бояд оташи Баҳром дошта бошад. Баъзе дастурон (руҳониёни зартуштӣ) мӯътақиданд, ки фақат як оташи Баҳром бояд бошад, чӣ он шоҳ аст ва чанд подшоҳ дар иқлиме нагунҷанд… Вай чун шоҳ аст "арика"-е лозим дорад, бад-ин манзур шаш қитъа чӯби сандалро ду ба ду муназзам карда рӯйи якдигар ба шакли арикае пилладор қарор медиҳанд*".

Оре, ин аст қисмате аз маросим ва ташрифоти таъзим ва тақдиси оташ дар миёни зартуштиён. Ман феълан коре надорам, ки ин амалиёт аз назари тавҳидӣ чӣ вазъе дорад; оё ширк аст ё тавҳид? Бутпарастӣ аст ё Худопарастӣ? Аммо моилам ту хонандаи мӯҳтарам чанд лаҳза аз назари мантиқ дар бораи ин маросим биандешӣ, бибинӣ хурофитар аз инҳо ҳам коре дар ҷаҳон ҳаст? Он вақт муқоисае кун инҳоро бо ибодоти исломӣ: бо намози ислом, бо азони ислом, бо ҷумъа ва ҷамоати ислом, бо ҳаҷҷи ислом, бо масҷид ва маъбад ва маросими ибодати ислом, бо мазомини азкор ва аврод ва тасбеҳҳо ва таҳмидҳои исломӣ. Он гоҳ бибин, тафовути раҳ аз кучост то ба кучо! Ва сипас бибин, оё мардуми Эрон ҳақ

доштанд, ки бо ошно шудан бо таълимоти исломӣ, якбора ба ҳамаи инҳо пушт кунанд ё на?

Дар хотимаи ин баҳс бад нест нолаи як чуғдро дар ин ҷо мунъакис кунем ва ба умуми хонандагон арзиши ин нолаҳоро бифаҳмонем.

Иброҳими Пурдовуд дар бораи оташкадаи шаҳри Нӯсории Ҳиндустон, ки ба номи "Эроншоҳ" маъруф аст ва аз навъи оташҳои Баҳром аст, ки тафсилашро хондед, мегӯяд:

"*Дар суннати порсиён аст, ки оташи Баҳромро муҳоҷирин аз Эрон бо худ оварданд. Шояд ҳам дуруст бошад, чӣ голибан дар Торихи Табарӣ ва Масъудӣ мехонем, ки эрониён аз бими он ки оташ ба дасти душмане афтад ва хомӯш шавад, дар вақти шикаст онро бо худ бардошта ба ҷойи дуртар фурӯ мегузоштанд. Ҳарчанд, ки ба тадриҷ оташкадаҳои бошукӯҳи Эрон хомӯш ва ба масҷид табдил ёфт, вале то ҳадде, ки мумкин буд, дар нигаҳдории он кӯтоҳӣ накарданд. Яздгирди севвум пас аз шикасти Наҳованд, худ шахсан оташи муқаддаси Райро, ки махсусан мӯҳтарам шумурда мешуд, баргирифта ба Марв бурд. Агар ҳам "Эроншоҳ" пас аз вуруди муҳоҷирин дар "Синҷон" дар соли 716 барпо шуда бошад, боз 1230 сол аз умраш мегузарад ва ҳамора парешонӣ ва саргаштагии хосторонашро дар кишвари бегона нигарон буд, вале дар кашокаши рӯзгор ранги сурхи хеш набохта, ёронро бо забони гарм ба пойдорӣ ва дилгармӣ панд ҳамедод. Пас аз шикасти Синҷон дар ҷое, ки бештар иқомат намуда, Нӯсорӣ аст, ки муддати 235 сол дар он ҷо буд. Фақат ду сол, аз соли 1733 то 1736 дар сурт (хомӯшӣ ва сардӣ) ба сар бурд… Инак 204 сол аст, ки дар ин деҳ истиқрор ёфтааст. Ҳазорон тан зартуштӣ аз дастур ва мӯбад ва ҳирбад ва беҳдин даври онро гирифтаанд. Зартуштиёни Эрон ва порсиёни Ҳиндустон низ ба зиёрати он мераванд. Махсусан моҳҳои урдибиҳишт ва озармоҳ авқоти зиёрати он ҷост. Аз саройи ин "Эронхадив" (яъне оташкадаи Эроншоҳ) дар бомдод ва нимрӯз ва шом суруди Авасто аз мӯбадони сафедпӯш баланд аст. Эроншоҳ бо садҳо худдоми худ ёдовари оташкадаҳои Шиз ва Рай ва Истахр ва шукӯҳи Сосониён аст*".

Ҳеч кас бовар мекунад, ки дар ин қарн марде, ки муддаии мақоми устодии донишгоҳ аст, то ин ҳадд таҷоҳул кунад? Намедонам, ҷаҳолат аст ё таҷоҳул? Аммо рӯйи истеъмор сиёҳ бо дастпарвардагонаш!

Маздаясно ва адаби порсӣ

Оқои дуктур Муҳаммади Муин (афаллоҳу анҳу ва офоҳ) китобе ба ҳамин ном ва унвон навиштаанд ва мо дар баҳсҳои худ зиёд аз он истифода ва нақл кардаем. Ҳадафи ин китоб – он чунон ки номи китоб ва муқаддимаи нависандаи китоб ҳикоят мекунад — як амри соддаи илмӣ аст: нишон додани инъикоси луғоти маздаясноӣ ва андешаҳои маздаясноӣ дар адабиёти форсӣ.

Аз назари корҳои илмӣ ва адабӣ, ин кор кори бисёр муфид, балки зарурӣ аст, вале ҳадафи аслии китобро оқои Иброҳими Пурдовуд — ки устоди роҳнамоӣ эшон буда ва дар он вақт оқои дуктур Муин таҳти нуфузи шадиди мушорун илайҳ будаанд — дар муқаддимаи китоб баён кардааст. Ва он ин ки: руҳи эронӣ дар тӯли торихи чанд ҳазорсолаи худ ҳатто дар давраи ислом, ҳамон руҳи маздаясноӣ аст ва ҳеч омиле натавонистааст ин руҳро таҳти таъсири нуфузи худ қарор диҳад. Баръакс, ин руҳ онро таҳти таъсир ва нуфузи худ қарор додааст. Масалан:

"*Дине, ки аз фотеҳони араб ба эрониён расид, дар ин ҷо рангу рӯи эронӣ гирифта, ташайюъ хонда шуд ва аз мазоҳиби аҳли суннат имтиёз ёфт*".

Аз назари Пурдовуд, омили аслии муассир дар руҳияҳо иқлиму нажоду забон аст, ва фалсафаи худро мабнӣ бар ин ки руҳи эронӣ руҳи маздаясноист, бар ҳамин асос қарор медиҳад. Вале ҳама медонем, ки имрӯз дигар нажоде боқӣ намонда, ки битавон дам аз нажод зад. Ихтилоти ақвоми турку муғулу араб ва ҳатто юнониву ҳиндиву ва ғайра бо ақвоми қадими эронӣ он қадр зиёд аст ва имтизоҷҳо ба сабаби издивоҷҳо ба қадре фаровон аст, ки аҳаде наметавонад иддао кунад, ман аз назари нажод эрониям! Масалан, маълум нест худи Пурдовуд воқеан аз назари нажод ва тухма ба кучо вобаста аст, шояд аз тарафи падар филмасал араби умавӣ ва аз тарафи модар муғули чангизӣ бошад, ҷуз Худо касе намедонад.

Забон низ монанди нажод аст. Бигузарем аз ихтилоти луғатҳо, забони форсии имрӯзи Эрон забони қисмате аз мардуми Эрони қадим аст, на ҳамаи мардуми Эрон, ва бо забони қадими Эрон, хусусан забони Авасто, аз замин то осмон мутафовит аст. Боқӣ мемонад фақат иқлим ва минтақа, ки он ҳам ба қавли худи Пурдовуд, сарзамини кунунии мо пораест аз сарзамини бузурги аслӣ.

Натиҷа ин ки: мутобиқи фалсафаи Пурдовуд, ҳамаи мӯъҷизаҳо дар обу хок нуҳуфтааст ва ҷинсу фасли руҳи эронӣ иборат аст аз обу хоку ҳавои Эрон ва на чизи дигар, ва ин ки руҳи эрониро таълимоти маздаясноӣ ташкил медиҳад, аз он ҷиҳат аст, ки Маздаясно бо ҳамаи хурофот ва авҳом, ки намунаашро дидем, маълул ва мавлуди ҳамин обу хок аст.

Пурдовуд муддаӣ аст:

"*Зиндагӣ ва тарзи фикр, монанди нажод ва забони мо, дунболаи зиндагӣ ва андеша ва нажод ва забони мардумонест, ки худи ниёгони мо дар чанд ҳазор сол пеш башуморанд*".

Ман мегӯям, зиндагӣ ва тарзи фикри мо, монанди нажод ва забони мо ва хеле бештар аз нажод ва забони мо, ба куллӣ дигаргун шуда ва таҳаввул ёфтааст. Истеъдод ва ҳуши худододи эронӣ, хурофоти санавӣ, оташпарастӣ, ҳумапарастӣ, офтобпарастӣ, инсонпарастӣ ва ҳазорон чизи дигар аз ин қабилро дар партави таълимоти исломӣ ба дур афкандааст.

Пурдовуд аз боби "Алғариқу яташаббасу би кулли ҳашиш", ба шоирон ва сарояндагони эронӣ, ки бо забони махсуси ирфон сухан мегуфтаанд ва қарнҳост, ки худро аз хурофоти нажодӣ ва обу хокӣ наҷот бахшида ва ба ҷаҳони ватании исломӣ хӯ гирифта ва ба тасовии нажодҳо имон овардаанд, хиёнат мекунад ва таъбироти ирфонии онҳоро дар боби маю муғ ва оташу оташкада ба унвони изҳори тамоюли онҳо ба хурофоти гузашта ва мансухшуда тавҷеҳ менамояд, аз ин рӯ мегӯяд:

"*Дили як гӯяндаи эронӣ пас аз хомӯш шудани оташкадаҳо, боз оташкадаи ишқ аст, ва дармони дардаш дар дасти пири муғонест, ки дергоҳест аз диёри дерини худ рахт барбаста, дигар дасти касе ба домани вай намерасад*".

Ман ҳам мегӯям, дили як гӯяндаи асил ва бомаърифати эронӣ монанди Ҳофиз ва Саъдӣ ва Мавлавӣ ва Ҷомӣ ва садҳо гӯяндаи дигар аз тирози инҳо ва ё дар дараҷаи баъд аз инҳо, оташкадаи ишқ аст, ва дармони дардаш дар дасти пири муғон аст, вале оташкадаи ишқи он, чаҳордеворӣ, ки дар он ҷо як унсури табиӣ парастиш мешавад ва барсаму барсамдону барсамчину ғайра олоту абзорашро ташкил медиҳад нест. Оташкадаи ишқ "ҷойест, к-онро ном нест", ва пири муғон, ки гӯяндаи эронӣ дармони дардашро дар дасти ӯ медонад, он сафедпӯшони паномбанд ва барсам ба дасти оташ зеру рӯ кун, ки вақти худро дар беҳудатарин ва хурофатарин корҳои ҷаҳон талаф мекунанд, намебошад. Он пири муғон

ҳамон солики роҳ ва валии иршодкунанда аст, ки эронӣ дар давраи исломӣ пас аз ошно шудан бо мафоҳими олияи инсонӣ ва ирфонии исломӣ, бо он ошно шудааст.

Аммо онҳо, ки Пурдовуд аз онҳо ба пири муғон таъбир мекунад, қарнҳост, ки эронӣ ба онҳо типо зада ва аз муҳити Эрон берунашон афкандааст. Иштибоҳ аст, ки бигӯем, дасти касе ба домони онҳо намерасад. Дасти онҳо ба домани Эрон ва эронӣ намерасад, ва агар дасти ҳеч кас ба домони онҳо намерасад, дасти оқои Пурдовуд, ки хуб ба домони онҳо расид; солиёни дароз бо пули саршори онҳо, ки аз ҷайби миллати ситамдидаи Ҳинд дар асари созиш бо истеъмори Ангилистон ба даст овардаанд, мутанаъим буд, аз пушт ба миллати наҷиб ва шарифи Эрон ханҷар мезад ва мехост аз нав дасту пойи ин миллатро ба занҷирҳои пӯсидаи оташдону барсаму барсамчину ҳумаву ғайра бибандад.

Мутаассифона, оқои дуктур Муин — ки мавриди алоқа ва эҳтироми мо ҳастанд ва дар солҳои охири саломати эшон, ки аҳёнан тавфиқи мусоҳибат даст медод, эшонро марди дур аз инсоф намедидем ва ба усул ва шаъоири исломӣ алоқаманд меёфтем — дар ин китоб то ҳудуди зиёде таҳти таъсири Пурдовуд қарор гирифтаанд ва ҳадафи ӯро таъқиб кардаанд ва аҳёнан дар дифоъ аз зартуштигарӣ аз ислом моя мегузоранд.

Масалан, дар сафҳаи 76 китоб, ки роҷеъ ба торихӣ ё мавҳум будани Зартушт баҳс мекунанд, мегӯянд:

“*Баъзе аз донишмандон монанди Ҳусинг (Housing) фарзияе изҳор кардаанд мабнӣ бар ин ки Зартушт комилан вуҷуде мавҳум аст (назири Рустаму Золу Исфандиёр)…*”

Баъд эшон мегӯянд:

“*Бояд донист, ки мавҳум будани шахсияти фард-фарди паёмбарон ва пешвоёни дин аз тарафи ашхоси мухталиф изҳор шуда…*”

Ва дар поварақӣ мегӯянд:

“*Ҳатто роҷеъ ба Исо ва Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)…*”

Хеле аҷиб аст, ки касе воқеияти торихии Зартуштро бо Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) муқоиса кунад, ё фарзияи илмии як донишмандро дар бораи Зартушт ба сухане, ки аҳёнан як фарде (агар чунин фарде вуҷуд доштааст) ба унвони дашном ба мусалмонон дар бораи Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) гуфта бошад, муқоиса намояд.

Дар сафҳаи 273, ки дар бораи эҳтиром ва қадосати оташ баҳс мекунанд, мегӯянд:

"*Дар адёни ориёӣ мисли браҳманӣ ва зартуштӣ ва ҳамчунин дар кешҳои сомӣ монанди яҳудӣ ва исавӣ ва ислом ва ҳатто дар миёни бутпарастони Офриқо, оташ дорои аҳаммияти хосс аст*".

Ман намедонам эшон, ки дар як хонаводаи асили мусалмон бузург шудаанд ва худ аҳли китоб ва мутолеа будаанд, дар куҷои ислом эҳтиром ба оташро пайдо кардаанд? Он чӣ дар Қуръон аст ин аст, ки ҷинну шайтон аз оташ офарида шудаанд ва Одам аз хок; Одами хокӣ ба даргоҳи қурби илоҳӣ бор ёфт ва шайтони оташӣ аз даргоҳ ронда шуд.

Дар сафҳаи 415 пас аз баҳси зиёд дар бораи фарри эзадӣ мегӯянд:

"*Тибқи мундараҷоти "Зомёдишт", фарр фурӯгест эзадӣ, ба дили ҳар ки битобад, аз ҳамгинон бартарӣ ёбад. Аз партави ин фурӯг аст, ки шахс ба подшоҳӣ расад, шоистаи тоҷк тахт гардад, осоишгустар ва додгар шавад ва ҳамвора комёб ва пирӯзманд бошад. Ва низ аз нерӯи ин нур аст, ки касе дар камолоти нафсонӣ ва руҳонӣ комил гардад ва аз сӯйи Худованд ба паёмбарӣ баргузида шавад*".

Дар сафҳаи 420 мегӯянд:

"*Тибқи мундараҷоти Авасто (Зомёдишт, бандҳои 33, 40) фарррo ба сурати мургу уқоб тасаввур мекарданд*".

Ва дар зайли ҳамин сафҳа достонеро, ки қаблан нақл кардем, ки чӣ гуна фарри эзадиро дар шакли як барра ба дунболи Ардашер медавонданд нақл кардаанд.

Дар айни ҳол, дар сафҳаи 415 барои ин ки ин хурофаро маъқул ҷилва диҳанд, кӯшиш мекунанд, ки мафҳуми онро бо мафҳуми калимаи "султон" дар Қуръони Маҷид татбиқ диҳанд, ва ҳол он ки калимаи "султон" ба ҳеч ваҷҳ бо ин мафҳуми хурофӣ мунтабиқ нест. "Султон" дар Қуръон ё ба маънии "қудрат ва тасаллут" истеъмол шудааст ё ба маънии "далел ва ҳуҷҷат", ки маншаи ғалаба ва қудрат ва тасаллут аст, ва ҳатто дар мавриди тасаллути шайтон бар инсон низ ба кор рафтааст:

إِنَّمَا سُلْطَانُهُ عَلَى الَّذِينَ يَتَوَلَّوْنَهُ

(*"Ҳамоно тасаллути шайтон фақат бар касоне аст, ки вайро ба сарпарастӣ бармегиранд…" (Сураи Наҳл, ояти 100)*) Ва ҳамчунин дар мавриди тасаллути қонунии як инсон бар як амали хосс низ ба кор рафтааст:

وَمَن قُتِلَ مَظْلُومًا فَقَدْ جَعَلْنَا لِوَلِيِّهِ سُلْطَانًا

(*“Ва ҳар кас мазлум кушта шавад, ба сарпарасти вай қудрате додаем…” (Сураи Исро, ояти 33)*) Кучактарин иртиботе миёни ин мафҳум ва мафҳуми “фарраи эзадӣ” — ки гоҳе мегӯянд, фурӯғест эзадӣ, ки бар дили шахс битобад ва дар партави он ба подшоҳӣ ё паёмбарӣ расад, ва гоҳе онро ба сурати уқоб ё гӯсфанд муҷассам мекунанд — вуҷуд надорад.

Оё беҳтар набуд ҷаноби оқои дуктур Муин ба ҳамон “*Маздаясно ва адаби порсӣ*” қаноат мекарданд ва ба “*Маздаясно ва адаби қуръонӣ*” намепардохтанд?

Оқои дуктур Муин исрор меварзанд, ки собит кунанд он чӣ зартуштиён карда ва мекунанд, оташпарастӣ нест, танҳо қибла қарор додани оташ аст, он чунон ки мусалмонон Каъбаро қибла қарор медиҳанд. Дар сурате, ки худи эшон ва ҳар каси дигар медонад, ки ҳеч мусалмоне дар вақте, ки рӯ ба қибла меистад ва намоз мехонад, намехоҳад ба Каъба таъзим кунад ва намехоҳад аз Каъба истимдод кунад ва истионат бмҷӯяд ва барои Каъба руҳоният ва қудрати моваруттабиӣ қоил нест. Асосан як нафар мусалмон дар ҳоли намоз рӯ ба қибла ҳаст, вале таваҷҷӯҳаш ба қибла нест, як нафар мусалмон дар намоз мустақиман бо Худои худаш сухан мегӯяд, ки:

إِيَّاكَ نَعْبُدُ وإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ

(*“Танҳо туро мепарастем ва танҳо аз ту ёрӣ мечӯем”. (Сураи Ҳамд, ояти 5)*) Барои мусалмон рӯ ба Каъба истодан назири бо ҷомаи пок будан ва бо вузӯ будан ва мастурулаврат будан аст, яъне аз одоби намоз аст, на ҳадафи намоз, ва ҳол он ки ҳамаи одоби зартуштӣ тақдис ва таъзими худи оташ аст, бо эътиқод ба таъсироти моваруттабиии он.

Аз ҳама асафангезтар ин аст, ки оқои дуктур Муин дар фасле, ки таҳти унвони “*Майи муғона*” тартиб додаанд, ба пайравии Пурдовуд чунин вонамуд мекунанд, ки таъбироти “май”, “муғ” ва ғайра ҳама киноя аст аз алоқаи шоирони эронӣ ба русум ва одоби зартуштӣ. Дар охири ин фасл, қисмате аз тарҷеъбанди маъруфи Ҳотифи Исфаҳониро, ки дар тавҳид ва ваҳдати вуҷуд сурудааст овардаанд. Он тарҷеъбанд бо ин байт оғоз мешавад:

Эй фидои ту ҳам дилу ҳам ҷон

В-эй нисори раҳат ҳам ину ҳам он.

Оқои дуктур Муин калимоти мавриди назари худашонро, ки аз назари эшон нишонаи алоқаи шоир ба русуми қадим аст бо ҳуруфи сиёҳ нишон медиҳанд, аз он ҷумла ин мисроъро:

“Ман шарманда аз мусалмонӣ”

Оқои дуктур Муин худ беҳтар медонанд, ки шоирони мусалмони ирфонмаслак, дар муқобили мутазоҳирон ба мусалмонӣ ва риёкорон, истилоҳот ва таъбироти хоссе доранд; ҳар чо, ки зуҳд ва аҳёнан мусалмониро тахтиа мекунанд, назарашон ба зоҳидмаобиҳо ва мусалмонмаобиҳои дурӯғин аст, ки дар ҳамаи асрҳо вуҷуд дошта ва дорад ва ҳамвора садди роҳи ислом ва мусалмонон буда ва ҳаст. Ҳатто шоироне, ки худ дар либоси руҳоният будаанд ва ба олитарин мақомоти иҷтиҳод расида ва дар маснади шаръ нишаста будаанд — монанди Шайх Баҳоӣ, ки илова бар ин ҷиҳат, як муҳоҷири араб аст, ки ба Эрон омада ва Ҳоҷ Мулло Аҳмади Нароқӣ ва Мирзо Муҳаммадтақии Шерозӣ ва Ҳоҷ Мирзоҳабиби Разавии Хуросонӣ ва Ҳоҷ Шайх Муҳаммадҳусайни Исфаҳонӣ ва Алломаи Таботабоӣ — аз ин гуна таъбирот доранд. Ин матлаб кучо ва муддаои Пурдовуд ва оқои дуктур Муин кучо! Ба илова, Ҳотифи Исфаҳонӣ, ки ба шеъраш тамассук шуда, дар ҳамон тарҷеъбанд сареҳан мегӯяд, ки мақсуди орифон аз ин таъбирот як силсила маонии дигар аст ва ин таъбиротро набояд ба мафҳуми зоҳирии онҳо ҳамл кард. Мегӯяд:

Ҳотиф, арбоби маърифат, ки гаҳе

Маст хонандашону гаҳ ҳушёр

Аз дафу чангу мутрибу соқӣ

В-аз маю ҷому соқиву зуннор

Қасди эшон нуҳуфта асрорест,

Ки ба имо кунанд гоҳ изҳор.

Бо ин тасреҳ чӣ гуна мумкин аст таъбироти шоирро ҳамл ба мафҳуми зоҳириаш бинамоем?

Гузашта аз ин, ин таъбироти маҷозӣ ва ин истилоҳот, мунҳасир ба маю муғу оташкада, ки аз истилоҳоти зартуштиён аст нест. Агар мунҳасир ба инҳо буд, ҷойи ин тардид буд, ки чаро гӯяндагони эронии форсизабон барои маонии ирфонии худ ин калимотро интихоб кардаанд? Оё ин кор нишонаи алоиқи онҳо ба русум ва сунани куҳани ин сарзамин аст?

Ин гӯяндагон калимоте аз қабили: бут, тарсо, дайр, чилипо (салиб), шатранҷ, нард ва ғайра низ дар истилоҳоти хеш фаровон овардаанд. Пас, лозим аст ин калимотро нишонаи алоиқи ин гӯяндагон ба бутпарастӣ ва масеҳият ва қиморбозӣ бидонем?!

Дар чанд соли пеш яке аз нависандагоне, ки гирифтори чунин андешаҳое будааст, истидлол карда буд, ки ғазали маъруфи Ҳофиз, ки бо ин байт оғоз мешавад:

Булбул зи шохи сарв ба гулбонги паҳлавӣ,

Мехонд дӯш дарси мақомоти маънавӣ.

… нишонаи эҳсосоти миллии шоир аст ва шоир ба ёди гузашта афтода, он вақте, ки ҳанӯз ислом ба Эрон наомада буд ва забони паҳлавӣ забони роиҷ ва дини зартуштӣ дини расмӣ буд ва шоир хостааст ба ин васила тамоюли хешро ба русум ва сунан ва ойини пеш аз ислом иброз намояд.

Як нависандаи материалист ҷавоб дода буд: "*Агар чунин аст, пас шеъри баъдӣ, ки мегӯяд:*

Яъне биё, ки оташи Мӯсо нумуд гул,

То аз дарахт нуктаи тавҳид бишнавӣ.

… нишонаи алоқаи шоир ба яҳудигарӣ аст. Ва шеъри дигаре, ки дар ҳамин ғазал аст ва мегӯяд:

Ин қиссаи аҷаб шунав аз бахти вожгун,

Моро бикушт ёр ба инфоси исавӣ.

… нишонаи алоқаи шоир ба масеҳият аст".

Бидуни шак ин истилоҳот ва таъбирот рамзи як силсилаи маонии ирфонӣ аст ва рабте ба алоқаи гӯянда ба мазҳаби зартуштӣ ё масеҳӣ ё яҳудӣ надорад.

Шамсуддини Мағрибӣ, шоири орифмаслаки маъруф (даргузашта дар қарни нӯҳуми ҳичрӣ), ки аз ин истилоҳот фаровон ба кор мебурд, дар дебочаи девони худ мегӯяд:

Агар бинӣ дар ин девони ашъор

Хароботу хароботию хаммор

Буту зуннору тасбеҳу чалипо

Мугу тарсову габру дайру Мино

Шаробу шоҳиду шамъу шабистон

Хурӯши барбату овози мастон

Маю майхонаву ринди харобот

Ҳарифу соқиву нарду муноҷот

Навои аргануну нолаи най

Сабуҳу маҷлису ҷоми паёпай

Хуму ҷому сабӯи майфурӯшӣ

Ҳарифӣ кардан андар боданӯшӣ

Зи масҷид сӯйи майхона давидан

Дар онҷо муддате чанд орамидан

Гарав кардан пиёлай хештанро

Ниҳодан бар сари май ҷону танро

Гулу гулзору сарву богу лола

Ҳадиси шабнаму борону жола

Хату холу қаду болову абрӯ

Узору оризу рухсору гесӯ

Лабу дандону чашми шӯху сармаст

Сару пою миёну панҷаву даст

Машав зинҳор аз ин гуфтор дар тоб

Бирав мақсуд аз он гуфтор дарёб.

Мапеч андар сару пойи иборат,

Агар ҳастӣ зи арбоби ишорат.

Назарро нагз кун, то нагз бинӣ,

Гузар аз пӯст кун, то магз бинӣ.

Назар гар барнадорӣ аз завоҳир,

Куҷо гардӣ зи арбоби сароир?

Чу ҳар якро аз ин алфоз ҷонест,

Ба зери ҳар як аз инҳо ҷаҳонест.

Ту ҷонашро талаб, аз ҷисм бигзар,

Мусаммоҷӯй бош аз исм бигзар.

Фурӯ магзор чизе аз дақоиқ,

Ки то бошӣ зи асҳоби ҳақоиқ.

Аз ҳамаи инҳо гузашта, ин таъбирот ихтисос ба гӯяндагони эронӣ ва форсизабон надорад. Гӯяндагони форсизабони ҳиндӣ ва ҳамчунин гӯяндагони араб ва арабзабони орифмашраб, аз қабили Ибн ал-Форизи Мисрӣ ва Муҳйиддини Арабии Андалусӣ низ чунин таъбирот ва

истилоҳоте доранд. Ҳеч оқиле наметавонад иддао кунад, ки таъбироти инҳо дар бораи маю ғайра ёдовари алоиқи онҳо ба маросими зартуштиён аст.

Гузашта аз ҳамаи инҳо, ташбеҳи воридоти қалбӣ ва маорифи ифозӣ ва ишроқӣ ва лаззатҳо ва баҳҷатҳои ҳосила аз он, ба шароб, дар Қуръон ва Наҳҷул-балоға низ омадааст. Қуръони Карим дар сураи муборакаи Инсон мефармояд:

وَسَقَاهُمْ رَبُّهُمْ شَرَابًا طَهُورًا

Яъне, парвардигори аброр бо шаробе бисёр пок ва поккунанда онҳоро сероб мекунад (*Сураи Инсон, ояти 21*); шаробе, ки ба қавли муфассирон, пайванди инсонро аз ҳар чиз ҷуз Худо мебурад ва ӯро танҳо ба Худованд муттасил месозад. Дар Наҳҷул-балоға гурӯҳе аз аҳли маънӣ чунин тавсиф мешаванд:

ويغبقون كأس الحكمة بعد الصبوح

Яъне ҳамоно шомгоҳон пас аз бомдодон бодаи ҳикмат сар мекашанд. Луғат мегӯяд, ки "ғабуқ" паймонаи шом ва "сабуҳ" паймонаи субҳгоҳон аст. Оқои дуктур Муин чӣ назар медиҳанд? Оё ҳамаи инҳоро нишонаи алоиқи гӯяндагони онҳо ба "майи муғона" ва одоб ва русуми куҳани зартуштиён медонанд?!

Оқои дуктур Муин дар сафҳаи 13 китоби худ сухани муғризонаи Сэр Ҷон Малкумро нақл мекунанд мабнӣ бар ин ки "*пайравони паёмбари арабӣ шаҳрҳои Эронро бо хок яксон сохтанд, оташкадаҳоро сӯхтанд, мӯбадонро аз дами тег гузаронидаанд, китобҳо ва касоне, ки китобҳо дар ихтиёрашон буд аз байн бурданд, мӯбадонро маҷус ва соҳир медонистанд ва китобҳои эшонро китобҳои сеҳр мехонданд*".

Оқои дуктур Муин беҳтар аз Сэр Ҷон Малкум аз маохизи торихии ислом иттилоъ доранд ва аз ҳама беҳтар медонанд, ки ин ароҷиф сохтаи шахси Сэр Ҷон Малкум аст ва дар ҳеч санади торихӣ пайдо намешавад ва ҷойи таассуф аст, ки боз ҳам ин калимотро, ки таъсири суи онҳо дар эҷоди бадбинӣ ба ислом дар ҷавонони бехабар аз торихи ислом ва Эрон бар касе пӯшида нест, нақл мекунанд.

Оқои дуктур Муин дар сафҳаи 22, ки мехоҳанд зартуштиёнро дар давраи исломӣ хеле мазлум ҷилва диҳанд, чунин мегӯянд:

"*Гурӯҳи дигар, ки бо ҳифзи ойини Маздаясно дар меҳани хеш боқӣ монданд, ночор мутаҳаммили рафторҳои хашин ва ношоисти миллати голиб ва ҳаммеҳанони худ гардида, ҳамвора мавриди*

таҳқир ва иҳонат ва маҷбур ба нуҳуфтани ақоид ва ойини аҷдодии хеш буданд ва дар иҷрои одоб ва маросими дин, озодӣ надоштанд ва рӯзгор ба талхӣ мегузаронидаанд. Муаллифи "Торихи Систон" гӯяд: "Зиёд ибни Абиҳ Рабиъро маъзул кард аз Систон ва Абдуллоҳ ибни Абӯбакрро ба Систон фиристод (дар соли 51 ҳиҷрӣ) ва ӯро фармон дод, ки чун он ҷо шавӣ.., ҳамаи ҳарбидонро бикуш ва оташҳои габракон барафкан. Пас ӯ ба Систон шуд бар ин ҷумла ва даҳоқин ва габракони Систон қасд карданд, ки осӣ гарданд бад-ин сабил".

Оқои дуктур Муин достонро то ҳамин ҷо нақл мекунанд ва татиммаашро дар ин ҷо нақл намекунанд. Эшон ин шоҳиди торихиро барои ин муддао меоваранд, ки зартуштиён дар иҷрои маросими динӣ озодӣ надоштанд ва маҷбур буданд, ки ақоид ва ойини аҷдодии хешро махфӣ кунанд.

Татиммаи ин торихча, ки худи эшон дар ҷойи дигари китобашон нақл кардаанд ин аст, ки мусалмонони Систон бо ин фармони Зиёд ба мухолифат бархостанд ва гуфтанд, ин фармон бар хилофи сирати Пайғамбар ва хулафои рошидин аст ва бар зидди таълимоти исломӣ аст. Масъала ба худи халифа, ки дар Шом буд, ирҷоъ шуд. Ҷавоб омад, ки зартуштиён "муоҳид" мебошанд ва хуну моли муоҳид мӯҳтарам аст ва касе ҳаққи таарруз ба онҳоро надорад.

Низ худи оқои дуктур Муин дар ҷойи дигари китоби худ аз ҳамон "*Торихи Систон*" нақл мекунанд, ки: "*дар соли 46 ҳиҷрӣ (панҷ сол қабл аз ин воқеа) Рабиъ ал-Ҳорисӣ биёмад ба Систон ва сиратҳои некӯ ниҳод ва мардумонро ҷабр карданд, то илм ва Қуръон ва тафсир омӯхтанд ва доду адл фурӯ ниҳод ва бисёр габракон мусалмон гаштанд аз некӯии сирати ӯ*".

Оре, ин буда ҳоли зартуштиён дар замони хулафои рошидин ва дар замони Муовия дар вақте, ки Рабиъ ал-Ҳорисӣ ҳукумат мекардааст. Ҳангоме, ки Зиёди ситамгар тасмими золимонае мегирад, бо аксуламали шадиди мусалмонон рӯбарӯ мешавад ва халифаи ситамгари вақт ҳам, ки худро бо мухолифати мусалмонон мувоҷеҳ мебинад, ҳукми омили худро нақз ва назари мусалмононро таъйид мекунад.

Бинобар ин, дигар чӣ ҷойи гиряву зорӣ ва нақли қисмате аз торихча ва тарки қисмате дигар ва иддаои ин ки зартуштиён маҷбур буданд ақоиди хешро нуҳуфта доранд?!

Мо мункири мазолими умавиён нестем, вале ин мазолим нисбат ба мазолиме, ки қаблан эрониён аз тарафи ҳуккоми худ медиданд, чизе набуд. Сониян, умавиён лабаи тези теғи

худро мутаваҷҷеҳи Оли Алӣ карда буданд, ки онҳоро руқабои худ медонистанд ва аз ҷониби онҳо эҳсоси хатар мекарданд. Қатъан зартуштиён дар ҳукумати умавӣ аз пайравон ва дӯстони Аҳли Байт вазъи беҳтаре доштаанд.

Албатта сиёсати умавиён як сиёсати нажодӣ буд ва ҳукумати онҳо ҳукумати арабӣ буд, на исломӣ. Миёни араб ва ғайриараб табъиз қоил мешуданд, вале ин табъиз миёни араб ва ғайриараб буд, яъне ҳатто миёни як мусалмони араб бо мусалмони ғайриараб тафовут қоил мешуданд ва ба мазҳаб коре надоштанд. Зартуштиён агар ба шароити маъмули аҳли зимма амал мекарданд, дар амният буданд.

Зартуштиён дар давраи аббосиён озодии комил ба даст оварданд, бо имомон алайҳимус-салом ва уламои мусалмон дар атрофи ақоиди исломӣ ва зартуштӣ ба мубоҳиса ва муҷодила ва муборизаи қаламӣ мепардохтанд. Қаблан дар бахши аввали ин китоб нақл кардем, ки гароиши умдаи Эрон аз зартуштигарӣ ба ислом ва вайронии оташкадаҳо ва сохтани масоҷид ба ҷойи онҳо, дар қуруне воқеъ шуда, ки Эрон истиқлоли сиёсӣ дошта ва нуфузи араб қатъ шуда буд ва афроде эронӣ ва ориёнажод бар Эрон ҳукумат мекарданд.

Дар китоби "*Тамаддуни эронӣ*" таълифи ҷамъе аз ховаршиносон, мақолаи "*Муқовимат ва идомаи ҳаёти дини Зартушт*" ба қалами Ж. Маноша менависад:

"*Шикаст ва инқирози давлати сосонӣ ба дасти аъроби мусалмон натавонист моя хафақони руҳи эронӣ шавад ва ойини зартуштиро низ ба сурати қатъӣ ва комил нобуд накард. Эрониён бақоёи тамаддуни талтифшуда ва парвардае ба ислом таҳвил доданд, ки бар асари ҳаёте, ки ин мазҳаб дар он дамид, ҷони тоза гирифт… Эрон ба якбор мусалмон нашуд ва мардуми тамоми ноҳияҳои он дар як мавқеъ дини исломро напазируфтанд ва муқовиматеро, ки мазҳаби зартуштӣ дар муқобили он ба харҷ дод, наметавон нодида гирифт*".

Ж. Маноша пас аз баҳсе дар бораи ин ки мусалмонон мачусро дар зумраи аҳли китоб мешумурданд, мегӯяд:

"*Муаррихон ва ҷуғрофиёнависони араб, ки дар ин маврид маъхази асосии мо ҳастанд, шаҳрҳои мутааддидеро, ки ҳанӯз дар қарни севвум ва чаҳоруми ҳичрӣ дар онҳо оташкадаҳое вуҷуд доштааст ном мебаранд. Пас, агар чунин оташкадаҳое вуҷуд дошта, қатъан руҳониюне ҳам барои аъмол ва маросими мазҳабӣ дар он будаанд, ки лузуман ба андозаи кофӣ аз русуми мазҳабӣ иттилоъ доштаанд. Зимнан тарзи зиндагии зартуштиён эҷоб менамуд, ки афроде барои*

таълими қавонин ва усули мазҳаб бо мақоми ниммазҳабӣ вуҷуд дошта бошад. Бинобар ин, тақсимоти табақотии дини Зартушт ҳифз шуд ва мо хоҳем дид, ки ин тақсимоти табақотӣ назди ақаллияти зартуштӣ ва касоне, ки мураддад буданд, то кадом як аз он ду мазҳабро бипазиранд, фаъолияти қобили таваққӯҳе ба харҷ дод. Дар қарни севвуми ҳичрӣ мазҳаби Зартушт шурӯъ ба як навъ муборизаи қаламӣ намуд".

Низоми иҷтимоӣ

Барои он ки таъсири исломро дар Эрон баррасӣ кунем, лозим аст низоми иҷтимоии он рӯзи Эронро, ки ислом дигаргун сохт ва низоми дигареро ҳоким кард низ баррасӣ намоем. Ҷомеаи иҷтимоии Эрони сосонӣ ҷомеаи табақотӣ ва синфӣ буда ва усул ва низомоти табақотӣ ба шадидтарин вачҳе дар он иҷро мешудааст.

Албатта низоми табақотиро Сосониён ихтироъ накарданд, балки аз давраи Ҳахоманишиён ва Ашкониён маъмул ва мучро будааст. Сосониён ин низомро тачдид ва таъйид ва тақвият карданд.

Масъудӣ дар "*Муруҷуз-заҳаб*" менависад:

"*Ардашер ибни Бобак, сарсилсилаи Сосониён, мардумро ҳафт табақа қарор дод*".

Ҳам ӯ дар "*Аттанбиҳу вал-ишроф*" менависад:

"*Чун дар ҷараёни кори Заҳҳок, Кова, ки оҳангаре беш набуд тавонист мулки Заҳҳокро вожгун созад, Ардашер дар фармони маъруфи худ подшоҳони пас аз хешро аз хатаре, ки аз ноҳияи табақаи авом пеш меояд барҳазар дошт*".

Дар "*Комил*"-и Ибни Асир мехонем, ки:

"*Ҳангоме, ки лашкари мусалмонон ва сипоҳи Эрон дар Қодисия ба ҳам расиданд, Рустами Фаррухзод Зуҳра ибни Абдуллоҳро, ки ба унвони муқаддиматулҷайши мусалмонон пешопеш омада ва бо ҷамоати худ урду зада буд, ба ҳузури худ талабид. Ва манзураш ин буд, ки бо навъе мусолиҳа корро тамом кунад, ки ба ҷанг накашад. Ба ӯ гуфт: Шумо мардуми араб ҳамсоягони мо будед ва мо ба шумо эҳсон мекардем ва аз шумо нигаҳдорӣ менамудем ва чунину чунон мекардем. Зуҳра ибни Абдуллоҳ гуфт: "Имрӯз вазъи мо бо аъробе, ки ту мегӯӣ фарқ кардааст. Ҳадафи мо бо ҳадафи онҳо дутост. Онҳо ба хотири ҳадафҳои дунявӣ ба сарзаминҳои шумо меомаданд ва мо ба хотири ҳадафҳои ухравӣ. Мо ҳамчунон будем, ки ту васф кардӣ, то Худованд паёмбари хешро дар*

миёни мо мабъус фармуд ва мо даъвати ӯро иҷобат кардем. Ӯ ба мо итминон дод, ки ҳар ки ин динро напазирад, хору забун хоҳад шуд, ва ҳар ки бипазирад, азиз ва мӯҳтарам хоҳад гашт". Рустам гуфт: Дини худатонро барои ман тавзеҳ бидеҳ! Гуфт: "Пояи асосиаш, иқрор ба ваҳдонияти Худо ва рисолати Муҳаммад аст". Гуфт: Нек аст, дигар чӣ? Гуфт: "Дигар, озод сохтани бандагони Худо аз бандагии бандагон, барои ин ки бандаи Худо бошанд, на бандаи бандаи Худо". Гуфт: Нек аст ва дигар чӣ? Гуфт: "Дигар ин ки ҳамаи мардум аз як падару модар (Одам ва Ҳавво) зода шуданд ва ҳама бо ҳам бародар ва баробаранд". Гуфт: Ин ҳам бисёр нек аст. Сипас Рустам гуфт: Ҳоло агар инҳоро пазируфтем, баъд чӣ мекунед? Ҳозиред баргардед? Гуфт: "Оре, ба Худо қасам, дигар ҷуз барои тиҷорат ва ё эҳтиёҷи дигар наздики шаҳрҳои шумо ҳам нахоҳем омад". Рустам гуфт: Суханатро тасдиқ мекунам, аммо мутаассифам, ки бояд бигӯям, аз замони Ардашер расм бар ин аст, ки ба табақоти паст иҷоза дода нашавад даст ба коре, ки махсуси табақоти олия ва ашроф аст бизананд, зеро агар по аз гилеми хеш дарозтар кунанд, музоҳими табақоти ашроф мешаванд. Зуҳра ибни Абдуллоҳ гуфт: "Мо ҳаргиз наметавонем бо табақоти пойин он чунон рафтор кунем, ки шумо мекунед. Мо мӯътақидем, амри Худоро дар риояти табақоти пойин итоат кунем ва аҳаммият надиҳем ба ин ки онҳо амри Худоро дар бораи мо итоат мекунанд ё намекунанд".

Муҳаққиқон ва муаррихони ғарбӣ, ки ба манобеи мухталифи торихӣ аз юнонӣ ва румӣ ва сурёнӣ ва арманӣ ва арабӣ даст ёфтаанд — ба илова, ҳафриёти ахир кӯмаки фаровоне дар кашфи ҳақоиқи торихӣ ба онҳо кардааст — иттифоқи назар доранд, ки низоми табақотии Эрон решаи қадимитар дорад. Кристенсен (*Arthur Christensen*), ки ба ҳамаи ин манобеъ даст дошта ва муддати сӣ сол дар торихи Эрон дар замони Сосониён кор кардааст ва шояд то кунун ҳеч кас ба пойи ӯ нарасида бошад, дар муқаддимаи китоб (*Эрон дар замони Сосониён*) ва ҳамчунин дар фасли дуввуми китоби худ, муфассал дар ин бора баҳс мекунад. Толибон метавонанд ба он мурочеа намоянд.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) муддаӣ аст, ки истилоҳи мутадовали муаррихони исломӣ таҳти унвони "алъузмо" ва "аҳл ал-буютот" ва "ал-ашроф", ки аз шахсиятҳои он аҳд ва ё давраҳои баъд ёд шудааст, тарҷумаи адабии калимоти паҳлавии: "воспухрон" ва "азозон" ва "бузургон" аст .

Мо баҳси худро бо истифода аз таҳқиқоти Кристенсен (*Arthur Christensen*) ва дигарон ба низомоти иҷтимоии Эрон дар замони Сосониён ихтисос медиҳем.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) дар фасли ҳафтуми китоби худ таҳти унвони "*Наҳзати Маздакия*" аҳволи иҷтимоии эрониён, табақоти ҷомеа, хонавода, ҳуқуқи мадании Эронро ба унвони муқаддима мавриди баҳс қарор медиҳад. Мегӯяд:

"*Ҷомеаи эронӣ бар ду рукн қоим буд: моликият ва хун (нажод). Бино бар номаи "Тенсер" (ё Тансар) ҳудуде бисёр муҳкам нуҷабо ва ашрофро аз авомуннос ҷудо мекард. Имтиёзи онон ба либос ва маркаб ва сарой ва бӯстон ва зан ва хидматкор буд… Ба илова, табақот аз ҳайси маротиби иҷтимоӣ дараҷоте доштанд; ҳар касро дар ҷомеа дараҷа ва мақоме собит буд. Ва аз қоидаҳои муҳками сиёсати Сосониён яке инро бояд шумурд, ки ҳеч кас набояд хоҳони дараҷае бошад фавқи он чӣ ба муқтазои насаб ба ӯ таъаллуқ мегирад… Қавонини мамлакат ҳофизи покии хуни хонадонҳо ва ҳифзи амволи гайриманқули онон буд. Дар "Форснома" иборате аст, ки зоҳиран маъхуз аз "Ойинномаг"-и аҳди Сосониён аст: "Одати мулуки фурс ва акосира он будӣ, кӣ аз ҳамаи мулуки атроф чун Сину Руму турку Ҳинд духтарон ситадандӣ ва пайванд сохтандӣ ва ҳаргиз ҳеч духтар бад-эшон надодандӣ, духтаронро ҷуз бо касоне, ки аз аҳли байти эшон буданд мувосилат накардандӣ". Номи хонаводаҳои бузургро дар дафотир сабт мекарданд, давлат ҳифзи онро ӯҳдадор буд ва оммаро аз харидани амволи ашроф манъ мекард. Бо вуҷуди ин, қаҳран баъзе хонаводаҳои наҷиб ба мурури замон мунқариз мешуданд… Дар миёни табақоти омма тафовутҳои боризе буд. Ҳар як аз афрод мақоме собит дошт ва касе наметавонист ба ҳирфае машғул шавад, магар он чӣ аз ҷониби Худо барои он офарида шуда буд*".

Оқои Саъиди Нафисӣ мегӯяд:

"*Аз ихтилофоти динӣ ва тариқатӣ, ки бигузарем, чизе, ки беш аз ҳама дар миёни мардуми Эрон нифоқ афканда буд, имтиёзи табақотии бисёр хашине буд, ки Сосониён дар Эрон барқарор карда буданд. Ва решаи он дар тамаддунҳои (эронии) пешин буда, аммо дар давраи сосонӣ бар сахтгирӣ афзуда буданд. Дар дараҷаи аввал, ҳафт хонаводаи ашроф ва пас аз эшон табақоти панҷгона имтиёзоте доштанд ва оммаи мардум аз он маҳрум буданд. Тақрибан моликият инҳисор ба он ҳафт хонавода (ҳафт фомил) дошт. Эрони сосонӣ, ки аз як сӯ ба рӯди Ҷайҳун ва аз сӯйи дигар ба кӯҳҳои Қафқоз ва рӯди Фурот мепайваст, ночор ҳудуди 140 милюн ҷамъият доштааст. Агар иддаи афроди ҳар як аз ҳафт хонадонро 100 ҳазор тан бигирем, шумораи эшон ба 700 ҳазор нафар*

мерасад. Ва агар фарз кунем, ки марзбонон ва деҳгонон, ки эшон низ то андозае аз ҳаққи моликият бахраманд будаанд низ 700 ҳазор нафар мешудаанд, тақрибан аз ин 140 милион, як милюну ним ҳаққи моликият дошта ва дигарон ҳама аз ин ҳаққи табиии худодод маҳрум будаанд. Ночор ҳар ойини тозае, ки ин имтиёзоти нораворо аз миён мебурд ва баробарӣ фароҳам мекард ва ба ин милионҳо мардуми ноком ҳаққи моликият медод ва имтиёзоти табақотиро аз миён мебурд, ҳамаи мардум бо шӯру ҳаяҷон бад-он мегаравиданд".

Дар "*Шоҳнома*"-и Фирдавсӣ, ки манобеаш ҳама эронӣ ва зартуштӣ аст, достони маъруфе омадааст, ки ба таври возеҳ низоми табақотии аҷиб ва табақоти баста ва муқфали он даврaро нишон медиҳад. Нишон медиҳад, ки таҳсили дониш низ аз мухтассоти табақоти мумтоз будааст.

Мегӯяд, дар ҷараёни ҷангҳои Қайсари Рум ва Анушервон, Қайсар ба тарафи Шомот, ки дар он вақт дар тасарруфи Анушервон буд қӯшун кашид ва сипоҳи Эрон ба муқобила пардохт. Дар асари тӯл кашидани муддат, хазонаи Эрон холӣ шуд. Анушервон бо Бузруҷмеҳр машварат кард. Қарор бар ин шуд, ки аз бозаргонон қарза бихоҳанд. Гурӯҳе аз бозаргонон даъват шуданд. Дар он миён як нафар "мӯзафурӯш" буд, ки аз назари табақотӣ чун кафшгар буд, аз табақоти паст ба шумор меомад. Гуфт: Ман ҳозирам тамоми қарзаро якҷо бидиҳам, ба шарти ин ки иҷоза дода шавад ягона кӯдакам, ки хеле моил аст дарс биёмӯзад, ба муаллим супурда шавад.

Бад-ӯ кафшгар гуфт, ман ин диҳам,
Сипосе зи ганҷур бар сар ниҳам…
Бад-ӯ кафшгар гуфт, к-эй хубчеҳр!
Наранҷӣ бигӯӣ ба Бузруҷмеҳр,
Ки андар замона маро кӯдакест,
Ки бозори ӯ бар дилам хор нест.
Бигӯӣ магар шаҳриёри ҷаҳон,
Маро шод гардонад андар ниҳон,
Ки ӯро супорам ба фарҳангиён,
Ки дорад сармояву ҳанги он.
Фиристода гуфт, ин надорам ба ранҷ,

Ки кӯтоҳ кардӣ маро роҳи ганҷ…

Биёмад бар шоҳ Бузруҷмеҳр,

Ки эй шоҳи некахтари хубчеҳр!

Яке орзу кард мӯзафурӯш,

Агар шоҳ дорад ба гуфтор гӯш.

Фиристода гуфто, ки ин мард гуфт,

Ки шоҳи ҷаҳон бо хирад бод ҷуфт.

Яке пур дорам расида ба ҷой,

Ба фарҳанг ҷӯяд ҳаме раҳнамой.

Агар шоҳ бошад бад-ин дастгир,

Ки ин покфарзанд гардад дабир.

Ба Яздон бихоҳам ҳаме ҷони шоҳ,

Ки ҷовид бодо ин сазоворгоҳ.

Бад-ӯ гуфт шоҳ, эй хирадмандмард!

Чаро дев чашми туро хира кард?

Бирав ҳамчунон боз гардон шутур,

Мабодо к-аз ӯ сим хоҳему зар.

Чу бозорагонбачча гардад дабир,

Хунарманду бодонишу ёдгир,

Чу фарзанди мо барнишинад ба тахт,

Дабирӣ биёядаш пирӯзбахт.

Хунар ёбад ар марди мӯзафурӯш,

Супорад бад-ӯ чашми бинову гӯш.

Ба дасти хирадманди марднажод,

Намонад ба ҷуз ҳасрату сарди бод.

Ба мо пас аз марг нафрин бувад,

Чун ойини ин рӯзгор ин бувад.

Ҳамакнун шутур бозгардон ба рох,

Дирам хоҳу аз мӯзадӯзон махоҳ.

Фиристода баргашту шуд бо дирам,

Дили кафшгар гашт пурдураду гам.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"Ба таври куллӣ, боло рафтан аз табақае ба табақаи дигар муҷоз набуд, вале гоҳе истисно воқеъ мешуд. Ва он вақте буд, ки яке аз оҳоди раъият аҳлият ва ҳунари хосае нишон медод. Дар ин сурат, бино бар номаи "Тенсер" (ё, Тансар) онро (бояд) бар шаҳаншоҳ арза кунанд, баъди таҷрибати мӯбадон ва ҳаробиза ва тӯли мушоҳидот, то агар мустаҳиқ бидонанд, ба гайри тоифа илҳоқ фармоянд… Мардумони шаҳрӣ нисбатан вазъи хубе доштанд. Онон ҳам монанди рустоиён молиёти саршуморӣ мепардохтанд, вале гӯё аз хадамоти низомӣ муоф буданд ва ба василаи саноат ва тиҷорат соҳиби молу ҷоҳ мешуданд. Аммо аҳволи раъоё ба маротиб аз онон бадтар буд, модомулумр маҷбур буданд дар ҳамон қаря сокин бошанд ва бигорӣ анҷом диҳанд ва дар пиёданизом хидмат кунанд. Ба қавли Омиёнус Морселинус: "Гурӯҳ-гурӯҳ аз ин рустоиён пиёда аз пайи сипоҳ мерафтанд, гӯӣ абадуддаҳр маҳкум ба убудият ҳастанд, ба ҳеч ваҷҳ музде ва подоше ба онон намедоданд"… Дар боби аҳволи раъоёе, ки дар зери итоати ашроф ва маллок будаанд, иттилои бештаре надорем. Омиёнус гӯяд: "Ашрофи мазбур худро соҳибихтиёри ҷони гуломон ва раъоё медонистанд". Вазъи раъоё дар баробари ашроф ва маллок ба ҳеч ваҷҳ бо аҳволи гуломон тафовуте надошт… Бо вуҷуди ин, назар ба аҳаммияти фавқулъодае, ки зироат дар дини Зартушт дошта, чунонки китобҳои муқаддас дар ситоиши ин кор муболиға кардаанд, мусаллам аст, ки ҳуқуқи қонунии зореъин аз рӯйи камоли диққат муайян будааст. Чанд нусук аз нусукҳои Аваста мӯҳтавии қоидаҳо ва аҳкоме дар ин хусус будаанд".

Ва ҳамчунин мегӯяд:

"Иттилоате, ки роҷеъ ба ҷомеаи эронӣ метавонем аз манобеи қадима истихроҷ кунем, ҳарчанд ноқис ва пароканда аст, вале моро бо як ҷомеае ошно мекунад, ки нерӯи зотӣ ва истеҳкоми ботинии он мубтанӣ бар алоиқи амиқ ва атиқе буд, ки роҷеъ ба пайванди халалнопазири дудмонӣ дошт. Қавонинро барои посбонии хонавода (хуннажод) ва дороӣ (моликият) вазъ карда буданд ва ба ин васила мехостанд имтиёзи табақотро бо диққати ҳарчи тамомтар ҳифз кунанд…"

Кристенсен (*Arthur Christensen*) дар фасли ҳаштуми китоби хеш низ намунаҳо ва далоил ва қароине барои зиндагии хашини табақотии он рӯз зикр мекунад.

Думезил (*Georges Dumézil*) низ дар мақолае таҳти унвони "*Табақоти иҷтимоии Эрони қадим*" тавзеҳоте дар ин замина додааст.

Масъалаи таълимоти умумӣ ва руҳонияти динӣ, ки бо ҳам марбут будаанд, вазъи хоссе доштааст.

Саъиди Нафисӣ мегӯяд:

"*Дар ин давра табақаи руҳониён дар Эрон бартарии комил дар ҳамаи шуъуни иҷтимоӣ доштанд. Руҳониён ба се даста тақсим мешуданд: нахуст мӯбадон буданд… Саркардаи мӯбадон ба унвони Мӯбадон мӯбад ё Мӯбади мӯбадон дар пойтахт, аввал шахси мамлакат ва дорои ихтиёроти номаҳдуд будааст… Пас аз мӯбадон, табақаи ҳирбадон буданд, ки қазоват ва таълим ва тарбияти фарзандон, супурда ба эшон будааст, ва дар ин давра таълим ва тарбият ва фаро гирифтани улуми мутадовал инҳисор ба мӯбадзодагон ва наҷибзодагон дошта ва аксарияти наздик ба иттифоқи фарзандони Эрон аз он маҳрум будаанд. Пас аз ҳирбадон, табақаи озарбадон буданд, ки ҳукми мутаваллиён ва ходимони оташкадаҳо ва мавқуфоти бисёри онҳоро доштаанд ва вазифаи эшон нахуст нигаҳдории оташҳои муқаддаси ҳар оташкадае ва сипас шустушӯ ва покиза нигоҳ доштани муҳаввататаи оташкада ва идора кардани маросими динӣ монанди намозҳо ва ҷашнҳои кустибандон барои кӯдакон ва заношӯиҳо ва маросими мурдагон будааст…*"

Баҳси дигар дар бораи низомоти иҷтимоии Эрон марбут аст ба режими ҳукумати Сосониён. Ҳукумати Сосониён истибдодии маҳз будааст. Онон худро осмонинажод ва мазҳари Худо медонистанд ва аз мардум ба камтар аз саҷда розӣ намешуданд, ва мардум бо ин вазъ хӯ гирифта буданд. Касоне, ки бихоҳанд аз ин назар ҷомеаи эронии он рӯзро мутолеа кунанд, метавонанд руҷӯъ кунанд ба китобҳои: "*Торихи адабиёт*"-и Эдворд Броун, ҷилди аввал, тарҷумаи оқои Алипошшо Солеҳ ва китоби "*Тамаддуни эронӣ*", таълифи ҷамъе аз ховаршиносон, тарҷумаи дуктур Баҳном ва "*Торихи иҷтимоии Эрон*", таълифи Саъиди Нафисӣ, ҷилди дуввум ва махсусан "*Эрон дар замони Сосониён*", таълифи Кристенсен (*Arthur Christensen*) муҳаққиқи донморкӣ, тарҷумаи Рашиди Ёсамӣ.

Мо феълан муқтазӣ намебинем дар ин бора баҳсе бикунем. Баъдан дар бахши "Хадамоти Эрон ба ислом" андаке дар ин бора баҳс хоҳем кард.

Низоми хонаводагӣ

"*Дар давраи сосонӣ чизе, ки беш аз ҳама дастхуши тасарруф ва носиху мансух ва ҷарҳу таъдили мӯбадон буд, "ҳуқуқи шахсӣ" аст; махсусан аҳкоми никоҳу ирс ба андозае печида ва мубҳам буд, ки мӯбадон ҳар чӣ мехостанд мекарданд ва дар ин замина ихтиёроте доштанд, ки дар ҳеч шариате ба руҳониён надодаанд*".

Тааддуди завҷот дар давраи сосонӣ ҷорӣ ва маъмул будааст. Зартуштиёни асри ахир дар садади инкори ин асл ҳастанд, вале ҷойи инкор нест, ҳамаи муаррихон навиштаанд, аз Ҳеродоти юнонӣ ва Астробун дар асри ҳахоманишӣ гирифта то муаррихони асри ҳозир.

Ҳеродот дар бораи табақаи ашрофи аҳди ҳахоманишӣ мегӯяд:

"*Ҳар кадом аз онҳо чанд зани ақдӣ доранд, вале иддаи занони ғайриақдӣ бештар аст*".

Астробун дар бораи ҳамин табақа мегӯяд:

"*Онҳо занони зиёд мегиранд ва бо вуҷуди ин, занони ғайриақдӣ бисёр доранд*".

Жустен, аз муаррихони асри ашконӣ, дар бораи ашкониён мегӯяд:

"*Теъдоди занони ғайриақдӣ дар миёни онҳо ва бахусус дар хонаводаи салтанатӣ, аз замоне мутадовал шуда буд, ки ба сарват расида буданд, зеро зиндагонии саҳрогардӣ монеъ аз доштани занони мутааддид аст*".

Он чӣ дар Эрони бостон дар миёни табақаи ашроф маъмул будааст, чизе болотар аз тааддуди завҷот яъне ҳарамсаро будааст, ва аз ин рӯ на маҳдуд ба ҳадде будааст, масалан чаҳорто ё бештар ё камтар, ва на машрут ба шарте аз қабили адолат ва тасовии ҳуқуқи занон ва тавоноии молӣ ё ҷинсӣ, балки ҳамон тавр, ки низоми иҷтимоӣ як низоми табақотӣ будааст, низоми хонаводагӣ низ чунин будааст.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Асли тааддуди завҷот, асоси ташкили хонавода ба шумор мерафт. Дар амал, иддаи заноне, ки мард метавонист дошта бошад, ба нисбати иститоати ӯ буд. Зоҳиран, мардони камбизоат ба таври куллӣ беш аз як зан надоштанд. Раиси хонавода (казгхузой, кадхудо) аз ҳаққи риёсати дудмон (сардории дудмон) баҳраманд буд. Яке аз занон, савгулӣ ва соҳиби ҳуқуқи комила маҳсуб шуда ва ӯро "зане подшоиҳо" (подшоҳзан) ё зани мумтоз мехондаанд. Аз ӯ пасттар зане буд, ки унвони хидматкорӣ дошт ва ӯро зани хидматкор "зане чагориҳо, чокарзан" мегуфтанд. Ҳуқуқи қонунии ин ду навъ завҷа мухталиф буд… Шавҳар мукаллаф буда, ки модомулумр зани мумтози*

худро нон диҳад ва нигаҳдорӣ намояд. Ҳар писаре то синни булуғ ва ҳар духтаре то замони издивоҷ дорои ҳамин ҳуқуқ будаанд, аммо завҷаҳое, ки унвони "чокарзан" доштаанд, фақат авлоди зукури онон дар хонаводаи падарӣ пазируфта мешудааст. Дар китобҳои порсии мутааххир панҷ навъ издивоҷ шумурда шудааст, вале зоҳиран дар қавонини сосонӣ ҷуз ду қисме, ки зикр шуд, қисми дигаре набудааст".

Духтар мустақиллан ҳаққи ихтиёри шавҳар надошт. Ин ҳақ ба падар ихтисос дошт. Агар падар дар қайди ҳаёт набуд, шахси дигаре иҷозаи шавҳар додани духтарро дошт. Ин ҳақ нахуст ба модар таъаллуқ мегирифт, ва агар модар мурда буд, мутаваҷҷеҳи яке аз амуҳо ё доиҳои ӯ мешуд.

Шавҳар бар амволи зан вилоят дошт ва зан бидуни иҷозаи шавҳар ҳақ надошт дар амволи хеш тасарруф кунад. Ба мӯҷиби қонуни заношӯӣ фақат шавҳар шахсияти ҳуқуқӣ дошт. Шавҳар метавонист ба василаи як санади қонунӣ занро шарики хеш созад. Дар ин сурат зан шарикулмол мешуд ва метавонист мисли шӯйи худ дар он тасарруф кунад. Фақат бад-ин васила завҷа метавонист муомилаи саҳеҳе шахси солис ба амал оварад.

Ҳар гоҳ шавҳаре ба зани худ мегуфт: аз ин лаҳза ту озод ва соҳибихтиёри худат ҳастӣ, зан бад-ин васила аз назди шавҳари худ тард намешуд, вале иҷозат меёфт ба унвони "зани хидматкор" (чокарзан) шавҳари дигаре ихтиёр кунад… Фарзандоне, ки дар издивоҷи ҷадид дар ҳаёти шавҳари аввалаш мезоид, азони шавҳари аввалаш буд, яъне зан таҳти табаияти шавҳари аввал боқӣ мемонд.

Шавҳар ҳақ дошт ягона зани худро ё яке аз занонашро (ҳатто зани мумтози худро) ба марди дигаре, ки бе он ки қусуре карда бошад мӯҳтоҷ шуда буд бисупорад (ория бидиҳад), то ин мард аз хадамоти он зан истифода кунад. Ризояти зан шарт набуд. Дар ин сурат шавҳари дуввум ҳаққи дахлу тасарруф дар амволи занро надошт ва фарзандоне, ки дар ин издивоҷ мутаваллид мешуданд, мутаъаллиқ ба хонаводаи шавҳари аввал буданд ва монанди фарзандони ӯ маҳсуб мешуданд… Ин амалро аз аъмоли хайр медонистанд ва кӯмак ба як ҳамдини тангдаст мешумурданд. (*Эрон дар замони Сосониён, с.354; Торихи иҷтимоии Эрон, ҷ.2, с.45*)

Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

“Яке аз муқаррароти хоссаи фиқҳи сосонӣ “издивоҷи абдол” аст, ки нависандаи “*Номаи Тенсер*” ба шарҳи он пардохтааст ва тафсили он дар китоби “*Алҳинд*”-и Берунӣ аст, ки мустақиман аз тарҷумаи мафқуди Ибни Алмуқаффаъ гирифта ва он ин аст:

اذا مات الرجل ولم يخلف ولدا (فلينظروا) فان كانت له امرأة زوجوها من اقرب عصبته باسمه، وان لم يكن له امرأة فابنه المتوفى او ذات قرابته، فان لم توجد خطبوا على (العصبة) من مال المتوفى، فما كان من ولد فهو له ومن اغفل ذلك ولم يفعل فقد قتل ما لا يحصى من الانفس لانه قطع نسل المتوفى وذكره الى آخره

Хулоса ин аст, ки: барои ин ки номи хонаводаҳо маҳфуз бимонад ва асли моликияти хонадонҳое, ки ҳаққи моликият доштаанд мутазалзил нашавад ва сарвате, ки аз онҳо боқӣ мемонад ба дасти бегона наафтад, агар касе мемирад ва фарзанди писаре аз ӯ боқӣ наметмонад ва ба истилоҳ уҷоқаш кӯр мемонд, “издивоҷи ниёбӣ” баъд аз фавташ анҷом медоданд. Қоида ва қонун ин буд, ки лузуман зани ӯро ба наздиктарин хешовандонаш, вале ба номи вафотёфта шавҳар диҳанд. Ва агар зан надорад, духтараш ва ё яке аз занони наздикашро ба номи ӯ ба наздиктарин хешовандонаш шавҳар диҳанд. Ва агар набуд, зани бегонаеро бо моли ӯ ҷаҳизия дода ва ба ниёбат аз ӯ ба яке аз хешовандони наздикаш шавҳар диҳанд. Писаре, ки аз ин “издивоҷи ниёбӣ” падид меояд, қонунан писари вафотёфта маҳсуб ва вориси ӯ шумурда мешавад. Ва касе, ки аз адои ин таклиф ғафлат варзад, сабаби қатли нуфуси зиёде шуда, зеро насли вафотёфтаро қатъ карда ва номи ӯро то абад ба фаромӯшӣ супурдааст.

Дар боби ирс муқаррар буд, ки зани мумтоз ва писаронаш яксон ирс бибаранд. Ба духтарони шавҳарнакарда нисфи саҳм медоданд. Чокарзан ва фарзандони ӯ ҳаққи ирс надоштанд, вале падар метавонист қаблан чизе аз дороии худро ба онон бибахшад ё васият кунад, ки пас аз марг ба онон бидиҳанд. (*Ҳамон мадрак, с.357*)

Кристенсен (*Arthur Christensen*) шарҳи муфассале дар бораи расми “писархондагӣ”, ки аз эҳтимоми фавқулъодаи он давра ба ҷилавгирӣ аз муталошӣ шудани номи хонаводаҳо сарчашма мегирад, нақл мекунад. Мо барои иҷтиноб аз итолаи бештари сухан, аз зикри онҳо худдорӣ мекунем.

Милок ва меҳвари муқаррароти хонаводагӣ ду чиз буда ва ҳамаи муқаррарот барои ҳифзи он ду будааст: нажод, сарват.

Издивоҷ бо маҳорим, ки суннати роиҷ буда ва дар он аҳд ва аз даврони пешин собиқа доштааст, рӯйи ҳамин асос қарор доштааст. Яъне хонадонҳо барои ин ки монеи ихтилоти хуни худ бо бегона ва афтодани сарвати худ дар ихтиёри бегона бишаванд, кӯшиш мекардаанд, то ҳадди имкон бо акрабои наздики худ издивоҷ кунанд. Ва чун ин амал бар хилофи муқтазои табъ буда, бо зӯру қудрати мазҳаб ва ин ки ачру подошаш дар ҷаҳони дигар азим аст ва касе, ки имтиноъ варзад ҷояш дар дӯзах аст, онро каму беш ба хӯрди мардум медодаанд.

Дар китоби "*Ардо Вирофнома*", ки онро ба "*Некшопур*" аз донишмандони замони Хусрави аввали Нӯшинравон нисбат додаанд ва шарҳе аз меъроҷи руҳ аст, чунин омадааст, ки дар осмони дуввум равонҳои касонеро дидааст, ки "хуитук дас" (*асвастоӣ: xᵛaētuuadaθa, издивоҷ бо маҳорим*) карда буданд ва то ҷовидон омурзида шуда буданд, ва дар дуртарин ҷоҳои дӯзах, равони занеро гирифтори азоби ҷовидони дида, зеро, ки "хуитук дас"-ро ба ҳам задааст. Саранҷом гуфта шудааст "Вироф", ки равони вай ба меъроҷ рафта ҳафт тан аз хоҳарони худро ба ҳамсарӣ баргузидааст. Дар китоби севвуми "Динкарт" (*Dēnkart*) дар ин замина истилоҳоти дигаре ба кор рафта, аз он ҷумла истилоҳи "наздпайванд" аст, ки ба маънии пайванд бо наздикон бошад, ва дар ин замина ба пайванди падар бо духтар ва бародар бо хоҳар ишора кардаанд. Нӯсоибурзмеҳр (*Nosaiburzmitr*) аз руҳониёни зартуштӣ, ки ин қисмат аз Динкартро тафсир карда судҳои бисёре барои ин гуна заношӯӣ оварда ва гуфтааст, ки гуноҳони ҷонкоҳро ҷуброн мекунад. (*Торихи иҷтимоии Эрон, ҷ.2, с.39*)

Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Эҳтимом дар покии насаб ва хуни хонавода яке аз сифоти боризаи ҷомеаи эронӣ ба шумор мерафт, то ба ҳадде, ки издивоҷ бо маҳоримро ҷоиз мешумурданд ва чунин васлатеро "хуитук дас" (асвастоӣ: xᵛaētuuadaθa) мехонданд. Ин расм аз қадим маъмул буд, ҳатто дар аҳди Хахоманишиён. Агарчӣ маънии лафзи xᵛaētuuadaθa дар Авастои мавҷуд мусарраҳ нест, вале дар нусукҳои мафқуд мурод аз он бе шубҳа музоваҷат бо маҳорим буд*".

Зартуштиён ва махсусан порсиёни Ҳинд дар асри ахир, ки эҳсоси шаноат кардаанд ва худ онро тарк кардаанд, ахиран дар садади инкори ин амал шуда ва аз асл онро ба унвони як суннати зартуштӣ инкор кардаанд, дар садад баромадаанд барои калимаи *"хуитук дас"* таъвил ва тавҷеҳе бисозанд. Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

“*Бо вуҷуди асноди мӯътабаре, ки дар манобеи зартуштӣ ва китобҳои бегонагони муосири аҳди сосонӣ дида мешавад, кӯшише, ки баъзе аз порсиёни ҷадид барои инкори ин амал яъне васлат бо ақориб мекунанд, беасос ва сабуксарона аст*”.

Саъиди Нафисӣ мегӯяд:

“*Чизе, ки аз асноди он замон ҳатман ба даст меояд ва бо ҳамаи ҳаёҳуи ҷоҳилона, ки ахиран кардаанд, аз бадеҳиёти мусаллами тамаддуни он замон аст ин аст, ки никоҳи наздикон ва маҳорим ва заношӯӣ дар миёни ақориби дараҷаи аввал ҳатман маъмул будааст*”.

Саъиди Нафисӣ он гоҳ нусусеро, ки дар китобҳои муқаддаси зартуштиён аз қабили Динкарт омадааст ва тасреҳоте, ки нависандагони исломӣ аз қабили Масъудӣ, Абуҳайёни Тавҳидӣ, Абӯалӣ ибни Мискавайҳ кардаанд, меоварад ва ҷараёни издивоҷи Қубод бо духтар ё хоҳарзода, ва издивоҷи Баҳроми Ҷӯбин бо хоҳар, ва издивоҷи Мехрон Гушнасб — ки баъд масеҳӣ шуд — бо хоҳари худро ёдовар мешавад.

Марҳуми Мушируддавла дар китоби нафиси худ “*Эрони бостон*” аз Астробун, муаррихи қадими юнонӣ, дар бораи Ҳахоманишиён нақл мекунад, ки: “*Инҳо (мугҳо) мувофиқи одоташон ҳатто модаронашонро издивоҷ мекунанд*”.

Дар бораи Ашкониён мегӯяд:

“*Баъзе аз муаррихони хориҷа, издивоҷи шоҳони ашкониро бо ақрабо ва хешони наздик бо ниҳояти нафрат зикр мекунанд. Чунин нисбатеро Ҳеродот ба Камбуҷия, ва Плутарх ба Ардашери дуввуми ҳахоманишӣ додаанд ва лекин баъзе аз нависандагони порсии зартуштӣ ин нисбатро рад карда, мегӯянд, калимаи хоҳарро дар мавриди ашкониён набояд ба маънии ҳақиқӣ фаҳмид. Куллияи шоҳзодахонумҳоро шоҳони портӣ хоҳар мехонданд, зеро аз як дудмон ва хонавода буданд ва духтараму ва наваи аму ва гайраҳо низ дар таҳти ин унвон дармеомаданд*”.

Он гоҳ худи Мушируддавла изофа мекунад ва мегӯяд:

“*Вале чун дар торихнависӣ бояд ҳақиқатро ҷустуҷӯ кард ва навишт, ҳоҷҷи масъала ин аст, ки издивоҷ бо ақрабои хеле наздик дар Эрони қадим мавсум ба “хуитук дас” писандида буда ва зоҳиран ҷиҳати онро ҳифзи хонавода ва покии нажод қарор медоданд*”.

Яъқубӣ, муаррихи мӯътабари қарни севвуми ҳичрӣ, ки худ эронӣ аст низ мегӯяд:

“*Эрониён бо модарон ва хоҳарон ва духтарони худ издивоҷ мекарданд ва ин корро навъе силаи раҳм ва ибодат медонистанд*”.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) дар бораи исавиёни Эрон мегӯяд:

"*Онҳо низ ба тақлиди зартуштиён бар хилофи қавонини мазҳабии худ, ба музоваҷат бо ақориб одат карда буданд. Морбаҳо, ки дар соли 540 мелодӣ ҷосалиқи исавиён шуда буд, бар зидди ин амр, ки хилофи шаръи насоро буд кӯшише фавқулъода кард*".

Дар садри ислом издивоҷ бо маҳорим миёни зартуштиён амри роиҷе будааст, аз ин рӯ ин масъала пеш омадааст, ки гоҳе баъзе аз мусалмонон баъзе аз зартуштиёнро ба иллати ин кор мавриди маломат ва дашном қарор медоданд ва онҳоро бад-ин сабаб зинозода мехонданд, аммо пешвоёни ислом мусалмононро аз ин бадгӯӣ манъ мекарданд, таҳт ин унвон, ки ин амал дар қонуни онҳо муҷоз аст ва ҳар қавме никоҳе доранд ва агар мутобиқи шариати худ издивоҷ кунанд фарзандонашон зинозода маҳсуб намешванд. Ва ҳам дар ривоёти боби "ҳудуд" омадааст, ки дар ҳузури Имом Содиқ алайҳис-салом шахсе аз шахси дигар пурсид, ки бо он марде, ки аз ӯ талабкор будӣ чӣ кардӣ? Он мард гуфт: Ӯ як валадуззиност. Имом сахт барошуфт, ки ин чӣ сухане буд? Он шахс гуфт: Қурбонат гардам! Ӯ маҷусӣ аст ва модараш духтари падараш аст ва аз ин рӯ, ҳам модараш аст ва ҳам хоҳараш, пас қатъан валадуззиност. Имом фармуд: Магар на ин аст, ки дар дини онҳо ин амал ҷоиз аст ва ӯ ба дини худ амал кардааст? Пас, ту ҳақ надорӣ ӯро валадуззино бихонӣ. (*Васоилуш шиъа, с.439*) Садуқ дар "*Тавҳид*" ривояте нақл мекунад ва ҳамон ривоят дар "*Васоилуш-шиъа*" (абвобун никоҳ) омадааст, ки рӯзе аз рӯзҳо Алӣ алайҳис-салом аз мардум тақозо мекард, то зинда аст, фурсатро муғтанам шумурда мушкилоти хешро бипурсанд ва ин ҷумларо такрор мекард:

سلوني قبل ان تفقدون

("*Аз ман бипурсед, пеш аз он ки аз миёни шумо биравам*") Яке аз суолкунандагон Ашъас ибни Қайси Кендӣ буд. Ин мард нисбат ба эрониён назари хуше надошт ва мо муҷодилаи ӯро бо Алӣ алайҳис-салом дар бораи эрониён дар сафаҳоти пеш нақл кардем. Ин мард аз Алӣ алайҳис-салом суол кард: Чаро бо маҷус монанди аҳли китоб муомила мекунед ва аз онҳо ҷизя мегиред ва ҳол он ки онҳо китоби осмонӣ надоранд?

Алӣ алайҳис-салом фармуд: Онҳо китобе доштаанд. Худованд паёмбаре дар миёни онҳо мабъус фармуд ва дар шариати он паёмбар издивоҷ бо маҳорим ҷоиз набуд. Яке аз подшоҳони онҳо дар як шаб, ки маст буд, дар ҳоли мастӣ бо духтари хеш даромехт. Мардум

огоҳ шуданд ва шӯриш карданд ва гуфтанд: Ту дини моро фосид кардӣ ва акнун лозим аст бар ту ҳадд ҷорӣ кунем. Он подшоҳ найранге андешид, ба онҳо гуфт: Ҳама гирд ойед ва сухани маро бишнавед, агар носавоб буд, ҳар тасмиме мехоҳед, бигиред. Мардум ҷамъ шуданд ва ӯ ба онҳо гуфт: Худатон медонед, ки дар миёни афроди башар ҳеч кас ба пойи падарбузург ва модарбузурги мо Одам ва Ҳавво намерасад. Ҳама гуфтанд: Рост аст. Гуфт: Магар на ин аст, ки ин ду бузургвор, ки соҳиби писарон ва духтарон шуданд, ҳамонҳоро бо якдигар зану шавҳар қарор доданд? Гуфтанд: Рост мегӯӣ. Гуфт: Пас, маълум мешавад, ки издивоҷ бо маҳорим аз қабили духтар ё хоҳар монеъе надорад. Мардум бо ин баён қонеъ шуданд ва аз он пас ин расм машрӯъ талаққӣ шуд ва мардум амал карданд. (*Тавҳиди Садуқ, 3/46*)

Аз ин суолҳо ва ҷавобҳо бармеояд, ки дар садри ислом зартуштиён заношӯӣ бо маҳоримро иҷро мекарданд ва ба ҳамин ҷиҳат мавриди баҳсу пурсиш воқеъ мешудааст.

Фуқаҳои ислом, аъамм аз шиъа ва суннӣ ва аъамм аз эронӣ ва ғайри эронӣ, дар абвоби мухталифи фиқҳ ин баҳсро ба унвони як масъала, ки дар хориҷ мисдоқ дорад, тарҳу баҳс мекардаанд. Ин фуқаҳо ғолибан эронӣ буданд ва бархе аз онҳо монанди Абӯҳанифа аз ду пушт болотар маҷусӣ будаанд ва агар чунин суннате дар миёни зартуштиён роиҷ намебуд, маҳол буд, ки чунин баҳсе дар фиқҳи садри аввали ислом тарҳ шавад.

Шайхи бузургвор Абӯҷаъфари Тӯсӣ дар китоби "*Алхилоф*" (ҷилди дуввум, китобул-фароиз, масъалаҳои 119 то 123) масоили марбут ба мероси маҷусиро хусусан он гоҳ, ки аз ду ҷиҳат милоки ирс дар ӯ бошад, яъне масалан ворис ҳам модари вафотёфта бошад ва ҳам хоҳари падари ӯ, тарҳ карда ва ҷавоб додааст ва назариёти соири фуқаҳои исломро низ мунъакис кардааст.

Инкори вуҷуди чунин суннате дар миёни зартуштиён, аз қабили инкори бадеҳиёт аст, вале зартуштиён ахиран барои чандумин бор дар торихи ин ойин, дар садади таҷдиди назар ва ҳакку ислоҳ дар усул ва фурӯи он баромадаанд ва ночор дурӯғҳои маслиҳатии зиёдеро дар ин замина таҷвиз кардаанд.

Таълим ва таъаллуми занон

Бо ин ки занон маҷмӯан вазъи ногуворе доштаанд, гоҳе ба ҷараёноти торихие бармехӯрем, ки нишон медиҳад, бархе занон аз назари таҳсилоти олӣ мақоми шомихе доштаанд. Муҳаққиқон як китоби ҳуқуқиро, ки дар он аҳд навишта шудааст ном мебаранд ба номи "*Мотикони ҳазор дотистон*" яъне гузориши ҳазор фатвои қазоӣ. Қисмате аз ин китоб мавҷуд аст ва бархе аз муҳаққиқони урупоӣ аз қабили Бартоломе (*Christian Bartholomae*) онро тарҷума ва чоп кардаанд. Дар ин китоб номи гурӯҳе аз қузоти он аҳд омадааст, ва албатта манобеи ҳуқуқии он аҳд Авасто ва Занд будааст. Дар ин китоб достоне омадааст мабнӣ бар ин ки:

"*Яке аз қузот дар мавқеъе, ки ба маҳкама мерафт, панҷ зан ӯро иҳота карданд ва яке аз онҳо суолоте аз ӯ намуд роҷеъ ба баъзе аз маводди махсуса аз боби гарав ва замонат. Ҳамин ки ба охирин суол расид, қозӣ ҷавобе надошт. Яке аз занон гуфт: Эй устод! Мағзатро аз ин бобат хаста макун ва бетаъоруф бигӯ намедонам. Ба илова, мо худ ҷавоби онро дар шарҳе, ки "Гулӯгон андарзбуд" навиштааст хоҳем ёфт". (Эрон дар замони Сосониён, с.440*)

Оё ин достон метавонад далел бар ин бошад, ки занони он давра аз таълимоти умумӣ баҳраманд будаанд?

Ҳамон тавр, ки Бартоломе таҳқиқ кардааст ва таҳқиқоти ӯ дар бораи ҳуқуқи зан дар давраи сосонӣ мабнои назариёти Кристенсен (*Arthur Christensen*) воқеъ шудааст, дар хонаводаҳои мумтоз занон гоҳе аз таълимоти олӣ бархӯрдор будаанд. Яъне асли "зиндагии табақотӣ" дар ин маврид низ монанди ҳамаи мавориди дигар ҳукмфармо будааст. Ҳамчунон ки дар давраи сосонӣ ду тан аз духтарони Хусрави Парвиз: Пурондухт ва Озармидухт барои муддати кӯтоҳе салтанат карданд. Интихоби онҳо ба салтанат, ба воситаи эътиқоди азиме буд, ки эрониён ба "тухмаи шоҳӣ" доштанд. Эрониён шоҳони хешро эзаднажод мепиндоштанд. Ардашери Бобакон, ки сарсилсилаи Сосониён аст, насаби хешро ба шоҳони қадимтари Эрон расонд, то аз ин ҷиҳат эроде набошад, ки чӣ гуна касе, ки аз "тухмаи шоҳӣ" нест, муддаии салтанат аст. Дар ошуфтагии пас аз Хусрави Парвиз ду тан, ки аз тухмаи шоҳӣ набуданд муддаии тоҷу тахт шуданд, вале чун аз тухмаи шоҳӣ набуданд, натавонистанд давом биёваранд. Духтарони Парвиз дар давраи ошуфтагии пас аз Парвиз аз он ҷиҳат ба подшоҳӣ расиданд, ки Ширавайҳ писари Хусрави Парвиз 17 тан бародарони

худро кушта буд ва танҳо касе, ки аз тухмаи шоҳӣ боқӣ монда буд ин ду духтар буданд. Эътиқоди азим ба хуну нажодро бо масъалаи ҳуқуқи зан набояд иштибоҳ кард. Подшоҳии Пурон ва Озармидухт ва ҳамчунин таҳсилоти олии чанд зан аз табақоти мумтозро натавон миқёсе барои ҳуқуқи зан ба таври умум дар он давра қарор дод.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Манобеи торихие, ки дорем, иттилое дар боби таъолими духтарон ба даст намедиҳад. Бартоломе чунин ҳадс мезанад, ки таълими духтарон бештар марбут ба усули хонадорӣ будааст. Ба илова, Багнаск сареҳан аз таълимоти зан дар фанни хонадорӣ баҳс мекунад. Бо вуҷуди ин, занони хонаводаҳои мумтоз гоҳе таълимоти бисёри амиқ дар улум таҳсил мекардаанд*".

Кристенсен (*Arthur Christensen*) дар фасли ҳафтуми китоб хеш, ки дар бораи наҳзати Маздакия баҳс мекунад мегӯяд:

"*Дар тавсифе, ки мо дар натиҷаи таҳқиқоти Бартоломе аз аҳволи ҳуқуқи занон дар аҳди Сосониён намудем, тазодди бисёр нишон медиҳад. Сабаби ин тазодд он аст, ки аҳволи қонунии зан дар тӯли аҳди Сосониён таҳаввулоте ёфтааст. Бино бар қавли Бартоломе, аз лиҳози илмӣ ва назарӣ зан дар ин аҳд ҳуқуқаш ба табаъи ғайр буда ва ё ба иборати дигар, шахсияти ҳуқуқӣ надошт, аммо дар ҳақиқат зан дар ин замон дорои ҳуқуқи мусалламае будааст. Дар замони Сосониён аҳкоми атиқ дар ҷанби қавонини ҷадид боқӣ буд ва ин тазодди зоҳирӣ аз он ҷост. Пеш аз он ки аъроби мусалмон Эронро фатҳ кунанд, муҳаққақан занони Эрон дар шуруфи таҳсили ҳуқуқ ва истиқлоли худ будаанд*".

Низоми ахлоқӣ

Агар бихоҳем руҳия ва дараҷаи ахлоқи умумии он рӯзи мардуми Эронро бидонем, мадорики кофӣ ва мустақим дар даст надорем, вале аз маҷмӯаи қароин метавон ба даст овард, ки руҳия ва ахлоқи умумӣ чӣ гуна будааст.

Ахлоқ ва руҳия ду навъ аст: табиӣ ва иктисобӣ. Ахлоқи табиии як қавм иборат аст аз хасоиси нажодӣ ва иқлимии онҳо. Виросат ва муҳити табиӣ ва ҷуғрофиёӣ ҳамчунон ки дар хусусиёти ҷисмии афроди башар аз ранги пӯсту чашму мӯ ва хусусиёти андом муассир аст, дар хусусиёти руҳӣ ва мушаххасоти ахлоқӣ ва руҳии онҳо низ муассир аст; бо ин тафовут, ки омили нажодӣ яъне виросат дар асари ихтилотҳо ва имтизоҷҳо ва издивоҷҳо ва нақлу

интиқолҳо ва муҳоҷиратҳо аз байн меравад ва шакли дигар пайдо мекунад, аммо омили минтақаӣ ва ҷуғрофиёӣ аз як суботи нисбӣ бархӯрдор аст. Отифа ва меҳрубонӣ, хунармӣ, меҳмоннавозӣ, тезҳушӣ ва суръати интиқол, обрӯдорӣ ва суратро бо селии сурх нигаҳ доштан, аз хасоисе аст, ки эрониён дар ҳамаи даврaҳо ба онҳо сутуда шудаанд.

Ахлоқи иктисобӣ вобаста аст ба дараҷаи тамаддун, албатта тамаддуни инсонӣ ва маънавӣ, на санъатӣ ва фаннӣ. Ахлоқи иктисобӣ аз тарафе вобаста аст ба навъи омӯзишу парвариш, ва аз тарафи дигар ба низомоти иҷтимоӣ ва сунан ва одоби ҳоким бар иҷтимоъ. Таъсири омили омӯзишу парвариш таъсири мустақим аст ва таъсири омили муҳити иҷтимоӣ таъсири ғайримустақим.

Қисмати муҳимме аз руҳия ва ахлоқи умумӣ аксуламали руҳии афрод аст дар муқобили ҷараёноте, ки дар муҳити иҷтимоии онҳо мегузарад ва махсусан сунан ва қавонине, ки бар зиндагии онҳо ҳукумат мекунад.

Эрониён аз назари ахлоқи табиӣ яъне ахлоқи виросӣ ва иқлимӣ мақоми шоистае доштаанд. Эрониён аз қадимулайём ба доро будани хасоиси олӣ сутуда шудаанд.

Ҳеродот, муаррихи маъруфи юнонӣ дар қарни панҷум қабл аз мелод, ки аслан аҳли Осиёи Сағир буда ва ӯро падари торих номидаанд, тавсифи нисбатан ҷомеъе аз мардуми Эрони он рӯз кардааст. Он чӣ Ҳеродот навишта маҷмӯае аз зиштиҳо ва зебоиҳост, вале метавон гуфт, зебоиҳояш бештар аст.

Ксенофон (*Xenophon*), шогирди маъруфи Сукрот, ки тақрибан як қарн баъд аз Ҳеродот будааст, яке дигар аз касоне аст, ки эрониёнро тавсиф кардааст, вале ӯ баръакси Ҳеродот, ки давраи эътилои Эронро дида ва тавсиф кардааст, давраи инҳитоти Эронро дида ва муқоисае миёни руҳия ва ахлоқи эрониён дар давраи Куруш ва руҳия ва ахлоқи онҳо дар аҳди худаш ба амал оварда ва тағйир ва инҳитоти ахлоқи эрониёнро дар давраи худаш тавзеҳ додааст.

Агар ахлоқи табиии эрониёнро бо соири милал муқоиса кунем, мусалламан агар бар соири милал пешӣ надошта бошанд, поинтар ҳам нестанд. Мо барои дурӣ ҷустан аз итолаи сухан, аз нақли порае мушаххасот аъамм аз хуб ё бад, ки гуфта шудааст аз хасоиси руҳи эронӣ аст, худдорӣ мекунем.

Дар ривоёти исломӣ хулқ ва руҳияи эронӣ мавриди ситоиш қарор гирифтааст, махсусан аз ду ҷиҳат: бетаъассубӣ ва озодфикрӣ, ва дигар донишдӯстӣ.

Дар ояти каримаи Қуръон омадааст:

وَلَوْ نَزَّلْنَاهُ عَلَى بَعْضِ الْأَعْجَمِينَ. فَقَرَأَهُ عَلَيْهِم مَّا كَانُوا بِهِ مُؤْمِنِينَ

Яъне агар Қуръонро бар фарде аз аҷам фурӯ мефиристодем, инон (аъроб) ҳаргиз имон намеоварданд. (*Сураи Шуъаро, оятҳои 198 ва 199*) Имом Содиқ алайҳис-салом фармуд: "*Оре, агар Қуръон бар аҷам нозил шуда буд, араб ба он имон намеовард, вале бар араб нозил гашт ва аҷам имон овард, ва ин фазилати аҷам аст*". (*Тафсири Софӣ, зайли ҳамин оят*) Ҳамчунин Имом Содиқ алайҳис-салом фармуд: "*Он кас, ки исломро аз рӯйи рағбат ва майл пазируфтааст, беҳтар аст аз он, ки исломро аз рӯйи тарс пазируфтааст. Мунофиқони араб аз рӯйи тарс исломро пазируфтаанд ва имонашон ҳақиқӣ нест, аммо эрониён ба майлу рағбати худ исломро пазируфтаанд". (Сафинатул-биҳор, моддаи "аҷам"*)

Абдуллоҳ ибни Умар аз Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) нақл кардааст, ки фармуд: "*Дар олами руъё гӯсфандоне сиёҳ дидам, ки гурӯҳи анбӯҳе гӯсфанди сафед дохили онҳо шуданд. Мардум аз он ҳазрат пурсиданд: Ё Расулаллоҳ! Ин хобро чӣ таъбир фармудед? Фармуд: Таъбири ин хоб он аст, ки аҷам дар дини шумо ва ҳам дар насаб ва хуни шумо шарик хоҳад шуд. Яъне ҳам ба дини шумо имон хоҳад овард ва ҳам бо шумо издивоҷ хоҳад кард ва хунаш бо шумо махлут хоҳад шуд. Мардум бо таъаҷҷуб пурсиданд: Ё Расулаллоҳ! Аҷам дини исломро хоҳад пазируфт ва сипас дар хуни мо бо мо шарик хоҳад шуд? Фармуд: Оре, агар имон ба ситораи сурайё овехта бошад, мардоне аз аҷам бад-он даст хоҳанд ёзид". (Ҳамон манбаъ*)

Кристенсен (*Arthur Christensen*) дар хотимаи китоби худ чанд сафҳаро ба ахлоқ ва руҳияи эрониён ихтисос додааст. Вай мегӯяд:

"*Ҷаҳони эронӣ ба сурате, ки муаррихони ғарб мисли Омиёнус Марселинус ва Прукупиус онро шинохта ва бо ҷанбаҳои неку бадаш васф кардаанд, ба назари мо ҷомеаи ашрофии маҳз меояд. Фақат табақоти олӣ муаррифи ин ҷомеа маҳсуб мешудаанд ва ба миллати Эрон ҷилва ва виҷҳаи хосси худро бахшидаанд*".

Тавзеҳоти Омиёнус Марселинус, ки Кристенсен ба тафсил нақл кардааст, ҳама марбут аст ба табақаи ашроф, ва табъан ҷанбаҳои пасти он бар ҷанбаҳои олии он зиёд мечарбад. Ҷанбаҳои олии кам дар он ёфт мешавад. Лузуме надорад мо онҳоро нақл кунем.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Нависандагони араб давлати сосониро, ки сармашқи сиёсати дували машриқӣ буда бо тамҷид ва таҳсин меситоянд ва миллати Эронро ба бузургӣ ном мебаранд*".

Он гоҳ аз китобе ба номи "*Хулосатул-аҷоиб*" ин иборатро нақл мекунад:

"*Ҳамаи ақвоми ҷаҳон бартарии эрониёнро изъон доштанд, хосса дар камоли давлат ва тадобири олии ҷангӣ ва ҳунари рангомезӣ ва таҳияи таом ва таркиби даво ва тарзи пӯшидани ҷома ва таъсисоти иёлот ва муроқибат дар ниҳодани ҳар чиз ба макони худ ва шеър ва тарассул ва нутқ ва хитоба ва қуввати ақл ва камоли покизагӣ ва дурусткорӣ ва ситоише, ки аз подшоҳони худ мекарданд; дар ҳамаи ин масоил бартарии эрониён бар ақвоми ҷаҳон мусаллам буд. Торихи ин қавм сармашқи касоне аст, ки пас аз онон ба назми мамолик мепардозанд*".

Аҷиб ин аст, ки Кристенсен (*Arthur Christensen*) пас аз нақли ҳамаи инҳо мегӯяд:

"*Эрониён дар тайи қуруни мутамодӣ, мақоми пешвоии маънавии худро дар миёни милали исломӣ нигоҳ доштанд, аммо нерӯи хулқӣ ва сиёсии онон баъд аз суқути давлати сосонӣ хеле заъиф шуд. Сабаби ин заъф — чунонки баъзе пиндоштаанд — ин нест, ки дини ислом аз ҳайси устувории мабонии ахлоқӣ камтар аз дини порсӣ будааст, балки яке аз иллатҳои инҳитоти миллати Эрон вазъи "ҳукумати омма" аст, ки бо ислом барқарор шуд. Табақоти нуҷабо рафта-рафта дар соири табақоти тӯда фурӯ рафта, маҳв гардиданд ва сифоте, ки мӯҷиби имтиёзи онон буд заъиф шуд*".

Албатта мақсуди Кристенсен аз нерӯи хулқӣ, ки дар радифи нерӯи сиёсӣ овардааст, ахлоқи сиёсӣ аст, ки бо ахлоқи инсонӣ дар ҷиҳати мухолиф қарор дорад. Аз назари ахлоқи сиёсӣ яъне ҳамон даричае, ки Кристенсен ин ҷо аз он дарича нигаристааст, суқути табақаи нуҷабо ва заъиф шудани сифоти хосси онҳо, ки ба мӯҷиби он сифот як ақаллияти ночиз ҳукумат ва қудрат ва сарватро дар даст гирифта ва ҳуқуқи аксарияти анбӯҳеро ба худ ихтисос медод ва онҳоро дар хидмати худ мегирифт ва истисмор менамуд ва давлати муқтадире бар рӯйи ин асос ба вуҷуд оварда буд, мӯҷиби таъассуф аст, аммо бо миқёс ва меъёри башарӣ ва аз назари ахлоқи инсонӣ, суқути табақаи ашроф ва боз шудани роҳ барои "ҳукумати омма" на танҳо мӯҷиби таъассуф нест, балки мӯҷиби камоли хурсандӣ аст.

Аз назари омӯзишу парвариш давраи сосонӣ, ки чӣ гуна буда ва бар чӣ асосе будааст, иттилои комиле дар даст нест; ҳар чӣ буда ҳамон буда, ки ба василаи "ҳирбад"-ҳо сурат

мегирифтааст. Ҳирбадҳо муҳтаваёти Авасторо ба мардум таълим медодаанд, чизи дигаре дар ихтиёр надоштаанд.

Он ойинае, ки аз ҳар ойинаи дигар беҳтар метавонад вазъи ахлоқии он рӯзи мардуми Эронро нишон бидиҳад, низомоти иҷтимоӣ ва хонаводагии он рӯз аст. Иҷтимои маданӣ ва ҳам иҷтимои хонаводагии он рӯз, иҷтимои мутаъодиле набудааст. Мо қаблан ба тафсил дар ҳар ду мавзӯъ баҳс кардаем.

Дар иҷтимои номутаъодил мардум тақсим мешаванд ба ду табақаи ақаллият ва аксарият: ақаллияти мутанаъим ва бархӯрдор, ва аксарияти маҳрум ва ниёзманд.

Табақаи бархӯрдор ва мутанаъим ба мӯҷиби вазъ ва ҳоли худ дорои навъе ахлоқ мегардад ва табақаи маҳрум дорои навъе дигар аз ахлоқ ва ҳеч кадом ахлоқи мутаъодил ва инсонӣ нахоҳанд дошт. Табақаи бархӯрдор дар ин иҷтимоъот маъмулан табақаест аз худ розӣ, мағрур, худписанд, лус, бекор ва бекора, тарсу, камҳавсала, каммуқовимат, нозпарварда, зудранҷ, исрофу табзиркун, айёш. Ин авсофро каму беш дар баёни Омиёнус Марселинус дар бораи нуҷабои Эрон мебинем. Аммо табақаи маҳрум дар ин гуна иҷтимоъот табақаест бадбин, кинатӯз, норозӣ, бадхоҳ, интиқомҷӯ, мӯътақид ба шонсу тасодуф, мункири назму адл дар ҷаҳон.

Ҳарчанд муаррихе тӯдаи мардуми Эронро дар он аср тавсиф накардааст, аммо қоидатан дар чунон иҷтимои табақотӣ ҷуз ин наметавонистааст бошад.

Дар Эрон молиёти сарона гирифта мешуд, вале ҳамон табақоте, ки беш аз дигарон мебоист машмули қонуни молиёт бошанд мустасно буданд. Анушервон, ки дар вазъи молиётҳо таҷдиди назар кард ва ислоҳоте намуд, боз ҳам "бузургон, нуҷабо, сарбозон, руҳониюн, дабирон ва соири хидматгузорони давлатро мустасно кард". (*Эрон дар даврai Сосониён, с.390*) Бадеҳӣ аст, ки ин табъизҳо ва истисноҳо руҳи табақаи молиётпардозро норозӣ ва осӣ мегардонид.

Аз бархе ҷараёноти торихии он аср каму беш метавон ба ахлоқи оммаи мардум пай бурд. "*Комил*"-и Ибни Асир менависад:

"*Ҳангоме, ки Рустами Фаррухзод дар сарзамини Байнаннаҳрайн ба муқобилаи сипоҳи ислом мерафт, бо арабе бархӯрд кард. Араб зимни гуфту шунуд бо Рустам, изҳори яқин кард, ки эроniён шикаст мехӯранд. Рустам ба танз гуфт: Пас, мо бояд бидонем, ки аз ҳамакнун дар ихтиёри*

шумо ҳастем. Араб гуфт: Ин аъмоли фосиди шумост, ки чунин сарнавиште барои шумо муайян кардааст. Рустам аз гуфту шунуд бо араб нороҳат шуд ва дастур дод, гардани ӯро бизананд. Рустам бо сипоҳиёнаш ба "Бурс" расиданд ва манзил карданд. Сипоҳиёни Рустам рехтанд миёни мардум ва амволашонро тороҷ карданд, ба занон дастдарозӣ карданд, шароб хӯрданд ва маст шуданд ва арбада кашиданд. Нолаву фарёди мардум баланд шуд, шикояти сарбозонро пеши Рустам бурданд. Рустам хитобае илҷо карда ба сипоҳиён, гуфт: Мардуми Эрон! Акнун мефаҳмам, ки он араб рост гуфт, ки аъмоли зишти мо сарнавишти шуме барои мо таъйин кардааст. Ман акнун яқин кардам, ки араб бар мо пирӯз хоҳад шуд, зеро ахлоқ ва равиши онҳо аз мо басе беҳтар аст. Ҳамоно Худованд дар гузашта шуморо бар душман пирӯз мегардонид ба ҳукми ин ки некрафтор будед, аз мардум рафъи зулм карда ба онҳо некӣ мекардед. Акнун, ки шумо тағйир ёфтаед, қатъан неъматҳои илоҳӣ аз шумо гирифта хоҳад шуд".

Китобсӯзии Эрон ва Миср

Аз ҷумла масоиле, ки лозим аст дар равобити ислом ва Эрон матраҳ шавад, масъалаи китобсӯзӣ дар Эрон ба василаи мусалмонони фотеҳи Эрон аст. Дар ҳудуди ним қарн аст, ки ба таври ҷиддӣ рӯйи ин масъала таблиғ мешавад, то он ҷо, ки онҷунон мусаллам фарз мешавад, ки дар китобҳои дабистонӣ ва дабиристонӣ ва донишгоҳӣ ва билохира дар китобҳои дарсӣ, ки ҷуз масоили қатъӣ дар онҳо набояд матраҳ гардад ва аз ворид кардани масоили машкук дар азҳони соддаи донишомӯзон ва донишҷӯён бояд худдорӣ шавад, низ мураттаб аз он ёд мешавад.

Агар ин ҳодиса воқеияти торихӣ дошта бошад ва мусалмонон китобхона ё китобхонаҳои Эрон ё Мисрро ба оташ кашида бошанд, ҷойи ин ҳаст, ки гуфта шавад, ислом моҳияти вайронгар дошта, на созанда; ҳаддиақал бояд гуфта шавад, ки ислом ҳарчанд созандаи тамаддун ва фарҳанге будааст, аммо вайронгари тамаддунҳо ва фарҳангҳое ҳам будааст. Пас, дар баробари хадамоте, ки ба Эрон карда, зиёнҳое ҳам ворид кардааст, ва агар аз назаре "мавҳибат" буда, аз назари дигар "фоҷеа" будааст.

Дар атрофи ин масъала, ки воқеан дар Эрон китобхонаҳо буда ва таъсисоти илмӣ аз қабили дабистон ва дабиристон ва донишгоҳ вуҷуд дошта ва ҳама ба дасти мусалмонони фотеҳ ба

бод рафтааст, он андоза гуфта ва навиштаанд, ки барои бархе аз афроди эронӣ, ки худ иҷтиҳоде дар ин боб надоранд, кам-кам ба сурати як асли мусаллам даромадааст.

Чанд сол пеш як шумора аз маҷаллаи "Тандуруст", ки сирфан як маҷаллаи пизишкӣ аст, ба дастам расид. Дар он ҷо хулосаи суханронии яке аз пизишкони баноми Эрон дар яке аз донишгоҳҳои ғарб дарҷ шуда буд. Дар он суханронӣ пас аз он ки ба мазмуни ашъори маъруфи Саъдӣ: "Бани Одам аъзои як пайкаранд" ишора карда ва изҳор дошта буд, ки барои аввалин мартиба ин шоири эронӣ андешаи Ҷомеаи Милалро парварондааст, ба суханони худ инчунин идома дода буд:

"*Юнони қадим маҳди тамаддун будааст; фалосифа ва донишмандони бузург монанди Суқрот… дошта, вале он чӣ битавон ба донишгоҳи имрӯз ташбеҳ кард, дар воқеъ ҳамон аст, ки Хусрав подшоҳи сосонӣ таъсис кард. Ва дар Шуш пойтахти Эрони он рӯз дорулилми бузурге ба номи "Гундишопур"… Ин донишгоҳ солҳо давом дошт, то ин ки дар замони ҳамлаи аъроб ба Эрон монанди соири муассисоти мо аз миён рафт. Ва бо он ки дини муқаддаси ислом сароҳатан таъкид кардааст, ки илмро ҳатто агар дар Чин бошад бояд ба даст овард, фотеҳини араб бар хилофи дастури сареҳи Паёмбари ислом ҳатто китобхонаи миллии Эронро оташ заданд ва тамоми таъсисоти илмии моро бар бод доданд ва аз он торих то муддати ду қарн, Эрон таҳти нуфузи аъроб боқӣ монд*".

Аз ин намуна ва аз ин даст, ки бидуни зикри ҳеч гуна санад ва мадраке матолибе инчунин гуфта ва навишта мешавад, фаровон аст. Мо пеш аз он ки ба таҳқиқи торихӣ дар бораи ин матлаб бипардозем ва сухани афродеро, ки ба истилоҳ як силсила "далелҳо" низ радиф кардаанд нақди илмӣ намоем, дар посухи ин пизишки мӯҳтарам, ки чунин қотеъона дар як маҷмаъи пизишкии ҷаҳонӣ — ки қоидатан иттилооти торихии онҳо ҳам аз эшон бештар набуда — изҳор доштааст, арз мекунем:

Аввалан, баъд аз давраи Юнон ва қабл аз таъсиси донишгоҳи Ҷундишопур дар Эрон, донишгоҳи азими Искандария буда, ки бо донишгоҳи Ҷундишопур тарафи қиёс набудааст. Мусалмонон, ки аз қарни дуввуми ҳичрӣ ва балки андаке ҳам дар қарни аввали ҳичрӣ ба нақли улуми хориҷӣ ба забони арабӣ пардохтанд, ба миқёси зиёде аз осори искандаронӣ истифода карданд. Тафсили онро аз китобҳои марбут метавон ба даст овард.

Сониян, донишгоҳи Ҷундишопур, ки бештар як маркази пизишкӣ буда, кучактарин осебе аз ноҳияи аъроби фотеҳ надид ва ба ҳаёти худ то қарни севвум ва чаҳоруми ҳичрӣ идома дод.

Пас аз он ки ҳавзаи азими Бағдод таъсис шуд, донишгоҳи Ҷундишопур таҳтушшуъо воқеъ гашт ва тадриҷан аз байн рафт. Хулафои аббосӣ пеш аз он ки Бағдод дорулилм бишавад, аз вуҷуди мунаҷҷимин ва пизишкони ҳамин Ҷундишопур дар дарбори худ истифода мекарданд. Ибни Мосуяҳо ва Бахтишуъҳо дар қарни дуввум ва севвуми ҳичрӣ фориғуттаҳсили ҳамин донишгоҳ буданд. Пас, иддаои ин ки донишгоҳи Ҷундишопур ба дасти аъроби фотеҳ аз миён рафт, аз камоли беиттилоӣ аст.

Солисан, донишгоҳи Ҷундишопурро уламои масеҳӣ, ки аз лиҳози мазҳаб ва нажод, ба ҳавзаи Рум (Антокия) вобастагӣ доштанд идора мекарданд. Руҳи ин донишгоҳ масеҳии румӣ буд, на зартуштии эронӣ. Албатта ин донишгоҳ аз назари ҷуғрофиёӣ ва аз назари сиёсӣ ва маданӣ ҷузъи Эрон ва вобаста ба Эрон буд, вале руҳе, ки ин донишгоҳро ба вуҷуд оварда буд, руҳи дигаре буд, ки аз вобастагии авлиёи ин донишгоҳ ба ҳавзаҳои ғайризартуштӣ ва хориҷ аз Эрон сарчашма мегирифт, ҳамчунон ки бархе марокизи илмии дигар дар Моваруннаҳр буда, ки таҳти таъсир ва нуфузи будоиён эҷод шуда буд. Албатта, руҳи миллати Эрон як руҳи илмӣ будааст, вале режими мӯбадии ҳоким бар Эрон дар давраи сосонӣ, режиме зиддиилмӣ буда ва то ҳар ҷо, ки ин руҳ ҳоким буда, монеи рушди улум будааст. Ба ҳамин далел, дар ҷануби ғарбӣ ва шимоли шарқии Эрон, ки аз нуфузи руҳи мазҳабии мӯбадӣ ба дур буда, мадраса ва анвои улум вуҷуд доштааст ва дар соири ҷоҳо, ки ин руҳ ҳоким буда, дарахти илм рушде надоштааст. Дар миёни нависандагони китобҳои адабӣ ва торихӣ ва ҷуғрофиёии дарсӣ барои дабиристонҳо, ки ғолибан бахшномавор матолиби болоро такрор мекунанд, марҳум дуктур Ризозодаи Шафақ — ки ҳам марде олим буд ва ҳам аз инсоф ба дур набуд — то ҳадде риояти инсоф кардааст. Мушорун илайҳ дар торихи адабиёти соли чаҳоруми адабӣ дар ин замина чунин менависад:

“*Дар давраи сосонӣ осори динӣ ва адабӣ ва илмӣ ва торихӣ аз таълифот ва тарҷума бисёр буда. Низ аз ахборе, ки роҷеъ ба шуаро ва овозхонҳои дарборӣ ба мо расидааст, истинбот мешавад, ки каломи манзум (шеър) вуҷуд доштааст. Бо вуҷуди ин, аз фаҳвои торих метавон фаҳмид, ки осори*

адабӣ дар адвори қадим доманаи бисёр васеъ надошта, балки то ҳадде махсуси дарбориён ва руҳониён будааст. Ва чун дар охирҳои давраи сосонӣ ахлоқ ва зиндагонии ин ду табақа яъне дарбориён ва руҳониён бо вуфури фитна ва фасоди дарбор ва зуҳури мазоҳиби гуногун дар дин фосид шуда буд, аз ин рӯ метавон гуфт, авзои адабии Эрон низ дар ҳангоми зуҳури ислом дурахшон набуда ва ба воситаи фасоди ин ду табақа, адабиёт низ рӯ ба сӯйи инҳитот мерафтааст".

Робеъан, ин пизишки мӯҳтарам, ки монанди иддае дигар тӯтивор мегӯянд "фотеҳини араб китобхонаи миллии моро оташ заданд ва тамоми таъсисоти илмии моро бар бод доданд", беҳтар буд таъйин мефармуданд, ки он китобхонаи миллӣ дар куҷо буда? Дар Ҳамадон буда? Дар Исфаҳон буда? Дар Шероз буда? Дар Озарбойҷон буда? Дар Нишопур буда? Дар Тисфун буда? Дар осмон буда? Дар зери замин буда? Дар куҷо будааст? Чӣ гуна аст, ки эшон ва касоне дигар монанди эшон, ки ин ҷумлаҳоро такрор мефармоянд, аз китобхонаи миллӣ, ки ба оташ кашида шуд иттилоъ доранд, аммо аз маҳалли он иттилоъ надоранд?

На танҳо дар ҳеч мадраке чунин матлабе зикр нашуда ва бо вуҷуди ин ки ҷузъиёти ҳаводиси футуҳоти исломӣ дар Эрон ва Рум забт шуда, номе аз китобхонае дар Эрон аъамм аз ин ки ба оташ кашида шуда бошад ва ё ба оташ кашида нашуда бошад, дар ҳеч мадраки торихӣ вуҷуд надорад, балки мадорик хилофи онро собит мекунад. Мадорик мегӯянд, ки дар ҳавзаи зартуштӣ алоқае ба илм ва китобат набудааст. Ҷоҳиз ҳарчанд араб аст, вале таъассуби арабӣ надорад, ба далели ин ки алайҳи араб зиёд навиштааст ва мо анқариб аз ӯ нақл хоҳем кард. Вай дар китоби "*Алмаҳосину вал-аздод*" мегӯяд: "*Эрониён алоқаи зиёде ба навиштани китоб надоштанд, бештар ба сохтмон алоқаманд буданд*". Дар китоби "*Тамаддуни эронӣ*" ба қалами ҷамъе аз ховаршиносон, тасреҳ мекунад ба адами ривоҷи навиштан дар мазҳаби Зартушт дар аҳди сосонӣ.

Муҳаққиқон иттифоқи назар доранд, ҳатто таксири нусахи Авасто мамнӯъ ва маҳдуд буд. Зоҳиран вақте Искандар ба Эрон ҳамла кард, аз Авасто ду нусха бештар вуҷуд надоштааст, ки яке дар Истахр буда ва ба василаи Искандар сӯзонида шудааст.

Назар ба ин ки дарсу мадраса ва саводу маълумот дар ойини мӯбадӣ мунҳасир ба дарбориён ва руҳониён буд ва соири табақот ва асноф мамнӯъ буданд, табъан илм ва китоб рушд намекард, зеро маъмулан донишмандон аз табақоти маҳрум бармехезанд, на аз табақоти мураффаҳ. Мӯзагарзодаҳо ва кӯзагарзодаҳо ҳастанд, ки Бӯалӣ ва Абӯрайҳон ва

Форобӣ ва Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ мешаванд, на аъёнзодагон ва ашрофзодагон. Ва ба илова, ҳамон тавр, ки марҳум дуктур Шафақ ёдовар шудааст, ин ду табақа ҳам дар аҳди сосонӣ ҳар як ба гунае фосид шуда буданд ва аз табақаи фосид интизори осори илмӣ ва фарҳангӣ намеравад.

Бидуни шак, дар Эрони сосонӣ осори илмӣ ва адабӣ камобеш будааст. Бисёре аз онҳо дар давраи исломӣ ба арабӣ тарҷума шуд ва боқӣ монд ва бидуни шак бисёре аз он осори илмӣ ва адабӣ аз байн рафтааст, вале на ба иллати китобсӯзӣ ё ҳодисае аз ин қабил, балки ба ин иллати табиӣ ва оддӣ, ки ҳар гоҳ таҳаввуле дар фикр ва андешаи мардум падид ояд ва фарҳанге ба фарҳанги дигар ҳуҷум оварад ва афкор ва азҳонро мутаваҷҷеҳи худ созад, ба наҳви ифрот ва зиёнбор фарҳанги куҳан мавриди бемеҳрӣ ва бетаваҷҷӯҳӣ воқеъ мегардад ва осори илмӣ ва адабии мутааллиқ ба он фарҳанг дар асари бетаваҷҷӯҳӣ ва беалоқагии мардум тадриҷан аз байн меравад.

Намунаи инро имрӯз дар ҳуҷуми фарҳанги ғарбӣ ба фарҳанги исломӣ мебинем. Фарҳанги ғарбӣ дар миёни мардуми Эрон “мӯд” шуда ва фарҳанги исломӣ аз “мӯд” афтодааст. Ва ба ҳамин далел, дар ҳифз ва нигаҳдории онҳо эҳтимом намешавад. Нусхаҳои боарзише дар улуми табиӣ, риёзӣ, адабӣ, фалсафӣ, динӣ дар китобхонаҳои хусусӣ то чанд сол пеш мавҷуд буда ва акнун маълум нест чӣ шуда ва куҷост. Қоидатан дар дӯкони баққолӣ мавриди истифода қарор гирифта ва ё ба торочи бод супурда шудааст. Мутобиқи нақли устод Ҷалолуддини Ҳумоӣ, нусхаҳои нафисе аз китобҳои хаттӣ, ки марҳуми Маҷлисӣ ба ҳукми имконоте, ки дар замони худ дошт, аз атрофу акнофи ҷаҳони исломӣ дар китобхонаи шахсии худ гирд оварда буд, дар чанд соли пеш бо тарозу ба мардум фурӯхта шуд. Қоидатан ҳангоми фатҳи Эрон китобҳое, ки баъзе аз онҳо нафис буда, дар китобхонаҳои хусусии афрод вуҷуд доштааст ва шояд то ду се қарни баъд аз фатҳи Эрон ҳам нигаҳдорӣ мешудааст, вале баъд аз фатҳи Эрон ва исломи эрониён ва ривоҷи хатти арабӣ ва фаромӯш шудани хатти паҳлавӣ, ки он китобҳо ба он хатт будааст, он китобҳо барои аксарияти қариб ба иттифоқи мардум билоистифода буда ва тадриҷан аз байн рафтааст. Аммо ин ки китобхона ё китобхонаҳое буда ва таъсисоти илмӣ вуҷуд доштааст ва аъроби фотеҳ ҳангоми фатҳи Эрон онҳоро ба амд аз байн бурда бошанд афсонае беш нест.

Иброҳими Пурдовуд, ки дараҷаи “ҳусни ният”-аш равшан аст ва ба қавли марҳуми Қазвинӣ, бо араб ва ҳар чӣ аз ноҳияи араб аст “душман” аст, дасту по карда аз гӯшаву канори торих қароине биёбад ва он қароинро, ки ҳатто номи қарина наметавон рӯйи онҳо гузошт (аҳёнан бо таҳриф дар нақл) ба унвони “далел” бар китобсӯзии аъроби фотеҳ дар Эрон ва бар бод додани таъсисоти илмӣ ба кор бибарад. Баъд аз ӯ ва таҳти таъсири ӯ, афроде, ки лоақал аз баъзе аз онҳо интизор намеравад, ки таҳти таъсири ин мавҳум қарор гиранд, аз ӯ пайравӣ кардаанд.

Марҳум дуктур Муин аз он ҷумла аст. Марҳум дуктур Муин дар китоби “*Маздаясно ва адаби порсӣ*” он ҷо, ки натоиҷи ҳамлаи араб ба Эронро зикр мекунад, мутаарризи ин матлаб шуда ва бештари он чӣ оварда аз Пурдовуд аст. Он чӣ ба унвони “далел” зикр карда иборат аст аз:

“*1) Сэр Ҷон Малкуми англисӣ дар торихаш ин қазияро зикр кардааст;*

2) Дар ҷоҳилият араб муқорини зуҳури ислом мардуми бесавод ва уммӣ буданд. Мутобиқи нақли Воқидӣ, дар Макка муқорини беъсати ҳазрати Расул фақат 17 тан аз Қурайш босавод буданд. Охирин шоири бадавии араб “Зуррумҳ” босавод будани худро пинҳон мекард ва мегуфт, қудрати навиштан дар миёни мо беадабӣ шумурда мешавад;

3) Ҷоҳиз дар китоби “Албаёну ват-табйин” нақл карда, ки рӯзе яке аз умарои қабилаи Қурайш кӯдакеро дид, ки ба мутолеаи китоби Сибавайҳ машғул аст. Фарёд баровард, ки “Шарм бар ту бод! Ин шугли омӯзгорон ва гадоён аст”. Дар он рӯзгор омӯзгорӣ яъне таълими атфол дар миёни араб бисёр хор буд, зеро ҳуқуқи онон шаст дирҳам беш набуд, ва ин музд дар назари эшон ночиз буд;

4) Ибни Халдун дар фасли “Алулумул-ақлия ва аснофуҳо” (аз муқаддимаи торихаш) гӯяд: Вақте кишвари Эрон фатҳ шуд, китобҳои бисёре дар он сарзамин ба дасти тозиён афтод. Саъд ибни Абиваққос ба Умар ибни Хаттоб дар хусуси он китобҳо нома навишт ва дар тарҷума кардани онҳо барои мусалмонон рухсат хост. Умар бад-ӯ навишт, ки он китобҳоро дар об афканад, чӣ агар он чӣ дар онҳост роҳнамоист, Худо моро ба раҳнамотар аз он ҳидоят кардааст, ва агар гумроҳист, Худо моро аз шарри он маҳфуз дошта. Бинобар ин, он китобҳоро дар об ё дар оташ афкандаанд ва улуми эрониён, ки дар он китобҳо мудавван буд аз миён рафт ва ба дасти мо нарасид. Абулфараҷ ибни Алибрӣ дар “Мухтасаруд-дувал” ва Абдуллатифи Багдодӣ дар китоби “Алифода

вал-эътибор" ва Қифтӣ дар "Торихул-ҳукамо" дар шарҳи ҳоли Яҳёи наҳвӣ, ва Ҳоҷ Халифа дар "Кашфуз-зунун" ва дуктур Сафо дар "Торихи улуми ақлӣ" аз сӯхтани китобҳои Искандария тавассути араб сухан рондаанд, (яъне агар собит шавад, ки аъроби фотеҳ китобхонаи Искандарияро сӯхтаанд, қарина аст, ки дар ҳар ҷо китобхонае меёфтаанд месӯхтаанд. Пас, баъид нест дар Эрон ҳам чунин коре карда бошанд), вале Шиблӣ Нӯъмон дар рисолае ба унвони "Китобхонаи Искандария" тарҷумаи Фахри Доӣ, ва ҳамчунин оқои (Муҷтабо) Минавӣ дар маҷаллаи "Сухан" 74, сафҳаи 584 ин қавлро (китобсӯзии Искандарияро) рад кардаанд;

5) Абӯрайҳони Берунӣ дар "Алосорул-боқия" дар бораи Хоразм менависад, ки: "Чун Қутайба ибни Муслим дубора Хоразмро пас аз муртад шудани аҳолӣ фатҳ кард, Ускуҷмукро бар эшон волӣ гардонид, ва Қутайба ҳар кас, ки хатти хоразмӣ медонист ва аз ахбор ва авзои эшон огоҳ буд ва аз улуми эшон мутталеъ, ба куллӣ фонӣ ва маъдумуласар кард ва эшонро дар ақтори арз мутафарриқ сохт ва лизо ахбор ва авзои эшон ба дараҷае махфӣ ва мастур мондааст, ки ба ҳеч ваҷҳ василае барои шинохтани ҳақоиқи умур дар он кишвар баъд аз зуҳури ислом дар даст нест". Ва ҳамчунин Абӯрайҳон дар ҳамон китоб нависад: "Ва чун Қутайба ибни Муслим нависандагони эшон (хоразмиён)-ро ҳалок кард ва ҳирбадони эшонро бикушт ва китобҳо ва навиштаҳои ононро бисӯхт, аҳли Хоразм уммӣ монданд ва дар умуре, ки мӯҳтоҷун илайҳи эшон буд, фақат ба маҳфузоти худ иттико карданд, ва чун муддат мутамодӣ гардид ва рӯзгори дароз бар эшон бигузашт, умури ҷузъии мавриди ихтилофро фаромӯш карданд ва фақат матолиби куллии мавриди иттифоқ дар ҳофизаи онон боқӣ монд".

6) Достони китобсӯзии Абдуллоҳ ибни Тоҳир, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ дар "Тазкиратуш-шуаро" овардааст".

Инҳо маҷмӯи ба истилоҳ далоиле аст, ки марҳум дуктур Муин бар китобсӯзӣ дар Эрон иқома кардааст. Дар миёни ин далелҳо танҳо далели чаҳорум, ки аз забони Ибни Халдун нақл шуда, ба илова бо достони китобсӯзии Искандария, ки Ибни Алибрӣ ва Бағдодӣ ва Қифтӣ онро нақл кардаанд ва бо он чӣ Ҳоҷ Халифа дар "*Кашфуз-зунун*" оварда мавриди таъйид қарор гирифтааст, қобил баррасӣ аст.

Далели ҳафтум ҳам ҳаст, ки марҳум дуктур Муин мутаарризи он нашуда, вале Ҷорҷи Зайдон ва баъзе нависандагони эронӣ, фаровон онро ёдоварӣ мекунанд ва далел бар зиддияти араб бо китоб ва китобат ва илм гирифта мешавад. Ва он ин ки: халифаи дуввум

ба шиддат ҷилави китобат ва таълифи китобро гирифта ва бо тарҳи шиори «"Ҳасбуно китобуллоҳ" (моро Қуръон бас аст) ба шиддат таълиф ва таснифро мамнӯъ эълом карда буд ва ҳар кас даст ба чунин коре мезад, ҷурм шинохта мешуд.

Ин мамнӯият то қарни дуввум идома ёфт ва дар қарни дуввум ба ҳукми ҷабри замон шикаста шуд.

Бадеҳӣ аст мардуме, ки ба худашон лоақал то сад сол иҷозаи таълиф ва тасниф надиҳанд, маҳол аст, ки ба таълифот ва таснифоти ақвоми мағлуба иҷозаи идомаи вуҷуд дар он муддат дода бошанд.

Мо нахуст далелҳое, ки марҳум дуктур Муин овардаанд, ба истисноӣ далели чаҳоруми эшон, нақду баррасӣ мекунем ва сипас ба ҳафтумин далел мепардозем. Он гоҳ ба тафсил вориди чаҳорумин далели дуктур Муин мешавем.

Аммо далели аввал, яъне гуфтаҳои Сэр Ҷон Малкум, инҳо ҳамонҳост, ки мо қаблан таҳти унвони "*Изҳори назарҳо*" ва таҳти унвони "*Маздаясно ва адаби порсӣ*" нақл кардем ва беэътибории онҳоро равшан намудем. Сэр Ҷон Малкум зоҳиран дар қарни 13 ҳичрӣ мезиста ва ночор гуфтаҳояш дар бораи ҳодисае, ки дар ҳудуди 13 қарн бо ӯ фосилаи торихӣ дорад, бояд ба як санади торихӣ мустанад бошад ва нест. Ба илова, ӯ ончунон таассуби зиддиисломии худро ошкор сохтааст, ки кучактарин эътиборе ба гуфтааш боқӣ наменомад.

Ӯ муддаӣ аст, ки пайравони паёмбари арабӣ шаҳрҳои Эронро бо хок яксон карданд (дурӯғе, ки дар қутии ҳеч атторе пайдо намешавад). Аҷаб аст, ки марҳум дуктур Муин гуфтори саросар номарбути Сэр Ҷон Малкумро ба унвони як далел зикр менамояд.

Аммо масъалаи "уммият" ва бесаводии араби ҷоҳилӣ, матлабест, ки худи Қуръон ҳам онро таъйид кардааст, вале ин чӣ далелест?! Оё ин ки араби ҷоҳилӣ бесавод буда, далел аст, ки араби исломӣ китобҳоро сӯзонидааст? Ба илова, дар фосилаи давраи ҷоҳилӣ ва давраи футуҳоти исломӣ, ки рубъи қарн тақрибан тӯл кашид, як наҳзати қалам ба василаи шахси Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) дар Мадина ба вуҷуд омад, ки ҳайратовар аст.

Ин араби ҷоҳилӣ ба дине рӯ овард, ки паёмбари он дин "фидя"-и бархе асиронро, ки хондан ва навиштан медонистанд, "таълим"-и атфоли мусалмонон қарор дод. Паёмбари

он дин бархе асҳоби худро ба таълими забонҳои ғайриарабӣ аз қабили сурёнӣ ва ибрӣ ва форсӣ ташвиқ кард. Худ гурӯҳе дар ҳудуди 20 нафар "дабир" дошт ва ҳар як ё чанд нафарро масъули дафтар ва коре қарор дод. Ин араби ҷоҳилӣ ба дине рӯ овард, ки китоби осмониаш ба қалам ва навиштан савганд ёд кардааст (*Сураи Қалам*) ва ваҳйи осмониаш бо "қироат" ва "таълим" оғоз гаштааст (*Сураи Алақ*).

Оё равиши пайғамбар ва тачлили Қуръон аз хондан ва навиштан ва донистан, дар араби ҷоҳилӣ, ки мачзуби Қуръон ва пайғамбар буд, таъсире дар эҷоди ҳисси хушбинӣ нисбат ба китоб ва китобат ва илм ва фарҳанг надоштааст?!

Аммо достони таҳқири Қурайш ва соири аъроби ҷоҳилӣ омӯзгорӣ ва муаллимиро, мегӯянд: Қурайш ва араб таълими атфолро хор мешумурданд ва кори муаллимиро паст мешумурданд, балки асосан савод доштанро нанг медонистанд.

Аввалан: дар худи он баён тасреҳ шуда, ки кори муаллимӣ ба иллати камии даромад хор шумурда шудааст, яъне ҳамон чизе, ки имрӯз (замони шоҳ) дар Эрони худамон шоҳиди он ҳастем. Омӯзгорон ва дабирон ва руҳониён ҷузъи табақоти камдаромади ҷомеаанд ва аҳёнан баъзе афрод ба ҳамин ҷиҳат тағйири шуғл ва масъулият медиҳанд.

Агар як омӯзгор ё дабир ё руҳонии ҷавон ба хостгории духтаре биравад ва он духтар хостгоре ҳам аз касаба ва ё табақаи доро ва бисозу бифурӯш ҳарчанд бесавод, дошта бошад, хонаводаи духтар тарҷеҳ медиҳанд, ки духтари худро ба он косиб ё доро бидиҳанд, то он омӯзгор ё дабир ё руҳонӣ. Чаро? Оё ба иллати ин ки илм ва маънавиятро хор мешумуранд? Албатта на, рабте ба таҳқири илм надорад. Духтар ба чунин табақае додан, қадре фидокорӣ мехоҳад ва ҳама омодаи ин фидокорӣ нестанд.

Аҷабо! Мегӯянд, ба далели ин ки фарде аз Қурайш китобхонии кӯдакеро таҳқир карда, пас араб мутлақан душмани илму китобат буда, пас ба ҳар ҷо пояш расида китобҳоро оташ задааст. Ин дуруст мисли ин аст, ки бигӯянд, ба далели ин ки Убайди Зоконӣ, адиб ва шоири эронӣ гуфтааст:

Эй хоҷа, макун то битавонӣ талаби илм,

К-андар талаби ротиби як рӯза бимонӣ.

Рав масхарагӣ пеша куну мутрибӣ омӯз,

То доди худ аз меҳтару кеҳтар биситонӣ.

… пас, мардуми Эрон умуман душмани илм ва мухолифи саводомӯзӣ ҳастанд ва ҳар ҷо китоб ва китобхона ба дасташон биафтад, оташ мезананд, ва баръакс тарафдори мутрибӣ ва масхарагӣ мебошанд. Ё бигӯянд, ба далели ин ки Абӯҳайёни Тавҳидӣ дар асари фақр ва тангдастӣ тамоми китобҳои худро сӯзонид, пас мардуми кишвараш душмани илму саводанд.

Аммо он чӣ Абӯрайҳон дар бораи Хоразм нақл кардааст, ҳарчанд мустанад ба санаде нест ва Абӯрайҳон мадрак нишон надодааст, вале назар ба ин ки Абӯрайҳон мардест, ки илова бар соири фазоил, муҳаққиқ дар торих аст ва ба газоф сухан намегӯяд ва фосилаи замонии зиёде надорад — зеро ӯ дар нимаи дуввуми қарни чаҳорум ва нимаи аввали қарни панҷум мезистааст ва Хоразм дар замони Валид ибни Абдулмалик дар ҳудуди соли 93 ҳ.қ фатҳ шудааст ва ба илова, худ аҳли Хоразм будааст — баъид нест, ки дуруст бошад.

Аммо он чӣ Абӯрайҳон нақл карда, аввалан, марбут ба Хоразм ва забони хоразмӣ аст, на ба китобҳои эронӣ, ки ба забони паҳлавӣ ё авастоӣ будааст.

Ва сониян, худи Абӯрайҳон дар муқаддимаи китоби "*Сайдала*" ё "*Сайдана*", ки ҳанӯз чоп нашуда, дар бораи забонҳо ва истеъдоди онҳо барои баёни мафоҳими илмӣ баҳс мекунад ва забони арабиро бар форсӣ ва хоразмӣ тарҷеҳ медиҳад ва махсусан дар бораи забони хоразмӣ мегӯяд: "*Ин забон ба ҳеч ваҷҳ қодир барои баёни мафоҳими илмӣ нест. Агар инсон бихоҳад матлабе илмӣ бо ин забон баён кунад, мисли ин аст, ки шутуре бар новдон ошкор шавад*". ("*Баррасиҳое дар бораи Абӯрайҳони Берунӣ, Муҷтабо Минавӣ*). Бинобар ин, агар воқеан як силсила китобҳои илмии қобили таваҷҷӯҳ ба забони хоразмӣ вуҷуд дошт, имкон надошт, ки Абӯрайҳон то ин андоза ин забонро ғайривофӣ муаррифӣ кунад. Китобҳое, ки Абӯрайҳон ишора карда, як идда китобҳои торихӣ буду бас. Рафтори Қутайба ибни Муслим бо мардуми Хоразм — ки дар давраи Валид ибни Абдулмалик сурат гирифта, на дар давраи хулафои рошидин — агар достон асл дошта бошад ва холӣ аз муболиға бошад (зеро оқои дуктур Зарринкӯб дар "*Корномаи ислом*" асли ин қиссаро машкук донистаанд), рафтори зиддиинсонӣ ва зиддиисломӣ буда ва бо рафтори соири фотеҳони исломӣ, ки Эрон ва Румро фатҳ карданд ва ғолибан саҳобаи Расули Худо ва таҳти таъсири таълимоти он ҳазрат буданд, табоюн дорад. Бинобар ин, кори ӯро, ки дар бадтарин давраҳои хилофати

исломӣ (давраи умавиён) сурат гирифта наметавон миқёси рафтори мусалмонон дар садри ислом, ки Эронро фатҳ карданд қарор дод.

Ба ҳар ҳол, он чо, ки эҳтимол меравад, ки дар Эрон таъсисоти илмӣ ва китобхона вуҷуд доштааст, Тисфун ё Ҳамадон ё Наҳованд ё Исфаҳон ё Истахр ё Рай ё Нишопур ё Озарбойҷон аст, на Хоразм. Забоне, ки эҳтимол меравад ба он забон китобҳои илмӣ вуҷуд дошта забони паҳлавӣ аст, на забони хоразмӣ. Дар давраи ислом китобҳои эронӣ, ки ба арабӣ тарҷума шуд, аз қабили "*Калила ва Димна*" ба василаи Ибни Муқаффаъ ва қисмате аз мантиқи Арасту ба василаи ӯ ё писараш, аз забони паҳлавӣ буда, на забони хоразмӣ ё забони маҳаллии дигар.

Кристенсен (*Arthur Christensen*) менависад:

"*Абдулмалик ибни Марвон дастур дод, китобе аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума карданд*".

Ин ки бо ҳамлаи як юришгар, осори илмии забоне ба куллӣ аз миён биравад ва мардум яксара ба ҳолати "уммият" ва бесаводӣ ва бехабарӣ аз торихи гузаштаашон бароянд, вежаи забонҳои маҳдуди маҳаллӣ аст. Бадеҳӣ аст, ки ҳаргиз як забони маҳдуди маҳаллӣ наметавонад ба сурати як забони илмӣ дарояд ва китобхонае ҳовии анвоъи китобҳои пизишкӣ, риёзӣ, табиӣ, нуҷумӣ, адабӣ, мазҳабӣ бо он забон ташкил шавад.

Агар забоне ба он ҳадд аз вусъат бирасад, ки битавонад китобхона аз анвоъи улум ташкил диҳад, бо як юриш мардумаш якбора табдил ба мардуми уммӣ намегарданд. Ҳамлае аз ҳамлаи муғул ваҳшатноктар набудааст; қатли омм ба маънии ҳақиқӣ дар ҳамлаи муғул рух намуд, китобҳо ва китобхонаҳо тӯъмаи оташ гардид, вале ҳаргиз ин ҳамлаи ваҳшатнок натавонист осори илмӣ ба забони арабӣ ва форсиро ба куллӣ аз миён бибарад ва робитаи насли баъд аз муғулро бо фарҳанги қабл аз муғул қатъ намояд. Зеро осори илмӣ ба забони арабӣ ва ҳатто ба забони форсӣ, густардатар аз ин буд, ки бо чандин қатли омми муғул аз байн биравад. Пас, маълум аст, ки он чӣ дар Хоразм аз миён рафта ҷуз як силсила осори адабӣ ва мазҳабии зартуштӣ, ки аз муҳтавои ин навъ китобҳои мазҳабӣ огоҳӣ дорем набудааст, ва Абӯрайҳон ҳам беш аз ин нагуфтааст. Диққат дар сухани Абӯрайҳон мерасонад, ки назараш ба китобҳои торихӣ ва мазҳабӣ аст.

Аммо достони китобсӯзии Абдуллоҳ ибни Тоҳир. Ин достон шунидании аст ва аҷиб аст, ки марҳум дуктур Муин ин достонро ба унвони далел ё қаринае бар китобсӯзии Эрон ба

василаи аъроби фотеҳи Эрон овардааст. Абдуллоҳ писари Тоҳири Зуляминайн, сардори маъруфи эронии замони Маъмун аст, ки фармондеҳии лашкари Хуросонро дар ҷанг миёни Амин ва Маъмун, писарони Ҳорунаррашид ба ҳимояти Маъмун бар ӯҳда дошт ва бар Алӣ ибни Исо, ки араб буд ва фармондеҳии сипоҳи арабро ба ҳимоят аз Амин дошт пирӯз шуд ва Бағдодро фатҳ кард ва Аминро кушт ва мулки ҳоруниро барои Маъмун мусаллам кард.

Худи Тоҳир шахсан зиддиараб буд. Ба Аллони Шуъубӣ, ки дар байтулҳикмаи Ҳорун кор мекард ва китобе дар "*Масолиби араб*" яъне дар зикри зиштиҳо ва айбҳои араб навишт, 30 ҳазор динор ё 30 ҳазор дирҳам ҷоиза дод. (*Аҳмад Амин, Зуҳал-ислом, ҷ.1, с.64*) Писараш Абдуллоҳ, ки китобсӯзӣ мустанад ба ӯст, сарсилсилаи Тоҳириён аст. Яъне барои аввалин бор ба василаи ӯ Хуросон эъломи истиқлол кард ва як давлати мустақилли эронӣ ташкил гардид.

Абдуллоҳ монанди падараш табъан руҳияи зиддиараб дошт. Дар айни ҳол, шигифтии торих ва шигифтии исломро бибинед: ҳамин Абдуллоҳи эронии зиддиараб, ки аз назари қувват ва қудрат ба ҳадде расида, ки дар муқобили халифаи Бағдод эъломи истиқлол мекунад, китобҳои эронии қабл аз исломро ба унвони ин ки бо вуҷуди Қуръон ҳамаи инҳо беҳуда аст, месӯзонад!

"*Рӯзе шахсе ба дарбори Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар Нишопур омад ва китобе форсӣ аз аҳди куҳан тақдим дошт. Чун пурсиданд, чӣ китобест? Посух дод: Достони "Вомиқ ва Азро" аст ва он қиссаи ширинро ҳукамо ба риштаи таҳрир оварда ва ба Анӯшервон эҳдо намудаанд. Амир гуфт: Мо Қуръон мехонем ва ниёзе ба ин китобҳо надорем. Каломи Худо ва аҳодис моро кифоят мекунад. Ба илова, ин китобро маҷусон таълиф кардаанд ва дар назари мо матруд ва мардуд аст. Сипас бифармуд, то китобро ба об андохтанд ва дастур дод, ҳар ҷо дар қаламрави ӯ китобе ба забони форсӣ ба хомаи маҷус кашф шавад, нобуд гардад*". (*Торихи адабиёт, Броун, ҷ.1, с.510*)

Чаро чунин кард? Ман намедонам. Ба эҳтимоли фаровон, аксуламали нафратест, ки эрониён аз маҷус доштанд. Ба ҳар ҳол, ин корро Абдуллоҳ ибни Тоҳири эронӣ кард, на араб.

Оё метавон кори Абдуллоҳро ба ҳисоби ҳамаи эрониён гузошт, ки асосан чунин тафаккуре доштанд, ки ҳар китобе ғайр аз Қуръон ба дасташон меафтод, месӯхтанд? Боз ҳам на.

Кори Абдуллоҳ кори нописанде будааст, аммо далели муддаъои мост, ки гуфтем, ҳар гоҳ фарҳанге мавриди ҳуҷуми фарҳанги дигар қарор мегирад, пайравон ва алоқамандон ба фарҳанги ҷадид ба наҳви ифрот ва зиёнборе осори фарҳанги куҳанро мавриди беэътиноӣ қарор медиҳанд.

Эрониён, ки аз фарҳанги ҷадиди исломӣ сахт ба вачд омада буданд, алоқае нисбат ба фарҳанги куҳан нишон надоданд, балки дар фаромӯшонидани он амд ба кор бурданд.

Аз эрониён рафторҳое назири рафтори Абдуллоҳ ибни Тоҳир, ки дар айни танаффур аз таассуби арабӣ, ки мехоҳад худро ба унвони як нажод ва як хун бар мардум таҳмил кунад, нисбат ба ислом таассуб варзидаанд ва ин таассубро алайҳи осори маҷусият ба кор бурдаанд, фаровон дида мешавад.

Ва агар мақсуд аз истидлол ба китобсӯзии Абдуллоҳ ибни Тоҳир ин аст, ки чунин корҳое дар ҷаҳон собиқа дорад, эҳтиёҷе ба чунин истидлоле нест. Ҷаҳон шоҳиди китобсӯзиҳо буда ва ҳаст. Дар асри мо Аҳмади Касравӣ ҷашни китобсӯзон дошт. Масеҳиён дар фоҷеаи Андалус ва қатли омми мусалмонон 80 ҳазор китобро ба оташ кашиданд. (*Торихи тамаддуни ислом, Ҷорҷи Зайдон, ҷ.3, с.65*) Ҷорҷи Зайдони масеҳӣ эътироф дорад, ки салибиёни масеҳӣ дар ҳамла ба Шом ва Фаластин 3 милюн китобро оташ заданд. (*Хамон манбаъ*) Туркон дар Миср китобсӯзӣ карданд. (*Торихи тамаддуни Вил Дурон, ҷ.11, с.224*) Султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар Рай китобсӯзӣ кард. Муғул китобхонаи Марврро оташ заданд (*Ҳамон манбаъ, ҷ.11, с.315*). Зартуштиён дар давраи сосонӣ китобҳои Маздакияро оташ заданд. (*Эрон дар замони Сосониён, Кристенсен, с.385*) Искандар китобҳои эрониро оташ зад. Рум осори Аршимедис (Архимед), риёзидони маъруфро тӯъмаи оташ сохт. Баъдан дар бораи оташсӯзии китобхонаи Искандария ба василаи масеҳиён баҳс хоҳем кард.

Ҷорҷ Сортун дар "*Торихи илм*" мегӯяд:

"*Прутогурос, суфастоии юнонӣ, дар яке аз китобҳои худ дар бораи ҳақ ва ҳақиқат баҳс кард ва гуфт: "Ва аммо Худоён, наметавонам бигӯям ҳастанд ва наметавонам бигӯям нестанд. Бисёр чизҳост, ки моро аз фаҳми ин матлаб монеъ мешавад. Аввалини онҳо торикии худи мавзӯъ аст, ва дигар ин ки умри одамӣ кӯтоҳ аст*".

Сортун мегӯяд:

"*Ҳамин матлаб боис шуд, ки китобҳои ӯро дар соли 411 пеш аз мелод дар васати майдони шаҳр сӯзонданд ва ин нахустин намунаи сабтшудаи китобсӯзӣ дар торих аст*". (*Торихи илм, с.271*)

Ва аммо достони мамнӯъ будани таълиф ва тасниф дар ҷаҳони ислом, ки дар оғоз ба василаи халифаи дуввум эълом шуд ва то сад сол идома ёфт, ин достон низ шуниданӣ аст. Ҳарчанд мо дар бахши севвуми ин китоб, ки ба баёни хадамоти эрониён ба ислом мепардозем, дар бахши хадамоти фарҳангӣ таҳти унвони "*Тадвин ва таълиф аз кай шурӯъ шуд?*" дар бораи ин матлаб тавзеҳ хоҳем дод, вале ночорем дар ин ҷо ишора кунем, ки он чӣ ба халифаи дуввум мансуб аст, марбут аст ба китобати аҳодиси набавӣ.

Аз садри ислом миёни халифаи дувввум ва баъзе саҳобаи дигар аз як тараф, ва Алӣ ва баъзе саҳобаи дигар аз тарафи дигар, дар тадвин ва китобати аҳодиси набавӣ ихтилофи назар вуҷуд дошт.

Гурӯҳи аввал, ки халифаи дуввум дар раъси онҳо буд, истимоъ ва забту нақли аҳодисро биломонеъ медонистанд, аммо китобат ва тадвини онҳоро нописанд мешумурданд, ба узри ин ки бо Қуръон муштабаҳ нашавад, ва ё эҳтимом ба ҳадис, ҷойи эҳтимом ба Қуръонро нагирад. Вале гурӯҳи дуввум аз оғоз ба китобат ва тадвини аҳодиси набавӣ ташвиқ ва тарғиб карданд. Омма ба пайравӣ аз халифаи дуввум то як қарн ба тадвини ҳадис напардохт, аммо пас аз як қарн омма низ аз назари Алӣ пайравӣ кард ва назари халифаи дуввум дигар тарафдор надошт…

Пас, матлаб ин нест, ки тасниф ва таълиф дар миёни араб мутлақан ва дар бораи ҳар мавзӯъ мамнӯъ будааст ва мардуме, ки ба худашон иҷозаи таълиф ва тасниф намедоданд, ба тариқи авло таълифот ва таснифоти дигаронро маъдум мекарданд. Ин мамнӯият ё макрӯҳият марбут ба аҳодиси набавӣ буда, на чизи дигар ва рабте ба масъалаи мухолифат бо китоб ва навишта надорад.

Ҷорҷи Зайдон дар "*Торихи тамаддуни ислом*" ва дуктур Забеҳуллоҳи Сафо дар "*Торихи улуми ақлӣ дар ислом*" сухане дар ин замина доранд, ки дареғ аст нақлу нақд нашавад. Дуктур Сафо менависад:

"*Эътиқоди араб, монанди эътиқоди ҳамаи мусалмонон он буд, ки:*

ان الاسلام يهدم ما قبله

“Ислом моқабли худро мунҳадим месозад”, ва ба ҳамин сабаб дар азҳони мусалмонон чунин русух карда буд, ки ҷуз ба Қуръон ба чизе назар накунанд, зеро Қуръон носихи ҳамаи китобҳо ва ислом носихи ҳамаи адён аст. Пешвоёни шаръи мубин ҳам мутолеаи ҳар китоб ва ҳатто ҳар китоби диниро ғайр аз Қуръон мамнӯъ дошта буданд. Гӯянд, рӯзе Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) дар дасти Умар варақае аз Таврот мушоҳида кард ва чунон ғазабнок шуд, ки осори ғазаб бар чеҳраи ӯ ошкор гардид, ва он гоҳ гуфт:

ألم آتكم بها بيضاء نقية والله لو كان موسى حيا ما وسعه الا اتباعي

“Оё шариати дурахшон ва покиза барои шумо наёвардам? Ба Худо савганд, агар Мӯсо худ зинда мебуд, роҳе ҷуз пайравӣ аз ман надошт”. Ва низ ба ҳамин сабаб буд, ки Пайғамбар фармуд:

لا تصدقوا أهل الكتاب ولا تكذبوهم وقولوا آمنا بالذي أنزل علينا وأنزل اليكم والهنا والهكم واحد

“Аҳли китобро дар он чи ба номи дин мегӯянд, на тасдиқ кунед ва на такзиб. Бигӯед, ба он чи бар мо фуруд омада ва он чи ба сӯи шумо омада (на он чи аз пеши худ сохтаед) имон дорем, маъбуди мо ва шумо якест”. Аз ҷумлаи аҳодиси маъруф дар ин аҳд ин буд, ки:

كتاب الله فيه خبر ما قبلكم ونبأ ما بعدكم وحكم ما بينكم

“Дар китоби Худо ҳикояти гузаштагони пеш ва пешгӯии ояндаи шумо ва қонуни ҳоким миёни шумо ҳаст”. Нутқи Қуръони Карим ба ин ҳақиқат, ки:

ولا رطب ولا يابس الا في كتاب مبين

“Тару ё хушке нест, магар он ки дар китобе равшан вуҷуд дорад”, табъан мояи таҳкими чунин ақидае мешуд ва натиҷаи ин эътиқод, иктифо ба Қуръон ва аҳодис ва инсироф аз ҳамаи китобҳо ва осор буд…” (Забеҳуллоҳи Сафо, Торихи улуми ақлӣ дар ислом, с.32)

Ман ҳақиқатан аз ин мардони фозил дар шигифтам! Оё инон намедонанд, ки ҷумлаи:

ان الاسلام يهدم ما قبله

… нозир ба ин буда ва ҳаст, ки бо омадани ислом тамоми қавонин ва русум ва одоти гузашта мулғост? Ҳамаи мусалмонон аз садри ислом то кунун аз ин ҷумлаҳо ҷуз ин нафаҳмидаанд. Ин ҷумла эъломи беэътибор будани маросими динии ҷоҳилият, аъамм аз ҷоҳилияти ширк ё ҷоҳилияти аҳли китоб аст, ва рабте ба ғайри маросим ва сунани мазҳабӣ надорад, ҳамчунон ки мафҳуми ҷумлаи:

الاسلام يجب ما قبله

… ин аст, ки ислом рӯи гузаштаро мепӯшонад ва атфи ба мосабақ намекунад. Масалан, ҷиняте, ки агар дар ислом воқеъ шавад, қисос ё дияи хосс дорад, агар қабл аз ислом шахсе

ва дар замони ширки ӯ сурат гирифта бошад ва ӯ баъд мусалмон шуда бошад, ислом атфи ба мосабақ намекунад. Ҳамаи мусалмонон аз ин ҷумлаҳо ин маъониро фаҳмида ва мефаҳманд. Инҳо куҷо ва маъонӣ мандароварди ин нависандагон куҷо?!

Ҳамчунон ки ҳадиси халифаи дуввум ба равшанӣ фарёд мекунад, ки Расули Худо фармудааст, бо омадани Қуръон ва шариати хатмия, Таврот ва шариати Мӯсо мансух аст. Пас, Пайғамбар мутолеаи ҳар китоб ҳатто китобҳои диниро манъ нафармуд, (балки) мутолеаи хусуси китобҳои осмонии мансухи гузаштаро манъ кард. Он ҳазрат барои ин ки мусалмонон шаройеъи мансухи гузаштагонро бо шариати ислом наёмезанд, онҳоро аз мутолеаи Таврот манъ фармуд. Ин ки Пайғамбар фармуд, он чӣ аз аҳли китоб мешунавед на тасдиқ кунед ва на такзиб низ нозир ба қасаси динӣ ва аҳёнан аҳкоми динӣ аст. Ҳазрат бо ин ҷумлаҳо ба онҳо фаҳмонид, ки дар дасти аҳли китоб росту дурӯғ баҳам омехтааст; чун шумо аҳли ташхис нестед, на тасдиқ кунед мабод, ки дурӯғеро тасдиқ карда бошед, ва на такзиб кунед мабод, ки ростеро такзиб карда бошед. Камо ин ки ҷумлаи "Дар Қуръон ҳикояти гузаштагон, пешгӯии оянда ва қонуни ҳоким миёни шумо ҳаст, ки дар Наҳҷул-балоға низ омадааст, нозир ба ҳикоёти динӣ, ояндаи ухравӣ ва қавонини мазҳабӣ аст ва мақсуд ин аст, ки: бо омадани Қуръон, шумо ба китоби осмонии дигаре ниёз надоред.

Аз ҳама музҳиктар тамассук ба ояти:

ولا رطب ولا يابس الا في كتاب مبين

"Тару ё хушке нест, магар он ки дар китобе равшан вуҷуд дорад" аст, ки то он ҷо, ки ман иттилоъ дорам, як нафар аз муфассирон ҳам ин ояро марбут ба Қуръон надонистааст, ҳама онро ба лавҳи маҳфуз тафсир кардаанд.

Тасаввури мусалмонон аз ин оят ва аз он аҳодис ҳаргиз он чизе набуда, ки ин оқоён фарз карда ва натиҷа гирифтаанд, ки ин оят ва он аҳодис заминаи фикрӣ ба мусалмонон медода, ки ғайри Қуръон ҳар китоберо дар ҳар фанне ва ҳар илме аз байн бибаранд.

Акнун навбати он аст, ки ба нақди далели чаҳоруми марҳум дуктур Муин бипардозем. Эшон ба шакле нақл кардаанд, ки гӯӣ Ибни Халдун қотеъона дар бораи китобсӯзии Эрон назар додааст ва гӯӣ дар нақли Абулфараҷ ибни Алибрӣ ва Абдуллатифи Бағдодӣ ва Қифтӣ ва Ҳоҷӣ Халифа ҳам ҳеч гуна халале нест! Дар сурате, ки эшон қатъан медонистаанд, ки муҳаққиқони Урупо ахиран бепоягӣ ва беасосии китобсӯзии Искандарияро ба василаи

мусалмонон, ба вузуҳ ба исбот расонидаанд, вале эшон танҳо ба нақли инкори Шиблӣ Нӯъмон ва Минавӣ қаноат карда ва рад шудаанд, бидуни ин ки ба далелҳои қотеъи онҳо тавоҷҷӯҳ кунанд.

Акнун мо ба таври хулоса назариёти муҳаққиқонро дар бораи китобсӯзии Искандария ба изофаи нукоте, ки ба назари худи мо расида нақл мекунем, сипас ба нақди он чӣ ба Ибни Халдун ва Ҳоҷӣ Халифа дар бораи китобсӯзии Эрон нисбат дода шуда мепардозем.

Ғолибан муддаиёни китобсӯзӣ дар Эрон, ба китобсӯзии Искандария истинод мекунанд. Бадеҳӣ аст, ки агар бесаводии араби ҷоҳилият, таҳқири омӯзгорӣ ба василаи фарде аз Қурайш, китобсӯзии Абдуллоҳ ибни Тоҳири эронӣ, китобсӯзии Қутайба ибни Муслим дар Хоразм сад сол баъд аз футуҳоти аввалияи исломӣ, далели китобхонасӯзии аъроби фотеҳи Эрон бошад, китобсӯзии Искандария ба василаи шахсияти оқил ва боҳуше назири Амр ибни Ос — ки тибқи нақл, аз маҳзари файласуфи он рӯзи Искандария баҳра мебурда ва бо ӯ муошират дошта — он ҳам ба фармони мустақими халифа аз маркази Мадина, на аз пеши худ (он чунон ки Қутайба ибни Муслим дар Хоразм кард), ба тариқи авло далели китобхонасӯзӣ дар Эрон бояд шумурда шавад! Аз ин рӯ, ҳамеша аз тарафи ин гурӯҳ китобсӯзии Искандария бо обутоби фаровон нақл мешавад.

Муқаддаматан бояд бигӯем, ки торихи ислом ва футуҳоти исломӣ, чӣ ба таври умум ва чӣ ба таври хусус (яъне футуҳоти як минтақаи хосс), аз охирҳои қарни дуввум тадвин шуда ва он китобҳо дар ихтиёри мост. Роҷеъ ба фатҳи Искандария бахусус, илова бар муаррихони исломӣ чанд нафар масеҳӣ низ фатҳи ин шаҳрро ба дасти аъроб, бо тафсили фаровон нақл кардаанд. Дар ҳеч як аз китобҳои исломӣ ё масеҳӣ ё яҳудӣ ва ғайри инҳо, ки қабл аз ҷангҳои салибӣ таълиф шуда, номе аз китобсӯзии Искандария ё Эрон дар миён нест.

Танҳо дар охирҳои қарни шашуми ҳиҷрӣ ва аввалҳои қарни ҳафтум аст, ки барои аввалин бор Абдуллатифи Бағдодӣ, ки марде масеҳӣ аст, дар китобе ба номи "*Алифода вал-эътибор фил умурил мушоҳада вал ҳаводисил муъойна би арзи Миср*" (ки мавзӯи он, умур ва ҳаводисест, ки шахсан мушоҳида кардааст ва дар ҳақиқат сафарнома аст) он ҷо, ки амудеро ба номи "*Амудус саводӣ*" дар маҳаллии собиқи китобхонаи Искандария тавсиф мекарда гуфтааст:

“*Ва гуфта мешавад, ки ин амуд яке аз амудҳоест, ки бар рӯи онҳо равоқе устувор буда ва Арасту дар ин равоқ тадрис мекарда ва дорулилм буда ва дар ин ҷо китобхонае буда, ки Амр ибни Ос ба ишораи халифа онро сӯхтааст*”.

Абдуллатиф беш аз ин намехоста бигӯяд, ки дар афвоҳи мардум (ва лобуд масеҳиёни ҳамкеши ӯ) чунин шойеъае бар сари забонҳост, бидуни он ки бихоҳад онро таъйид кунад. Зеро сухани худро бо “*ва юзкару*” (чунин гуфта мешавад, чунин бар сари забонҳост) оғоз кардааст.

Ҳама медонем, ки дар нақли ривояти торихӣ ё ҳадисӣ, ноқил агар санаде дошта бошад, матлабро бо зикри санад нақл мекунад, он чунон ки Табарӣ аз муаррихон ва ҳамчунин ғолиби муҳаддисон анҷом медиҳанд. Беҳтарин навъи нақл ҳамин навъ аст; хонандаро имкон медиҳад, ки дар сиҳҳату суқми нақл таҳқиқ кунад. Ва агар санадро саҳеҳ ёфт, бипазирад. Ва агар ноқил бидуни зикри санад ва маъхаз нақл кунад, ду гуна аст: гоҳе ба сурати “ирсоли мусаллам” нақл мекунад; масалан мегӯяд, дар фалон сол фалон ҳодиса воқеъ шуд, ва гоҳ мегӯяд: гуфта мешавад, ё гуфта шудааст, ё чунин мегӯянд, ки дар фалон сол фалон ҳодиса воқеъ шуд.

Агар ба сурати аввал баён шавад, нишонаи ин аст, ки худи гӯянда ба он чӣ нақл карда эътимод дорад, вале албатта дигарон ба ин гуна нақлҳо — ки мадрак ва маъхаз ва санад нақл нашуда — эътимод намекунанд. Уламои ҳадис чунин аҳодисеро мӯътабар намешуморанд. Муҳаққиқони урупоӣ низ ба нақлҳои торихӣ бидуни мадрак ва маъхаз эътиное намекунанд ва онро ғайримӯътабар мешуморанд.

Ҳаддиаксар ин аст, ки мегӯянд, фалон шахс чунин нақле дар китоби худ карда, аммо маъхаз ва мадрак нишон надода, яъне эътибори торихӣ надорад.

Аммо агар ба сурати дуввум баён шавад, ки худи ноқил ба сурати “гӯянд” ё “чунин мегӯянд” ё “гуфта шудааст” ва амсоли инҳо (ба истилоҳ, бо сиғаи феъли маҷҳул) баён кунад, нишони ин аст, ки ҳатто худи гӯянда низ эътиборе барои ин нақл қоил нест.

Иддае мӯътақиданд, ки калимаи “қила” (гуфта шудааст) дар нақлҳо, танҳо нишонаи адами эътимоди ноқил нест, (балки) ишора ба беэътибории он низ ҳаст.

Абдуллатиф ин достонро ба сурати севвум нақл карда, ки лоақал нишонаи он аст, ки худи ӯ ба он эътимод надоштааст. Ба илова, баъид аст, ки Абдуллатиф ин қадр беиттилоъ буда,

ки намедонистааст Арасту пояш ба Миср ва Искандария нарасида, то чӣ расад, ки дар он равоқ тадрис карда бошад! Балки асосан Искандария баъд аз Арасту таъсис шуда, зеро Искандария баъд аз ҳамлаи Искандар ба Миср таъсис шуд. Тарҳи ин шаҳр дар замони Искандар рехта шуд ва шояд ҳам дар замони ӯ оғоз ба сохтмон шуд ва тадриҷан ба сурати шаҳр даромад. Арасту муосири Искандар аст.

Пас, хоҳ Абдуллатиф шахсан ба ин нақл эътимод дошта ва хоҳ надоштааст, ин нақл заъфи мазмунӣ дорад. Яъне муштамил бар матлабест, ки аз назари торихӣ қатъан дурӯғ аст, ва он, тадриси Арасту дар равоқ аст. Агар як нақл ва як ривоят муштамил бар чанд матлаб бошад, ки бархе аз онҳо қатъан дурӯғ бошад, нишонаи ин аст, ки боқӣ ҳам аз ҳамин қабил аст. Сӯхта шудани китобхонаи Искандария ба василаи мусалмонон, аз назари эътибор назири тадриси Арасту дар он маҳалл аст.

Пас, нақли Абдуллатиф, ҳам заъфи санад дорад, зеро фоқиди санад ва мадрак аст, ва ҳам заъфи мазмунӣ дорад, зеро муштамил бар як дурӯғи возеҳ аст, ва ҳам заъфи баёнӣ дорад, зеро ба гунае баён шуда, ки нишон медиҳад, худи ӯ ҳам ба он эътимод надорад.

Илова бар ҳамаи инҳо, агар Абдуллатиф дар асри фатҳи Искандария мезист (қарни аввали ҳичрӣ) ва ё лоақал дар асри муаррихоне мезист, ки футуҳоти исломӣ аз ҷумла фатҳи Искандарияро ба тариқи ривоят аз дигарон дар китобҳои худ гирд овардаанд (қарни дуввум то чаҳоруми ҳичрӣ), ин эҳтимол мерафт, ки иттифоқан Абдуллатиф бо афроде бархӯрда, ки бевосита ё маъалвосита шоҳиди ҷараён будаанд ва барои Абдуллатиф нақл кардаанд ва дигарон ба чунин афроде барнахӯрдаанд. Вале Абдуллатиф китоби худро дар охирҳои қарни шашум ва аввалҳои қарни ҳафтум таълиф кардааст. Яъне бо ҳодисаи фатҳи Искандария, ки дар ҳудуди солҳои 17 ва 18 ҳичрӣ воқеъ шуда наздик ба 600 сол фосила дорад. Ва дар ҳамаи ин 600 сол дар ҳеч китоби торихӣ ва аз забони ҳеч муаррихе аъамм аз мусалмон ва масеҳӣ ва яҳудӣ ва ғайра дида ва шунида нашуда, якмартаба баъд аз ин муддати тӯлонӣ дар китоби Абдуллатиф дида мешавад" Ин ҷиҳат нақли Абдуллатифро аз ҳадди як нақли бесанад (ва ба истилоҳ "хабари мурсал") ҳам поинтар мебарад ва ба сурати нақле дармеоварад, ки қароини хоричӣ бар дурӯғ будани он ҳаст.

Аз ҳамаи инҳо болотар ин ки таворих шаҳодат медиҳанд, ки асосан китобхонаи Искандария чандин бор қабл аз он ки Искандария ба дасти мусалмонон фатҳ шавад,

мавриди тороҷ ва яғмо ва ҳариқ воқеъ шуда ва ҳангоме, ки мусалмонон Искандарияро фатҳ карданд, асосан китобхонае ба сурати собиқ вуҷуд надошт ва танҳо китобҳое дар дасти афроде буда, ки мусалмонон дар қарнҳои дуввум то чаҳоруми ҳичрӣ аз он китобҳо истифода карданд.

Ин ҷо бори дигар масали маъруф мисдоқ пайдо мекунад, ки шахсе гуфт: "Имомзода Яъқубро гург бар рӯи манора дарид". Дигаре гуфт: "Имомзода набуд ва пайғамбарзода буд, Яъқуб набуд ва Юсуф буд, болои манора набуд ва таҳи чоҳ буд, тоза асли матлаб дурӯғ аст, гург Юсуфро надарид. Ман ин ҷо зимоми суханро ба Вил Дуронт, муаррихи маъруфи ҷаҳонии торихи тамаддун медиҳам. Вил Дуронт мегӯяд:

"*Аз ҷумлаи далоили заъфи ин ривоят (ривояти Абдуллатиф) ин аст, ки:*

1) Қисмати муҳимми китобхонаи Искандарияро масеҳиёни мутаассиб ба даврони усқуф Туфинис ба соли 392 мелодӣ (дар ҳудуди 250 сол қабл аз фатҳи Искандария ба дасти мусалмонон) сӯзонида буданд;

2) Дар муддати панҷ қарн, ки аз вуқӯъ то сабти ҳодисаи мафруз дар китоби Абдуллатиф фосила буд, ҳеч як аз муаррихон дар бораи он сухан наёвардаанд, дар сурате, ки Уткиюси масеҳи, ки ба соли 322 ҳичрӣ (933 мелодӣ) усқуфи бузурги Искандария буд, фатҳи ин шаҳрро ба дасти аъроб бо тафсили фаровон нақл кардааст. Ба ҳамин ҷиҳат, голиби муаррихон ин қазияро намепазиранд ва онро афсона мепиндоранд. Нобудии китобхонаи Искандария, ки ба тадриҷ анҷом шуд, аз ҳаводиси гамангези торихи ҷаҳон буд". (Торихи тамаддун, ҷ.11, с.219)

Вил Дуронт мароҳили тадриҷии нобудии ин китобхонаро ба василаи масеҳиён дар "*Торихи тамаддун*" зикр кардааст. Алоқамандон метавонанд ба муҷалладоти шашум ва нӯҳум ва ёздаҳуми тарҷумаи форсии "*Торихи тамаддун*" муроҷеа кунанд.

Густов Ле Бун (*Gustave Le Bon*) дар "*Тамаддуни ислом ва араб*" мегӯяд:

"*Сӯзонидани китобхонаи Искандария, ки онро ба фотеҳини ислом нисбат додаанд, ҷойи басе тааҷҷуб аст, ки якчунин афсонаи мавҳумӣ чӣ гуна дар ин муддати мутамодӣ ба шӯҳрати худ боқӣ мондааст ва онро талаққӣ ба қабул намудаанд. Вале имрӯз бутлони ин ақида ба субут пайваста ва маълум ва муҳаққақ гардидааст, ки худи насоро пеш аз ислом ҳамчунон ки ҳамаи маъобид ва худоёни Искандарияро бо камоли эҳтимом мунҳадим намудаанд, китобхонаи мазбурро низ сӯзонида бар бод доданд, чунонки дар замони фатҳи ислом аз китобҳои мазбур чизе*

боқӣ намонда буд, то онро тӯъмаи ҳариқ созанд. Шаҳри Искандария аз замони бинои он, ки дар 332 пеш аз мелод сурат гирифта то замони фатҳи мусалмонон, яъне то муддати ҳазор сол, яке аз шаҳрҳои муаззам ва муҳимми дунё ба шумор мерафт. Дар асри мулуки Батолиса тамоми ҳукамо ва фалосифаи дунё дар ин шаҳр ҷамъ шуда, мадорис ва китобхонаҳои муҳимме таъсис карда буданд, вале он тараққиёти илмӣ он қадр давом пайдо накард, чандон ки дар соли 48 қабл аз Масеҳ румиён таҳти сардории Сезор ба Искандария ҳамла бурда латмаи зиёде ба ҳаёти илмии он ворид сохтанд. Агарчӣ дар салтанати румиён дубора ин шаҳр тараққӣ карда аҳаммияте басазо пайдо намуд, лекин ин тараққӣ муваққатӣ будааст, зеро дар аҳолӣ ҷунуни муноқишоти мазҳабӣ пайдо шуда ва бо вуҷуди ҷилавгириҳои саффоконаи импературони Рум, рӯзона бар шиддати он меафзуд, то замоне, ки диёнати Масеҳ мазҳаби расмии мамлакат қарор гирифт. Он вақт Теодор ҳукм кард, тамоми маъобид ва муҷассамаҳои худоён ва китобхонаҳои бутпарастонро бо хок яксон намуданд". (Торихи тамаддуни ислом ва араб, сс.263-265)

Шаҳри Искандария, ки ҳамакнун аз шаҳрҳои мӯътабари Миср аст, ба василаи Искандар дар чаҳор қарн қабл аз мелоди Масеҳ сохта ва ё тарҳрезӣ шуд ва ба ҳамин ҷиҳат номи Искандария ёфт.

Хулафои Искандар дар Миср, ки онҳоро "батолиса" мехонанд, дар он шаҳр музей ва китобхона ва дар ҳақиқат "академия" таъсис карданд, ки ба сурати як ҳавзаи илмии азим даромад. Бисёре аз донишмандони Искандария бо акобири Юнон баробарӣ мекунанд ва аз машоҳири илмии ҷаҳонанд.

Ҳавзаи Искандария аз қарни севвум ва дуввум қабл аз мелод оғоз шуда ва то қарни чаҳорум баъд аз мелод идома ёфт. Миср ба таври куллӣ дар давраи Искандар ва хулафояш зери нуфузи сиёсии Юнон буд. Баъд, ки тамаддуни юнонӣ ба уфул гароид ва миёни Рум — ки марказаш Руми феълӣ дар Итолиё буд — бо Юнон ҷанг даргирифт ва Рум бар Юнон ғалаба кард, Миср ва Искандария низ таҳти нуфузи сиёсии Рум воқеъ шуд. Давлати Рум дар ҳудуди чаҳор қарн баъд аз мелод мунқасим шуд ба Руми шарқӣ, ки марказаш Қустантиния (Истамбули феълӣ) буда ва Руми ғарбӣ, ки марказаш Рум дар Итолиё будааст. Руми шарқӣ ба масеҳият гароид, ва масеҳият, ҳам рӯи тамаддуни Юнон ва ҳам рӯи тамаддуни Рум асари манфӣ гузошт, ва қуруни вустои ғарбӣ, ки давраи инҳитоти ғарб аст, тақрибан аз ҳамин вақт (аз инқисоми Рум ба шарқӣ ва ғарбӣ) оғоз мешавад.

Пас аз гароиши Руми шарқӣ ба масеҳият, сояи масеҳият — ки тадриси улум ва фалсафаро бар хилофи усули дини Масеҳ медонист ва уламо ва фалосифаро кофир ва гумроҳ ва гумроҳкунанда мешумурд — бар ҳавзаи Искандария сангинӣ кард ва дастбурдҳо ва тороҷҳо ва сӯзониданҳои мутановиби ин китобхона бори дигар баъд аз ҳамлаи Сезор дар 48 мелодӣ оғоз гашт.

Қустантини аввал, императури Руми шарқӣ, аввалин импературест, ки ба масеҳият гароид. Жустинин (Justinian) аз ахлофи Қустантин, дар қарни шашуми мелодӣ ҳавзаи Афинаро расман таътил кард ва қаблан дар қарни чаҳорум ҳавзаи Искандария таътил ва ё тазъифи комил шуда буд. Таътили ҳавзаи Афина дар соли 529 мелодӣ сурат гирифт, яъне 41 сол қабл аз таваллуди Расули Акрам ва 81 сол қабл аз беъсати эшон ва 94 сол қабл аз ҳичрат ва 105 сол қабл аз реҳлати эшон ва 120-у анд сол қабл аз фатҳи Искандария ба дасти мусалмонон.

Аз маҷмӯи он чӣ гуфтем маълум шуд, ки ин китобхонаро бутпарастон ва мушрикон таъсис карданд ва масеҳиён онро аз байн бурданд, вале баъд аз ҷангҳои салибӣ миёни масеҳиён ва мусалмонон, ки дар ҳудуди 200 сол тӯл кашид (қарни панҷум ва шашуми ҳичрӣ) масеҳиён аз як тараф бо тамаддун ва фарҳанги исломӣ ошно шуданд ва ин тамаддун ба онҳо огоҳӣ дод, ва аз тарафи дигар пас аз шикасти ниҳоӣ аз мусалмонон сахт кинаи мусалмононро дар дилҳои худ пухтанд ва ба ҷанги аъсоб алайҳи мусалмонон даст заданд. Он андоза алайҳи ислом ва Қуръон ва Расули Акрам ва мусалмонон шойеъа сохтанд, ки мӯҷиби шармсории мутамаддинҳои масеҳии қуруни ҷадида аст ва мебинем, ки ба ҷуброни мофот "*Узри тақсир ба пешгоҳи Муҳаммад ва Қуръон*" (китобе ба ҳамин унвони таълифи Ҷон Девинпурт (John Davenport)) менависанд. Шойеъаи китобсӯзиҳо ба василаи мусалмонон ҷузъи ҳамин шойеъот аст, ки аҳёнан бархе аз мусалмонон низ аз қарни ҳафтум ба баъд бидуни ин ки шойеъаҳоро бидонанд, ба сурати "шойеъ аст" ё "гуфта мешавад" ё "чунин ривоят мешавад" дар китобҳои худ мунъакис кардаанд, ғофил аз он ки созандаи шойеъа масеҳиёни салибӣ мебошанд ва ангезаашон бадном кардани мусалмонон аст. Ва дар қарни ахир, ки истеъмор барангехтани эҳсосоти миллии мусалмононро алайҳи ислом ва мусалмонони садри аввал дар садри барномаи худ қарор дода, амсоли Пурдовуд ин афсонаро ба сурати як ҳодисаи торихӣ даровардаанд ва ба нақлҳое назири нақл Абдуллатиф

пару бол доданд ва ба сурати як нақли торихӣ ба хӯрди донишомӯзон ва донишҷӯёни бехабар доданд.

То ин ҷо сухани Абдуллатифро нақл ва баррасӣ кардем. Акнун ба нақди сухани Абулфараҷ ибни Алибрӣ бипардозем.

То ин ҷо сухани Абдуллатифро нақл ва баррасӣ кардем. Акнун ба нақди сухани Абулфараҷ ибни Алибрӣ бипардозем.

Абулфараҷ як табиби яҳудист, ки дар соли 623 ҳиҷрӣ дар Малатия (Осиёи Сағир) таваллуд ёфта ва падараш дини яҳудро тарк карда ва ба насроният гароидааст. Абулфараҷ низ оғози таҳсилоти худро ба фаро гирифтани усули насроният гузарондааст. Ӯ ба забони сурёнӣ ва арабӣ ошноии комил доштааст. Торихе мабсут ба забони сурёнӣ навишта, ки маъхазҳои он китобҳои сурёнӣ, арабӣ, юнонӣ будааст. Дар он китоб зикре аз китобсӯзии мусалмонон дар Искандария вуҷуд надорад ва хулосае аз он китоб ба арабӣ ба номи "*Мухтасаруд-дувал*" навишт, ки мегӯянд, ҳамаи нусхаҳои он нотамом ва ноқис аст. Ва аҷаб ин аст, ки мегӯянд, бо ин ки "*Мухтасаруд-дувал*" хулосаи он торихи муфассали сурёнӣ аст, муштамил бар матолибест, ки дар асли муфассали сурёнӣ нест; аз ҷумлаи онҳо достони китобсӯзии Искандария ба василаи мусалмонон аст.

Китоби "*Мухтасаруд-дувал*"-ро марде ба номи дуктур Пукук (*Pococke*), ки пруфусури колеҷи Оксфурд буда ва аз ашхосест, ки дар нашри акозиб алайҳи мусалмонон даст доштааст, табъу нашр карда ва ба забони лотин ҳам тарҷума намудааст. Аз он вақт ва ба василаи ин китоб ва ин шахс шойеъаи китобсӯзии мусалмонон дар Искандария дар Урупо ривоҷ ёфт, то он ки дар қуруни ахира ба василаи муҳаққиқони урупоӣ амсоли Гибон (*Gibbon*) ва Кирил ва Густов Ле Бун (*Gustave Le Bon*) ва дигарон ин шойеъа такзиб шуд.

Достони китобсӯзӣ дар китоби "*Мухтасаруд-дувал*" ба ин шакл омадааст:

"*Дар он замон Яҳёи Наҳвӣ, ки ба забони мо ба "Ғромотиқус" яъне наҳвӣ мулаққаб будааст, дар миёни араб мақоми шӯҳратро ҳоиз гардид. Мушорун илайҳ сокини Искандария будааст ва мазҳабан насронӣ ва ҷузъи фирқаи Яъқубӣ буд ва махсусан ақидаи сoвариро таъйид менамуд. Ӯ дар охир мазҳаби танассурро тарк гуфта ва тамоми уламои насорои Миср назди ӯ ҷамъ шуда насиҳат намуданд, ки аз куфр ва зандақа берун ояд, вале ӯ қабул нанамуд. Вақте, ки уламо маъюс шуданд, вайро аз маносибе, ки доро буд андохтанд, ва ӯ то муддате ба ҳамин ҳол боқӣ ва зинда*

буд, то он ки Амр ибни Ос (фармондеҳи мусалмонон дар фатҳи Миср) вориди Миср гардид. Рӯзе Яҳё назди вай ҳозир шуд. Амр аз мақоми илму фазли ӯ воқиф гардида ва хеле аз ӯ эҳтиром намуд. Фозили мушорун илайҳ шурӯъ ба як ришта суханони ҳакимонае намуд, ки аъроб абадан бо он ошно набуданд. Суханони мазбур дар димоғи Амр фавқулъода муассир воқеъ гардида фирефтаи вай шуд. Назар ба ин ки Амр аз ашхоси боҳуш ва оқил ва факур буд, мусоҳибати вайро ихтиёр намуд ва ҳеч вақт ӯро аз худаш ҷудо намесохт. Як рӯз Яҳё ба Амр изҳор дошт, ки ҳар чӣ дар Искандария ҳаст, дар тасарруфи шумо мебошад; албатта он чӣ барои шумо муфид мебошад, моро ба он коре нест, вале чизҳое, ки чандон маҳалли ҳоҷати шумо нест, хоҳиш мекунам, ки онҳоро ба худи мо вогузор кунед, ки истеҳқоқи мо ба онҳо бештар мебошад. Амр пурсид, ки онҳо чистанд? Дар ҷавоб гуфт: Китобҳои ҳикмат ва фалсафа мебошанд, ки дар китобхонаи давлатӣ захира шудаанд. Амр изҳор дошт, ки ман дар ин боб бояд аз халифа (Умар ибни Хаттоб) дастур бихоҳам, ва илло аз худам наметавонам қаблан иқдоме кунам. Чунонки айни воқеаро ба халифа иттилоъ дода ва касби таклиф намуд, дар ҷавоб навишт: Агар ин китобҳо мувофиқ бо Қуръон мебошанд, ҳеч зарурате ба онҳо нест, ва агар мухолиф бо Қуръонанд, тамоми онҳоро бар бод деҳ. Баъд аз вусули ин ҷавоб, Амр шурӯъ ба инҳидоми китобхона намуда муқаррар дошт, ки байни ҳаммомиҳои Искандария китобҳоро тақсим карданд ва аз ин рӯ дар муддати шаш моҳ тамоми кутубро сӯзонида бар бод дод. Ва он чӣ воқеъ шуда бидуни истеъҷоб қабул намо". (Шибли Нӯъмон, рисолаи "Китобхонаи Искандария, сс.16-17)

Гузашта аз он чӣ дар нақди сухани Абдуллатиф гуфтем — ки як ривояти торихӣ бидуни зикри санад ва маъхаз ва мадрак, ба ҳеч ваҷҳ қобили қабул нест, бавежа, ки баъд аз 600 сол ин нақл бе санад ва бе маъхаз матраҳ шавад ва қаблан аҳаде аз он валав бидуни санад ва маъхаз зикре накардааст, ва ба илова, гуфтем, аз назари муҳаққиқон ин матлаб ба субут расида, ки асосан дар мавқеи фатҳи Искандария ба дасти мусалмонон, аз китобхона чизе боқӣ намонда буд ва мавзӯъ аз асл мунтафӣ будааст — далоил ва қароини дигаре алайҳи ин гузориш вуҷуд дорад:

1) Аввалан, дар ин достон қаҳрамон Яҳёи Наҳвӣ файласуфи маъруф аст. Тибқи асноде, ки ахиран таҳқиқ шуда, вай дар ҳудуди 100 сол қабл аз фатҳи Искандария даргузаштааст ва мулоқоти вай бо Амр афсона аст. Аҷиб ин аст, ки Шибли Нӯъмон бо ин ки менависад, ки вай яке аз ҳукамои ҳафтгонае аст, ки дар асари фишори Жустинин, аз Рум ба Эрон омаданд

ва Хусрави Анушервон аз онҳо пазирой кард, асли мулоқоти Яҳё бо Амрро мавриди таъйид қарор медиҳад; таваҷҷӯҳ намекунад, ки аз муҳоҷирати он ҳукамо ба Эрон то фатҳи Искандария беш аз 120 сол фосила аст; одатан имкон надорад Яҳё, ки дар ҳудуди 120 сол қабл аз фатҳи Искандария ҳакиме маъруф будааст, ҳангоми фатҳи Искандария ба сурати яке аз надимони Амр ба ҳаёти худ идома диҳад. Бинобар ин, нақлҳое, ки мулоқоти Яҳё бо Амрро зикр кардаанд, ҳарчанд номе аз китобхона набурдаанд, беасос аст.

Достони мулоқоти Яҳё бо Амр дар ривояти Абулфараҷ, назири достони тадриси Арасту дар Искандария дар ривояти Абдуллатиф аст; ваззоъон ва қиссапардозон ба интибоқи қисса бо торих таваҷҷӯҳ накардаанд.

2) Сониян, дар матни қисса омадааст, ки пас аз он ки дастури халифа ба нобудии китобҳо расид, Амр китобҳоро ба ҳаммомҳои Искандария тақсим кард ва то муддати шаш моҳ хӯроки ҳаммомҳои Искандария буд, ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки Искандария дар он вақт бузургтарин шаҳри Миср ва яке аз бузургтарин шаҳрҳои ҷаҳони он рӯз будааст ва худи Амр дар гузорише, ки бо эъҷоби фаровон барои халифа аз ин шаҳр медиҳад, менависад: "*Дар ин шаҳр 4000 ҳаммом, 4000 иморати олӣ, 40 ҳазор яҳудии ҷизяпардоз, 400 тафреҳгоҳи давлатӣ, 12 ҳазор сабзифурӯш, ки сабзии тоза мефурӯшанд вуҷуд дорад*", бояд чунин фарз кунем, ки дар муддати шаш моҳ 4000 ҳаммом аз ин китобҳо гарм мешудаанд; яъне он қадр китоб будааст, ки агар як ҳаммомро мехостанд бо он гарм кунанд, барои қариб ба 700 ҳазор рӯз яъне дар ҳудуди 2 ҳазор соли он ҳаммом кофӣ буд.

Аҷибтар он ки тибқи он чӣ дар матни гузориши Абулфараҷ омада, ҳамаи он китобҳо дар ҳикмат ва фалсафа буда, на дар мавзӯи дигар. Акнун хуб аст каме биандешем, оё аз оғози пайдоиши тамаддун то имрӯз, ки қарнҳост санъати чоп пайдо шуда ва дар шакли сарсомоваре нусха берун медиҳад, ин андоза китоби ҳикмат ва фалсафа, ки барои сӯхти 4000 ҳаммом дар муддати шаш моҳ кофӣ бошад, вуҷуд доштааст?

Боз хуб аст биандешем, чунин китобхонае чӣ масоҳатеро ишғол карда будааст? Китобҳо ба сурати анборшуда монанди анбори коҳи гандум набуда, балки ба сурати чидашуда дар қафасаҳо буда, зеро мавриди истифодаи мардум будааст. Ва аз ин рӯ, дар гузорише, ки аз як кашиши масеҳӣ дар қарни чаҳоруми баъд аз мелод расида, ки аз ноҳияи империтури вақт маъмур шуда буд китобхонаро аз байн бибарад, чунин омада, ки: "*Ман қафасаҳои онро*

дар он вақт аз китоб ба куллӣ холӣ ёфтам" (*Шибли Нӯъмон, "Китобхонаи Искандария", с.50*). Як равоқ, ки оқои Абдуллатиф ҳам онро мушоҳида карда буда, ки ҳеҷ, масоҳати як шаҳр ҳам шояд барои чунин китобхонае кофӣ набошад.

Имрӯз китобхонаҳои бисёр бузург дар асари пешрафти санъати чоп ва вуҷуди имконоти бесобиқа дар торихи башар, дар ҷаҳон хусусан Омрико ва Шӯравӣ вуҷуд дорад, ҳамчунон ки шаҳрҳои бисёр бузург ва бесобиқа дар торихи башар дар ҷаҳони имрӯз вуҷуд дорад. Ман бовар надорам имрӯз ҳам китобхонае вуҷуд дошта бошад, ки китобҳояш барои гарм кардани ҳаммомҳои шаҳре, ки он китобхона дар он ҷо ҳаст, барои муддати шаш моҳ кифоят кунад.

Инҳо ҳама далели афсона будани ин достон аст ва танҳо дар дунёи афсонаҳо назире барояш метавон ёфт. Гӯянд, марде дар васфи шаҳри Ҳирот, ки муддаӣ буд рӯзгоре фавқулъода бузург ва пурҷамъият буда доди сухан медод; корро ба ҷое расонид, ки гуфт: Дар он вақт дар Ҳирот 21 ҳазор Аҳмади якчашми каллапаз вуҷуд доштааст! Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ҳама номашон Аҳмад набуда ва ҳамаи Аҳмадномҳо якчашм набудаанд ва ҳамаи Аҳмадҳои якчашм каллапаз набудаанд, пас агар фақат ададди Аҳмадҳои якчашми каллапаз ба 21 ҳазор нафар мерасида, ҳисоб кунед ва бибинед, ададди соирин чӣ қадр будааст?! Агар аввалину охиринро рӯйи замин ҷамъ кунем, қатъан боз ҳам кофӣ нест.

Достони Абулфараҷ чизе шабеҳи достони Аҳмади якчашми каллапаз аст. Аз ин рӯ, нависандагони доиратулмаорифи англисӣ бино бар нақли Шибли Нӯъмон, қиссаи Абулфарачро ҷузъи фукоҳиёт ба ҳисоб овардаанд.

3) Солисан, ҳамон тавре, ки Шибли Нӯъмон ва бархе муҳаққиқони ғарбӣ гуфтаанд, дар он аср китобҳо аз пӯст буда ва абадан ба дарди сӯхт намехӯрданд. Ва бад-ин ҷиҳат онҳоро барои сӯхт ба кор бурдан як кори лағву беҳудаи дигаре буда. Шибли Нӯъмон аз шахсе ба номи Мисю Дерпир нақл мекунад, ки гуфта: "*Мо яқин дорем, ки ҳаммомиёни Искандария то вақте, ки барои сӯхт маводди дигаре ҳозир доштанд, ҳеч вақт китобҳоеро, ки рӯйи пӯст тадвин ёфта ба масрафи сӯхт намерасониданд, ва сухан ин ҷост, ки қисмати аъзами китобҳои мазбур аз пӯст ташкил ёфта буданд*" (*Ҳамон манбаъ, сс.53-56*)

4) Робеъан, агар чунин китобхонае дар Искандария буд, қатъан Амр дар гузориши худ аз ин шаҳр ба халифа, ки дар таворих мазбут аст, номе ҳам аз он мебурд. Дар он гузориш аз

тафреҳгоҳҳои давлатӣ ва сабзифурӯшҳои шаҳр сухан ба миён омада, аммо аз китобхона сухане нест.

5) Хомисан, Искандария пас аз фатҳ ба василаи Амри Ос, қарордоди сулҳ бо мусалмонон баст ва мардуми он ҷо "аҳли зимма" ба шумор мерафтанд ва муқаррароти "аҳли зимма" дар бораи онҳо иҷро мешуд. Яъне ҷону молу номусу ҳатто маъобид ва озодии ибодаташон мӯҳтарам буд ва ҳукумати исломӣ худро зомин ва масъули онҳо медонист. Амр ибни Ос дар аҳдномаи худ бо мардуми Миср чунин навишт: "*Ин паймони амниятӣ аст, ки Амр ба мардуми Миср медиҳад, ки ҷону хуну амволу масокину соири умурашон дар амон аст*". Ва тибқи он чӣ аз "*Муъҷамул-булдон*" нақл шуда, тасреҳ шудааст, ки: "*Замини мардуми Миср, амвол ва сармояҳои он мардум ҳама мутааллиқ ба худашон аст ва касе ҳаққи таарруз надорад*".

Ба таври куллӣ медонем, ки сираи мусалмонон бо аҳли китоб ҳамвора инчунин буда, ки онҳоро пас аз фатҳ дар "зимма"-и худ қарор медоданд ва аз онҳо ҷизя мегирифтанд ва дар муқобили ин ҷизя ӯҳдадори амнияти ҷону молу ҳайсияту маъобиди онҳо мешуданд. Дар Искандария низ чунин шуд. Агар дар нақли Абулфараҷ омада буд, ки мусалмонон ҳангоми фатҳи Искандария қабл аз ақди паймони сулҳ бо мардуми он ҷо чунин коре карда буданд, то ҳадде қобили қабул буд, аммо гузориши Абулфараҷ мегӯяд, ин ҷараён муддатҳо баъд аз фатҳи Искандария, дар асари тазаккуре, ки аз тарафи Яҳёи Наҳвӣ дода шуд рух додааст. Ин ки мусалмонон баъд аз қарори сулҳ даст ба чунин коре бизананд, мухолифи сира ва суннати онҳост.

6) Содисан, он чӣ аз аҳволи Амр ва Умар ибни Хаттоб иттилоъ дорем, ин ҷараёнро таъйид намекунад. Аммо Амр шахсан марде мудаббир ва боҳуш ва мустақиллулфикр буда ва агар назари хоссе дошт, ба ҳар шевае буд бар халифа таҳмил мекард. Таворих менависад, ки Умар ибни Хаттоб чандон рағбате ба фатҳи Миср нишон намедод ва Амр ибни Ос назари худро бар ӯ таҳмил кард, то он ҷо, ки мегӯянд, аз халифа касби иҷоза кард, аммо пеш аз он ки иҷоза бирасад, ҳамларо шурӯъ кард.

Агар чунин мебуд, ки дар матни қисса омада, ки Яҳёи Наҳвӣ ба сурати надим ва муошири Амр даромада буд ва Амр ба ҳукми ақлу ҳуши зотӣ аз суханони ҳакимонаи Яҳё лаззат мебурд ва истифода мекард, Амр дар номаи худ ба халифа тавре гузориш медод, ки китобхонаи мавриди алоқаи дӯсти донишмандаш маҳфуз бимонад, на ин ки ба касби

иҷозаи соддае қаноат кунад ва ба маҳзи расидани номаи халифа бидуни он ки бори дигар номае бинависад, фавран дар ҷилави чашми дӯсти донишмандаш китобҳоеро, ки аз ҷон барои дӯсташ азизтар буд, тӯъмаи оташ намояд. Ба илова, сираи Амр дар Искандария сираи як фотеҳи алоқаманд ба ислоҳу умрону ободӣ будааст, на сираи як ҷаббору ситамгар аз қабили Қутайба ибни Муслим. Вил Дуронт менависад:

"*Амр бо адолат ҳукумат кард. Қисмате аз молиётҳои газофро ба пок кардани конолҳо ва таъмири пулҳо ва таҷдиди маъбари обӣ, ки ба рӯзгори салаф Нилро ба баҳри Аҳмар мепайваста буд ихтисос дод ва киштиҳо аз Медитарона ба уқёнуси Ҳинд роҳ тавонистанд ёфт. Ин маъбари обӣ бори дигар ба соли 114 ҳиҷрӣ (732 мелодӣ) аз шен пур шуд ва матрук монд". (Торихи тамаддун, ҷ11, с.220*)

Аз фарде, ки фикри иҷтимоиаш дар ин сатҳ будааст, наметавон бовар кард, ки китобхонаеро оташ бизанад.

Ва аммо Умар ибни Хаттоб ҳарчанд марди сахтгире будааст, вале аҳаде дар ҳушу дурандешии ӯ тардид надорад. Умар барои ин ки ҳамаи масъулиятҳоро шахсан бар ӯҳда нагирад ва ба илова аз фикру андешаи дигарон истимдод ҷӯяд, маъмулан дар масоили муҳим хусусан дар сиёсати хориҷии ҳукуматаш шӯро ташкил медод ва ба машварат мепардохт, ки дар китобҳои торих мастур аст ва ба ду намунааш ба таносуб дар Наҳҷул-балоға ишора шудааст. Дар ҳеч торихе дида нашуда, ки Умар дар бораи китобхонаи Искандария шӯрое ташкил дода бошад ва бо касе машварат карда бошад. Бисёр баъид аст, ки чунин тасмимеро бе машварат иттихоз карда бошад. Ба илова, агар Умар чунин андешае медошт, ки мо бо вуҷуди Қуръон ба ҳеч китоби дигар эҳтиёҷ надорем, қатъан ин андешаи дигарро ҳам дошт, ки бо вуҷуди масоҷид эҳтиёҷ ба маъбади дигар надорем. Пас, чаро дар қарордодҳои худ калисоҳо ва канисаҳо ва ҳатто оташкадаҳоро таҳаммул мекунад ва балки давлати исломиро мутаъаҳҳиди ҳифзу нигаҳдории онҳо дар изои шароити зимма медонад?

7) Собеъан, фаразан Амр ибни Ос чунин дастуре дода бошад, оё боваре аст, ки мардуми масеҳӣ ва яҳудии Искандария бидуни ҳеч аксуламали мухолифе он китобҳоро, ки маҳсули фарҳанг ва торихашон буда, монанди анбори ҳезум таҳвил бигиранд ва бисӯзонанд ва ҳатто махфиёна он китобҳоро дарнабаранд ва махфӣ насозанд?!

Аммо нақл Қифтӣ, айнан ҳамон аст, ки Абулфараҷ нақл кардааст. Ҳамаи эродҳое, ки бар нақли Абулфараҷ ворид аст, бар ин низ ворид аст. Ва ҳамчунон ки Абулфараҷ дар китоби торихи муфассали худ, ки ба сурёнӣ навишта ин қиссаро наёварда ва аммо дар "*Мухтасаруд-дувал*", ки ба арабӣ аст ва хулосаи он аст оварда ва ин мояи шигифтӣ аст, Қифтӣ низ дар китобе, ки дар торихи Миср навишта зикре аз ин қиссаи аҷиб накардааст, аммо дар китоби "*Ахборул-уламо би ахборил-ҳукамо*", ки торихи фалосифа аст, дар зайли аҳволи Яҳёи Наҳвӣ ин қиссаро бидуни зикри ҳеч мадраке овардааст. Бинобар ин, дар нақли Қифтӣ низ Яҳёи Наҳвӣ яке аз ду қаҳрамони қазия аст ва ҳамаи он китобҳо, ки дар ҳикмат ва фалсафа буда ба қадре буда, ки 4000 ҳаммомро дар муддати шаш моҳ гарм кардааст.

Қифтӣ муддаӣ аст, ки Яҳёи Наҳвӣ дар ибтидо "киштирон" буда, дар синни 45-солагӣ ишқи таҳсил ба сараш зада ва баъд, ҳам файласуф шуда ва ҳам пизишк ва ҳам адиб ва ҳам ба мақоми усқуфии Искандария расидааст.

Дар мавзӯи Яҳёи Наҳвӣ навъе ибҳом дар торих ҳаст. Он чӣ мусаллам аст марде файласуф ва усқуф дар давраи қабл аз ислом ба номи Яҳёи Наҳвӣ вуҷуд доштааст ва ҳамон аст, ки бар радди Пруқлус (*Proclus*) ва Арасту ва дар дифоъ аз усули масеҳият китоб навишта ва Бӯалӣ дар номаи маъруфаш ба Абӯрайҳони Берунӣ аз ӯ ба зиштӣ ёд мекунад ва муддаӣ аст, ки ӯ на аз рӯйи ақида, балки ба хотири авомфиребии мардуми насоро он китобҳоро навиштааст. Аз тарафи дигар, Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" аз Яҳёи Наҳвӣ ном мебарад, ки бо Амр ибни Ос мулоқот доштааст, бидуни зикре аз китобхонаи Искандария. Дар китоби мӯътабари "*Савонул-ҳикма*"-и Абӯсулаймони Мантиқӣ менависад, ӯ дар замони Усмон ибни Аффон ва Муовия дида шудааст.

Бинобар ин, ё нақли Ибни ан-Надим ва Абӯсулаймон бе асос аст ва ё он кас, ки дар замони Амр ибни Ос ва Муовия будааст, Яҳёноми дигаре буда ғайри он ки шахсияте маҳсуб мешавад ва шуруҳи зиёде бар китобҳои Арасту ва ғайра навишта ва усқуфи Искандария будааст.

Баъид нест касоне, ки достони китобхонаи Искандарияро сохтаанд, аз зикри номи Яҳёи Наҳвӣ дар каломи Ибни ан-Надим ва Абӯсулаймон истифода карда ва достонро пардохтаанд.

Ба ҳар ҳол, он чӣ мусаллам аст Яҳёи Наҳвии Искандаронӣ файласуф ва пизишк ва шореҳи Арасту ва усқуфи маъруфи Искандария, давраи Амр ибни Ос ва Муовияро дарк накардааст.

Аммо Ҳоҷ Халифа. Ин мард аз мутааххирин аст ва дар қарни 11-уми ҳичрӣ мезистааст. Ӯ як китобшинос ва феҳристнавис аст на муаррих. Китоби маъруфи ӯ "*Кашфуз-зунун*" аст, ки феҳристи китобҳост ва дар фанни худ боарзиш мебошад. Чумлае, ки аз ӯ нақл шуда ду қисмат аст. Қисмати аввал ин аст, ки: "*Араб дар садри ислом улумеро, ки мавриди тавоҷҷӯҳ қарор медод се қисмат буд: забон, дигар аҳкоми шариат, севвум пизишкӣ, ки андаке қаблан ҳам аз он баҳра дошт ва ба илова мавриди ниёзаш буд, вале ба улуми дигар намепардохт, зеро намехост пеш аз он ки пояҳои ислом устувор шавад, улуми бегона дар миёни мардум роиҷ гардад*".

Сухани Ҳоҷ Халифа то ин ҷо сухани дурустест. Мо дар бахши "Хадамоти Эрон ба ислом" оғоз ва кайфияти нашъунамои улумро дар ислом баррасӣ хоҳем кард. Улуми исломӣ аз қироат, фиқҳ, дастури забон оғоз гашт. Дар ибтидо тавоҷҷӯҳе ба улуми фалсафӣ ё табиӣ ё риёзӣ набуд. Тадриҷан ба ин улум тавоҷҷӯҳ шуд. Қисмати дуввуми сухани Ҳоҷ Халифа ин аст: "*Ҳатто гуфта мешавад, ки араб ҳангоми фатҳи шаҳрҳо китобҳое, ки ба даст меовард месӯхт*".

Мебинем, ки Ҳоҷ Халифа низ бо ин ки муаррих нест, нуктаеро, ки аҳли нақлу ривоят риоят мекунанд риоят кардааст. Нагуфтааст, ки араб ҳангоми фатҳи шаҳрҳо китобҳоро месӯзонид, ки изҳори назар ва таъйид дар қазия маҳсуб шавад, мегӯяд: "*Гуфта мешавад чунин…*" Шак надорад, ки дар замони Ҳоҷ Халифа, ки дар қарни 11-ум буда, чунин сухане гуфта мешудааст. Чаҳор қарн буда, ки ин сухан гуфта мешуда ва табъан қарн ба қарн бештар бар сари забонҳо меомадааст. Мисли ин аст, ки мо имрӯз бигӯем, гуфта мешавад ва бисёр ҳам гуфта мешавад, ки мусалмонони садри аввал ҳар ҷо китобе меёфтанд, месӯхтанд. Агар мо имрӯз чунин сухан бигӯем, дурӯғ нагуфтаем, чунонки дидем аз замони Абдуллатиф ва Абулфараҷ ва Қифтӣ шурӯъ шуд.

Пас Ҳоҷ Халифа илова бар ин ки монанди Абдуллатиф ва дигарон санаде ва маъхазе зикр накардааст, чизи тозае нагуфтааст; он чиро, ки дар афвоҳ дар замонаш гуфта мешуда, бо сиғаи феъли маҷҳул ("ва юрво") ба нишонаи ғайриқобили эътимод будан мунъакис кардааст.

Баъд аз Абдуллатиф афроди дигаре айни иборати Абдуллатифро дар китобҳои худ мунъакис кардаанд, ки чун маълум аст нақли сухани Абдуллатиф аст, қобили баҳсу баррасӣ нест. Масалан, Миқризӣ китобе дар торихи Миср навишта, ки ба номи "*Хутат Миқризӣ*" маъруф аст. Вай он ҷо, ки монанди як муаррих фатҳи Искандарияро зикр карда, номе аз китобсӯзӣ набурдааст, аммо он ҷо, ки ба тавсифи "*Амудус-саворӣ*" — ки Абдуллатиф ҳам иборати маъруфи худро дар зайли тавсифи он гуфтааст — мерасад, айни иборати Абдуллатифро ҳарф ба ҳарф такрор мекунад. Ин худ мерасонад, ки Миқризӣ кучактарин эътимоде ба ин нақл надоштааст, ва илло лоақал инро дар зимни фатҳи Искандария меовард ва ё лафзи "ва юзкар" (чунин гуфта мешавад)-ро меандохт.

Акнун навбати он аст, ки ба нақди сухани Ибни Халдун, ки дар бораи хусуси китобсӯзӣ дар Эрон сухан гуфтааст бипардозем. Агар ба асли иборати Ибни Халдун муроҷиа накунем ва ба нақли Пурдовуд дар Яштҳо, ки оқои дуктур Муин аз он ҷо нақл кардаанд эътимод кунем, бояд бигӯем, Ибни Халдун, ки худ як муаррих аст ва ӯро бо Абдуллатиф, ки сирфан як табиб аст ва мехоста сафарнома бинависад ё Абулфараҷ, ки ӯ низ табиб аст ва ё Ҳоҷ Халифаи феҳристнавис ва ҳатто бо Қифтии "*Торихул-ҳукамо*"-навис набояд муқоиса кард. Ӯ худ як муаррих ва муаллифи торихи умумӣ аст, бинобар ин агар ба зирси қотеъ изҳори назар кунад валав мадрак нишон надиҳад, бояд гуфт, санад ва маъхазе дар кор будааст.

Вале Ибни Халдун низ изҳори назар накарда ва ба сурати феъли маҷҳул баён кардааст. Ӯ ҳам сухани худро бо ҷумлаи "*ва лақад юқолу*" оғоз кардааст (ҳамоно чунин гуфта мешавад). Ба илова, Ибни Халдун дар садри суханаш ҷумлае изофа карда, ки бештар мӯҷиби заъфи қазия мешавад. Ӯ баъд аз он ки тибқи асли иҷтимоии хосси худаш (ки мавриди қабули дигарон нест, ва он ин ки ҳар ҷо, ки мулку умрон густариш ёфта бошад, улуми ақлӣ хоҳ нохоҳ густариш меёбад) натиҷа мегирад, ки дар Эрон, ки мулку умрон густариши азим ёфта будааст, наметавонад улуми ақлӣ густариш наёфта бошад, мегӯяд:

"*Ва ҳамоно гуфта мешавад, ки ин улум аз эрониён ба юнониён расид он гоҳ, ки Искандар Дороро кушт ва бар мулки каёнӣ тасаллут ёфт ва бар китобҳо ва улуми бе ҳадду ҳасри онҳо истило ёфт ва чун сарзамини Эрон фатҳ шуд ва дар он ҷо китобҳо фаровон диданд, Саъд ибни Ваққос ба Умар нома навишт…*"

Чунонки медонем, ин ки Искандар аз Эрон китобҳое ба Юнон бурда бошад ва баъд аз фатҳи Эрон ба дасти Искандар юнониён ба улуми тозае даст ёфта бошанд, матлабест, ки ҳеч торихе онро ёд накардааст ва ҳеч асосе надорад. Оқои Пурдовуд дар ин ҷо дағале фармуда, қисмати аввалро, ки ҳам муштамил бар феъли маҷҳули "ва лақад юқолу" аст ва ҳам муштамил бар достони маҷъули ҳамли китобҳо ва улуми Эрон ба Юнон аст ҳазф кардааст ва ба натиҷагирӣ пардохтааст.

Маъхази шойеъае, ки Ибни Халдун ишора карда бо маъхази шойеъаи китобсӯзии Искандария ъалаззоҳир дутост. Шойеъаи китобсӯзии Искандарияро масеҳиён сохтаанд барои он ки ин ҷиноятро аз гардани худашон, ки омили аслӣ ҳастанд бардоранд ва ба гардани мусалмонон биандозанд, вале маъхази шойеъае, ки Ибни Халдун ишора кардааст ъалаззоҳир "Шуъубия" ҳастанд. Худи Ибни Халдун низ холӣ аз тамоюли шуъубӣ ва зиддиарабӣ нест.

Шуъубиёни эронӣ шиорашон ин буд: "*Ҳунар назди эрониён асту бас*". Аз зоҳири иборати Ибни Халдун шояд бишавад истифода кард, ки мехостаанд муддаӣ шаванд ҳамаи улуми Юнон аз Эрон аст, дар сурате, ки медонем Искандар дар замони Арасту ба Эрон ҳамла кард ва тамаддун ва фарҳанги Юнон дар он вақт дар авҷи шукуфоӣ буд.

Матлаби дигар ин аст, ки он чӣ то кунун аз Ибни Халдун нақл шуда аз муқаддимаи ӯст, ки китобест фалсафӣ ва иҷтимоӣ. То кунун надидаем, ки ин матлабро касе аз худи торихи ӯ, ки ба номи "*Ал-ибар ва девонул-мубтадаи вал-хабар*" аст нақл карда бошад. Ибни Халдун агар барои ин қисса арзиши торихӣ қоил буд, бояд дар он ҷо нақл карда бошад.

Мутаассифона торихи Ибни Халдун дар ихтиёрам нест, вале агар чизе дар он ҷо мебуд, бисёр баъид аст, ки риндон ғофил монда бошанд. Агар чунин матлабе дар худи торихи Ибни Халдун буд, аз он ҷо нақл мешуд ва на аз муқаддима. Бояд ба худи торихи Ибни Халдун муроҷиа шавад.

Дар мавриди китобхонаи Искандария, илова бар набудани маъхаз ва илова бар ин ки ноқилҳо ба сурати феъли маҷҳул, ки нишонаи беэътимодист нақл кардаанд, як силсила қароини хориҷӣ ҳам бар дурӯғ будани қазия буд, аз он ҷумла ин ки торих мегӯяд, ин китобхона қарнҳо қабл аз ислом ба бод рафтааст.

Дар мавриди китобсӯзии Эрон низ бархе қароини хориҷӣ дар кор аст. Яке ин ки асосан торих вуҷуди китобхонаеро дар Эрон забт накардааст, бар хилофи китобхонаи Искандария, ки вуҷуди чунин китобхонае дар солҳои миёни се қарн қабл аз мелод то ҳудуди чаҳор қарни баъд аз мелод қатъии торих аст. Агар дар Эрон китобхонаҳое вуҷуд медошт, фаразан сӯхтани онҳо забт нашуда буд, асли вуҷуди китобхона забт мешуд, хусусан бо таваҷҷӯҳ ба ин ки медонем ахбори Эрон ва торихи Эрон беш аз ҳар ҷойи дигар дар таворихи исломӣ ба василаи худи эрониён ё аъроб забт шудааст.

Дигар ин ки дар миёни эрониён як ҷараёни хосс падид омад, ки эҷоб мекард агар китобсӯзӣ дар Эрон рух дода бошад, ҳатман забт шавад ва бо обутоби фаровон ҳам забт шавад, ва он ҷараёни шуъубигарӣ аст. Шуъубигарӣ ҳарчанд дар ибтидо як наҳзати муқаддаси исломии адолатхоҳона ва зиддитабъиз буд, вале баъдҳо табдил шуд ба як ҳаракати нажодпарастона ва зиддиараб. Эрониёни шуъубимаслак китобҳо дар масолиб ва маойиби араб навиштанд ва ҳар ҷо нуқтаи заъфе аз араб суроғ доштанд, бо обутоби фаровон менавиштанд ва пахш мекарданд; ҷузъиёте аз лобалои торих пайдо мекарданд ва аз сир то пиёз фурӯгузор намекарданд.

Агар араб чунин нуқтаи заъфи бузурге дошт, ки китобхонаҳоро оташ зада буд, хусусан китобхонаи Эронро, маҳол ва мумтанеъ буд, ки шуъубия — ки дар қарни дуввуми ҳичрӣ авҷ гирифта буданд ва Бани Аббос ба ҳукми сиёсати зиддиумавӣ ва зиддиарабӣ, ки доштанд ба онҳо пару бол медоданд — дар бораш сукут кунанд, балки як калоғро сад калоғ карда ва ҷору ҷанҷол роҳ меандохтанд, ва ҳол он ки шуъубия тафаввуҳ ба ин матлаб накардаанд. Ва ин худ далели қотеъест бар афсона будани қиссаи китобсӯзии Эрон.

Сухани мо дар бораи китобсӯзии Эрон ва Искандария ба поён расид. Хулосаи сухан ин шуд, ки то қарни ҳафтуми ҳичрӣ яъне ҳудуди 600 сол баъд аз фатҳи Эрон ва Миср, дар ҳеч мадраке (чӣ исломӣ ва чӣ ғайриисломӣ) сухан аз китобсӯзии мусалмонон нест. Барои аввалин бор дар қарни ҳафтум ин масъала тарҳ мешавад. Касоне, ки тарҳ кардаанд, аввалан ҳеч мадрак ва маъхазе нишон надодаанд ва табъан аз ин ҷиҳат нақлашон эътибори торихӣ надорад, ва агар ҳеч заъфе ҷуз ин як заъф набуд, барои беэътибории нақли онҳо кофӣ буд. Тоза, ҳамаи онҳо ба истиснои Абулфараҷ ва Қифтӣ, вуҷуди шойеъаеро бар забонҳо ривоят кардаанд, на вуқӯи ҳодисаро, ва дар шариати ривоят ва қонуни нақли торихӣ, ҳар гоҳ

муаррих ба ҷойи нақли ҳодисае, “бар сари забонҳо будан”-и он ҳодисаро нақл кунад, яъне ба ҷойи он ки бигӯяд чунин ҳодисае воқеъ шуда, бигӯяд “гуфта мешавад чунин ҳодисае воқеъ шуда”, нишонаи ин аст, ки ҳатто худи гӯянда эътимоде ба вуқӯи он ҳодиса надорад.

Ва ба илова, нақлҳои қарни ҳафтум, ки реша ва манбаи соири нақлҳост, яъне нақли Абдуллатиф ва Абулфараҷ ва Қифтӣ, дар матни худ муштамил бар дурӯғҳои қатъист, ки санади беэътибории онҳост.

Ва илова бар ҳамаи инҳо, чӣ дар мавриди Эрон ва чӣ дар мавриди Искандария, қароини хориҷӣ вуҷуд дорад, ки фаразан ин нақлҳо заъфи санадӣ ва мазмунӣ намедошт, онҳоро аз эътибор меандохт.

Мумкин аст барои хонандаи мӯҳтарам ин тасаввур падид ояд, ки мо дар бораи ин матлаб ба итноб сухан рондем ва кори нақдро ба исроф кашондем, ҳамин мухтасар, ки дар ин ҷо гуфта шуд, кофӣ буд ва ҳаддиаксар андаке бештар тафсил дода мешуд.

Тасдиқ мекунам, ки агар қиссаи китобсӯзӣ сирфан ба унвони як ҳодисаи торихӣ дар муҳити таҳқиқ бихоҳад баррасӣ шавад, ниёзе ба ин ҳама тафсил надорад, аммо хонандаи мӯҳтарам бояд таваҷҷӯҳ дошта бошад, ки ин достонро аз муҳити таҳқиқ ва ҷавви баррасии илмӣ хориҷ карда ва аз он як “сужа” барои ”таблиғ” сохтаанд. Барои муҳаққиқони бетараф, аъамм аз мусалмон ва ғайримусалмон, беасосии ин достон амре мусаллам ва қатъист, вале гурӯҳҳое, ки ба навъе худро дар таблиғи ин қисса зинафъ медонанд, дастбардор нестанд, кӯшиш доранд аз роҳҳои мухталиф ин достонро василаи таблиғ қарор диҳанд. Таблиғи китобсӯзӣ дар Эрон ва дар Искандария, тадриҷан ба сурати як “дастур” ва як “шеваи ҳамла” даромадааст.

Шибли Нӯъмон дар рисолаи “*Китобхонаи Искандария*” мегӯяд:

“Муҳаққиқони номии Урупо монанди Гибон (*Edward Gibbon*), Корлил (*Thomas Carlyle*), Гудфри (*Godfray*), Ҳектур (*Hector*), Ренон ва ғайри инҳо ғолиби ривоёти беҳудаеро, ки дар Урупо роҷеъ ба ислом ва мусалмонон интишор ёфта буданд, ғалат ва беасос дониста ва сароҳатан онҳоро рад ва инкор кардаанд, вале дар таълифот ва ривоёти омма ҳанӯз аз шӯҳрати онҳо коста нашудааст. Ва бояд донист аз миёни шойеъоте, ки гуфтем, яке ҳам шойеъаи сӯзонидани китобхонаи Искандария аст, Урупо ин қазияро бо як садои ғариб ва оҳанги маҳибе интишор додааст, ки воқеан ҳайратангез мебошад. Китобҳои торих, румон,

мазҳаб, мантиқ ва фалсафа ва амсоли он ҳеч кадом аз асари он холӣ нест. (Барои ин ки ин қисса дар азҳон русух пайдо кунад, дар ҳар навъ китоб ба баҳонае онро гунҷонидаанд, ҳатто дар китобҳои фалсафа ва мантиқ). Ҳатто як сол дар имтиҳони солиёнаи донишгоҳи Калкатаи Ҳинд (ки таҳти назари англисиҳо буд) дар авроқи суолҳои мутааллиқ ба мантиқ, ки чандин ҳазор нусха чоп шуда, ҳалли муғолатаи зайлро суол намуда буданд: "*Агар китобҳо мувофиқ бо Қуръон аст, зарурате ба онҳо нест, ва агар мувофиқ нест ҳамаро бисӯзон*". (*Шибли Нӯъмон, Китобхонаи Искандария, с.6*)

Шибли Нӯъмон баъд ин суолро тарҳ мекунад, ки чӣ сиёсате дар кор аст; оё ин навъе ҳамдардӣ ва дилсӯзӣ дар бораи китобҳоест, ки сӯхта шуда ё матлаби дигаре дар кор аст? Агар дилсӯзист, чаро нисбат ба китобсӯзиҳои мусаллам ва басе маҳибтар, ки дар фатҳи Андалус ва ҷангҳои салибӣ ба василаи худи масеҳиён сурат гирифта ҳеч вақт дилсӯзӣ намешавад?!

Шибли худаш инчунин посух мегӯяд, ки иллати аслӣ ин аст, ки ин китобхонаро худи масеҳиён қабл аз ислом аз байн бурданд ва акнун бо таблиғи фаровон тавре вонамуд мекунанд, ки ин китобхонаро мусалмонон аз байн бурданд, на онҳо. Ҳадафи аслӣ пӯшонидани рӯйи ҷурми худашон аст.

Иллате, ки Шиблӣ зикр мекунад, яке аз иллатҳои қазия аст ва танҳо дар мавриди китобхонаи Искандария сидқ мекунад. Иллат ё иллатҳои дигаре дар кор аст. Масъала, асли истеъмор аст. Истеъмори сиёсӣ ва иқтисодӣ он гоҳ тавфиқ ҳосил мекунад, ки дар истеъмори фарҳангӣ тавфиқ ба даст оварда бошад. Бе эътиқод кардани мардум ба фарҳанги худашон ва торихи худашон, шарти аслии ин муваффақият аст. Истеъмор дақиқан ташхис дода ва таҷриба кардааст, ки фарҳанге, ки мардуми мусалмон ба он такя мекунанд ва идеулужие, ки ба он менозанд, фарҳанг ва идеулужии исломӣ аст, боқӣ ҳама ҳарф аст ва аз чаҳор девори конфронсҳо ва ҷашнвораҳо ва кунгираҳо ва семинорҳо ҳаргиз берун намеравад ва ба матни тӯда нуфуз намеёбад. Пас мардум аз он эътиқод ва аз он имон ва аз он эътимод ва ҳусни занн бояд тахлия шаванд, то омодаи сохта шудан тибқи улгуҳои ғарбӣ гарданд.

Барои бадбин кардани мардум ба он фарҳанг ва он идеулужӣ ва паёмоварони онҳо чӣ аз ин беҳтар, ки ба насли ҷадид чунин вонамуд шавад, ки мардуме, ки шумо мепиндоред

рисолати наҷот ва раҳоӣ ва раҳбарии башарият ба саодатро доштанд ва ба ин ном ба кишварҳои дигар ҳамла мебурданд ва режимҳоеро сарнагун мекарданд, худ ба ваҳшиёнатарин корҳо даст задаанд ва ин ҳам намунааш.

Бинобар ин, хонандаи мӯҳтарам тааҷҷуб нахоҳад кард, ки (дар) суолоти имтиҳонии солиёнаи донишгоҳи Калкатаи Ҳинд, ки ба дасти ангилисиҳо идора мешудааст, барои ҳалли муғолатаи мантиқӣ суоле пайдо намешуда ҷуз матни фармони маҷъули китобсӯзӣ. Ва барои як нависандаи эронӣ (дар замони шоҳ) ҳам, ки мабонии фалсафа барои соли шашуми дабиристонҳо менависад ва ҳар соле даҳҳо ҳазор нусха аз он чоп мешавад ва дар ихтиёри донишомӯзони бехабар ва соддадили эронӣ қарор мегирад, он ҷо, ки дар бораи қиёси истисноӣ дар мантиқ баҳс мешавад, алорағми фишорҳое, ки нависанда бар мағзи худ меоварад, ҳеч суоли дигаре ба зеҳн намерасад ҷуз ҳамон суоле, ки тарроҳони ангилисӣ дар донишгоҳи Калката тарҳ карданд ва ночор мешавад масъаларо ба ин сурат тарҳ кунад: "*Мумкин аст қиёси истисноӣ дар айни ҳол мунфасила ва муттасила яъне мураккаб бошад. Мисоли ин гуна қиёс қавли маъруфи мансуб ба пешвои араб аст, ки чун хост сӯзондани китобхонаи Сосониёнро мудаллал ва мувоҷҷаҳ кунад, чунин истидлол кард: ин китобҳо ё мувофиқи Қуръонанд ва ё мухолифи он. Агар мувофиқи Қуръонанд вуҷудашон зоид аст, агар мухолифи он ҳастанд низ вуҷудашон зоид ва музир аст ва ҳар чизи зоид ва музир бояд аз байн бурда шавад, пас дар ҳар сурат ин китобҳо бояд сӯхта шаванд*." (*Дуктур Алиакбари Сиёсӣ, Мабонии фалсафа, с.254*)

Чанд сол пеш дар муассисаи исломии ҳусайнияи Иршод ду суханронӣ эрод кардам, ки унвонаш "Китобсӯзии Искандария" буд ва бепоягии онро равшан кардам. Ёдам ҳаст, ки баъд аз поёни он суханрониҳо аз муқаддасмаобе номае дарёфтам ба ин мазмун, ки ту чӣ ангезае дорӣ, ки дурӯғ будани ин қиссаро исбот кунӣ?! Бигузор агар дурӯғ ҳам ҳаст, мардум бигӯянд, зеро дурӯғест ба маслиҳат ва таблиғест алайҳи Амри Ос.

Ин муқаддасмаоб гумон карда буд, ки ин ҳама буқу карнай, ки аз Урупо то Ҳиндро пур карда, китобҳо дар атрофаш менависанд ва румонҳо барояш месозанд ва барои он ки мусаллам ва қатъӣ талаққӣ шавад дар китобҳои мантиқ ва фалсафа ва суолоти имтиҳонӣ онро мегунҷонанд, ба хотири эҳсосоти зидди амри осӣ аст ва ё қурбатан илаллоҳ ва барои хидмат ба олами ташайюъ ва беобрӯ кардани мухолифони Амирулмӯъминин аст!

Ин ашхос намедонанд, ки дар ҷавве, ки ин масоил матраҳ мешавад, масъалаи ислом матраҳ асту бас, ва намедонанд, ки дар ҷаҳони имрӯз силоҳи муассир алайҳи як кеш ва як ойин баҳсҳои каломӣ ва истидлолҳои мантиқии зеҳнӣ нест. Дар ҷаҳони имрӯз, тарҳи тарзи бархӯрди пайравони як кеш дар ҷараёни торих бо мазоҳири фарҳанг ва тамаддун, муассиртарин силоҳ лаҳ ё алайҳи он кеш ва он ойин аст.

Корномаи ислом дар Эрон

Мутолеаи сафаҳоти гузашта нишон дод, он гоҳ, ки исломи азиз ба кишвари маҳбуби мо қадам гузошт, кишвари мо дар чӣ вазъ ва чӣ шароиту аҳвол ба сар мебурд. Ислом аз Эрон чӣ гирифт ва ба Эрон чӣ дод?

Ба он чӣ аз матолиби гузашта ба ҳофиза супурдаед, мурурe бикунед, мебинед аввалин чизе, ки ислом аз Эрон гирифт, ташаттути афкору ақоиди мазҳабӣ буд, ва ба ҷойи он, ваҳдати ақида барқарор кард. Ин кор барои аввалин бор ба василаи ислом дар ин марзу бум сурат гирифт. Мардуми шарқу ғарб ва шимолу ҷануби ин кишвар, ки бархе сомӣ ва бархе ориёӣ буданд ва забонҳо ва ақоиди гуногун доштанд ва то он вақт робит миёни онҳо фақат зӯру ҳукумат буд, барои аввалин бор ба як фалсафа гаравиданд. Фикри воҳид, ормони воҳид, идели воҳид пайдо карданд, эҳсосоти бародарӣ миёни онҳо пайдо шуд. Ҳарчанд ин кор ба тадриҷ дар тӯли чаҳор қарн анҷом гирифт, вале саранҷом сурат гирифт ва аз он вақт то кунун дар ҳудуди 98 дарсади ин мардум чунинанд.

Режими мӯбадӣ бо ин ки такрибан мусовии ҳамин муддат бар Эрон ҳукумат кард ва ҳамвора мекӯшид ваҳдати ақида бар асоси зартуштигарӣ эҷод кунад, муваффақ нашуд, вале ислом, бо он ки ҳукумат ва сайтараи сиёсии араб пас аз ду қарн аз ин кишвар рахт бар баст, ба ҳукми ҷозибаи маънавӣ ва нерӯи иқноъӣ, ки дар муҳтавои худи ин дин аст, дар Эрон ва чандин кишвари дигар ин тавфиқро ҳосил кард.

Ислом ҷилави нуфуз ва тавсиъаи масеҳиятро дар Эрон ва дар машриқзамин ба таври умум гирифт. Мо наметавонем ба таври қатъ бигӯем агар Эрон ва машриқзамин масеҳӣ шуда буд, чӣ мешуд, вале метавонем ҳадси наздик ба яқин бизанем, ки бар сари ин кишвар ҳамон меомад, ки бар сари соири кишварҳое, ки ба масеҳият гаравиданд омад, яъне торикии қуруни вусто. Эрон дар партави гароиш ба ислом дар ҳамон вақт, ки кишварҳои гараванда

ба масеҳият дар торикии қуруни вусто фурӯ рафта буданд, ҳамдӯш бо соири милали исломӣ ва пешопеши ҳамаи онҳо машъалдори як тамаддуни азим ва шукӯҳманд ба номи “тамаддуни исломӣ” шуд.

Инҷо ин пурсиш ба зеҳн меояд, ки агар хоссияти масеҳият он аст ва хоссияти ислом ин, пас чаро имрӯз кор баръакс аст? Ҷавобаш равшан аст: онҳо аз ҳафт ҳашт қарн пеш масеҳиятро раҳо карданд ва мо аз ҳамон вақт исломро.

Ислом ҳисори мазҳабӣ ва ҳисори сиёсӣ, ки гирдогирди Эрон кашида шуда буд ва намегузошт эронӣ истеъдоди хешро дар миёни миллатҳои дигар буруз диҳад ва ҳам намегузошт ин миллат аз маҳсули андешаи соири милали муҷовир ё дурдаст истифода кунад, дарҳам шикаст; дарвозаҳои сарзаминҳои дигарро ба рӯйи эронӣ ва дарвозаи Эронро ба рӯйи фарҳангҳо ва тамаддунҳои дигар боз кард. Аз ин дарвозаҳои боз ду натиҷа барои эрониён ҳосил шуд: яке ин ки тавонистанд ҳушу лиёқату истеъдоди хешро ба дигарон амалан собит кунанд, ба тавре, ки дигарон онҳоро ба пешвоӣ ва муқтадоӣ бипазиранд. Дигар ин ки бо ошно шудан ба фарҳангҳо ва тамаддунҳои дигар, тавонистанд саҳми азиме дар такмил ва тавсиъаи як тамаддуни азими ҷаҳонӣ ба худ ихтисос диҳанд.

Аз ин рӯ аз як тараф мебинем барои аввалин бор дар торихи ин миллат, эронӣ пешво ва муқтадо ва марҷаъи динии ғайриэронӣ мешавад; филмасал Лайс ибни Саъди эронӣ пешвои фиқҳии мардуми Миср мешавад ва Абӯҳанифаи эронӣ — бо ин ки дар худи Эрон ба воситаи ошноии ин мардум бо мактаби Аҳли байт пайравони зиёде пайдо намекунад — дар миёни мардуми дигар, ки бо он мактаби муқаддас ошно нестанд, ба сурати як пешвои берақиб дармеояд. Абӯубайда Муаммар ибни ал-Мусанно ва Восил ибни Ато ва амсоли онҳо пешвои каломӣ мешаванд. Сибавайҳ ва Касоӣ имоми сарфу наҳв мегарданд ва дигаре марҷаъи луғат ва ғайра.

Дар инҷо бемуносибат нест достони зайлро нақл кунем:

Ҳишом ибни Абдулмалик (халифаи марвонӣ) рӯзе аз яке аз уламо, ки ба мулоқоти вай дар Расофаи Куфа рафта буд пурсид:

— Оё уламо ва донишмандонеро, ки акнун дар шаҳрҳои исломӣ марҷаъияти илмӣ ва фатвоӣ доранд мешиносӣ?

Гуфт:

— Оре.

Ҳишом гуфт:

— Акнун фақеҳи Мадина кист?

Ҷавоб дод:

— Нофеъ.

— Нофеъ мавлост ё арабӣ? (Ба эрониён дар он даврон мавло мегуфтанд.)

— Мавлост.

— Фақеҳи Макка кист?

— Ато ибни Абирибоҳ.

— Мавлост ё арабӣ?

— Мавлост.

— Фақеҳи аҳли Яман кист?

— Товус ибни Кайсон.

— Мавлост ё арабӣ?

— Мавлост.

— Фақеҳи Ямома кист?

— Яҳё ибни Касир.

— Мавлост ё арабӣ?

— Мавлост.

— Фақеҳи Шом кист?

— Макҳул.

— Мавлост ё арабӣ?

— Мавлост.

— Фақеҳи Ҷазира кист?

— Маймун ибни Маҳон.

— Мавлост ё арабӣ?

— Мавлост.

— Фақеҳи Хуросон кист?

— Заҳҳок ибни Музоҳим.

— Мавлост ё арабӣ?

— Мавлост.

— Фақеҳи Басра кист?

— Ҳасан ва Ибни Сирин.

— Мавло ҳастанд ё арабӣ?

— Мавло ҳастанд.

— Фақеҳи Куфа кист?

— Иброҳими Нахаъӣ.

— Мавлост ё арабӣ?

— Араб аст.

Ҳишом гуфт:

— Наздик буд бехуд шавам. Ҳар киро пурсидам, ту гуфтӣ мавлост, хуб шуд лоақал ин як арабӣ аст. (*Муҳаммад Абузуҳра, Абӯҳанифа; ҳаётуҳу ва асруҳ, фиқҳуҳу ва ороуҳ, с.15*)

Дар чӣ аср ва чӣ замоне инчунин фурсат барои эронӣ пайдо шудааст, ки ифтихори пешвоии динии мардуми нуқоти мухталиф ва кишварҳои мухталиф аз Ҳиҷозу Ироқу Яману Шому Ҷазираву Мисру ғайраро пайдо кунад? Дар замонҳои баъд ин пешвоӣ тавсиъаи бештаре пайдо кард. Аҷиб ин аст, ки Сэр Ҷон Малкуми англисӣ, қарни аввал ва дуввуми исломиро, ки давраи ренусонс ва шукуфтани истеъдодҳои илмӣ ва маънавии эрониён пас аз як рукуди тӯлонист, қарнҳои сукут ва хумуди эронӣ меномад. Сэр Ҷон Малкум амдан мехоҳад қазоёро аз зовияи сиёсӣ ва бо айнаки таассуботи нажодӣ, ки махсусан истеъмори қарни 19-ум ба шиддат таблиғ мекард, бингарад ва ироа диҳад. Аз назари Сэр Ҷон Малкум он чӣ фақат бояд онро ба ҳисоб овард ин аст, ки чӣ касе ва аз чӣ нажоде бар мардум ҳукм меронд аст, ва аммо тӯдаи мардум дар чӣ ҳолу вазъе будаанд ва чӣ бурда ва чӣ бохтаанд, набояд ба ҳисоб ояд. Амсоли Сэр Ҷон Малкум ҳаргиз таассуфе надоранд, ки масалан чаро Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф одам мекушт ва ситам мекард; таассуфашон ва дар ҳақиқат изҳори таассуфашон, таҳти ин унвон аст, ки чаро як нафар эронӣ ба ҷойи Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф корҳои ӯро накард? Бигзарем аз ин ҷумлаи мӯътариза.

Мутолеаи торихи Эрони баъд аз ислом, аз назари шӯру ҳаяҷоне, ки дар эрониён аз лиҳози илмӣ ва фарҳангӣ падид омада буд, ки монанди ташнаи маҳруме фурсатро ғанимат

мешумурданд ва дар натиҷа тавонистанд истеъдодҳои худро буруз диҳанд ва барои аввалин бор милали дигар онҳоро ба пешвоӣ ва муқтадоӣ пазируфтанд ва ин пазириш ҳанӯз ҳам нисбат ба эрониёни қуруни аввал то шашум ва ҳафтуми исломӣ идома дорад, фавқулъода ҷолиб аст.

Ин аз як тараф, ва аз тарафи дигар, ин дарвозаҳои боз сабаб шуд, ки илова бар фарҳанг ва улуми исломӣ, роҳ барои вуруди фарҳангҳои юнонӣ, ҳиндӣ, мисрӣ ва ғайра боз шавад ва моддаи сохтани як бинои азими фарҳанги исломӣ фароҳам гардад; заминаи шукуфтани истеъдодҳое назири Бӯалӣ ва Форобӣ ва Абӯрайҳон ва Хайёми риёзидон ва Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва Садрулмутаалиҳин ва садҳо олими табиӣ ва риёзӣ ва муаррих ва ҷуғрофиёдон ва пизишк ва адиб ва файласуф ва ориф фароҳам гардад.

Музҳик ин аст, ки Пурдовуд мегӯяд:

"*Агар ҳамлаи тозиён ва фарҳанги сомӣ набуд ва донишмандони мо чун Бӯалӣ ва Хайём ба шеваи "Наврӯзнома" ва ё "Донишномаи Алоӣ" китобҳои дигарашонро менавиштанд, имрӯз забони порсӣ ганитар ва бозтар буд.*" (*Ба нақл аз рӯзномаи "Иттилоот", шумораи 12745, муаррахаи 29 обони 1347*)

Оё агар ҳамлаи тозиён набуд ва ҳисоре, ки мӯбадҳо кашида буданд ва истеъдодҳои эрониро дар онҷо маҳбус карда буданд, (агар) ҳамчунон боқӣ буд, Бӯалӣ ва Хайёме буд, то "Донишнома" ва "Наврӯзнома" ва ҳазорон китоби дигарро ба забони порсӣ бинависанд? Ин ҳама осор ба забони арабӣ ё форсӣ, ки эрониёни ҳушманд ба ҷаҳон арза карданд, мавлуди ҳамон ҳамлаи тозиён ва ҳисоршикании онҳо ва ошно шудани эрониён бо як фарҳанги мазҳабии ғанӣ буд, ки илмро бар ҳар мусалмоне фариза мешуморад.

Дуруст мисли ин аст, ки бигӯем, агар дар рӯз хуршед намебуд ва ҳарорааш бар сари мо наметофт, мо роҳаттар кор мекардем! Дар сурате, ки агар хуршед набуд, рӯз ҳам набуд.

Ин ду ҷараён танҳо маҳсули шикастани ҳисорҳои хориҷӣ ва ба вуҷуд омадани дарвозаҳои боз набуд; омили дигар бардоштани монеи таҳсилӣ аз сари роҳи тӯдаи мардуми Эрон буд, ки қаблан иҷтимои табақотӣ ва режими мӯбадӣ ба вуҷуд оварда буд. Ислом аъёну ашроф намешинохт ва илмро ба табақаи руҳонӣ ва ё табақоти дигар ихтисос намедод. Аз назари ислом, мӯзагару кӯзагар ҳамон андоза ҳаққи таҳсилу омӯзиш дорад, ки фалон шоҳзода. Аз қазо, навобиғ аз миёни ҳамин баччамӯзагарҳо ва баччакӯзагарҳо зуҳур мекунанд.

Бардоштани ин монеи дохилӣ ва он монеи хориҷӣ сабаб шуд, ки эрониён мақоми шоистаи хешро чӣ аз назари пешвоии соири милал ва чӣ аз назари ширкат дар бинои азими тамаддуни ҷаҳонии исломӣ эҳроз кунанд.

Ислом, эрониро ҳам ба худаш шиносонд ва ҳам ба ҷаҳон; маълум шуд, ки он чӣ дар бораи эронӣ гуфта шуд, ки нубуғу истеъдодаш фақат дар ҷанбаҳои низомӣ аст ва димоғи илмӣ надорад ғалат аст. Ақиб афтодани эронӣ дар бархе давраҳо аз нақси истеъдодаш набуда, балки ба воситаи гирифторӣ дар занҷири режими мӯбадӣ будааст ва аз ин рӯ ҳамин эронӣ дар давраи исломӣ нубуғи илмии хешро дар аълодараҷа нишон дод.

Режими мӯбадии истеъдодкуши пеш аз ислом сабаб шудааст, ки бархе хориҷиён иштибоҳ карда, асосан истеъдоди эрониёнро таҳқир кунанд. Масалан Густов Ле Бун (*Gustave Le Bon*) мегӯяд:

"*Аҳаммияти эрониён дар торихи сиёсати дунё хеле бузург будааст, вале баръакс дар торихи тамаддун хеле хурд будааст. Дар муддати ду қарн, ки эрониёни қадим бар қисмати муҳимме аз дунё салтанат доштанд, шоҳаншоҳии фавқулъода боазамате ба вуҷуд оварданд, вале дар улум ва фунун ва санойеъ ва адабиёт абадан чизе эҷод накарданд ва ба ганҷинаи улум ва маърифате, ки аз тарафи ақвоми дигаре, ки эрониён ҷойи онҳоро гирифта буданд (боқӣ монда буд) чизе наяфзуданд… Эрониён холиқ набуданд, балки танҳо ривоҷдиҳандаи тамаддун буданд ва аз ин қарор аз лиҳози эҷоди тамаддун аҳаммияти онҳо бисёр кам будааст.*" (*Хулқиёти мо эрониён, с.93. асари Муҳаммадалӣ Ҷамолзода, нақл аз "Тамаддуонти қадимӣ"-и Густов Ле Бун*)

Климен Ҳурт (*Clément Huart*), муаррихи фаронсавӣ ва муаллифи китоби "*Эрони бостонӣ ва тамаддуни Эрон*" мегӯяд:

"*Эрон мамлакате буд низомӣ, ки чӣ улум ва чӣ санойеъу фунун маҳол буд дар он ҷо нашъунамо намояд ва пизишки юнонӣ, ки дар мадориси манотиқи Медитарона тарбият мешуд, танҳо намояндаи улум дар Эрон буд, ҳамчунон ки ҳунармандони бегона аз қабили юнониён ва аҳоли Лидӣ ва мисриҳо танҳо намояндагони санъат ва ҳунар дар он марзу бум буданд ва ҳоказо муставфиҳо низ калдонӣ ва оромиҳои соминажод буданд.*" (*Ҳамон манбаъ, с.108*)

Ҷурҷ Ровлинсун (*George Rawlinson*) дар китоби "*Салтанатҳои панҷгонаи бузурги олами машриқзамин*" гуфтааст:

"Эрониёни қадим абадан кӯмаке ба тараққии илму дониш нанамуданд. Руҳ ва қареҳаи ин қавм ҳеч вақт бо таҳқиқоте, ки мусталзими сабру ҳавсала бошад, бо таҷассусот ва татаббӯъот ва ковишҳои пурзаҳмате, ки мояи тараққиёти илмӣ аст миёна надоштааст… Эрониён аз огоз то поёни салтанат ва азаматашон абадан илтифоте ба таҳсилоти илмӣ надошта ва тасаввур менамуданд, ки барои субути иқтидори маънавии худ ҳамоно нишон додани кохи Шуш ва қасрҳои Тахти Ҷамшед ва дастгоҳи азими салтанат ва ҷаҳондории онҳо кофӣ хоҳад буд." (*Ҳамон манбаъ, с.81-82*)

Шак нест, ки ин гуна изҳори назарҳо як бадбинӣ ва суизанни бечо нисбат ба қавми эронист. Гузашта аз ин ки ин гуна муаррифӣ ва тавсифи Эрони қадим (Эрони қабл аз ислом) муболиғаомез ба назар мерасад. (Мо дар бахши баъд дар бораи асолати тамаддуни эронӣ баҳс хоҳем кард.) Намебоист нақси корро аз нақси истеъдоди эрониён бидонанд ва гуноҳи режими мӯбадиро ба гардани истеъдоди эронӣ биандозанд. Далели матлаб ин аст, ки ҳамин қавм дар давраи ислом истеъдоди хешро дар кӯмак ба фарҳанг ва тамаддун ба ҳадди аъло ироа дод.

Оқои Густов Ле Бун (*Gustave Le Bon*) ва Климен Ҳурт (*Clément Huart*) ва Ровлинсун (*George Rawlinson*) ин матлабро қабул доранд, гӯ ин ки ба ғалат онро таҳти унвони "Тамаддуни араб" ёд мекунанд ва ҳол он ки тамаддуни исломӣ ҳамчунон ки тамаддуни эронӣ ё ҳиндӣ нест, тамаддуни араб ҳам нест.

Ислом нишон дод, ки тасаввури собиқуззикр дар бораи эрониён ғалат аст. Ислом истеъдод ва нубуғи эрониёнро ҳам ба худашон нишон дод ва ҳам ба ҷаҳониён, ва ба таъбири дигар, эронӣ ба василаи ислом худро кашф кард ва сипас онро ба ҷаҳониён шиносонид.

Чаро дар даврони қабл аз ислом афроде лоақал монанди Лайс ибни Саъд ва Нофеъ ва Ато ва Товус ва Яҳё ва Макҳул ва садҳо нафари дигар, пешвои маънавии мардуми Мисру Ироқу Шому Яману Ҳиҷозу Марокашу Алҷазоиру Тунису Ҳинду Покистону Андунезӣ (Индонезия) ва ҳатто Испониё ва қисмате аз Урупо нашуданд? Чаро дар он даврањо шахсиятҳое монанди Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ ва Форобӣ ва Бӯалӣ зуҳур накарданд? Ислом аз назари қудратҳои сиёсӣ ва мазҳабии ҳоким бар Эрон, як таҳоҷум буд, аммо аз назари тӯда ва миллати Эрон як инқилоб буд ба тамоми маънии калима ва бо ҳамаи хасоисаш. Ислом ҷаҳонбинии эрониро дигаргун сохт, хурофоти санавиро бо ҳамаи

бадбиниҳои ношӣ аз он аз димоғи эронӣ берун рехт, санавияте, ки "аз хусусиёти тафаккури эронӣ" шинохта мешуд, санавияте, ки чанд ҳазор сол собиқа дошт, санавияте, ки Зартушт бо он мубориза кард ва шикаст хӯрд ва ойини худи ӯ ба он олуда гашт. Оре, ислом чунин санавиятеро аз димоғи эронӣ хориҷ сохт ва мағзи эрониро аз он шустушӯ дод.

Як инқилоб чӣ мекунад? Ҷуз ин аст, ки "дид"-ро нисбат ба ҷаҳон иваз мекунад, ҳадаф ва барнома ва идеулужӣ медиҳад, афкор ва мӯътақадотро дигаргун месозад, ташкилоти иҷтимоиро зеру рӯ мекунад, "хофизаи рофеъа" аст, болои баноҳақ болоро поин мекашад ва поини ба зулм поинро боло мебарад, хулқу хӯю манишро ба шакли дигар, ки зинда ва муассир аст дармеоварад, руҳи туғён ва исён дар баробари зӯргӯён ба вуҷуд меоварад, ҷӯшу хурӯшу шӯру имон халқ мекунад, хуни тоза дар рагҳо ба ҷараён меандозад? Оё хасоиси инқилоб ҷуз ин аст? Ва оё ҳамаи инҳо дар асари ислом дар Эрон падид наомад?

Мегӯянд шамшер! Оре, шамшер, аммо шамшери ислом чӣ кард? Шамшери ислом қудратҳои ба истилоҳ аҳриманиро дарҳам шикаст, сояи шуми мӯбадҳоро кӯтоҳ кард, занҷирҳоро аз дасту пойи қариб 140 милюн боз кард, ба тӯдаи маҳрум ҳуррият ва озодӣ дод. Шамшери ислом ҳамвора бар фарқи ситамгарон ба суди ситамкашон фуруд омадааст ва дасти татовули зӯргӯёнро қатъ кардааст. Шамшери ислом ҳамвора дар хидмати мазлумин ва мустазъафин кашида шудааст:

وَمَا لَكُمْ لاَ تُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِ اللّهِ وَالْمُسْتَضْعَفِينَ مِنَ الرِّجَالِ وَالنِّسَاء وَالْوِلْدَانِ الَّذِينَ يَقُولُونَ رَبَّنَا أَخْرِجْنَا مِنْ هَذِهِ الْقَرْيَةِ الظَّالِمِ أَهْلُهَا وَاجْعَل لَّنَا مِن لَّدُنكَ وَلِيًّا وَاجْعَل لَّنَا مِن لَّدُنكَ نَصِيرًا

("Чаро шумо дар роҳи Худо (ва дар роҳи наҷоти) мардону занону кӯдакони мустазъаф намеҷангед? Ҳамонон, ки мегӯянд: Парвардигоро! Моро аз ин шаҳре, ки мардумаш ситампешаанд берун бибар ва аз ҷониби худ барои мо сарпарасте қарор деҳ ва аз назди хеш ёваре барои мо таъйин фармо!" (*Сураи Нисо, ояти 75*))

Ислом аз Эрон санавият ва оташпарастӣ ва ҳумпарастӣ ва офтобпарастиро гирифт ва ба ҷойи он тавҳид ва худопарастӣ дод. Хидмати ислом ба Эрон аз ин лиҳоз беш аз хидмати ин дин ба Арабистон аст, зеро ҷоҳилияти араб танҳо дучори ширк дар ибодат буд, аммо ҷоҳилияти Эрон илова бар ин, гирифтори ширк дар холиқият буд.

Ислом андешаи худои шоҳдору болдор, ришу сабилдор, асо ба даст, ридо бар дӯш, муҷаъадмӯй ва дорои тоҷи кунгирадорро табдил кард ба андешаи Худои қайюм, бартар аз

хаёлу қиёсу гумону ваҳм, мутаолӣ аз тавсиф, ки ҳама ҷо ва бо ҳама чиз ҳаст ва ҳеч чиз бо ӯ нест, ҳам аввал аст ва ҳам охир, ҳам зоҳир аст ва ҳам ботин, ӯ чашмҳоро мебинад аммо чашмҳо ӯро намебинанд. Ислом тавҳидро чӣ зотӣ ва чӣ сифотӣ ва чӣ афъолӣ дар пуравҷтарин шаклаш ба эронӣ ва ғайриэронӣ омӯхт. Ислом асли тавҳидро пояи аслӣ қарор дод, ки илова бар ин ки мабнои фалсафӣ дорад, худ муҳаррики фикру андеша аст.

Ислом хурофоте аз қабили масофи нӯҳ ҳазор солаи Аҳуромаздо ва Аҳриман, қурбонии ҳазорсолаи Зӯрвон барои фарзанддор шудан, ва зоида шудани Аҳриман ба воситаи шак дар қабулии қурбонӣ ва бачо афтодани назр, ҳамчунин дуоҳои девбанд, ташрифоти аҷиби оташпарастӣ, ғизо ва машруб барои мурдагон бар бомҳо, рондани ҳайвоноти ваҳшӣ ва мурғон дар миёни оташ, ситоиши офтоб ва моҳ дар чаҳор навбат, ҷилавгирӣ аз тобиши нур бар оташ, манъи дафни мурдагон, ташрифоти камаршикани даст задан ба ҷасади майит ё бадани зани ҳоиз, манъи истеҳмом дар оби гарм, тақаддуси шустушӯ бо идрори гов ва садҳо амсоли инҳоро аз зиндагии фикрӣ ва амалии эронӣ хориҷ сохт.

Ислом дар ибодат ба ҷойи муқобили офтоб ё оташ истодан ва беҳуда замзама кардан ва ба ҷойи оташро бар ҳам задан ва пуном ба даҳон бастан ва ба ҷойи зону задан дар муқобили оташ ва муқаддас шумурдани ташт, ибодоте дар ниҳояти маъқулият ва дар авҷи маънавият ва дар камоли латофати андеша барқарор кард. Азони ислом, намози ислом, рӯзаи ислом, ҳаҷҷи ислом, ҷамоат ва ҷумъаи ислом, масҷиди ислом, азкору авроди мутараққӣ ва мамлув аз маорифи ислом, дуоҳои пур аз ҳикмат ва маърифати ислом, шоҳид гӯёест бар ин муддаъо.

Ислом бар хилофи масеҳият ва монавият ва ойини маздакӣ (ва бар вифоқи таълимоти Зартушт) асли ҷудоии саодати руҳ ва бадан, ва тазодди кори дунё ва охират, ва фалсафаҳои мабнӣ бар риёзат ва таҳаммули аъмоли шоққа, палидии таносул ва тақаддуси таҷаррудбаргузидагон (дар кеши монавӣ ва кеши маздакӣ) ва таҷарруди кординолҳо ва попҳо (дар кеши масеҳӣ), ки душмани тамаддун аст ва дар Эрон дар ҳоли пешравӣ буд, мансух сохт ва дар айни тавсия ба тазкияи нафс парҳез аз неъматҳои покизаи заминро накӯҳиш кард. Ислом иҷтимои табақотии он рӯзро, ки решаи бисёр куҳан дошт ва бар ду рукни хуну моликият қоим буд ва ҳамаи қавонин ва русум ва одоб ва сунан бар меҳвари ин

ду рукн мегашт, дар ҳам рехт ва иҷтимое сохт минҳои ин ду рукн; бар меҳвари фазилат, илм, саъю амал, тақво.

Ислом руҳонияти маврусӣ ва табақотӣ ва ҳирфаиро мансух сохт, онро аз ҳолати ихтисосӣ берун овард, бар асл ва мабнои дониш ва покӣ қарор дод, аз ҳар синф ва табақае гӯ бош.

Ислом ин фикрро, ки подшоҳон осмонинажоданд, барои ҳамеша решакан сохт. Кристенсен (*Arthur Christensen*) мегӯяд:

"*Салотини сосонӣ худро дар катибаҳо ҳамеша парастандагони Маздоҳ (Маздаясн) хондаанд, аммо дар айни ҳол худро шахси раббонӣ ва аз нажоди худоён (яздон) номидаанд". (Эрон дар замони Сосониён, с.284*).

Ва ҳам ӯ мегӯяд:

"*Хусрави дуввум (Парвиз) худро чунин хондааст: одаме фанонопазир аз миёни худоён ва худое бисёр ҷалил дар миёни мардумон". (Ҳамон манбаъ*)

Эдворд Броун мегӯяд:

"*Эҳтимол меравад дар ҳеч мамлакате монанди Эрон дар замони Сосониён, асле, ки ба мӯҷиби ин асл ҳаққи осмонӣ барои подшоҳ қоил шаванд, пайравоне росихулақидатар аз эрониён надоштааст*."

Нулдике (*Theodor Nöldeke*) мегӯяд: "*Касе, ки аз хонадони салтанат набошад, монанди Баҳроми Чӯбин, ки аз нуҷабо буд ва сарпечӣ намуд ё монанди Шаҳрбароз, ва салтанатро гасб кунад, амали ӯ тақрибан боварнакарданӣ ва ҷуз ба шарорат ва бешармӣ ба чизи дигар ҳамл нашавад*."

Аз ин рӯ мардум одат карда буданд, ки фикр кунанд танҳо як нажод ин салоҳиятро дораду бас. Эдворд Броун достони маъруфи Баҳроми Чӯбинро, ки дар ҳоли фирор бо пиразане мулоқот ва муҳовира мекунад ва пиразан ӯро, ки аз тухмаи шоҳӣ нест ва муддаии шоҳӣ аст тахтиа мекунад, шоҳид меоварад. Оқои дуктур Маҳмуди Саноӣ дар китоби "*Озодии фард ва қудрати давлат*" он ҷо, ки ақидаи бархе аз фалосифаи ҷадиди Урупоро дар сиёсат, ки мабнӣ бар ҳуқуқи илоҳӣ аст меоварад, мегӯяд:

"*Ин назария албатта тоза набуд ва шояд асли онро бояд дар торихи худи мо ҷустуҷӯ кард. Фарраи эзадӣ, ки эрониёни бостон бад-он мӯътақид буданд, баёни ҳамин маънист." (с.5*)

Ислом ин аслро низ шадидан барҳам зад. Дар давраи ислом дигар сухан аз тухмаи шоҳӣ нест. Баччамоҳигир ва баччабарда ва баччадарвеш ҳам аҳёнан дар худ чунин салоҳияте

мебинад, ҳиммат баланд медорад ва ба олитарин мақом мерасад. Дар давраи ислом иттикои салотин бештар ба лиёқати худашон аст, на ба нажодашон.

Ислом ҳамон тавр, ки фикри ин ки руҳоният аз мухтассоти як табақаи хосс аст, аз димоғи эронӣ хориҷ кард, ин фикрро низ аз димоғи онҳо берун намуд. Ислом фикри ҳукумати ашроф ва ба истилоҳ аристукросиро аз миён бурд ва фикри дигаре, ки аз лиҳози реша, демукросӣ ва ҳукумати омма аст ба вуҷуд овард.

Ислом ба зан шахсияти ҳуқуқӣ дод, тааддуди завҷот ба шакли ҳарамсародорӣ ва бидуни қайду шарту ҳаддро мансух сохт; онро таҳти шароите бар асоси тасовии ҳуқуқи занон ва имконоти мард ва дар ҳудуди муайяне, ки ношӣ аз як зарурати иҷтимоӣ аст муҷоз донист. Ория додани зан, фарзанди истилҳоқӣ, издивоҷи ниёбӣ, издивоҷ бо маҳорим, вилояти шавҳар бар занро мансух сохт.

Ислом на танҳо барои эрониёне, ки мусалмон шуданд хайру баракат буд, дар ойини зартуштӣ низ асар гузошт ва ба таври ғайримустақим мӯҷиби ислоҳоти амиқе дар он гашт. Қаблан аз Кристенсен (*Arthur Christensen*) нақл кардем, ки:

"*Ҳангоме, ки ғалабаи ислом давлати сосониро, ки пуштибони руҳониюне буд вожгун кард, руҳониюн дарёфтанд, ки бояд кӯшиши фавқулъода барои ҳифзи шариати худ аз инҳилоли томм бинамоянд. Ин кӯшиш сурат гирифт; ақида ба зӯрвон ва асотири кӯдаконаро, ки ба он тааллуқ дошт дур андохтанд, парастиши хуршедро мулғо сохтанд, басе аз ривоёти динро ё ба куллӣ ҳазф карданд ё тағйир доданд, ва бахшиҳое аз Авастои сосонӣ ва тафосири онро, ки олуда ба афкори зӯрвония шуда буд, дар тоқи нисён ниҳоданд ё аз миён бурданд…*"

Хадамоти ислом ба Эрон ва эронӣ, мунҳасир ба қуруни аввали исломӣ нест; аз замоне, ки сояи ислом бар ин мамлакат густарда шудааст, ҳар хатаре, ки барои ин мамлакат пеш омада ба василаи ислом дафъ шудааст. Ислом буд, ки муғулро дар худ ҳазм сохт ва аз одамкушони одамхор инсонҳои донишдӯст ва донишпарвар сохт, аз дудаи чангизӣ, Муҳаммади Худобанда таҳвил дод ва аз насли Темур Амир Алишер Навоӣ ва Амирҳусайни Бойқаро ба вуҷуд овард.

Имрӯз низ ислом аст, ки дар муқобили фалсафаҳои мухарриби бегона истодагӣ карда ва мояи эҳсоси шараф ва иззат ва истиқлоли ин мардум аст. Он чӣ имрӯз миллати Эрон

метавонад ба он ифтихор кунад ва ба рухи дигарон бикашад, Қуръон ва Наҳҷул-балоға аст, на Авасто ва Занд…

Дар инҷо сухани худро дар бораи хадамоти ислом ба Эрон ба поён мерасонем. Навбати он аст, ки дар бахши баъд хадамоти Эронро ба ислом тавзеҳ диҳем.

Бахши севвум: Хадамоти Эрон ба Ислом

Густардагӣ ва ҳамаҷонибагӣ

Дар ин бахш, ба хадамоте, ки мутақобилан Эрон ва эрониён нисбат ба ислом ва ё тамаддуни исломӣ анҷом додаанд мепардозем. Дар оғози бахши дуввум тазаккур додем, ки хидмати як қавм ба як дин ин аст, ки нерӯҳои моддӣ ва маънавии худ, завқу истеъдод ва фикру ибтикори худро дар ихтиёри он қарор диҳад ва дар ин кор хулуси ният дошта бошад.

Эрониён беш аз ҳар миллати дигар нерӯҳои худро дар ихтиёри ислом қарор доданд ва беш аз ҳар миллати дигар дар ин роҳ самимият ва ихлос нишон доданд. Дар ин ду ҷиҳат ҳеч миллате ба пойи эрониён намерасад, ҳатто худи миллати араб, ки дини ислом дар миёни онҳо зуҳур кард. Ҳадафи мо дар ин бахш, исботи ин ду ҷиҳат аст, хусусан ҷиҳати дуввум.

Роҷеъ ба хадамоти фаровони эрониён ба ислом, зиёд сухан гуфта мешавад, вале камтар ба ин нукта таваҷҷӯҳ мешавад, ки эрониён шоҳкорҳои худро дар роҳи хидмат ба ислом ба вуҷуд оварданд ва ҷуз нерӯи ишқ ва имон, нерӯи дигаре қодир нест шоҳкор халқ кунад. Ва дар ҳақиқат ин ислом буд, ки истеъдоди эрониро таҳрик кард ва дар ӯ руҳи тозае дамид ва ӯро ба ҳаяҷон овард; агар на, чаро эрониён садяки ин ҳимматро дар роҳи кеши пешини хеш буруз надоданд?

Ба ҳамон нисбат, ки ислом як дини ҳамаҷониба аст ва бар ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти башарӣ сайтара дорад, хадамоти эрониён ба ислом низ васеъ ва густарда ва ҳамаҷониба аст ва дар саҳнаҳо ва ҷабҳаҳои гуногун сурат гирифтааст. Мо дар ин мухтасар ҳарчанд ба таври иҷмол, дар ҳудуди имконот ва иттилооти худамон, ба ҳамаи ҷавониб ва ҷабҳаҳо ишора мекунем.

Аввалин хидмате, ки бояд аз он ном бурд, хидмати тамаддуни куҳани эронӣ ба тамаддуни ҷавони исломӣ аст. Ин тамаддуни куҳан ба тамаддуни ҷавон ва боазамати исломӣ кӯмак ва хидмати фаровон намуд. Ҳарчанд ин матлаб аз мақсуди аслии мо, ки ташреҳи хадамоти содиқонаи эрониён ба ислом аст берун аст — зеро мавриди истифода қарор гирифтани як тамаддуни куҳан барои як тамаддуни ҷадид, ки дар ҳоли рушд ва по гирифтан аст, табиӣ ва қаҳрӣ аст — вале ин ду матлаб ончунон ба ҳам пайвастааст, ки бо зикри ҳар як бидуни дигаре матлаб ноқис ба назар мерасад. Ба илова, унвони китоб “Хадамоти мутақобили

ислом ва Эрон" аст, аз ин рӯ ночорем ба он чӣ марбут ба Эрон аст низ ишора кунем, аъамм аз он ки ҷузъи хадамоти эрониёни мусалмон шумурда шавад ё шумурда нашавад. Хонандаи ин китоб вақте ба инҷо мерасад, табъан моил аст аз ин матлаб ҳам огоҳ гардад.

Аз ин ки бигзарем, ба хадамоти эрониёни мусалмон ба ислом мерасем. Хадамоти эрониёни мусалмон дар ҷабҳаҳои мухталиф сурат гирифтааст: ҷабҳаи нашру таблиғ ва даъвати миллатҳои дигар, ҷабҳаи сарбозӣ ва низомӣ, ҷабҳаи илму фарҳанг, ҷабҳаи завқу санъату ҳунар. Акнун сухани худро аз хадамоти тамаддуни куҳани эронӣ ба тамаддуни ҷавони исломӣ оғоз менамоем.

Тамаддуни Эрон

Аз мо нахоҳед, ки ба тафсил вориди баҳси моҳияти тамаддуни эронӣ ва арзиши воқеии он ва таҳаввулоте, ки дар он аз давраи ҳахоманишӣ то давраи сосонӣ рух дод бишавем. Зеро аввалан, салоҳияти ин баҳсро надорем, ки монанди як мутахассис изҳори назар кунем. Ва сониян, аз мавзӯи баҳси мо хориҷ аст. Мо дар инҷо бо истифода аз мусалламоти ториҳ, ки мавриди қабули соҳибназарон аст ва бо иттико ва нақл аз аҳли назар, баҳси худро идома медиҳем. Бинобар ин, он чӣ мегӯем, ҳама манқулот аз ину он аст.

Ду матлаб қатъист: яке ин ки Эрон қабл аз ислом аз худ дорои тамаддуне дурахшон ва бо собиқа буда ва ин тамаддун собиқаи тӯлонӣ доштааст. Дигар ин ки ин тамаддун дар давраи исломӣ мавриди истифода воқеъ шуда, ва ба қавли Ж. Маноша:

"*Эрониён бақоёи тамаддуни талтифшуда ва парвардае ба ислом таҳвил доданд, ки бар асари ҳаёте, ки ин мазҳаб дар он дамид ҷони тоза гирифт*." (*Тамаддуни эронӣ, ба қалами ҷамъе аз ховаршиносон, с.247*)

Аммо қисмати аввал: яъне ин ки Эрон аз як тамаддуни куҳан бархӯрдор будааст, агарчӣ ниёзе ба баён ва тавзеҳ надорад, аммо шарҳи мухтасари он бефоида нахоҳад буд.

Дар китоби "*Эрон аз назари ховаршиносон*", тарҷумаи оқои дуктур Ризозодаи Шафақ, нақл аз китоби "*Рӯзгори бостон*" дар бораи назми идории Эрони ҳахоманишӣ мегӯяд:

"*Идораи кишвари шоҳаншоҳии Эрон, ки аз баҳри Алҷазоир то рӯди Синд ва аз уқёнуси Ҳинд то Хазар имтидод меёфт, кори осоне набуд ва дар гузашта ҳеч гоҳ ҳукмдоре дар муқобили чунон вазифаи сангин воқеъ нашуда буд, ки Куруш онро шурӯъ кард ва Дориюши бузург (521- 585 қ.м)*

идома дод. Ин гуна созмони кишвардориро, ки дар ховарзамин, балки дар тамоми ҷаҳони мутамаддин, аввалин бор ба вуҷуд омад, яке аз мароҳили қобили тавваҷҷӯҳи торихи башар тавон шумурд…"

Ва низ дар ҳамон китоб дар бораи нерӯи дарёии Эрони ҳахоманишӣ менависад:

"*Дар замони Хашоёршо писари Дориюш, Эрон чандинсад киштӣ дар дарёи Медитарона дошт ва нерӯмандтарин давлати дарёии аҳд буд.*"

Ва ҳам дар он китоб менависад:

"*Дар замони Дориюш як руҳонии маъруфи мисриро, ки ҷузъи усарои мисрӣ дар Эрон буд маъмур сохтанд биравад ва дар Миср омӯзишгоҳи пизишкӣ ва ҷарроҳӣ барпо дорад…*"

Дар бораи санойеъи аҳди сосонӣ менависад:

"*Санойеъи аҳди сосонӣ аз лиҳози торихи ҳунари Эрон муҳим аст. Фанни меъморӣ дар он давра тараққӣ карда буд ва ҳанӯз аз бақоё ва анқози кохҳо ва масокин ва маъобид ва қилоъ ва саддҳо ва пулҳо, метавон ба азамати он пай бурд. Дар Фирӯзобод ва Шопур ва Сарвистони Форс ва Тисфун (Мадоин) ва Қасри Ширин бақоёи қасрҳои вайрони сосонӣ машҳуд аст.*" (*Ҳамон манбаъ, с.20*)

Ҷоҳиз дар китоби "*Алмаҳосину вал-аздод*" иддао мекунад, ки:

"*Эрони сосонӣ беш аз ҳар чизи дигар ба сохтмон таваҷҷӯҳ дошт ва ин амр аз сангнабиштаҳое, ки аз он давра боқӣ монда пайдост, аммо ба китоб таваҷҷӯҳ надошт; баръакси давраи исломӣ, ки ҳам ба сохтмон таваҷҷӯҳ шудааст ва ҳам ба китоб.*" (*Алмаҳосину вал-аздод, с.4*)

Вил Дуронт дар "*Торихи тамаддун*" (ҷилди даҳум аз тарҷумаи форсӣ) дар ҳудуди 60 сафҳа ихтисос медиҳад ба тавзеҳ ва ташреҳи тамаддуни сосонӣ. Дар бораи улум дар он давра мегӯяд:

"*Паҳлавӣ — забони ҳиндуурупоии Эрон дар салтанати Ашкониён — дар замони Сосониён низ маъмул буд. Аз адабиёти он замон фақат 600 ҳазор калима боқӣ мондааст, ки ҳама марбут аст ба дин. Мо медонем, ки он адабиёт васеъ будааст, аммо чун мӯбадон ҳофиз ва ноқили он буданд, бештар осори гайридиниро мегузоштанд, то аз миён биравад. Шоҳони сосонӣ ҳомиёни равшангари адабиёт ва фалсафа буданд. Хусрави Анушервон дар ин кор бартар аз ҳамаи онон буд. Ба фармони ӯ осори Афлотун ва Арасту ба забони паҳлавӣ тарҷума ва дар Донишгоҳи Ҷундишопур тадрис шуд.*" (*ҷ.1, с.234*)

Чунонки медонем, Донишгоҳи Ҷундишопур дар он аҳд таъсис шуд. Ин донишгоҳро масеҳиёни эронӣ идора мекарданд ва яке аз марокизи бузурги фарҳангии ҷаҳон шуд. Ин маркази бузург дар давраи ислом идома ёфт ва вақфае дар кораш ҳосил нашуд. Табибони масеҳӣ, ки дар даврони хулафои аббосӣ номашон бурда мешавад аз қабили Бахтишуъ, Ибни Мосавайҳ ва ғайруҳум фориғуттаҳсили ҳамин донишгоҳ буданд. Баъдҳо, ки Бағдод ба сурати маркази сиқли дониши ҷаҳон даромад, Ҷундишопур таҳтушшуъо қарор гирифт ва тадриҷан мунқариз шуд. Донишгоҳи Ҷундишопур яке аз марокизе буд, ки ба тамаддуни исломӣ кӯмак кард ва ба он хидмат намуд.

Вил Дуронт дар бораи ҳунари сосонӣ мегӯяд:

"*Аз сарвату ҷалоли Шопурҳо, Кубодҳо ва Хусравҳо чизе ҷуз бақоёи ҳунари даврони сосонӣ боҷо намондааст, аммо ҳамин миқдор кофист, ки моро аз давом ва қобилияти инъитофи ҳунари Эрон аз замони Дориюши Кабир ва Перспулис то даврони шоҳ Аббоси Кабир ва Исфаҳон ба шигифт оварад.*" (*Ҳамон манюаъ, ҷ.251*)

Дар бораи нассоҷии он аҳд мегӯяд:

"*Санъати нассоҷии Сосониён аз тарҳҳои наққошӣ, муҷассамасозӣ, суфолсозӣ ва соири ашколи тазйинӣ баҳраманд шуд. Порчаҳои ҳарир, мутраз, дибо ва димишқӣ, густарданиҳо, рӯпӯшҳои сандалӣ, соябонҳо, чодарҳо ва фаршҳо бо ҳавсалаи бисёр ва маҳорат бофта ва он гоҳ ба гунаи рангҳои зард, обӣ ва сабз рангомезӣ мешуданд.*" (*Ҳамон манбаъ, с.254*)

Дар бораи санъати суфолсозӣ мегӯяд:

"*Аз суфолинаҳои замони Сосониён ҷуз қатаъоте, ки барои истифодаи рӯзмарра сохта шуда буд, чизе боҷо намондааст, бо ин вуҷуд, санъати суфолинасозӣ дар даврони Ҳахоманишиён бисёр пеш рафта буд ва зоҳиран дар салтанати Сосониён низ то ҳадде идома ёфт ва баъд аз ғалабаи аъроб такмил шуд.*" (*Ҳамон манбаъ, с.255*)

Вил Дуронт муддаӣ аст, ки:

"*Бар рӯйи ҳам, ҳунари Сосониён намоёнандаи бозхезӣ аз чаҳор қарн инҳитоти даврони Ашкониён аст. Агар мо ба қайди эҳтиёт аз бақоёи он қазоват кунем, бояд бигӯем, ки дар камолу азамат ба пойи ҳунари даврони Ҳахоманишӣ намерасад. Ҳамчунин аз ҳайси ибдоъ, резакорӣ ва завқ, бо ҳунари Эрон баъд аз ислом баробарӣ натавонад кард*."

Вил Дуронт дар хотимаи ин фасл мегӯяд:

“Хунари сосонӣ бо ишоъаи шаклҳо ва ангезаҳои ҳунарии худ дар Ҳиндустон, Туркистон ва Чин дар машриқ, ва Сурия, Осиёи Сағир, Қустантания, Болкон, Миср ва Испониё дар мағриб дайни худро адо кард. Шояд нуфузи он ба ҳунари юнонӣ ёрӣ кард, то аз ибром дар намоиши тасвирҳои килосик даст бардорад ва ба равиши тазйинии бизонтӣ гарояд. Ва ба ҳунари масеҳияти лотин муъозидат намуд, то аз сақфҳои чӯбӣ ба торамҳо ва гунбадҳои оҷурӣ ё сангӣ ва деворҳои диъомаӣ атфи тавоҷҷӯҳ кунад. Ҳунари сохтани дарвозаҳо ва гунбадҳои бузург, ки хосси меъмории сосонӣ буд, ба масҷидҳои исломӣ ва қасрҳо ва маъобид мунтақил шуд. Ҳеч чиз дар торих гум намешавад, дер ё зуд ҳар фикри халлоқ фурсат ва таҳаввул меёбад ва ранг ва шарораи худро ба зиндагӣ меафзояд.” (Ҳамон манбаъ, с.256)

Дар китоби “*Эрон аз назари ховаршиносон*” фасли севвум таҳти унвони “*Манобеи ҳунари исломӣ*”, аз китоби “*Дасте дар ҳунари исломӣ*” таълифи Деманд (*Demand*), раиси қисмати ҳунари Ховари Наздик дар музеи Метрупул чунин нақл мекунад:

“*Дар замони ҳазрати Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) араб аз худаш санъате надошт, ё агар дошт, ночиз буд. Баъд аз фатҳи Сурия ва Байнаннаҳрайн ва Миср ва Эрон буд, ки ҳунарҳои ин мамоликро иқтибос карданд. Аз манобеи суҳуфи чинӣ ба даст меояд, ки хулафои умавӣ аз тамоми вилоёти мафтуҳа масолеҳ ва устодонеро ҷалб мекарданд ва дар бинои шаҳрҳо ва қасрҳо ва масоҷиди ҷадид мавриди истифода қарор медоданд, муъаррақсозҳои бизонсӣ ва суриявӣ барои тазйиноти масоҷиди Димишқ истихдом мешуданд ва таҳти риёсати як устоди эронӣ ба кор мепардохтанд. Ҳамчунин барои абния дар Макка санъатгароне аз Миср ва Кудс ва Димишқ оварда шуданд ва ин истифода аз масолеҳ ва амала (коргарон) то асри Аббосиён идома ёфт. Табарӣ низ дар торихи худ гӯяд, ки барои бинои Багдод устодоне аз Сурия ва Эрон ва Мавсил ва Куфа истихдом гаштанд. Бо ин тартиб, ба тадриҷ як услуби исломӣ, ки аз ду манбаъ яъне исавии шарқӣ ва сосонӣ сарчашма мегирифт ба вуҷуд омад.*”

Ҳамчунин дар ҳамон мақола менависад:

“*Гарчи дар гузашта ҳам баъзе муҳаққиқон ба таъсири ҳунари сосонӣ дар ҳунари исломӣ пай бурда буданд, вале аҳаммияти ин матлаб бештар ахиран дар сояи ҳафриёти ахир дар Тисфун дар наздикии Багдод, ва Кеш дар Байнаннаҳрайн, ва Домғон дар Эрон миқдори зиёде масолеҳ бахусус ҷабҳаҳои тазйинӣ ба даст омада, ки дар онҳо сармашқи санойеъи аввалияи исломӣ дида мешавад.*”

Ва низ менависад:

"*Ҳунари сосонӣ мустақиман идома ёфта ва ба ҳунари исломӣ мунтаҳӣ шуда, ки ҳунармандон гоҳе айни онро нақш карданд ва гоҳе онро тағйир доданд ва сабки хоссе ба вуҷуд оварданд*."

Нехру дар "*Нигоҳе ба торихи ҷаҳон*" ҷилди 2 фасле таҳти унвони "Мудовимати сунани қадимии Эрон" боз кардааст ва мехоҳад собит кунад, ки руҳи фарҳанг ва ҳунари Эрон аз ду ҳазор сол пеш то кунун идома ёфтааст. Вай мегӯяд:

"*Ҳунари Эрон сунани дурахшон ва намоёне дорад. Ин суннатҳо дар муддати беш аз 2 ҳазор сол (баъд аз замони Ошуриҳо то кунун) идома ёфтааст. Дар Эрон дар ҳукуматҳо, дар силсилаҳои подшоҳон ва дар мазҳаб тағйироте рӯй додааст. Сарзамини кишвар зери тасаллути ҳукмронон ва подшоҳони худӣ ва бегона қарор гирифтааст. Ислом ба он кишвар роҳ ёфта ва бисёр чизҳоро мунқалиб сохтааст ва бо вуҷуди он, сунани ҳунарии Эрон ҳамчунон мудовимат доштааст*."

Ҳам ӯ мегӯяд:

"*Артиши аъроб дар ҳоле, ки ба сӯйи Осиёи Марказӣ ва шимоли Офриқо пеш мерафт ва густариш меёфт, на фақат мазҳаби тозаро ҳамроҳи худ мебурд, балки як тамаддуни ҷавон ва дар ҳоли рушдро низ бо худ дошт. Сурия, Байнаннаҳрайн ва Миср ҳама дар фарҳанги арабӣ (исломӣ) ҷазб шуданд ва таҳлил рафтанд, забони арабӣ забони оддӣ ва расмии онҳо шуд ва аз назари нажодӣ низ бо аъроб ба ҳам омехтанд ва шабеҳи якдигар шуданд. Багдод, Димишқ, Қоҳира марокизи бузурги фарҳанги арабӣ (исломӣ) шуданд ва бар асари ҷаҳиши пурнерӯе, ки аз тамаддуни ҷадид ба вуҷуд омада буд, сохтмонҳои зебои бисёре дар онҳо бапо гардид… Ҳарчанд Эрон шабеҳи аъроб нашуд ва дар миллияти арабӣ таҳлил нарафт, тамаддуни араб (ислом) таъсири фавқулъода дар он дошт ва ислом дар Эрон ҳамонанди Ҳинд як ҳаёти тоза барои фаъолияти ҳунарӣ эҷод кард. Ҳунар ва фарҳанги арабӣ (исломӣ) ҳам таҳти нуфуз ва таъсири Эрон воқеъ шуд*."

Чунонки медонем, бархе китобҳои эронӣ дар давраи хулафои умавӣ ва аббосӣ тарҷума шуд. Ҳарчанд ин китобҳо бо китобҳое, ки аз соири манобеъ тарҷума шуд қобили муқоиса набуд, дар айни ҳол метавон онро аз навъи кӯмаки тамаддуни эронӣ ба тамаддуни исломӣ ба шумор овард. Мо дар оянда дар боби тарҷумаҳои эронӣ баҳси мухтасаре хоҳем кард.

Мусалмонон низомоти идории худро аз Эрон иқтибос карданд; дафотир ва давовини дастгоҳи хилофат ба сабки дафотир ва давовини қадимии Эрон танзим мешуд ва аҳёнан

забони идорӣ ва дафтарӣ забони форсӣ буд. Баъдҳо худи эрониёни мусалмон тарҷеҳ доданд, ки ба забони арабӣ баргардонанд.

Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" менависад:

"*Аввалин нақл аз забони дигар ба забони арабӣ ба амри Холид ибни Язид ибни Муовия сурат гирифт. Вай илмдӯст буд ва ба санъати кимиё алоқа дошт. Ҷамоате аз фалосифаи юнонӣ, ки дар Миср мезиистанд ва бо забони арабӣ ошно буданд эҳзор кард ва фармон дод иддае аз китобҳои он фаннро аз забони юнонӣ ва қибтӣ ба забони арабӣ тарҷума кунанд, ва ин аввалин тарҷума ба забони арабӣ аст*."

Сипас мегӯяд:

"*Дуввумин тарҷума ба забони арабӣ нақли девон ва дафотири давлатӣ аст, ки дар замони Ҳаҷҷоҷ ба василаи Солеҳ ибни Абдурраҳмон, ки аз нажоди эронӣ буд, аз забони форсӣ ба забони арабӣ баргардонда шуд. Солеҳ зери дасти Зодонфаррух кор мекард ва Зодонфаррух дабири Ҳаҷҷоҷ буд. Солеҳ чун ба ҳар ду забон менавишт, мавриди таваҷҷӯҳи Ҳаҷҷоҷ воқеъ шуд. Рӯзе худи Солеҳ ба Зодонфаррух гуфт: бими он дорам, ки Ҳаҷҷоҷ маро бар ту, ки валинеъмати ман ҳастӣ муқаддам бидорад ва ту аз назараш биафтӣ. Зодонфаррух гуфт: натарс, ҳаргиз чунин нахоҳад шуд, ӯ ба ман беш аз ту ниёзманд аст, дафтари муҳосиботро ҷуз ман касе қодир нест идора кунад. Солеҳ гуфт: ба Худо қасам, агар бихоҳам метавонам дафтари муҳосиботро ба арабӣ баргардонам, ки асосан ниёзе ба забони форсӣ набошад. Зодонфаррух Солеҳро имтиҳон кард, дид рост мегӯяд. Тақозо кард, ки чанде таморуз кунад ва ҳозир нашавад. Чунин кард. Ҳаҷҷоҷ табиби махсуси хешро назди вай фиристод. Табиб гуфт: ман касолате дар ӯ намебинам. Дар ин байн Зодонфаррух дар фитнаи Муҳаммад ибни Ашъас кушта шуд ва худ ба худ Солеҳ ҷонишини Зодонфаррух гашт. Солеҳ як рӯз моҷарое, ки байни ӯ ва Зодонфаррух гузашта буд ба Ҳаҷҷоҷ гуфт. Ҳаҷҷоҷ хостор шуд, ки ин тасмимро амалӣ кунад. Ин ҷараён боиси нороҳатии форсизабонон, махсусан онон, ки аз ин имтиёз баҳраманд мешуданд гардид. Рӯзе Мардоншоҳ писари Зодонфаррух аз Солеҳ чанд истилоҳи марбут ба ҳисобро пурсид ва гуфт: бо ин истилоҳот чӣ мекунӣ? Солеҳ муъодили онҳоро аз забони арабӣ баён кард. Мардоншоҳ нороҳат шуд ва гуфт: Худо решаатро қатъ кунад, ки решаи забони форсиро қатъ кардӣ. Гурӯҳе аз форсизабонон ҳозир шуданд 100 ҳазор дирҳам ба Солеҳ бидиҳанд, ки ба баҳонаи адами имкон аз тасмими хеш мунсариф шавад, аммо ӯ мунсариф нашуд*."

Ибни ан-Надим мегӯяд:

"*Вале давовини давлатии Шомро ба забони румӣ менавиштанд, на забони форсӣ ва дар замони Ҳишом ибни Абдулмалик онро низ ба забони арабӣ баргардонданд*."

Ин ҷараён ба дарбори хулафо ва ҳуккоми онҳо марбут будааст. Салотини эронӣ пас аз истиқлол, дафотир ва давовинро ба забони форсӣ менавиштаанд. Бори дигар дар замони Ғазнавиён ба забони арабӣ баргардонда шуд, ки он низ торихчае дорад.

Ҳамчунон ки қаблан гуфтем, мо на дар садади ташреҳи хадамоти тамаддуни куҳани эронӣ ба тамаддуни ҷавони исломӣ ҳастем ва на ин кор дар салоҳияти мост. Ҳадафи мо аз нақли матолиби гузашта, ки аз мусалламоти торих аст ин аст, ки ду нуктаро таъкид кунем:

Яке ин ки Эрон қабл аз ислом аз тамаддуне бархӯрдор будааст ва ин тамаддун яке аз мояҳои тамаддуни исломӣ аст.

Дигар ин ки ислом ба Эрон ҳаёти тоза бахшид ва тамаддуни дар ҳоли инҳитоти Эрон ба воситаи ислом ҷоне тоза гирифт ва шакле тоза ёфт. Ин ду нукта қобили инкор нест.

Толибон худ метавонанд ба манобеъ ва мадорики фаровоне, ки дар ҳар ду замина ҳаст мурочиа кунанд.

Самимият ва ихлос

Акнун вориди асли матлаб мешавем, ва он ин ки эрониён хадамоти бисёр шоёне ба ислом кардаанд ва он хадамот аз рӯйи самимият ва ихлос ва имон будааст. Мо аввал дар бораи самимият ва ихлоси эрониён баҳс мекунем, сипас ба шарҳи хадамоти онон мепардозем.

Дар бораи самимияти эрониён намехоҳем муболиға кунем; мо муддаӣ нестем, ки ҳамаи эрониён нисбат ба ислом мухлис ва самимӣ будаанд ва ҳамаи хадамоте, ки сурат гирифтааст аз рӯйи камоли сафо ва самимият нисбат ба ислом будааст. Он чӣ мо муддаӣ ҳастем ин аст, ки аксарияти қариб ба иттифоқи эрониён нисбат ба ислом самимӣ будаанд ва ангезае ҷуз хидмат ба ислом надоштаанд ва дар ин ҷиҳат ҳеч як аз милали исломӣ, аъамм аз арабу ғайриараб, ба эрониён намерасад ва шояд эрониён дар дунё назир надошта бошанд. Яъне ҳеч миллате нисбат ба ҳеч дине ва ойине ин андоза хидмат накарда ва самимият ба харҷ надодааст.

Як миллатро метавон бо зӯр мутеъ кард, аммо наметавон бо зӯр ҷаҳишу ҷунбишу ишқу имон дар ӯ ба вуҷуд овард. Қаламрави зӯру зар маҳдуд аст. Шоҳкорҳои башарӣ танҳо ва танҳо маълули ишқу имон аст.

Бархе чунин вонамуд мекунанд, ки ангеза ва муҳаррики эрониён дар ҷӯшиш ва ҷунбиши фавқулъодаи фарҳангии исломӣ, ҷуброни шикасте буд, ки аз ҷанбаи низомӣ дар майдонҳои Қодисия ва Ҷалавло ва Ҳалвон ва Наҳованд аз араб хӯрда буданд. Эрониён донистанд, ки шикасти низомӣ шикасти ниҳоӣ нест, шикасти ниҳоӣ шикасти миллӣ ва фарҳангӣ аст. Эрониён таҳти таъсири эҳсосоти миллӣ барои ин ки дар муқобили ақвоми дигар хусусан миллати араб, худе нишон бидиҳанд ва зимнан афкор ва одоби хешро бо сибғаи исломӣ ҳифз кунанд, даст ба фаъолияти фарҳангӣ заданд. Ба иборати дигар, чун исломро ба унвони як воқеият натавонистанд напазиранд, ба фикр афтоданд онро эронӣ кунанд ва барои ин мақсуд роҳе беҳтар аз қабза кардани шуъуни илмии исломӣ набуд.

Мо мӯътақидем, ин гуна тафсир сад дар сад дур аз воқеият аст. Зеро аввалан, ҳамчунон ки қаблан баён кардем, собиқаи хадамоти эронӣ ба ислом, ба қабл аз шикастҳои низомӣ мерасад. Он чӣ эрониён баъд аз шикасти низомӣ анҷом доданд, монанди фаъолиятҳои қабл аз шикаст аст. Сониян, агар ангеза он буд, 14 қарн идома намеёфт. Ҳаракатҳо ва ҷунбишҳои муваққатро метавон бо ин гуна ангезаҳо тавҷеҳ кард, бар хилофи ҷунбишҳое, ки қарнҳо идома меёбад.

Гузашта аз имтидоди замонӣ, шакл ва кайфияти кор ҳам бо он ангезаҳо қобили тавҷеҳ нест. Дар фаслҳои оянда хоҳем дид, ки шакл ва кайфияти кори эрониён дар заминаҳои исломӣ имон ва ихлоси онҳоро нишон медиҳад.

Ба илова, агар ҳадафи эрониён аз хидмат ба ислом ҷуброни шикастҳои низомӣ буд, чаро онон худ мубаллиғ ва мураввиҷи ислом дар миёни миллатҳои дигар гардиданд ва чандин баробари худ, мусалмони дигар ба вуҷуд оварданд? Чаро он ҷо, ки ислом ба хатар меафтад, бо он ки аз назари миллияти эронӣ хатаре вуҷуд надорад, эронӣ ҷонфишонӣ ва сарбозӣ мекунад? Чаро дар муқобили шуюъи мункарот ва маноҳӣ беш аз ақвоми дигар аксуламали мухолиф нишон медиҳанд?

Дар баҳсҳои оянда ҳамаи ин нукотро тавзеҳ медиҳем. Инак, баҳсе куллӣ дар бораи иллатҳо ва авомиле, ки милали исломиро ба ҷӯшишу ҷунбиши илмӣ ва фарҳангӣ водор кард.

Ангезаҳо

Лозим аст як назари куллӣ ба ҷаҳони ислом аз назари ангезаҳо ва муҳаррикҳо биафканем. Дар ҷаҳони ислом ҳаракате илмӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд омад, ки дар он араб, эронӣ, ҳиндӣ, мисрӣ, алҷазоирӣ, тунисӣ, марокашӣ, сурӣ ва ҳатто урупоӣ, испониёӣ ширкат дошт ва ин ҳаракат аз дуртарин нуқоти машриқи исломӣ то дуртарин нуқоти мағриби исломӣ ва ҳамчунин аз шимол то ҷануби исломӣ ба ҳам пайваста буд. Дар ин ҳаракат филмасал ҳам Сибавайҳ ва Ибни Синои эронӣ ширкат дошт ва ҳам Ибни Молик ва Ибни Рушди Андалусӣ. Муҳаррики ин воҳиди азим чӣ буд? Дар инҷо чанд навъ фарзия метавон иброз дошт:

1) Як руҳи миллии арабӣ дар ҳамаи ин миллатҳо пайдо шуда буд ва ҳамаи ин миллатҳо таҳти ном ва унвони “арабият” як ҳаракати ҳамоҳанг ба вуҷуд оварда буданд.

Қатъан чунин нест, ҳарчанд баъзе аз аъроби муосир мехоҳанд торихро ба ин сурат таҳриф кунанд. Бархе урупоиён тамаддуни исломиро таҳти унвони “тамаддуни арабӣ” ёд мекунанд, то аз як тараф бар ғурури аъроб биафзоянд, ки беш аз пеш бар миллияти арабии худ такя кунанд ва худро аз ҷаҳони ислом ҷудо созанд, ва аз тарафи дигар соири милали мусалмонро аз аъробе, ки чунин дурӯғеро бовар медоранд, ранҷидахотир созанд.

2) Ин ки миллатҳои исломӣ ҳар кадом таҳти таъсири миллият ва қавмияти хосси хеш фаъолият мекарданд; ангезаи ҳар миллате эҳсосоти хосси миллии худи онҳо буд.

Бутлони ин назар равшан аст ва ниёзе ба тавзеҳ надорад. Мо дар бахши аввали ин китоб дар ин бора ба қадри кофӣ баҳс кардем. Миллатҳои исломӣ рӯйи миллиятҳои худ пул зада буданд ва ба ҳамин далел як мусалмони ҳиндӣ ё эронӣ бо як мусалмони офриқоӣ ё испониёӣ эҳсоси ухувват ва бародарӣ мекард.

3) Ин ки ин миллатҳо рӯйи хоссияти ҷаҳонватании илм аз як тараф, ва таълимоти ҷаҳонӣ ва инсонӣ ва мофавқи миллӣ ва нажодии ислом аз тарафи дигар, дар дохили марзҳои ақидатӣ ва фикрӣ зиндагӣ мекарданд; муҳаррикот ва ангезаҳои онҳо аз ислом сарчашма мегирифту бас.

Шавоҳид ва қароини торихӣ ин назарро таъйид мекунад.

Роҳи шинохтани муҳаррикот ва ангезаҳои як шахс ё як миллат дар як ҳаракати торихӣ, баррасии наҳваи кори ӯст. Он чӣ дар фаслҳои баъд хоҳем овард кофист, ки ангеза ва муҳаррики эрониёнро ба мо бишносонад.

Дар инҷо низ қисмате дигар аз навиштаи оқои Аторудиро, ки таҳти унвони "*Фаъолияти исломии эрониён*" барои мо нигоштаанд меоварем. Қисмати аввали навиштаи эшонро қаблан дар бахши дуввуми ин китоб нақл кардем.

Фаъолиятҳои исломии эроniён

"Ҳаводиси Яман ва фидокории эрониёни мусалмони он сарзамин, худ шоҳиди бузургест, ки ин миллат бо оғӯши боз ин дини муқаддасро қабул кард ва дар роҳи нашри он аз ҳеч гуна фидокорӣ худдорӣ накардааст. Касоне, ки менависанд ислом бо шамшер бар ин миллат таҳмил шуда, ё таъассуби нажодӣ ва эҳсосоти қавмӣ онҳоро водор ба ин ҳарф мекунад ё аз сайри ислом дар миёни нажоди эронӣ иттилоъ надоранд. Ҳамаи муаррихон менависанд, ки дини ислом бо суръати шигифтангез дар Эрон пеш рафт ва ин миллат бидуни ҷангу ҷидол аз он истиқбол кард ва дар муддати 20 сол тамоми фалоти Эронро аз соҳили Фурот то рӯди Ҷайҳун ва аз канораҳои Синд то каронаи дарёчаи Хоразм фаро гирифт. Агар дар чанд маврид бо аъроби мусалмон ҷанг шуд, он ҷанг марбут ба дастае аз табақоти мумтоз ва мӯбадон буд, ки дар назар доштанд бо ҷилавгирӣ аз нуфузи ислом манофеи худро ҳифз кунанд.

Пас аз ин ки тамоми кишвари паҳновари Эрон ба тасарруфи мусалмонон даромад, тӯле накашид, ки аксарияти мардуми ин кишвар ба истиснои кӯҳҳои Мозандарон ва Дайламон дини исломро пазируфтанд ва фаъолият ва кӯшиши ин мардум барои таблиғи ислом ва таҳкими мабонӣ ва қоидаҳои шаръи муқаддас шурӯъ гардид. Дар се қарни аввали ислом, ки Эрон таҳти нуфузи хулафои умавӣ ва Банӣ Аббос идора мешуд, миллати Эрон дар ташреҳи аҳкоми динӣ, адабӣ, қазоӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ислом саъйи балиғ кард ва уммаҳоти масоилро матраҳ сохт ва онҳоро равшан ва мубаввоб намуд.

Рӯйи ҳам рафта, ҳадис, тафсир, калом, фалсафа, тасаввуф дар қарни нахустини исломӣ пайрезӣ шуд ва миллати Эрон дар ин маврид дар дараҷаи аввал қарор дорад. Мактабҳои Нишопур, Ҳирот, Балх, Марв, Бухоро, Самарқанд, Рай ва Исфаҳон ва соири шаҳрҳои

Эрони бузург маркази фаъолият ва ҷунбуҷӯш буд. Садҳо нафар аз риҷоли бузурги ислом дар ин шаҳрҳо тарбият шуданд ва дар шарқу ғарби олам тамаддуни дурахшони исломро муҳкам ва устувор сохтанд.

Яке аз мавзӯъоти муҳимме, ки дар Эрон махсусан Хуросон мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт, мавзӯи илми ҳадис буд. Дар ин маврид бояд инсоф дод, ки эрониён дар тадвини ҳадис саҳми муассире доранд, балки бояд ононро муассиси мактаби илмулҳадис номид. Гурӯҳе аз аҳли ҳадис мусофиратҳои зиёде мекарданд, то ахбор ва ривоётро аз машойихи ҳадис бо гӯши худ бишнаванд ва онҳоро дар "масонид" ва "сиҳоҳ"-и худ тадвин кунанд. Мактаби ҳадисии Хуросон дар ҷаҳони он рӯз ба андозае аҳаммият ёфт, ки аз Миср ва Офриқо ва Ҳиҷоз ва Ироқ ва Шом барои истифода аз машойихи Хуросон солҳо дар Нишопур, Марв, Ҳирот, Балх ва Бухоро иқомат мекарданд.

Касоне, ки бо китобҳои ҳадис ва сиҳоҳ ва масонид ва ҳолоти машойихи ривоят ошноӣ доранд, медонанд, ки ҳамаи асҳоби ситтаи аҳли суннат ва муаллифони китобҳои арбаъаи шиъа эронӣ ҳастанд. Шаш нафар аз онҳо, Шайх Тӯсӣ, Муслими Муслими Нишопурӣ, Абӯабдурраҳмони Нисоӣ, Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, Абӯдовуди Сиҷистонӣ, Тирмизӣ ва Байҳақӣ хуросонӣ ҳастанд ва ду нафар Шайх Садуқ аз Қум ва Ибни Моҷа аз Қазвин мебошанд ва ғайр аз инҳо аз машоҳир низ садҳо нафари дигар эронӣ мебошанд.

Фалосифаи бузурги ислом, мутакаллимин, муаррихон, луғатнависон, шуарои бузурге, ки ба забони арабӣ шеър сурудаанд, муфассирони олиқадр, риҷоли сиёсӣ ва подшоҳони бузург ва ҷаҳонгушоёни мусалмон ҳама аз Эрон буданд. Магар Бармакиён, Навбахтиён, Қишриён, Соидиён, хонадони Самъонӣ, Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ, Шайх Тӯсӣ, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва ҳамчунин мулуки Тоҳириён, Сомониён, Оли Буя, Ғазнавиён, Ғӯриён, Сарбадорон ва даҳҳо хонадони дигар, ки дар таблиғи ислом, нашри тамаддуни он кӯшиш кардаанд, ҳама аз ин обу хок набуданд?!

Аз имомони арбаъаи (чаҳоргонаи) тасаннун низ ду нафар эронӣ будаанд, ки ҳар ду аз Хуросон бархостаанд. Нахуст Абӯҳанифа, ки гурӯҳе вайро аҳли Кобул ва дастае вайро аз аҳли Нисо медонанд. Дуввум Аҳмад ибни Ҳанбал, ки дар Марви Хуросон мутаваллид шуд ва дар Бағдод нашъунамо ёфт.

Ба таври куллӣ, эрониён дар чанд қарни нахуст фарҳанг ва адаби исломиро рӯйи усул ва қоидаҳо поягузорӣ карданд ва роҳро барои ояндагон боз намуданд. Ин мавзӯъ чун бисёр равшан аст, аз тафсил худдорӣ мешавад.

Бо тулӯъи қарни чаҳоруми ҳичрӣ, Табаристон ва Гилон низ ба тасарруфи мусалмонон даромад ва дар ин қарн мардуми Эрон истиқлоли сиёсӣ ба ҳам расониданд ва Сомониён риштаи алоқаи худро бо хилофати Бағдод қатъ карда, ба таври истиқлол дар Хуросон ва ноҳияҳои шарқии Эрон салтанати мустақил доштанд ва аз назари фаҳму дарки мабонии динӣ низ эҳтиёҷ ба маркази хилофат набуд.

Фаъолияти исломии эрониён дар Ҳинд

Ғазнавиён нахустин афроди эронӣ ҳастанд, ки дини муқаддаси исломро аз тариқи Синд ба Ҳиндустон бурданд. Дар замони ғазнавиҳо ноҳияи Панҷоб дар тасарруфи онҳо буд ва Лоҳур, ки яке аз шаҳрҳои бузурги ин ноҳия мебошад, маркази ҳукумати Ғазнавиён қарор гирифт. Дар замони ин подшоҳон ҷамоате аз донишмандони эронӣ ба Ҳинд рафтанд, ки аз ҷумлаи онҳо Берунӣ донишманд ва ҳакими маъруфи хуросонӣ аст. Агарчӣ ҳамалоти Ғазнавиён бештар ҷанбаи қатлу ғорат дошт ва ба ҳақиқат ва таблиғи ислом чандон аҳаммият намедоданд, лекин барои шикастани саддҳои сиёсӣ ва низомӣ дар шибҳиқорра бисёр муассир буданд ва роҳро барои ояндагон боз карданд.

Ғуриён

Салотини Ғур аслан аз Ғури Ҳирот ҳастанд ва насаби онон ба Шансабноме мерасад. Ин Шансаб дар замони Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис-салом мусалмон шуд ва фармондории ноҳияи Ғур аз тарафи он ҳазрат ба вай тафвиз гардид. Муаррихон менависанд дар замони Банӣ Умайя, ки Амирулмӯъмининро дар манобир дашном мекарданд ва ҳуккоми Банӣ Умайя мардумро водор ба ин амал менамуданд, мардумони Ғур зери бори ин амал нарафтанд ва ҳуккоми Ғур нисбат ба он ҷаноб исоаи адаб накарданд.

Аввалин подшоҳи мусалмони ғурӣ, ки ба Ҳиндустон лашкар кашид ва Деҳлиро фатҳ кард ва онҷоро пойтахт қарор дод, Султон Муҳаммади Соми Ғурӣ буд. Аз замони ин султон (оғози қарни ҳафтум), ки Деҳлӣ пойтахти исломӣ шуд ва то ҳангоме, ки Ангилис бар он тасаллут ёфт, пойтахти салотини мусалмон буд. Ғуриён дар Ҳинд масдари хадамоти

муҳимме шуданд ва дар асри онон уламо ва донишмандони зиёде аз Эрон ба Ҳинд рафтанд ва дар онҷо мутаваттин шуданд. Дар ҳақиқат таблиғоти исломӣ дар Ҳинд аз замони Ғуриён шурӯъ гардид ва мадорис ва масоҷид равнақ пайдо кард.

Яке аз уламои бузурги Эрон, ки дар ин замон ба Ҳинд рафт, Хоҷа Муъинуддини Чаштӣ аст. Вай дар Ҳинд бисёр хидмат кардааст ва шогирдони зиёде дорад, ки ҳар кадом пас аз вай дар он минтақа риёсати динӣ ва мазҳабӣ ёфтанд. Мактаби Хоҷа Муъинуддин ҳанӯз пас аз гузаштани садҳо сол побарҷост ва қабраш дар "Аҷмир" бисёр мавриди эҳтиром ва таҷлил аст.

Темуриён

Заҳируддин Муҳаммад Бобур, ки аз аҳфоди Амир Темур буд, ба Ҳиндустон лашкар кашид ва Деҳлиро маркази худ қарор дод. Пас аз вай гурӯҳе аз фарзандонаш то муддати чаҳор қарн бар Ҳиндустон ҳукумат ронданд. Равобити Темуриёни Ҳинд ва подшоҳони Сафавия бисёр ҳасана буд ва дар ин замон ҷамоати зиёде аз Эрон ба Ҳинд рафтанд. Дар асри Темуриён тамоми маносиби ҳукуматӣ ва мазҳабӣ дар дасти эрониён буд. Ҳазорон шоир, ориф, фақеҳ, муҷтаҳид аз Эрон ба Ҳиндустон раҳсипор шуданд ва дар онҷо ба таблиғоти исломӣ пардохтанд.

Яке аз афроди бузурге, ки дар замони Ҷаҳонгир дар Ҳинд масдари хадамоти зиёде шуд, Эътимодуддавла Мирзоғиёсбек аст. Вай дар Хуросон зиндагӣ мекард ва аз тарафи шоҳ Таҳмосб фармонравои Марв буд. Шоҳ Таҳмосб бар вай хашм гирифт ва амволи ӯро мусодира кард. Ӯ ногузир роҳи Ҳиндустонро пеш гирифт ва дар Огра ба дарбори Ҷалолуддин Акбар роҳ ёфт. Пас аз муддате духтараш Нуриҷаҳон ба завҷияти Ҷаҳонгир даромад ва маликаи Ҳиндустон шуд.

Бонубегим Мумтозмаҳал, ки фарзандзодаи Мирзоғиёсбек аст, ба ақди Шоҳиҷаҳон даромад ва маликаи муқтадири Ҳинд шуд. Тоҷмаҳалл, ки имрӯз яке аз биноҳои муҷаллали ҷаҳон аст ва шояд ба он хусусият дар ҷаҳон беназир бошад, мақбараи ҳамин Мумтозмаҳалли эронӣ аст. Дар замони Нуриҷаҳон ва Мумтозмаҳал, ки ҳар ду шиъа буданд, гурӯҳе аз Эрон ба Ҳинд рафтанд ва дар онҷо хадамоти мазҳабӣ анҷом доданд.

Қутбшоҳиёни Дакан

Муҳаммадалӣ Қутбшоҳ дар Ҳамадон мутаваллид шуд ва дар унфувони ҷавонӣ аз Эрон ба Ҳинд рафт ва дар Дакан ба мулозимати ҳокими он ҳудуд даромад ва чун дорои истеъдод буд, рӯз ба рӯз бар иззат ва мақоми вай афзуда гашт ва пас аз чанде мулаққаб ба Қутбулмулк шуд. Ӯ дар соли 918 ҳичрӣ расман зимомдори минтақаи Дакан шуд.

Қутбшоҳ аз муридони Шайх Сафиюддини Ардабилӣ буд. Ҳангоме, ки шунид шоҳ Исмоил мазҳаби шиъаро дар Эрон ривоҷ дод, вай низ дар минтақаи Дакан мазҳаби ташайюъро ривоҷ дод ва мазҳаби расмӣ эълом кард.

Қутбшоҳиён дар Дакан дар таблиғи дини ислом ва мазҳаби ташайюъ саъю кӯшиш карданд ва дар айёми салтанати ин табақа ҷамоате аз Эрон барои таблиғоти динӣ ба ноҳияи Дакан рафтанд. Яке аз шахсиятҳои бузурги эронӣ, ки дар ин аср ба Ҳинд рафт Мирмуҳаммади Мӯъмини Астарободӣ аст. Вай яке аз донишмандон ва риҷоли олиқадр аст, ки муддати 25 сол вакилуссалтана буд. Ӯ дар ҷамиъи улуми мутадовал аз маъқулу манқул мутабаҳҳир ва аълами уламои асри худ ба шумор мерафт. Қутбшоҳиён муддати ду қарн бар ин минтақа ҳукумат карданд ва торихи онон бисёр машруҳ аст.

Одилшоҳиёни Биҷопур

Сарсилсилаи ин хонадон Юсуф Одилшоҳи эронӣ аст, ки дар Сова бузург шудааст. Вай дар оғози ҷавонӣ аз Эрон ба Ҳиндустон рафт ва пас аз вуруд ба Ҳинд дар хидмати ҳукком ва салотини Биҷопур ворид шуд ва баъд аз муддате салтанати ин ноҳияро дар даст гирифт ва ба Юсуф Одилшоҳи Совай маъруф буд.

Одилшоҳиён низ мазҳаби ташайюъ доштанд ва дар тарвиҷ ва таблиғи умури динӣ бисёр кӯшиш карданд ва бисёре аз манотиқи марказии Ҳиндустон, ки дар дасти бутпарастон буд, дар замони Алӣ Одилшоҳ ба тасарруфи мусалмонон даромад.

Дар урдуи Одилшоҳиён пайваста гурӯҳе аз уламо ва донишмандони Эрон ва содоти Наҷафи Ашраф, Карбалои Муалло ва Мадинаи Мунаввара ширкат доштанд ва умури диниро зери назари худ мегирифтанд ва бештари корҳои сиёсӣ ва ҳукуматиро низ эрониён дар даст доштанд. Торихи ин даста аз мулуки исломии Ҳинд низ бисёр машрӯҳ аст ва дар торихи исломии Ҳинд шарҳи он омадааст.

Низомшоҳиёни Аҳмаднагар

Сарсилсилаи ин мулук як нафар ҳинду ба номи Тимобуҳт буд, ки дар асри Султон Аҳмадшоҳи Баҳманӣ ба дасти мусалмонон асир шуд. Султон вайро бисёр боҳушу истеъдод ёфт ва ба фарзандаш Муҳаммадшоҳ бахшид ва ҳамроҳи ӯ ба мактаб фиристод ва дар андак замоне хатту саводи форсӣ омӯхт ва мулаққаб ба Малик Ҳасани Баҳрӣ гардид. Саранҷом бо тафсиле, ки инак ҷойи зикри он нест, ба салтанат расид ва пас аз истиқрор бар арикаи салтанат мазҳаби ташайюъро пазируфт ва дар тарвиҷи мазҳаби ҷаъфарӣ бисёр кӯшиш кард.

Риҷоли дарборӣ ва ҳукуматӣ ва шахсиятҳои мазҳабии мамлакати Низомшоҳиён низ аксар эронӣ буданд ва умури сиёсӣ ва мазҳабиро идора мекарданд. Шоҳтоҳири Ҳамадонӣ, маъруф ба Даканӣ дар асри ин подшоҳон ба Ҳиндустон раҳсипор шуд. Шоҳтоҳир, ки ибтидо аз тарафдорони шоҳ Исмоил буд, бо вай мухолифат кард ва наздик буд кушта гардад. Вай ба таври махфиёна вориди Ҳинд шуд ва дар дарбори Низомшоҳиён бисёр муаззам ва мӯҳтарам зиндагӣ мекард. Хидмати Шоҳтоҳир дар Ҳинд бисёр аҳаммият дорад; уламои зиёдеро дар мавзӯъоти мухталифи исломӣ тарбият кард ва ҳавзаи дарсии вай яке аз бузургтарин ҳавзаҳои илмии Ҳиндустон буд. Шоҳтоҳир бисёр мӯҳтарам буд ва хадамоти вай арзанда. Лозим аст, ки дар бораи ин марди муҷоҳид китоби мустақилле навишта шавад. Торихи Низомшоҳиён низ машрӯҳ аст ва хадамоти динии онон ниёзманд ба навиштани як китоби қатур мебошад.

Мулуки нишопурии Авад

Дар замони Шоҳ Султон Ҳусайни Сафавӣ, Сайидмуҳаммадноме аз уламои Нишопур ба Ҳиндустон рафт ва дар Деҳлӣ иқомат гузид. Фарзандони вай дар маносиби давлатӣ даромаданд ва кам-кам аҳаммият пайдо карданд. Яке аз аҳфоди Сайидмуҳаммад ба номи Бурҳонулмулк фармондори савбаи Авад шуд. Вай баъд аз чанде дар онҷо истиқлол ба ҳам расонид ва иртиботи худро бо Деҳлӣ қатъ кард. Пас аз вай фарзандонаш дар ин ноҳия салтанат мекарданд.

Дар замони подшоҳони нишопурӣ ҷамоати зиёде аз Нишопур ва Машҳади Муқаддас ва соири шаҳрҳои Хуросон ба Ҳиндустон рафтанд ва дар шаҳри Лакҳну, ки маркази ҳукумати

онон буд сокин шуданд, ва тақрибан тамоми риҷоли мазҳабӣ ва сиёсии ин даста аз мулуки Ҳинд хуросонӣ буданд. Содоти нақавӣ, ки нишопурӣ ҳастанд, дар замони подшоҳони Авад ба Ҳинд рафтаанд. Марҳум Мирҳомидҳусайни Нишопурӣ соҳиби "*Абақотул-анвор*" дар таҳти ҳимояти ин подшоҳон фаъолият мекард. Роҷеъ ба подшоҳони нишопурӣ чанд китоб дар Ҳинд навишта шуда, ки аз ҷумла "*Торихи шоҳияи Нишопурия*" аст.

Ғайр аз чанд табақа аз салотин, ки зикр шуд, табақоти дигаре низ дар Бангола, Биҳор, Гуҷарот, Бирор ва Панҷоб салтанат кардаанд ва ҳар кадом дар минтақаи худ дар тарвиҷи ислом кӯшиш кардаанд. Торихи исломии Ҳиндустон бисёр машрӯҳ аст ва бояд ҳайъате дар ин мавзӯъ кор кунад. Хушбахтона китобхонаҳои Ҳинд ва Покистон бисёр ғанӣ аст ва манобеъ ва маъохизи ин кор фаровон аст.

Ислом дар Кашмир

Муаррихони мусалмон навиштаанд, ки то соли 715 ҳиҷрӣ мардуми Кашмир мутадайин ба дини ислом набуданд. Дар ин қарн як нафар эронӣ, ки либоси қаландарон пӯшида буд, вориди Кашмир шуд ва дар ин ноҳия шурӯъ ба фаъолият кард. Аз он ҷо, ки мардуми Ҳиндустон ва Кашмир ба қаландарон ва дарвешон алоқаи хоссе доранд, даври ӯро гирифтанд ва ҳар рӯз бар эътибори ӯ афзуда мешуд.

Дар "*Торихи Фариштa*" (китобе ба форсӣ дар торихи умумии Ҳиндустон аз оғоз то авоили садаи 11-ум, таълифи Муҳаммадқосими Ҳиндушоҳи Астарободӣ маъруф ба Фариштa) омада, ки номи ин шахс Шоҳмирзо будааст. Ин мард дар замони Сиядив, ки ҳокими Кашмир буд вориди Сринагар шуд ва навкарии ин роҷаро пазируфт. Шоҳмирзо андак-андак дар ин мард нуфуз кард ва роҳе барои худ боз намуд. Пас аз чанде Сиядив фавт кард ва фарзандаш Ранҷун зимомдор шуд ва Шоҳмирзоро вазир ва мушовири худ қарор дод. Дар ин ҳангом Мирзо қудрате ба ҳам зад ва фарзандонаш иддаои истиқлол карданд.

Баъд аз муддате ин роҷа низ фавт кард ва занаш ҳукуматро ба даст гирифт. Шоҳмирзо ва фарзандонаш бо вай бинои носозгорӣ гузоштанд. Ӯ ногузир шуд Шоҳмирзоро ба шавҳарӣ қабул кунад ва ӯро дар корҳояш дахолат диҳад. Баъд аз ин қазия, зан мусалмон шуд ва Шоҳмирзо худро султони Кашмир хонд ва дастур дод ба номи вай хутба бихонанд ва худро Шамсуддин хитоб кард.

Ин мард дини исломро дар Кашмир ривоҷ дод ва дар таблиғ ва иршоди мардум кӯшид ва баъд аз муддате аксари саканаи Кашмир мусалмон шуданд.

Яке аз касоне, ки дар Кашмир ба ислом хидмат кардааст, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буда. Ин марди бузург, ки аз мафохири исломӣ аст, ҳазорҳо шогирд дар Кашмир тарбият кард, ки ҳар кадом барои худ устод шуданд. "Мақом"-и Мир Сайид Алии Ҳамадони ҳанӯз дар Кашмир мӯҳтарам аст ва мардум онҷоро зиёрат мекунанд…

Ислом дар Чин

Ба таври таҳқиқ маълум нест, ки ислом дар чӣ торихе ба дохили хоки Чин роҳ ёфтааст. Он чӣ мусаллам аст ба василаи гурӯҳе аз бозаргонони хоразмӣ ва туҷҷори Самарқанд ва Бухоро дар қарнҳои нахустини исломӣ бад-он ҷо рафтааст. Дар асри Хоразмшоҳ ва махсусан Алоуддин Муҳаммади Хоразмшоҳ, ки Фароруд ва атроф ба дасти вай афтод, рафту омади эрониён ба хоки Чин зиёд гардид. Пас аз ҳамлаи муғул ва салтанати онҳо бар Эрон, ҷамоати зиёде аз Эрон дар Чин сокин шуданд. Чингизхон пас аз ин ки шаҳрҳои Хуросонро хароб кард, дастур дод арбоби улум ва маориф ва асҳоби ҳираф ва санойеъро ба Чин ва Муғулистон бурданд, то дар онҷо мардуми Чинро дониш биёмӯзанд ва онҳоро ба ҳунарҳое, ки дар Эрон маъмул буд ошно созанд. Мардуми Эрон илова бар ҳунарҳои маъмулӣ, дину ойини худро низ ба онҳо таълим доданд ва ба ин сурат дини муқаддаси ислом дар Чин низ тавассути эрониён аз тариқи иршод роҳ ёфт ва куллияи китобҳои динии мусалмонони Чин низ ба забони форсӣ таълиф гардидааст.

Ислом дар ҷануби шарқии Осиё ва Офриқои шарқӣ

Дини муқаддаси ислом аз тариқи Ҳиндустон ва банодири халиҷи Форс ва дарёи Уммон ба кишварҳои ҷануби шарқии Осиё ва Офриқои шарқӣ ва ҷазоири уқёнуси Ҳинд роҳ пайдо кард ва дар мусалмонии ин манотиқ низ гурӯҳе бозаргон ва дарёнаварди эронӣ саҳми бисёре доранд. Пас аз ин ки муғулон бар Эрон ҳамла оварданд ва шаҳрҳои ободи ин марзу бумро вайрон сохтанд, гурӯҳе аз донишмандон ва бозаргонон аз инҷо муҳоҷират намуданд. Онҳо, ки дар машриқи Эрон буданд, ба Ҳиндустон муҳоҷират карданд, касоне, ки дар ҷануб ва маркази Эрон қарор доштанд, аз тариқи дарё ин кишварро тарк гуфтанд.

Мардумони ҷануби Эрон ва савоҳили халиҷи Форс ва дарёи Уммон, ки бо роҳҳои дарёӣ ошноӣ доштанд, дар асари ҳамлаи муғул ва пас аз он Темур, ногузир шуданд бо сармояҳои худ дар яке аз нуқоти дурдаст зиндагӣ кунанд, ё дар асари харобӣ ва аз даст додани сармоя ногузир шуданд ба кишварҳои ҷануби Осиё бираванд.

Эрониёне, ки дар Офриқои шарқӣ ё Андунезӣ иқомат кардаанд, бештар аз аҳолии Форс будаанд. Рӯйи ҳам рафта, дини муқаддаси ислом тавассути ҳамин муҳоҷирон дар мамолики мазбур нашр шуд ва инон аз тариқи хитоба ва иршод мардумро бо ҳақоиқи исломӣ ошно сохтанд. Осори эрониён ҳамакнун бо гузаштани чанд қарн, дар ҷануби шарқии Осиё ва Офриқои шарқӣ маҳфуз аст. Таҳқиқ дар ин мавзӯъ ниёзманд ба пардохтани як китоб мебошад.

Хадамоти исломии эрониён дар мағриб ва шимоли Офриқо

Ҳамон тавр, ки дар оғози ин мақол гуфта шуд, аҳолии Хуросон ва машриқи Эрон бо як қиёми мардона басоти умавиёнро дар ҳам навардиданд. Аббосиён, ки бар арикаи хилофат мустақар шуданд, ба таври куллӣ нажоди арабро аз маносиби ҳукуматӣ дур сохтанд, магар чанд нафар аз хавосси худро, ки дар умури давлатӣ мушорикат доданд. Чун давлати онон аз тарафи Хуросон зуҳур кард, барои ҳамин ҷиҳат устондории аксари билодро ба мардумони Хуросон вогузор намуданд ва дар шарқу ғарби олами ислом онҳоро иморат ва ҳукумат доданд.

Дар замони Маъмун пас аз ин ки вай аз Хуросон ба Ироқ баргашт, гурӯҳе аз ашроф ва риҷоли Хуросон бо вай ҳамроҳӣ карданд. Маъмун ба ҳар як аз онон маносибе дод ва дар шаҳрҳое, ки мавриди назараш буд, ба ҳукумат расонид. Яке аз манотиқе, ки мавриди таваҷҷӯҳи Аббосиён буд ва бим доштанд, ки аз онҷо хатаре мутаваҷҷеҳи эшон гардад, сарзаминҳои мағриби акъсо ва шимоли Офриқо буд, зеро ҳанӯз ҳукумати Андалус ба дасти умавиён буд ва метарсиданд аз он ноҳия хатаре мутаваҷҷеҳи онон гардад.

Аз ин рӯ аз аҳди Маҳдии аббосӣ, ҳуккоми Миср ва Офриқоро аз миёни мардуми Хуросон, ки душманони сарсахти Банӣ Умайя буданд интихоб мекарданд. Дар ин замон нуфузи хуросониён ва мардумони машриқи Эрон дар Миср ва манотиқи Офриқои шимолӣ зиёд

шуд ва ҳифзи ҳудуду суғури исломӣ ба дасти инон қарор гирифт ва фармони ҷангу сулҳу ҷиҳод бо душманони исломро ба ӯҳда гирифтанд.

Ин хонадонҳои эронӣ, дар мағриби акҫо ва ҷазоири дарёи Медитарона ва Осиёи Сағир дар тарвиҷ ва таблиғи дини муқаддаси ислом бисёр кӯшиш кардаанд. Мо инак номи онҳоро, ки аз замони Маҳдии Аббосӣ то зуҳури Фотимиён дар Миср ва Офриқо ҳукумат кардаанд, зайлан зикр мекунем:

Ҳуккоми хуросонӣ дар Миср ва Офриқои шимолӣ:

1) Яҳё ибни Довуди Нишопурӣ;

2) Маслама ибни Яҳёи Хуросонӣ;

3) Уббод ибни Муҳаммади Балхӣ;

4) Сарӣ ибни Ҳаками Балхӣ;

5) Муҳаммад ибни Сарии Балхӣ;

6) Абдуллоҳ ибни Сарии Балхӣ;

7) Абдуллоҳ ибни Тоҳири Бушинҷӣ;

8) Умайр Бодғисии Ҳиравӣ;

9) Исҳоқ ибни Яҳёи Самарқандӣ;

10) Абдулвоҳиди Бушинҷӣ;

11) Анбса ибни Исҳоқи Ҳиравӣ;

12) Язид ибни Абдуллоҳ;

13) Музоҳим ибни Хоқон;

14) Аҳмад ибни Музоҳим;

15) Архуз ибни Улағ;

16) Аҳмад ибни Тӯлуни Фарғонӣ;

17) Хуморуя ибни Аҳмади Фарғонӣ;

18) Ҷайш ибни Хуморуяи Фарғонӣ;

19) Ҳорун ибни Хуморуяи Фарғонӣ;

20) Исо Навшаҳрии Балхӣ;

21) Шайбон ибни Аҳмади Фарғонӣ;

22) Муҳаммад ибни Алии Хуланҷӣ;

23) Муҳаммад ибни Туғбаҷи Фарғонӣ;

24) Ануҷур ибни Ахшиди Фарғонӣ;

25) Алӣ ибни Ахшид;

26) Аҳмад ибни Алӣ ибни Ахшид;

27) Шӯълаи Ахшидӣ;

28) Ҳасан ибни Убайдуллоҳи Ахшидӣ;

29) Фотики Ахшидӣ;

30) Ҳусайн ибни Аҳмад ибни Рустам.

Ин 30 нафар, ки дар боло зикр шуд, хуросонӣ ҳастанд ва муддати 200 сол бар Миср, шимоли Офриқо, мағриби ақсо, савоҳили Медитарона ва соири мутасаррафоти исломӣ дар ноҳияҳои ғарб ва каронаҳои уқёнуси Отлонтик фармонравоӣ доштаанд.

Тарвиҷи шариат ва дифоъ аз ҳудуду суғур ва футуҳот дар баъзе аз ноҳияҳои Андалус ва Урупо ба дасти инон анҷом пазируфт. Дар замони ин ҳукком ҳазорон фақеҳ, муҷтаҳид, муфассир, муҳаддис, қозӣ, амир, дабир ва сиёсатмадор аз Хуросон ва соири шаҳрҳои Эрон ба манотиқи ғарбӣ муҳоҷират карданд ва мабонӣ ва қоидаҳои исломиро дар он сарзаминҳо муҳкам сохтанд.

Дар китобҳои илмӣ, адабӣ ва торихии исломии шимоли Офриқо ва Андалус, номи бисёре аз эрониён дида мешавад ва мо иншоаллоҳ дар торихи бузурги Хуросон, тамоми ин матолибро аз манобеи мустанад, ки инак дар китобхонаҳои Тунис ва Марокаш мавҷуд аст ва феҳристи хаттии онҳо барои нигоранда расидааст, ба таври тафсил зикр хоҳем кард, иншоаллоҳ." (*Поёни навиштаи оқои Азизуллоҳи Аторудӣ*)

Аксуламалҳо

Барои ин ки дараҷаи хулус ва самимияти эрониёнро нисбат ба ислом кашф кунем, як василаи хуб дар даст дорем. Ва он ин аст, ки бибинем, дар ҷараёнҳои мухолифе, ки аз аввалҳои қарни дуввуми ҳиҷрӣ дар заминаи усул ва масоили исломӣ рух дод, эрониён чӣ навъ аксуламале нишон доданд; оё онҳоро таъйид ва тақвият карданд ё ба мубориза алайҳи онҳо бархостанд?

Се ҷараёни мухолиф дар он аср ба чашм мехӯрд:

1) Яке, ҷараёни зандақа ва занодиқа аст. Занодиқа табақае буданд, ки аввалҳои қарни дуввум зуҳур карданд ва аз реша бо тавҳид ва соири усули исломӣ мухолифат меварзиданд ва дар тахриби мабонии эътиқодии исломӣ сахт мекӯшиданд.

2) Дигар ҷараён, унсурпарастии арабист, ки Умавиён силсилаҷунбони он буданд ва муҳимтарин асли иҷтимоии исломиро амалан зери по гузоштанд.

3) Севвум, шуюъи лаҳву ғинову айёшӣ аст, ки он низ ба василаи Умавиён роиҷ шуд ва дар замони Аббосиён бештар тавсиъа ёфт. Ин се ҷараён ба тартиб марбут буд ба усули эътиқодӣ ва усули иҷтимоӣ ва усули ахлоқӣ ва амалии ислом, ва иттифоқан дар ҳар се ҷараён пойи эрониён дар миён аст.

Масъалаи пайдоиши зандақа дар қарни дуввуми ҳиҷрӣ аз ҷанбаҳои мухталиф мавриди таваҷҷӯҳи муаррихони иҷтимоӣ қарор гирифтааст.

1) Аввалан, ин калима чӣ калимаест ва чӣ решае дорад? Оё калимаи “зиндиқ” муъарраби (арабишудаи) калимаи “зандик” аст ё решаи дигар дорад? Ва ба ҳар ҳол ба чӣ ашхосе зиндиқ мегуфтаанд? Оё мақсуд атбоъи Монӣ мебошанд? Ё мақсуд эрониёне ҳастанд, ки ба дини қадими хеш боқӣ монда буданд, аъамм аз зартуштӣ ва монавӣ ва маздакӣ? Ва ё мақсуд табақае будаанд, ки мункири моварои табиат ва қаҳран мункири ҳамаи адён будаанд ва ба монавият низ эътиқод надоштаанд?

Қадри мусаллам ин аст, ки ба ҳамаи инҳо калимаи зиндиқ итлоқ шудааст; ҳатто ба гурӯҳе аз мусалмонон, ки амалан лоуболӣ ва аҳли фисқу фуҷур будаанд ва мутадайинонро ба боди тамасхур мегирифтаанд ва аҳёнан аз боби даҳанкаҷӣ ба зуҳҳод ва мутадайинин, суханоне ба назм ва ё ба наср аз онҳо содир шуда, ки тавҳин ба ислом талаққӣ шуда низ зиндиқ гуфта шудааст.

Собиқаи зандақа дар миёни араб аз кай аст? Оё араб баъд аз ислом дар асари ихтилот бо милали дигар хусусан эрониён, бо зандақа ошно шуда ё қабл аз ислом низ бо зандақа ошно будааст?

Роҷеъ ба маънӣ ва мафҳуми аслии ин калима, ақидаи муҳаққиқон ин аст, ки дар ибтидо фақат дар мавриди монавиён ба кор мерафта ва баъд дар мавриди даҳриён ва ё маҷус ва баъд дар бораи ҳар муртадде ба кор рафтааст.

Аз назари собиқа низ гуфта мешавад, ки аз қабл аз ислом дар миёни араб собиқа доштааст. Аз китоби "*Ал-маориф*"-и Ибни Қутайба ва "*Ал-аълоқун-нафиса*"-и Ибни Руста нақл шуда, ки Қурайш дар ҷоҳилият ба василаи аъроби Ҳира камубеш бо он ошно будааст.

Ба ҳар ҳол гурӯҳе дар қуруни аввалияи исломӣ ном бурда мешаванд, ки бархе эронӣ ва бархе арабанд ва муттаҳам ба зандақа будаанд аз қабили Абдулкарим ибни Абилавҷоъ, Солеҳ ибни Абдулқуддус, Абӯшокири Дайсонӣ, Ибни Арровандӣ, Башшор ибни Бурад, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, Юнус ибни Абифарва, Ҳаммоди Аҷрад, Ҳаммоди Ровия, Ҳаммод ибни Зибирқон, Яҳё ибни Зиёд, Мутеъ ибни Аёс, Яздон ибни Бозон, Язид ибни Алфайз, Афшин, Абӯнавос, Алӣ ибни Алхалил, Ибни Мунозир, Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Убайдуллоҳ ибни Аббос, Абдуллоҳ ибни Муовия ибни Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар, Довуд ибни Алӣ, Яъқуб ибни Фазл ибни Абдурраҳмони Матлабӣ, Валид ибни Язид ибни Абдулмалик, Абӯмуслими Хуросонӣ, Баромика.

Баъзе аз номбурдагон аз қабили Ибни Абилавҷоъ қатъан ба моварои модда ва табиат мӯътақид набудаанд. Аз назари аҳодиси шиъа, ки ҳокӣ аз мубоҳисот ва эҳтиҷоҷоте аст, ки ин мард бо имомони атҳор ва асҳоби аимма мекардааст, ҷойи тардид нест, ки вай мункири моварои модда ва табиат будааст. Зиндиқ будани баъзе аз афроди дигар низ, ки номашон бурда шуд, ҷойи тардид нест, вале зиндиқ будани бархе дигар аз онон сахт мавриди тардид аст.

Аз қароин ба даст меояд, ки пайдоиши гурӯҳе зиндиқ ба маънии монавӣ ва духудоӣ ва мӯътақид ба ду асли нуру зулмат, ва ё ба маънии даҳрӣ ва мункири моварои табиат ва модда, дастовезе барои риҷоли сиёсат ва бархе соҳибнуфузҳои дигар шуд, ки душманонашонро бо ин ном ва ин баҳона аз байн бибаранд. Аз ин рӯ ба ҳеч ваҷҳ наметавон эътимод кард, ки ҳамаи касоне, ки мавриди ин иттиҳом воқеъ шудаанд, воқеан зиндиқ будаанд. Хусусан ин ки дар миёни муттаҳамон афроде дида мешаванд, ки ба зуҳд ва некӣ ва вафодорӣ ба ислом маъруфанд. Бархе аз онҳо аз шиъаёни мухлис ва мавриди иноятиаҳли байт мебошанд ва душмани сарсахти умавиён ё аббосиён.

Бадеҳӣ аст, ки чунин касоне табъан аз тарафи дастгоҳи хилофат мавриди иттиҳом қарор мегиранд. Бархе сирфан ба хотири иштиғол ба улуми ақлӣ мавриди ин иттиҳом воқеъ шуданд.

Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" зимни шарҳи ҳоли Абӯзайд Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ, мегӯяд: "*Вай муттаҳам ба зандақа буд*" ва аз яке аз дӯстони наздикаш нақл мекунад, ки: "*Ин мард мазлум буд, марде буд муваҳҳид ва худопараст, ман беҳтар аз дигарон ӯро мешиносам, бо ҳам бузург шудем, иллати шӯҳрататаш ба зандақа иштигол ба мантиқ буд, мо бо ҳам мантиқ хондем ва ҳеч кадом тамоюле ба илҳод надоштем*." (*с.204*)

Аҳмад Амин (*Зуҳал-ислом, ч.1, с.163*) аз "*Ал-агонӣ*" нақл мекунад, ки: "*Ҳамид ибни Саъид аз чеҳраҳои намоёни мӯътазила буд. Дар бархе аз масоил бо Ибни Абӯдовуд, қозиюлқузоти маъруфи давраи Муътасим мухолифат кард. Ибни Абӯдовуд зеҳни Муътасимро дар бораи ӯ хароб кард, ки ӯ шуъубӣ ва зиндиқ аст*."

Дар бораи Ибни Мунозир низ аз шахсе нақл мекунад, ки дар мачлиси Юнус ибни Абифарва расман ӯро дар радифи занодиқа муаррифӣ мекарданд. Тасодуфан он шахс ба масчид меравад ва мебинад Ибни Мунозир танҳо дар гӯшае машғули намоз аст.

Афшинро ба зандақа муттаҳам карданд, вале ақидаи баъзе аз муаррихон ин аст, ки зандақа попӯше буд, ки руқабои сиёсии Афшин барои ӯ сохтанд.

Мансури Давониқӣ, халифаи аббосӣ ва Суфён ибни Муовияи Маҳлабӣ, ҳокими Басра, ҳар кадом ба иллати хоссе душмани Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ шуданд ва Суфён бо дастури маҳрамонаи Мансур ӯро кушт ва баъд гуфтанд, исломи Ибни Муқаффаъ зоҳирӣ буда ва ботинан зиндиқ будааст. Ибни Муқаффаъ марде донишманд буда ва китобҳои Мониро ба арабӣ тарчума кардааст. Аз бархе навиштаҳояш бармеояд, ки нисбат ба ислом вафодор будааст. Бадеҳӣ аст, ки танҳо тарчумаи китобҳои Монӣ ва ё ширкат дар ҳалақоти занодиқа далели зиндиқ будан нест.

Мегӯянд, Асмаъӣ то замоне ки Баромика дар авчи иззат буданд гирди онҳо мечархид ва ононро мадҳу сано мегуфт; пас аз он ки ситораи иқболи Баромика ғуруб кард, онҳоро ҳачв кард ва зиндиқ хонд. Маҳдии аббосӣ қахрамони мубориза бо занодиқа шумурда мешавад. Ӯ буд, ки иддаи зиёде аз онҳоро кушт ва муддаӣ буд, ки чаддаш Аббос ибни Абдулмутталиб дар олами руъё дастури аз байн бурдани онҳоро ба ӯ додааст. Вале Башшор ибни Бурад, ки дар дастгоҳи Маҳдӣ ва мавриди алоқаи ӯ буд, бо ин ки ба ин симат маъруф буд ва умри 80-солаи худро ба зандақа гузаронда буд, мавриди таъарруз воқеъ намешуд. Маҳдӣ кӯшиш мекард, ки суханони Башшорро назди фақеҳон тавчеҳ ва таъвил кунад, то вақте ки Башшор

ба ҳарими сиёсат ворид шуд ва дар як рубоӣ хитоб ба Банӣ Умайя Маҳдиро ҳачв кард, дар ин вақт буд, ки эҳсосоти зидди зандақаи Маҳдӣ ба ҷӯш омад ва фармон дод ӯро тозиёна заданд, то ҳалок шуд.

Акнун бибинем, аксуламали эрониёни мусалмон дар баробари зандақа ва занодиқа чӣ будааст?

Бо он ки решаи зандақа дар миёни ақаллияте аз эрониён буд, зандақа дар муҳити Эрон рушд накард ва аз тарафи худи эрониён сахт бо он мубориза шуд. Ин мубориза, ҳам аз виҷҳаи каломӣ аз тарафи мутакаллимони мусалмони эронӣ пайдост ва ҳам аз виҷҳаи фиқҳӣ ва ба василаи фуқаҳои мусалмони эронӣ.

Чунонки медонем, Ироқ маркази эрониён ва фуқаҳои эронӣ буд. Фуқаҳои Ироқ аз соири фуқаҳо аксуламали шадидтаре нисбат ба зандақа ва занодиқа нишон медоданд. Абӯҳанифа ва атбоъаш эронӣ ва муқими Ироқ буданд, бар хилофи Шофеӣ ва атбоъаш. Фатвои Шофеӣ аз фатвои ҳанафиҳо дар бораи занодиқа мулоимтар аст. Масъалае аст дар фиқҳ дар боби қабули тавбаи муртадд; бархе аз фуқаҳо фарқе миёни муртадд ва зиндиқ намегузоранд, тавбаи ҳар дуро мақбул медонанд. Шофеӣ аз ин даста аст. Аммо бархе дигар тавбаи зиндиқро номақбул мешуморанд. Абӯҳанифа дар яке аз ду қавлаш ин раъйро интихоб кардааст.

Мегӯянд, атбоъи Абӯҳанифа, ки дар Ироқ мезистанд, бо ҷазми бештаре аз худи Абӯҳанифа ба адами қабули тавбаи занодиқа фатво медоданд ва ин фатво ба унвони аксуламали шадиди эрониён нисбат ба занодиқа шинохта шудааст.

2) Аммо ҷараёни дуввум яъне табъизоти нажодӣ ва тафохуроти қавмӣ, ки бар зидди асли мусаллами мусоворти исломӣ буд, ин инҳироф ба василаи аъроб ба вуҷуд омад. Сиёсати Умавиҳо бар асли тафаввуқи араб бар ғайриараб поягузорӣ шуд. Муовия ба сурати бахшнома ба ҳамаи ъуммоли хеш иттилоъ дод, ки барои араб ҳаққи тақаддум қоил шаванд.

Ин амал зарбаи муҳлике бар пайкари ислом ворид кард. Маншаи аслии таҷзия шудани ҳукумати исломӣ ба сурати ҳукуматҳои кучак, ҳамин кор буд. Бадеҳӣ аст, ки ҳеч миллате ҳозир нест тафаввуқ ва қаймумати миллати дигарро бипазирад. Эрониён исломро пазируфта буданд, на арабро. Ислом аз он ҷиҳат мақбули ҳамаи миллатҳо буд, ки илова

бар соири имтиёзҳояш, ранги қавмӣ ва нажодӣ надошт, ҷаҳонӣ ва инсонӣ буд. Эрониён ва ҳамчунин соири мусалмонони ғайриараб ба ҳеч ваҷҳ ҳозир набуданд сиёдати арабро бипазиранд.

Аксуламали ибтидоӣ, ки эрониён дар муқобили ин табъизот нишон доданд, бисёр мантиқӣ ва инсонӣ буд. Онҳо арабро ба китоби Худо даъват карданд. Гуфтаи Расули Худо рост омад, ки фармуд: "*Ба Худо қасам, охири кор аҷам шуморо ба дини ислом ва китоби Худо даъват хоҳад кард он чунонки дар аввали кор онҳоро ба китоби Худо даъват кардед.*" (*Сафинатул-биҳор, с.129*). Дар қиёмҳое, ки дар садри ислом аз тарафи мусалмонони эронӣ сурат гирифт, сухан аз тасовии инсонҳост, на фазилати аҷам бар араб.

Наҳзати сиёҳҷомагони Хуросон алайҳи мазолим ва табъизоти умавӣ, ба номи ислом ва адли исломӣ оғоз гашт, на ба номи дигар. Доъиён ва нақибони Аббосиён, ки махфиёна ба даъват мепардохтанд, шиорашон адли исломӣ буд ва мардумро ба "Арризо мин Оли Муҳаммад" мехонданд. Рояте, ки барои мардуми Хуросон аз тарафи соҳиби даъват — ки номаш махфӣ нигаҳ дошта мешуд – расид, сиёҳ буд ва ояти муборакаи:

أُذِنَ لِلَّذِينَ يُقَاتَلُونَ بِأَنَّهُمْ ظُلِمُوا وَإِنَّ اللَّهَ عَلَى نَصْرِهِمْ لَقَدِيرٌ

(*"Ба касоне, ки ҷанг бар онон таҳмил шуд, рухсати ҷиҳод дода шудааст, чаро ки мавриди зулм қарор гирифтаанд ва албатта Худо бар пирӯзии онон сахт тавоност."* (*Сураи Ҳаҷ, ояти 39*)) – бар он сабт буд.

Дар оғози наҳзат, на номи Оли Аббос дар миён буд ва на номи Абӯмуслим ва на номи қавмияти эронӣ ва на номи дигар; танҳо номи ислом ва Қуръон ва Аҳли байт ва адлу мусовоти исломӣ матраҳ буд ва ҳеч шиоре дар байн набуд, ҷуз шиорҳои муқаддаси исломӣ. Абӯмуслим баъдҳо аз тарафи Иброҳими Имом муаррифӣ шуд. Дар яке аз сафарҳо, ки доъиёни аббосӣ махфиёна ба Макка омаданд ва бо Иброҳими Имом мулоқот карданд, ӯ Абӯмуслимро, ки ҳеч маълум нест кист, аҳли куҷост, араб аст ё эронӣ, муаррифӣ кард ва чун Абӯмуслим дар Хуросон зуҳур кард ба номи Абӯмуслими Хуросонӣ маъруф шуд.

Бархе торихнависони эронӣ ахиран кӯшиш доранд, ки ҳамаи муваффақиятҳои қиёми сиёҳҷомагонро марҳуни шахсияти Абӯмуслим муаррифӣ кунанд. Шак нест, ки Абӯмуслим сардори лоиқе будааст, вале он чизе, ки заминаро фароҳам кард, чизи дигар буд. Гӯянд,

Абӯмуслим дар маҷлиси Мансур он гоҳ, ки мавриди итоб қарор гирифт, аз хадамоти хеш дар роҳи истиқрори хилофати аббосӣ сухан ронд ва кӯшиш кард бо ёдоварии хадамоти худ Мансурро ром кунад. Мансур посух дод, ки агар канизе ҳам бар ин амр даъват мекард, муваффақ мешуд, ва агар ту ба нерӯи худат мехостӣ қиём кунӣ, аз ӯҳдаи як нафар ҳам барнамеомадӣ.

Ҳарчанд дар баёни Мансур андаке муболиға аст, аммо ҳақиқат аст ва ба ҳамин далел Мансур тавонист Абӯмуслимро дар авҷи иззат ва қудрататаш бикушад ва об ҳам аз об такон нахӯрад.

Аббосиён бо таҳрики эҳсосоти исломии эрониён қиёмро раҳбарӣ карданд ва он чо ҳам, ки бо қироати ояти:

أُذِنَ لِلَّذِينَ يُقَاتَلُونَ بِأَنَّهُمْ ظُلِمُوا وَإِنَّ اللَّهَ عَلَى نَصْرِهِمْ لَقَدِيرٌ

… мазолими Умавиёнро бармешумурданд, бештар аз мазлумияти Оли Муҳаммад сухан мегуфтанд, то мазлумиятҳои худи эрониён.

Дар соли 129, рӯзи иди фитр, ки сиёҳҷомагон аланан дар билоди Моваруннаҳр қиём карданд, қиёми хешро зимни хутбаи намози ид эълом карданд ва намози идро марде ба номи Сулаймон ибни Касир, ки худ араб аст ва зоҳиран аз доъиёни Аббосиён аст хонд. Шиори ин қавм, ки ҳадафи онҳоро мушаххас мекард, ояти каримаи:

يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنَّا خَلَقْنَاكُم مِّن ذَكَرٍ وَأُنثَى وَجَعَلْنَاكُمْ شُعُوبًا وَقَبَائِلَ لِتَعَارَفُوا إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِندَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ

(*“Эй мардум! Мо шуморо аз марду зане офаридем ва шуморо миллат-миллат ва қабила-қабила гардонидем, то бо якдигар шиносоии мутақобил ҳосил кунед. Дар ҳақиқат, арҷмандтарини шумо назди Худо, парҳезгортарини шумост…” (Сураи Ҳуҷурот, ояти 13)*) – буд. Ва ба муносибати калимаи “*шуъубан*”, ки дар ин ояти карима омадааст ва бино ба гуфтаи муфассирон ишора ба мардумест, ки иҷтимоъоташон ранги қабилаӣ надорад, эрониён, ки тарафдори тасвия ва мухолифи табъиз буданд, “шуъубия” номида шуданд.

Ин навъ аксуламал дар муқобили он инҳирофи арабӣ, сад дар сад исломӣ ва нишонаи самимияти эрониён нисбат ба ислом буд. Агар эрониён нисбат ба ислом самимият намедоштанд, кофӣ буд, ки онҳо ҳам монанди аъроб бар миллият ва қавмияти хеш ва торихи хеш такя кунанд ва дар ин ҷиҳат мусалламан гӯйи сибқатро мерубуданд, зеро

ифтихороти нажодии эрониён басе бештар аз аъроб буд. Аммо ин корро накарданд ва аз араб ба ислом паноҳ бурданд, на ба чизи дигар.

Албатта наҳзати шуъубигарӣ тадричан як масири инҳирофӣ пайдо кард; дар масире афтод, ки наҳзати қавмияти арабӣ афтода буд. Яъне дар масири тафохуроти қавмӣ ва нажодӣ ва тафаввуқи нажоди эронӣ бар соири нажодҳо, хусусан бар нажоди араб, афтод ва ахёнан аз ҳудуди нажодпарастӣ таҷовуз кард ва то зандақа кашида шуд.

Вале ҳамин ки шуъубигарӣ ба ин марҳила расид, тӯдаи мардуми Эрон ва уламои ботақвои эронӣ шуъубигариро сахт маҳкум карданд ва аз он табаррӣ ҷустанд. Яъне бори дигар бо як аксуламали исломӣ аз тарафи эрониён дар муқобили як инҳироф, ки аз миёни худашон бархоста ва рушд карда буд, мувоҷеҳ мешавем. Иллати шикасти шуъубигарӣ ҳам ҳамин буд. Агар эрониён масири аввалиро ҳифз мекарданд, хидмати бузурге ба ҷаҳони ислом умуман ва худашон хусусан мекарданд.

Бархе аз эрониён ончунон аз ин навъ шуъубигарӣ нороҳат ва мутаассиф буданд ва онро хатаре барои ислом талаққӣ мекарданд, ки алорағми нажод ва қавмияти худашон, ба нафъи аъроб таъассуб меварзиданд. Ва ин яке аз шигифтиҳои торих ва аз нишонаҳои нуфузи амиқи ислом дар руҳи эронӣ аст.

Замахшарӣ соҳиби китоби "*Кашшоф*" аз акобири уламои Эрон ва аз навобиғи рӯзгор аст. Вай аслан аҳли Хоразми Хуросон аст ва ба муносибати ин ки умри хешро дар муҷовирати байтуллоҳ (Каъба) гузаронд ва муҷовири Каъба буд, лақаби "Ҷоруллоҳ" ёфт. Ин мард муқаддимаи китоби "*Алмуфассал*"-и хешро, ки дар наҳву сарф аст чунин оғоз мекунад:

لله احمد على أن جعلني من علماء العربية وجبلني على الغضب للعرب والعصبية، وأبي لي أن اتفرد عن صميم أنصارهم وامتاز وانضوى الى لفيف الشعوبية وانحاز، وعصمني من مذهبهم الذي لم أجد عليهم الا الرشق بألسنة اللاعنين والمشق بألسنة الطاعنين

"*Танҳо Худойро сипос мегузорам, ки маро аз донишмандони фанни адаби арабӣ қарор дод ва дар сиришти ман тарафдорӣ аз арабро ба вадиъат ниҳод, ба лутфи худаш нахост, ки ман аз ёрони ҷиддии онҳо ҷудо ва барканор бимонам ва дар доми Шуъубия гирифтор оям; маро ҳифз кард аз мазҳаби Шуъубия, ки суде ба онҳо набахшид ҷуз тирборон шудан бо забони лаънаткунандагон ва пора-пора шудан бо найзаи таънзанандагон*."

Аз ҷумлаи ахири Замахшарӣ маълум мешавад, ки шуъубигарӣ аз назари тӯдаи эронӣ, он андоза маҳкум ва мардуд будааст, ки насиби тарафдораш ҷуз лаънат ва нафрин ва маломат набудааст.

Саъолибии Нишопурӣ, соҳиби китоби "*Ятиматуд-даҳр*", вафотёфта дар соли 429 ҳичрии қамарӣ, ки ӯ низ аз акобир ва мафохири уламои мусалмони Эрон аст, монанди Замахшарӣ, балки бештар ва ба ҳадди ифрот дар муқаддимаи китоби "*Сиррул-адаб фи маҷори каломил-араб*" алайҳи Шуъубия ва ба нафъи аъроб шиор медиҳад ва монанди як араби мутаъассиб аз фазилат ва тақаддуми араб бар ғайриараб дам мезанад.

Пас аз ҳамду санои илоҳӣ ва дуруд бар Паёмбари гиромӣ, чунин мегӯяд:

"*Ҳар кас Худоро дӯст бидорад, паёмбараш Муҳаммади Мустафо (с)-ро низ дӯст медорад. Ва ҳар кас, ки паёмбарро дӯст бидорад арабро дӯст медорад. Ва ҳар ки арабро дӯст бидорад, забони арабиро, ки беҳтарини китобҳо бар беҳтарини инсонҳо ба он забон нозил шудааст дӯст медорад. Ва ҳар ки забони арабиро дӯст бидорад, ба он эҳтимом меварзад. Ҳар кас, ки Худованд ӯро ба ислом ҳидоят кунад, мӯътақид мешавад, ки Муҳаммад (с) беҳтарини паёмбарон, ислом беҳтарини тариқаҳо ва араб беҳтарини миллатҳо ва забони арабӣ беҳтарини забонҳост*."

Назари Саъолибӣ дар бораи ин ки "араб беҳтарини миллатҳост" назари нодурусте аст. Ҳеч мулозимае нест миёни ин ки касе ба ислом имон дошта бошад ва миёни ин ки мӯътақид шавад араб беҳтарин қавм аст. Баръакс, ин тарзи тафаккур бар зидди имон ба ислом аст. Мулозима аз он тараф аст, яъне мулозима аст миёни имон ба ислом ва имон ба ин ки ҳеч қавме аз қавми дигар ба мӯҷиби қавмият бартар нест. Бартарӣ ба ҳукми сареҳи Қуръон ё ба илм аст:

هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ

"*Оё касоне, ки медонанд ва касоне, ки намедонанд, яксонанд?..*" (*Сураи Зумар, ояти 9*)

Ва ё ба тақвост:

إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِندَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ

"*Дар ҳақиқат, арҷмандтарини шумо назди Худо, парҳезгортарини шумост…*" (*Сураи Ҳуҷурот, ояти 13)*)

Ва ё ба амал ва муҷоҳидат аст:

وَفَضَّلَ اللَّهُ الْمُجَاهِدِينَ عَلَى الْقَاعِدِينَ أَجْرًا عَظِيمًا

“Худованд муҷоҳидонро бар хонанишинон ба подоше бузург бартарӣ бахшидааст.” (Сураи Нисо, ояти 95)

Алоқа ба забони арабӣ низ — бар хилофии иддаои Саъолибӣ ва суғрою куброе, ки тартиб додааст — мавлуди алоқа ба қавми араб нест, балки мустақиман мавлуди алоқа ба Қуръони Карим ва Расули Акрам аст. Вале ин масири инҳирофӣ, ки барои амсоли Саъолибӣ пайдо шудааст аксуламали ифротҳои Шуъубия аст.

Абӯубайда Муаммар ибни Мусанно, ки аз мутакаллимини маъруфи қарни дуввум аст ва эронист низ таъассуби арабӣ дорад ва аҷамро таҳқир мекунад. Китобе аз ӯ ёд мешавад ба номи “*Мақотилу фурсонил-араб*”.

Аз он тараф, Масъудӣ, муаррихи маъруфи араб, соҳиби китоби “*Муруҷуз-заҳаб*” ва китоби “*Аттанбиҳу вал-ишроф*”, ки аз наводагони Абдуллоҳ ибни Масъуд (саҳобии бузургвори маъруф) аст ва дар нимаи аввали қарни чаҳорум вафот ёфтааст, ба муъориза бо Абӯубайда бармехезад ва китобе ба номи “*Мақотилу фурсонил-ъаҷам*” таълиф мекунад. Масъудӣ дар китоби “*Аттанбиҳу вал-ишроф*” дар зикри мулуки сосонӣ мегӯяд:

“*Бисту ҷаҳорум Шаҳрбароз аст, ки чиҳил рӯз салтанат кард. Ва мо достони ӯ ва иллати кушта шуданаш ва кушта шудани ғайри ӯ аз шуҷоъон ва диловарони эрониро — аз касоне, ки фазилат ва шуҷоат ва торихчаҳои пурифтихорашон мавриди иттифоқ аст — дар китоби хеш ба номи “Мақотилу фурсонил-ъаҷам”, ки бар зидди китоби “Мақотилу фурсонил-араб”-и Абӯубайда Муаммар ибни Мусанно таълиф кардаем, навиштаем*.”

Масъудии араби мусалмон ба ҳукми ин ки мебинад, беинсофӣ ба нафъи аъроб ва алайҳи эрониён сурат гирифтааст, ба нафъи эрониён китоб таълиф мекунад. Ин низ аз шигифтиҳои ислом аст.

Феълан ҳадафи мо таҳқиқи комил дар бораи моҳияти шуъубигарӣ ва аксуламалҳои мувофиқ ва мухолифе, ки ба вуҷуд овард ва дар ниҳояти амр мунқариз шуд нест. Ин кор вақту фурсати бештаре мехоҳад. Ҳадафи мо ин аст, ки шуъубигарӣ дар ибтидо як наҳзат ва аксуламали муқаддасе буд аз тарафи эрониён алайҳи табъизоти нажодии арабӣ. Баъд, ки худаш ба воситаи як ақаллияти маъдуде аз эрониён аз масири аслӣ мунҳариф шуд ва ранги таъассуби қавмӣ ба худ гирифт ва аҳёнан ранги зандақа ва зиддиисломӣ ёфт, аз тарафи тӯдаи мардуми Эрон ва уламои муттақии эронӣ маҳкум ва мардуд шинохта шуд ва дар

ҳудуди ҳазор сол пеш дунболааш бурида шуд. Гарчи имрӯз пас аз ҳазор сол, истеъмор мехоҳад ин мурдаи ҳазорсоларо зинда кунад, вале ҳаргиз муваффақ нахоҳад шуд.

3) Ҷараёни севвуми зиддиисломии садри аввал, ки эрониён беш аз соири ақвоми дигар аксуламали мухолиф нишон доданд, шуюъи фаровони лаҳву ғино ва айёшӣ буд.

Ғино ва мусиқӣ дар Эрон собиқаи тӯлонӣ дорад. Мардуми ин марзу бум бо он маънус буданд. Дар китоби "*Торихи Эрон*" Мушируддавла менависад:

"*Баҳроми Гӯр аз Ҳинд дувоздаҳ ҳазор ромишгар овард*."

Фаҷрулислом аз торихи Ҳамзаи Исфаҳонӣ нақл мекунад, ки:

"*Баҳром дастур дод, мардум нисфи рӯз кор кунанд ва ними дигарро ба айшу ишрат бигузаронанд, бода бинӯшанд ва навои мусиқӣ бинавозанд. Аз ин рӯ мақоми овозахонон авҷ ёфт. Рӯзе бар гурӯҳе убур кард, ки менӯшиданд, вале намениюшиданд. Пурсид: Ку овозахон? Ҷавоб доданд: Мехостем аз вуҷудашон истифода кунем, аммо ҳазинаашон ба воситаи камёбӣ зиёд аст. Баҳром номае ба подшоҳи Ҳинд навишт ва ромишгар хост. Дувоздаҳ ҳазор ромишгар аз Ҳинд омаданд ва Баҳром онҳоро ба шаҳрҳои Эрон тақсим намуд*."

Араб бо мусиқӣ ва ғино ҷуз ба сурати басит ва соддааш ошно набуд. Пас аз имтизоҷ бо эрониён, лаҳву ғино ба суръат интишор ёфт. Аҷаб ин аст, ки сарзамини Ҳиҷоз аз худи сарзаминҳои Ироқ ва Шом, ки маркази аслии ин санъат буд, ҷилав афтод. Ҳиҷоз аз нимаи дуввуми қарни аввали ҳиҷрӣ, ҳам маркази фиқҳу ҳадис буд ва ҳам марказ лаҳву мусиқӣ. Умаро ва ҳукком ва мутамаккинини умавӣ сахт аз лаҳвиёт тарвиҷ мекарданд ва ба онҳо саргарм буданд. Баръакс, имомони аҳли байт алайҳимус-салом шадидан мухолифат карданд.

Аз имомони атҳор, ки бигзарем, агар матлабро дар сатҳи оммаи мардум баррасӣ кунем, мебинем тӯдаи мусалмони эронӣ ва ҳамчунин уламои эронинажод бо он ҳама савобиқи миллӣ дар ин кор, беш аз тӯдаи араб ва уламои арабинажод аксуламали мухолиф нишон доданд.

Дар бораи Молик ибни Анас, имоми маъруфи аҳли суннат, ки нажоди араб дорад, навиштаанд, ки дар оғози кор мехост риштаи мусиқиро таъқиб кунад. Модараш ӯро манъ кард ва гуфт: Чун чеҳра ва қиёфае зебо надорӣ, беҳтар аст риштаи фиқҳро дунбол кунӣ. Ҳамин корро кард (*Фаҷрулислом, с.177*)

Аҳмад Амин пас аз ин ки менависад: Ҳиҷоз, ҳам маркази фиқҳу ҳадис буд ва ҳам маркази лаҳву ғино, ва мегӯяд: табиист, ки маркази фиқҳу ҳадис бошад, аммо чӣ тавр шуд, ки маркази лаҳву ғино шуд, мегӯяд:

"*Шояд иллати ин ҷараён, хуштабъӣ ва риққати эҳсосоти аҳли Ҳиҷоз будааст. Ҳатто фуқаҳои Ҳиҷоз дар ин масъала аз фуқаҳои Ироқ осонгиртар буданд. Мо қаблан гуфтаем, ки дар Ироқ ҳамаи ташаддудҳо ва таъассубҳо ва сахтгириҳои масоили динӣ мавлуди эрониён буд; онон буданд, ки нисбат ба ҳарими дин ҳассосияти бештаре нишон медоданд.*"

Он гоҳ достони зайлро аз китоби "*Ал-агонӣ*"-и Абулфараҷи Исфаҳонӣ нақл мекунад:

"*Убайдуллоҳ ибни Умар гуфт: ба сафари ҳаҷ рафта будам. Зане зебо дидам, ки бар хилофи дастури ислом, дар ҳоли эҳром лудагӣ (масхарабозӣ) мекард ва суханони зишт бар забон меовард. Ман наздик шудам ва гуфтам: канизи Худо! Оё фаромӯш кардаӣ, ки ба ҳаҷ омадаӣ? Аз Худо наметарсӣ, ки дар ҳоли эҳром чунин суханони зишт ба забон меоварӣ? Зан ниқоб аз чеҳраи зебои хеш, ки хуршедро ба сухра мегирифт барафканд, он гоҳ гуфт: амуи азизам! Дуруст тамошо кун ва бибин, ман аз касоне ҳастам, ки мисдоқм гуфтаи шоирам:*

من اللائي لم يحججن يبغين حسبة
ولكن ليقتلن البريء المغفلا

Яъне, "аз он занон аст, ки ба хотири Худо ба ҳаҷ наомадаанд, балки омадаанд бегуноҳон ва бехабаронро бикушанд."

Убайдуллоҳ, ки худ аз фуқаҳо ва ъуббод ба шумор мерафт ва насаб ба Умар ибни Хаттоб мебурд гуфт: Аммо ман дар ин сафар дуо мекунам, ки Худованд чеҳраи бад-ин зебоиро муъаззаб насозад." Ин хабар барои Саъид ибни Мусайиб, аз фуқаҳои Мадина нақл шуд. Вай гуфт: Ба Худо қасам, агар ин зан бо яке аз аҳли Ироқ мувоҷеҳ шуда буд, инчунин ҷавоб намедод, дар посухаш мегуфт: Дур шав, Худованд туро зишт гардонад! Аммо чӣ бояд кард, хуштабъии мардуми Ҳиҷоз аст." (*Фаҷрулислом, с.178*)

Ва ҳам аз "*Ал-агонӣ*" нақл мекунад, ки:

"*Ибни Ҷурайҳ, яке дигар аз фуқаҳои Мадина нишаста буд ва гурӯҳе, ки дар он миён Абдуллоҳ ибни Муборак ва ҷамоате аз ироқиҳо буданд, наздаш нишаста буданд ва ӯ сухан мегуфт. Дар ин байн яке аз муғанниён расид. Ибни Ҷурайҳ аз ӯ хост, ки барояш тағаннӣ кунад. Ӯ узр овард. Ибни Ҷурайҳ исрор кард. Миқдоре тағаннӣ кард, аммо эҳсос кард, ки мустамиъинро нохуш омад,*

кӯтоҳ кард ва гуфт: Агар набуд ҳузури ин гаронҷонон, бештар мемондам ва туро ба тараб меовардам. Ибни Ҷурайҳ рӯ кард ба ҳуззор ва гуфт: Мисли ин ки шумо кори маро зишт донистед. Абдуллоҳ ибни Муборак, ки аз фуқаҳои эронинажод аст гуфт: Оре, мо дар Ироқ бо инҳо мухолифем…" (*Ҳамон манбаъ*)

Он чи тааммулро бармеангезад ин аст, ки аввалан эрониён аҳли фанни ғинову мусиқӣ буданд ва дар он кор собиқаи зиёде доштанд ва одатан онҳо мебоист аз назари шаръӣ дунболи тавҷеҳ ва таъвиле бираванд ва лоақал тасомуҳ ба харҷ диҳанд. Сониян, шуюъи лаҳву ғино дар Ҳиҷоз ба василаи эрониён сурат гирифт; муғанниёни маъруфи он аср бештар эронӣ будаанд. Дар айни ҳол дар ҷавви мазҳабии он рӯз, эрониён беш аз соири миллатҳо таварруъ ва парҳезкорӣ нишон додаанд.

Ҳамчунонки ишора кардем, маҳалли баҳс фазо ва муҳити мазҳабӣ аст, аммо муҳитҳои ғайримазҳабӣ монанди дарбори Ҳорун ва дастгоҳи Баромика шакли дигар буд.

Нашр ва таблиғи ислом

Масъалаи интишори ислом дар ҷаҳон ва кайфият ва иллатҳои он, худ масъалае муҳим ва қобили таваҷҷӯҳ аст. Бадеҳист, ки фитрӣ ва мантиқӣ будани ин дин ва ҳамоҳангии он бо навомиси зиндагӣ омили асосии интишори он аст.

Мубаллиғони масеҳӣ ҷангҳои садри исломро дастовез қарор дода, омили нашр ва тавсиъаи исломро зӯру ҷабр муаррифӣ мекунанд. Агар дар ҷавҳари як даъвати динӣ қудрати иқноъи виҷдонҳо вуҷуд надошта бошад, маҳол аст, ки зӯру ҷабр битавонад дар мардум имону алоқа ва шӯру эҳсосот ба вуҷуд оварад. Оре, дар садри ислом ҷангҳое сурат гирифт ва ислом ба ҳукми ин ки динест иҷтимоӣ ва танҳо масъулияти саодати фардии башарро бар ӯҳда нагирифтааст, балки масъулияти саодати ҷамъии башарро низ таъаҳҳуд кардааст, ба илова тафкики саодати фардӣ аз саодати ҷамъӣ ва асли "*Кори Қайсарро ба Қайсар ва кори Худоро ба Худо вобигузор*"-ро нодуруст медонад, қонуни чиҳодро ҷузъи дин қарор дод ва амалӣ кард. Аммо бояд дид, ҳадафи ислом аз чиҳод чист ва мусалмонони садри аввал бо чӣ табақае ҷангиданд? Он ҷангҳо қудратро аз чӣ табақае гирифт ва чӣ табақаеро озод кард? Гузашта аз ҳамаи инҳо, муҷоҳидини ислом ба чӣ манотиқе рафтанд? Ва чӣ манотиқи мусалмоннишини имрӯз ҳаст, ки ҷангу чиҳоде дар онҷо сурат нагирифта ва аксари

сарзаминҳои исломӣ ва ҳамчунин сарзаминҳое, ки мусалмонон ба сурати ақаллият дар онҷо зиндагӣ мекунанд, пойи сарбозони исломӣ ба онҷо нарасидааст.

Нашру тавсиъаи ислом ба таври табиӣ ва оддӣ сурат гирифтааст. Дар бахши аввали китоб дар бораи худи Эрон шарҳ додем, ки чӣ гуна эрониён тадриҷан (хусусан дар давраи уфули сиёдати сиёсии аъроб) исломро пазируфтанд ва зартуштигарӣ дар қуруне аз ислом шикасти қатъӣ хӯрд, ки Эрон истиқлоли сиёсии хешро бозёфта буд ва ҳеч нерӯе наметавонист Эронро маҷбур ба тарки дини худ кунад.

Масъалаи муҳим дар нашри даъвати исломӣ, ки исломро аз масеҳият ва монавият ва соири даъватҳое, ки интишори васеъ ё сареъ доштаанд мумтоз мекунад, ин аст, ки авомили таблиғи ислом тӯдаи мардум будаанд, на як дастгоҳи тавилу аризи таблиғотӣ. Тӯдаҳои мардум сирфан таҳти таъсири ангезаҳои виҷдонӣ бидуни он ки бихоҳанд вазифаеро, ки аз тарафи як созмони руҳонӣ ё ғайрируҳонӣ ба онҳо муҳаввал шуда анҷом диҳанд, ба нашру таблиғи ислом пардохтаанд. Ва ин ҷиҳат аст, ки арзиши фавқулъодае ба интишори ислом медиҳад. Дар ин ҷиҳат ислом берақиб аст.

Мо наметавонем дар инҷо як-яки сарзаминҳои исломиро матраҳ кунем ва кайфият ва авомили нашри исломро баррасӣ намоем. Ин кор аввалан аз ҳадафи ин китоб берун аст. Сониян, вақту фурсат ва татаббӯъи бештаре мехоҳад. Мо дар инҷо нақши эрониёнро, ки нақши умда аст, дар нашру таблиғи ислом баррасӣ мекунем. Ва ҳамин метавонад намунаи хубе аз кайфияти нашри ислом дар ҷаҳон бошад.

Имрӯз тибқи омор ва баррасиҳои мустанади ахир, ҷамъияти мусалмонон дар ҳудуди 900 милюн тахмин зада мешавад ва ҷамъияти Эрон дар ҳудуди 35 милюн аст. (Омори додашуда марбут ба замони нигориши китоб аст, яъне даҳаи 50 қарни 20-ум). Ҳамин мардуме, ки худашон дар ҳоли ҳозир камтар аз 40 милюн нафаранд, дар исломи ниме аз мусалмонони ҷаҳон саҳми муҳимме доранд. Яъне лоақал яке аз мабодӣ ва муқаддамоти исломи онҳо даъватҳо ва таблиғотест, ки аз Эрон барҳостааст.

Наздики як севвуми мусалмонони ҷаҳон дар Андунезӣ ва Покистон ва Ҳиндустон зиндагӣ мекунанд. Чӣ гуна шуд, ки мардуми ин сарзаминҳо мусалмон шуданд? Оё эрониён дар исломи ин манотиқ саҳме доштаанд? Аз Андунезӣ оғоз мекунем:

Дар китоби “*Растохези Андунезӣ*” фасли марбут ба “Дин дар Андунезӣ” менависад:

"Тулӯъ ва нуфузи мазҳаби ислом низ ба ҳамон тариқе, ки барои соири мазоҳиб (ҳинду, будоӣ) баён шуд, сурат гирифт. Мунтаҳо ин бор ба василаи ду тоҷири араби эронинажод ба номи Абдуллоҳ Ариф ва Бурҳонуддин, шогирди вай, ки аз бозаргонони муқими Гуҷурот (воқеъ дар ҷануби ғарбии Ҳиндустон) буданд. Бозаргонони мазбур, ки ба ҷануби шарқии Осиё рафту омад мекарданд, маориф ва фарҳанги барҷастаи исломиро дар минтақаи амали худ мунташир ва тавсиъа доданд." (*Растохези Андунезӣ, с.30*)

Ҳамчунин менависад:

"Фаъолиятҳои алании мусалмонон дар Сумотро, ки доманаи фаъолияти он ба Ҷова ва Колимантон кашида шуда буд, мунҷар ба ихтилофоти шадид байни мардуми мусалмон ва ҳукумати мазҳабии будоиҳо дар қуруни 13 ва 14 мелодӣ шуд, ки билохира мунҷар ба суқути империтурии "Мучупоҳт" гардид ва Андунезӣ барои муддати як қарн маркази таблиғоти исломӣ дар ҷануби шарқии Осиё шинохта шуд. Ва ин бештар ба воситаи усули ахлоқӣ ва руҳонии дини ислом буд, ки бар пояи муҳаббат ва амонат ва адолат ва ухувват ва баробарӣ ва мусовот ва соири малакоти фозила устувор буд. Ва ин хасоис мувофиқи табъ ва қабули мардуми бумӣ ва одоти ниёгони онон буд. Лизо мардуми Андунезӣ пас аз садҳо сол пайравӣ аз дини Будо, дар андак замоне аз дини ҷадид истиқбол намуданд… Бо пешрафти ислом, мазоҳиб ва фарҳанги браҳмоӣ ба манотиқи кӯҳистонӣ ва деҳоти дурафтодаи маширқи Ҷова ақиб ронда шуд. Дар ин қабил амокин ҳам ақоиди будоӣ ва шивоӣ ва мӯътақадоти қадимии аҳолии бумии Андунезӣ беш аз пеш бо ҳам мамзуҷ ва таркиб гардид, вале мазҳаби ислом ҳамчунон дар пешрафт буд ва ҳар куҷо арза мешуд, соири мазоҳибро таҳтушшуъои худ қарор медод." (*Ҳамон манбаъ, сс.31-32*)

Дар ҳамон китоб менависад, ки дуктур Сукорну дар нутқи худ гуфт:

"Шарофат, садоқат, баробарӣ, дурустӣ. Ин аст он чӣ ислом барои мардуми Андунезӣ ба армуғон овард." (*Ҳамон манбаъ, с.28*)

Дар китоби "*Ислом; сироти мустақим*", ки ба қалами ҷамъе аз донишмандони кишварҳои мухталифи исломӣ таълиф ёфта ва маҷмӯъан ба форсӣ тарҷума шудааст, мақолаи "*Ислом дар Андунезӣ*" ба қалами Ҳусайн Ҷоҷо Нингрот, устоди улуми исломии Донишкадаи адабиёти Андунезӣ чунин менависад:

"Қадимитарин санади торихии мавҷуд, ки дар он зикре аз ривоҷи ислом дар Андунезӣ шудааст, ҳамоно хотирот ва шарҳи сафарҳои Марко Пулу аст, ки баъд аз солҳо хидмат дар дарбори Кублой

Қоон дар Чин мавқеи муроҷиат ба Вениз (Венетсия) ба соли 692 ҳиҷрӣ дар ноҳияи Порлок, соҳили шимолии Сумотра таваққуф ва мушоҳида кард, ки мардуми он ноҳияҳо дар асари таблиғи савдогарони Соросин ба ислом гаравидаанд… Ибни Баттута (вафотёфтаи 779 ҳиҷрӣ) ҷаҳонгарди маъруфи марокашӣ дар соли 746 ҳиҷрӣ мавқеъи мусофират ба Чин, аз Сомудро дидан намуд ва дар он ҳангом Султон Малик Заҳир, наваи Малик Солеҳ, подшоҳи он ноҳия буд. Вай мегӯяд, аз истиқрори дини ислом дар он замон тақрибан як қарн мегузашт, ва аз тавозӯъ ва зуҳд ва диндории Султон, ки монанди мардуми онҷо пайрави мазҳаби шофеӣ буд, матолибе дар сафарномаи пурарҷи худ навиштааст. Малик Заҳир маҷолиси баҳсу ҷидол дар бораи матолиби динӣ ва қироати Қуръон бо ҳузури уламо ва мутакаллимин тартиб дода буд ва пиёда ба намози ҷумъа мерафт ва гоҳу бегоҳ бо куффори ноҳияҳои дохилӣ меҷангид."

Дар мақолаи номбурда сипас дар бораи 9 нафар, ки ба "муқаддасини нӯҳгона" маъруфанд ва исломро дар Андунезӣ тарвиҷ карданд сухан меронад. Он гоҳ мегӯяд, яке аз онҳо ба номи Се Ситӣ Ҷинор ақоиди сӯфиёнае назири ақоиди Ҳаллоҷ дошта ва мавриди инкори дигарон будааст, ва сипас инчунин ба сухани худ идома медиҳад:

"*Агарчӣ ақоиди Се Ситӣ бо ақоиди Ҳаллоҷи эронӣ комилан шабоҳат дорад, вале ин амр далел намешавад, ки ислом аз тариқи Эрон ба Ҷова омада бошад. Аммо ба таври мусаллам метавон гуфт, исломе, ки дар Ҷова ривоҷ дорад аз Эрон ба Ҳинди гарбӣ ва сипас ба Сумотра омадааст. Барои таъйиди матлаби фавқ мисоли дигаре низ метавон овард; аз ин қарор, ки рӯзи даҳуми моҳи Муҳаррам шиъаён ба хотири рӯзи шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ (алайҳис салом) азодорӣ мекунанд ва маҷолиси сӯгворӣ тартиб медиҳанд. Дар Андунезӣ низ гизое таҳия мекунанд ба номи "Бубуд Суро", ки шояд аз лугати ошурои эронӣ, ки ҳамоно даҳуми моҳи Муҳаррам мебошад гирифтаанд. Дар Ҷова низ Муҳаррамро "Суро" номанд. Нуфузи боризи шиъаро дар ноҳияи Атҷа воқеъ дар шимоли Сумотра метавон мушоҳида кард ва дар онҷо Муҳаррамро "Моҳи Ҳасан Ҳусайн" мегӯянд… Аз далоили дигаре, ки дар исботи нуфузи ислом аз роҳи Эрон ба Андунезӣ метавон зикр кард, ин аст, ки дар Андунезӣ ҳангоми омӯхтани тарзи саҳеҳи қироати Қуръон, барои нишон додани ҳуруфи мусаввити алифбои арабӣ истилоҳоти форсӣ ба кор мебаранд, на арабӣ. Нишонаҳои дигаре низ аз таъсири фарҳанги эронӣ дар зимни мутолеоти осори Андунезӣ метавон ёфт*." (*Ислом; сироти мустақим, сс.466-467*)

Оқои пруфусур Исмоил Яъқуб, раиси Донишгоҳи Суробоии Андунезӣ, ки дар кунгираи ҳазораи Шайх Тӯсӣ дар рӯзҳои охири исфанди 48 ва аввали фарвардини 49 ширкат карда буд ва инҷониб низ ифтихори ширкат дар он кунгираро дошт, дар суханронии худ таҳти унвони "*Нақши донишмандони эронӣ дар фарҳанг ва маорифи исломӣ ва мероси илмии ҷаҳон*" чунин изҳор дошт:

"*Номи Форс, ки дар ҳадиси шарифи набавӣ омада ва имрӯз Эрон хонда мешавад, дар миёни мо мусалмонони Андунезӣ комилан машҳур аст, зеро мо ба хубӣ медонем, ки дини ислом ба василаи мубаллиғоне, ки аз хориҷ ва аз ҷумла Эрон омаданд, вориди ҷазоири Андунезӣ шуд. Мубаллиғони эронӣ ба Андунезӣ омаданд ва ойини исломро дар саросари ин кишвар нашр доданд, то ҷое, ки имрӯз кишвари Андунезӣ, ки дорои 110 милюн нуфус аст, 90 дарсади он мусалмон ҳастанд.*" (*Китоби ҳазораи Шайх Тӯсӣ, ҷ.1, с.159*)

Нуфузи ислом дар Ҳиндустон ва Покистон низ то ҳадди зиёде марҳуни талошҳои эрониён будааст. Мақолаи оқои Азизуллоҳ Аторудиро қаблан таҳти унвони "*Фаъолияти исломии эрониён*" нақл кардем. Аз он чӣ дар онҷо гуфта шуд метавон ба мизони таъсири эрониён дар нуфузи ислом дар Ҳинд ва Покистон пай бурд. Ислом бештар ба василаи мутасаввифаи эронӣ ва ғайриэронӣ дар Ҳинд ва Покистон нуфуз пайдо кард.

Дар китоби "*Ислом; сироти мустақим*" мақолаи "*Фарҳанги исломӣ дар Ҳинд ва Покистон*" ба қалами оқои Мазҳаруддин Сиддиқӣ, донишёр ва раиси доираи торихи исломии Донишгоҳи Синди Ҳайдаробод чунин менависад:

"*Арабҳо муддатҳо қабл аз зуҳури ислом бо Ҳинди ҷанубӣ равобити тиҷоратӣ доштанд ва пас аз зуҳури Паёмбари Акрам низ тиҷорати онҳо аз тариқи дарё тавъам бо фаъолиятҳои таблиғотӣ ҳамчунон идома дошт. Дар фосилаи соли панҷоҳ то охирҳои қарни аввали ҳиҷрӣ, ки Ҳинд дучори ошӯбҳои сиёсӣ ва мунозиъоти мазҳабӣ буд, арабҳои тозамусалмон фурсатро ганимат шумурда бад-он сарзамин муҳоҷират карданд ва дар савоҳили Молобор раҳли иқомат афканданд. Соддагии ойин ва вузуҳи ақоиди исломӣ таъсири амиқе дар афкори ҳиндувон кард ва дар андак замоне, яъне дар ҳамон муддати 25 соли аввал гурӯҳи касире аз онон ҳатто султони Молобор низ ба дини ҷадид гаравиданд. Агарчӣ тиҷорати арабҳо бо Ҳинд аз тариқи дарё анҷом мегирифт, вале диёнати ислом бештар аз роҳи хушкӣ яъне мамолики Эрон ва Осиёи Марказӣ бад-он хитта роҳ ёфт.*"

Ҳамчунин менависад:

“Сӯфиён беш аз уламои мазҳабӣ маҳбубият доштанд, зеро аз дахолат дар умури сиёсӣ иҷтиноб менамуданд ва ҳол он ки уламо гоҳ-гоҳе маҳдудиятҳое дар кори салотин эҷод мекарданд. Фармонравоёни Деҳлӣ умуман мурид ва ҳаводори сӯфия буданд. Солор Масъуд Ғозӣ ва Шайх Исмоил, ду сӯфии машҳуре, ки дар қарни панҷуми ҳиҷрӣ ба Ҳиндустон омаданд, алорағми ҳуккоми ғайримусалмони он аср ҳазорон нафар аз ҳиндувонро мусалмон карданд. Сӯфии бузурги дигаре ба номи Муъинуддин, ки дар Самарқанд таваллуд ёфта ва каме қабл аз силсилаи ғӯрӣ ба Ҳинд омада буд, тариқаи сӯфиёни Чаштияро дар он сомон бунён ниҳод, ки имрӯз низ ин тариқа яке аз бузургтарин тариқаҳои тасаввуф дар Покистон ва Ҳинд ба шумор меравад. Қабри вай дар Аҷмир ҳамасола зиёратгоҳи садҳо ҳазор мусалмону ҳиндуст. Тариқаи Сӯҳравардия, ки мутаоқиби Чаштия дар Ҳинд ба вуҷуд омад, аз ҷиҳати мулоҳиза ва таъкиди зиёд дар анҷоми дастуроти динӣ бо Чаштия ихтилофи салиқа дошт, зеро Сӯҳравардия бо анвоъи раққу самоъи махсус, ки дар соири фиракӣ сӯфия мутадовал буд, мухолифат мекарданд. Илова бар инҳо, ду тариқаи машҳури дигар низ ба номҳои Қодирия ва Нақшбандия дар давраи пеш аз мугул ба Ҳинд омада ва нуфузи комил ба даст оварданд.” (*Ҳамон мадрак, с.365*)

Ин сӯфиён, ки исломро дар он минтақа нашр доданд, умуман ва ё ғолибан эронӣ буданд.

Рочеъ ба Муъинуддини Чаштӣ, ки номаш дар гуфтаи боло омадааст, назар ба таъсири фавқулъодае, ки ин марди эронии орифмашраб дар исломи қорраи Ҳинд доштааст, мо айни навиштаи донишманди мутатаббеъи муҳаққиқ ҷаноби оқои Азизуллоҳи Аторудиро, ки махсусан барои ин китоб таҳия кардаанд, зимни изҳори сипосгузорӣ аз эшон дар инҷо нақл мекунем.

Эшон зимнан аз як орифи эрониюласли маъруфи дигар ба номи Низомуддин Авлиё, ки ӯ низ таъсири азиме дар исломи қорраи Ҳинд доштааст ёд кардаанд, ки айнан оварда мешавад:

“Хоҷа Муъинуддини Чаштии Ҳиравӣ дар қарни шашуми ҳиҷрӣ дар Систон (ё, Самарқанд) мутаваллид шуд ва дар ҳамонҷо ба фаро гирифтани илму дониш пардохт ва сипас ба Чашти Ҳирот муҳоҷират кард ва дар ин шаҳр ба риёзат машғул гардид ва аз ин рӯ ба Чаштӣ маъруф шуда. Вай пас аз муддате иқомат дар Чашт озими Тӯс гардид ва дар Тобарон, дар хонақоҳи Хоҷа Усмони Ҳорунӣ, ки яке аз машойихи бузурги Хуросон буд раҳли иқомат афканд ва дар онҷо дар назди Хоҷа Усмон ба такмили мақомоти ирфонӣ ва

руҳонӣ машғул шуд ва саранҷом дасти иродат ба Хоҷа Усмон дод ва дар зумраи хулафои вай қарор гирифт.

Хоҷа Муъинуддин аз Тӯс раҳсипори Бағдод гардид ва муддате дар ин шаҳр, ки дар он рӯзгор аз марокизи муҳимми улум ва маорифи исломӣ буд таваққуф кард ва аз машойихи онҳо низ бисёр истифода кард ва худ низ маҷлиси тадрис ва иршод ташкил дод. Гурӯҳе аз ӯ истифода карданд ва чанде низ дар ҳарамайни шарифайн ва Шом ва Миср гардиш намуд ва халоиқи бисёре аз ӯ иҷоза гирифтанд ва аз маҷлиси илмӣ ва ирфонии ӯ истифода бурданд.

Дар оғози қарни ҳафтуми ҳичрӣ Султон Шаҳобуддини Ғурӣ аз мавтини аслии худ дар Фирӯзкӯҳ, ки дар миёни кӯҳистонҳои сар бар осмон кашидаи Ғур дар машриқи Ҳирот қарор дорад, ба Ҳиндустон лашкар кашид. Вай пас аз ин ки Лоҳурро аз бозмондагони салотини ғазнавӣ гирифт, ба тарафи Деҳлӣ ҳаракат кард ва пас аз чанде Деҳлиро фатҳ намуд ва онҷоро пойтахти худ қарор дод. Пас аз ин ки ноҳияи Панҷоб ба тасарруфи мусалмонон даромад ва нуфузи ислом дар он манотиқ барқарор гардид, гурӯҳе аз донишмандон ва раҳбарони мусалмонон барои тарвиҷ ва таблиғи дини муқаддаси ислом ба Панҷоб ва Роҷистон муҳоҷират карданд ва ба фаъолиятҳои динӣ ва мазҳабӣ машғул шуданд. Хоҷа Муъинуддин дар ин ҳангом ҳамроҳи салотин ва умарои ғурӣ ба Ҳиндустон рафт ва дар шаҳри Аҷмир дар минтақаи Роҷистон сокин гардид. Хоҷа дар Аҷмир муассисоти исломӣ дуруст кард ва мадорис ва масоҷиде бунёд ниҳод ва ба тадрис ва таблиғи мабонии исломӣ машғул гардид.

Хоҷа Муъинуддин аз тариқи тасаввуф ва ирфон, ки бо руҳ ва фикри мардуми Ҳинд созгор буд, мавзӯъоти диниро илқо мекард ва дар андак муддате шӯҳрати азим ёфт ва мардум аз атрофу акноф перомуни вайро гирифтанд ва аз вуҷуди вай истифода карданд.

Подшоҳон ва умарои исломии Ҳинд фавқулъода ба вай эҳтиром мекарданд. Барои Хоҷа Муъинуддин васоили пешрафт аз ҳар ҷиҳат фароҳам гардид ва ӯ тавонист милионҳо нафар аз бутпарастони Ҳиндро ба тавҳид роҳнамоӣ кунад ва аз баракати вай дини муқаддаси ислом дар шимол ва мағриби Ҳинд пеш равад. Муъинуддин шогирдони зиёде тарбият кард ва онон ҳар кадом дар минтақаи худ масдари хадамоти арзандае шуданд. Қутбуддин

Бахтиёр Кокӣ ва Фаридуддин Ганҷшикар аз шогирдон ва тарбиятшудагони ӯ ҳастанд, ки маншаи осор ва хадамоти исломӣ шуданд.

Хоҷа Муъинуддин пас аз муддате фаъолият ва таъсиси созмонҳои фарҳангӣ ва мазҳабӣ дар шаҳри Аҷмир дида аз ҷаҳон фурӯ баст. Мусалмонон пас аз даргузашти ӯ барояш мақбараи муҷаллал ва бошукӯҳе сохтанд, ки пас аз ҳашт қарн ҳанӯз побарҷост ва яке аз мазороти дараҷаи аввали мусалмонон дар Ҳинд ба шумор меравад. Салотини мусалмони Ҳинд аз асри Носируддини Халаҷӣ то замони Низом Ҳайдаробод, ҳар кадом дар онҷо аз худ ёдгоре гузоштаанд. Дар айвон ва равоқҳо ва дохили мақбара ашъори зиёде ба забони форсӣ — ки забони расмии мусалмонони Ҳинд буд — навишта шуда, ки инак чанд байт дар зайл ба назари хонандагони мӯҳтарам мерасад:

Хоҷаи хоҷагон Муъинуддин,

Ашрафи авлиёи рӯйи замин.

Дар ҷамолу камоли ӯ чӣ сухан,

Ин мубайян бувад ба ҳисни ҳасин.

Матлаъе дар сифоти ӯ гуфтам,

Дар иборат бувад чу дар самин.

Эй дарат қиблагоҳи аҳли яқин,

Бар дарат меҳру моҳ, суда ҷабин.

Рӯй бар даргаҳат ҳаме соянд,

Садҳазорон малик чу хусрави Чин.

Ходимони дарат ҳама ризвон,

Дар Сафо равзаат чу хулди барин.

Зарраи хоки ӯ абири сиришт,

Қатраи оби ӯ чу моъи маъин.

Салотини темурии Ҳиндустон ба Хоҷа Муъинуддин бисёр иродат доштанд. Ҷалолуддин Акбар якбор аз Огра пойтахти худ пиёда барои зиёрати Муъинуддин ба Аҷмир рафт. Ва мусалмонони Ҳинд аз аҳли ташайюъу тасаннун ба вай алоқа доранд ва ҳарсола дар моҳи Раҷаб маҷлиси азиме ба ёди вай баргузор мешавад ва садҳо ҳазор нафар аз атрофу акнофи кишвари паҳновари Ҳинд дар Аҷмир иҷтимоъ мекунанд ва аз хадамот ва заҳамоти

исломии вай таҷлил ва такрим менамоянд. Шарҳи ҳол ва осори вай дар тазкираҳо машрӯҳан зикр шудааст.

Низомуддин Авлиё

Муҳаммад ибни Аҳмад Низомуддин Авлиё дар Ҳинд мутаваллид шуда. Падари вай аз Бухоро — мавтини аслии худ — ба Ҳинд муҳоҷират кард ва дар Лоҳур иқомат гузид ва пас аз чанде аз Лоҳур ба Бадоюн рафт ва дар онҷо сокин шуд. Низомуддин дар инҷо чашм ба ҷаҳон гушуд. Низомуддин дар синни панҷсолагӣ падарро аз даст дод ва модараш тарбияти ӯро ба ӯҳда гирифт. Модари вай зане порсо ва зоҳид буд ва дар тарбияти фарзандаш бисёр кӯшиш кард. Низомуддин Авлиё дар Бадоюн ба таҳсил пардохт ва муқаддамоти улумро дар онҷо фаро гирифт ва пас аз чанде ҳамроҳи модар ба Деҳлӣ рафт ва дар он шаҳр дар назди Шамсуддини Домғонӣ ва Алоуддини Усулӣ ва Фаридуддин Масъуд ба такмили маълумот машғул шуд ва аз Фаридуддин Ганҷшикар иҷозаи иршод ёфт.

Низомуддин Авлиё дар бидояти ҳол бисёр тангдаст ва парешонҳол буд ва аз касе чизе қабул намекард. Пас аз чанде, ки шӯҳрати вай дар Ҳинд печид, бузургон ва умарои мусалмон аз ҳар сӯ ба тарафи ӯ рӯй оварданд ва подшоҳони исломӣ аз ҷумла Султон Ҷалолуддини Халаҷӣ аз ӯ тақозои мулоқот мекарданд. Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки яке аз шуарои маъруфи он айём буд, дар зумраи муридони ӯ даромад ва ашъоре дар мадҳи вай суруд.

Низомуддин дар басту нашри маорифи исломӣ муҷоҳидатҳои зиёде кард ва шогирдони ӯ ҳар кадом дар минтақае аз Ҳиндустон ба фаъолият пардохтанд. Яке аз шогирдони вай ба номи Хоҷа Насируддин дар Гуҷарот ва Панҷоб асароти мазҳабӣ ва руҳонӣ аз худ ба ёдгор гузорд. Шогирди дигараш Сироҷуддин дар Бангола ва Биҳор ва Осом таълимоти исломиро мунташир сохт, ва дигаре ба номи Бурҳонуддин дар минтақаи Дакан ва ноҳияҳои марказии Ҳиндустон мардумро иршод мекард. Ба таври куллӣ, нашри маорифи исломӣ дар манотиқи мухталифи Ҳинд аз ҳусни иноят ва таваҷҷӯҳи Низомуддин Авлиё ва шогирдон ва хулафои вай мебошад.

Низомуддин Авлиё дар соли 725 ҳ.қ дар Деҳлӣ дида аз ҷаҳон фурӯ баст ва дар ҳамонҷо дафн шуд. Қабри ӯ акнун дар Деҳлӣ мазори мусалмонон аст ва ҳар сол як рӯз барои вай маҷлиси

ёдбуд ташкил мешавад ва ҳазорон мусалмон дар онҷо иҷтимоъ мекунанд ва аз тарафи хутабо хутбаҳо хонда мешавад.

Барои таҳқиқ дар ҳолоти Хоҷа Муъинуддин Чаштӣ ва Низомуддин Авлиё ба "*Торихи Фариштa*" таълифи Ҳиндушоҳи Астарободӣ муроҷеа шавад." (*Поёни навиштаи оқои Аторудӣ*)

Дар ин ки Эрони исломӣ таъсири азиме дар мусалмон шудани қорраи Ҳинд доштааст, ҷойи сухан нест. Ин ҷараён дуруст акси ҷараёнест, ки қабл аз ислом вуҷуд дошт. Дар бахши дуввум хондем, ки қабл аз ислом дини қорраи Ҳинд яъне будоӣ ба тарафи шарқ дар ҳоли густариш буд ва қисмате аз Эрон таҳти таъсири дини Ҳинд қарор гирифт. Дини Будо аз Ҳинд ба Эрон омад ва дар қисмате аз Эрон пазириш ёфт ва қатъан агар ислом зуҳур накарда буд, пазириши бештаре меёфт. Аммо пас аз ислом, ки хуни тозае дар рагҳои ҳаёти маънавии ин мардум ҷараён ёфт, кор баръакс шуд; Эрон Ҳиндро таҳти таъсири дини хеш қарор дод ва дини будоиро ҳатто аз худи Ҳинд ақиб ронд.

Забони форсиро ислом ба Ҳинд бурд. Ин забон ривоҷи худро дар Ҳинд мадюни ислом аст. Дар қисмате аз торихи Ҳинд, ин забон забони расмии Ҳинд будааст. Ба мувозоти ривоҷ ва расмияти ислом дар Ҳинд, ин забон расмият доштааст.

Дар асри ахир шуарое аз қабили Аллома Муҳаммад Иқболи Покистонӣ таҳти таъсири эҳсосоти исломӣ, забони форсиро дар қорраи Ҳинд тақвият карданд.

Дар ҳоли ҳозир касоне аз эрониён, ки ба рост ё дурӯғ муддаъии ватанпарастӣ ҳастанд, хоҳони як амри ғайримумкин шудаанд, ва он ин ки забони форсиро минҳои ислом дар кишварҳои муҷовири Эрон ишоъа диҳанд ва ба ҳамин далел муваффақ нашудаанд ва нахоҳанд шуд.

Нуфуз ва тавсиъаи ислом дар Чин

Оморҳо нишон медиҳад, ки дар ҳоли ҳозир дар ҳудуди 50 милюн мусалмон дар Чин вуҷуд дорад. Нуфузи ислом дар Чин аз роҳи даъват ва таблиғ ба василаи мусалмононе, ки ба Чин рафта ва аҳёнан сукунат гузидаанд, сурат гирифтааст. Саҳми эрониён дар нуфузи ислом дар Чин низ, саҳми азиме будааст.

Дар китоби "*Ислом; сироти мустақим*" мақолаи "*Фарҳанги исломӣ дар Чин*" (*ба қалами Довуд Си Тинг*) аз оғози нуфузи ислом дар Чин ва тавсиъаи он ва давраи заъфи он баҳс мекунад. Нақши эрониён дар таблиғ ва тарвиҷи ислом дар Чин аз муҳтавои ин мақола комилан машҳуд мегардад.

Роҷеъ ба оғози вуруди ислом дар Чин торихчае аз манобеъи чинӣ нақл мекунад, ки мунҳасир ба манобеъи чинӣ аст ва дар манобеъи исломӣ аз он ёд нашудааст. Мегӯяд:

"*Торихи куҳани дудмони "Тонг" ишора мекунад, ки ба соли дуввуми салтанати "Юнг Вӣ" дар ҳудуди соли 31 ҳиҷрӣ, фиристодае аз Арабистон ба дарбори хоқон омад ва ҳадоёе бо худ овард. Ин фиристода гуфт, ки давлати эшон 31 сол қабл таъсис ёфтааст… Хоқон пас аз касби иттилооте чанд аз дини муқаддаси ислом, онро бо таъолими Кунфусиюс мувофиқ мебинад ва исломро таъйид ва тасдиқ мекунад, вале муқаррароте монанди панҷ мартиба намози явмия ва як моҳ рӯза, ба табъи вай гарон меояд ва бад-он намегаравад, вале ба Саъд ва ҳамроҳони вай иҷозаи таблиғи дини исломро дар Чин медиҳад ва мувофиқати худро бо таъсиси аввалин масҷид дар шаҳри Чонгон эълом медорад ва бад-ин васила алоқаи худро ба дини муқаддаси ислом иброз менамояд. Бинои ин масҷид воқеаи муҳимме дар торихи ислом ба шумор меравад, ки ҳанӯз ҳам пас аз қарнҳо таъмиру таҷдиди бино, ба сурати обрӯманде дар "Сиони ҷадид" боқӣ мемонад.* (*сс.420-423*)

Агар ин ҷараён воқеият дошта бошад, оғози нуфузи ислом дар Чин ба василаи худи аъроби мусалмон будааст.

Аз ин ҷараён, ки бигузарем, ислом ба василаи савдогарони мусалмон, ки бисёре аз онҳо эронӣ будаанд, дар Чин нуфуз ёфт. Дар китоби номбурда менависад:

"*Дар асри хилофати Банӣ Умайя ва Банӣ Аббос мусофирати савдогарон ва мубаллиғони мусалмон ба Чин афзоиш ёфт ва арабҳое, ки дар хилофати Банӣ Умайя ба Чин ворид шуда буданд, ба "тозиёни сафедпӯш" маъруф буданд. Дар давраи хилофати Аббосиён, ки равобити дӯстона байни империтурҳои ислом ва Чин тавсиъаи бештаре ёфт, дастаҳои фаровоне аз тозиён бад-он диёр рафта ва ин арабҳоро "тозиёни сиёҳпӯш" мегуфтанд… Дар як қарну ним, яъне дар фосилаи соли 31 то 184 ҳиҷрӣ, иддаи қобили таваҷҷӯҳе аз бозаргонони араб ва эронӣ аз роҳи дарё ба Чин ворид мешаванд ва дар бандари "Квонгчу" иқомат мегузинанд ва аз он торих ба баъд рафта-рафта дар соҳил ба пешравии худ идома медиҳанд ва ба шаҳрҳои муҳимми онҷо нуфуз мекунанд ва билохира ба ақсо нуқоти шимолии Чин ва то шаҳри "Ҳонгчу" низ мерасанд… Дар ин аср теъдоди*

савдогарони араб ва эронӣ дар ноҳияҳои ҷанубӣ рӯ ба афзоиш мегузошт ва рафта-рафта бо занони чинӣ васлат ихтиёр карда ва дар онҷо сокин мешуданд. Ин мусалмонон дорои ҷавомеъи махсусе буданд ва аз соири мардуми Чин ҷудогона зиндагӣ мекарданд, то битавонанд дар маросими арӯсӣ ва аъмоли рӯзонаи худ аҳкоми муқаддаси исломро риоят кунанд. Ҳатто онҳо маҳокими шаръии махсусе доштанд, ки дар масоили марбут ба издивоҷ ва талоқ ва ирс ва ғайра мутобиқи фиқҳи исломӣ рафтор мекарданд. Ин истиқлоли ҷомеаи мусалмонон дар он аср далели дигаре бар нуфуз ва қудрати исломӣ дар Чини онрӯзӣ мебошад." (Ҳамон, *сс.422-423*)

Ҳамчунин менависад:

"*Туҷҷори эронӣ ва араб, абрешим ва колоҳои санъатӣ ва зуруфи чинӣ ва соири матоъҳои тиҷоратӣ аз Чин ба Шарқи Миёна ва Урупо мебурданд ва дар бозгашт, аз набототи тиббӣ ва адвия ва марворид ва соири фаровардаҳои он ноҳияҳо ба Чин меоварданд. Ин туҷҷор дар ҳақиқат воситае буданд, ки ба василаи тиҷорати пурсуди худ соири мусалмононро барои тиҷорат ва таблиғи дин ба тарафи Чин ҷалб мекарданд. Ва вақте дастаҳои тозае аз мусалмонон ба Чин ворид мешуданд, боиси афзоиши ҷавомеъи мусалмон дар шимоли ғарбӣ ва ҷануби шарқии кишвар мешуданд."* (Ҳамон, *с.424*)

Ва низ мегӯяд:

"*Дар қисматҳои шимол ағлаби инҳисори ҳамлу нақл ба василаи корвонҳои улоғу аспу шутур дар ихтиёри онон буд ва дар имтидоди рӯдхонаи "Ёонгтси" ва "Ҳавоиҳу" ва биринҷзорҳои атрофи наҳрҳои муншаъиб аз рӯдхона низ доду ситади ғалла ва ҳамлу нақл ба василаи мусалмонон анҷом мегирифт ва ҳамин имрӯз истеъмоли истилоҳот ва арқоми форсӣ дар доду ситади ғаллот далели боризе бар тафаввуқи гузаштаи мусалмонон дар ин ноҳияҳост."* (Ҳамон, *с.432*)

Ва боз мегӯяд:

"*Мусалмонони Чин ба ду қисмат мешаванд: мусалмонон Синкёнг, ки ба истилоҳ мусалмонони "аммомадор" номида мешаванд, мусалмонони чинии хосс, ки ба мусалмонони "Ҳон" мавсуманд… Мусалмонони "Ҳон" дар умури динӣ маъмулан иборoти арабӣ ва форсӣ, махсусан форсиро дар як таркиби хосс ба кор мебаранд*." (Ҳамон, *с.438*)

Ва мегӯяд:

"*Раис руҳониёни масҷиди охунд ё охунак номида мешавад, ки ба маънии олим ё таълимдиҳандаи аҳкоми динист. Имоми ҷамоат ба манзилаи кӯмак ва дастёри охунд аст (Ҳамон, с.442)… Шеваи*

таълим ва тарбияти собиқи Чин ба табаият аз дарсҳои маъмули Эрон ва араб буд.” (Ҳамон, с.456)

Сарбозӣ ва фидокорӣ

Сарбозии эрониён дар роҳи ислом — аъамм аз он чӣ ба натиҷаи мусбате расидааст ё алорағми талошҳо ва муҷоҳидоти холисонаи ин қавм натиҷаи дурахшоне аз он ба бор наомадааст — яке аз сафаҳоти дурахшони равобити ислом ва Эрон аст.

Фаъолиятҳои фидокоронаи эрониёни мусалмони муқими Яманро қаблан хондед. Наҳзати эрониён алайҳи ҳукумати умавӣ, ки мунтаҳӣ ба рӯйи кор омадани Аббосиён гашт низ аз ин навъ хадамот аст. Ин қиёми низомӣ — чунонки дар пеш бад-он ишорат рафт — сирфан барои иқомаи шаъоири исломӣ ва бозгардондани араб ба шоҳроҳи ислом буд, гӯ ин ки дар айни муваффақияти низомӣ, дар асари ин ки дудмоне, ки рӯйи кор омаданд беҳтар аз Умавиён набуданд, натиҷаи дурахшоне аз он ба даст наомад.

Дар худи Эрон дар қарни дуввум ва севвум, бархе наҳзатҳо сурат гирифт, ки ҷанбаи зиддиисломӣ дошт ва саркӯб шуд. Диққат дар торих нишон медиҳад, ки ин эрониёни мусалмон буданд, ки он қиёмҳоро саркӯб карданд, на мардуми араб.

Агар сардорон ва сарбозони мусалмони эронӣ набуданд, маҳол буд, ки қавми араб битавонад қиёме, ки дар Озарбойҷон дар қарни севвум ба василаи Бобаки Хуррамдин раҳбарӣ мешуд, бо талафоте дар ҳудуди 250 ҳазор нафар саркӯб кунад. Ҳамчунин аст соири қиёмҳое, ки ба василаи Алмуқаннаъ ё Синбод ё Устодсис раҳбарӣ мешуд.

Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба ҷангҳои худ дар Ҳинд ранги исломӣ дода буд. Сарбозони эронӣ футуҳоти Ҳиндро бо шӯри як ҷиҳоди исломӣ анҷом медоданд. Ва ҳамчунин дар ҷангҳои салибӣ, салотини Эрон ба номи ислом ва таҳти таъсири эҳсосоти исломӣ ҷилави ҳуҷуми салибиҳои ғарбиро гирифтанд.

Сарбозони эронӣ исломро ба Осиёи сағир бурданд, на араб ё қавми дигар. Дар инҷо аз мақолаи оқои дуктур Сайид Ҷаъфар Шаҳидӣ дар китоби “*Ҳазораи Шайх Тӯсӣ*” истифода мекунем. Эшон менависад:

“*Дар урфи мусалмонон, билоди Рум иборат аз мамолики Руми шарқӣ аст, чунонки дарёи Медитаронаро “Баҳруррум” меноманд. Бар ҳамин асос сарзамини Осиёи сағирро Рум гуфтаанд…*

Ҳангоме, ки мусалмонон саросари Шомро гушуданд, ҳамла ба Осиёи сағир амре зарурӣ менамуд. Муовия дар хилофати Умар ибни Хаттоб мехост бад-он ҷо битозад, вале бо мухолифати халифа мувоҷеҳ шуд. Аммо дар хилофати Усмон ин орзу барои вай таҳаққуқ ёфт ва тавонист то Амурия пеш биравад. Аз он торих ба баъд дар тӯли солҳои хилофати умавӣ ва аббосӣ, ин сарзамин мавриди тохту този мусалмонон ва румиён буд ва дежҳо ва шаҳрҳои он минтақа даст ба даст мегашт. Лекин ба шаҳодати торих, ҳеч гоҳ барои хулафои умавӣ ва аббосӣ мумкин нашуд, ки нуфузи исломро дар саросари ин минтақа мустақар созанд… Танҳо дар ҳукумати Салоҷиқа аст, ки мебинем авзоъи ин минтақа дигаргун мешавад, саросари Осиёи сағир таҳти тасарруфи ин хонадон даромад ва рисолати таблиғи исломӣ ва нашри маорифи дин дар ин минтақа бо забон ва адабиёти форсӣ ба назм ва наср ороз шуд ва бад-он ҷо расид, ки дар осмони ирфони исломӣ офтоби дурахшоне чун Мавлоно Ҷалолуддин тулӯъ кард ва нахуст равшанибахши он минтақа шуд ва сипас дар тамоми қаламрави форсизабони ислом нурафшонӣ кард. Ин иборатро аз "Мусомаратул-ахбор" таълифи Оқсароӣ, ки аз ҷумлаи китобҳои муфид дар торихи Осиёи сағир аст нақл мекунем, зеро намояндаи тарзи тафаккури зимомдорони мусалмон ва мардуми Эрон нисбат ба сарзаминҳои гушуда аст. Агар дар ишғоли Ироқ ё сарзаминҳои ғарбӣ қасди хулафои ислом таҳсили ҷизя ва издиёди даромад ва умрони байтулмол будааст, фотеҳони шарқӣ ҷуз тарвиҷи дин ва густариши ислом назаре надоштанд. Оқсароӣ чунин менависад: "Армиёнус малики Рум бо 120 ҳазор мард қасди билоди ислом кард ва аввал рӯй ба "Донишманд", ки мулки Накисор (ё Нюсезор) ва Сивос ва Туқот ва Абалистон ва ғайра дошт ниҳод. Малик Донишманд назди мулуки ислом кас фиристод ва ононро ба муқобила бо лашкари куфр ташвиқ кард ва Қилиҷ Арслонро ваъда дод, ки агар пирӯзӣ даст дод, 100 ҳазор динор ба ӯ расонад ва Абалистон бад-ӯ вогузорад. Қилиҷ Арслон бо дигар мулуки он ҷавониб ҷиҳати аҳаммияти дин ва ҳимояти ислом ба иттифоқ ҷамъият карда ва азми газои куффор намуданд. Борӣ Таъоло нусрат арзонӣ дошт ва Армиёнус баъд аз муҳорибат ва муқотилати бисёр мунҳазим шуд ва аз куффор андак қавме халос ёфтанд. Малик Донишманд 100 ҳазор дирам ба Қилиҷ Арслон фиристод ва дар таслими Абалистон мутаваққиф шуд ва чун Қилиҷ Арслон ин навъ сухан истимоъ кард, 100 ҳазор дирамро боз пас фиристод ва гуфт: "Ман барои ҳимояти ислом омадам бо ҳарб, маро ба дираму динори ӯ эҳтиёҷе нест." (Ҳазораи Шайх Тӯсӣ, сс.176-178)

Дар ҳамон китоб роҷеъ ба фаъолиятҳои низомии мусалмонон дар Ҳинд менависад:

“Дар соли 43 ҳичрӣ барои аввалин бор Абдуллоҳ ибни Савори Абдӣ, ки аз ҷониби Абдуллоҳ ибни Омир ибни Курайз маъмури марзи Синд буд, ба сарзаминҳои он ноҳия ҳамла бурд. Дар соли 44 Муҳаллаб ибни Абисафра бад-он ҷо ҳамла бурд ва дар соли 89 ҳичрӣ Муҳаммад ибни Қосим дар ҷанге подшоҳи Синдро бикушт ва бо кушта шудани ӯ сарзамини Ҳинд ба тасарруфи мусалмонон даромад. Аммо интишори ислом дар муъзами шибҳиқорраи Ҳинд низ ба василаи эрониён буд. Дар инҷо боз ба санади торихӣ мурочиа мекунем. Ҷарфодиқонӣ дар огози кори Носируддин Сабуктекин нависад: “Пас рӯй ба ҷиҳоди куффор ва қамъи аъдои дин овард ва ноҳияти Ҳиндустон, ки маскани душманони ислом ва маъбади авсону асном буд дорулғазв сохт…” Ва дар шарҳи ҳоли Маҳмуди Ғазнавӣ менависад: “Султон яминуддавла ва аминулмилла чун ноҳияҳои Ҳинд бигирифт, дар ақосии он вилоят ба ҷое расид, ки ҳаргиз рояти ислом бар он ҳудуд тулӯъ накарда буд ва аз даъвати муҳаммадӣ ба ҳеч аҳд бад-он тараф мӯъҷиза ва ояте нарасида буд ва арсаи он биқоъ аз зулмати куфру ширк пок кард ва машъали шариат дар он диёр ва амсор барафрӯхт ва масоҷид бунёд ниҳод ва тиловати китоби азиз ва диросати Қуръони Маҷид ва даъвати азон ва шиори имон зоҳир гардонид…” Рафтори Маҳмуди Ғазнавӣ дар ҷониби машриқ, бе шабоҳат ба Абдурраҳмони аввал ҳукмрони Испониё ва фотеҳи исломӣ дар мағриб нест, вале ногуфта намонад, ки байни футуҳоти исломӣ дар шарқу ғарб тафовути бузург ба чашм мехӯрад. Мусалмонони араб дар ҷониби ғарбӣ тавонистанд доманаи футуҳоти худро то қалби Урупо пеш бибаранд, аммо дар тӯли торих бисёре аз он манотиқ аз ҳавзаи мутасаррафоти исломӣ хориҷ шуд ва мардуми он сарзамин мусалмониро раҳо карданд, вале тамаддуни исломӣ, ки ба василаи унсури эронӣ дар ноҳияҳои шарқӣ поягузорӣ шуд, ончунон собит ва устувор монд, ки пас аз гузашти қарнҳо ҳанӯз он мардум ба қиблаи мусалмонон намоз мехонанд ва китоби каримро тиловат мекунанд. Ва шигифт ин ки дар ҳамон сол, ки қисмате аз хоки мусалмонон дар ноҳияи шимоли шибҳиҷазираи Арабистон мавриди таҷовуз воқеъ ва ишғол гардид, дар ҷониби шарқи Эрон давлате бо 90 милюн тан ба номи Покистон ба вуҷуд омад ва илҳоқи худро ба мамолики исломӣ эълон намуд.” (Ҳамон китоб, сс.180-182)

Ҳарчанд дар ин футуҳот номи Қилиҷ Арслон, Сабуктекин, Маҳмуди Ғазнавӣ ва амсоли онҳо бурда мешавад, ки туркнажоданд, аммо ҳамон тавр, ки оқои дуктур Шаҳидӣ тазаккур додаанд, он туркнажодон дар он вақт намоянда ва мазҳари қудрати мардуми сарзамини

Эрон будаанд ва ба номи подшоҳи мусалмон бар ин миллат ҳукмронӣ доштаанд ва ин миллати Эрон буд, ки ҷиҳод мекард, на мардуми дигар.

Илму фарҳанг

Саҳнаи илму фарҳанг васеътарин ва пуршӯртарин майдонҳои хадамоти эрониён ба ислом аст. Суръати пешрафт ва тавсиъа, куллият ва шумул ва ҳамаҷонибагӣ, ширкати табақоти мухталифи иҷтимоъ, иштироки масоъии милали гуногун, чизҳоест, ки эъҷобҳоро дар мавриди тамаддуни исломӣ сахт барангехтааст. Ҷорҷи Зайдон мегӯяд:

"*Арабҳо (мусалмонон) дар муддати як қарну анде матолиб ва улуме ба забони худ (арабӣ) тарҷума карданд, ки румиён дар муддати чандин қарн аз анҷоми он оҷиз буданд. Оре, мусалмонон дар эҷоди тамаддуни шигифтовари худ дар голиби маворид ба ҳамин суръат пеш рафтаанд.*" (*Торих ва тамаддуни ислом, с.247*)

Мусалмонон улумеро, ки дар фаҳму дарки Қуръон ва суннат бад-онҳо ниёз доштанд — аз қабили илми қироат, тафсир, калом, фиқҳ, ҳадис, наҳв, сарф, маъонӣ, баён, бадеъ, сираи набавӣ ва ғайри инҳо — ибдоъ ва ихтироъ карданд ва агар иқтибос карданд иқтибосашон ночиз будааст. Ва улумеро, ки маҳсули тамаддуни он рӯз ва натиҷаи масоъӣ ва заҳамоти милали дигар буд — аз табиӣ ва риёзӣ ва нуҷум ва тибб ва фалсафа ва ғайра — барои худ тарҷума ва нақл карданд ва бар онҳо афзуданд. Ҷорҷи Зайдон мегӯяд:

"*Яке аз имтиёзҳои тамаддуни исломӣ ин аст, ки улуми парокандаи Юнон ва Эрон ва Ҳинд ва Калдаро ба арабӣ нақл кард ва чизҳое бар он афзуд ва онро тараққӣ дода комил кард.*" (*Ҳамон манбаъ, с.178*)

Ва ҳам ӯ мегӯяд:

"*Мусалмонон қисмати умдаи улуми фалсафӣ ва риёзӣ ва ҳайъат ва тибб ва адабиёти милали мутамаддинро ба забони арабӣ тарҷума ва нақл карданд ва аз тамоми забонҳои машҳури он рӯз ва бештар аз юнонӣ ва ҳиндӣ ва форсӣ китобҳое тарҷума карданд ва дар воқеъ беҳтарин маълумоти ҳар миллатеро аз он миллат гирифтанд. Масалан дар қисмати фалсафа ва тибб ва ҳандаса ва мантиқ ва ҳайъат аз Юнон истифода намуданд, ва аз эрониён торих ва мусиқӣ ва ситорашиносӣ ва адабиёт ва панду андарз ва шарҳи ҳоли бузургонро иқтибос карданд, ва аз ҳиндиён тибб (-и ҳиндӣ) ва ҳисоб ва нуҷум ва мусиқӣ ва достон ва гиёҳшиносӣ омӯхтанд, аз*

калдониён ва набатиҳо кишоварзӣ ва боғбонӣ ва сеҳр ва ситорашиносӣ ва тилисм фаро гирифтанд. Ва шимӣ ва ташреҳ аз мисриён ба онон расид ва дар воқеъ арабҳо (мусалмонон) улуми ошуриён ва бобилиён ва мисриён ва эроniён ва ҳиндиён ва юноniёнро гирифта ва аз худ чизҳое бар он афзуданд ва аз маҷмӯи он улум ва санойеъ ва одоб, тамаддуни исломро падид оварданд." (*Ҳамон манбаъ, сс.246-247*)

Нахустин ҳавзаи илмӣ

Улуму фарҳанги исломӣ ва ба таври куллӣ тамаддуни исломӣ тадриҷан рушд кард ва болид ва борвар шуд, монанди ҳар мавҷуди зинда, ки аввал ба сурати як селлул падид меояд ва тадриҷан дар асари истеъдод ва мояи ҳаёте, ки дар он селлул нуҳуфтааст рушд мекунад ва ҳамроҳ бо рушди худ қисмат-қисмат ва шоха-шоха мешавад ва шакл мегирад ва билохира ба сурати як дастгоҳи муташаккил дармеояд.

Ҷӯшишу ҷунбиши илмии мусалмонон дар нуқтаи муайян ва аз мавзӯи муайян ва ба василаи шахси муайян оғоз шуд. Акнун бибинем, дар чӣ нуқта ва маконе ин кор оғоз гашт? Ва нахустин ҳавзаи илмии мусалмонон дар куҷо ташкил шуд?

Ҷӯшишу ҷунбиши илмии мусалмонон аз Мадина оғоз шуд. Аввалин китобе, ки андешаи мусалмононро ба худ ҷалб кард ва мусалмонон дар пайи дарсу таҳсили он буданд, Қуръон ва пас аз Қуръон аҳодис буд. Ин буд, ки аввалин ҳавзаи илмӣ дар Мадина таъсис шуд. Барои аввалин бор араби Ҳиҷоз дар Мадина бо масъалаи устодӣ ва шогирдӣ ва нишастан дар ҳалқаи дарсу ҳифзу забти он чӣ аз устод мешунавад ошно шуд. Мусалмонон бо ҳирсу валаъи фаровоне оятҳои Қуръонро, ки тадриҷан нозил мегашт фаро мегирифтанд ва ба ҳофиза месупурданд ва он чиро, ки намедонистанд аз афроде, ки Расули Худо онҳоро маъмури китобати оятҳои Қуръон карда буд ва ба "куттоби ваҳй" маъруф буданд мепурсиданд. Ба илова, бино ба тавсияҳои мукаррари Расули Худо суханони он ҳазратро, ки ба суннати Расул маъруф буд аз якдигар фаро мегирифтанд. Дар масҷиди пайғамбар расман ҳалқаҳои дарс ташкил мешуд ва дар он ҳалқа ба баҳсу гуфтугӯ дар бораи масоили исломӣ ва таълиму таъаллум пардохта мешуд. Рӯзе Расули Худо вориди масҷид шуд ва дид ду ҳалқа дар масҷид ташкил шудааст; дар яке аз онҳо афрод ба зикру ибодат машғуланд ва дар яке дигар ба таълиму таъаллум. Пас аз он ки ҳар дуро аз назар гузаронд, фармуд:

كلاهما على خير، ولكن بالتعليم أرسلت

Яъне, "*ҳар ду ҷамъият кори нек мекунанд, аммо ман барои таълим фиристода шудаам*." Расули Худо он гоҳ рафт ва дар ҳалқае, ки он ҷо таълиму таъаллум буд нишаст. (*Мунятул-мурид, с.5*)

Баъд аз Мадина, Ироқ муҳити ҷунбу ҷӯши илмӣ гашт. Дар Ироқ ибтидо ду шаҳри Басра ва Куфа маркази илм буданд, аммо пас аз бинои Бағдод, он шаҳр маркази илмӣ шуд ва дар он шаҳр буд, ки улуми миллатҳои дигар ба ҷаҳони ислом мунтақил гашт. Баъдҳо Рай, Хуросон, Мовароуннаҳр, Миср, Шом, Андалус ва ғайра ҳар кадом ба сурати як маҳди илмӣ даромаданд. Ҷорҷи Зайдон пас аз он ки ҳиммат ва ташвиқи умаро ва ҳуккоми мусалмонро ба унвони як омили бисёр муассир ёд мекунад, мегӯяд:

"*Донишпарварӣ ва илмдӯстии бузургони ислом сабаб шуд, ки рӯз ба рӯз муаллиф ва китоб дар қаламрави ислом фузунӣ ёбад ва доираи таҳқиқ вусъат пайдо кунад. Подшоҳу вазиру амир ва дорову нодор ва арабу эронӣ ва румию ҳиндӣ ва турку яҳуд ва мисриву масеҳӣ ва дайламиву сурёнӣ, дар Шом, Миср, Ироқ, Форс, Хуросон, Мовароуннаҳр, Синд, Офриқо, Андалус ва ғайра дар тамоми шабонарӯз ба таълиф машғул шуданд. Ва хулоса он ки ҳар ҷо ислом ҳукумат мекард, илму адаб ба суръат пешрафт менамуд. Дар ин таълифоти гаронбаҳо хулосае аз таҳқиқоти банӣ навъи инсон аз рӯзгори пешин то он замон дида мешуд ва мабоҳиси муҳимме аз улуми табиӣ, илоҳӣ, нақлӣ, риёзӣ, адабӣ ва ақлӣ дар китобҳо ҷамъ шуда буд ва дар натиҷаи таҳқиқоти уламои ислом, улуми мазбур дорои шӯъбаҳои мутаъаддид гашт.*" (*Торихи тамаддуни ислом, с.262*)

Аввалҳои кор, ки улуми бегона тарҷума ва нақл мешуд, аксарияти донишмандонро уламои масеҳӣ бахусус масеҳиёни сурёнӣ ташкил медоданд, вале тадриҷан мусалмонон ҷойи онҳоро гирифтанд. Ҷорҷи Зайдон мегӯяд:

"*Хулафои аббосӣ дар давраи наҳзат, тухми илму адабро дар Бағдод афшоданд ва мева ва маҳсули он ба тадриҷ дар Хуросон ва Рай ва Озарбойҷон ва Мовароуннаҳр ва Миср ва Шом ва Андалус ва ғайра ба даст омад. Ва дар айни ҳол Бағдод, ки маркази хилофат ва сарвати исломӣ буд, то муддате мисли собиқ маркази донишмандон монд ва гузашта аз пизишкони масеҳӣ, ки дар хидмати хулафо ба тарҷума ва табобат машғул буданд, иддае аз донишмандони мусалмон низ аз Бағдод бархостанд, вале ба таври куллӣ донишмандони олиқадри муқими Бағдод бештар масеҳиён буданд, ки аз Ироқ ва соири нуқот барои истихдом дар дастгоҳи хулафо ба Бағдод меомаданд. Донишмандони мусалмон ғолибан дар хориҷи Бағдод зуҳур карданд, бахусус мавқеъе,*

ки мамлакатҳои кучаки исломӣ падид омад ва фармонравоёни он мамолик ба тақлиди хулафо дар тарвиҷи илму адаб кӯшиш намуданд ва донишмандонро ба марокизи фармондеҳии худ: Қоҳира, Ғазнин, Димишқ, Нишопур, Истахр ва гайра даъват карданд. Натиҷа ин шуд, ки Розӣ аз Рай, Ибни Сино аз Бухоро, Берунӣ аз Хоразм, Ибни Ҷалили гиёҳшинос, Ибни Боҷаи файласуф, Ибни Зуҳраи пизишк ва хонадони вай ва Ибни Рушд файласуф ва Ибни Румияи гиёҳшинос аз Андалус бархостанд." (*Ҳамон манбаъ, с.257*)

Пас селлули аввали улуму фарҳанги исломӣ дар Мадина ба вуҷуд омад ва нахустин нуқтае, ки ин базр дар онҷо пошида шуд, шаҳри Мадина буд.

Нахустин мавзӯъ

Аммо ин ки нахустин мавзӯе, ки таваҷҷӯҳи мусалмононро ҷалб кард ва ҳаракати илмии мусалмонон аз он шурӯъ шуд чӣ буд?

Нуқтаи оғоз Қуръон аст. Мусалмонон улуми хешро аз таҳқиқу ҷустуҷӯ дар маъонӣ ва мафоҳими оятҳои Қуръон ва сипас ҳадис оғоз карданд ва аз ин рӯ нахустин шаҳре, ки ҷунбу ҷӯши илмӣ дар он пайдо шуд Мадина буд, ва нахустин марокизи илмии мусалмонон масоҷид буд ва нахустин мавзӯъоти илмии онон масоили марбут ба Қуръон ва суннат, ва нахустин муаллим шахси Расули Акрам аст. Илми қироат, тафсир, калом, ҳадис, риҷол, луғат, наҳв, сарф, балоғат ва торих ва сира, ки ҷузъи нахустин улуми исломӣ аст, ба хотири Қуръон ва суннат ба вуҷуд омад. Эдворд Броун мегӯяд:

"*Пруфусур Де Гуе (Michael Jan de Goeje), арабидони бузург дар мақолае, ки дар мавзӯи Табарӣ ва муаррихони қадими араб барои ҷилди 23 доиратулмаорифи Британико навишт, ба тарзи қобили ситоиш нишон дод чӣ гуна масири улуми мухталифа махсусан торих дар ҷомеаи исломӣ ба муносибати Қуръони шариф пешрафт кард ва чӣ гуна ин улум дар атрофи ҳастаи марказии ҳикмати илоҳӣ тамаркуз ёфт. Улуми марбут ба забоншиносӣ ва луғат табъан дар дараҷаи аввал қарор дошт. Ҳамин ки хориҷиён барои қабули ислом ҳуҷум оварданд, эҳтиёҷи фаврӣ ба сарфу наҳв ва луғати араб эҳсос шуд, зеро Каломуллоҳи Маҷид ба забони арабӣ нозил шуда буд. Барои шарҳи маъонии калимоти нодир ва гариб, ки дар Қуръон омада буд лозим шуд ашъори қадим (-и араб)-ро ба қадри имкон гирд ованд… Барои дарки маъонии ин ашъор зарурати илмулансоб ва иттилоъ аз айём ва ахбори араб умуман маҳсус гардид. Дар такмили аҳкоме, ки дар Қуръон барои*

умури зиндагонӣ нозил шуда буд, лозим шуд аз асҳоб ва тобеъин роҷеъ ба ақвол ва афъоли набавӣ дар авзоъ ва аҳволи мухталиф суолоте бишавад ва дар натиҷа илмулҳадис падид омад. Барои ташхиси эътибори аҳодис лозим буд ба матну асноди ҳадис вуқуф ҳосил шавад… Барои таҳқиқи ҳақиқати аснод, илм ба таворих ва сияр ва авсофу аҳволи ин ашхос зарурат дошт ва ин амр боз ба тариқи дигаре мунҷар ба мутолеаи шарҳи зиндагонии машоҳири риҷол ва тақовим ва тартиби вақойеъ ва илми азмина ва аъсор гардид. Торихи араб ҳам кофӣ набуд. Таворихи ҳамсоягони араб алалхусус эрониён ва юнониён ва ҳумайриён ва ҳабашиён ва гайра то ҳадде барои фаҳми маъонии бисёре аз ишороти мундараҷа дар Қуръон ва ашъори қадим мавриди лузум буд. Илми ҷуғрофиё низ ба ҳамон манзур ва ба ҷиҳоти илми дигаре, ки бо тавсиъаи сареъи империотурии ислом иртибот дошт воҷиб шумурда мешуд."

Ҷорҷи Зайдон низ бар ҳамин асос назар медиҳад. Ӯ низ мегӯяд, таваҷҷӯҳи мусалмонон ба улум аз Қуръон оғоз гашт. Мусалмонон ба Қуръон эъҷоб доштанд, ба тиловати саҳеҳи он аҳаммият медоданд, Қуръон дину дунёи ононро таъмин мекард, тамоми саъйи худро дар фаҳмидани аҳкоми Қуръон масруф медоштанд. Эҳсоси ниёзи мусалмонон ба дарку фаҳми алфоз ва маъонии Қуръон улуми мухталифи исломиро ба вуҷуд овард. Хулоса он селлули ҳаётии зиндае, ки дар ҷомеаи исломӣ падид омад ва рушд кард ва такомул ёфт, то мунҷар ба тамаддуни азими исломӣ шуд, эъҷоб ва ишқу алоқаи беҳадди мусалмонон ба Қуръон буд. Ҷорҷи Зайдон дар бораи эъҷоби азими мусалмонон ба Қуръон, ки маншаи таҳоҷуми мусалмонон ба фатҳи дарвозаҳои улум гашт мегӯяд:

"*Мусалмонон дар навиштан ва нигоҳдории Қуръон диққат ва эҳтимоме карданд, ки назири он собиқа надорад, ба ин қисм, ки Қуръонро рӯйи сафҳаҳои тилло ва нуқра ва оҷ нигоштанд ва ё порчаҳои ҳарир ва абрешими бисёр олӣ интихоб карда оятҳои Қуръонро бо оби тилло ва нуқра бар он навиштанд ва манзил ва маҳфили худро бо он оростанд ва девори масҷидҳо ва китобхонаҳо ва маҷлисҳои умумиро бо оятҳои Қуръон тазйин намуданд ва хутути бисёр зебо дар навиштани он ба кор бурданд. Анвоъи пӯстҳо, чармҳо, коғазҳо дар таҳрири Қуръон истеъмол мешуд ва онро ба таври лӯла ва дафтар ва ҷузва ва руқъа ва гайра бо мураккабҳои рангоранг навишта миёни хатҳоро тазҳиб мекарданд… Мусалмонон шумораи сураҳои Қуръон, оятҳои Қуръон, калимоти Қуръонро яко-як забт кардаанд ва ҳатто шумораи ҳуруфро ҷудо-ҷудо забт кардаанд, ки дар Қуръон чанд "алиф", чанд "б", чанд "т" ва гайра ёфт мешавад." (Ҳамон манбаъ, сс.94-95*)

Мегӯяд:

“Услуби Қуръонро дар хутбаҳо ва китобҳои хеш сармашқ қарор доданд ва ба оятҳои Қуръон дар таълифоти хеш тамассук ҷустанд ва одобу таълими Қуръон дар ахлоқ ва атвору зиндагонии рӯзонаи мусалмонон падид омад, дар сурате, ки бисёре аз милали исломӣ забоне ҷуз забони Қуръон доштанд ва дар кишварҳое мезистанд, ки аз Қуръон дур буд. Мусалмонон гузашта аз улуми шаръӣ дар улуми лисонӣ (сарфу наҳв) ба оятҳо ва маъонии Қуръон истишҳод ва истидлол мекарданд. Масалан танҳо дар китоби Сибавайҳ сесад оят аз Қуръон зикр шудааст. Адибон ва нависандагон, ки дар садади тазйини гуфтаҳо ва навиштаҳои худ буданд, ҳатман аз оятҳои Қуръон истимдод меҷустанд.” (Ҳамон манбаъ, с.93)

Ҷорҷи Зайдон мегӯяд:

“Мавқеъи истилои Салоҳуддин Аюбӣ бар Миср, дар китобхонае, ки Алъзиз биллоҳ, дуввумин халифаи фотимӣ таъсис кард ва вазири ӯ Яъқуб ибни Калас ӯро ба ин кор ташвиқ мекард, се ҳазору чаҳорсад Қуръон мавҷуд буд, ки ҳамаро бо оби тилло ба хатти зебо нигошта буданд.” (Ҳамон, с.314)

Ганҷинаи Қуръон, ки ҳамакнун дар музейи остони Қудси Разавӣ ҳаст, бо он хутути олӣ ва тазҳибҳо ва наққошиҳои ҳайратангез нишонае аз алоқаи мардуми ин марзу бум ба ин китоби муқаддас аст.

Ҳаракати илмӣ ва фарҳангии исломӣ ба ҳамин тартибе, ки гуфтем оғоз шуд. Акнун дар бораи мардуме, ки дар он ҳаракат ширкат доштанд баҳс кунем.

Ҳарчанд аксари осори илмӣ, ки аз хориҷи дунёи ислом нақл ва тарҷума шуд аз ғайри Эрон буд, вале аксарияти осори исломӣ, чӣ дар риштаи улуми динӣ ва чӣ дар риштаҳои дигар, ба василаи донишмандони мусалмони эронӣ ба вуҷуд омад. Ифтихор ва имтиёзи эрониён дар давраи ислом дар ҳамин аст. Эдворд Броун мегӯяд:

“Агар аз улуме, ки умуман ба исми араб маъруф аст, аъамм аз тафсир ва ҳадис ва илоҳиёт ва фалсафа ва тибб ва лугат ва тароҷум аҳвол ва ҳатто сарфу наҳви забони арабӣ, он чиро, ки эрониён дар ин мабоҳис навиштаанд муҷаззо кунед, беҳтарин қисмати он улум аз миён меравад.” (Торихи тамаддуни ислом, ҷ.3, с.75)

Намехоҳем муболиға кунем ва ҳуқуқи мусалмонони ғайриэрониро нодида бигирем. Тамаддуни исломӣ ва фарҳанги исломӣ аз ҳеч қавми хосс нест, аз ислом ва мусалмонон ба

таври умум аст. Ҳеч миллате аъамм аз арабу эронӣ ва ғайра ҳақ надорад онро ба номи худ қаламдод кунад, вале ҳамчунон ки қаблан гуфтем, ҳар миллате ҳақ дорад саҳми худро мушаххас кунад ва тавзеҳ диҳад.

Оғози тадвину таълиф

Ғолибан мусташриқин ва атбоъу азнобашон муддаӣ мешаванд, ки дар садри ислом яъне дар замони хулафои рошидин тадвину таълифи китоб роиҷ набуд, балки мамнӯъ буд ва ҳатто ҷумлаҳое аз Расули Худо ривоят мешуд мабнӣ бар манъ аз китобату таълиф, вале тадриҷан, ки ислом тавсиъа ёфт, таълифу тадвин роиҷ гашт ва аҳодисе мабнӣ бар тавсия ва ташвиқи таълифу тасниф аз Пайғамбари Акрам ривоят карданд.

Ҷорҷи Зайдон мегӯяд:

"*Хулафои рошидин аз шаҳрӣ шудани арабҳо бим доштанд, аз он рӯ, ки ба ақидаи онон, пас аз шаҳрӣ шудан, нишоту соддагии онон боқӣ нахоҳад монд ва аз ин рӯ арабҳоро аз тадвину таълифи китобҳо бозмедоштанд… Аммо кам-кам ислом интишор ёфт ва мамолики исломӣ васеъ шуд ва саҳоба дар атроф мутафарриқ гаштанд ва фитна ва ошӯб бархост ва оро ва ақоид мухталиф гашт ва муроҷиа ва истифто фузунӣ ёфт. Ночор мусалмонон ба тадвини ҳадису фиқҳу улуми Қуръон пардохтанд ва ба истидлолу иҷтиҳоду истинбот тамассук ҷустанд… Ва аз он рӯ на танҳо китобатро макрӯҳ нашумурданд, балки онро мустаҳаб донистанд ва ба аҳодиси зер, ки Анас ибни Молик аз пайғамбар ривоят кард руҷӯъ намуданд.*" (*Торихи тамаддуни ислом, ҷ.1, с.75*)

Он чӣ Ҷорҷи Зайдон ба хулафои рошидин нисбат медиҳад, дурӯғи маҳз аст. На масъалаи шаҳрӣ шудан матраҳ будааст ва на масъалаи манъ аз тадвину таълиф, ки Ҷорҷи Зайдон фаръ бар он донистааст. Масъалае, ки будааст ва Ҷорҷи Зайдон ва дигарон ба он шоху барг додаанд, яке мамнӯияти саҳобаи пайғамбар аз хуруҷ аз Мадина ва таваттун дар нуқтаи дигар аст. Ва дигар манъ аз китобати аҳодиси набавист. Ва ин ҳар ду марбут аст ба халифаи дуввум на ба ҳамаи хулафои рошидин. Чунонки медонем, дар қадимитарин китобҳои торихи исломӣ, ихтилофи назари Алӣ алайҳис-салом ва баъзе дигар аз саҳоба аз як тараф ва Умар ибни Хаттоб ва баъзе саҳобаи дигар аз тарафи дигар дар масъалаи китобати ҳадис зикр шудааст ва мо баъдан дар бораи ин мавзӯъ сухан хоҳем гуфт. Худи масъалаи хуруҷ аз Мадина ва таваттун дар нуқтаи дигар — чунонки медонем – ба василаи Алӣ алайҳис-салом

— ки Кӯфаро дорулхилофа қарор дод- ва бархе саҳобаи дигар нақз шуд. Бинобар ин, сухани Ҷорҷи Зайдон “аслан” ва “фаръан” беасос аст.

Эдворд Броун низ муддаӣ аст, ки дар қарни аввали ҳичрӣ бо ин ки шӯри илмии мусалмонон фавқулъода зиёд буд, китобе тадвин нашуд; куллияи маълумот сина ба сина ва насл ба насл шафоҳан мунтақил мегашт ва Қуръон тақрибан танҳо асаре буд, ки ба насри арабӣ боқӣ буд. Мегӯяд:

“*Касби илм (дар қарни аввали ҳичрӣ) фақат ба василаи мусофират муяссар мешуд ва сафарҳое, ки дар талаби илм мекарданд ва дар ваҳлаи аввал нахуст ба муқтазои авзоъу аҳвол ҳар сафар ҷиҳоти мӯҷибае дошт, лекин ба тадриҷ сафар расм шуд ва саранҷом тақрибан ба як навъ ҷунун мубаддал гардид ва аҳодисе аз қабили ҳадиси зайл таъйидкунандаи сафарҳои илмӣ шуд: пайғамбар фармуд, ҳар, ки роҳеро дар талаби илм тай кунад, Худо ӯро ба роҳе, ки ба биҳишт мунтаҳӣ мегардад, мебарад… Макҳул аслан бандае буд дар Миср, ки чун озод гашт, ҳозир нашуд аз он мамлакат хориҷ шавад, магар вақте ки ҷамиъи улуми мутадовал дар Мисрро касб намуд ва пас аз он ки ба ин кор тавфиқ ёфт, ба Ҳиҷоз ва Ироқ ва Шом рафт, то ҳадиси мӯътабаре дар бораи тақсими ғаноим ба даст оварад…” (Торихи адабиёт, ҷ.1, с.396-397*)

Вале ин назар беасос аст. Аз мутолеаи дақиқтар дар осори садри ислом маълум мегардад, ки китобат ва ёддошт аз замони Пайғамбари Акрам маъмул шуд ва идома ёфт. Мадорики фаровон барои исботи ин муддаъо вуҷуд дорад. Дар поварақии тарҷумаи форсии ҷилди аввали “*Торихи адабиёт*”-и Броун, қисмате аз китоби “*Мусаннафотуш-шиъатил-имомия фил-улумил-исломия*” таълифи алломаи фақид Шайхулислом Занҷонӣ бар радди назарияи амсоли Броун нақл карда ва хилофи онро исбот кардааст. Ҳамчунин алломаи ҷалил марҳум Оятуллоҳ Сайидҳасани Садр (аълаллоҳу мақомаҳу) дар китоби бисёр нафиси “*Таъсисуш-шиъа ли улумил-ислом*” кизбу бутлони ин назарияро исбот кардаанд ва мо зимни мабоҳиси оянда қисмате аз онҳоро нақл хоҳем кард. Феълан мо барои парҳез аз итолаи сухан аз нақли онҳо худдорӣ мекунем.

Иллатҳо ва авомили суръат

Яке аз иллатҳои суръати пешрафти мусалмонон дар улум ин будааст, ки дар ахзи улуму фунун ва санойеъу ҳунарҳо таъассуб намеварзиданд ва илмро дар ҳар нуқта ва дар дасти

ҳар кас меёфтанд, аз он баҳрагирӣ мекарданд ва ба истилоҳи имрӯз, руҳи "тасоҳул" бар онҳо ҳукмфармо будааст.

Чунонки медонем, дар аҳодиси набавӣ ба ин нукта таваҷҷӯҳ дода шудааст, ки илму ҳикматро ҳар куҷо ва дар дасти ҳар кас пайдо кардед, онро фаро гиред. Расули Акрам фармуд:

كلمة الحكمة ضالة المؤمن فحيث وجدها فهو أحق بها

"*Ҳамоно дониши ростин гумшудаи мӯъмин аст, ҳар ҷо онро биёбад, худаш ба он сазовортар аст*."

Дар Наҳҷул-балоға аст:

الحكمة ضالة المؤمن، فخذ الحكمة ولو من أهل النفاق

"*Дониши ростин гумшудаи мӯъмин аст, пас онро фаро гир ва биёмӯз ҳарчанд аз мардуми мунофиқ.*"

Ва ҳам аз калимоти он ҳазрат аст:

خذوا الحكمة ولو من المشركين

"*Ҳикматро биёмӯзед ҳарчанд аз мушрикон*."

Дар ривоёти исломӣ имомони атҳор аз ҳазрати Масеҳ нақл кардаанд, ки:

خذوا الحق من أهل الباطل ولا تأخذوا الباطل من أهل الحق وكونوا نقاد الكلام

Яъне "*Ҳақро (ҳарчанд) аз аҳли ботил фаро гиред ва аммо ботилро (ҳарчанд) аз аҳли ҳақ фаро нагиред, сухансанҷ ва ҳақиқатшинос бошед*."

Ин ривоятҳо заминаи вусъати дид ва баландназарӣ ва таъассуб надоштани мусалмононро дар фаро гирифтани улум ва маориф аз ғайримусалмонон фароҳам кард ва ба истилоҳ, дар мусалмонон "руҳи тасоҳул" ва "тасомуҳ" ва адами таъассуб дар мақоми фарогирӣ ва илмомӯзӣ ба вуҷуд овард.

Ва аз ин рӯ мусалмонон аҳаммият намедоданд, ки улумро аз дасти чӣ касе мегиранд ва ба василаи чӣ ашхосе тарҷума ва нақл мешавад ва ба дасти онҳо мерасад, балки бар асоси он чӣ аз пешвои азимушшаъни худ омӯхта буданд, худро ба далели ин ки аҳли имонанд соҳиб ва вориси аслии ҳикматҳои ҷаҳон медонистанд, ҳикматро назди дигарон амре "орият" тасаввур мекарданд; ба қавли Мавлавӣ:

Эй бародар, бар ту ҳикмат орияст,

Ҳамчу дар назди наххосе ҷорияст.

Мӯътақид шуда буданд, ки илму имон набояд аз якдигар ҷудо зист кунанд. Мӯътақид буданд, ки ҳикмат дар муҳити беимонӣ ғарибу бегона аст, ватани ҳикмат қалби аҳли имон аст. Бадеҳист, ки ҷумлаи:

كلمة الحكمة ضالة المؤمن فحيث وجدها فهو أحق بها

— ҳамаи ин маъонӣ ва мафоҳимро дарбар дорад. Ин буд, ки мусалмонон тамоми ҳиммату саъяшон ин буд, ки бар улум ва маорифи ҷаҳон даст ёбанд.

Ҷорҷи Зайдон дар бораи иллатҳо ва авомили суръати пешрафти тамаддуни исломӣ мегӯяд:

"*Яке аз авомили муассир дар суръати пешрафти тамаддуни ислом ва тараққӣ ва таъолии улум ва адабиёт дар наҳзати аббосиён ин буд, ки хулафо дар роҳи тарҷума ва нақли улум аз базли ҳар чизи гарону арзон дареғ надоштанд ва бидуни тавақҳӯҳ ба миллият ва мазҳаб ва нажод, донишмандон ва мутарҷиминро эҳтиром мегузорданд ва ҳама навъ бо онон мусоидат мекарданд. Ва аз он рӯ донишмандони масеҳӣ, яҳудӣ, зартуштӣ, собеӣ, сомирӣ дар боргоҳи хулафо гирд меомаданд ва хулафо тавре бо онон ба меҳрубонӣ рафтор мекарданд, ки бояд тарзи рафтори онон барои фармонравоёни ҳар миллат ва мазҳабе сармашқи озодихоҳӣ ва адолатгустарӣ бошад.*" (*Торихи тамаддуни ислом, ҷ.3, с.247*)

Ҷорҷи Зайдон достони маъруфи марсиягӯии Сайид Шарифи Разиро барои Абӯисҳоқи Собеӣ зикр мекунад, ки як марди руҳонӣ дар марсияи як донишманди кофир шеър мегӯяд. Сипас мегӯяд:

"*Озодии фикру ақида ва мумошот бо донишмандон чунон буд, ки он мард бузурги руҳонӣ бо камоли озодагӣ он донишманди собеиро марсия гуфт*."

Ҷорҷи Зайдон чунин натиҷа мегирад, ки мардум дар таъассуб ва адами таъассуб, аз бузургон (хулафо, салотин)-и хеш пайравӣ мекунанд ва агар бузургон ва фармонравоён озодманиш бошанд, соирин низ аз онон табаият доранд ва аксаш ҳам акс аст.

Вале ин натиҷагирӣ саҳеҳ нест. Амсоли Сайид Шариф Разӣ дунболарави хулафо набуданд, сиъаи садр ва баландназариро аз хулафо наёмӯхта буданд; аз шореъи муқаддаси ислом омӯхта буданд, ки илмро ба ҳар ҳол мӯҳтарам мешуморад, ва аз ин рӯ вақте, ки ба Сайид эътироз шуд, посух дод, ки ман дар ҳақиқат илмро марсия гуфтам, на шахсро.

Оқои дуктур Зарринкӯб низ дар китоби "*Корномаи ислом*" руҳи тасомуҳ ва бетаъассубии мусалмононро омили муҳимме дар суръати пешрафти мусалмонон мешуморанд.

Омили дигар, ки дар иқболи азими мусалмонон ба улум муассир будааст, тавсия ва ташвиқи фаровони ислом ба таҳсили илм аст. Ҷорҷи Зайдон бо ин ки таъассуби масеҳӣ дорад ва дар баъзе масоил ин таъассуб комилан намудор аст ва гоҳе мехоҳад исрор биварзад, ки мусалмонони аввалия бо ҳар китобе ҷуз Қуръон мухолиф буданд, бо вуҷуди ин, эътироф мекунад, ки ташвиқи ислом ба илм омили муассире будааст. Мегӯяд:

"*Ҳамин ки мамлакати ислом тавсиъа ёфт ва мусалмонон аз иншои улуми исломӣ фориғ шуданд, кам-кам ба фикри улум ва санойеъ афтоданд ва барои худ ҳама навъ васоили тамаддун фароҳам сохтанд ва табъан дар садади таҳсили илму санъат баромаданд ва чун аз кашишони масеҳӣ матолибе аз фалсафа шунида буданд, беш аз соири улум ба фалсафа алоқаманд гаштанд, бахусус, ки аҳодиси ворида аз (ҳазрати) Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ононро ба таҳсили илм ва бахусус фалсафа ташвиқ менамуд, ки аз он ҷумла фармудааст: "Илм биёмӯзед агарчӣ дар Чин бошад", "Ҳикмат гумшудаи мӯъмин аст, аз ҳар, ки бишнавад фаро мегирад ва аҳаммият намедиҳад, ки кӣ онро гуфтааст", "Омӯхтани илм бар ҳар зану марди мусалмон воҷиб аст", Аз гаҳвора то гӯр дониш биёмӯзед".*

Оқои дуктур Зарринкӯб менависад:

"*Тавсия ва ташвиқи муаккаде, ки ислом дар тавоҷҷӯҳ ба илм ва уламо мекард, аз асбоби умда буд дар ошноии мусалмонон бо фарҳанг ва дониши инсонӣ. Қуръон мукаррар мардумро ба тафаккур ва тадаббур дар аҳволи коинот ва ба таъаммул дар асрори оятҳо даъват карда буд, мукаррар ба бартарии аҳли илм ва дараҷоти онҳо ишора намуда буд ва як ҷо шаҳодати "соҳибони илм"-ро толии шаҳодати Худо ва малоика хонда буд, ки ин худ ба қавли Имом Ғаззолӣ дар фазилат ва наболати илм кифоят дошт. Ба илова баъзе аҳодиси Расул, ки ба асноди мухталиф нақл мешуд, ҳокӣ аз бузургдошти илм ва уламо буд. Ва ин ҳама бо вуҷуди баҳсу ихтилофе, ки дар боби асли аҳодис ва моҳияти илми мавриди тавсия дар миён меомад, аз умуре буд, ки мӯҷиби мазиди рағбати мусалмонон ба илму фарҳанг мешуд ва онҳоро ба таъаммулу тадаббур дар аҳвол ва тафаҳҳусу тафаккур дар асрори коинот бармеангехт. Аз инҳо гузашта, Пайғамбар худ низ дар амал мусалмононро ба омӯхтан ташвиқи бисёр мекард, чунонки баъд аз ҷанги Бадр ҳар кас аз асирон, ки фидя наметавонист бипардозад, дар сурате ки ба даҳ тан аз атфоли Мадина хатту*

савод меомӯхт озодӣ меёфт. Ҳамчунин ба ташвиқи вай буд, ки Зайд ибни Собит забони ибрӣ ё сурёнӣ — ё ҳар ду забон — ро фаро гирифт ва ин ташвиқу тарғиб сабаб мешуд, ки саҳоба ба ҷустуҷӯи илм рӯ ованд, чунонки Абдуллоҳ ибни Аббос бино бар машҳур, ба китобҳои Таврот ва Инҷил ошноӣ пайдо кард ва Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос низ ба Таврот ва ба қавле низ ба забони сурёнӣ вуқуф пайдо карда буд. Ин таъкид ва ташвиқи Пайғамбар ҳам алоқаи мусалмононро ба илм афзуд ва ҳам уламо ва аҳли илмро дар назари онон бузург кард." (*Корномаи ислом, сс.17-18*)

Акнун вориди баҳс дар нақши муҳим ва муассири эрониён дар улум ва фарҳанги исломӣ бишавем.

Ҳадафи мо дар ин китоб тавзеҳи нақши муассири эрониён дар тадвин ва таквини улум ва фарҳанги исломӣ аст. Он чӣ гуфтем, аз боби муқаддима буд ва зикри онро зарурӣ медонистем.

Такрор карда ва бори дигар таъкид мекунем, ки тамаддуни исломӣ аз ҳеч қавми бахусус нест, балки аз они ислом ва мусалмонон аст; ҳеч миллате ҳақ надорад онро ба номи худ қаламдод кунад, чӣ араб ва чӣ эронӣ ва чӣ ғайри инҳо; ҳар миллате ҳақ дорад саҳми худро мушаххас кунад.

Қироат ва тафсир

Дар миёни улуми исломӣ, аввалин илме, ки такаввун ёфт, илми қироат ва пас аз он илми тафсир буд. Илми қироат марбут ба лафзи Қуръон аст, ки чӣ гуна хонда шавад, ва илми тафсир марбут ба мафоҳим ва маъонии каломуллоҳи маҷид аст.

Дар илми қироат усул ва қоидаҳои вақфу васлу мадду ташдиду идғому ғайра баён мешавад. Ба илова, баъзе аз калимоти Қуръони Карим, ки ба шаклҳои мухталиф қироат шудааст, шаклҳои мухталифи қироати онҳо баён мешавад.

Саҳоба Қуръонро аз Пайғамбари Акрам меомӯхтанд. Расули Акрам баъзе аз саҳобаро мустақиман таълим медоданд ва ононро, ки Қуръонро омӯхта буданд, маъмури таълими бархе дигар мекарданд. Тобеин, ки асри Расули Акрамро дарк накарда буданд, Қуръонро аз саҳоба омӯхтанд. Дар ҳамин вақт буд, ки гурӯҳе мутахассиси қироат ва таълими саҳеҳи Қуръон ба вуҷуд омад ва оммаи мусалмонон, ки дар ин ҳангом зиёд шуда буданд ва бо ҳирсу валаъи шадид ба таъаллуми Қуръон рӯ карда буданд, ба ин мутахассисон рӯ

меоварданд. Ин мутахассисон кайфияти қироати худро аз имомон ё аз саҳоба ривоят мекарданд ва ҳар кадом ба навбаи худ шогирдон ва мутахассисоне тарбият мекарданд, ки дар китобҳои таворих ва тароҷум забт шудааст.

Ин ки иллати ихтилофи қироатҳо чист; оё дар замони Расули Акрам ҳам қироатҳои мухталиф вуҷуд дошта ё на? Ва ба фарзи аввал, оё худи он ҳазрат иҷоза дода буданд, ки бархе калимот ба вуҷуҳи мухталиф қироат шавад, ва ба иборати дигар, оё аз аввал бархе калимоти Қуръон бо вуҷуҳи мухталиф ба он ҳазрат ваҳй шудааст ва ё он ки иллати ихтилофи қироатҳо ҳамон чизест, ки дар соири китобҳо ба воситаи ихтилофи нақли ровиён пайдо мешавад?, матлабест, ки дар ҷойи дигар бояд баҳс шавад. Он чӣ мусаллам аст ин аст, ки мусалмонон ниҳояти кӯшишро ба кор мебурданд, то Қуръони Каримро ончунон қироат кунанд, ки шахси Расули Акрам қироат мекардаанд. Аз ин рӯ Қуръонро назди касоне меомӯхтанд, ки биловосита ё маъалвосита аз Расули Акрам омӯхта буданд.

Дар ибтидо қориён шафоҳан ва сина ба сина фанни қироатро аз асотид ва муаллимони хеш фаро мегирифтанд ва ба шогирдон таълим медоданд. Сипас дар ин илм китобҳое таълиф шуд. Баъзе муддаӣ шудаанд, аввал касе, ки дар илми қироат китоб таълиф кард Абӯубайд Қосим ибни Салом (вафотёфта дар 224 ҳичрӣ) буд, вале ин назар мардуд шинохта шудааст. Ҳамза ибни Ҳабиб, ки шиъа ва аз қориёни сабъа аст ва дар ҳудуди як қарн қабл аз Қосим ибни Салом мезистааст, пеш аз ӯ ба таълифи китоб дар фанни қироат пардохт.

Ҳамчунон ки аллomаи бузургвор Оятуллоҳ марҳум Сайидҳасани Садр таҳқиқ кардаанд ва аз каломи Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" ва каломи Наҷҷошӣ дар феҳристи ӯ шоҳид овардаанд, Абон ибни Тағлуб, ки аз асҳоб ва шиъаёни Имом Алӣ ибни Ҳусайн Зайнулобидин алайҳис-салом аст, пеш аз ҳамаи инон ба тадвини илми қироат пардохт.

Марҳуми Садр исбот мекунанд, ки "*аввал касе, ки Қуръонро ҷамъоварӣ кард ва навишт, Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис-салом буд. Аввал касе, ки Қуръонро нуқтагузорӣ кард — то он вақт нуқтагузорӣ дар хатт маъмул набуд — Абуласвади Дуалӣ аз асҳоби Амирулмӯъминин буд. Аввал касе, ки дар илми қироат, китоб тасниф кард Абон ибни Тағлуб буд, ва ҳам ӯ аввал касе аст, ки дар маъонии Қуръон ва тавзеҳи луғоти мушкилаи Қуръон китоб навишт. Аввалин касе, ки дар фазоили Қуръон китоб навишт, Убай ибни Каъб саҳобии маъруф аст, ки шиъӣ аст. Аввал*

касе, ки дар маҷозоти Қуръон таълиф кард, Фарроъ, наҳви маъруф аст, ки шиъӣ ва эронӣ аст. Аввал касе, ки дар аҳкоми Қуръон китоб навишт Муҳаммад ибни Соиби Калбӣ аст. Аввал касе, ки дар тафсир тасниф кард Саъид ибни Ҷубайр буд." (Таъсисуш-шиъа ли улумил-ислом, сс.316-322)

Ба ҳар ҳол, дар миёни тобеин ва шогирдони тобеин, ки дар қарни аввал ва дуввум мезистаанд, даҳ нафаранд, ки ба унвони мутахассиси фанни қироат шинохта шудаанд. Ҳафт нафар аз он даҳ нафар, маъруфтар ва машҳуртар ва мӯътабартаранд ва ба "қориёни сабъа" маъруфанд. Онон иборатанд аз: Нофеъ ибни Абдурраҳмон, Абдуллоҳ ибни Касир, Абӯамр ибни Алоъ, Абдуллоҳ ибни Омир, Осим ибни Абиннуҷуд, Ҳамза ибни Ҳабиб, Алии Касоӣ.

Чаҳор нафар аз ин ҳафт нафар эронианд ва се нафар ғайриэронӣ. Аз чаҳор нафар эронӣ, ду тан шиъаанд ва аз се нафар ғайриэронӣ низ ду тан шиъаанд.

Алломаи ҷалил марҳум Сайидҳасани Садр дар китоби "*Таъсисуш-шиъа ли улумил-ислом*" (с.346) аз Шайх Абдулҷалили Розӣ нақл мекунанд, ки аксари пешвоёни илми қироат — аъамм аз маккӣ, маданӣ, куфӣ ва басрӣ ва ғайруҳум — аз адлия (шиъа ё мӯътазила) будаанд. Ба ҳар ҳол, чаҳор нафар аз ҳафт қории маъруф эронӣ будаанд:

1) **Осим**. Осим ба истилоҳ аз маволӣ аст. Дар илми қироат шогирди Абӯабдурраҳмон Салмо аст ва ӯ шогирди Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис-салом будааст. Қироати Осимро беҳтарини қироатҳо медонанд. Дар "*Райҳонатул-адаб*" менависад: "*Асли масоҳифро, ки навъан асли маъмулӣ дар китобат аст, мувофиқи қироати Осим навишта ва қироатҳои ҳар як аз қориёни дигарро бо таъйини исми қории он бо хатти сурх дар ҳавошӣ менавиштанд." (с.426*)

Осим дар Куфа мезиста ва дар ҳамонҷо даргузаштааст. Соҳиби "*Маҷолисул-мӯъминин*" ва баъзе дигар ва аз он ҷумла Аллома Сайидҳасани Садр (*Таъсисуш-шиъа ли улумил-ислом, с.346*) ба ташайюъи ӯ тасреҳ кардаанд. Вафоташ дар ҳудуди соли 130 ҳичрӣ воқеъ шудааст.

2) **Нофеъ**. Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" тасреҳ мекунад, ки Нофеъ исфаҳониюласл аст ва сокини Мадина будааст. Дар "*Райҳонатул-адаб*" менависад, ки Нофеъ бисёр сиёҳранг буд ва дар фанни қироат имоми аҳли Мадина буд ва раъй ва қироати ӯ мавриди эътимоди эшон буд. Ӯ қироати худро аз Язид ибни Қаъқоъ, ки яке аз қориёни даҳгона аст ахз кард. Нофеъ дар соли 159 ва ё 169 даргузаштааст.

3) **Ибни Касир**. Ибни ан-Надим мегӯяд: "*Гуфта шудааст, ки Ибни Касир аз авлоди эрониёнест, ки Анушервон онҳоро ба Яман фиристод, то ҳукуматро аз ҳабашиён гирифтанд ва ба Сайф ибни Зиязан, ки ба тазаллум ба дарбори Анушервон омада буд супурданд*."

Мо қаблан нақши муҳимми ин эрониёнро дар тарвиҷ ва тавсиъаи ислом дар он минтақа баён кардаем.

Дар "*Райҳонатул-адаб*" менависад: "*Ибни Касир усули қироатро аз Муҷоҳид, аз Ибни Аббос, аз Алӣ алайҳис-салом ахз намуд. Вафоти Ибни Касир дар соли 120 ҳичрӣ воқеъ шудааст*."

4) **Касоӣ**. Мутобиқи он чӣ дар "*Алфеҳрист*"-и Ибни ан-Надим омадааст, номи вай Алӣ аст ва падараш Ҳамза ибни Абдуллоҳ ибни Баҳман ибни Фирӯз аст. Касоӣ аз машоҳири адаби арабӣ ва аз акобири наҳвийин аст. Ӯ муаллими фарзандони Ҳорун буд. Дар сафари Ҳорун ба Хуросон ҳамроҳи вай буд ва дар Рай даргузашт ва аз қазо Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ — фақеҳ ва қозиюлқузоти маъруф, ки ӯ низ ҳамроҳи Ҳорун буд, дар ҳамон рӯз даргузашт ва дар Рай дафн шуд.

Ҳорун гуфт, имрӯз фиқҳ ва арабиятро дар Рай дафн кардем. Вафоти Касоӣ дар охирҳои қарни дуввуми ҳичрӣ воқеъ шудааст. Касоӣ низ шиъа будааст.

* * *

Аммо тафсир. Дар замони Расули Акрам табъан мусалмонон мушкилоти худро дар бораи маъонӣ ва мафоҳими оятҳои Қуръон аз он ҳазрат мепурсиданд. Бархе аз саҳоба беш аз дигарон дар фаҳми маъонии Қуръон басират доштанд, аз ин рӯ аз ҳамон аввал ба унвони "марҷаъ" дар тафсири оятҳои Қуръон шинохта шуданд. Абдуллоҳ ибни Аббос ва Абдуллоҳ ибни Масъуд аз ин афроданд. Ибни Аббос дар ин ҷиҳат шӯҳрати бештаре дорад. Орои ӯ дар китобҳои тафсир зиёд нақл мешавад. Ибни Аббос шогирди Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис-салом буд ва ба ин шогирдӣ ифтихор мекард ва ба худ меболид. Ибни Масъуд низ шиъа ва шогирди Алӣ алайҳис-салом аст. Дар китобҳои феҳрист аз як китоби тафсир таълифи Ибни Аббос ёд мешавад. Бархе муддаӣ ҳастанд, ки нусхае аз ин тафсир ҳамакнун дар китобхонаи салтанатии Миср мавҷуд аст.

Ибни Аббос бо ҳамаи табаҳҳуре, ки дар тафсир дошт мегуфт: "*Дар муқобили Алӣ ҳамчун қатрае дар муқобили дарё ҳастам*."

Ҷорҷи Зайдон муддаист, ки то охири қарни аввали ҳиҷрӣ, тафсири Қуръон забон ба забон нақл мешуд ва нахустин касе, ки тафсири Қуръонро ба сурати китоб даровард, Муҷоҳид буд (вафотёфта дар 104 ҳиҷрӣ). Сипас амсоли Воқидӣ ва Табарӣ дар қарни дуввум ва севвум тафсирҳое навиштанд. (*Торихи тамаддун, ҷ.3, с.95*)

Вале албатта ин назар саҳеҳ нест. Ибни Аббос ва ҳатто Саъид ибни Ҷубайр пеш аз Муҷоҳид ба нигориши тафсир қиём кардаанд. Ин назари Ҷорҷи Зайдон тобеи як назари куллитаре аст, ки муддаӣ аст мусалмонон дар тамоми қарни аввал ҳеч таълифе надоштаанд. Назари Ҷорҷи Зайдон бо далоили қатъӣ мардуд шинохта шудааст. Мо дар зимни фусули оянда ба бутлони назари ӯ ишора хоҳем кард.

Эрониён ҳамон тавр ки ба фанни қироати Қуръон эҳтимом варзиданд, ба фанни тафсир низ эҳтимом варзиданд.

Эҳтимоми эрониён ба тафсиру фиқҳу ҳадис, ки мустақиман бо матни ислом марбут будааст, аз ҳар мавриди дигар бештар будааст. Барои мо феълан мумкин нест ҳамаи муфассирони эрониро аз садри ислом то асри ҳозир муаррифӣ кунем. Агар бинои чунин коре бошад “Маснавӣ ҳафтод манн коғаз шавад” . Дар ҳар қарне садҳо ва ҳазорҳо муфассир вуҷуд доштааст ва садҳо тафсир нигошта шудааст. Таҳқиқ дар бораи ҳамаи онҳо ва ҷудо кардани эрониён аз ғайриэрониён як умр вақт мехоҳад. Вале барои ин ки намунае аз хадамоти эрониён дар тафсир ироа дода шавад, кофист, ки назаре ба тафосири барҷаста ва муфассирони машҳур ва маъруф миёни мусалмонон биандозем; хоҳем дид, аксари ин муфассирон эронӣ будаанд.

Мо ин афродро аз миёни касоне интихоб мекунем, ки ё чун аз муфассирони аввалияанд, исмашон ва раъю назарашон зиёд дар тафосир зикр мешавад ва ё тафсири барҷаста ва қобили тавоҷҷӯҳ аз онҳо ба ёдгор мондааст.

Дастаи аввал яъне муфассирони аввалия, ки ороашон дар китобҳои тафсир зиёд нақл мешавад, баъзе саҳобӣ ва баъзе тобеӣ ва баъзе аз шогирдон ва ё шогирдони шогирдони тобеин будаанд аз қабили Ибни Аббос, Ибни Масъуд, Убай ибни Каъб, Садӣ, Муҷоҳид, Қатода, Муқотил, Калбӣ, Субейъӣ, Аъмаш, Саврӣ, Зуҳрӣ, Ато, Икрима, Фарроъ ва ғайри инҳо.

Баъзе аз инҳо шиъаянд ва баъзе ғайришиъа ва ҳамчунин баъзе эронианд ва баъзе ғайриэронӣ. Бадеҳист, ки дар ин табақа ғалаба бо ғайриэрониён аст. Танҳо чанд нафар аз инҳо яъне Муқотил ва Аъмаш ва Фарроъ эронианд ва боқӣ ғайриэронӣ.

Муқотил ибни Сулаймон аз аҳли Хуросон ва ё аз аҳли Рай аст. Дар қарни дуввум мезиста ва дар соли 150 даргузаштааст. Муқотил аз аҳли тасаннун ба шумор меравад. Шофеӣ дар борааш таъбире муболиғаомез дорад, мегӯяд: "*Мардум дар тафсир, аёли Муқотил мебошанд*".

Сулаймон ибни Меҳрони Аъмаш ба нақли "*Райҳонатул-адаб*" (*с.154*) аслан аҳли Дамованд аст ва дар Куфа мутаваллид шуда ва дар ҳамонҷо сукно гузидааст. Сулаймон шиъа аст ва уламои аҳли тасаннун низ ӯро сутудаанд. Аъмаш ба латифагӯӣ маъруф аст. Достонҳое аз латоифи ӯ нақл мешавад. Аъмаш дар ҳудуди соли 150 ҳичрӣ даргузаштааст.

Фарроъ Яҳё ибни Зиёди Ақтаъ аз маъорифи луғавийин ва наҳвийин аст. Номаш дар китобҳои адаби арабӣ зиёд бурда мешавад. Фарроъ шогирди Касоӣ ва мураббии фарзандони Маъмун будааст. Соҳиби "*Риёзул-уламо*" ва ҳамчунин соҳиби "*Таъсисуш-шиъа*" ба ташайюъи вай тасреҳ кардаанд. Фарроъ эронӣ аст, падараш Зиёди Ақтаъ дар вақъаи маъруфи Фах, ҳамроҳи шаҳиди Фах, Ҳусайн ибни Алӣ ибни Ҳасан буд; даставшро ба муҷозот буриданд ва аз ин рӯ ба "Ақтаъ" маъруф шуд. Фарроъ дар соли 207 ё 208 ҳичрӣ даргузашт.

Аз ин табақа, ки бигзарем, мерасем ба табақае, ки дар тафсир китоб таълиф кардаанд. Ҳамчунон ки қаблан ишора шуд, китобҳои тафсирӣ, ки дар шиъа ва суннӣ навишта шудааст, аз ҳадди эҳсо хориҷ аст. Танҳо ба зикри маъруфтарин тафосире, ки ҳамакнун дар миёни шиъа ва суннӣ роиҷ аст иктифо менамоем. Баҳси худро аз тафосири шиъа оғоз мекунем.

Муфассирони шиъа тақсим мешаванд ба муфассирони асри имомон ва муфассирони асри ғайбат. Бисёре аз асҳоби имомон, ки баъзе аз онҳо эронӣ ҳастанд, тафсир навиштаанд аз қабили Абӯҳамзаи Сумолӣ, Абӯбасири Асадӣ, Юнус ибни Абдурраҳмон, Ҳусайн ибни Саъиди Аҳвозӣ, Алӣ ибни Маҳзиёри Аҳвозӣ, Муҳаммад ибни Холиди Бурқии Қумӣ, Фазл ибни Шозони Нишопурӣ.

Муфассирони асри ғайбат фаровонанд. Мо дар инҷо ба унвони намуна танҳо ба зикри номи китобҳои тафсири маъруф миёни шиъа мепардозем. Аз ҳамин намуна маълум мешавад бештари тафосири шиъиро шиъаёни эронӣ таълиф кардаанд:

1) *Тафсири Алӣ ибни Иброҳими Қумӣ*. Ин тафсир аз маъруфтарин тафосири шиъа аст. Акнун мавҷуд аст ва чоп шудааст. Падари Алӣ ибни Иброҳим аз Куфа ба Қум мунтақил шуд. Баъид нест, ки Алӣ ибни Иброҳим як эронии арабнажод бошад. Вай аз машойихи Шайх Кулайнӣ аст ва то соли 307 дар қайди ҳаёт будааст.

2) *Тафсири Айёшӣ*. Муаллифи ин тафсир Муҳаммад ибни Масъуди Самарқандӣ аст. Аввал мазҳаби аҳли тасаннун дошт ва баъд ба ташайюъ гароид. Муосири Шайх Кулайнӣ аст. Аз падараш 300 ҳазор динор ба ӯ ирс расид, ҳамаро сарфи насху муқобилаву истинсох ва ҷамъи китоб кард. Хонааш ба шакли як мадраса даромада буд; ҳар кас ба як кори илмӣ гумошта шуда буд ва кори худро анҷом медод ва ҳазинаи ҳамаро Айёшӣ таъмин мекард.

Айёшӣ илова бар тафсир ва ҳадис ва фиқҳ, дар тиббу нуҷум дасте доштааст. Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" аз ӯ ёд карда ва китобҳои фаровоне аз ӯ ном бурда ва муддаӣ шуда, ки китобҳои Айёшӣ дар Хуросон ривоҷи зиёде дорад. Айёшӣ эронӣ аст, вале зоҳиран арабнажод аст. Ибни ан-Надим мегӯяд: Гуфта шуда, ки тамимиюласл аст. Айёшӣ аз уламои қарни севвуми ҳиҷрӣ маҳсуб мешавад.

3) *Тафсири Нӯъмонӣ*. Муаллифи ин тафсир, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Иброҳим аст. Аҳёнан ба номи Ибни Абизайнаб хонда мешавад. Шогирди Шайх Кулайнӣ аст. Соҳиби "*Таъсисуш-шиъа*" мегӯяд: Нусхае аз тафсири Нӯъмонӣ дар китобхонаи эшон ҳаст. Нӯъмонӣ маълум нест, ки аҳли Ироқ (ҳудуди Восит) аст ё аҳли Миср. Нӯъмонӣ аз уламои қарни чаҳорум маҳсуб мешавад.

Нӯъмонӣ духтарзодае дорад ба номи Абулқосим Ҳусайн маъруф ба Ибни ал-Марзбон ва Вазири Мағрибӣ. Ин мард ба Яздиҷирди Сосонӣ насаб мебарад ва назар ба ин ки чанд навбат ба вазорат расидааст, ба "Вазири Мағрибӣ" маъруф аст. Ибни ал-Марзбон дар 14-солагӣ Қуръони Маҷидро ҳифз кард, дар наҳв, луғат, ҳисоб, ҷабр, ҳандаса, мантиқ ва бархе фунуни дигар моҳир буд, адиб ва нависандае тавоно буд.

Ибни ал-Марзбон китобе дорад ба номи “*Хасоисул-Куръон*”. Дар соли 418 ва ё 428 даргузаштааст ва тибқи васияти худаш ҷанозаашро аз Бағдод ба Наҷаф мунтақил карданд ва дар ҷивори марқади Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис-салом дафн намуданд.

4) *Тафсири Тибён*. Муаллифи ин тафсир Шайхуттоифа Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ аст. Дар адабиёт, калом, фиқҳ, тафсир, ҳадис имом ва пешво будааст. Дар соли 385 таваллуд ёфт ва бинобар ин акнун дар ҳудуди 1000 сол аз таваллуди ин ситораи дурахшони ислом мегузарад. Соли гузашта ба ҳамин муносибат кунгираи ҳазораи вай дар Машҳад таъсис шуд ва гурӯҳи зиёде аз донишмандон аъамм аз мусалмон ва ғайримусалмон ва аъамм аз шиъа ва суннӣ дар он ширкат доштанд. Шайх Тӯсӣ дар соли 460 ҳиҷрӣ даргузаштааст. Ин марди бузург дар 23-солагӣ аз Хуросон ба Ироқ омад ва аз маҳзари Шайх Муфид ва Сайид Муртазо Аламулҳудо истифода кард ва сипас худаш пешвои ташайюъ дар асри худ гашт. Дар аъсори баъд низ ҳамвора дар саффи муқаддами уламои шиъа қарор доштааст. Дувоздаҳ соли охири умри худро ба воситаи ҳаводиси ногуворе, ки дар Бағдод рух дод, аз онҷо ба Наҷаф мунтақил шуд. Ҳавзаи илмияи Наҷафро ин марди бузургвор таъсис кард, ки ҳамакнун пас аз ҳазор сол ба ҳаёти илмӣ ва динии худ идома медиҳад.

5) *Маҷмаъул-баён*. Муаллифи ин тафсир Фазл ибни Ҳасани Табарсӣ аст. Аслан аҳли Тафриш аст. Дар зилқаъдаи 536 аз таълифи ин тафсир фароғат ёфтааст. “*Маҷмаъул-баён*” аз назари адабӣ ва ҳусни таълиф беҳтарин тафсир аст. Шиъа ва суннӣ барои ин тафсир аҳаммияти фаровон қоиланд. Мукаррар дар Эрон ва Миср ва Бейрут чоп шудааст. Табарсӣ тафсири мухтасаре дорад ба номи “*Ҷавомеъул-ҷомеъ*”. Табарсӣ пас аз фароғ аз “*Маҷмаъул-баён*” ба тафсири Кашшоф, ки тавассути муосири номдораш Ҷоруллоҳи Замахшарӣ таълиф ёфта буд вуқуф ёфт ва писандид ва дар он нукоте аз ҷанбаҳои адабӣ ёфт, ки аз худаш дар “*Маҷмаъул-баён*” фавт шуда буд. Тафсири “*Ҷавомеъул-ҷомеъ*”-ро бо таваҷҷӯҳ ба латоифи Кашшоф нигошт.

Албатта аҳли фанни тафсир медонанд ҳарчанд бархе нукот хусусан аз ҷанбаи фанни балоғат дар Кашшоф ҳаст, ки дар “*Маҷмаъул-баён*” нест, нукоти зиёди адабӣ ва тафсирӣ дар “*Маҷмаъул-баён*” ёфт мешавад, ки дар Кашшоф вуҷуд надорад.

6) “*Равзул-ҷинон*” маъруф ба тафсири Абулфатуҳи Розӣ. Ин тафсир ба забони форсӣ аст ва аз маъруфтарин ва ғанитарин тафосири шиъа аст. Фахруддини Розӣ ва — ба иддаои баъзе — Табарсӣ низ аз ин тафсир зиёд истифода кардаанд. Ин тафсир дар чиҳил соли ахир мукаррар дар Эрон чоп шудааст. Абулфатуҳ нишопуриюласл аст, вале дар Рай мезистааст. Абулфатуҳ аз эрониёни арабнажод аст. Насабаш ба ҷаноби Абдуллоҳ ибни Бадил ибни Варқоъ мерасад, ки аз саҳобаи Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис-салом буд ва дар Сиффин ифтихори ҳузури рикоби он ҳазратро дошт.

Абулфатуҳ муосири Табарсӣ ва Замахшарӣ аст ва назди шогирдони Шайх Тӯсӣ таҳсил кардааст. Торихи дақиқи вафоташ дар даст нест. Қадри мусаллам ин аст, ки дар авосити қарни шашуми ҳичрӣ мезистааст. Қабраш ҳамакнун дар шаҳри Рай маъруф аст.

7) *Тафсири Софӣ*. Муаллифи ин тафсир ҳаким ва ориф ва муҳаддис ва муфассири маъруф Мулло Муҳсини Файзи Кошонӣ аст. Аз машоҳири уламои шиъа аст ва дар қарни ёздаҳуми ҳичрӣ мезистааст. Ин марди бузург умри пурбаракате дошта ва ба касрат ва ҷавдати таълиф маъруф аст.

Марҳуми Файз дар оғози умр дар Қум иқомат дошт. Мадрасаи Файзия ба номи ӯ маъруф шуд. Аз Қум ба Шероз мусофират кард ва илми ҳадисро назди Сайидмоҳиди Баҳронӣ, ва фалсафа ва ирфонро назди ҳаким ва орифи баландқадр Садрулмутаалиҳин омӯхт ва духтари Садроро ба занӣ гирифт. Вафоти Файз дар соли 1091 дар Кошон воқеъ шудааст.

8) *Тафсири Муллосадро*. Садрулмутаалиҳин ё Муллосадро шӯҳраташ ба фалсафа ва ирфон аст ва худ дар ин ришта соҳиби мактаб аст, вале дар тафсир ва шарҳи аҳодис ҳам табаҳҳуре басазо доштааст. “*Усули Кофӣ*”-ро шарҳ кардааст ва сураи Бақарараро то ояти 65:

وَلَقَدْ عَلِمْتُمُ الَّذِينَ اعْتَدَوا مِنكُمْ فِي السَّبْتِ فَقُلْنَا لَهُمْ كُونُوا قِرَدَةً خَاسِئِينَ

… ва ҳамчунин сураҳои Алиф лом мим Саҷда, Ёсин, Воқеъа, Ҳадид, Ҷумъа, Ториқ, Аъло, Изо зулзилат, ва ояҳои оятулкурсӣ, ояти Нур ва ояти

وَتَرَى الْجِبَالَ تَحْسَبُهَا جَامِدَةً

-ро тафсир кардааст. Тафсири Муллосадро ҳарчанд тамом нест, вале муфассал аст ва тақрибан ба андозаи Тафсири Софӣ аст. Чандин бор дар Эрон чоп шудааст. Вафоти Муллосадро дар Басра дар соли 1050 дар ҳафтумин сафари вай ба ҳаҷ, ки ҳамвора пиёда мерафтааст иттифоқ афтод.

9) *Минҳоҷус-содиқин*. Ин тафсир ба забони форсӣ аст ва дар се ҷилди бузург дар Табриз ба чопи сангӣ чоп шудааст. То сӣ чиҳил соли ахир ягона тафсири форсии мутадовал буд. Муаллифи ин тафсир марҳум Мулло Фатҳуллоҳ ибни Шукруллоҳи Кошонист, ки дар қарни даҳуми ҳичрӣ мезистааст. Ғолиби таълифоти ин мард ба забони форсӣ аст; аз ҷумлаи онҳост шарҳи Наҳҷул-балоға, ки албатта тарҷумаест форсӣ бо шарҳе мухтасар.

10) *Тафсири Шуббар*. Муаллифи ин тафсир Сайидабдуллоҳи Шуббар аст. Ин марди шариф муосири Кошифулғито ва Мирзои Қумӣ будааст. Марде бисёр мутатаббеъ ва мутабаҳҳир ва мутаъаббид будааст. Таълифоти зиёде дар фиқҳ, усул, калом, ҳадис, риҷол ва тафсир доштааст. Вай дар соли 1242 ҳичрӣ вафот ёфт ва дар ҷивори Козимайн алайҳимас-салом дафн шуд.

11) *Тафсири бурҳон*. Муаллифи ин тафсир марҳум Сайидҳошими Баҳрайнист, ки аз муҳаддисин ва мутатаббиъини маъруфи шиъа ба шумор меравад. Ин тафсир тибқи мазоқи ахборийин аст, ки Қуръонро танҳо бо ҳадис қобили тафсир медонанд бидуни ҳеч тавзеҳи дигаре ва ҳатто бидуни ин ки кучактарин тавзеҳе дар бораи ҳамон аҳодис ва кайфияти тафсирии он аҳодис дода шавад, балки сирфан ба ин сурат, ки аҳодиси марбута нақл гардад ва ба ҳамон нақл иктифо шавад. Сайидҳошими Баҳрайнӣ дар соли 1107 ё 1109 даргузаштааст.

12) *Нурус-сақалайн*. Нависандаи ин тафсир яке аз уламои ҳувайзист, ки дар Шероз маскан доштааст. Муосири марҳуми Маҷлисӣ ва Шайх Ҳурриомилӣ аст. Дар ин тафсир низ иноят ба нақли ахбор ва аҳодис аст. Номи муаллиф Шайх Абдулалӣ ибни Ҷумъа аст. Торихи дақиқи вафоташ маълум нест.

Тафосире, ки ном бурда шуд, маъруфтарин ва машҳуртарин тафосири шиъа то қарни 13 ҳичрист, ки чоп шуда ва тақрибан дар дасти ҳамаи касоне, ки ба тафосири шиъӣ алоқаманданд мавҷуд аст, ва агар афроди ғайришиъӣ бихоҳанд ба тафосири шиъа муроҷиа кунанд, ба ин тафосир муроҷиа мекунанд. Дар қарни чаҳордаҳум низ тафосири зиёд ва пурарҷе таълиф ёфтааст ва ё дар ҳоли таълиф аст; мо аз зикри онҳо худдорӣ кардем.

Агар касе бихоҳад оморе то ҳудуди имкон аз тафосири шиъӣ ба даст оварад, бояд ба китоби бисёр пурарҷи "*Аззариъа ило тасонифиш-шиъа*" таълифи алломаи ҷалил марҳум Ҳоҷ Шайх Оқобузурги Теҳронӣ муроҷиа кунад.

Аз намунае, ки ба даст додем, маълум шуд тақрибан ҳамаи тафосири маъруфи имрӯзи шиъа ё аз эрониёни эронинажод аст ва ё аз арабнажодоне, ки эронӣ шуда буданд ва ё аз шиъаёни сокини савоҳили халиҷи Форс, ки дар Эрон мезистаанд.

Тафосири аҳли тасаннун

1) *Ҷомеъул-баён фи тафсирил-Қуръон* маъруф ба Тафсири Табарӣ. Муаллифи ин тафсир Табарӣ, муаррих, муҳаддис ва фақеҳи маъруф аст. Табарӣ аз уламои тирози аввали аҳли тасаннун ба шумор меравад. Дар бисёре аз улуми замони худ имом ва пешво шумурда мешавад. Табарӣ дар ибтидо аз назари равиши фиққӣ тобеи шофеӣ буд, аммо баъдҳо худ мактаби фиққии мустақиле таъсис кард ва аз ҳеч як аз пешвоёни фиққи аҳли тасаннун пайравӣ накард. Мазҳаби фиққии Табарӣ то муддате пайрав дошт ва тадриҷан аз байн рафт. Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" иддае аз фуқаҳоро ном мебарад, ки пайрави мазҳаби фиққии Табарӣ будаанд.

Табарӣ аҳли Омули Мозандарон аст. Дар соли 224 ҳиҷрӣ дар Омул мутаваллид шуд ва дар соли 310 дар Бағдод даргузашт. Тафсири Табарӣ дар Қоҳира чоп шудааст ва дар замони Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ ба амри ӯ ба василаи вазири арабнажодаш маъруф ба вазир Балъамӣ ба форсӣ тарҷума шуд. Тарҷумаи тафсири Табарӣ ахиран дар Теҳрон чоп шудааст.

2) *Кашшоф*. Ин китоб маъруфтарин ва мутқантарини тафосири аҳли тасаннун аст. Аз назари нукоти адабӣ, бахусус нукоти балоғатӣ, дар миёни ҳамаи тафосир мумтоз аст. Муаллифи ин тафсир Абулқосим Маҳмуд ибни Умари Замахшарии Хоразмӣ мулаққаб ба Ҷоруллоҳ аст.

Замахшарӣ аз акобири уламои ислом ба шумор меравад. Китобҳои зиёд дар адаб, ҳадис ва мавъиза таълиф кардааст. Бо ин ки ин мард аз билоди шимолии Эрон ва сарзаминҳои сардсер буд, солҳо дар Маккаи Муаззама муҷовир шуд ва гармои тоқатфарсои ҳавои онҷоро таҳаммул кард, зеро мӯътақид буд муҷовирати Байтуллоҳ осори маънавии фаровоне дорад. Чун солҳо муҷовири Байтуллоҳ буд, ба "Ҷоруллоҳ" маъруф гашт ва зоҳиран дар ҳамон вақт тафсири "*Кашшоф*"-ро навишт.

Замахшарӣ дар ҷилди севвуми "*Кашшоф*", зайли тафсири ояти 56 аз сураи Анкабут, ки мефармояд:

يَا عِبَادِيَ الَّذِينَ آمَنُوا إِنَّ أَرْضِي وَاسِعَةٌ فَإِيَّايَ فَاعْبُدُونِ

"*Эй бандагони мӯъмини ман! Замини ман фарох аст, пас танҳо маро парастиш кунед*", пас аз он ки ташреҳ мекунад, ки мӯъмин бояд муносибтарини сарзаминҳоро аз назари ҳифзи дин ва ибодати парвардигор барои сукунат интихоб кунад, мегӯяд:

"*Ба ҷони худам савганд, ки сарзаминҳо аз ин назар тафовути фаровон доранд. Мо озмоиш кардем, пешиниёни мо низ озмоиш кардаанд: сарзамини Ҳарами Худо ва муҷовирати Байтуллоҳилҳаром таъсири фаровоне дорад бар руҳу дил аз назари маҳҳур сохтани нафси аммора ва тамаркузи фикру хаёл ва пайдоиши руҳи қаноат ва…*"

Замахшарӣ дар яке аз мусофиратҳои илмии зимистони худ дар Хоразм як пойи худро аз даст дод. Пас аз ин воқеа, аз пойи чӯбӣ кӯмак мегирифт. Бо ҳамон ҳол мусофиратҳои тӯлонӣ кард ва чанд сол муҷовири Байтуллоҳ буд. Таваллуди Замахшарӣ дар соли 467 ҳичрӣ ва вафоташ дар соли 538 воқеъ шудааст.

3) *Мафотеҳул-ғайб* ё Тафсири Кабир, таълифи Муҳаммад ибни Умар ибни Ҳусайн ибни Ҳасан ибни Алӣ маъруф ба Имом Фахри Розӣ.

Фахри Розӣ низ аз машоҳири уламои ислом аст. Худаш ва тафсираш ва бархе афкор ва ороаш дар фалсафа ва калом дар миёни шиъа ва суннӣ маъруф аст. Таълифоти фаровон дар риштаҳои мухталиф дорад. Фахри Розӣ дар Мозандарон мутаваллид шуд ва дар Рай сукно гузид ва ба Ҳирот ва Хоразм мусофират кард ва дар замони худ ба камоли шӯҳрат ва эътибор ноил гардид. Фахри Розӣ дар соли 543 мутаваллид ва дар соли 606 дар Ҳирот даргузашт.

4) *Ғароибул-Қуръон*, маъруф ба Тафсири Нишопурӣ. Ин тафсир низ дар радифи тафосири дараҷаи аввали аҳли тасаннун ба шумор меравад. Муаллифи ин тафсир Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳусайн маъруф ба Низоми Нишопурӣ ё Низоми Аъраҷ аст. Низом аҳли Қум ва сокини Нишопур будааст. Вай марде ҷомеъ будааст. Дар риёзиёт ва адабиёт таълифоте доштааст. Вафоти ӯ дар ҳудуди соли 730 воқеъ шудааст.

5) *Кашфул-асрор*. Ин тафсир ба форсӣ аст ва даҳ ҷилд аст. Чанд соли пеш дар Теҳрон чоп шуд. Ин тафсир таълифи Абулфазл Рашидуддини Майбадии Яздист, ки дар охирҳои

қарни панҷум ва аввалҳои қарни шашум мезистааст. "*Кашфул-асрор*" ахиран чоп шудааст ва каму беш ҷойи худро миёни аҳли фазл боз кардааст.

6) *Анворут-танзил ва асрорут-таъвил*, маъруф ба Тафсири Байзовӣ. Муаллифи ин тафсир Абдуллоҳ ибни Умар ибни Аҳмад маъруф ба Қозӣ Байзовӣ аст. Аҳли Байзои Форс аст. Тафсираш хулоса ва зубдаест аз "*Кашшоф*" ва "*Мафотиҳул-ғайб*". Ин тафсир мавриди истифодаи марҳум Файзи Кошонӣ дар Тафсири Софӣ буда ва Шайх Баҳоӣ бар он ҳошия навиштааст. Байзовӣ муосири муҳаққиқи Тӯсӣ ва Алломаи Ҳиллӣ аст ва дар охирҳои қарни ҳафтум даргузаштааст.

7) *Тафсири Ибни Касир*. Муаллифи ин тафсир ҳамон Ибни Касири маъруфи муаррих аст, ки бештар ба китоби торихаш ба номи "*Албидоя ван-ниҳоя*" маъруф аст. Кунияаш Абулфидоъ аст. Ибни Касир аслан қурашӣ аст. Сокини Шом ва шогирди Ибни Таймия будааст. Тафсираш дар Қоҳира чоп шуда ва худаш дар соли 774 даргузаштааст.

8) *Аддурул-мансур* таълифи Ҷалолуддини Суютӣ, ки аз мутабаҳҳиртарин ва пуртаълифтарини уламои ислом аст. Бархе таълифоти ӯ аз қабили "*Алитқон фи улумил-Қуръон*" аз китобҳои нафис шумурда мешавад. "*Дуррул-мансур*" тафсири ба маъсур аст, яъне оятҳоро бо ахбор ва ривоёте, ки дар аҳодис омада тафсир кардааст ва аз ин ҷиҳат, ки ҷомеъи аҳодиси тафсирии аҳли тасаннун аст, беназир аст. "*Дуррул-мансур*" дар тафосири аҳли тасаннун аз назари гирдоварии аҳодиси марбута дар зайли оятҳои карима назири "*Тафсири Бурҳон*" аст дар шиъа.

Суютӣ аҳли Миср аст. Гӯянд, дар ҳафтсолагӣ Қуръонро ҳифз кард. Дар "*Райҳонатул-адаб*" 79 таълиф аз ӯ ном мебарад. Вафоти Суютӣ дар 910 ё 911 воқеъ шудааст.

9) *Тафсири Ҷалолайн*. Ин тафсир таълифи ду нафар аст: аз Ҳамд то сураи Каҳфро, ки дар ҳудуди нисфи Қуръон аст, Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Иброҳим Муҳалло, ки аслан аҳли Яман аст ва аз акобири уламои шофеия аст таълиф намуд. Ҷалолуддини Муҳалло дар соли 864 даргузашт ва муваффақ ба итмоми он нашуд. Аз сураи Каҳф то охири Қуръонро Ҷалолуддини Суютии собиқуззикр ба ҳамон сабки Ҷалолуддини Муҳалло такмил кард ва аз ҳамин рӯ ба "*Тафсири Ҷалолайн*" маъруф шуд.

Тафсири Ҷалолайн бино ба нақли "*Райҳонатул-адаб*", борҳо дар Эрон ва Миср ва Ҳинд чоп шудааст.

10) *Тафсири Қуртубӣ*. Муаллифи ин тафсир Абӯбакр Соинуддин Яҳё ибни Саъдуни Андалусист, ки гӯянд дар ҳадис, наҳв, луғат, таҷвид, қироат ва тафсир аз акобири вақт ва марҷаъи истифозаи машойихи асри худ будааст.

Қуртубӣ аҳли Қуртубаи Андалус (Испониё) аст. Дар соли 567 даргузаштааст.

11) *Иршодул-ақлис-салим ило мазоё ал-Қуръонил-Карим*, маъруф ба Тафсири Абуссаъуд. Абуссаъуд муаллифи ин тафсир аз акобири уламои усмонӣ дар қарни даҳум аст. Султон Боязиди дуввум аз ӯ ба воситаи таълифи ин тафсир қадрдонӣ ва таҷлили фаровон кард. Пас аз иштиғол ба мақоми қазо ва ҷулус ба маснади қозиюлқузотӣ дар соли 952, муфтӣ ва шайхул-исломи билоди усмонӣ шуд.

Тафсири Абуссаъуд мукаррар дар Қоҳира чоп шудааст. Ман ин тафсирро надидаам, вале баъзе аз муҳаққиқон ва асотиди дараҷаи аввали тафсири асри мо, барои ин тафсир арзиши фаровоне қоиланд. Абуссаъуд дар соли 982 даргузаштааст.

12) *Руҳул-баён*. Ин тафсир ба форсӣ ва арабӣ махлут аст. Ашъори форсии ирфонии зиёде дар он гунҷонида шудааст. Муаллифи ин тафсир Шайх Исмоили Ҳаққӣ аз уламои усмонӣ аст. Дар Истонбул ба ваъзу иршод машғул буд ва баъд ба шаҳри Баруса аз шаҳрҳои Туркия рафт. Ин мард сӯфиманиш аст, тафсираш низ завқӣ ва ирфонӣ аст. Ба воситаи ақоиди сӯфимаобона мавриди озори муосиринаш воқеъ шуд. Шайх Исмоили Ҳаққӣ дар соли 1127 даргузаштааст.

13) *Руҳул-маъонӣ*. Ин тафсир таълифи Сайидмаҳмуд ибни Абдуллоҳи Бағдодии Ҳасании Ҳусайнӣ маъруф ба Олусӣ аст. Олусӣ шофеимазҳаб буда, аммо дар бисёре масоил аз фиқҳи ҳанафӣ пайравӣ мекардааст. Олусӣ қасидаи айнияи маъруфи Абдулбоқии Мавсилии Умарӣ дар мадҳи Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис-саломро шарҳ кардааст. Ин қасида ҳамон аст, ки Сайидкозими Раштии маъруф низ онро шарҳ карда ва китобаш ба "*Шарҳул-қасида*" маъруф аст. Олусӣ аҳли Ироқ аст. Гӯянд, тоифае ҳастанд дар Ироқ ба ин ном, ки машҳуранд ва Олус номи нуқтаест дар соҳили Фурот. Олусӣ дар соли 1270 даргузаштааст.

14) *Фатҳул-қадир*. Ин тафсир таълифи Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Шавконии Яманӣ аст. Шавконӣ дар шаҳри Санъои Яман бузург шуд ва дар ҳамон ҷо ба мақоми тадрис ва ифто расид. Шавконӣ китобе дорад ба номи "*Найлул-автор*

мин асрори мунтақал-ахбор". Бештар шӯҳрати Шавконӣ ба воситаи ин китоб аст. Шавконӣ дар соли 1250 даргузаштааст.

Чаҳордаҳ тафсире, ки ном бурдем, зоҳиран маъруфтарин ва машҳуртарин ва роиҷтарини тафосири аҳли тасаннун то қарни сездаҳум аст. Дар қарни чаҳордаҳум дар миёни аҳли тасаннун низ тафосири муҳимме дар Миср ва соири билоди исломӣ нигориш ёфта, ки мо аз зикри онҳо худдорӣ кардем. Аз чаҳордаҳ муфассири номбурда, шаш нафар — чунонки дидем — эронӣ мебошанд. Баъзе аз тафосире, ки эрониён навиштаанд, дар дараҷаи аввал қарор дорад ва ғолиби онҳо қабл аз қарни ҳафтум навишта шудааст. Ду нафар аз чаҳордаҳ нафар, яманӣ, ду нафар аз билоди усмонӣ, як нафар андалусӣ (испониёӣ), як нафар шомӣ, як нафар мисрӣ ва як нафар ироқӣ аст.

Чунонки мулоҳиза мешавад, дар ин хидмати гаронбаҳо ба ислом яъне қироат ва тафсир, ғалаба бо эрониён аст. Эрониёни мусалмон аз ҳамаи мусалмонони дигар бештар шӯру нишот ва имону ихлос нишон додаанд.

Ҳадис ва ривоят

Яке аз майдонҳои хидмати эрониён ба ислом дар саҳнаи илму фарҳанг, фанни ҳадис аст. Фанни ҳадис яъне фанни истимоъ, қироат, забт, ҷамъ ва нақли суханони Расули Акрам ё пешвоёни исломӣ.

Фанни ҳадис низ монанди тафсир ба ду шохаи шиъӣ ва суннӣ мунқасим мегардад.

Муҳаррики аслии мусалмонон ба фарогирӣ ва ҷамъу нақли ахбор ва аҳодис, аввалан ниёзи мусалмонон ба аҳодис дар умури динӣ буд. Сониян, шахси Расули Акрам бино бар ривояти мусаллам ва қатъии шиъа ва суннӣ, мукаррар мардумро ташвиқ мекард, ки он чӣ аз ӯ мешунаванд забт кунанд ва барои ояндагон нақл намоянд. Аз ин рӯ аз садри ислом мусалмонон алоқаи шадиде ба забт ва нақли аҳодиси набавӣ нишон медоданд. Пас аз интишори ислом ва вуруди милали дигар ба ҷаҳони ислом, саҳобаи Расули Худо, ки шарафи маҳзари он ҳазратро дарёфта буданд ва аз он ҳазрат кам ё зиёд суханон ва қазоёе ба ёд доштанд, арҷ ва аҳаммияти фаровон ёфтанд. Алоқамандон ба аҳодиси набавӣ барои истимоъи ҳадис аз саҳоба ва ё тобеин (касоне, ки саҳобаро дарк карда буданд) аз шаҳре ба шаҳре ва аз минтақае ба минтақае мерафтанд. Басо, ки як нафар барои таҳқиқ дар сиҳҳату

суқми як ҳадис ва барои истимоъ аз як ровии мӯътабар, даҳҳо фарсанг роҳ тай мекард, то ба маҳзари он муҳаддис роҳ меёфт ва ҳадиси мавриди назари худро аз ӯ мешунид.

Ҷорҷи Зайдон мегӯяд:

"*Ҳамин ки мусалмонон дар садади фаҳми маъонии Қуръон баромаданд, табъан ба дарки маъонии гуфтаҳои ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) эҳтиёҷ ёфта, то бо фаҳми маъонии аҳодиси набавӣ, маъонии Қуръонро беҳтар дарк кунанд. Ва албатта аҳодиси набавӣ аз саҳоба ривоят мешуд, чӣ, ки онон аз Пайғамбари Акрам онро шунида ва ҳифз карда буданд ва мусалмонон барои фаҳми аҳодис ба саҳоба руҷӯъ мекарданд. Вале чун мусалмонон ба кишваргушоӣ машғул шуданд, саҳобаи пайғамбар, ки аз сарони муҳоҷирин буданд, дар мамолики мухталиф мутафарриқ гаштанд. Аз он рӯ, ҳар кас, ки мехост ҳадис ё аҳодисе аз Пайғамбари Акрам бидонад, ночор ба дунболи саҳоба ба мамолики мухталиф ва нуқоти мухталиф мерафт ва чӣ басо, ки як ҳадисеро фақат яке аз он саҳоба аз ҳазрати Расул шунида буд ва дигарон онро намедонистанд. Пас, касе, ки дунболи ҷамъоварӣ ва фаро гирифтани аҳодис бармеомад, ночор ба Макка, Мадина, Басра, Куфа, Миср, Рай ва соири шаҳрҳо мерафт, дар ҳар нуқтае илм ва ҳадисе меомӯхт. Ин ҳамон аст, ки мусалмонон онро "риҳла" дар талаби илм меноманд*."

Алоқа ва шӯри мусалмонон ба нақлу забт ва истимоъи аҳодиси набавӣ аз замони худи он ҳазрат оғоз гашт. Ва ба ҳукми ин ки ҳар вақт тақозои як коло зиёд шавад, колоҳои тақаллубӣ ҳам ба бозор меояд, гурӯҳе аз заъифулимонон дар замони худи он ҳазрат аҳодисе аз он ҳазрат нақл ва ривоят карданд, ки асосе надошт ва худи он вуҷуди муборак дар садади такзиб баромад. Дар як хитобаи умумӣ пайдоиши каззобин ва ваззоъинро эълом фармуд. Он гоҳ барои ин ки меъёре асил муаррифӣ кунад, Қуръони Каримро меъёри сиҳҳату суқми аҳодиси манқула ва мансуба ба худаш қарор дод.

Бо ин ки эҳтимом ба истимоъ ва забту нақли аҳодис, ҳам дар миёни омма вуҷуд дошт ва ҳам дар миёни пайравони Аҳлул-байт, як тафовути асосӣ дар қарни аввали ҳичрӣ миёни омма ва миёни пайравони Аҳлул-байт буд, ва он ин ки омма дар муддати як қарн ба пайравӣ аз дастури халифаи дуввум ва назари бархе саҳобаи дигар, навиштан ва китобати ҳадисро макрӯҳ мешумурданд ба узри ин ки ҳадис бо Қуръон муштабаҳ нашавад ва ё эҳтимом ба ҳадис ҷойи эҳтимом ба Қуръонро нагирад, вале пайравони Аҳлул-байт аз

ҳамон садри аввал ҳамчунон ки нисбат ба истимоъ ва забту нақли аҳодис эҳтимом меварзиданд, нисбат ба китобати онҳо низ эҳтимом доштанд.

Омма дар аввали қарни дуввум мутаваҷҷеҳи иштибоҳи худ шуданд ва ин садд, ки ба василаи халифаи дуввум ба вуҷуд омада буд, дар қарни дуввум ба дасти Умар ибни Абдулазиз халифаи умавии зоҳид — ки худ аз тарафи модар аз аҳфоди халифаи дуввум буд — шикаста шуд. Ин буд, ки шиъа ҳаддиақал як қарн дар тадвин ва китобати ҳадис аз аҳли тасаннун ҷилав афтод.

Алломаи ҷалил ва муҳаққиқ ва мутатаббиъи олиқадр, марҳум Сайидҳасани Садр дар китоби нафиси "*Таъсисус-шиъа*" аз *Саҳеҳ Муслим* ва "*Фатҳул-борӣ*"-и Ибни Ҳаҷар нақл мекунад, ки гуфтаанд:

"*Саҳоба дар навиштани ҳадис ихтилофи назар доштанд. Умар ибни Хаттоб, Абдуллоҳ ибни Масъуд ва Абӯсаъиди Худрӣ ва ҷамъе дигар макрӯҳ мешумурданд, аммо Алӣ ибни Абӯтолиб ва Анас ибни Молик ва бархе дигар ба хилофи ин назар медоданд. Аз ин рӯ, пайравони Алӣ аз садри ислом ба навиштани аҳодис пардохтанд, бар хилофи пайравони онон, то он ки дар қарни дуввум иҷтимоъ шуд бар зидди назари халифаи дуввум.*" (*с.270*)

Аввалин ва дуввумин китоби ҳадисии шиъа яке китобест ба хатти Алӣ алайҳис-салом, ки дар назди имомони атҳор алайҳимус-салом буда ва аимма гоҳе онро ба дигарон ироа медодаанд ва ё аз он нақл мекардаанд, ки: "дар китоби Алӣ чунин омадааст…" Дигар китобест ба номи "*Мусҳафи Фотима алайҳас-салом*".

Аз ин ду китоб, ки бигзарем, аввалин китоби ҳадисӣ китоби Абӯрофеъ ғуломи озодшудаи Расули Худост, ки дар сунан ва аҳком ва қазоё навиштааст. Абӯрофеъ як ғуломи қибтист, ки Расули Худо ӯро озод кард. Ӯ ва ду фарзандаш Убайдуллоҳ ва Алӣ аз шиъаёни Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис-салом ба шумор мераванд. Номи Убайдуллоҳ ибни Абирофеъ ба унвони котиб ё хазонадори Амирулмӯъминин дар замони хилофати он ҳазрат зиёд дар китобҳо ёд мешавад.

Уламои шиъа монанди Наҷҷошӣ дар "*Алфеҳрист*" ӯро аввал мусаннифи шиъа донистаанд. (Ҳамон, с.280)

Баъд аз Абӯрофеъ, Салмони Форсӣ китобати ҳадис кардааст. Асари Салмони Форсӣ дар бораи шарҳ ва тавзеҳи ҳадиси Ҷосалиқи Румӣ будааст, ки баъд аз вафоти Расули Акрам ба Мадина барои таҳқиқ омад.

Пас аз Салмон номи иддаи дигар аз қабили Абӯзари Ғифорӣ ва Асбағ ибни Набота ва дигарон бурда мешавад. Салим ибни Қайс аз саҳобаи Амирулмӯъминин таълифе дорад, ки ахиран ба табъ расидааст.

Дар табақаи баъд, китобе, ки аз шиъа боқӣ монда ва табақа ба табақа ривоят шудааст, "*Саҳифаи Саҷҷодия*" аст. Вафоти Имом Саҷҷод дар охирҳои қарни аввал аст ва ин асари ҷовид, ки ба номи "*Забури Оли Муҳаммад*" маъруф шудааст, аз нимаи дуввуми қарни аввал ба сурати мактуб даст ба даст нақл ва ривоят шудааст.

Нимаи аввали қарни дуввум — яъне замони Имом Боқир ва Имом Содиқ алайҳимас-салом, ки то ҳудуде барои шиъа озодӣ будааст — давраи авҷи нақлу ривоят ва забту китобати ҳадис аст. Номи чаҳор ҳазор нафар бурда мешавад, ки аз маҳзари Имом Содиқ истифода кардаанд. Асҳоби Имом Содиқ ва Имом Козим алайҳимас-салом 400 китоби ҳадисӣ таълиф кардаанд, ки ба "*Усули арбаъамиа*" маъруф аст. Муаллифони ин китобҳо аз миллиятҳои мухталифанд.

Дар давраи баъд — яъне охирҳои қарни севвум ва аввалҳои қарни чаҳорум — таълифи ҷавомеъи ҳадис роиҷ шуд. Китобҳои ҳадисӣ, ки имрӯз дар миёни шиъа ва суннӣ мавҷуд аст, ҳамон ҷавомеъ аст ва дар ин давра аст, ки эрониён нубуғи худ ва ҳам ихлос ва самимияти худро нисбат ба ислом дар ин замина нишон додаанд.

Бадеҳист, ки мо наметавонем ҳамаи эрониёне, ки дар табақоти мухталиф аҳли ҳадис будаанд ёд кунем, зеро ин кор ба танҳоӣ мусталзими таълифи чанд ҷилд китоб аст. Дар ин ҷо маъруфтарин ва мӯътабартарин китобҳои ҳадиси шиъа ва сунниро ном мебарем, то маълум гардад аксарияти қариб ба иттифоқи нависандагони ҷавомеъи ҳадиси шиъа ва суннӣ, эронӣ будаанд. Баҳси худро аз ҷавомеъи ҳадиси шиъа оғоз мекунем:

1) *Кофӣ*, таълифи сиқатулислом шайхулмуҳаддисин, Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Яъқуби Кулайнии Розӣ. Ин марди бузург аз як деҳ ба номи "Кулайн" аз деҳоти наздики шаҳри Рай дар атрофи Теҳрон аст. Хонадони вай дар он деҳ аз муҳаддисони шиъа будаанд. Падараш Яъқуб ва доияш Алон дар ҳамин деҳ зиндагӣ мекарданд. Кулайнӣ аз кӯдакӣ ҳадис омӯхт.

Сипас барои идомаи таҳсил ба шаҳри Рай рафт. Кулайнӣ аз касонест, ки "риҳла"-и ҳадисӣ доштааст. Яъне барои ахзу ҷамъи аҳодис ва дарки хидмати асотиди фанн мусофиратҳо кардааст. Бист соли охири умри худро дар Бағдод гузаронид ва дар ҳамон ҷо даргузашт ва дар ҳамон бист сол китоби "*Кофӣ*"-ро таълиф кард.

Китоби "*Кофӣ*" як давраи ҳадиси шиъа аст аз усули ақоид гирифта то ахлоқиёт ва фурӯъ. Дар ҳудуди 16 ҳазор ҳадис дар ин китоб гирд овардааст. Ин китоб мӯътабартарин китоби ҳадиси шиъа аст. Кулайнӣ дар соли 329 даргузаштааст.

2) *Ман ло яҳзуруҳул-фақиҳ*, таълифи раисулмуҳаддисин Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ ибни Бобавайҳи Қумӣ маъруф ба Садуқ. Худаш ва падараш аз бузургони тирози аввали уламои шиъаанд ва хонадони Садуқ як хонадони маъруф аст дар шиъа. Садуқ дар ҳудуди 300 таълиф ва тасниф доштааст. Номи "*Ман ло яҳзуруҳул-фақиҳ*"ро — ки ба маънии "Худомӯзи фиқҳ" аст — аз китоби "*Ман ло яҳзуруҳут-табиб*"-и Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ иқтибос кардааст, ки ба маънии "Худомӯзи тибб" аст. Китоби "*Ман ло яҳзуруҳул-фақиҳ*" муштамил бар 5920 ҳадис аст.

Шайх Садуқ низ риҳлаи ҳадисӣ доштааст. Дар ҷавонӣ ба Бағдод мусофират кард. Машойихи бузург аз маҳзараш истифода мекарданд ва бо эъҷобу таҳсин ба вай менигаристанд. Шайх Садуқ барои мулоқот бо соири риҷоли ҳадис, ки дар Хуросон мезистаанд, ба шаҳрҳои Нишопур, Тӯс, Сарахс, Марв, Бухоро, Фарғона мусофират кард. Дар муқаддимаи "*Ман ло яҳзуруҳул-фақиҳ*" ба ин мусофират ишора мекунад.

Вафоти Шайх Садуқ дар 381 воқеъ шуд ва дар наздикии ҳазрати Абдулазим, дар маҳалле, ки ҳамакнун ба номи худаш маъруф аст дафн шуд.

3) *Таҳзибул-аҳком*, таълифи Шайхуттоифа Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасани Тусӣ. Қаблан дар шумори муфассирон зикре аз ин нобиғаи азим шуд. Ин мард дар аксари улуми исломӣ монанди адабиёт, калом, тафсир, фиқҳ, ҳадис, риҷол мутабаҳҳир ва дар дараҷаи аввал будааст. Аввал касест, ки фиқҳро бо таълифи китоби "*Мабсут*" вориди марҳилаи ҷадиде кард. Шайх Тӯсӣ теъдоди 13590 ҳадис дар китоби "*Таҳзибул-аҳком*", ки ҳама дар фурӯъ аст гирд овардааст.

4) *Истибсор*. Ин китоб низ таълифи Шайхуттоифа Абӯҷаъфари Тӯсӣ аст. Ин китоб муштамил бар 5511 ҳадис аст. Шайх Тӯсӣ дар соли 460 даргузаштааст.

Чаҳор китоби номбурда дар шиъа ба номи “кутуби арбаъа” маъруф аст ва мӯътабартарини китобҳои ҳадиси шиъа ба шумор меравад. Муаллифони ин китобҳо, ки ҳар се номи Муҳаммад доранд ва кунияи ҳар сеашон Абӯҷаъфар аст, ба “Муҳаммадини салосаи мутақаддим” маъруфанд.

Пас аз ин чаҳор китоб, се ҷомеъи ҳадисии дигар дар шиъа ҳаст, ки маъруфтарини ҷавомеъ аст:

1) *Биҳорул-анвор*, таълифи шайхулислом алломатулмуҳаддисин Муҳаммадбоқир ибни Муҳаммадтақии Маҷлисӣ. Ин китоб ҷомеътарини китобҳои ҳадис аст. Он чӣ дар соири китобҳои ҳадис ба таври мутафарриқ мавҷуд буда, дар ин китоб якҷо ҷамъ омадааст. Ҳадафи муаллиф бештар ҷилавгирӣ аз талаф шудани китобҳои ҳадис будааст, аз ин рӯ саҳеҳу сақим якҷо зикр шудааст. Маҷлисӣ дар соли 1111 даргузаштааст.

2) *Вофӣ*, таълифи ҳаким ва ориф ва муҳаддиси машҳур Муҳаммад ибни Муртазо маъруф ба Мулло Муҳсини Файзи Кошонӣ. Ин китоб ҷомеъи китобҳои арбаъа бо ҳазфи мукаррарот аст. Марҳуми Файз дар ҳудуди 200 таълиф дар риштаҳои мухталиф дорад. Вафоти вай — ҳамчунон ки қаблан гуфта шуд — дар соли 1191 воқеъ шудааст.

3) *Васоилуш-шиъа*, таълифи муҳаддиси мутабаҳҳир Муҳаммад ибни Ҳасани Шомӣ маъруф ба Шайх Ҳурри Омилӣ. Дар ин китоб ҷанбаи муроҷиаи фиқҳӣ бештар риоят шудааст; саъй шудааст тартиб ва таксири абвоб мутаносиб бо масоиле бошад, ки дар фиқҳ унвон мешавад, ва аз ин рӯ аҳодисро қитъа-қитъа карда ва ҳар қитъаро дар маҳалли марбут ба худ овардааст. Шайх Ҳурри Омилӣ муосири Маҷлисӣ аст. Ин ду муҳаддиси бузург аз якдигар ривоят мекунанд. Вафоти Шайх Ҳурри Омилӣ дар соли 1104 дар Машҳади Муқаддас воқеъ шудааст ва қабраш ҳамакнун дар саҳни шимолии ҳазрати Ризо алайҳиссалом маъруф аст.

Нависандагони ин се китоб, ки онҳо низ монанди пешиниёни худ номи Муҳаммад доранд, ба “Муҳаммадини салосаи мутааххир” маъруфанд.

Аз ин ҳафт ҷомеъ, ки бигзарем, ба чанд ҷомеъи дигар бармехӯрем, ки боарзиш ва воҷиди аҳаммиятанд, аз қабили “*Аволим*”-и Абдуллоҳ ибни Нуруллоҳи Баҳрайнӣ ва “*Ҷомеъул-аҳком*”-и Сайидабдуллоҳи Шуббар ва “*Мустадракул-васоил*”-и марҳум Ҳоҷ Мирзо Ҳусайни

Нурӣ. Китоби ахир махсусан — ки камтар аз як қарн аз таълифи он мегузарад — ҷойи шоистае барои худ боз кардааст.

Ҳамчунон ки маълум гашт, аз шаш нафар муҳаддиси бузурги шиъа панҷ нафар эронӣ ва як нафар Ҷабали Омилӣ аст ва аз се нафар муҳаддиси дигар низ яке эронӣ аст.

Ҳадис ва ривоят дар аҳли суннат

Дар миёни аҳли тасаннун аввал касе, ки тадвини ҳадис кард Абдулмалик ибни Ҷурайҳ аст, ки дар қарни дуввум мезистааст. Абдулмалик ибни Ҷурайҳ араб нест ва зоҳиран эронӣ низ нест. Ин мард дар соли 144 даргузаштааст.

Аввалин ҷомеъи ҳадисии аҳли тасаннун "*Муваттаъ*"-и Молик ибни Анас аст, ки алъон мавҷуд аст. Молик араб ва арабнажод аст ва яке аз имомҳои чаҳоргонаи аҳли тасаннун аст.

Дар миёни китобҳои ҳадиси аҳли тасаннун шаш китоб мӯътабартарини онҳо ба ҳисоб меояд. Мо барои ин ки меъёре аз ширкати эрониёни мусалмон дар тадвини китобҳои ҳадиси аҳли тасаннун ба даст дода бошем, ҳамон китобҳоро бо муаллифони онҳо муаррифӣ мекунем:

1) *Саҳеҳи Бухорӣ*, таълифи Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Ин китоб мӯътабартарин китоби ҳадис дар миёни аҳли тасаннун ба шумор меравад. Бухорӣ дар муддати 16 сол ин китобро таълиф кардааст. Бино бар нақли Ибни Халлакон дар "*Вафаётул-аъён*" ва муҳаддиси Қумӣ дар "*Алкуно вал-алқоб*", Бухорӣ гуфтааст, ҳеч ҳадисеро вориди китобам накардам, магар он ки қаблан ғусл кардам ва ду ракъат намоз бағо овардам. Дар бораи ҳофизаи нерӯманди Бухорӣ суханоне гуфта шудааст. Бухорӣ аслан аҳли Бухорост ва дар талаби ҳадис ба шаҳрҳои Хуросон, Ироқи аҷам, Ироқи араб, Ҳиҷоз, Шом ва Миср сафар кардааст ва оқибат ба Бағдод омада ва мавриди таваҷҷӯҳи аҳли фазл қарор гирифтааст. Вафоти вай дар соли 256 дар яке аз қаряҳои Самарқанд ба номи "Хартанг" воқеъ шудааст.

2) *Саҳеҳи Муслим*. Муаллифи ин китоб Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нишопурӣ аст. Пас аз Саҳеҳи Бухорӣ мӯътабартарин китоби ҳадис дар назди аҳли тасаннун Саҳеҳи Муслим аст. Бархе онро бар Саҳеҳи Бухорӣ тарҷеҳ медиҳанд. Муслим ба Ироқ, Ҳиҷоз, Миср ва Шом дар талаби ҳадис мусофират кард ва муддате дар Нишопур мулозими Бухорӣ будааст. Муслим дар соли 261 дар Насрободи Нишопур даргузаштааст.

3) *Сунани Абӯдовуд*. Муаллифи ин китоб Сулаймон ибни Ашъас маъруф ба Абӯдовуди Сиҷистонӣ аст. Аҳли Систон аст. Ӯ низ ба шаҳрҳои мухталиф барои ахзи ҳадис мусофират карда ва муосири Аҳмад ибни Ҳанбал будааст. Абӯдовуд зоҳиран як эронии арабнажод аст. Вафоташ дар соли 275 воқеъ шудааст.

4) *Ҷомеъи Тирмизӣ* (ё *Сунани Тирмизӣ*). Нависандаи китоб Муҳаммад ибни Исои Тирмизӣ аз шогирдони Бухорӣ аст. Дар соли 279 даргузаштааст. Тирмиз, ки мавтини Тирмизӣ аст, аз билоди Мовароуннаҳр аст.

5) *Сунани Насоӣ*. Муаллифи ин китоб Абӯабдурраҳмон Аҳмад ибни Алӣ ибни Шуъайби Насоӣ аст. Ин мард низ дар талаби ҳадис мусофиратҳо кардааст. Дар хилоли мусофират, ки ба Шом расид, мардуми онҷоро аз Алӣ алайҳис-салом мунҳариф дид, аз ин рӯ китоби "*Хасоис*"-ро дар фазоили Алӣ алайҳис-салом ва Аҳли байт навишт. Дар ин китоб бештар аз Аҳмад ибни Ҳанбал ривоят кардааст. Одаташ ин буд, ки як рӯз дар миён рӯза мегирифт. Ибни Халлакон менависад: Дар Димишқ аз ӯ роҷеъ ба фазоили Муовия пурсиш шуд. Бино бар ривояте ҷавоб дод: Ҷуз ин дар фазилати Муовия ҳадисе намедонам, ки Пайғамбар (он ҷо, ки мукаррар дунболи Муовия фиристод ва фиристода омад ва гуфт, машғули хӯрдан аст) дар бораш фармуд: "Худо шикамашро сер накунад!" Мардуми Шом ӯро сахт кутак заданд. Дар асари ҳамон кутакҳо мурд. Гӯянд, чун эҳсос кард мехоҳад бимирад, ба Макка рафт ва дар онҷо мурд. Насо аз тавобеъи Хуросон аст ва вафоти Насоӣ дар соли 303 воқеъ шудааст.

6) *Сунани Ибни Моҷа*. Нависандаи ин китоб Муҳаммад ибни Язид ибни Моҷаи Қазвинӣ аст. Ба Ироқ, Ҳиҷоз, Миср ва Шом барои талаби ҳадис мусофират кардааст ва дар соли 273 даргузаштааст.

Чунонки дидем, ҳамчунон ки муаллифони "кутуби арбаъа"-и шиъа — ки мӯътабартарин китобҳои ҳадиси шиъа аст — эронӣ будаанд, муаллифони мӯътабартарин сиҳоҳ ва сунани аҳли тасаннун низ эронӣ ҳастанд, аъамм аз эронии эронинажод ё эронии арабнажод.

Илова бар муаллифони китобҳои шашгонаи мазкур, дар миёни маориф ва машоҳири муҳаддисини аҳли тасаннун, ки ба унвони "ҳофиз" ва ё соири ановини ҳадисӣ маъруфанд ва китобҳои ҳадисии муҳим ва зиқимате аз назари аҳодиси аҳли суннат таълиф кардаанд,

уламои эронӣ фаровонанд. Мо барои эҳтироз аз татвил, аз зикри номи онҳо худдорӣ мекунем.

Фиқҳ ва фақоҳат

Аз муҳимтарин фунуни илмии исломӣ фанни фиқҳ аст. Фанни фиқҳ иборат аст аз фанни "истихроҷ ва истинботи аҳком аз мадорик: китоб, суннат, иҷмоъ, ақл." Илми фиқҳ як илми назарӣ аст, бар хилофи ҳадис, ки сирфан нақлӣ ва ҳифзӣ аст.

Мусалмонон аз қарни аввал ба "иҷтиҳод" пардохтанд. Иҷтиҳод ба мафҳуми саҳеҳ, аз лавозими динӣ монанди ислом аст, ки аз тарафе дини ҳамагонист, ба қавм ва нажод ва минтақае ихтисос надорад, ва аз тарафи дигар, ҳамазамонӣ аст ва дини хотам аст ва дар ҳамаи шароити мутағайири рӯзгор — ки лозимаи тамаддуни башарӣ аст — ҳоким аст.

Бархе мепиндоранд, ки иҷтиҳод дар миёни аҳли тасаннун дар қарни аввал пайдо шуд ва дар миёни шиъа дар қарни севвум. Иллати таъаххури шиъаро дар фиқҳ, бениёзии шиъа аз иҷтиҳод ба сабаби ҳузури имомони атҳор муаррифӣ мекунанд. Аммо ҳамчунон ки мо дар мақолаҳои "*Иҷтиҳод дар ислом*" ва "*Илҳоме аз Шайхуттоифа*" исбот кардаем, ин назар иштибоҳ аст.

Фиқҳ ба маънии фанни истинбот ва истихроҷ ва татбиқи усул ва куллиёт бар ҷузъиёт, аз садри аввал ҳам дар миёни шиъа вуҷуд дошта ва ҳам дар миёни аҳли суннат, бо ихтилофоти асосӣ, ки аз назари манобеи фиқҳ ва эътимод ё адами эътимод ба раъй ва қиёс миёни ин ду фирқаи исломӣ вуҷуд доштааст. Аҳли тасаннун бар ин бовараанд, ки аввал фарди мусалмоне, ки иҷтиҳод кард Маъоз ибни Ҷабал аз асҳоби Расули Худост, ки ба амри он ҳазрат сафаре барои таблиғи ислом ба Яман рафт ва достонаш маъруф аст.

Аллomаи фақид Сайидҳасани Садр дар китоби "*Таъсисус-шиъа*" менависад: "*Аввалин китоби фиқҳии шиъа, дар асри Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис-салом ба василаи Убайдуллоҳ ибни Абирофеъ, ки котиб ва хазонадори он ҳазрат буд таълиф шуд.*" Мо қаблан аз Убайдуллоҳ ва падараш дар шумори муаллифони китобҳои ҳадис ёд кардем.

Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" иддае аз китобҳои фиқҳии шиъа ва муаллифони онҳоро дар асри имомон алайҳимус-салом таҳти унвони "*Фуқаҳоуш-шиъа*" ном мебарад. Иддае аз

фуқаҳои асри имомон эронӣ будаанд, вале албатта нисбат ба фуқаҳои ғайриэронии он аср дар ақаллиятанд.

Ба таври куллӣ, дар фуқаҳои шиъа чӣ дар асри имомон алайҳимус-салом ва чӣ дар аъсори баъд то ҳудуди қарни ҳафтум, аксариятро фуқаҳои ғайриэронӣ ташкил медодаанд. Қудамои фуқаҳои шиъа, ки дар ҳоли ҳозир кутубашон дар даст аст ва дар китобҳои фиқҳӣ оро ва назариёташон нақл мешавад, ғолибан ғайриэронӣ мебошанд.

Дар табақаи қудамо, Садуқи аввал Алӣ ибни Ҳусайн ибни Бобавайҳи Қумӣ, ва Садуқи дуввум Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн, балки ҳамаи Оли Бобавайҳ аз қабили Шайх Мунтаҷабуддини Розӣ, ки аз аҳфоди Ҳусайн ибни Алӣ ибни Бобавайҳи Қумӣ аст ва ҳамчунин Шайхуттоифа Абӯҷаъфари Тӯсӣ ва Шайх Саллор ибни Абдулазизи Дайламӣ (соҳиби китоби "*Маросим*" ва шогирди Шайх Муфид) ва Сайид Муртазо ва Ибни Ҳамзаи Тӯсӣ (соҳиби китоби "*Васила*") ва Айёшии Самарқандӣ — ки қаблан дар шумори муфассирон номаш бурда шуд ва гуфтем Ибни ан-Надим китобҳои фиқҳии зиёде аз ӯ ном мебарад ва муддаист, ки кутубаш дар Хуросон ривоҷи фаровоне дорад — ҳама эронӣ ҳастанд.

Вале дар муқобил, иддаи бештаре аз фуқаҳои шиъаро то қарни ҳафтум мебинем, ки ғайриэронӣ ҳастанд аз қабили Ибни Ҷунайд, Ибни Абиақил, Шайх Муфид, Сайид Муртазо Аламулҳудо, Қозӣ Абдулазиз ибни Барроҷ, Абуссалоҳи Ҳалабӣ, Сайид Абулмакорим ибни Зуҳра, Ибни Идриси Ҳиллӣ, Муҳаққиқи Ҳиллӣ, Алломаи Ҳиллӣ ва ғайри инҳо, ки зикр хоҳем кард.

Иллати ин матлаб возеҳ аст. Шиъа дар он даврaҳо дар Эрон дар ақаллият будааст. Шиъаёни Лубнон, Ҳалаб, Ироқ зоҳиран аз шиъаёни Эрон ҳам бештар будаанд ва ҳам шароити мусоидтаре доштаанд.

Аз қарни ҳафтум ба баъд, махсусан дар се чаҳор қарни ахир, аксарияти фуқаҳои шиъаро эрониён ташкил дода ва медиҳанд. Дар айни ҳол, дар ҳамин даврaҳои ахир бархе фуқаҳои шиъа аз миёни араб бархостаанд, ки фавқулъода мақоми шомихе доранд, аз қабили Шайх Ҷаъфари Кошифулғито ва Шайх Муҳаммадҳасан (соҳиби "*Ҷавоҳирул-калом*").

Бемуносибат нест торихчаи мухтасаре аз фиқҳ ва фуқаҳои шиъа аз замони ғайбати суғро то асри ҳозир зикр кунем, то зимни ин ки саҳми эрониён дар фиқҳи шиъа равшан мешавад,

тасалсул ва тадовуми ин риштаи фарҳанги исломӣ дар тӯли тақрибан 1300 сол, ки бидуни вақфа идома ёфтааст низ равшан шавад.

Илми фиқҳ (яъне фиқҳи мудавван, ки дар он, китоб тадвину таълиф шудааст ва он китобҳо ҳамакнун низ мавҷуд аст) собиқаи 1300-сола дорад. Яъне аз 11 қарни пеш то кунун бидуни вақфа ҳавзаҳои тадрисии фиқҳӣ барқарор будааст; устодон шогирдоне тарбият кардаанд ва он шогирдон ба навбаи худ шогирдони дигаре тарбият кардаанд то асри ҳозир, ва ин робитаи устоду шогирдӣ қатъ нашудааст.

Албатта, улуми дигар монанди фалсафа, мантиқ, риёзиёт, тибб собиқаи бештаре доранд ва китобҳое аз замонҳои дуртар дар ин улум дар даст аст, вале дар ҳеч як аз он улум шояд натавон ин чунин ҳаёти мутасалсил ва мутадовиме, ки бидуни вақфа ва лоянқатеъ робитаи устоду шогирдӣ дар он маҳфуз бошад нишон дод; фаразан ҳам дар илми дигаре вуҷуд дошта бошад, мунҳасир ба ҷаҳони ислом аст, яъне танҳо дар ҷаҳони ислом аст, ки улум собиқаи ҳаётии мутасалсил ва муназзами ҳазорсола ва бештар доранд, ки вақфае дар байн ҳосил нашудааст. Мо баъдан роҷеъ ба тасалсул ва тадовуми фалсафа ва ирфон ҳам баҳс хоҳем кард.

Хушбахтона яке аз масоиле, ки мавриди таваҷҷӯҳи уламои мусалмонон будааст ин аст, ки табақоти мутасалсили арбоби улумро мушаххас созанд. Ин кор дар дараҷаи аввал нисбат ба уламои ҳадис анҷом ёфтааст ва дар дараҷоти баъдӣ барои уламои улуми дигар. Мо китобҳои зиёде ба ин унвон дорем монанди "*Табақотул-фуқаҳо*"-и Абӯисҳоқи Шерозӣ, "*Табақотул-атиббо*"-и Ибни Абиусайбиъа, "*Табақотун-наҳвийин*" ва "*Табақотус-суфия*"-и Абӯабдурраҳмони Салмо.

Вале то он ҷо, ки ин банда иттилоъ дорад, он чӣ дар бораи табақоти фуқаҳо навишта шуда аз аҳли тасаннун ва марбут ба онҳост. Дар бораи табақоти фуқаҳои шиъа то кунун китобе навишта нашудааст, аз ин рӯ барои кашфи табақоти фуқаҳои шиъа, аз лобалои китобҳои тароҷум ва ё китобҳои иҷозот, ки марбут аст ба табақоти ровиёни ҳадис, бояд истифода кард.

Мо дар ин ҷо намехоҳем табақоти фуқаҳои шиъаро ба тафсил баён кунем, балки мехоҳем шахсиятҳои барҷаста ва баноми фуқаҳоро, ки ороашон мавриди таваҷҷӯҳ аст, бо зикри китобҳои фиқҳ зикр кунем; зимнан табақоти фуқаҳо низ шинохта мешаванд.

Торихи фуқаҳои шиъаро аз замони ғайбати суғро (260- 329) оғоз мекунем, ба ду далел: яке ин ки асри қабл аз ғайбати суғро асри ҳузури имомони атҳор аст ва дар асри ҳузур ҳарчанд фуқаҳо ва ба маънии саҳеҳи калима муҷтаҳидин ва арбоби фатво — ки имомони атҳор онҳоро ба фатво додан ташвиқ мекардаанд — будаанд, вале хоҳ нохоҳ фуқаҳо ба иллати ҳузури имомони атҳор алайҳимус-салом таҳтушшуъо будаанд. Яъне марҷаъияти онҳо дар заминаи дастнорасӣ ба имомон будааст ва мардум ҳатталимкон саъй мекарданд ба манбаи аслӣ даст ёбанд ва худи он фуқаҳо низ мушкилоти худро то ҳадди мақдур ва мумкин бо таваҷҷӯҳ ба буъди масофатҳо ва соири мушкилот, бо имомони атҳор дар миён мегузоштанд. Дигар ин ки алаззоҳир фиқҳи мудаввани мо мунтаҳӣ мешавад ба замони ғайбати суғро. Яъне таълиф ва асари фиқҳӣ қабл аз он давра аз фуқаҳои шиъа феълан дар даст надорем ё ин банда иттилоъ надорад.

Вале ба ҳар ҳол, дар шиъа низ фуқаҳои бузурге дар асри имомони атҳор вуҷуд доштааст, ки бо муқоиса бо фуқаҳои муосири онҳо аз соири мазоҳиб, арзиши онҳо маълум ва мушаххас мешавад. Ибни ан-Надим фанни панҷум аз мақолаи шашуми китоби бисёр нафиси худро, ки ба номи "*Феҳристи Ибни ан-Надим*" шӯҳрат ва эътибори ҷаҳонӣ дорад, ихтисос дода ба "*Фуқаҳоуш-шиъа*" ва дар зайли номҳои онҳо, аз китобҳои онҳо дар ҳадис ё фиқҳ ёд мекунад. Дар бораи Ҳусайн ибни Саъиди Аҳвозӣ ва бародараш мегӯяд:

أوسع أهل زمانهما علما بالفقه والآثار والمناقب

("*Донишмандтарини аҳли замони худ ба фиқҳ ва осор ва маноқиб буданд*"), ё дар бораи Алӣ ибни Иброҳими Қумӣ мегӯяд:

من العلماء الفقهاء

("*Аз донишмандони фақеҳ*") ва дар бораи Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Аҳмад ибни ал-Валиди Қумӣ мегӯяд:

وله من الكتب كتاب الجامع في الفقه

("*Ва ӯ аз китобҳо дорои китоби "Алҷомеъ фил-фиқҳ аст*") Вале зоҳиран китобҳои фиқҳии онҳо ба ин шакл будааст, ки дар ҳар бобе аҳодисе, ки онҳоро мӯътабар медонистаанд ва бар тибқи онҳо амал мекардаанд зикр мекардаанд; он китобҳо, ҳам ҳадис буд ва ҳам назари муаллифи китоб.

Муҳаққиқи Ҳиллӣ дар муқаддимаи "*Мӯътабар*" мегӯяд:

“Назар ба ин ки фуқаҳои мо (ризвонуллоҳи алайҳим) зиёданд ва таълифоти фаровон доранд ва нақли ақволи ҳамаи онҳо ғайримақдур аст, ман ба сухани машҳурин ба фазлу таҳқиқу ҳусни интихоб иктифо кардаам ва аз китобҳои ин фузало ба он чӣ иҷтиҳоди онҳо дар китобҳо ҳувайдост ва мавриди эътимоди худашон будааст, иктифо кардаам. Аз ҷумлаи касоне, ки нақл мекунам (аз қудамои замони имомон) Ҳасан ибни Маҳбуб, Аҳмад ибни Абинасри Бизантӣ, Ҳусайн ибни Саъид (Аҳвозӣ), Фазл ибни Шозон (Нишопурӣ), Юнус ибни Абдурраҳмон, ва аз мутааххирон Муҳаммад ибни Бобавайҳи Қумӣ (Шайхи Садуқ) ва Муҳаммад ибни Яъқуби Кулайнӣ, ва аз асҳоби фатво Алӣ ибни Бобавайҳи Қумӣ, Искофӣ, Ибни Абиақил, Шайх Муфид, Сайид Муртазо Аламулҳудо, Шайх Тӯсӣ аст…”

Муҳаққиқ бо он ки гурӯҳи аввалро аҳли назар ва иҷтиҳод ва интихоб медонад, онҳоро ба номи асҳоби фатво ёд намекунад, зеро китобҳои онҳо дар айни ин ки хулосаи иҷтиҳодашон будааст, ба сурати китоби ҳадис ва нақл будааст, на ба сурати фатво. Инак, мо баҳси худро аз муфтиёни аввале, ки дар замони ғайбати суғро будаанд оғоз мекунем:

1) *Алӣ ибни Бобавайҳи Қумӣ*, вафотёфта дар соли 329, мадфун дар Қум. Падари Шайх Муҳаммад ибни Алӣ ибни Бобавайҳ маъруф ба Шайх Садуқ аст, ки дар наздикии шаҳри Рай мадфун аст. Писар, муҳаддис аст ва падар фақеҳ ва соҳиби фатво. Маъмулан ин падару писар ба унвони “Садуқайн” ёд мешаванд.

2) Яке дигар аз фуқаҳои баном ва маъруфи он замон, ки муосир бо Алӣ ибни Бобавайҳи Қумӣ аст, балки андаке бар ӯ тақаддуми замонӣ дорад, *Айёшии Самарқандӣ* соҳиби тафсири маъруф аст. Ӯ марде ҷомеъ будааст. Гарчи шӯҳрataш ба тафсир аст, ӯро аз фуқаҳо шумурдаанд. Китобҳои зиёде дар улуми мухталиф ва аз он ҷумла дар фиқҳ дорад. Ибни ан-Надим дар “*Алфеҳрист*” мегӯяд: “*Китобҳои ӯ дар Хуросон ривоҷи фаровон дорад.*” Дар айни ҳол мо то кунун надидаем, ки дар фиқҳ орои ӯ нақл шуда бошад, шояд китобҳои фиқҳии ӯ аз байн рафтааст.

Айёшӣ ибтидо суннӣ буд ва баъд шиъа шуд. Сарвати фаровоне аз падар ба ӯ ирс расид ва ӯ ҳамаи онҳоро харҷи ҷамъоварӣ ва нусхабардории китобҳо ва таълиму таъаллум ва тарбияти шогирд кард.

Баъзе Ҷаъфар ибни Қулавайҳро, ки устоди Шайх Муфид будааст (дар фиқҳ) ҳамдавраи Алӣ ибни Бобавайҳ ва қаҳран аз фуқаҳои давраи ғайбати суғро шумурдаанд ва гуфтаанд, ки

Ҷаъфар ибни Қулавайҳ шогирди Саъд ибни Абдуллоҳи Ашъарии маъруф будааст, вале бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ӯ устоди Шайх Муфид будааст ва дар соли 367 ва ё 368 даргузаштааст, наметавон ӯро муосири Алӣ ибни Бобавайҳ ва аз уламои ғайбати суғро шумурд. Он ки аз уламои ғайбати суғрост падараш Муҳаммад ибни Қулавайҳ аст.

3) *Ибни Абиақили Уммонӣ*. Гуфтаанд, яманӣ аст. Уммон аз савоҳили дарёи Яман аст. Торихи вафоташ маълум нест. Дар оғози ғайбати кубро мезистааст.

Баҳрулулум гуфтааст, ки ӯ устоди Ҷаъфар ибни Қулавайҳ будааст ва Ҷаъфар ибни Қулавайҳ устоди Шайх Муфид будааст. Ин қавл аз қавли боло, ки Ҷаъфар ибни Қулавайҳро ҳамдавраи Алӣ ибни Бобавайҳ муаррифӣ кардааст, акраб ба таҳқиқ аст. Орои Ибни Абиақил дар фиқҳ зиёд нақл мешавад. Ӯ аз чеҳраҳоест, ки мукаррар ба номи ӯ дар фиқҳ бармехӯрем.

4) *Ибни Ҷунайди Искофӣ*, аз асотиди Шайх Муфид аст. Гӯянд, ки дар соли 381 даргузаштааст. Гуфтаанд, ки таълифот ва осораш ба панҷоҳ мерасад. Фуқаҳо аз Ибни Ҷунайд ва Ибни Абиақили собиқуззикр ба унвони "алқадимайн" ёд мекунанд. Орои Ибни Ҷунайд ҳамвора дар фиқҳ матраҳ буда ва ҳаст.

5) *Шайх Муфид*. Номаш Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Нӯъмон аст. Ҳам мутакаллим аст ва ҳам фақеҳ. Ибни ан-Надим дар фанни дуввум аз мақолаи панҷуми "*Алфеҳрист*", ки дар бораи мутакаллимини шиъа баҳс мекунад, аз ӯ ба унвони "*Ибни ал-Муаллим*" ёд мекунад ва ситоиш менамояд. Дар соли 336 мутаваллид шуда ва дар 413 даргузаштааст. Китоби маъруфи ӯ дар фиқҳ ба номи "*Муқниъа*" аст ва чоп шуда ва мавҷуд аст. Шайх Муфид аз чеҳраҳои бисёр дурахшони шиъа дар ҷаҳони ислом аст. Абӯяълои Ҷаъфарӣ, ки домоди Муфид будааст, гуфтааст, ки Муфид шабҳо мухтасаре мехобид, боқиро ба намоз ё мутолеа ё тадрис ё тиловати Қуръони Маҷид мегузаронид. Шайх Муфид шогирди шогирди Ибни Абиақил аст.

6) *Сайид Муртазо* маъруф ба Аламулҳудо, мутаваллиди 355 ва вафотёфтаи 436. Алломаи Ҳиллӣ ӯро муаллими шиъаи имомия хондааст. Марде ҷомеъ будааст; ҳам адиб буда ва ҳам мутакаллим ва ҳам фақеҳ. Орои фиқҳии ӯ мавриди таваҷҷӯҳи фуқаҳост. Китоби маъруфи ӯ дар фиқҳ яке китоби "*Интисор*" аст ва дигар китоби "*Ҷумалул-илми вал-амал*". Ӯ ва

бародараш Сайид Разӣ (ҷомеъи Наҳҷул-балоға) назди Шайх Муфиди собиқуззикр таҳсил кардаанд.

7) *Шайх Абӯҷаъфари Тӯсӣ*, маъруф ба Шайхуттоифа. Аз ситорагони бисёр дурахшони ҷаҳони ислом аст. Дар фиқҳ, усул, ҳадис, тафсир, калом ва риҷол таълифоти фаровон дорад. Аҳли Хуросон аст. Дар соли 385 мутаваллид шуда ва дар соли 408, яъне дар 23-солагӣ, ба Бағдод, ки он вақт маркази бузурги улум ва фарҳанги исломӣ буд муҳоҷират кард ва то поёни умр дар Ироқ монд ва пас аз устодаш Сайид Муртазо риёсати илмӣ ва фатвои шиъа ба ӯ мунтақил шуд. Муддати панҷ сол пеши Шайх Муфид дарс хондааст. Солиёни дароз аз хидмати шогирди боризи Шайх Муфид яъне Сайид Муртазо бахраманд шудааст. Устодаш Сайид Муртазо дар соли 436 даргузашт ва ӯ 24 соли дигар баъд аз устодаш дар қайди ҳаёт буд. Дувоздаҳ сол баъд аз Сайид дар Бағдод монд, вале баъд ба иллати як силсила ошӯбҳо, ки хона ва китобхонааш ба тороҷ рафт, ба Наҷаф муҳоҷират кард ва ҳавзаи илмияро дар онҷо таъсис кард ва дар соли 460 дар ҳамон ҷо даргузашт. Қабраш дар Наҷаф маъруф аст.

Шайх Тӯсӣ китобе дар фиқҳ дорад ба номи "*Анниҳоя*", ки дар қадимулайём китоби дарсии туллоб будааст. Китоби дигаре дорад ба номи "*Мабсут*", ки фиқҳро вориди марҳилаи ҷадиде кардааст ва дар асри худаш машрӯҳтарин китоби фиқҳии шиъа будааст. Китоби дигаре дорад ба номи "*Хилоф*", ки дар онҷо, ҳам орои фуқаҳои аҳли суннатро зикр карда ва ҳам раъйи шиъаро. Шайх Тӯсӣ китобҳои дигар низ дар фиқҳ дорад. Қудамо то ҳудуди як қарн пеш агар дар фиқҳ "Шайх" ба таври мутлақ мегуфтанд, мақсуд Шайх Тӯсӣ буд. Ва агар "Шайхон" мегуфтанд, мақсуд Шайх Муфид ва Шайх Тӯсӣ буд. Шайх Тӯсӣ яке аз чанд чеҳраи маъруфест, ки дар саросари фиқҳ номашон бурда мешавад. Хонадони Шайх Тӯсӣ то чанд насл ҳама аз уламо ва фуқаҳо будаанд. Писараш Шайх Абӯалӣ мулаққаб ба Муфиди сонӣ фақеҳи ҷалилулқадре аст ва бино бар нақли "*Мустадракул-васоил*", ӯ китобе дорад ба номи "*Амолӣ*", ва китоби "*Анниҳоя*"-и падарашро низ шарҳ кардааст.

Мутобиқи нақли китоби "*Луълуъул-баҳрайн*", духтарони Шайх Тӯсӣ низ фақеҳа ва фозила будаанд.

Шайх Абӯалӣ фарзанде дорад ба номи Шайх Абулҳасан Муҳаммад. Баъд аз падараш Абӯалӣ марҷаъият ва риёсати ҳавзаи илмия ба ӯ мунтақил шуд ва бино бар нақли Ибни

Имоди Ҳанбалӣ дар китоби “*Шазаротуз-заҳаб фи ахбори ман заҳаб*”, дар замони ин марди бузург туллоби улуми динии шиъа аз атрофу акноф ба сӯйи ӯ мешитофтанд, ва ӯ худ марде порсо ва зоҳид ва олим будааст. Имоди Табарӣ гуфтааст, агар салавот бар ғайри анбиё раво буд, ман бар ин мард салавот мефиристодам. Ӯ дар соли 540 даргузаштааст.

8) *Қозӣ Абдулазизи Ҳалабӣ* маъруф ба Ибни ал-Барроҷ. Шогирди Сайид Муртазо ва Шайх Тӯсӣ аст. Аз тарафи Шайх Тӯсӣ ба билоди Шом, ки ватанаш буд фиристода шуд. 20 сол дар Тароблуси Шом (ки феълан шаҳре дар Лубнон аст) қозӣ буд. Дар соли 481 даргузаштааст. Китобҳои фиққии ӯ, ки бештар ном бурда мешавад, яке ба номи “*Муҳаззаб*” аст ва дигаре ба номи “*Ҷавоҳир*”.

9) *Шайх Абуссалоҳи Ҳалабӣ*. Ӯ низ аҳли Шомот аст. Шогирди Сайид Муртазо ва Шайх Тӯсӣ буда ва сад сол умр кардааст. Дар “*Райҳонатул-адаб*” менависад, ки ӯ шогирди Саллор ибни Абдулазиз низ будааст. Агар ин нисбат дуруст бошад, мебоист Абуссалоҳ се табақаро шогирдӣ карда бошад. Китоби маъруфи ӯ дар фиқҳ ба номи “*Кофӣ*” аст. Дар соли 447 даргузаштааст. Агар умри ӯ сад сол будааст ва дар 447 ҳам вафот карда бошад, ӯ аз ҳар ду устодаш бузургсолтар будааст. Шаҳиди Сонӣ ӯро “*Халифатул-Муртазо фил-билодил-ҳалабия*” хондааст.

10) *Ҳамза ибни Абдулазизи Дайламӣ* маъруф ба Саллори Дайламӣ. Дар ҳудуди соли 448 то 463 даргузаштааст. Шогирди Шайх Муфид ва Сайид Муртазо аст. Аҳли Эрон аст ва дар Хусравшоҳи Табриз даргузаштааст. Китоби маъруфи ӯ дар фиқҳ ба номи “*Маросим*” аст. Саллор ҳарчанд ҳамтабақаи Шайх Тӯсӣ аст на аз шогирдони ӯ, дар айни ҳол Муҳаққиқи Ҳиллӣ дар муқаддимаи китоби “*Алмӯътабар*” аз ӯ ва Ибни ал-Барроҷ ва Абуссалоҳи Ҳалабӣ ба унвони “атбоъус-салоса” ном мебарад; яъне ӯро аз пайравоне мешуморад, ки алаззоҳир мақсудаш ин аст ин се нафар тобеъ ва пайравони се нафари дигар (Шайх Муфид, Сайид Муртазо, Шайх Тӯсӣ) будаанд.

11) *Сайид Абулмакорим ибни Зуҳра*. Дар ҳадис ба як восита аз Абӯалӣ писари Шайхуттоифа ривоят мекунад ва дар фиқҳ бо чанд восита шогирди Шайх Тӯсӣ аст. Аҳли Ҳалаб аст ва дар соли 585 даргузаштааст. Китоби маъруф ӯ дар фиқҳ ба номи “*Ғуня*” маъруф аст. Ҳар гоҳ дар истилоҳи фуқаҳо “ҳалабиён” (ба сиғаи тасния) гуфта шавад, мақсуд Абуссалоҳи Ҳалабӣ ва Ибни Зуҳраи Ҳалабист, ва ҳаргоҳ “ҳалабиюн” (ба сиғаи ҷамъ) гуфта шавад, мақсуд он ду

нафар ба иловаи Ибни ал-Барроҷ аст, ки ӯ ҳам аҳли Ҳалаб будааст. Бино бар он чӣ дар "*Мустадрак*" зимни аҳволи Шайх Тӯсӣ омадааст, Ибни Зуҳра китоби "*Анниҳоя*"-и Шайх Тӯсиро назди Абӯалӣ Ҳасан ибни Ҳасан маъруф ба Ибни ал-Ҳоҷиби Ҳалабӣ хондааст, ва ӯ он китобро назди Абӯабдуллоҳ Зайнободӣ дар Наҷаф ва ӯ назди Шайх Рашидуддин Алӣ ибни Зираки Қумӣ ва Сайид Абӯҳошими Ҳусайнӣ ва он ду назди Шайх Абдулҷаббори Розӣ таҳсил карда будаанд ва Шайх Абдулҷаббор шогирди Шайх Тӯсӣ будааст. Бино бар ин нақл, Ибни Зуҳра бо чаҳор восита шогирди Шайх Тӯсӣ будааст.

12) *Ибни Ҳамзаи Тӯсӣ*, маъруф ба Имодуддини Тӯсӣ. Ҳамтабақаи шогирдони Шайх Тӯсӣ аст. Баъзе ӯро ҳамтабақаи шогирдони шогирдони Шайх дониста ва баъзе давраи ӯро аз ин ҳам мутааххиртар донистаанд. Ниёз ба таҳқиқи бештаре аст. Соли вафоташ дақиқан маълум нест, шояд дар ҳудуди нимаи дуввуми қарни шашум даргузаштааст. Аҳли Хуросон аст. Китоби маъруфаш дар фиқҳ ба номи "*Васила*" аст.

13) *Ибни Идриси Ҳиллӣ*. Аз фуҳули уламои шиъа аст. Худаш араб аст ва Шайх Тӯсӣ ҷадди модарии ӯ (албатта маъалвосита) ба шумор меравад. Ба ҳуррияти фикр маъруф аст. Савлату ҳайбати ҷаддаш Шайх Тӯсиро шикаст. Нисбат ба уламо ва фуқаҳо то сарҳадди иҳонат интиқод мекард. Дар соли 598 дар синни 55-солагӣ даргузаштааст. Китоби нафис ва маъруфи ӯ дар фиқҳ ба номи "*Сароир*" аст. Гуфтаанд, ки Ибни Идрис аз таломизи Сайид Абулмакорим ибни Зуҳра будааст, вале бино бар таъбироте, ки Ибни Идрис дар китоби "*Алвадиъа*" аз китоби "*Сароир*" мекунад, чунин бармеояд, ки сирфан муосири вай будааст ва ӯро мулоқот кардааст ва дар бархе масоили фиқҳӣ миёни онҳо мукотиботе радду бадал шудааст.

14) *Шайх Абулқосим Ҷаъфар ибни Ҳасан ибни Яҳё ибни Саъиди Ҳиллӣ*, маъруф ба Муҳаққиқ. Соҳиби китобҳои зиёд дар фиқҳ (ва усул) аз он ҷумла "*Шаройеъ*", "*Маъориҷ*", "*Мӯътабар*", "*Алмухтасар*", "*Алнофеъ*" ва ғайра аст. Муҳаққиқи Ҳиллӣ бо як восита шогирди Ибни Зуҳра ва Ибни Идриси Ҳиллии собиқуззикр аст. Дар "*Алкуно вал-алқоб*" зайли аҳволи Ибни Намо менависад: "*Муҳаққиқи Каракӣ дар васфи Муҳаққиқи Ҳиллӣ гуфтааст: аълами асотиди муҳаққиқ дар фиқҳи Аҳли байт Муҳаммад ибни Намои Ҳиллӣ ва аҷалли асотиди ӯ Ибни Идриси Ҳиллӣ аст*".

Зоҳиран мақсуди Муҳаққиқи Каракӣ ин аст, ки аҷалли асотиди Ибни Намо Ибни Идрис аст, зеро Ибни Идрис дар 598 даргузаштааст ва Муҳаққиқ дар 676 даргузаштааст. Қатъан Муҳаққиқ ҳавзаи дарси Ибни Идрисро дарк накардааст. Дар "*Райҳонатул-адаб*" менависад: "Муҳаққиқи Ҳиллӣ шогирди ҷадд ва падари худаш ва Сайид Фихор ибни Муъидди Мӯсавӣ ва Ибни Зуҳра будааст. Ин низ иштибоҳ аст, зеро Муҳаққиқ Ибни Зуҳраро, ки дар 585 даргузаштааст дарк накардааст. Баъид нест, ки падари Муҳаққиқ шогирди Ибни Зуҳра будааст.

Ӯ устоди Алломаи Ҳиллист, ки баъдан хоҳад омад. Дар фиқҳ касеро бар ӯ муқаддам намешуморанд. Дар истилоҳи фуқаҳо ҳар гоҳ Муҳаққиқ ба таври мутлақ гуфта шавад, мақсуд ҳамин шахси бузургвор аст. Файласуф ва риёзидони бузург Хоҷа Насируддини Тӯсӣ бо ӯ дар Ҳилла мулоқот карда ва дар ҷаласаи дарси фиқҳаш ҳузур ёфтааст. Китобҳои Муҳаққиқ махсусан китоби "*Шаройеъ*" дар миёни туллоб як китоби дарсӣ буда ва ҳаст ва фуқаҳои зиёде китобҳои Муҳаққиқро шарҳ карда ё ҳошия бар онҳо навиштаанд.

15) *Ҳасан ибни Юсуф ибни Алӣ ибни Мутаҳҳари Ҳиллӣ*, маъруф ба Алломаи Ҳиллӣ. Яке аз уҷубаҳои рӯзгор аст. Дар фиқҳ, усул, калом, мантиқ, фалсафа, риҷол ва ғайра китоб навиштааст. Дар ҳудуди сад китоб аз осори хаттӣ ё чопии ӯ шинохта шуда, ки баъзе аз онҳо ба танҳоӣ (монанди "*Тазкиратул-фуқаҳо*") кофист, ки нубуғи ӯро нишон диҳад. Аллома китобҳои зиёде дар фиқҳ дорад, ки ғолиби онҳо монанди китобҳои Муҳаққиқи Ҳиллӣ дар замонҳои баъд аз ӯ аз тарафи фуқаҳо шарҳ ва ҳошия шудааст. Китобҳои маъруфи фиқҳии Аллома иборат аст аз: Иршод, Табсиратул-мутаъаллимин, Қавоъид, Таҳрир, Тазкиратул-фуқаҳо, Мухталафуш-шиъа, Мунтаҳо… Аллома асотиди зиёде доштааст. Дар фиқҳ шогирди доии худ Муҳаққиқи Ҳиллӣ ва дар фалсафа ва мантиқ шогирди Хоҷа Насируддини Тӯсӣ будааст. Фиқҳи тасаннунро назди уламои аҳли тасаннун таҳсил кардааст. Аллома дар соли 648 мутаваллид шуда ва дар соли 726 даргузаштааст.

16) *Фахрулмуҳаққиқин*, писари Алломаи Ҳиллӣ. Дар 682 мутаваллид шуда ва дар соли 771 даргузаштааст. Алломаи Ҳиллӣ дар муқаддимаи "*Тазкиратул-фуқаҳо*" ва дар муқаддимаи китоби "*Қавоъид*" аз фарзандаш ба таҷлил ёд кардааст ва дар охири "*Қавоъид*" орзу карда, ки писар баъд аз падар корҳои нотамоми ӯро тамом кунад. Фахрулмуҳаққиқин китобе

дорад ба номи "*Изоҳул-фавоид фи шарҳи мушкилотил-қавоъид*". Орои Фахрулмуҳаққиқин дар китоби "*Изоҳ*", дар китобҳои фиқҳӣ мавриди тавоҷҷӯҳ аст.

17) *Муҳаммад ибни Маккӣ*, маъруф ба Шаҳиди Аввал. Шогирди Фахрулмуҳаққиқин ва аз аъзими фуқаҳои шиъа аст. Дар радифи Муҳаққиқ Ҳиллӣ ва Алломаи Ҳиллӣ аст. Аҳли Ҷабали Омил аст, ки минтақаест дар ҷануби Лубнон ва аз қадимтарин марокизи ташайюъ аст ва ҳамакнун низ як маркази шиъӣ аст. Шаҳиди Аввал дар соли 734 мутаваллид шуда ва дар 786 ба фатвои як фақеҳи моликимазҳаб ва таъйиди як фақеҳи шофеимазҳаб шаҳид шудааст. Ӯ шогирди шогирдони Алломаи Ҳиллӣ ва аз он ҷумла Фахрулмуҳаққиқин будааст. Китобҳои маъруфи Шаҳиди Аввал дар фиқҳ иборат аст аз: Лумъа, ки дар муддати кӯтоҳе дар ҳамон зиндоне, ки мунҷар ба шаҳодаташ шуд таълиф кардааст, ва аҷиб ин аст, ки ин китоби шарифро дар ду қарн баъд фақеҳе бузург шарҳ кард, ки ӯ сарнавиште монанди муаллиф пайдо кард, яъне шаҳид шуд ва "Шаҳиди Сонӣ" лақаб гирифт. Шарҳи Лумъа таълифи Шаҳиди Сонист, ки ҳамвора аз китобҳои дарсии туллоб буда ва ҳаст. Китобҳои дигари Шаҳиди Аввал иборат аст аз: Дурус, Зикро, Баён, Алфия, Қавоъид. Ҳамаи китобҳои ӯ аз нафоиси осори фиқҳӣ аст. Китобҳои Шаҳиди Аввал низ монанди китобҳои Муҳаққиқ ва Алломаи Ҳиллӣ дар асрҳои баъд, аз тарафи фуқаҳо шарҳҳо ва ҳошияҳои зиёд хӯрдааст.

Дар миёни фуқаҳои шиъа, китобҳои се шахсияти фавқуззикр яъне Муҳаққиқи Ҳиллӣ, Алломаи Ҳиллӣ, Шаҳиди Аввал — ки дар қарни ҳафтум ва ҳаштум мезистаанд — ба сурати мутуни фиқҳӣ даромада ва дигарон бар онҳо шарҳу ҳошия навиштаанд ва касе дигар намебинем, ки чунин иноятеро ба осори ӯ шуда бошад. Фақат дар як қарни гузашта ду китоб аз китобҳои Шайх Муртазо Ансорӣ — ки дар ҳудуди 113 сол аз вафоташ мегузарад — чунин вазъе ба худ гирифтааст.

Хонадони Шаҳиди Аввал хонадони илму фазлу фиқҳ будаанд ва наслҳои мутаволӣ ин шарофатро барои худ нигаҳдорӣ кардаанд. Шаҳид се писар дорад, ки ҳар се аз уламо ва фуқаҳо будаанд, ҳамчунон ки ҳамсараш Умми Алӣ ва духтараш Умми Ҳасан низ фақеҳа будаанд ва Шаҳид занонро дар порае аз масоили фиқҳӣ ба ин ду бонуи фозила ирҷоъ мекардааст. Дар китоби "*Райҳонатул-адаб*" менависад: "*Баъзе аз бузургон Фотима духтари Шаҳидро "Шайха" ва "Ситтул-машойих" яъне Сайидатул-машойих лақаб додаанд*".

18) *Фозили Миқдод*. Аҳли Сюр аст, ки аз қурои Ҳилла аст. Аз шогирдони мубрази Шаҳиди Аввал аст. Китоби маъруфи ӯ дар фиқҳ, ки чоп шуда ва дар даст аст ва аз ӯ нақл мешавад, китоби "*Канзул-ирфон*" аст. Ин китоб оётулаҳком аст, яъне дар ин китоб он силсила аз оятҳои каримаи Қуръон, ки аз онҳо масоили фиқҳӣ истинбот мешавад ва дар фиқҳ матраҳ мегардад тафсир шуда ва ба сабки фиқҳӣ ба онҳо истидлол шудааст. Дар шиъа ва суннӣ китобҳои зиёде дар оётулаҳком навишта шудааст ва "*Канзул-ирфон*"-и Фозили Миқдод беҳтарин ва ё аз беҳтарини онҳост. Фозили Миқдод дар соли 826 вафот кардааст. Бинобар ин, ӯ аз уламои қарни нӯҳуми ҳичрӣ маҳсуб мешавад.

19) *Ҷамолуссоликин* Абулаббос Аҳмад ибни Фаҳди Ҳиллии Асадӣ. Дар соли 757 мутаваллид шуда ва дар соли 841 вафот ёфтааст. Дар табақаи шогирдони Шаҳиди Аввал ва Фахрулмуҳаққиқин аст. Машойихи ҳадиси ӯ Фозили Миқдоди собиқуззикр ва Шайх Алӣ ибни Хозини фақеҳ ва Шайх Баҳоуддин Алӣ ибни Абдулкарим аст. Алаззоҳир асотиди фиқҳии ӯ низ ҳаминҳо ҳастанд. Ибни Фаҳд таълифоти фиқҳии мӯътабаре дорад аз қабили "*Ал-муҳаззабул-бореъ*", ки шарҳи "*Мухтасарун-нофеъ*"-и Муҳаққиқи Ҳиллист, ва шарҳи Иршоди Аллома ба номи "*Ал-муқтасир*" ва шарҳи Алфияи Шаҳиди Аввал. Шӯҳрати бештари Ибни Фаҳд дар ахлоқ ва сайру сулук аст. Китоби машҳури ӯ дар ин замина "*Уддатуд-доъӣ*" аст.

20) *Шайх Алӣ ибни Ҳилоли Ҷазоирӣ*. Зоҳид ва муттақӣ ва ҷомеъи маъқулу манқул будааст. Устоди ривояташ Ибни Фаҳди Ҳиллӣ аст ва баъид нест, ки устоди фиқҳи вай низ ҳам ӯ бошад. Мегӯянд, дар асри худаш шайхулислом ва раиси шиъа будааст. Муҳаққиқи Каракӣ шогирди ӯ буда ва ӯро ба сифати фақоҳат ва шайхулисломӣ сутудааст. Ибни Абиҷумҳури Эҳсоӣ низ фиқҳро назди ӯ таҳсил кардааст.

21) *Шайх Алӣ ибни Абдулъоли Каракӣ*, маъруф ба Муҳаққиқи Каракӣ ё Муҳаққиқи Сонӣ. Аз фуқаҳои Ҷабали Омил аст ва аз акобири фуқаҳои шиъа аст. Дар Шом ва Ироқ таҳсилоти худро такмил карда ва сипас ба Эрон (дар замони шоҳ Таҳмосби Аввал) омада ва мансаби шайхулисломӣ барои аввалин бор дар Эрон ба ӯ тафвиз шуд. Мансаби шайхулисломӣ баъд аз Муҳаққиқи Каракӣ ба шогирдаш Шайх Алӣ Миншор, падарзани Шайх Баҳоӣ расид ва баъд аз ӯ ин мансаб ба Шайх Баҳоӣ вогузор шуд. Фармоне, ки шоҳ Таҳмосб ба номи ӯ навишта ва ба ӯ ихтиёроти томм дода ва дар ҳақиқат ӯро соҳибихтиёри воқеӣ ва худро

намояндаи ӯ донистааст маъруф аст. Китоби маъруфи ӯ, ки дар фиқҳ зиёд ном бурда мешавад, "*Ҷомеъул-мақосид*" аст, ки шарҳи "*Қавоъид*"-и Алломаи Ҳиллӣ аст. Ӯ илова бар ин, "*Мухтасарун-нофеъ*"-и Муҳаққиқ ва "*Шаройеъ*"-и Муҳаққиқ ва чанд китоби дигар аз Аллома ва чанд китоб аз Шаҳиди Аввалро ҳошия зада ва ё шарҳ кардааст.

Омадани Муҳаққиқи Сонӣ ба Эрон ва ташкили ҳавза дар Қазвин ва сипас дар Исфаҳон ва парвариши шогирдоне мубраз дар фиқҳ, сабаб шуд, ки барои аввалин бор пас аз давраи Садуқайн, Эрон маркази фиқҳи шиъа бишавад. Муҳаққиқи Каракӣ миёни солҳои 937 ва 941 даргузаштааст. Муҳаққиқи Каракӣ шогирди Алӣ ибни Ҳилоли Ҷазоирӣ ва ӯ шогирди Ибни Фаҳди Ҳиллӣ будааст. Ибни Фаҳди Ҳиллӣ шогирди шогирдони Шаҳиди Аввал аз қабили Фозили Миқдод буда. Бинобар ин ӯ ба ду восита шогирди Шаҳиди Аввал аст. Писари Муҳаққиқи Каракӣ ба номи Шайх Абдулъолӣ ибни Алӣ ибни Абдулъолӣ низ аз фуқаҳои шиъа аст. Иршоди Аллома ва Алфияи Шаҳидро шарҳ кардааст.

22) *Шайх Зайнуддин* маъруф ба Шаҳиди Сонӣ. Аз аъозими фуқаҳои шиъа аст. Марде ҷомеъ буда ва дар улуми мухталиф даст доштааст. Аҳли Ҷабали Омил аст. Ҷадди шашуми ӯ "Солеҳ" номест, ки шогирди Алломаи Ҳиллӣ будааст. Зоҳиран аслан аҳли Тӯс будааст, аз ин рӯ Шаҳиди Сонӣ гоҳе "*Аттусиюш-шомӣ*" имзо мекардааст. Шаҳиди Сонӣ дар соли 911 мутаваллид шуда ва дар 966 шаҳид шудааст. Мусофирати зиёд карда ва асотиди зиёд дидааст. Ба Миср, Димишқ, Ҳичоз, Байтулмуқаддас, Ироқ ва Истонбул мусофират карда ва аз ҳар хирмане хӯшаҳое чидааст. Танҳо асотиди суннии ӯро дувоздаҳ тан навиштаанд ва ба ҳамин ҷиҳат марде ҷомеъ будааст. Илова бар фиқҳу усул, аз фалсафа ва ирфон ва тибб ва нуҷум ҳам огоҳӣ доштааст. Фавқулъода зоҳид ва муттақӣ будааст. Шогирдонаш дар аҳволаш навиштаанд, ки дар айёми тадрис, шабҳо ба ҳезумкашӣ барои иъошаи хонадонаш мерафт ва субҳ ба тадрис менишаст. Муддате дар Баълабак ба панҷ мазҳаб (ҷаъфарӣ, ҳанафӣ, шофеӣ, моликӣ, ҳанбалӣ) тадрис мекардааст. Шаҳид таълифоти зиёде дорад. Маъруфтарин таълифи ӯ дар фиқҳ Шарҳи Лумъаи Шаҳиди Аввал ва дигар "*Масоликул-афҳом*" аст, ки шарҳи "*Шаройеъ*"-и Муҳаққиқи Ҳиллӣ аст. Шаҳиди Сонӣ назди Муҳаққиқи Каракӣ (қабл аз он ки Муҳаққиқ ба Эрон биёяд) таҳсил кардааст. Шаҳиди Сонӣ ба Эрон наомад. Соҳиби "*Маъолим*", ки аз маъорифи уламои шиъа аст фарзанди Шаҳиди Сонӣ аст.

23) *Аҳмад ибни Муҳаммад Ардабилӣ*, маъруф ба Муқаддаси Ардабилӣ. Зарбулмасали зуҳду тақвост ва дар айни ҳол аз муҳаққиқони фуқаҳои шиъа аст. Муҳаққиқи Ардабилӣ дар Наҷаф сукно гузид. Муосири Сафавия аст. Гӯянд, шоҳ Аббос исрор дошт, ки ба Исфаҳон биёяд, ҳозир нашуд. Шоҳ Аббос хеле моил буд, ки Муқаддаси Ардабилӣ хидмате ба ӯ ирҷоъ кунад, то ин ки иттифоқ афтод, ки шахсе ба иллати тақсире аз Эрон фирор кард ва дар Наҷаф аз Муқаддаси Ардабилӣ хост, ки назди шоҳ Аббос шафоат кунад. Муқаддас номае ба шоҳ Аббос навишт ба ин мазмун:

"*Бонии мулки орият Аббос бидонад: агарчӣ ин мард аввал золим буд, акнун мазлум менамояд. Чунончи аз тақсири ӯ бигузарӣ, шояд, ки Ҳақ Субҳонаҳу аз порае тақсироти ту бигзарад. Бандаи шоҳи вилоят Аҳмади Ардабилӣ*."

Шоҳ Аббос навишт:

"*Ба арз мерасонад: Аббос хадамоте, ки фармуда будед ба ҷон миннат дошта, ба тақдим расонид. Умед, ки ин муҳибро аз дуои хайр фаромӯш нафармоед. Калби остони Алӣ, Аббос*."

Худдории Муқаддаси Ардабилӣ аз омадан ба Исфаҳон сабаб шуд, ки ҳавзаи Наҷаф ба унвони маркази дигар дар муқобили ҳавзаи Исфаҳон эҳё шавад, ҳамчунон ки худдории Шаҳиди Сонӣ ва писараш Шайх Ҳасан соҳиби "*Маъолим*" ва духтарзодааш Сайид Муҳаммад соҳиби "*Мадорик*" аз муҳоҷират аз Ҷабали Омил ба Эрон сабаб шуд, ки ҳавзаи Шом ва Ҷабали Омил ҳамчунон идома ёбад ва мунқариз нагардад. Соҳиби "*Маъолим*" ва соҳиби "*Мадорик*" барои ин ки дучори маҳзур ва рӯдарбоистӣ барои таваққуф дар Эрон нашаванд, аз зиёрати ҳазрати Ризо алайҳис-салом, ки фавқулъода муштоқи он буданд сарфи назар карданд.

Ин банда феълан намедонад, ки Муқаддаси Ардабилӣ фиқҳро куҷо ва назди чӣ касе таҳсил кардааст. Ҳамин қадр медонем, ки фиқҳро назди шогирдони Шаҳиди Сонӣ таҳсил кардааст. Писари Шаҳиди Сонӣ (соҳиби "*Маъолим*") ва наводаи духтариаш (соҳиби "*Мадорик*") дар Наҷаф шогирди ӯ буданд. Дар китоби зиндагии Ҷалолуддини Даввонӣ менависад, ки:

"*Мулло Аҳмади Ардабилӣ, Мавлоно Абдуллоҳи Шуштарӣ, Мавлоно Абдуллоҳи Яздӣ, Хоҷа Афзалуддини Турка, Мир Фахруддини Ҳамокӣ, Шоҳ Абӯмуҳаммади Шерозӣ, Мавлоно Мирзоҷон*

ва Мир Фатҳи Шерозӣ шогирдони Хоҷа Ҷамолуддин Маҳмуд будаанд ва ӯ шогирди Муҳаққиқ Ҷалолуддини Даввонӣ будааст."

Ва зоҳиран таҳсили Муқаддаси Ардабилӣ назди Хоҷа Ҷамолуддин Маҳмуд дар ришташои маъқул буда, на манқул. Муқаддаси Ардабилӣ дар соли 993 дар Наҷаф даргузаштааст. Китобҳои фиқҳии маъруфи ӯ яке Шарҳи Иршод аст ва дигар Оётулаҳком. Назариёти дақиқи ӯ мавриди таваҷҷӯҳи фуқаҳост.

24) *Шайх Баҳоуддин Муҳаммади Омилӣ*, маъруф ба Шайх Баҳоӣ. Ӯ низ аҳли Ҷабали Омил аст. Дар кӯдакӣ ҳамроҳи падараш Шайх Ҳусайн ибни Абдуссамад — ки аз шогирдони Шаҳиди Сонӣ буд — ба Эрон омад. Шайх Баҳоӣ аз ин рӯ, ки ба кишварҳои мухталиф мусофират карда ва маҳзари асотиди мухталиф дар ришташои мухталифро дарк карда ва ба илова дорои истеъдод ва завқи саршор будааст, марде ҷомеъ буда ва таълифоти мутанаввеъе дорад. Ҳам адиб буда ва ҳам шоир ва ҳам файласуф ва ҳам риёзидон ва муҳандис ва ҳам фақеҳ ва ҳам муфассир. Аз тибб низ бебаҳра набудааст. Аввалин касест, ки як давра аҳкоми фиқҳи ғайри истидлолӣ ба сурати рисолаи амалия ба забони форсӣ навишт. Он китоб ҳамон аст, ки ба номи "*Ҷомеъи Аббосӣ*" маъруф аст.

Шайх Баҳоӣ чун фиқҳ ришташои ихтисосӣ ва тахассусиаш набуда, аз фуқаҳои тирози аввал ба шумор намеравад, вале шогирдони зиёде тарбият кардааст. Муллосадрои Шерозӣ ва Мулло Муҳаммадтақии Маҷлисии Аввал (падари Маҷлисии Дуввум соҳиби китоби "Биҳорул-анвор"), Муҳаққиқи Сабзаворӣ, Фозили Ҷавод соҳиби "*Оётулаҳком*" аз шогирдони ӯянд. Ҳамчунон ки қаблан ишора кардем, мансаби шайхулисломии Эрон пас аз Муҳаққиқи Каракӣ ба Шайх Алӣ Миншор падарзани Шайх Баҳоӣ расид ва пас аз ӯ ба Шайх Баҳоӣ расид. Ҳамсари Шайх Баҳоӣ, ки духтари Шайх Алӣ Миншор будааст, зане фозила ва фақеҳа будааст. Шайх Баҳоӣ дар соли 953 ба дунё омада ва дар соли 1030 ё 1031 даргузаштааст. Шайх Баҳоӣ зимнан марде ҷаҳонгард будааст. Ба Миср, Шом, Ҳиҷоз, Ироқ, Фаластин, Озарбойҷон ва Ҳирот мусофират кардааст.

25) *Мулло Муҳаммадбоқири Сабзаворӣ*, маъруф ба Муҳаққиқи Сабзаворӣ. Аҳли Сабзавор буда ва дар мактаби Исфаҳон, ки ҳам мактаби фиқҳӣ буд ва ҳам фалсафӣ парвариш ёфта ва аз ин рӯ ҷомеъи маъқулу манқул будааст. Номи ӯ дар китобҳои фиқҳӣ зиёд бурда мешавад. Китоби маъруфи ӯ дар фиқҳ яке ба номи "*Захира*" ва дигаре ба номи "*Кифоя*" аст.

Ва чун файласуф ҳам будааст, бар "*Илоҳиёти Шифо*"-и Абӯалӣ Сино ҳошия навишта. Дар соли 1090 даргузаштааст. Муҳаққиқи Сабзаворӣ назди Шайх Баҳоӣ ва Маҷлисии Аввал таҳсил кардааст.

26) *Оқоҳусайни Хонсорӣ*, маъруф ба Муҳаққиқи Хонсорӣ. Ӯ низ дар мактаби Исфаҳон парвариш ёфта ва ҷомеъи маъқулу манқул аст. Шавҳархоҳари Муҳаққиқи Сабзаворӣ аст. Китоби маъруфи ӯ дар фиқҳ ба номи "*Машориқуш-шумус*" аст, ки шарҳи китоби "*Дурус*"-и Шаҳиди Аввал аст. Муҳаққиқи Хонсорӣ дар соли 1098 даргузаштааст. Ӯ бо Муҳаққиқи Сабзаворӣ муосир аст ва ҳамчунин бо Мулло Муҳсини Файзи Кошонӣ ва Мулло Муҳаммадбоқири Маҷлисӣ, ки ҳар ду аз акобири муҳаддисин ба шумор мераванд.

27) *Ҷамолулмуҳаққиқин,* маъруф ба Оқоҷамоли Хонсорӣ фарзанди Оқоҳусайни Хонсории собиқуззикр аст. Монанди падар ҷомеъи маъқулу манқул аст. Ҳошияи маъруфе дорад бар Шарҳи Лумъа ва ҳошияи мухтасаре дорад бар "*Табииёти Шифо*"-и Бӯалӣ, ки дар ҳошияи "*Шифо*"-и чопи сангии Теҳрон чоп шудааст. Оқоҷамол бо ду восита устоди Сайид Муҳаммади Баҳрулулум аст, зеро ӯ устоди Сайид Иброҳими Қазвинӣ аст ва ӯ устоди писараш Сайид Ҳусайни Қазвинӣ аст ва Сайид Ҳусайни Қазвинӣ яке аз асотиди Баҳрулулум аст.

28) *Шайх Баҳоуддини Исфаҳонӣ* маъруф ба "Фозили Ҳиндӣ". Ин мард "*Қавоъид*"-и Алломаро шарҳ кардааст ва номи китобаш "*Кашфул-лисом*" аст ва ба ҳамин муносибат худи ӯро "*Кошифул-лисом*" мехонанд. Оро ва ақоид ва назариёти ӯ комилан мавриди таваҷҷӯҳи фуқаҳост. Фозили Ҳиндӣ дар соли 1137 дар гирудори фитнаи афғон даргузашт. Фозили Ҳиндӣ низ ҷомеъи маъқулу манқул будааст.

29) *Муҳаммадбоқир ибни Муҳаммадакмали Беҳбаҳонӣ*, маъруф ба "Ваҳиди Беҳбаҳонӣ". Ин мард шогирди Сайид Садруддини Разавии Қумӣ шореҳи "*Вофия*" ва ӯ шогирди Оқоҷамоли Хонсории собиқуззикр аст. Ваҳиди Беҳбаҳонӣ дар давраи баъд аз Сафавия қарор дорад. Ҳавзаи Исфаҳон баъд аз инқирози Сафавия аз марказият афтод. Бархе аз уламо ва фуқаҳо, аз он ҷумла Сайид Садруддини Разавии Қумӣ устоди Ваҳиди Беҳбаҳонӣ дар асари фитнаи афғон ба атабот муҳоҷират карданд. Ваҳиди Беҳбаҳонӣ Карбалоро марказ қарор дод ва шогирдони бисёр бориз тарбият кард. Аз он ҷумла аст Сайид Муҳаммади Баҳрулулум, Шайх Ҷаъфар Кошифулғито, Мирзо Абулқосими Қумӣ (соҳиби

китоби “*Қавонин*”), Ҳоҷ Мулло Маҳдии Нароқӣ, Сайид Алӣ (соҳиби “*Риёз*”), Мирзо Маҳдии Шаҳристонӣ, Сайид Муҳаммадбоқири Шифтии Исфаҳонӣ маъруф ба “Ҳуҷҷатулислом”, Мирзо Маҳдии шаҳиди Машҳадӣ, Сайид Ҷавод (соҳиби “*Мифтоҳул-карома*”), Сайид Муҳсини Аърачӣ.

Илова бар ин, ӯ муборизаи пайгире кард дар дифоъ аз иҷтиҳод ва мубориза бо ахборигарӣ, ки дар он вақт сахт ривоҷ ёфта буд. Шикаст додани ахбориён ва тарбияти гурӯҳе муҷтаҳиди мубраз сабаб шуд, ки ӯро “Устодул-кулл” хонданд. Ӯ тақворо дар ҳадди камол дошт. Шогирдонаш барои ӯ эҳтироми бисёр амиқе қоил буданд. Ваҳиди Беҳбаҳонӣ насаб ба Маҷлисии Аввал мебарад, яъне аз наводаҳои духтарии Маҷлисии Аввал (албатта ба чанд восита) аст. Духтари Маҷлисии Аввал, ки ҷаддаи Ваҳиди Беҳбаҳонӣ аст ба номи “Омина Бегим” аст. Омина Бегим ҳамсари Мулло Солеҳи Мозандаронӣ буда ва зане фозила ва фақеҳа будааст. Бо он ки ҳамсараш Мулло Солеҳ марде бисёр олим ва фозил будааст, гоҳе Омина Бегим мушкилоти илмии шавҳари фозили худро ҳал мекардааст.

30) *Сайид Муҳаммади Баҳрулулум*. Шогирди бузург ва бузургвори Ваҳиди Беҳбаҳонӣ аст ва аз фуқаҳои бузург аст. Манзумае дар фиқҳ дорад, ки маъруф аст. Оро ва назариёти ӯ мавриди эътино ва таваҷҷӯҳи фуқаҳост. Баҳрулулум ба иллати мақомоти маънавӣ ва сайру сулуке, ки тай карда фавқулъода мавриди эҳтироми уламои шиъа аст ва “толии маъсум” ба шумор меравад. Каромоти зиёд аз ӯ нақл шудааст. Кошифулғито бо таҳтулҳанаки аммомаи худ ғубори наълайни ӯро пок мекард. Баҳрулулум дар соли 1154 ё 1155 мутаваллид шуда ва дар соли 1212 даргузаштааст.

31) *Шайх Ҷаъфар Кошифулғито*. Шогирди Ваҳиди Беҳбаҳонӣ ва шогирди ӯ Сайид Муҳаммади Баҳрулулум будааст. Ӯ араб аст ва фақеҳи фавқулъода моҳирест. Китоби маъруфи ӯ дар фиқҳ ба номи *“Кашфул-гито”* аст. Дар Наҷаф мезиста ва шогирдони зиёде тарбият кардааст. Сайид Ҷавод (соҳиби “*Мифтоҳул-карома*”) ва Шайх Муҳаммадҳасан (соҳиби “*Ҷавоҳирул-калом*”) аз ҷумлаи шогирдони ӯянд. Чаҳор писар дошта, ки ҳар чаҳор аз фуқаҳо будаанд. Кошифулғито муосири Фатҳалишоҳ аст. Дар муқаддимаи “*Кашфул-гито*” ӯро мадҳ карда ва дар соли 1228 даргузаштааст. Кошифулғито дар фиқҳ назариёти дақиқ ва амиқ дошта ва аз ӯ ба азамат ёд мешавад.

32) *Шайх Муҳаммадҳасан*, соҳиби китоби "*Ҷавоҳирул-калом*", ки шарҳи "*Шаройеъ*"-и Муҳаққиқ аст ва метавон онро доиратулмаорифи фиқҳи шиъа хонд. Акнун ҳеч фақеҳе худро аз "Ҷавоҳир" бениёз намедонад. Ин китоб мукаррар чопи сангӣ шудааст ва ахиран бо чопи ҳуруфӣ машғули чопаш ҳастанд ва дар ҳудуди панҷоҳ ҷилди 400 сафҳаӣ яъне дар ҳудуди 20 ҳазор сафҳа хоҳад шуд. Китоби "*Ҷавоҳир*" азимтарин китоби фиқҳии мусалмонон аст ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ҳар сатри ин китоб матлаби илмӣ аст ва мутолеаи як сафҳаи он вақт ва диққати зиёд мехоҳад, метавон ҳадс зад, ки таълифи ин китоби 20 ҳазор сафҳаӣ чӣ қадр нерӯ бурдааст. 30 соли тамом яксара кор кард, то чунин асари азиме ба вуҷуд овард. Ин китоб мазҳари нубуғ ва ҳиммату истиқомат ва ишқу имони як инсон ба кори хештан аст. Соҳиби "*Ҷавоҳир*" шогирди Кошифулғито ва шогирди шогирди ӯ Сайид Ҷавод (соҳиби *"Мифтоҳул-карома"*) аст ва худ дар Наҷаф ҳавзаи азиме дошта ва шогирдони зиёде тарбият кардааст. Соҳиби "*Ҷавоҳир*" араб аст. Дар замони худ марҷаъияти омма ёфт ва дар соли 1266, ки аввалҳои ҷулуси Носируддиншоҳ дар Эрон буд даргузашт.

33) *Шайх Муртазо Ансорӣ*. Насабаш ба Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ аз саҳобаи бузургвори Расули Худо мерасад. Дар Дизфул мутаваллид шуда ва то 20-солагӣ назди падари худ таҳсил карда ва он гоҳ ҳамроҳи падар ба атабот рафтааст. Уламои вақт, ки нубуғи хориқулодаи ӯро мушоҳида карданд, аз падар хостанд, ки ӯро набарад. Ӯ дар Ироқ чаҳор сол таваққуф кард ва аз маҳзари асотиди бузург истифода кард. Он гоҳ дар асари як силсила ҳаводиси ногувор ба ватани хеш бозгашт. Баъд аз ду сол бори дигар ба Ироқ рафт ва ду сол таҳсил кард ва ба Эрон мурочиат намуд. Тасмим гирифт аз маҳзари уламои билоди Эрон истифода кунад. Озими зиёрати Машҳад шуд ва дар Кошон бо Ҳоҷ Мулло Аҳмади Нароқӣ (соҳиби китоби *"Мустанадуш-шиъа"* ва соҳиби китоби маъруфи *"Ҷомеъус-саъода"*, фарзанди Ҳоҷ Мулло Маҳдии Нароқии собиқуззикр) мулоқот кард. Дидори Нароқӣ азми раҳили ӯро мубаддал ба иқомат кард ва се сол дар Кошон аз маҳзари ӯ истифода кард ва он гоҳ ба Машҳад рафт ва панҷ моҳ таваққуф намуд. Шайх Ансорӣ сафаре ба Исфаҳон ва сафаре ба Буруҷерд рафта ва дар ҳамаи сафарҳо ҳадафаш мулоқоти асотид ва истифода аз маҳзари онҳо будааст. Дар ҳудуди солҳои 1252 ва 1253 барои охирин бор ба атабот рафт ва ба кори тадрис пардохт. Баъд аз соҳиби "*Ҷавоҳир*" марҷаъияти омма ёфт.

Шайх Ансориро “хотамул-фуқаҳо вал-муҷтаҳидин” лақаб додаанд. Ӯ аз касонест, ки дар диққат ва умқи назар бисёр камназир аст. Илми усул ва биттабъ фиқҳро вориди марҳилаи ҷадиде кард. Ӯ дар фиқҳ ва усул ибтикороте дорад, ки бесобиқа аст. Ду китоби маъруфи ӯ “*Расоил*” ва “*Макосиб*” китоби дарсии туллоб шудааст. Уламои баъд аз ӯ шогирд ва пайрави мактаби ӯянд. Ҳавошии мутаъаддид аз тарафи уламои баъд аз ӯ бар китобҳои ӯ зада шуда. Баъд аз Муҳаққиқи Ҳиллӣ ва Алломаи Ҳиллӣ ва Шаҳиди Аввал, Шайх Ансорӣ танҳо касест, ки китобҳояш аз тарафи уламои баъд аз худаш мураттаб ҳошия хӯрдааст ва шарҳ шудааст. Зуҳд ва тақвои ӯ низ зарбулмасал аст ва достонҳо аз он гуфта мешавад. Шайх Ансорӣ дар соли 1281 дар Наҷаф даргузашта ва ҳамон ҷо дафн шудааст.

34) *Ҳоҷ Мирзо Муҳаммадҳасани Шерозӣ*, маъруф ба Мирзои Шерозии Бузург. Ибтидо дар Исфаҳон таҳсил кард ва сипас ба Наҷаф рафт ва дар ҳавзаи дарси соҳиби “*Ҷавоҳир*” ширкат кард ва баъд аз ӯ ба дарси Шайх Ансорӣ рафт ва аз шогирдони бориз ва тирози аввали Шайх шуд. Баъд аз Шайх Ансорӣ марҷаъияти омма ёфт. Дар ҳудуди 23 сол марҷаъи алалитлоқи шиъа буд, ва ҳам ӯ буд, ки бо таҳрими танбоку қарордоди маъруфи истеъморро лағв кард. Шогирдони зиёде дар ҳавзаи дарси ӯ тарбият шуданд аз қабили Охунд Мулло Муҳаммадкозими Хуросонӣ, Сайид Муҳаммадкозими Табатабоии Яздӣ, Ҳоҷ Оқоризо Ҳамадонӣ, Ҳоҷ Мирзо Ҳусайни Сабзаворӣ, Сайид Муҳаммади Фишоракии Исфаҳонӣ, Мирзо Муҳаммадтақии Шерозӣ ва ғайри инҳо. Аз ӯ асаре катбӣ боқӣ намондааст, вале аҳёнан бархе ороаш мавриди таваҷҷӯҳ аст. Дар соли 1312 даргузашт.

35) *Охунд Мулло Муҳаммадкозими Хуросонӣ*. Дар соли 1255 дар Машҳад дар як хонаводаи ғайримаъруф мутаваллид шуд ва дар 22-солагӣ ба Теҳрон муҳоҷират кард ва муддати кӯтоҳе таҳсили фалсафа кард ва сипас ба Наҷаф рафт. Ду сол дарси Шайх Ансориро дарк кардааст, аммо бештари таҳсилоташ назди Мирзои Шерозӣ будааст. Мирзои Шерозӣ дар соли 1291 Сомирроро маҳалли иқомати худ қарор дод, вале Охунди Хуросонӣ аз Наҷаф дур нашуд ва худаш мустақиллан ҳавзаи дарс ташкил дод. Ӯ аз мударрисини бисёр муваффақ аст. Дар ҳудуди 1200 шогирд аз маҳзараш истифода мекардаанд ва дар ҳудуди 200 нафари онҳо худ муҷтаҳид будаанд.

Фуқаҳои асри ахир назири Марҳум Оқо Сайд Абулҳасани Исфаҳонӣ, марҳум Ҳоҷ Шайх Муҳаммадҳусайни Исфаҳонӣ, марҳум Ҳоҷ Оқо Ҳусайни Буруҷердӣ, марҳум Ҳоҷ Оқо

Ҳусайни Қумӣ ва марҳум Оқо Зиёуддини Ироқӣ ҳама аз шогирдони ӯ будаанд. Шӯҳрати бештари Охунди Хуросонӣ дар илми усул аст. Китоби *"Кифоятул-усул"*-и ӯ як китоби дарсии муҳим аст ва ҳавошии зиёде бар он навишта шудааст. Орои усулии Охунди Хуросонӣ ҳамвора дар ҳавзаҳои илмия нақл мешавад ва мавриди таваҷҷӯҳ аст. Охунди Хуросонӣ ҳамон касест, ки фатво ба зарурати машрутият дод ва машрутияти Эрон раҳини ӯст. Ӯ дар соли 1329 ҳиҷрии қамарӣ даргузашт.

36) *Ҳоҷ Мирзо Ҳусайни Ноинӣ*. Аз акобири фуқаҳо ва усулиюни қарни чаҳордаҳуми ҳиҷрӣ аст. Назди Мирзои Шерозии собиқуззикр ва Сайид Муҳаммади Фишоракии Исфаҳонии собиқуззикр таҳсил кардааст ва худ мударриси олимақом шуд. Шӯҳрати бештари ӯ дар илми усул аст. Ба муъоризаи илмӣ бо марҳуми Охунди Хуросонӣ бархост ва аз худ назариёти ҷадиде дар илми усул овард. Бисёре аз фуқаҳои замони мо аз шогирдони ӯянд. Ӯ китобе нафис ба форсӣ дорад ба номи "*Танзеҳул-умма*" ё "*Ҳукумат дар ислом*", ки дар дифоъ аз машрутият ва мабонии исломии он навиштааст. Ӯ дар соли 1355 ҳиҷрии қамарӣ дар Наҷаф вафот ёфт.

Хулоса ва баррасӣ

Мо маҷмӯан 36 чеҳра аз чеҳраҳои мушаххаси фуқаҳоро аз замони ғайбати суғро ятне аз қарни севвуми ҳиҷрӣ то кунун — ки ба поёни қарни чаҳордаҳуми ҳиҷрии қамарӣ наздик мешавем — муаррифӣ кардем. Мо чеҳраҳоеро ном бурдем, ки дар дунёи фиқҳ ва усул шӯҳрати зиёде доранд, ятне ҳамвора аз замони худашон то асри ҳозир номашон дар дарсҳо ва дар китобҳо бурда мешавад. Албатта зимнан номи шахсиятҳои дигар ғайри ин 36 чеҳра низ бурда шуд. Аз маҷмӯи он чӣ гуфтем, чанд нукта маълум мегардад:

а) Аз қарни севвум то кунун фиқҳ як ҳаёти мустамир дошта ва ҳаргиз қатъ нашудааст. Ҳавзаҳои фиқҳӣ бидуни вақфа дар ин 11 қарну ним доир будааст. Робитаи устоду шогирдӣ дар ҳамаи ин муддат ҳаргиз қатъ нашудааст. Агар филмасал аз устоди бузургвори худ марҳум Оятуллоҳ Буруҷердӣ шурӯъ кунем, метавонем силсилаи асотиди фиқҳии эшонро то асри имомони атҳор ба таври мусалсал баён намоем. Чунин ҳаёти мутасалсил ва мутадовими 11 қарну ниме зоҳиран дар ҳеч тамаддун ва фарҳанг ғайр аз тамаддун ва фарҳанги исломӣ вуҷуд надорад. Истимрори фарҳангӣ ба маънии воқеӣ, ки як руҳ ва як

ҳаёт бидуни ҳеч вақфа ва инқитоъ, табақоти муназзам ва мураттаб ва мутаволиро дар қуруни инчунин дарозмуддат ба якдигар пайванд диҳад ва як руҳ бар ҳама ҳоким бошад, ҷуз дар тамаддун ва фарҳанги исломӣ натавон ёфт. Дар тамаддун ва фарҳангҳои дигар мо ба савобиқи тӯлонитаре аҳёнан бармехӯрем, вале бо вақфаҳо ва буридагиҳо ва инқитоъҳо.

Ҳамчунонки қаблан низ ёдоварӣ кардем, ин ки қарни севвумро, ки муқорин бо ғайбати суғрост мабдаъ қарор додем, на бад-он ҷиҳат аст, ки ҳаёти фиқҳи шиъа аз қарни севвум оғоз мешавад, балки бад-он ҷиҳат аст, ки қабл аз он аср, асри ҳузури имомони атҳор аст ва фуқаҳои шиъа таҳтушшуъои имомонанд ва истиқлоле надоранд, ва илло оғози иҷтиҳод ва фақоҳат дар миёни шиъа ва оғози таълиф китоби фиққӣ, ба аҳди саҳоба мерасад. Чунонки гуфтем, аввалин китобро Алӣ ибни Абирофеъ (бародари Убайдуллоҳ ибни Абирофеъ, котиб ва хазонадори Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис-салом дар замони хилофати он ҳазрат) навиштааст.

б) Бар хилофи тасаввури баъзеҳо, маорифи шиъа ва аз он ҷумла фиқҳи шиъа, танҳо ба василаи фуқаҳои эронӣ тадвин ва танзим нашудааст; эронӣ ва ғайриэронӣ дар он саҳим будаанд. То қабл аз қарни даҳуми ҳиҷрӣ ва зуҳури Сафавия, ғалаба бо аносури ғайриэронӣ аст ва танҳо аз авосити давраи Сафавия аст, ки ғалаба бо эрониён мегардад.

в) Маркази фиқҳ ва фақоҳат низ қабл аз Сафавия Эрон набудааст. Дар ибтидо Бағдод маркази фиқҳ буд. Сипас Наҷаф ба василаи Шайх Тӯсӣ марказ шуд. Тӯле накашид, ки Ҷабали Омил (аз ноҳияҳои ҷанубии Лубнони феълӣ) ва пас аз он ва қисмате муқорин бо он, Ҳилла (ки шаҳри кучаке аст дар Ироқ) маркази фиқҳ ва фақоҳат буд. Ҳалаб (аз ноҳияҳои Сурия) низ муддате маркази фуқаҳои бузург будааст. Дар даврони Сафавия буд, ки марказият ба Исфаҳон интиқол ёфт ва дар ҳамон замон ҳавзаи Наҷаф ба василаи Муқаддаси Ардабилӣ ва дигар акобир эҳё шуд, ки то имрӯз идома дорад. Аз шаҳрҳои Эрон, танҳо шаҳри Қум аст, ки дар қуруни аввали исломӣ, дар ҳамон замон, ки Бағдод маркази фақоҳати исломӣ буд, ба василаи фуқаҳое назири Алӣ ибни Бобавайҳ ва Муҳаммад ибни Қулавайҳ ба сурати яке аз марокизи фиққӣ даромад, ҳамчунон ки дар давраи Қоҷор ба василаи Мирзо Абулқосими Қумӣ (соҳиби "*Қавонин*") низ эҳё шуд ва бори дигар дар соли 1340 ҳиҷрии қамарӣ яъне дар ҳудуди 56 соли пеш ба василаи марҳум Ҳоҷ

Шайх Абдулкарими Ҳоирии Яздӣ бори дигар эҳё шуд ва акнун яке аз ду маркази бузурги фиқҳии шиъа аст.

Бинобар ин, гоҳе Бағдод, замоне Наҷаф, даврае Ҷабали Омил (Лубнон), бурҳае Ҳалаб (Сурия), муддате Ҳилла (Ироқ), аҳде Исфаҳон ва давронҳое Қум маркази нишоти фиқҳӣ ва фуқаҳои бузург будааст. Дар тӯли торих махсусан баъд аз Сафавия, дар шаҳрҳои дигари Эрон аз қабил Машҳад, Ҳамадон, Шероз, Язд, Кошон, Табрез, Занҷон, Қазвин ва Тун (Фирдавсии феълӣ) ҳавзаҳои илмияи азим ва мӯътабаре будааст, вале ҳеч як аз шаҳрҳои Эрон ба истиснои Қум ва Исфаҳон ва дар муддати кӯтоҳи Кошон, маркази фуқаҳои тирози аввал набуда ва олитарин ва ё дар радифи олитарин ҳавзаҳои фиқҳӣ ба шумор намерафтааст. Беҳтарин далел бар нишоти илмӣ ва фиқҳии ин шаҳрҳо вуҷуди мадориси бисёр олӣ ва торихист, ки дар ҳамаи шаҳристонҳои номбурда мавҷуд аст ва ёдгори ҷӯшу хурӯшҳои илмии давронҳои гузашта аст.

г) Фуқаҳои Ҷабали Омил нақши муҳимме дар хатти машйи Эрони Сафавия доштаанд. Чунонки медонем, Сафавия дарвеш буданд. Роҳе, ки ибтидо онҳо бар асоси суннати хосси дарвешии худ тай мекарданд, агар бо равиши фиқҳии амиқи фуқаҳои Ҷабали Омил таъдил намешуд, ва агар ба василаи он фуқаҳо ҳавзаи фиқҳии амиқе дар Эрон поягузорӣ намешуд, ба чизе мунтаҳӣ мешуд назири он чӣ дар алавиҳои Туркия ва ё Шом ҳаст. Ин ҷиҳат таъсири зиёде дошт дар ин ки аввалан равиши умумии давлат ва миллати эронӣ аз он гуна инҳирофот масун бимонад. Ва сониян ирфон ва тасаввуфи шиъӣ низ роҳи мӯътадилтаре тай кунад. Аз ин рӯ фуқаҳои Ҷабали Омил аз қабили Муҳаққиқи Каракӣ ва Шайх Баҳоӣ ва дигарон бо таъсиси ҳавзаи фиқҳии Исфаҳон ҳаққи бузурге ба гардани мардуми ин марзу бум доранд.

д) Ҳамон тавр, ки Шакиб Арсалон гуфтааст, ташайюъ дар Ҷабали Омил замонан муқаддам аст бар ташайюъ дар Эрон, ва ин яке аз далоили қатъӣ бар радди назарияи касонест, ки ташайюъро сохтаи эрониён медонанд. Баъзе мӯътақиданд, нуфузи ташайюъ дар Лубнон ба василаи Абӯзари Ғифорӣ, саҳобии муҷоҳиди бузург сурат гирифт. Абӯзар дар муддати иқомат дар минтақаи Шоми қадим — ки шомили ҳама ё қисмате аз Лубнони феълӣ низ буд — ҳамдӯши мубориза бо сарватандӯзиҳои Муовия ва соири умавиён, мароми поки ташайюъро низ таблиғ мекард.

Фуқаҳои аҳли тасаннун

Чунонки медонем, дар миёни фуқаҳои аҳли тасаннун чаҳор нафар ба унвони соҳибмазҳаб ва соҳибмактаб хонда мешаванд ва тасаннун тобеи яке аз ин чаҳор пешво мебошад, яъне Абӯҳанифа, Шофеӣ, Молик ибни Анас, Аҳмад ибни Ҳанбал. Вале инҳисори мазҳаб ва мактаб ба ин чаҳор нафар дар қарни ҳафтуми ҳичрӣ рух дод. Қаблан дар ҳудуди даҳ мактаб ва мазҳаб дар миёни аҳли тасаннун мавҷуд буд.

Мо баҳси худро дар бораи фуқаҳои аҳли тасаннун ба се бахш тақсим мекунем: давраи пеш аз пешвоёни мазоҳиб, давраи пешвоён, давраи баъд аз пешвоён.

Давраи қабл аз пешвоён давраи тобеин аст, давраи касонест, ки Расули Акрамро дарк накардаанд, аммо саҳобаи он ҳазратро дарк кардаанд. Дар ин давра ҳафт нафар дар Мадина буданд, ки ба “фуқаҳои сабъа” маъруфанд. Ва онҳо иборатанд аз:

1) *Абӯбакр ибни Абдурраҳмон ибни Ҳорис ибни Ҳишоми Махзумӣ*. Ин мард аз Қурайш аст. Дар соли 94 даргузаштааст.

2) *Саъид ибни Мусайиби Махзумӣ*. Ин мард низ аз Қурайш аст. Ба зуҳду ибодат маъруф аст. Гӯянд, панҷоҳ сол шабзиндадорӣ кард ва бо вузӯи намози ишо намози субҳро хонд. Саъид ибни Мусайиб дар ҳудуди соли 91 даргузаштааст.

3) *Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр*. Наводаи Абӯбакр ва ҷадди модарии Имом Содиқ аст. Модари Қосим — чунонки маъруф аст — яке аз духтарони Яздгирди сосонӣ аст. Бино бар ин нақл, Қосим аз тарафи падар қурашӣ ва аз тарафи модар эронӣ аст. Вай дар фосилаи солҳои 100 ва 110 даргузаштааст.

4) *Хориҷа ибни Зайд ибни Собити Ансорӣ*, вафотёфта дар ҳудуди соли 99. Ин мард писари Зайд ибни Собити Ансории маъруф аст.

5) *Сулаймон ибни Ясор*. Ин мард аз маволӣ ва эҳтимолан эронӣ аст. Дар ҳудуди соли 94 даргузаштааст.

6) *Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Утба ибни Масъуд*, вафотёфта дар ҳудуди соли 98. Ин мард бародарзодаи Абдуллоҳ ибни Масъуд саҳобии маъруф аст.

7) Урва ибни Зубайр, вафотёфта дар ҳудуди соли 94. Ин шахс писари Зубайр ибни Аввом саҳобии маъруф аст.

Чунонки маълум шуд, аз ин ҳафт нафар як нафар (Сулаймон ибни Ясор) эҳтимолан эронист, як нафари дигар (Қосим ибни Муҳаммад) бино бар як нақл — ки чандон мӯътабар нест — аз тарафи модар эронист, боқӣ ҳама араби холиси маккӣ ё маданӣ мебошанд. Дар ин давра афроди барҷастаи дигаре ҳастанд, ки баъзе аз онҳо эронӣ мебошанд. Аз ҷумла Рабиъатур-раъй фақеҳи машҳур аст. Вай устоди Молик ибни Анас пешвои моликиён будааст. Амал ба қиёсро ӯ ибдоъ ва ибтикор кард. Рабиъатур-раъй дар соли 136 даргузаштааст.

Ва аз он ҷумла Товус ибни Кайсон аст. Товус аз маволии эронӣ ва муосири фуқаҳои сабъа аст. Ӯ дар 104 ё 106 даргузаштааст.

Дигар, Сулаймони Аъмаш аст, ки эронӣ аст. Аз фуқаҳои қарни аввал шумурда мешавад. Қаблан аз ӯ ёд кардем.

Дигар, Икрима ғуломи Ибни Аббос аст. Икрима як ғуломи барбарӣ аст ва эронӣ нест. Икрима ба мақоми фақоҳат ва тафсир ноил шуд. Дар китобҳои фиқҳ ва тафсир аз ӯ ном бурда мешавад.

Аммо табақаи пешвоён:

1) *Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит ибни Зутӣ ё Нӯъмон ибни Собит ибни Нӯъмон ибни Марзбон*, вафотёфта дар соли 150. Абӯҳанифа як нафар эронист, ки Имоми Аъзам мехонанд. Дар ҷомеаи тасаннун, баъд аз Пайғамбари Акрам ва хулафои рошидин ва Ҳасанайн алайҳимас-салом ҳеч кас ба андозаи Абӯҳанифа мӯҳтарам нест. Пайравонаш дар Эрон бисёр андаканд, аммо дар ғайри Эрон беш аз 100 милюн пайрав дорад.

2) *Муҳаммад ибни Идриси Шофеӣ*, вафотёфта дар соли 204. Шофеӣ араби қурашӣ аст. Шофеӣ аз назари касрати пайравон монанди Абӯҳанифа аст ва шояд беш аз ӯ пайрав дошта бошад.

3) *Молик ибни Анас*, вафотёфта дар соли 179. Молик араби қаҳтонӣ аст. Билоди Мағриб ғолибан пайрави Молик ибни Анас мебошанд.

4) *Аҳмад ибни Ҳанбали Шайбонӣ*, вафотёфта дар соли 241. Аҳмад аз лиҳози нажод араб аст, вале зоҳиран хонадонаш дар Эрон (Марв) мезистаанд. Ибни Халлакон менависад: "*Модараш дар вақте, ки ӯро дар раҳм дошт, аз Марв хориҷ шуд ва дар Бағдод вазъи ҳамл кард*." Аҳмад ибни Ҳанбалро метавон ҷузъи эрониёни арабнажод маҳсуб дошт. Бинобар ин, аз

чаҳор имоми аҳли тасаннун яке эронӣ, дигаре араби аднонӣ, дигаре араби қаҳтонӣ, чаҳорумӣ эронии арабнажод аст.

Ҳамчунонки қаблан ишора шуд, дар табақаи пешвоён иддаи дигар низ будаанд, ки акнун амалан мазҳабашон мансух аст, аз қабили Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, вафотёфта дар соли 310 ва Довуд ибни Алии Зоҳирии Исфаҳонӣ, вафотёфтаи 270. Довуд ибни Алӣ ҳамон аст, ки мактаби зоҳириро дар фиқҳ ба вуҷуд овард. Ин мактаб навъе ахборигарӣ аст. Ибни Ҳазми Андалусӣ аз назари фиқҳӣ тобеи Довуд ибни Алии Зоҳирӣ аст.

Гурӯҳе дигар аз фуқаҳои бузурги аҳли тасаннун мебошанд, ки баъзе соҳиби мактабу мазҳаб будаанд ва баъзе на, бархе эронианд ва бархе на. Мо барои ин ки меъёре аз саҳми эрониён дар фиқҳи аҳли тасаннун ба даст дода бошем, иддаеро ном мебарем:

1) *Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ*, шогирди Абӯҳанифа, аз мулозимини Ҳорунаррашид ва вафотёфта дар соли 189. Ин мард аслан димишқӣ аст. Дар Восити Ироқ мутаваллид шуд ва дар сафаре, ки бо Ҳорун ба Эрон меомад, дар Рай даргузашт ва ҳамонҷо дафн шуд.

2) *Абӯюсуф*, шогирди дигари Абӯҳанифа ва қозиюлқузоти Маҳдӣ ва Ҳодӣ ва Ҳорун, ва вафотёфта дар соли 192. Ин мард зоҳиран насаб ба ансори Мадина мебарад.

3) *Зуфар ибни Ҳузайл*, вафотёфта дар соли 158. Зуфар араби аднонӣ аст ва аз пайравони Абӯҳанифа ба шумор меравад.

4) *Лайс ибни Саъди Исфаҳонӣ*, фақеҳи Миср, вафотёфта дар соли 175. Лайс аз соҳибони макотиб ба шумор меравад, гӯ ин ки гуфта мешавад, ки пайрави Абӯҳанифа будааст.

5) *Абдуллоҳ ибни Мубораки Марвазӣ*. Аҳли Марв аст. Шогирди Абӯҳанифа ва Молик ва Саврӣ буда ва дар соли 181 даргузаштааст.

6) *Авзоъӣ*, *Абӯамр Абдурраҳмон ибни Амр*, вафотёфтаи 157. Шогирди Зуҳрӣ ва Ато ибни Абирибоҳ буда. Сокини Шом буд ва пешвои мутлақи шомиён шумурда мешуд. Авзоъӣ аз фуқаҳои соҳиби мактаб аст. Маълум нест араби асили яманӣ аст ва ё аз усарои Яман аст.

Инҳо маъорифи фуқаҳои аҳли тасаннун мебошанд. Ғайримаъориф аз ҳадди шумориш хориҷ аст. Дар миёни маъориф дар табақоти мухталиф афроди эронӣ ва ғайри эронӣ фаровонанд.

Дар қуруни баъд, аз имомон ва маъорифи фуқаҳои аҳли тасаннун, ки бигузарем, аз Ибни Сурайҷи Шофеӣ ва Абӯсаъиди Истахрӣ ва Абӯисҳоқи Марвазӣ дар қарни чаҳорум ва

Абӯҳомиди Исфароинӣ ва Абӯисҳоқи Исфароинӣ ва Абӯисҳоқи Шерозӣ ва Имомулҳарамайни Ҷувайнӣ ва Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ва Абулмузаффар Хавофӣ ва Киё ал-Ҳаросӣ дар қарни панҷум ва Абӯисҳоқи Ироқии Мавсилӣ дар қарни шашум ва Абӯисҳоқи Мавсилӣ дар қарни ҳафтум ва Имом Шотибии Андалусӣ дар қарни ҳаштум бояд ном бурд.

Адабиёт

Мақсуд наҳву сарфу луғату балоғату шеъру торих аст. Дар ин қисмат, эрониён хадамоти фаровоне кардаанд. Хадамоти эрониён ба забони арабӣ беш аз худи арабҳо ба ин забон буда ва хеле беш аз хадамоти ин мардум ба забони форсӣ будааст. Эрониён ба ҳукми як ангезаи муқаддаси динӣ ба хидмати забони арабӣ ҳиммат гумоштанд. Эрониён монанди ҳамаи мусалмонони покниҳоди дигар, забони арабиро забони қавми араб намедонистанд, онро забони Қуръон ва забони байналмилалии исломӣ медонистанд. Аз ин рӯ, бидуни ҳеч гуна таъассуб ва бо шӯру нишот ва алоқаи фавқулъодае ба фарогирӣ ва забту тадвини ин забон пардохтанд.

Улуми адабии арабӣ аз дастури забони арабӣ яъне наҳв оғоз мешавад. Муаррихони исломӣ иҷмоъ ва иттифоқ доранд, ки мубтакири илми наҳв Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис-салом аст. Аллomаи ҷалил марҳум Сайидҳасани Садр дар китоби нафиси "*Таъсисус-шиъа*" далоил ва шавоҳиди ғайриқобили инкори ин матлабро зикр кардааст. Алӣ алайҳис-салом ба Абуласвади Дуалӣ, ки фавқулъода боистеъдод будааст, усули наҳвро омӯхт ва дастур дод, ки бар ин асос таъаммул кунад ва бар он бифзояд. Абуласвад тибқи дастур амал кард ва чизҳое афзуд ва он чӣ медонист ба иддае ва аз он ҷумла ду писараш Ато ибни Абиласвад ва Абоҳарб ибни Абиласвад ва Яҳё ибни Яъмур ва Маймуни Акран ва Яҳё ибни Нӯъмон ва Анбастулфил омӯхт. Гӯянд, Асмаъии араб ва Абӯубайдаи эронӣ, ду адиби маъруфи исломӣ, шогирдони Ато писари Абуласвад будаанд.

Дар табақаи баъд аз ин табақа афроде дигар аз қабили Абӯисҳоқи Ҳазрамӣ ва Исои Сақафӣ ва Абӯамр ибни Ало — ки аз қориёни сабъа ва бисёр ҷалилулқадр аст — қарор гирифтаанд. Абӯамр ибни Ало марде луғавӣ ва ориф ба забон ва адабиёт ва махсусан ашъори араб буд. Аз камоли тақво, дар моҳи мубораки рамазон ҳаргиз шеър намехонд. Дар сафари ҳаҷ

навиштаҳои худро аз он рӯ, ки мутазаммини ашъори араби ҷоҳилӣ буд аз байн бурд. Асмаъӣ Юнус ибни Ҳабиби Наҳвӣ, Абӯубайда, Саъдон ибни Муборак назди вай шогирдӣ кардаанд.

Халил ибни Аҳмади Арӯзӣ, ки аз муҷтаҳидон ва соҳибназарони дараҷаи аввали наҳв аст ва аз навобиғ ба шумор меравад, дар табақаи баъди ин табақа қарор гирифтааст. Сибавайҳи маъруф, соҳиби "*Алкитоб*" шогирди Халил будааст ва Ахфаши маъруф назди Сибавайҳ ва Халил таҳсил кардааст.

Аз ин ба баъд наҳвийин ба ду ниҳлаи куфийин ва басрийин тақсим мешаванд. Касоии маъруф ва шогирдаш Фарроъ ва Абулаббоси Саълаб шогирди Фарроъ ва Ибнул-Анборӣ шогирди Абулаббоси Саълаб, аз ниҳлаи куфӣ будаанд ва аммо Сибавайҳ ва Ахфаш ва Мозинӣ ва Мубаррад ва Зуҷоҷ ва Абӯалии Форсӣ ва Ибни Ҷанӣ ва Абдулқодири Ҷурҷонӣ, ки ба тартиб устоду шогирд будаанд, аз ниҳлаи басрӣ ба шумор мераванд.

Аз инҳо, ки баршумурдем, иддае эронианд:

1) *Юнус ибни Ҳабиб*, вафотёфта дар соли 183. Ибни ан-Надим мегӯяд, аъҷамиюласл аст. Китобе ба номи *"Маъони ал-Қуръонил-Карим"* таълиф кардааст. Гӯянд, издивоҷ накард ва умри 87-солаи худро вақфи илму дониш кард.

2) *Абӯубайда Муаммар ибни ал-Мусанно*, вафотёфта дар 210. Ба гуфтаи Ибни ан-Надим, Абӯубайда низ эронӣ аст.

3) *Саъдон ибни Муборак*. Торихи вафоташ ба даст наомад. Бино ба навиштаи "*Райҳонатул-адаб*" аслан аҳли Тахористон аст ва нобино будааст.

4) *Абӯбашар Амр ибни Усмон ибни Қанбар*, маъруф ба Сибавайҳ, вафотёфта дар ҳудуди соли 180. Сибавайҳ аҳли Форс аст. Дар Байзо мутаваллид шуд ва ҳаёти илмии хешро дар ҳавзаи илмияи Басра тай кард ва сафаре ҳам ба Бағдод рафт. Сибавайҳ дар сафаре, ки ба Бағдод рафт, достони маъруфе бо Касоӣ дорад, ки ба қиссаи занбӯрия маъруф аст. Пас аз сафари Бағдод ба Форс баргашт ва 40 сол бештар надошт, ки дар ҳамонҷо даргузашт ва дар мавлиди хеш дафн шуд. Китоби маъруфи Сибавайҳ дар наҳв ба номи "*Алкитоб*" маъруф аст ва аз беҳтарин китобҳои ҷаҳон дар фанни худ яъне аз қабили Маҷастии Батламюс дар Ҳайъат ва Мантиқи Арасту дар мантиқи сурӣ талаққӣ шудааст. Борҳо дар Порис ва Берлин ва Калкатта ва Миср чоп шудааст. Сайид Баҳрулулум ва дигарон гуфтаанд, ҳамаи уламо

дар наҳв аёли Сибавайҳ мебошанд. Дар ин китоб ба 300-у чанд оят аз Қуръони Маҷид истишҳод шудааст. Мозинӣ, наҳвии маъруфи араб, ҳозир нашуд ин китобро ба яке аз аҳли зимма тадрис кунад бо он ки пули зиёде ба унвони ҳаққуттадрис ба ӯ дода мешуд, танҳо ба ин далел, ки дасти ғайримусалмон оятҳои Қуръонро ламс накунад.

5) *Саъид ибни Мисъада* маъруф ба Ахфаш ё Ахфаши Авсат. Ин мард аз акобири дараҷаи аввали наҳвийин аст. Китобҳои зиёде таълиф карда ва як баҳри арӯзӣ бар он чӣ собиқан Халил ибни Аҳмад вазъ карда буд афзудааст. Ин мард бино ба гуфтаи Ибни ан-Надим, хоразмӣ аст. Дар айни ҳол ӯро муҷошиъӣ низ хондаанд. Мусаллам нест аслан араби муҷошиъӣ бошад ва бинобар ин аз эрониёни арабнажод аст ва ё интисобаш ба як қабилаи араб, паймонӣ ва илҳоқӣ аст он чунон ки дар он аҳд марсум будааст. Ахфаш дар соли 215 ё 221 даргузаштааст.

6) *Алӣ ибни Ҳамзаи Касоӣ*, ки қаблан дар шумори қориён зикраш гузашт. Касоӣ қатъан эронӣ аст. Номи ҷадди аълояш Фирӯз аст. Дар ҳудуди соли 200, ки бо Ҳорунаррашид ба Хуросон мерафт, дар Рай даргузашт.

7) *Фарроъ*. Ин мард низ эронӣ аст ва қаблан дар шумори қориён ва муфассирон ӯро муаррифӣ кардем.

8) *Муҳаммад ибни Қосими Анборӣ* маъруф ба Ибнул-Анборӣ. Аҳли Анбор аст, ки махзани ғаллоти Сосониён будааст. Шогирди Абулаббоси Саълаб буда ва дар ҳудуди соли 327 даргузаштааст.

9) *Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Сарӣ ибни Саҳл*, маъруф ба Зуҷоҷ. Шогирди Мубаррад ва Саълаб будааст. Барои имрори маъоши худ дар овони таҳсил булӯртарошӣ мекард ва аз ин рӯ ба “Зуҷоҷ” маъруф гашт. Гӯянд, ҳамарӯза як дирҳам ба устоди худ Мубаррад бобати ҳаққуттаълим аз дастмузди худ мепардохт. Дар ҳудуди соли 310 даргузаштааст.

10) *Абӯалии Форсӣ*. Аҳли Фасои Форс ва муосири Даёлима аст. Дар соли 288 мутаваллид шуд ва дар 377 даргузашт. Бархе ӯро хотами наҳвийин донистаанд. Дар “*Таъсисус-шиъа*” аз китоби *“Алмисбоҳ”*-и Салома ибни Аёзи Шомӣ нақл мекунад, ки гуфтаанд:

فتح النحو بفارس وختم بفارس

Яъне наҳв аз Форс ба василаи Сибавайҳ оғоз гашт ва дар Форс бо рафтани Абӯалии Форсӣ поён ёфт. Бадеҳист, ки дар баёни боло муболиға ба кор рафтааст.

11) *Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ*, адиби наҳвии луғавии маъонии баёнии маъруф. Бештари шӯхрати Абдулқоҳир дар фанни балоғат яъне маъонӣ ва баён аст. Дар айни ҳол аз наҳвийин низ ба шумор меравад. Аз Абдулқоҳир китобҳои нафисе дар илми балоғат дар даст аст, ки арзиши худро ҳанӯз ҳам ҳифз кардаанд аз қабили "*Асрорул-балоға*", "*Далоилул-эъҷоз*", *"Эъҷозул-Қуръон"* ва ғайра. Вай дар соли 471 ё 474 даргузаштааст.

Илова бар ин афрод, ки ном бурдем, гурӯҳи дигаре аз акобири наҳвийин эронӣ мебошанд ва ба таври ишора ва мухтасар номашонро мебарем аз қабили Халафи Аҳмар дар қарни дуввум, ва Абӯҳотами Сиҷистонӣ ва Ибни Сиккити Аҳвозӣ ва Ибни Қутайбаи Динаварӣ соҳиби китобҳои нафиси "*Адабул-котиб*", "*Ал-маориф*", "*Уюнул-ахбор*" ва ғайраҳо, ва Абӯҳанифаи Динаварӣ, ки илова бар ҷанбаи адабӣ марде ҳаким ва риёзидон ва муаррих будааст, ва Абӯбакр ибни ал-Хайёти Самарқандӣ дар қарни севвум, ва Ҳасан ибни Абдуллоҳ ибни Марзбони Сирофии Шерозӣ, ки аз як хонаводаи маҷусӣ буд ва падараш Абдуллоҳ мусалмон шуд, ва Юсуф ибни Ҳасан ибни Абдуллоҳ ибни Марзбони Сирофӣ ва Абӯбакри Хоразмии табаристониюласл ва Ибни Холуяи Ҳамадонӣ дар қарни чаҳорум, ва Абӯмуслими Исфаҳонӣ дар қарни панҷум, ва Наҷмулаъиммаи Астарободӣ маъруф ба Разӣ дар қарни ҳафтум.

Ва ҳамчунин гурӯҳе аз уламои фасоҳат ва балоғати исломӣ эронианд аз қабили Абдулқоҳири Ҷурҷонии собиқуззикр ва Муҳаммад ибни Умрони Марзбонии Хуросонӣ вафотёфтаи 371, ки гуфта мешавад возеъи аввали илми баён ӯ буда, на Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ, ва Замахшарии собиқуззикр ва Соҳиб ибни Уббоди Толиқонӣ вафотёфта дар 385 ва Саккокии Хоразмӣ вафотёфта дар қарни ҳафтум ва Қутбуддини Шерозӣ шореҳи "*Мифтоҳ*"-и Саккокӣ вафотёфта дар 710 ва Тафтозонии Насоӣ ё Сарахсӣ вафотёфта дар 791 ва Мир Сайид Шарифи Ҷурҷонӣ вафотёфта дар 816.

Дар миёни луғавийин низ иддаи зиёде эронианд аз қабили Ҷавҳарии Нишопурӣ соҳиби "*Сиҳоҳуллуға*" вафотёфта дар ҳудуди нимаи дуввуми қарни чаҳорум ва Роғиби Исфаҳонӣ вафотёфта дар 565 ва Маҷдуддини Фирӯзободӣ соҳиби "*Қомусуллуға"* вафотёфта дар 816 ва

Майдонии Нишопурӣ соҳиби "*Ассомӣ фил-асомӣ*" ва "*Маҷмаъул-амсол*" вафотёфта дар 518 ва ғайри инҳо.

Гурӯҳе аз муаррихони исломӣ низ эронианд аз қабили Абӯҳанифаи Динаварии собиқуззикр ва Ибни Қутайбаи Динаварии собиқуззикр ва Табарии собиқуззикр ва Билозарӣ (вафотёфта дар 279), Абулфараҷи Исфаҳонӣ (вафотёфта дар 356) ва Ҳамзаи Исфаҳонӣ (вафотёфта дар 350).

Муаррихони исломӣ хеле зиёданд. Шояд дар камтар риштае монанди риштаи торих таълиф шуда бошад. Ҷорҷи Зайдон мегӯяд:

"*Мусалмонон беш аз ҳар миллати дигар (ба истиснои милали асри ҷадид) дар торих пешрафт карда ва китоб навиштанд, ба қисме, ки дар "Кашфуз-зунун" номи 1300 китоби торихӣ зикр шудааст. Ва ин адад ба ҷуз китобҳоест, ки дар шарҳи он таворих навишта шуда ва ё китобҳое, ки дар талхиси он таворих таълиф шуда ва ё китобҳое, ки дар торих тадвин шуда буд ва аз даст рафта, ки номи ҳеч як аз онҳо дар "Кашфуз-зунун" нест… Масъудӣ дар муқаддимаи китоби "Муруҷҷуз-заҳаб"-и худ номи даҳҳо китобҳои торихиро бурда, ки дар замони ӯ мавҷуд буда…*"

Дар тадвини торихи исломӣ милали гуногун ширкат кардаанд, аз андалусӣ гирифта (монанди Ибни Абдулбарр ва Ибни Бишкувол ва Ибни Обор) то мисрӣ (монанди Миқризӣ ва Ҷамолуддин Қифтӣ) ва димишқӣ (монанди Ибни Асокир ва Сафадӣ) ва ироқӣ (монанди Хатиби Бағдодӣ ва Абдурраҳмон ибни ал-Ҷавзӣ ва сибти вай Шамсуддин Абулмузаффар ибни ал-Ҷавзӣ ва Ибни Халлакони Арбилии эрониюласл) ва тунисӣ (монанди Ибни Халдун).

Ба илова, анвоъе торихнависӣ дар ислом вуҷуд доштааст, аз сира ва торихи шахси муайян гирифта (монанди сираҳои набавӣ ва таворихи махсуси бархе подшоҳон) то таворихи шаҳрҳо (монанди Торихи Қум) ва торихи кишварҳо (монанди Торихи Миср ва Торихи Димишқ) ва торихи улум яъне торихи аҳли як фанн (монанди "*Табақотул-ҳукамо*" ва "*Табақотул-атиббо*" ва "*Табақотул-ҳуффоз*") ва таворихи умумӣ (монанди Торихи Яъқубӣ ва Торихи Табарӣ). Илова бар ҳамаи инҳо, бархе чуғрофиёнавис будаанд монанди Ал-мақдисӣ соҳиби "*Аҳсанут-тақосим*" ва Истахрии Форсӣ соҳиби "*Суварул-ақолим*" ва *"Масоликул-мамолик"*.

Ба ақидаи Ҷорҷи Зайдон ба пайравӣ аз Суютӣ, аввалин муаррихони давраи ислом ду нафар будаанд ҳамзамони якдигар: яке Муҳаммад ибни Исҳоқи Мутталибӣ, ки аз маволии Айнуттамр аст, ва дигар Урва ибни Зубайр, ки насаб ба Зубайр ибни Аввом, саҳобии маъруф мебарад. Вале Аллома Сайидҳасани Садр собит кардаанд, ки аввалин торихро дар давраи ислом Убайдуллоҳ ибни Абирофеъ котиби Амирулмӯъминин алайҳис-салом навиштааст, ки нисбат ба Қибт мебарад ва мисрӣ аст. Китобе, ки ӯ таълиф кардааст дар бораи номи афроде аз саҳоба аст, ки Алӣ алайҳис-саломро дар давраи хилофат ҳамроҳӣ кардаанд.

Агар Муҳаммад ибни Исҳоқи Мутталибӣ (ки нависандаи сираи набавӣ аст ва "*Сираи Ибни Ҳишом*" ҳамон "*Сираи Ибни Исҳоқ*" аст ба ривояти Ибни Ҳишом) эронӣ бошад ончунонки аз калимаи "мавло" бармеояд, бояд бигӯем, баъд аз Ибни Абирофеъи қибтии мисрӣ, ду нафаре, ки пешқадам дар торих будаанд, яке эронӣ ва дигаре араби қурашӣ будааст, бо ин тафовут, ки айни китоби Муҳаммад ибни Исҳоқ дар даст аст, вале китоби он ду нафари дигар зоҳиран дар даст нест.

Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" ном гурӯҳе аз муаррихони қуруни аввали исломиро зикр мекунад, ки ба истилоҳ "мавло" будаанд.

Маволӣ зоҳиран ғайриараб будаанд. Ман акнун ба таври қатъ намедонам, ки ин калима танҳо бар эрониён итлоқ мешуд ва ё бар соири милали ғайриараб ва ё араб, ки навъе паймон бо яке аз қабоили араб доштаанд низ итлоқ мешудааст. Ба ҳар ҳол, Ибни ан-Надим иддаеро бо қайд "мавло" ном мебарад ва баъзеро тасреҳ мекунад, ки аз билоди Эрон будаанд, аз ҷумла: Воқидӣ муаррихи маъруф (вафотёфта дар 207), Абулқосим Ҳаммод ибни Собури Дайламӣ (вафотёфта дар 156), Абуҷунод ибни Восил ал-Куфӣ, Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абдулҳамид ал-Котиб, Алони Шуъубӣ Кулайнии Розӣ ва ғайри инҳо.

Албатта набояд муболиға ё ғафлат кард ва пиндошт, ки адабиёти араб аз луғату наҳву сарфу балоғату ториху ғайра яксара ба дасти эрониён тадвин ёфтааст. Дар миёни удабои арабӣ, аз ақвоми дигар низ, ки табаррузи фавқулъода доштаанд ёфт мешавад, ки бархе араб ва бархе андалусӣ ва бархе мисрӣ ва бархе шомӣ ва бархе курд ё турк ё румӣ будаанд.

Мо дар гузашта ишорае ба ин матлаб карда ва барои эҳтироз аз татвили бештар, аз зикр онҳо худдорӣ мекунем.

Дар миёни китобҳои адабии арабӣ чаҳор китоб аст, ки аз аркони адабиёти араб ба шумор меравад: "*Адабул-котиб*"-и Ибни Қутайбаи Динаварӣ, "*Ал-комил*"-и Мубаррад, "*Ал-баёну ват-табйин*"-и Ҷоҳиз, "*Наводир*"-и Абӯалии Қолӣ.

Аз муаллифони чаҳоргонаи ин чаҳор китоб, танҳо Ибни Қутайба эронӣ аст. Мубаррад араби аздӣ аст ва Ҷоҳиз араби кинонӣ аст ва Абӯалии Қолӣ диёрбакрӣ аст.

Аҳмад Амин дар *"Зуҳал-ислом"* аз китоби "*Ал-мизҳар*" нақл мекунад, ки дар қарни дуввуми ҳичрӣ се нафар падид омаданд, ки пешвои дигарон дар шеъру луғати араб ва улуми араб ба шумор мераванд. На пеш аз онҳо ва на баъд аз онҳо монанде барои эшон наомадааст; ҳама ҳар чӣ доранд аз ин се нафар доранд:

1) Абӯзайди Ансории Хазраҷӣ, вафотёфта дар 215.

2) Асмаъӣ адиби луғавии маъруф, вафотёфта дар ҳудуди 215.

3) Абӯубайда Муаммар ибни ал-Мусанно, вафотёфта дар ҳудуди 210.

Аз ин се нафар, танҳо Абӯубайда эрониюласл аст, аммо Абӯзайд араби мадании хазраҷӣ аст ва Асмаъӣ араби боҳилӣ аст.

Калом

Илми калом низ як илми сад дар сад исломӣ аст. Калом марбут аст ба таҳқиқ дар усули ақоиди исломӣ ва дифоъ аз онҳо, аъамм аз он ки амри мавриди эътиқод аз ақлиёти маҳз бошад — монанди масоили марбут ба тавҳид ва сифоти Худованд — ва ё аз нақлиёт бошад, ки эътиқод ва адами эътиқод ба он, дар сарнавишти инсон муассир бошад. Ва ба ҳамин ҷиҳат, калом мунштаъиб мешавад ба каломи ақлӣ ва каломи нақлӣ.

Пайдоиши илми калом дар дине монанди ислом, ки масоили зиёде дар бораи мабдаъу маъод ва инсону ҷаҳон тарҳ кардааст, ва дар иҷтимое монанди иҷтимои исломии қуруни аввали исломӣ, ки як нишоти илмии нерӯманд бар он ҳукумат мекард, табиӣ ва зарурӣ аст. Қуръони Карим расман бар бархе аз масоили эътиқодӣ — аз қабили тавҳид ва маъод ва нубувват — истидлол мекунад ва бурҳон иқома менамояд ва аз мухолифон ҳуҷҷат ва бурҳон мутолиба мекунад:

قُلْ هَاتُواْ بُرْهَانَكُمْ إِن كُنتُمْ صَادِقِينَ

“Бигӯ: агар рост мегӯед, далели худро биёваред!” (Сураи Бақара, ояти 111)

Қатъан ва мусалламан аввал касе, ки дар масоили ақлии исломӣ ба таҷзия ва таҳлил пардохт ва масоиле монанди қидаму ҳудус ва мутаноҳиву ғайримутаноҳӣ ва ҷабру ихтиёр ва басотату таркиб ва амсоли онҳоро матраҳ сохт, Амирулмӯъминин Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис-салом аст.

Мо баҳси худро дар бораи хадамоти эрониён ба ислом дар заминаҳои каломӣ, аз эрониёни шиъа оғоз мекунем (сипас мутакаллимони эронии суннӣ):

1) Аввалин мутакаллими шиъа, ки китоб дар масоили каломӣ таълиф кардааст, *Алӣ ибни Исмоил ибни Майсами Таммор* аст. Худи Майсам ба унвони хатиб ва суханвари шиъа ва аз соҳибони сирри Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис-салом маҳсуб мешудааст. Майсам аҳли Ҳичр аст ва баҳрайнӣ аст ва як фарди эронӣ ба шумор меравад. Наводааш Алӣ ибни Исмоил ибни Майсам муосири Зирор ибни Амр ва Абулҳузайли Аллоф ва Амр ибни Убайд, аз мутакаллимони маъруфи қарни дуввуми ҳичрӣ аст ва бо онҳо мубоҳисоте дар масоили эътиқодӣ доштааст.

2) *Ҳишом ибни Солими Ҷузҷонӣ*. Ин мард аз машоҳир ва маъорифи асҳоби Имом Содиқ алайҳис-салом аст. Дар миёни асҳоби Имом Содиқ алайҳис-салом гурӯҳе ҳастанд, ки Имом Содиқ онҳоро ба унвони “мутакаллим” хондааст ва дар китоби “*Ал-ҳуҷҷа*”-и Кофӣ мастур аст, аз қабили Ҳимрон ибни Аъян, Мӯъминут-Тоқ, Қайс ибни ал-Мосир ва Ҳишом ибни ал-Ҳакам ва ғайруҳум. Қайс ибни ал-Мосир ҳамон касест, ки гӯянд каломро аз Алӣ ибни Ҳусайн алайҳис-салом омӯхт.

3) *Фазл ибни Абӯсаҳл ибни Навбахт*. Аз Оли Навбахт аст. Оли Навбахт ҳамон тавр, ки Ибни ан-Надим гуфтааст, ба ташайюъ маъруфанд ва фузалои зиёде дар тӯли се қарн аз онҳо бархостааст, ки акнун маҷоли тавзеҳи он нест. Навбахт худаш мунаҷҷим ва дар дарбори Мансур буд. Рӯзе писараш Абӯсаҳлро ба дарбори Мансур бурд, ки ба ҷонишинии худ муаррифӣ кунад. Мансур номашро пурсид, гуфт: “Хуршед моҳи тимозоҳи мо бозорад боди хусрав на шоҳ”. Мансур гуфт: Ҳамаи инҳо исми туст? Гуфт: Оре. Мансур табассум кард ва гуфт: Падарат чӣ карда?! Исматро мухтасар кун, ё ҳамон калимаи “Тимоз”-ро аз ҷузъи исмат интихоб кун ва ё ман бароят калимаи “Абӯсаҳл”-ро ба унвони куния интихоб мекунам. Абӯсаҳл ба ҳамин куния розӣ шуд. Бисёре аз навбахтиён кунияашон Абӯсаҳл аст.

Бисёре аз мутакаллимини шиъа аз хонадони Навбахтанд аз қабили: Фазл ибни Абисаҳл ибни Навбахт, ки дар замони Ҳорун дар раъси китобхонаи маъруфи "Байтулҳикма" буд ва аз мутарҷимини форсӣ ба арабӣ дар асри ҳорунӣ ва маъмунӣ ба шумор меравад. Ва ҳамчунин Исҳоқ ибни Абисаҳл ибни Навбахт ва писараш Исмоил ибни Исҳоқ ибни Абисаҳл ибни Навбахт ва писари дигараш Алӣ ибни Исҳоқ ва наводааш Абӯсаҳл Исмоил ибни Алӣ ибни Исҳоқ, ки ӯро шайхулмутакаллимин дар шиъа лақаб додаанд ва дигар Ҳасан ибни Мӯсои Навбахтӣ хоҳарзодаи Абӯсаҳл Исмоил ибни Алӣ ва иддае дигар аз ин хонадони эронӣ.

4) *Фазл ибни Шозони Нишопурӣ*. Дар охирҳои қарни дуввум ва аввалҳои қарни севвум мезиста, ки қаблан зикри хайраш гузашт. Фазл ибни Шозон аз асҳоби ҳазрати Ризо ва ҳазрати Ҷавод ва ҳазрати Ҳодӣ алайҳимус-салом будааст ва китобҳои зиёде дар калом навиштааст.

5) *Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Мумаллаки Ҷурҷонии Исфаҳонӣ*, муосири Абӯалӣ Ҷуббоӣ дар қарни севвум.

6) *Абӯҷаъфар, Ибни Қуббаи Розӣ* дар қарни севвуми ҳичрӣ. Миёни ӯ ва Абулқосими Каъбии Балхӣ мубоҳисот ва мунозироти катбӣ дар масоили имомат будааст.

7) *Абулҳасани Сусангердӣ* муосири Ибни Қуббаи Розӣ. Гӯянд, аз ғуломони Абӯсаҳл Исмоил ибни Алии Навбахтӣ буда ва панҷоҳ сафари пиёда ба ҳаҷ рафтааст.

8) *Абӯалӣ ибни Мискавайҳи Розии Исфаҳонӣ*, ки аз бузургони мутакаллимин ва ҳукамо ва атиббои исломӣ аст. Китобҳои "*Алфавзул-акбар*" ва "*Алфавзул-асғар*"-и ӯ чоп шуда ва дар даст аст. Китоби "*Таҳоратул-аъроқ*"-и вай дар илми ахлоқ аз муҳимтарин китобҳои ахлоқии исломӣ аст. Муосири Абӯалӣ Ибни Сино ҳаким ва табиби маъруфи исломӣ аст. Дар соли 431 даргузаштааст.

Мутакаллимини шиъа аъамм аз эронӣ ва ғайриэронӣ бисёранд. Мутакаллимини шиъаи эронӣ низ фаровонанд. Мо ба унвони намуна, афроди болоро аз қарни дуввум то қарни чаҳорум ёд кардем. Дар қуруни мутааххир, аркони илми каломи исломиро мутакаллимини шиъа ташкил медодаанд.

Пас аз зуҳури Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, ҳаким ва мутакаллим ва риёзидон ва сиёсатмадори маъруфи ҷаҳони ислом ва нигориш ёфтани китоби "*Таҷрид*", каломи шиъа аҳаммияти

бештаре ёфт ба тавре, ки аз он пас китоби "*Таҷрид*" беш аз ҳар китоби дигар меҳвари баҳсҳои каломӣ дар шиъа ва суннӣ қарор гирифт.

* * *

Аммо мутакаллимини аҳли суннат: бисёре аз мутакаллимони аҳли тасаннун ва шояд бештарашон эронианд.

1-2) Қадимитарин мутакаллими аҳли суннат *Ҳасани Басрӣ* ва сипас шогирдаш *Восил ибни Ато* аст, ки ҳар ду аз маволӣ мебошанд. Ҳасани Басрӣ дар нимаи дуввуми қарни аввал ва нимаи аввали қарни дуввум мезистааст. Вафоташ дар соли 110 воқеъ шудааст ва Восил, ки шогирди ӯст ва аз ӯ иншиъоб кард ва мустақил шуд ва роҳи ҷудогонае гирифт ва аз онҷо мактаби Мӯътазила поягузорӣ шуд, дар соли 181 даргузаштааст.

3) *Абӯҳузайли Аллоф*. Ин мард низ аз маволӣ аст. Ӯро поягузори каломи ақлӣ мешуморанд. Фавқулъода забардаст буда ва бо китобҳои фалсафӣ ошноӣ доштааст. Нависандае маҷусӣ ба номи Милос дошт. Ин нависанда рӯзе иддае аз маҷусиёнро бо Абӯҳузайл дар як маҷлис ҷамъ кард ва дар бораи тавҳид ва санавият баҳс карданд. Абӯҳузайл онҳоро маҳкум кард ва Милос мусалмон шуд. Шибли Нӯъмон ва дигарон навиштаанд, ки чандин ҳазор нафар эронии маҷусӣ ба дасти Абӯҳузайл мусалмон шуданд. Аз мунозира бо Абӯҳузайл ҳама иҷтиноб мекарданд, зеро фавқулъода қавӣ буд. Мунозираи маъруфе дорад бо Солеҳ ибни Абдулқуддус, шаккок ва зиндиқи маъруф, ки Ибни ан-Надим онро нақл кардааст. Абӯҳузайл аз танҳо касе, ки бим дошт ва аз мунозира бо ӯ мутаваҳҳиш буд Ҳишом ибни ал-Ҳакам, мутакаллими маъруфи шиъии араб аз асҳоби Имом Содиқ алайҳис-салом буд.

4) *Иброҳим ибни Сайёр* маъруф ба Наззом, вафотёфта дар 221. Ин мард мутобиқи он чӣ Ибни Халлакон дар ҷилди севвуми китоби худ зайли аҳволи Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ гуфтааст, балхӣ будааст. Назариёти Наззом дар калом ва аҳёнан дар фалсафа маъруф аст. Наззом шогирди Ҳишом ибни ал-Ҳакам будааст.

5) *Амр ибни Убайд ибни Боб*. Падараш аз асирони Кобул аст ва дар пулиси Басра хидмат мекардааст. Амр ибни Убайд дар соли 80 мутаваллид шуда ва пеш аз соли 150 даргузаштааст. Амр ибни Убайд тамоюли хориҷигарӣ дорад ва ба маноъат маъруф аст. Бо Мансури Аббосӣ қабл аз давраи хилофат дӯст буд. Дар айёми хилофати Мансур, рӯзе бар ӯ ворид шуд ва Мансур ӯро гиромӣ дошт ва аз ӯ тақозои мавъиза ва андарз кард. Аз ҷумлаи

суханоне, ки Амр ба Мансур гуфт ин буд: "*Мулку салтанат, ки акнун ба дасти ту афтода, агар барои касе пойдор мемонд, ба ту намерасид. Аз он шаб битарс, ки обистани рӯзест, ки дигар шабе баъд аз он рӯз (қиёмат) нест*." Вақте, ки Амр хост биравад, Мансур дастур дод дах ҳазор дирҳам ба ӯ бидиҳанд, напазируфт. Мансур қасам хӯрд, ки бояд бипазирӣ. Амр савганд ёд кард, ки нахоҳам пазируфт. Маҳдӣ, писар ва валиаҳди Мансур ҳозир дар маҷлис буд ва аз ин ҷараён нороҳат шуд ва гуфт: Яъне чӣ? Ту дар муқобили савганди халифа савганд ёд мекунӣ?! Амр аз Мансур пурсид: Ин ҷавон кист? Гуфт: Писарам ва валиаҳдам Маҳдӣ аст. Гуфт: Ба Худо қасам, ки либоси некон бар ӯ пӯшидаӣ ва номе рӯйи ӯ гузоштаӣ (Маҳдӣ), ки шоистаи он ном нест ва мансабе барои ӯ омода кардаӣ, ки баҳрабардорӣ аз он мусовӣ аст бо ғафлат аз он. Он гоҳ Амр рӯ кард ба Маҳдӣ ва гуфт: Бале, бародарзодаҷон! Монеъе надорад, ки падарат қасам бихӯрад ва амуят мӯҷиботи шикастани қасамашро фароҳам оварад. Агар бино бишавад ман каффораи қасам бидиҳам ё падарат, падарат тавонотар аст бар ин кор. Мансур гуфт: Ҳар ҳоҷате дорӣ бигӯ. Гуфт: Фақат як ҳоҷат дорам, ва он ин ки дигар пайи ман нафаристӣ. Мансур гуфт: Бинобар ин маро то охири умр мулоқот нахоҳӣ кард. Гуфт: Ҳоҷати ман ҳам ҳамин аст. Инро гуфт ва бо қадамҳои муҳками тавъам бо виқор роҳ афтод. Мансур хира-хира аз пушти сар нигоҳ мекард ва дар ҳоле, ки дар худ нисбат ба Амр эҳсоси ҳақорат мекард, се мисроъи маъруфро суруд:

كلكم يمشي رويد

كلكم يطلب صيد

غير عمرو بن عبيد

Ин Амр ибни Убайд ҳамон касест, ки Ҳишом ибни ал-Ҳакам ба таври ношинос вориди маҷлиси дарсаш шуд ва аз ӯ дар боби имомат суолоте кард ва ӯро сахт муҷоб сохт. Амр ибни Убайд аз қуввати баёни пурсишкунандаи ношинос ҳадс зад, ки ӯ Ҳишом ибни ал-Ҳакам аст. Баъд аз шиносоӣ ниҳояти эҳтиромро нисбат ба ӯ ба амал овард.

Инҳо, ки баршумурдем, табақаи аввал ва дуввуми мутакаллимини эронии аҳли тасаннун мебошанд. Дар табақот ва қуруни баъд мутакаллимини суннимазҳаби зиёде аз Эрон бархостаанд ва мо ба таври ихтисор номи иддаеро ба тартиби қурун мебарем, аз қабили:

Абулҳусайн Аҳмад ибни Яҳё ибни Исҳоқи Ровандии Кошонӣ ва Ибни ал-Мунаҷҷим (надими Алмуваффақ ва Алмуктафи биллоҳ), ки худ аз наводаҳои Яздҷирди сосонӣ будааст

ва Абулқосими Каъбии Балхӣ ва Абӯалии Ҷуббоии Хузистонӣ ва писараш Абӯҳошими Ҷуббоӣ дар қарни севвум, Абӯмансури Мотуридии Самарқандӣ ва Ибни Фураки Исфаҳонии Нишопурӣ ва Абӯисҳоқи Исфароинӣ дар қарни чаҳорум, Абӯисҳоқи Шерозӣ ва Имомулҳарамайни Ҷувайнӣ ва Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар қарни панҷум, Фахруддини Розӣ ва Абулфзл ибни ал-Ироқӣ ва Муҳаммади Шаҳристонӣ дар қарни шашум ва ғайри инҳо.

Фалсафа ва ҳикмат

Фалсафа ба мафҳуми мутаораф, аввалин бор аз тарҷумаи китобҳои дигарон — яъне юнониён ва аҳёнан ҳиндиён — оғоз гашт, ва ин кор дар қарни дуввуми ҳичрӣ шурӯъ шуд. Роҷеъ ба ин ки тарҷума ва нақли улуми бегона — аъамм аз тибб ва риёзӣ ва фалсафа ва ғайра — аз кай оғоз шуд, суханони зиёде ҳаст. Бархе муддаӣ ҳастанд, ки аввалин бор ин кор ба василаи Холид ибни Язид ибни Муовия дар қарни аввал шурӯъ шуд.

Гӯянд, Холид аввал касе буд, ки иддае аз уламои Искандарияро, ки забони юнонӣ медонистанд истихдом кард ва онҳо бархе аз китобҳои табиии марбут ба фанни кимиёро аз юнонӣ ва қибтӣ ба арабӣ баргардонданд. (*Алфеҳрист, с.352*)

Тарҷумаи китобҳои фалсафа қатъан дар замони Банӣ Аббос шурӯъ шудааст, монанди тарҷумаи бисёре аз улум ва фунуни дигар ва бисёре аз одоб ва ахлоқ.

Аз Эрон ҳеч китоби фалсафӣ тарҷума нашудааст. Китобҳое, ки аз Эрон тарҷума шудааст адабӣ, торихӣ, нуҷумӣ ва аҳёнан табиӣ будааст. Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" дар ҷоҳои мутааддид китобҳои мухталифи эрониро, ки ба арабӣ баргардонда шудааст ном мебарад; ҳеч кадом аз онҳо фалсафӣ набудааст. Танҳо китоб аз навъи китобҳои фалсафӣ, ки аз забони паҳлавӣ баргардонда шудааст, қисмате аз мантиқи Арасту буда, ки қаблан ба забони паҳлавӣ баргардонда шуда будааст ва дар давраи ислом ба василаи Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва ё ба василаи писараш Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аз паҳлавӣ ба арабӣ баргардонда шуд.

Ибни ан-Надим дар фанни аввал аз мақолаи ҳафтум (мақолаи ал-фалосифа)-и "*Алфеҳрист*" мегӯяд:

“*Фалсафа дар Юнон ва Рум роиҷ буд, то вақте, ки Рум ба масеҳият гароид, дар ин вақт қадаған шуд; баъзе аз китобҳои фалсафиро сӯхтанд ва баъзе дигарро махфӣ карданд ва мардум аз баҳси фалсафӣ мамнӯъ шуданд, зеро фалсафаро бар зидди шаройеъ медонистанд. Сипас Рум аз масеҳият рӯ гардонд ва ба фалсафа рӯ овард, ва ин дар вақте буд, ки Сомистиюс, ҳаким ва муфассир ва шореҳи маъруфи китобҳои Арасту (дар ҳавзаи Искандария) ба вазорати императури Рум расид*.”

Ибни ан-Надим он гоҳ достони ҷанги Шопури Зулактоф бо императури Румро зикр мекунад, ки Шопур асир мешавад ва пас аз муддате аз зиндон фирор мекунад ва императури Румро мекушад ва румиёнро аз Эрон ихроҷ мекунад ва сипас Қустантин бо таъйиди Шопур императури Рум мешавад. Дар ин вақт бори дигар Рум ба масеҳият мегарояд ва фалсафа қадаған мешавад. Он гоҳ мегӯяд:

“*Эрониён дар қадим чизе аз мантиқ ва тибб ба забони форсӣ тарҷума карда буданд ва Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва гайри ӯ ҳамонҳоро ба арабӣ баргардониданд.” (Ҳамон, с.351*)

Ва зоҳиран ҳамчунонки ҳеч китоби фалсафӣ аз Эрон тарҷума нашудааст, ҳеч кадом аз мутарҷимини мантиқ ва фалсафа аз сурёнӣ ва юнонӣ низ эронӣ набудаанд. Вале назар ба ин ки тарҷумаи китобҳо яке аз мазоҳири хадамоти эрониён ба тамаддуни исломӣ аст, мо номи мутарҷимине, ки аз форсӣ ба арабӣ тарҷума кардаанд мутобиқи он чӣ Ибни ан-Надим дар “*Алфеҳрист*” нақл кардааст зикр мекунем, ҳарчанд боз ҳамаи мутарҷимин аз форсӣ ба арабӣ низ эронӣ набудаанд. Касоне, ки Ибни ан-Надим онҳоро зикр кардааст, афроди зайланд:

1) *Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ* мутарҷими мантиқи Арасту ва “*Худойнома*”, ки реша ва манбаи аслии “*Шоҳнома*” аст ва мутарҷими “*Калила ва Димна*”, ки аз китобҳои Ҳинд аст ва дар замони Анушервон ба паҳлавӣ баргардонда шуда буд ва Ибни Муқаффаъ онро ба арабии бисёр фасеҳ баргардонд.

2) *Абӯсаҳл Фазл ибни Навбахт* мутасаддии Байтулҳикма дар замони Ҳорун ва Маъмун.

3) *Ҳасан ибни Мӯсои Навбахтӣ*.

4) *Аҳмад ибни Яҳёи Билозарӣ*, муаррихи маъруф ва соҳиби китоби “*Футуҳул-булдон*”.

5) *Мӯсо ибни Холид*.

6) *Юсуф ибни Холид*. (Ин ду нафар мустахдими Довуд ибни Абдуллоҳ ибни Ҳамид ибни Қаҳтаба будаанд).

7) *Алӣ ибни Зиёди Тамимӣ*.

8) *Ҳасан ибни Саҳл*.

9) *Аҳмад ибни Яҳёи Ҷобир*.

10) *Ҷибилла ибни Солими Котиб*.

11) *Ҳишом ибни Абдулмалик*.

12) *Исҳоқ ибни Язид* (ноқили "*Ихтиёрнома*").

13) *Муҳаммад ибни Ҷуҳами Бармакӣ*.

14) *Ҳишом ибни ал-Қосим*.

15) *Мӯсо ибни Исои ал-Курдӣ*.

16) *Зодуя ибни Шоҳуяи Исфаҳонӣ*.

17) *Муҳаммад ибни Баҳром ибни Митёри Исфаҳонӣ*.

18) *Баҳром ибни Мардоншоҳ*.

19) *Амр ибни ал-Фархон.*

20) *Суллам*, мутасаддии Байтулҳикма.

21) *Солеҳ ибни Абдурраҳмон*, нависандаи Ҳаҷҷоҷ ва ноқили дафотири давлатӣ аз арабӣ ба форсӣ.

22) *Абдуллоҳ ибни Алӣ*, ноқили бархе китобҳои ҳиндӣ (ки қаблан ба форсӣ тарҷума шуда буд) аз форсӣ ба арабӣ.

* * *

Акнун дар бораи фалосифаи эронии исломӣ баҳс кунем. Саҳми эрониён дар фалсафаи исломӣ аз ҳар риштаи дигар бештар аст.

Дар инҷо лозим медонем кореро, ки то кунун надидаем касе анҷом дода бошад, анҷом диҳем, ва он ин ки "табақоти фалосифаи исломӣ"-ро аз оғоз то кунун мушаххас созем, яъне ҳамон коре, ки тақрибан дар бораи фуқаҳои шиъа анҷом додем.

Ин кор ҳарчанд кори осоне нест, вале ин банда назар ба алоқае, ки ба сайри фалсафа дар ислом дорад, рӯйи ин мавзӯъ корҳое кардааст, ҳарчанд ҳанӯз онро нотамом медонад. Таҳқиқ дар сайри фалсафа дар ислом бидуни шинохти табақоти фалосифа аз назари замонӣ муяссар нест. Мо дар инҷо ба таври мухтасар ин табақотро, ки бар ҳасби устоду

шогирдӣ аст зикр мекунем. Яъне онон, ки дар як табақа қарор мегиранд ё воқеан аз асотиди табақаи баъдӣ ва шогирдони табақаи қабл ҳастанд ва ё ҳамзамони онҳо мебошанд.

Мақсуди мо дар ин табақабандӣ аз фалосифаи исломӣ, фалосифаи давраи исломист, ки дар ҷавви исломӣ ва муҳити исломӣ фаъолият доштаанд, ва албатта афроде — махсусан дар даврањои аввалӣ — аҳёнан ёфт мешаванд, ки мусалмон нестанд, яҳудӣ ва ё масеҳӣ мебошанд ва ё — лоақал ба ақидаи баъзе — мулҳид мебошанд. Мо пас аз зикри ҳамаи табақот аз оғоз то замони худамон, ба бархе натиҷагириҳо мепардозем.

Табақаи аввал

Фалсафаи исломӣ бо *Абӯюсуф Яъқуб ибни Исҳоқи Кендӣ* маъруф ба "Файласуфул-араб" оғоз мешавад. Кендӣ араби холис аст. Муосир аст бо Маъмун ва Муътасим. Бо Ҳунайн ибни Исҳоқ ва Абдулмасеҳ ибни Ноъимаи Ҳимсӣ мутарҷимони маъруф муосир аст. Дар муқаддимаи китоби "*Усулуҷиё*" менависад: "*Онро Абдулмасеҳ тарҷума кард ва Абӯяъқуби Кендӣ таҳзиб ва ислоҳ кард*". Дар ин ки оё ӯ худ мутарҷим ҳам будааст, тардид кардаанд, вале аз Абӯмиъшари Балхӣ шогирди Кендӣ нақл шуда, ки Кендӣ яке аз чаҳор мутарҷими дараҷаи аввали давраи исломӣ аст. Давраи Кендӣ давраи тарҷума аст, вале худи Кендӣ файласуфи соҳибназар ва баландқадр аст. Дар ҳудуди 270 китоб ва рисола ба Кендӣ нисбат дода шудааст. Ибни ан-Надим фехристи китобҳои ӯро дар риштаҳои мухталиф: мантиқ, фалсафа, нуҷум, ҳисоб, ҳандаса, тибб, усули ақоиди динӣ фехрист кардааст. Бархе аз нусхаҳои китобҳои Кендӣ ахиран ба даст омада ва чоп шуда. Маълум мешавад, арзиши ин файласуф бисёр беш аз он аст, ки қаблан тасаввур мешуд. Кендӣ қатъан яке аз нобиғаҳои ҷаҳон ва аз ситорагони қарни аввали давраи исломӣ аст. Бархе аз урупоиён ӯро яке аз дувоздаҳ чеҳраи ақлии торихи башар, ки таъсири фаровон доштаанд шумурдаанд.

Кендӣ марде худсохта будааст. Торих нишон намедиҳад, ки дар табақаи муқаддам бар ӯ ва ё дар табақаи худи ӯ файласуфе соҳибназар — аъамм аз мусалмон ё ғайримусалмон — вуҷуд доштааст.

Дар бораи Кендӣ ҳамин қадр навиштаанд, ки дар Басра ва Бағдод ба таҳсил пардохт ва медонем, ки дар он вақт на дар Басра ва на дар Бағдод файласуфе вуҷуд надоштааст. Ин аст,

ки Кендӣ сарсилсилаи ҳалақоти фалосифаи исломӣ аст бидуни он ки худ ба ҳалқае ва табақае дигар вобаста бошад.

Оқои Тақизода дар "*Торихи улум дар ислом*" ва профессор Карбун дар "*Торихи фалсафаи исломӣ*" навиштаанд, ки Кендӣ дар рисолае муддати импературии араб (хилофат)-ро пешбинӣ кардааст, ки мутобиқ (ва лоақал наздик ба воқеъ) даромадааст. Мо дар инҷо иборати профессор Карбунро меоварем:

"*Ин файласуф дар рисолае муддати импературии арабро аз тариқи муҳосиботе, ки ҳам аз улуми юнонӣ минҷумла ахтаршуморӣ иқтибос карда ва ҳам аз тафсири мутуни Қуръон истифода намуда мусовии 693 сол пешбинӣ кард.*" (*Торихи фалсафаи исломӣ, с.199*)

Ин ки бархе навиштаанд, "тамоюл ва ошноии мусалмонон бо фалсафаи юнонӣ бо тарҷумаи осори ҳукамои Юнон ва Искандария ва тафосир ва шуруҳи онҳо ва ҳамчунин бо таълимоти гурӯҳе монанди Қувайрӣ, Юҳанно ибни Ҳайлон ва Абӯяҳё ал-Марвазӣ ва Абӯбашар Матто ибни Юнус ва Абӯзакариё Яҳё ибни Удай оғоз шуд" саҳеҳ нест. Тамоюл ва ошноии мусалмонон ва балки пайдоиши файласуфи соҳибназар дар миёни онҳо қабл аз давраи афроди номбурда ба вуқӯъ пайваст. Фалсафаи исломӣ бо Абӯюсуф Яъқуби Кендӣ оғоз мешавад ва ба василаи шогирдони ӯ идома меёбад.

Шахсиятҳои номбурда, бархе (Иброҳими Қувайрӣ, Иброҳими Марвазӣ, Юҳанно ибни Ҳайлон, Ибни Курниб) бо шогирдони Кендӣ ҳамдавра ва ҳамтабақаанд ва бархе (Абӯбашар ибни Матто ва Яҳё ибни Удай) чунонки баъдан хоҳем гуфт, дар табақаи севвум ва чаҳорум маҳсуб мешаванд. Баъдан дар бораи ин матлаб тавзеҳи бештаре хоҳем дод ва миқдори таъсири афроди номбурдаро баён хоҳем намуд.

Кендӣ ҳамчунонки файласуфе олиқадр буда, мусалмоне пойбанд ва покэътиқод ва мудофеъ будааст. Китобҳои зиёде дар ҳимояти дини ислом навиштааст. Баъзе ба иттикои бархе қароин ӯро шиъа донистаанд. Кендӣ аз афродест, ки дар ҳар масъалае, ки миёни усули исломӣ ва усули фалсафа таъоруз ёфтааст, ҷониби исломро гирифтааст, чунонки аз ақидаи хосси ӯ дар бораи ҳудуси замонии олам ва ҳашри аҷсод пайдост. Кендӣ аз афродест, ки ҳамеша кӯшо будааст, ки маорифи исломӣ ва усули фалсафиро бо якдигар тавфиқ диҳад. Ин ҳамон корест, ки бо Кендӣ шурӯъ шуд ва идома ёфт. Аҷиб ин аст, ки бархе ӯро ба иллати ин ки номаш Яъқуб ва номи падараш Исҳоқ ва кунияаш Абӯюсуф аст, яҳудӣ

пиндоштаанд! Ва аҷибтар ин ки дар баъзе ривоёт, ки қатъан маҷъул аст, аз ӯ ба унвони касе ёд кардаанд, ки дар назар дошта радде бар Қуръони Маҷид бинависад!

Имрӯз дар асари таҳқиқоте, ки ба амал омада равшан шуда, ки аввалан, арзиши илмӣ ва фалсафии Кендӣ беш аз он аст, ки қаблан тасаввур мешуд. Сониян, мусалмони покэътиқод ва мудофеъ ва эҳтимолан шиъа будааст. Солисан, ба воситаи мавқеияти илмӣ ва иҷтимоӣ маҳсуд будааст ва нисбатҳои нораво ба ӯ мавлуди он ҳасодатҳост.

Ҳамон тавр ки қаблан ишора шуд, Кендӣ шахсияти мунҳасир ба фарди табақаи худаш аст. Шахсияти дигар — аъамм аз мусалмон ва ғайримусалмон — ки файласуфе соҳибназар бошад, дар табақа ва давраи ӯ вуҷуд надорад. Кендӣ дар ҳудуди соли 258 даргузаштааст.

Табақаи дуввум

Ин табақа аз ду гурӯҳи мухталиф ташкил мешавад: гурӯҳи шогирдони Кендӣ ва гурӯҳе, ки шогирди Кендӣ набудаанд. Аммо гурӯҳи аввал:

1) *Абулаббос Аҳмад ибни ат-Тайиби Сарахсӣ*. Бузургтарин шогирди Кендӣ будааст. Дар соли 218 мутаваллид ва дар соли 286 ба дасти Қосим ибни Убайдуллоҳ вазири Мӯътазид ба қатл расидааст. Ибни Абиусайбиъа 54 китоб ва рисола аз ӯ ном мебарад, ки зоҳиран ҳеч кадом дар даст нест, аз ҷумла китоби "*Алмасолик вал-мамолик*" дар ҷуғрофиё ва шояд аввалин ҷуғрофиёнависи ҷаҳони ислом ӯ бошад. Дигар китобе дар фарқ байни наҳв ва мантиқ, дигар китобе дар ин ки усул ва аркони фалсафа баъзе мубтанӣ бар баъзеи дигар аст, ва дигар китобе дар қавонини омми фанни диалектик (ҷадал).

Ҳонри Курбан менависад: "*Ӯ алифбои садодоре ихтироъ кард, ки ба василаи Ҳамзаи Исфаҳонӣ такмил шуд.*" Ва ҳам ӯ менависад: "*Дар мавриди тасмияҳое, ки дар забони арабӣ барои таъйини равоқиюн ба кор меравад, иттилооти гаронбаҳое ба даст дод, ки бидуни онҳо хотираи равоқиюн дар ривоёти исломӣ андаке дар пардаи ибҳом қарор дошт.*"

2) *Абӯзайд Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ*. Ҳам адиб буда ва ҳам файласуф. Ибни ан-Надим шарҳи ҳоли ӯро дар радифи удабо ва нависандагон овардааст ва китобҳои фалсафии ӯро низ ҳамончо баён кардааст, вале дар зимни аҳволи Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (дар радифи атиббо), ки фалсафаро назди Балхӣ хондааст, мухтасаре дар бораи Ибни Балхӣ тавзеҳ медиҳад бидуни он ки маълум кунад ин ҳамон Абӯзайди Балхӣ аст ё шахси дигар аст ва

мегӯяд: “*Ман китобҳои зиёде ба хатти Ибни Балхӣ дар улуми бисёре дидаам, ки ҳама сиёҳнавис ва нотамом буд*.” Балхӣ илова бар мақоми фалсафӣ, дар адаб аз тирози аввали удабои исломӣ ба шумор рафтааст. Ӯро бо Ҷоҳиз ҳамрадиф мешуморанд ва бархе ӯро бар Ҷоҳиз тарҷеҳ медиҳанд.

Ибни ан-Надим илова бар соири китобҳо, китобҳое аз ӯ ба номҳои “*Шароеъул-адён*” ва “*Назмул-Қуръон*” ва “*Қавореъул-Қуръон*” ва “*Ғарибул-Қуръон*” ва “*Фазоилу Макка*”-ро ном бурдааст. Вай дар соли 322 даргузаштааст. Дар “*Алфеҳрист*”-и Ибни ан-Надим ва “*Торихул-ҳукамо*”-и Ибни Қифтӣ зикре аз ин ки Балхӣ шогирди Кендӣ буда ба миён наомадааст, вале мутааххирон билиҷмоъ ӯро шогирди Кендӣ донистаанд. Зоҳиран мадраки ҳамаи онҳо “*Муъҷамул-удабо*”-и Ёқути Ҳамавӣ аст. Аммо агар воқеан соли вафоти Балхӣ 322 бошад, шогирдии ӯ назди Кендӣ бисёр баъид аст, зеро Кендӣ дар ҳудуди соли 258 даргузаштааст ва 64 сол миёни ин ду торих фосила аст; магар ин ки фарз кунем Балхӣ лоақал ҳудуди 100 сол умр кардааст, вале “*Муъҷамул-удабо*” тасреҳ мекунад, ки вай 87 ё 88 сол умр кард. Пас, агар ӯ дар соли 322 даргузашта бошад, дар вақти фавти Кендӣ 13 ё 14 сол доштааст. Шояд Балхӣ шогирди бовоситаи Кендӣ будааст.

Балхӣ низ эҳтимолан шиъа аст ва ҳам муттаҳам ба куфру илҳод шудааст. Мегӯянд, Абулҳасани Омирӣ, файласуфи маъруф — ки баъд дар бораш сухан хоҳем гуфт — шогирди Балхӣ будааст, вале чунонки баъдан хоҳем гуфт, баъид ба назар мерасад.

3) *Абӯмиъшар Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ*. Дар ибтидо аз асҳоби ҳадис ва душмани Кендӣ ва маслаки ӯ буд. Кендӣ бо ҳилаву тадбир ӯро ба нуҷум ва риёзӣ алоқаманд сохт ва аз озораш роҳат шуд. Ва бино бар нақли “*Алфеҳрист*”, дар ҳалқаи шогирдони Кендӣ даромад. Абӯмиъшар беш аз 100 сол умр карда ва дар соли 272 даргузаштааст. Ӯ пеш аз он ки файласуф бошад, муаррих ва мунаҷҷим аст.

Ибни ан-Надим чанд нафар ба номи Ҳасануя ва Нафтуя ва Саламуя ва як нафари дигар ба ҳамин вазн ёд мекунад, ки шогирди Кендӣ будаанд. Мо беш аз он чӣ Ибни ан-Надим зикр карда аз онҳо иттилое надорем. Ин қадр медонем, ки як нафар табиб ба номи Саламуя ибни Бинон муосири Кендист, ки табиби махсуси Муътасим буда ва Ибни ан-Надим ва Ибни Абиусайбиъа ба тафсил дар бораш баҳс кардаанд ва ӯ насронӣ ва сурёнӣ будааст,

аммо ин ки ин Саламуя ҳамон аст, ки Ибни ан-Надим ӯро аз шогирдони Кендӣ шумурдааст, намедонем.

Аз ҷумлаи шогирдони Кендӣ марде буда ба номи Дабис Муҳаммад ибни Язид ва Ибни ан-Надим иҷмолан аз ӯ ёд кардааст ва шахси дигаре ба номи Зурнаб, ки Ибни Абиусайбиъа зимни шумориши рисолаҳои Кендӣ мегӯяд: "*Рисолатун ило Зурнаб тилмизиҳи фи асрориннуҷум*".

* * *

Аммо гурӯҳи дуввум яъне афроде аз табақаи дуввум, ки шогирди Кендӣ набудаанд, онҳо иборатанд аз:

1) *Абӯисҳоқ Иброҳими Қувайрӣ*. Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" баъд аз зикри Абулаббоси Сарахсӣ, аз Иброҳими Қувайрӣ ёд мекунад ва мегӯяд:

ممن أخذ عنه المنطق وكان مفسّرا

Яъне аз касонест, ки мантиқ аз ӯ омӯхта шудааст ва худ муфассир ва шореҳи калимоти пешиниён будааст. Албатта эҳтимоли ин ҳаст, ки феъли "ахаза" ба сурати маълум хонда шавад, на маҷҳул. Маънии иборат ин хоҳад буд, ки Қувайрӣ низ монанди Абулаббоси Сарахсӣ шогирди Кендӣ буда ва мантиқро аз ӯ омӯхтааст. Вале то кунун надидаем касе ин эҳтимолро дар иборати Ибни ан-Надим дода бошад.

Ибни Абиусайбиъа дар "*Уюнул-анбиё*" зимни шарҳи ҳоли Форобӣ, ҷараёне аз забони Форобӣ роҷеъ ба кайфияти зуҳури фалсафа дар Юнон ва сипас дар Искандария нақл мекунад ва номи Қувайрӣ дар он ҷараён омадааст.

Форобӣ баъд аз баҳсе дар бораи зуҳур ва нашри фалсафа дар Юнон ва сипас дар Искандария, мегӯяд:

"*Муқорини зуҳури ислом, таълим аз Искандарияи Миср ба Антокия мунтақил шуд ва муддате гузашт ва кори касодии ҳикмат ба онҷо кашид, ки дар Антокия ҷуз як муаллим вуҷуд надошт. Ду нафар яке аҳли Марв ва дигаре аҳли Ҳаррон аз ӯ ҳикмат омӯхтанд ва аз Антокия берун рафтанд, дар ҳоле, ки як идда китоб бо худ бурданд. Баъд аз он, Иброҳими Марвазӣ ва Юҳанно ибни Ҳайлон назди шахси марвӣ, ва Исроили уқлуф ва Иброҳими Қувайрӣ назди шахси ҳарронӣ ба таъаллум пардохтанд. Исроил ва Қувайрӣ ҳар ду ба сӯйи Бағдод раҳсипор шуданд. Исроил ба умури*

динӣ пардохт ва Қувайрӣ ба кори таълим машғул шуд. Юҳанно ибни Ҳайлон низ ба корҳои динӣ пардохт ва Иброҳими Марвазӣ ба Бағдод омад ва Абӯбашари Матто назди ӯ таҳсил кард."

Аз сухани Форобӣ пайдост, ки таълиму таъаллум дар ҳавзаи Антокия (ки ҳавзаи насронӣ буда) мунҳасир буда ба мантиқ, он ҳам то охирҳои ашколи вуҷудия. Форобӣ тибқи гуфтаи худаш, мантиқро назди Юҳанно ибни Ҳайлон омӯхтааст ва мегӯяд, ҳаминки кори таълим ба дасти мусалмонон афтод, таҳрими бақияи мантиқ — ки қаблан калисо таҳрим карда буд — лағв шуд.

Масъудӣ дар китоби маъруфи "*Аттанбиҳу вал-ишроф*" мегӯяд:

"*Мо дар китоби "Фунунул-маориф ва мо ҷаро фид-дуҳурис-саволиф" гуфтаем ба чӣ сабаб муқорини замони Умар ибни Абдулазиз, таълим аз Искандария ба Антокия мунтақил шуд ва муқорини айёми Мутаввакил аз Антокия ба Ҳаррон мунтақил гашт ва дар замони Мӯътазид (279-289) умури таълим ба дасти Иброҳими Қувайрӣ ва Юҳанно ибни Ҳайлон (вафотёфта дар айёми Муқтадир дар Бағдод) ва Иброҳими Марвазӣ афтод ва баъд аз онҳо мунтаҳӣ шуд ба Абӯаҳмад ибни Курниб ва Абӯбашари Матто ва баъд аз онҳо ба Абӯнасри Форобӣ расид*."

Қувайрӣ бино ба гуфтаи Ибни ан-Надим, устоди Абӯбашари Матто будааст.

2) *Абӯяҳё Иброҳими Марвазии* собиқуззикр. Ӯ низ устоди Абӯбашари Матто будааст. Ибни ан-Надим мегӯяд, марде фозил ва лекин сурёнӣ буд ва ҳар чӣ дар мантиқ китоб навишта ба луғати сурёнӣ аст.

3) *Юҳанно ибни Ҳайлон*. Ҳамон аст, ки номаш қаблан дар зайли номи Иброҳими Қувайрӣ бурда шуд ва гуфтем, ки устоди мантиқи Форобӣ будааст. Маълум нест, ки Форобӣ мантиқро дар куҷо назди Юҳанно таҳсил кардааст. Баъзе навиштаанд, ки Форобӣ барои таҳсили мантиқ назди Юҳанно ба Ҳаррон рафт. Ибни Қифтӣ тасреҳ мекунад, ки дар Бағдод будааст. Аз зоҳири сухани Форобӣ — ки қаблан аз "*Уюнул-анбиё*" нақл кардем — бармеояд, ки Юҳанно ба Бағдод наомадааст.

4) *Абулаббос Муҳаммад ибни Муҳаммади Эроншаҳрии Нишопурӣ*. Аз ин шахс иттилои саҳеҳе дар даст нест. Абӯрайҳони Берунӣ дар *"Ал-осорул-боқия"* ва Носири Хусрав дар *"Зодул-мусофирин"* аз ӯ ёд кардаанд. Гӯянд, бархе ақоиди фалсафии Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ дар бораи қидами макон ва ҳаюло муттахаз аз ӯст. Ва ҳам мегӯянд, муддаии нубувват ва паёмбарии аҷам будааст. Эроншаҳрӣ маълум нест аз гурӯҳи пайравон ва шогирдони

Кендӣ аст ё аз гурӯҳи Қувайрӣ ва Ибни Ҳайлон ва Марвазӣ ва ё худ мустақил аз ҳамаи инҳост ва ба гурӯҳи севвуме вобаста аст.

Аз он чӣ то кунун гуфта шуд, маълум шуд то ҳудуди аввалҳои қарни чаҳорум ду ниҳлаи фалсафӣ вуҷуд доштааст: ниҳлае, ки аз Кендӣ оғоз шудааст, ки шомили таълими мантиқ ва фалсафа ва тибб ва нуҷум ва мусиқӣ ва ғайра будааст ва ниҳлаи ҳаррониҳо, ки зоҳиран дар ибтидо аз мантиқ таҷовуз намекардааст.

Табақаи севвум

Дар ин табақа панҷ нафар қобили зикранд:

1) *Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ*, ки ба "*Ҷолинусул-араб*" иштиҳор ёфтааст. Бештари шӯҳрат ва ҳам тахассуси вай дар тибб аст. Дар ин фанн аз тирози аввали торих шумурда мешавад. Бархе ӯро дар тибби амалӣ ва таҷрибӣ, бар Бӯалӣ тарҷеҳ додаанд. Дар соли 251 мутаваллид шуда ва дар соли 313 даргузаштааст. Қаблан гуфтем, ки Ибни ан-Надим ӯро шогирди Балхӣ шумурдааст ва эҳтимолан ин Балхӣ ҳамон Абӯзайди Балхӣ шогирди Кендӣ аст. Бинобар ин, Розӣ шогирди шогирди Кендӣ аст. Қароини дигаре ба даст омада, ки таъйид мекунад устоди Розӣ ҳамон Абӯзайди Балхӣ аст.

Абӯзайд дар соли 243 ё 244 мутаваллид шуд ва аз шогирди худ (Розӣ), ки дар 251 мутаваллид шудааст, 7 ё 8 сол бузургтар будааст, ва албатта ин баъид нест, хусусан бо таваҷҷӯҳ ба ин ки Розӣ дар бузургсолӣ ба таҳсил иштиғол пайдо кардааст. Абӯзайд 9 сол ҳам баъд аз шогирди худ зинда будааст. Устоди дигари Розӣ Абулаббоси Эроншаҳрист, ки қаблан ном бурдем ва иттилои дурусте аз ӯ дар даст нест.

Розӣ ақоиди фалсафии хосс дорад, ба фалсафаи арастуии замони хеш таслим набудааст. Дар боби таркиби ҷисм қоил ба "аҷзоъи заррай" будааст. Ақидаи хоссе дар боби "қудамои хамса" доштааст, ки маъруф аст ва каму беш дар китобҳои фалсафа матраҳ аст. Ақоиди фалсафии Розиро дар боби "қудамои хамса" Форобӣ, Абулҳусайн Шаҳиди Балхӣ, Алӣ ибни Ризвони Мисрӣ, Ибни Ҳайсами Басрӣ рад кардаанд.

Дар феҳристи китобҳои Розӣ, китобе "*Фин-нубуввот*" омада, ки дигарон ба таъну истеҳзо номи онро "*Нақзул-адён*" ниҳодаанд. Ва китоби дигаре ба номи "*Фи ҳиялил-мутанаббиъин*", ки дигарон ба таън номи онро "*Махориқул-анбиё*" гузоштаанд. Ин китобҳо дар даст нест,

вале мутакаллимини исмоилӣ аз қабили Абӯҳотами Розӣ ва Носири Хусрав (ва шояд манқул аз Абӯҳотам) дар китобҳои худ ба нақли қавл аз Розӣ матолибе оварда мабнӣ бар ин ки ӯ мункири нубувватҳо будааст. Ҳарчанд Абӯҳотам номи Розиро набурдааст ва аз ӯ бо калимаи "Мулҳид" ёд кардааст, вале мусаллам аст, ки манзури ӯ Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ аст.

Назар ба ин ки он китобҳо дар даст нест, наметавон изҳори назари қатъӣ кард, вале аз маҷмӯи қароин метавон ба даст овард, ки Розӣ мункири нубувватҳо набуда ва бо "мутанаббъин" (муддаъиёни дурӯғини нубувват) дар ситеза будааст. Мубоҳисоти Розӣ бо Абӯҳотами исмоилӣ дар манзили яке аз бузургони Рай дар ҳузури акобир ва бузургони шаҳр ва ало руъусил-ашҳод маҳол аст, ки дар заминаи ибтоли нубувватҳо бошад ва Розӣ сареҳан ва аланан ҳамаи нубувватҳоро такзиб кунад ва ҳамаи мазоҳибро ботил бидонад ва дар ниҳояти эҳтиром ҳам зист намояд. Ин ки бархе иддао мекунанд, ки Абӯрайҳони Берунӣ китобе ба номи "*Нақзул-адён*" ва китобе ба номи "*Махориқул-анбиё*" ба Розӣ нисбат додааст, ба ҳеч ваҷҳ саҳеҳ нест. Абӯрайҳон яке аз он китобҳоро "*Фин-нубуввот*" ва дигареро "*Фи ҳиялил-мутанаббиъин*" мехонад ва ба дунболи номи ҳар кадом калимаи "юддаъо" (иддао мешавад)-ро изофа мекунад ва мерасонад, ки ин номро дигарон додаанд. Ибни Абиусайбиъа зимни ин ки нисбати чунин китоберо ба Розӣ инкор мекунад, эҳтимол медиҳад, ки бархе "ашрор" ин китобро сохта ва аз рӯи душманӣ ба Розӣ нисбат дода бошанд ва тасреҳ мекунад, ки номи "*Махориқул-анбиё*"-ро душманони Розӣ назири Алӣ ибни Ризвони Мисрӣ ба ин китоб додаанд, на худи Розӣ. Аз сухани Ибни Абиусайбиъа пайдост, ки китоби нубувватҳо ва китоби "*Ҳиялул-мутанаббиъин*" ғайри ин китобест, ки ин ном ба он дода шудааст, ва он ду китоб вазъи равшане дорад.

Ба илова, Розӣ сахт пойбанд ба тавҳид ва маъод ва асолат ва бақои руҳ аст. Китобе дорад *"Фи анна лил-инсони холиқан мутқинан ҳакиман"* (*Дар ин ки инсон офаридгоре мутқин ва ҳаким дорад*) ва китобе дорад дар радди Сисани санавӣ (рад бар Монавият) ва рисолае *"Ило Алӣ ибни Шаҳид ал-Балхӣ фи тасбитил-маъод"* (*Рисолае ба Алӣ ибни Шаҳиди Балхӣ дар ин исботи маъод*) ва назараш дар он китоб — ҳамчунонки Ибни Абиусайбиъа мегӯяд — нақди назарияи мункирони маъод аст. Ва китобе *"Фи аннан-нафса лайса би ҷисмин"* (*Рисолае дар ин мавзӯъ, ки нафс ҷисм нест*). Чӣ гуна мумкин аст касе ҳамаи усули

мабдау маъод ва руҳу нафсро пазируфта бошад ва мункири нубувватҳо ва шаройеъ бошад?! Ба илова, ӯ китобе дорад *"Фи осорил-имомил-фозилил-маъсум"* (*Дар осори имоми фозили маъсум*), ки ба эҳтимоли қавӣ бар тибқи мазоқи шиъа дар имомат навиштааст. Ва китобе дорад ба номи *"Аннақз ълал-киёли фил-имома"* ва китобе ба номи "*Китобул-имом вал-маъмумил-муҳиққайн*", ва ҳама мерасонад, ки андешаи имомат фикри ӯро машғул медоштааст. Бадеҳист касе, ки мункири шаройеъ ва нубувватҳо бошад, дар бораи имомат ҳассосияте надорад.

Баъид нест ҳамчунонки баъзе гуфтаанд, Розӣ то ҳудуде тарзи тафаккури шиъии имомӣ доштааст ва ҳамаи муфаккироне, ки ин гуна тарзи тафаккур доштаанд, аз тарафи душманони шиъаи имомия муттаҳам ба куфру зандақа мешуданд.

Гузашта аз ҳамаи инҳо, истидлоле, ки аз Розӣ дар инкори нубувват нақл шуда, он қадр суст ва заъиф аст, ки аз муфаккире монанди Розӣ бисёр баъид аст, аз қабили ин ки агар мебоист мардум ҳидоят шаванд, чаро ҳамаи мардум паёмбар нестанд?!

Он чӣ метавон гуфт ин аст, ки Розӣ иштибоҳот ва инҳирофоте доштааст, вале на дар ҳадди инкори нубувватҳо ва шаройеъ. Душманони ӯ, ки суханони ӯро нақл кардаанд, ба ӯ чунин чеҳрае додаанд ва асли сухани Розӣ ҳам, ки дар даст нест. Мо дар асри худ китобҳое дидаем, ки холӣ аз иштибоҳот ва инҳирофоте нестанд, вале мухолифони он китобҳо чунон чеҳрае ба он китобҳо додаанд, ки агар касе асли он китобҳоро надида бошад, бовар намекунад, ки ин рисолот ва мақолот дар радди чунон китобе бошад.

Розӣ ду даста мухолиф доштааст: мухолифоне, ки бар орои фалсафии ӯ рад навиштаанд, монанди Форобӣ ва Шаҳиди Балхӣ ва Ибни Ҳайсам ва баъзе дигар. Ва мухолифоне, ки бар орои мазҳабии ӯ рад навиштаанд. Танҳо ин гурӯҳ, ки ҳамон исмоилиёнанд ва торих худи онҳоро "малоҳида" мехонад, чеҳраи "илҳод" ба Розӣ дар торих додаанд ва дигаронро ҳам то ҳадде таҳти таъсир қарор додаанд. Ахиран малоҳидаи асри мо ба наҳви дигар дар таъйиди малоҳидаи исмоилӣ чеҳраи илҳодӣ ба Розӣ медиҳанд, вале на ба манзури билотавҷеҳ сохтани Розӣ, балки ба манзури тавҷеҳ кардани худашон.

Матлаби дигар, ки бояд ногуфта намонад ин аст, ки Розӣ алорағми нубуғу тахассус дар тибб, дар андешаҳои фалсафӣ тавоно набудааст. Метавон ба Ибни Сино ҳақ дод, ки дар посух ба пурсишҳои Абӯрайҳони Берунӣ, Розиро

المتكلف الفضولي المتكلم بما لا يعنيه

(Мутакаллифи фузулии гӯяндаи он чи бемаънист) мехонад.

2) *Абулҳусайн Шаҳид ибни ал-Ҳусайн ал-Балхӣ*. Ҳам ҳаким буд ва ҳам шоир. Ба арабӣ ва форсӣ шеър месуруда ва аз қадимитарин шоирони забони форсӣ ба шумор меояд.

Ибни ан-Надим гӯӣ Шаҳид Балхиро дуруст намешинохтааст, зеро ӯро таҳти унвони

رجل يعرف بشهيد بن الحسين ويكنى أبا الحسن

(Касе, ки ба Шаҳид ибни Ҳусайн маруф аст ва кунияаш Абулҳасан аст) ёд мекунад. Баъд ҷумлае дорад, ки зоҳир ин аст, ки мехоҳад бигӯяд, вай шогирди Абӯзайди Балхӣ будааст, агарчӣ то кунун надидаем касе ин эҳтимолро дар гуфтаи Ибни ан-Надим дода бошад. Ибни ан-Надим мегӯяд, ин мард (Шаҳид) китобҳо тасниф карда ва байни ӯ ва Розӣ мунозироте будааст.

Шаҳид, ҳам назарияи Розиро дар масъалаи "*лаззат*" — ки дар китобҳои фалсафа мисли "*Асфор*" ва ғайра матраҳ аст — рад кардааст ва ҳам назарияи маъруфи ӯро дар боби "қудамои хамса". Шаҳид дар соли 325 даргузаштааст.

3) *Абӯаҳмад Ҳусайн ибни Абулҳусайн Исҳоқ ибни Иброҳим ибни Зайд ибни Котиб* маъруф ба Ибни Курниб, аз фузалои мутакаллимини исломӣ ва аз ҳукамои табиӣ (дар муқобили ҳукамои риёзӣ) будааст, баръакси бародараш Абулҳусайн ибни Курниб ва бародарзодааш Абулъало ибн Абилҳусайн, ки аҳли риёзиёт будаанд ва Ибни ан-Надим номи онҳоро дар радифи риёзидонон овардааст. Абӯаҳмад ибни Курниб ҳам мутакаллим буда ва ҳам файласуф ва ҳам табиб. Мутобиқи он чӣ дар "*Номаи донишварон*" омада дар ҳар ду қисмат (калом ва фалсафа) тадрис мекарда ва шогирдон ва таломизае дошта ва шахсияти мумтозе ба шумор мерафтааст. Ибни ан-Надим мегӯяд: "*Дар ниҳояти фазлу маърифат ва вуруд дар улуми табиии қадим буд*." Айни иборати Ибни ан-Надим, дар *"Торихул-ҳукамо"*-и Ибни Қифтӣ ва "*Уюнул-анбиё*"-и Ибни Абиусайбиъа такрор шудааст. Вале Масъудӣ — чунонки дидем — ӯро ҳамтабақаи Абӯбашари Матто ва дар табақаи баъд аз Қувайрӣ ва Марвазӣ шумурдааст. Баъид нест, ки назди онҳо таҳсил карда бошад, ҳарчанд гуфта мешавад Абӯбашари Матто назди Ибни Курниб таҳсил кардааст. Торихи вилодат ва вафоти Ибни Курниб ва ҳамчунин асотиди ӯ ва шогирдони ӯ дақиқан маълум нест, аз ин рӯ мӯҳтамал аст, ки аз табақаи дуввум ба шумор ояд.

Китобе, ки аз ӯ ёд мешавад китобест дар радди Собит ибни Қурра дар масъалаи фалсафии маъруф, ки ҳамакнун низ дар китобҳои фалсафа тарҳ мешавад, ва он "лузум ё адами лузуми тахаллули сукун миёни ду ҳаракати мутазодд" аст. Дар "*Торихул-ҳукамо*"-и Ибни Қифтӣ ва "*Уюнул-анбиё*"-и Ибни Абиусайбиъа ва ба табаъи онҳо дар "*Номаи донишварон*" "ҳаракатайни мутасовиятайн" забт кардаанд, ки албатта ғалат аст. Саҳеҳ ҳамон аст, ки дар "*Алфеҳрист*" омадааст: "ҳаракатайни мутазоддатайн".

4) *Абӯбашар Матто ибни Юнус (Юнон)*-и Насронии Мантиқии Бағдодӣ. Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" мегӯяд, юнонӣ аст ва аҳли Дирқнӣ. Дирқнӣ мутобиқи он чӣ дар "*Номаи донишварон*" менависад, ҳамон Дайри Марморӣ аст, ки "Ускул Марморӣ" (мадрасаи Марморӣ) ҳам хонда мешавад ва дар наздики Бағдод аст. Ибни ан-Надим мегӯяд: риёсати мантиқийин дар асри худаш ба ӯ мунтаҳӣ шуд, ва ҳам ӯ мегӯяд, ки Абӯбашар назди Иброҳими Қувайрӣ ва Абиаҳмад ибни Курниб ва ду нафари дигар ба номи Дуфил (Руфил — Рубил) ва Бенёмин таҳсил кардааст. Қаблан нақл кардем, ки вай назди Яҳёи Марвазӣ низ таҳсил кардааст. Ибни Абиусайбиъа дар зимни шарҳи ҳоли Форобӣ мегӯяд: "*Абӯбашари Матто "Исогуҷӣ"-ро назди як насронӣ (зоҳиран ҳамон Бенёмин, ки "Алфеҳрист" ном бурдааст), ва "Қотигуриё" (Мақулот)-ро назди Рубил ва "Қиёс"-ро назди Абӯяҳёи Марвазӣ омӯхт*."

Абӯбашар, ҳам мутарҷим буд ва ҳам файласуф, вале дар ҳақиқат мантиқӣ буда, на файласуф ба истилоҳи асри мо. Китобҳои мантиқии ӯ ва шуруҳи ӯ бар китобҳои мантиқии Арасту мадори тадрису таълиму таъаллуми муҳассилин будааст. Абӯбашари Матто мутобиқи он чӣ Ибни Қифтӣ навиштааст, дар солҳои миёни 320 ва 330 зинда будааст. Ибни Абиусайбиъа менависад, ки дар соли 328 даргузаштааст. Ин ки дар "*Номаи донишварон*" менависад, вафоти Абӯбашар дар соли 308 будааст, алаззоҳир ғалати нусха аст.

5) *Абӯнаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Тархони Форобӣ*. Ӯ бениёз аз муаррифӣ аст. Ба ҳақ ӯро "Муаллими сонӣ" ва "Файласуфул-муслимин мин ғайри мудофеъ" лақаб додаанд. Аҳли Туркистон аст. Маълум нест, ки эронинажод аст ё туркнажод. Ҳам забони туркӣ медониста ва ҳам забони форсӣ, вале то охир дар ҷома ва зийи туркон мезистааст. Марде буда фавқулъода қонеъ ва озодманиш, ғолибан канори наҳрҳо ва ҷӯйборҳо ва ё гулзорҳо ва боғистонҳо сукно мегузид ва шогирдон ҳамонҷо аз маҳзараш истифода мекарданд. Навоқиси кори Кендиро дар мантиқ такмил кард.

Гӯянд, “фанни таҳлил ва анҳои таълимияи мантиқ”-ро, ки то он вақт дар ихтиёри касе набуд ва ё тарҷума нашуда буд, Форобӣ ба ибтикори худ афзуд, ва ҳамчунин “синоъоти хамса” ва мавориди истифода аз ҳар санъатро ӯ мушаххас сохт. Форобӣ аз афродест, ки азаматаш аз ӯ шахсияти афсонай сохтааст то он ҷо, ки иддао кардаанд, ӯ ҳафтод забон медониста. Ӯ аз афроди худсохта аст.

Устоди қобили таваҷҷӯҳе надидааст. Устоди ӯ Юҳанно ибни Ҳайлон буда. Мантиқро назди ӯ омӯхтааст. Мутааххирин умуман менависанд, ки ӯ ибтидо дар Бағдод назди Абӯбашари Матто таҳсил кард ва сипас ба Ҳаррон рафт ва назди Юҳанно ибни Ҳайлон ба таҳсили мантиқ пардохт. Зоҳиран мадраки ин нисбат, сухани Ибни Халлакон аст; ӯст, ки чунин тасреҳе карда бидуни ин ки мадраке нишон диҳад. Вале аз гуфтаи Ибни Қифтӣ ва Ибни Абиусайбиъа маълум мешавад, ки Форобӣ муосири Абӯбашар буда ва шахсияте мофавқи ӯ дар замони худи ӯ доштааст. Ибни Қифтӣ мегӯяд:

وكان ابو نصر معاصرا لأبي بشر متى بن يونس الا انه كان دونه في السن وفوقه في العلم

Яъне Форобӣ бо Абӯбашар ҳамаср буд; аз ӯ ба сол поинтар ва ба илм болотар буд. Қариб ба ҳамин аст сухани Ибни Абиусайбиъа. Ба илова, бисёр баъид аст, ки Форобӣ пас аз дарки ҳавзаи Абӯбашари Матто ва истифода аз ӯ дар Бағдод, ба Ҳаррон назди Юҳанно ибни Ҳайлон барои таҳсили мантиқ биравад. Худи Форобӣ фақат аз Юҳанно ибни Ҳайлон ба унвони муаллим ёд кардааст. Ибни Қифтӣ муддаъист, ки Форобӣ дар Бағдод назди Юҳанно таҳсил кардааст.

Форобӣ дар соли 257 (шаш сол баъд аз таваллуди Розӣ ва як сол қабл аз даргузашти Кендӣ) мутаваллид шуд ва дар соли 339 даргузашт. 82 сол умр кард.

Форобӣ файласуфест машшоӣ ва дар айни ҳол холӣ аз машраби ишроқӣ нест, чунонки китоби “*Фусусул-ҳикам*”-и ӯ ҳикоят мекунад. Ӯ дар айни ҳол як нафар риёзидон ва мусиқидони дараҷаи аввал аст. Орои сиёсӣ ва назариёти хосс дар бораи мадинаи фозила дорад, ки маъруф аст. Форобӣ фалосифаи қабл аз худро таҳтушшуъо қарор дод. Толии тилви Арасту шумурда шуд ва “Муаллими сонӣ” лақаб ёфт.

Табақаи чаҳорум

Аз ин табақа афроди зиёде намешиносем. Он чӣ аз нақлҳо бармеояд ин аст, ки Форобӣ ва Абӯбашари Матто ва Ибни Курниб шогирдҳо доштаанд, вале иттилои дурусте аз онҳо надорем. Аз шахсиятҳои ин табақа:

1) *Яҳё ибни Адий* (ё Удай)-и мантиқии насронӣ аст. Ин мард бо Ибни ан-Надим муосир будааст ва Ибни ан-Надим нисбат ба пуркории ӯ эъҷоб дорад. Ибни ан-Надим ва Ибни Қифтӣ ва Ибни Абиусайбиъа билиттифоқ навиштаанд, ки вай шогирди Абӯнасри Форобӣ ва Абӯбашари Матто будааст. Ҳама (махсусан Ибни Қифтӣ) китобҳои зиёде аз ӯ нақл кардаанд, ки бештар мантиқист, вале аҳёнан масоиле аз масоили фалсафаи ало — ки дар давраи қабл аз Форобӣ хусусан дар масеҳиён камтар дида мешавад — тарҳ кардааст. Ибни ан-Надим ва ба табаъи ӯ Ибни Қифтӣ ва Ибни Абиусайбиъа навиштаанд, ки риёсати мантиқийин дар замони ӯ ба ӯ мунтаҳӣ шуда буд. Вай дар соли 363 ва ё 364 даргузаштааст ва гуфтаанд, 81 сол умр кардааст.

2) Ғайр аз Яҳё ибни Адий, дар табақаи чаҳорум ҷамъияти "*Ихвонуссафо ва хуллонулвафо*"-ро бояд ном бурд. Гурӯҳе ҳастанд гумном ва худ хостаанд гумном бошанд, аммо нишон додаанд, ки гурӯҳе ҳастанд ҳам файласуф ва ҳам мутадайин ва мутаъаҳҳид. Ба манзури ислоҳи ҷомеа бар асоси идеяе, ки доштаанд (ба кор бурдани фалсафа ва дин тавъаман) даст ба кор шуда, анҷумане ташкил дода (ҳизбмонанд), аъзо мепазируфта ва шуруту одобе доштаанд ва маҷмӯи 52 рисола, ки дар ҳақиқат баёнкунандаи ҷаҳонбинӣ ва идеулужии онҳост — ва аз як назар як доиратулмаориф барои асри онҳо маҳсуб мешавад ва асарест ҷовидонӣ ва аз шоҳкорҳои ҷаҳони ислом — офаридаанд. Ихвонуссафо ҳам аз аслофи худ (махсусан Форобӣ) мутаассир будаанд ва ҳам дар ахлофи худ асар гузоштаанд. Ҳар ду қисмат ниёзманд ба баҳси тӯлонист ва аз ҳудуди баҳси мо хориҷ аст.

Он чи аз номи онҳо бар мо ошкор аст ҳамонҳост, ки Абӯҳайёни Тавҳидӣ — ки тақрибан муосири онҳо буда — фош кардааст: Абӯсулаймон Муҳаммад ибни Миъшари Бастӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Ҳоруни Занҷонӣ, Абӯаҳмад Мехрҷонии Авфӣ, Зайд ибни Руфоъа. Баъзе дигар номи афроди дигаре аз қабили Ибни Мискавайҳи Розӣ (вафотёфта дар 421), Исо ибни Заръа (вафотёфта дар 398, мутарҷим ва файласуф) ва Абулвафои Бузҷонӣ (нобиғаи риёзидони маъруф, вафотёфта дар 387) ва баъзе дигарро мебаранд, вале баъзе аз

инҳо ба аввалҳои қарни панҷум таъаллуқ доранд, дар сурате ки дар нимаи дуввуми қарни чаҳорум кори Ихвонуссафо то ҳудуде шинохта будааст. Абӯҳайёни Тавҳидӣ дар соли 373 марому ақида ва маслаку равиши Ихвонро барои вазир Самсомуддавла ибни Азудуддавла бозгӯ кардааст ва гуфта, ман ин "Расоил"-ро ба устодам Абӯсулаймони Мантиқии Сиҷистонӣ арза кардам ва ӯ дар бораи онҳо изҳори назар кард. Бинобар ин, мебоист ин "Расоил" дар ҳудуди нимаи қарни чаҳорум таълиф шуда бошад ва ба ҳамин ҷиҳат бо ин ки торихчаи Ихвон дар даст нест, бояд онҳоро аз табақаи чаҳорум яъне ҳамтабақа бо шогирдони Форобӣ ба шумор оварем.

Ихвонуссафо, ки миёни ақлу дин, фалсафаву шариат ҷамъ кардаанд ва он дуро мукаммили якдигар медонанд, дар равиши фалсафии худ тамоюли фисоғурисӣ доранд, бар аъдод зиёд такя мекунанд ва дар ҷанбаи исломӣ, тамоюли шадиди шиъӣ ва алавӣ доранд.

Табақаи панҷум

1) *Абӯсулаймон Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Баҳроми Сиҷистонӣ*, маъруф ба Абӯсулаймони Мантиқӣ. Шогирди Яҳё ибни Адийи мантиқӣ будааст ва бино бар нақли Ибни Қифтӣ дар "*Торихул-ҳукамо*", назди Абӯбашари Матто низ таҳсил кардааст. Зоҳиран оғози таҳсилаш дар назди Абӯбашар буда ва баъд дар назди Яҳё ибни Адий идома додааст.

Абӯсулаймон шогирде дорад ба номи Абӯҳайёни Тавҳидӣ, ки аз фузало ва удабо ва нависандагони баноми ҷаҳони ислом аст ва китобҳои нафисе дорад ба номҳо: *"Ал-муқобасот"*, *"Ал-имтоъ вал-муъонаса"*, *"Ас-садиқ вас-садоқа"*. Абӯҳайён дар китобҳои худ фаровон аз устодаш ёд карда ва ифозоти ӯро бозгӯ кардааст.

Ибни ан-Надим ва Ибни Қифтӣ ва Ибни Абиусайбиъа ҳама аз Абӯсулаймон ёд кардаанд, вале ба таври мухтасар, ва албатта Ибни Қифтӣ муфассалтар баҳс кардааст. Ҷомеътарин баҳс дар бораи Абӯсулаймон ҳамон аст, ки марҳум Муҳаммади Қазвинӣ дар ҷилди дуввуми "*Бист мақола*" (сафаҳоти 128-166) анҷом додааст.

Хонаи Абӯсулаймон миъодгоҳи ҳукамо ва фузалои аср буда ва худ раиси қавм ба шумор меомадааст. Дар маҳфили Абӯсулаймон — ки дар ҳақиқат як анҷумани фалсафӣ будааст — ҳамвора масоили илмӣ ва фалсафӣ матраҳ мешуда ва ҳукамо аз якдигар истифода

мекардаанд ва ба таъбири Абӯҳайён, “муқобаса” менамудаанд. Абӯҳайён онҳоро дар 106 маҷлис ҷамъ карда ва номи онҳоро “*Ал-муқобасот*” гузоштааст.

Торихи вилодат ва вафоти Абӯсулаймон дақиқан маълум нест. Қадри мусаллам ин аст, ки дар нимаи дуввуми қарни чаҳорум шахсияти мумтозе доштааст. Марҳуми Қазвинӣ ҳадс мезанад, ки вилодати Абӯсулаймон дар ҳудуди соли 307 ва вафоташ дар ҳудуди соли 380 бошад ва эҳтимолан то ҳудуди 390 зинда будааст.

Ҳукамо ва фузалое, ки дар маҳфили Абӯсулаймон ширкат мекардаанд, ғолибан шогирди Яҳё ибни Адий ва ҳамшогирдони худи Абӯсулаймон будаанд аз қабили: Абӯмуҳаммади Арӯзӣ, Абӯбакри Қувмасӣ, Исо ибни Заръа.

2) *Абулҳасани Омирии Нишопурӣ*. Аз ин шахс низ иттилои зиёде дар даст нест. Ибни ан-Надим ва Ибни Қифтӣ ва Ибни Абиусайбиъа аз ӯ зикре ба миён наёвардаанд. Ёқут дар “*Муъҷамул-удабо*” аз ӯ ёд кардааст.

Дар “*Се ҳакими мусалмон*” менависад: Омирӣ ду китоб дорад: яке дар ахлоқ ба номи “*Ассаъодату вал-исъод*” ва дигаре дар фалсафа ба номи “*Ал-амаду илал-абад*”. Китобе ҳам дар дифоъ аз ислом ва тафаввуқи он бар соири адён навиштааст ба номи “*Алэълом би маноқибил-ислом*”.

Ва ҳам менависад, ки ҳамчунонки ба фалсафаи юнонӣ алоқаманд буд, ба фалсафаи сиёсии Сосониён низ алоқаманд буд ва худ шогирди Абӯзайди Балхӣ буд.

Баъзе муддаӣ шудаанд, ки миёни Омирӣ ва Ибни Сино номаҳо мубодала шуда, вале мӯҳтамал ба назар намерасад, зеро Ибни Сино дар вақти вафоти Омирӣ 11-сола будааст.

Гуфтаанд, Омирӣ шогирди Абӯзайди Балхӣ будааст, вале баъид аст, ки Омирӣ шогирди биловоситаи Балхӣ бошад, зеро Балхӣ дар соли 322 даргузаштааст ва Омирӣ дар соли 381 ва бинобар ин, миёни вафоти устоду шогирд 59 сол фосила аст.

3) *Абулхайр Ҳасан ибни Савор,* маъруф ба Ибни ал-Химор. Ҳам ҳаким аст ва ҳам табиб ва ҳам мутарҷим аз сурёнӣ ба арабӣ, вале бештар табиб аст, то файласуф ё мутарҷим. Шогирди Яҳё ибни Адийи мантиқии собиқуззикр буда ва шогирдони зиёде тарбият кардааст. Ибтидо мазҳаби насронӣ дошт ва дар охири умр (мутобиқи нақли “*Номаи донишварон*”) мусалмон шуд.

Ибни ан-Надим, ки муосири вай буда ва ба табаъи ӯ Ибни Қифтӣ, ӯро фавқулъода боҳуш ва фатин хондааст. "*Номаи донишварон*" муддаъист, ки умри тӯлонӣ карда, вале торихи вафоти ӯро наменависад. Марҳуми Муҳаммади Қазвинӣ дар "*Бист мақола*" мақолаи марбут ба "*Татиммату савонил-ҳикма*" (ҷилди 2, сафҳаи 141) муддаъист, ки вафоти Абулхайр дар соли 408 будааст.

Гӯянд, Бӯалӣ, ки маъмулан муосирони худро ба чизе намегирифт, аз Абулхайр ба некӣ ёд карда ва гуфта: "*Абулхайрро дар радифи дигарон набояд шумурд. Худованд мулоқоти ӯро рӯзӣ кунад*!"

4) *Абӯабдуллоҳи Нотилӣ*. Ин мард ҳамон аст, ки Ибни Сино дар оғози таҳсил, қисмате аз мантиқ ва қисмате аз риёзиётро назди ӯ омӯхт. Шахсияти мумтозе надорад, ҳамаи шӯҳраташро аз ноҳияи шогирди номдораш касб кардааст.

Нотилӣ табиб ҳам будааст. Ибни Абиусайбиъа дар зимни аҳволи Абулфараҷ ибни ат-Тайиб, ӯро дар радифи табибони муосири Абулфараҷ шумурдааст. Баъзе муддаӣ шудаанд, ки Нотилӣ шогирди Абулфараҷ ибни ат-Тайиб будааст ва ба гуфтаи Ибни Абиусайбиъа истинод кардаанд, вале иштибоҳ аст. Ибни Абиусайбиъа Нотилиро дар радифи муосирони Абулфараҷ овардааст, на шогирдони ӯ. Ибни Абиусайбиъа Абулфарачро аз муосирони Бӯалӣ, ки шогирди Нотилӣ будааст мешуморад, то чӣ расад ба Нотилӣ.

Табақаи шашум

Ин табақаро табақаи нобиғаҳо бояд ном ниҳод. Ҳеч табақа аз табақоти фалосифа монанди ин табақа афроди барҷаста надоштааст:

1) *Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Яъқуби Мискавайҳи Розӣ*. Аслан аҳли Рай буда ва муддате ба иттифоқи Абӯрайҳони Берунӣ ва Ибни Сино ва Абулхайр ва Абӯсаҳли Масеҳӣ ва Абӯнасри Ироқӣ дар дарбори Хоразмшоҳ мезистааст. Вафоташ дар Исфаҳон дар соли 420 воқеъ шудааст.

Торихи таваллудаш маълум нест, вале мегӯянд, умри тавил ёфтааст. Аз Абӯҳайёни Тавҳидӣ нақл шуда, ки Ибни Мискавайҳ муддате назди Абулхайр шогирдӣ кардааст. Баъзе мегӯянд, назди Абулҳасани Омирӣ низ таҳсил кардааст, вале ин нақл бо он чи аз "*Муъҷамул-удабо*" нақл шуда — ки дар муддати панҷ соли иқомати Абулҳасани Омирӣ дар Рай ба назди

Омирӣ нарафт ва гӯӣ миёни онҳо садде буд — мунофӣ аст. Достони ҳузури Ибни Сино ба маҷлиси Ибни Мискавайҳ ва афкандани гирдуе пеши ӯ, ки масоҳати ин гирдуро таъйин кун ва гузоштани Ибни Мискавайҳ китоби ахлоқии *"Таҳорутул-аъроқ"*-и худро назди Ибни Сино ва гуфтани ин ки ту ба ислоҳи ахлоқат аз ман ба таъйини масоҳати ин гирду мӯҳтоҷтарӣ, маъруф аст. Бӯалӣ ба ҳукми ин ки камтар касе аз муосирони хешро гиромӣ медошта ва вақъе мениҳода, дар бораи Ибни Мискавайҳ низ гуфта, масъалае бо ӯ дар миён гузоштам ва ҳар чӣ кӯшиш кардам, натавонист бифаҳмад.

Ибни Мискавайҳ худаш ё падараш зартуштӣ буда ва мусалмон шуда ва ба ақидаи баъзе шиъа будааст. Қадри мусаллам ин аст, ки тамоюли шиъӣ доштааст. Аз маъруфтарин китобҳои ӯ "*Таҷорибул-умам*" дар торих ва "*Алфавзул-асғар*" дар фалсафа ва "*Таҳорутул-аъроқ*" дар ахлоқ аст.

2) *Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунии Хоразмӣ*. Аз шахсиятҳои дараҷаи аввали фарҳанг ва тамаддуни исломӣ аст. Аз назари бархе мусташриқин, дар тамоми ҷаҳони ислом назир надорад. Риштаи тахассусиаш риёзиёт, нуҷум, торих, ҳайъат, дорушиносӣ, баррасии ақоид ва адёни ақвому милал ва амсоли онҳо буда. Чандин китоби таҳқиқии нафис офарида, ки ҷаҳон ҳанӯз ба эъҷоб дар онҳо менигарад аз қабили *"Таҳқиқу мо лил-Ҳинд"*, *"Алосорул-боқия"*, *Қонуни Масъудӣ* ва ғайра. Берунӣ дар соли 362 мутаваллид шуда ва дар 442 даргузаштааст. Ӯ забонҳои юнонӣ ва сурёнӣ, илова бар забони форсӣ ва забони арабӣ ва забони хоразмӣ — ки забони модарии ӯ буда — медонистааст. Забони арабиро беҳтарин забонҳо барои масоили илмӣ медонад ва алоқаи хоссе ба ин забон нишон медиҳад. Мегӯяд, агар маро ба арабӣ носазо гӯянд бештар дӯст дорам аз ин ки ба бархе забонҳои дигар маро биситоянд.

Устодони ӯ маълум нест ҷуз як нафар ба номи Абӯнаср ибни Алӣ ибни Ироқӣ, ки зоҳиран ҳамон Абӯнасри Ироқист, ки дар дарбори Хоразмшоҳ будааст ва маълум нест, ки Абӯрайҳон шогирдоне дошта ё надоштааст.

Абӯрайҳон аз касонест, ки умри нисбатан тавил (қариб 80 сол) ёфта ва тамоми вақташ вақфи илм будааст. Ӯ ҷуз ба илм ба кори дигар (вазорат ва ғайра) напардохтааст. Ӯ дар сол фақат ду рӯз таътил доштааст.

Абӯрайҳон ва Ибни Сино дар ҳудуди соли 400 дар Хоразм бо якдигар мулоқот доштаанд. Абӯрайҳон чанд соле аз Бӯалӣ бузургсолтар буда ва дар ҳудуди 18 суол дар масоили фалсафӣ ва ғайра — ки бархе аз онҳо эътироз ба Арастуст — аз Бӯалӣ кардааст. Бӯалӣ ба онҳо посух гуфта ва тадриҷан кор андаке ба хушунат кашидааст, вале аҳли таҳқиқ муддаӣ ҳастанд, ки ин суолот баъд аз рафтани Бӯалӣ аз Хоразм будааст.

Абӯрайҳон дар китоби "*Алосорул-боқия*" он ҷо, ки ишора ба бархе суолоти худ аз Бӯалӣ мекунад, аз ӯ ба унвони "улфатиял-фозил" (аниси фозили ман) ёд менамояд.

Абӯрайҳон ба мабонии исломӣ сахт мӯътақид ва пойбанд будааст. Дар навиштаҳои худ умуман монанди як мӯъмини воқеӣ, аз дини муқаддаси ислом ёд мекунад ва ба таносуб оятҳои каримаи Қуръонро меоварад. Ӯ махсусан эҳсосоти зидди шуъубигарӣ дошт ва дар бархе навиштаҳои худ сахт аз шуъубигарӣ изҳори танаффур менамояд.

3) *Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино*, уъҷубаи даҳр ва нодираи рӯзгор. Шинохтанаш як умр ва шиносонданаш китобе бисёр қатур мехоҳад. Худаш гузориши зиндагии худро то ҳудуди 35-солагӣ, ки ба Гургон омада, ба тақозои яке аз шогирдон имло кардааст ва шогирди маъруфаш Абӯубайди Ҷузҷонӣ баъд онро такмил ва то охирин рӯзи зиндагиаш гузориш кардааст. Аз ин гузоришҳо метавон то ҳадде зиндагии оддӣ ва илмӣ ва сиёсии ӯро ба даст овард. Зиндагии ноором ва пурмоҷарое дошта ва умре нисбатан кӯтоҳ. Бо ин умри кӯтоҳ ва ин зиндагии пурмоҷаро, ин ҳама маълумот ва халқи ин ҳама осор ҳақиқатан ҳайратангез аст.

Аҷиб ин аст, ки бо ин ки Ибни Абиусайбиъа ва Ибни Қифтӣ ҳар ду матни ин ду гузоришро бидуни ихтилоф забт кардаанд, ҷумлаи охирро, ки муддати умри Шайхурраис аст, ба ихтилоф забт кардаанд. Бино бар нақли Ибни Абиусайбиъа, умри Шайхурраис 54 сол ва бино бар нақли Ибни Қифтӣ, 58 сол будааст. Баъзе дигар ("*Номаи донишварон*") аз рӯи баъзе қароин эҳтимол медиҳанд, ки умри Шайхурраис 63 сол будааст.

Нуктае, ки лозим аст гӯшзад шавад ин аст, ки шахсияти Бӯалӣ ҳамаи ҳукамои исломии пеш аз ӯро таҳтушшуъо қарор дод. Баъд аз Бӯалӣ, чӣ дар тибб ва чӣ дар фалсафа, китобҳои ӯ меҳвари баҳсу тадқиқ ва таҳшияву шарҳ буд.

Нуктаи дигар ин ки қабл аз Бӯалӣ, Бағдод маркази тиббу фалсафа буд. Бӯалӣ ба Бағдод нарафт — падараш балхӣ ва модараш бухороист, нимаи аввали умраш дар он ҳудуд

гузаштааст — ба илале ба сӯи Хуросон ва Гургон раҳсипор шуд ва дар чанд шаҳр таваққуфҳои кӯтоҳе кард. Оқибат дар Исфаҳон ва Ҳамадон — ва бештар дар Ҳамадон — раҳли иқомат афканд.

Овозаи шӯхрaташ толибони илму ҳикматро аз ҳар сӯ ба сӯи вай мекашид. Шогирдони зиёде тарбият кард. Шахсияти Бӯалӣ дар замони ҳаёташ ва шӯхрати китобҳояш баъд аз худаш — ки меҳвари баҳс миёни аҳли фазл буд ва мутахассисони он китобҳо бештар дар Эрон ёфт мешуданд — сабаб шуд, ки маркази сиқли фалсафа ва тибб аз Бағдод ба Эрон мунтақил гашт.

4) *Абулфараҷ ибни ат-Тайиб*. Ин мард ироқӣ (ва зоҳиран бағдодӣ) аст. Ҳам табиб буда ва ҳам файласуф, вале ҷанбаи табобаташ мечарбид. Бӯалӣ, ки муосири ӯст табобаташро меситояд, бар хилофи фалсафа ва ҳикмат, ки аз ин ҷиҳат ӯро ба чизе намегирад. Ба таври куллӣ, Бӯалӣ аҳаде аз муосиринро дар фалсафа дар назар надорад. Дар тарҷумаи "*Татиммату савонил-ҳикма*" менависад, Бӯалӣ дар бораи китобҳои фалсафии Абулфараҷ гуфта: "*Сазовор ин аст тасонифи ӯро бар фурӯшанда рад кунанд ва саманаш низ бар вай бигузоранд*." Ва ҳам ӯ менависад: "*Вақте ки кор миёни Бӯалӣ ва Абӯрайҳон ба хушунат кашид ва Абӯрайҳон суханони тунде дар номаи худ ба кор бурд ва хабар ба Абулфараҷ расид, гуфт: "Ҳар кас бо дигарон чунон кунад, бо ӯ низ чунин кунанд*."

Ибни Қифтӣ пас аз ишора ба сухани Бӯалӣ дар бораи Абулфараҷ, мегӯяд: "*Аммо ман ва ҳар мунсифе намегӯем ҷуз ин ки Абулфараҷ улуми гузаштаро эҳё кард ва махфиёти онҳоро ошкор намуд*."

Абулфараҷ масеҳӣ ва шогирди Абулхайр будааст. Гурӯҳе аз маҳзари дарсаш истифода кардаанд. Ибни Қифтӣ мегӯяд, то баъд аз соли 420 зинда буда ва гуфта шуда, ки дар соли 435 даргузаштааст.

5) *Абулфараҷ ибни Ҳинду*. Дар тиббу ҳикмат шогирди Абулхайр буда ва аз бузургтарин ва фозилтарин шогирдони ӯ ба шумор рафтааст. Зимнан, марде адиб ва шоир ва суханвар будааст.

6) *Абӯалӣ Ҳасан ибни Ҳасан (ё Ҳусайн) ибни Ҳайсами Басрӣ*. Ҳам файласуф аст ва ҳам табиб ва ҳам физикдон ва риёзидон. Дар физик ва риёзиёт шӯхрати ҷаҳонӣ дорад ва аз авомили муассир дар пешрафти риёзиёти ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Дар соли 354 мутаваллид шуда

ва дар ҳудуди соли 430 даргузаштааст. Дар "*Татиммату савонил-ҳикма*" менависад, ки тарҳе барои истифода аз оби Нил ҳангоми коҳиши об таҳия кард ва бо худ ба Қоҳира бурд, вале мавриди таваҷҷӯҳи Алҳоким биллоҳ (халифаи фотимӣ) воқеъ нашуд, балки мағзуби вай гашт ва аз он ҷо ба Димишқ фирор кард. Ва ҳам менависад, фавқулъода мутаъаббид ва муташарреъ буд ва ба шариат эҳтиром мегузошт. Ҳолати таваҷҷӯҳи ӯро дар ҳини марг низ ёдовар мешавад. Гӯянд, қисмате аз айёми ӯ дар Мағриб гузаштааст. Марҳум Сайидҳасани Тақизода дар "*Торихи улум дар ислом*" (с.164) мегӯяд:

"*Вай муаллафоти зиёде дорад; гӯё ҳамаи умр ба таълиф иштиғол доштааст. Ибни Ҳайсам ба қавли Сортун (George Sarton) бузургтарин олими мусалмон дар ҳикмати табиӣ (физик) ва яке аз бузургтарин арбоби ин фанн дар кулли торих будааст. Китоби маъруфи ӯ дар илми манозир таъсири азиме дар тараққии илм дар машриқу мағриб намуда ва Роҷер Бекон (Roger Bacon), файласуфи бузург ва Кеплер (Johannes Kepler), муассиси қавонини ҷадиди илми нуҷум, ҳар ду, аз таъсири китоби Ибни Ҳайсам баҳраманд шудаанд… Ибни Ҳайсам таҳқиқоти дақиқ ва бисёр олӣ дар боби нур ва қавонини он карда ва зоҳиран аввал касест, ки утоқи торик (имтиҳоноти нурӣ)-ро истеъмол кардааст… Ин донишманд муъодилоти чаҳордараҷаиро ҳал карда ва саъй карда умқи кураи ҳаворо таъйин кунад…*"

Ҳамзамон бо ин табақа, риёзиюни дараҷаи аввал зуҳур кардаанд аз қабили Абулвафои Бузҷонии Нишопурӣ, Абдурраҳмон Сӯфии Розӣ, Абӯсаҳли Кӯҳистонии Табаристонӣ ва ғайруҳум, ки дар фасли ҷудогонае бояд баҳс шавад.

Табақаи ҳафтум

Ин табақа ду гурӯҳанд: гурӯҳи шогирдони Ибни Сино ва гурӯҳе, ки назди ӯ шогирдӣ накардаанд. Аммо гурӯҳи аввал:

1) *Абӯабдуллоҳ Фақеҳи Маъсумӣ*. Шайхурраис дар борааш гуфтааст: "*Ӯ барои ман монанди Арастуст барои Афлотун*." Шайхурраис "*Рисолаи ишқ*"-ро ба хоҳиши ӯ ва ба номи ӯ навиштааст ва ҳам ӯст, ки воситаи пурсишу посуххои Абӯрайҳон ва Бӯалӣ буд ва баъд аз он ки Абӯрайҳон калимоти тунде нисбат ба Шайхурраис ба кор бурд ва Шайхурраис ҳозир нашуд дигар чизе бинависад ва Фақеҳ Маъсумиро маъмури ин кор кард, Маъсумӣ Абӯрайҳонро мавриди маломат қарор дод ва ба ӯ навишт: "*Агар дар мухотаба бо Ҳаким*

калимоте ҷуз ин калимот интихоб карда будӣ, аз назари ақлу илм шоистатар буд." Байҳақӣ муддаъист, ки вай китобе дар бораи муфориқот ва аъдоди уқул ва афлок ва тартиби мубдеъот навишта, ки маъшуқи ҳукамо буда, вале аз даст рафтааст. Торихи вафоташ дақиқан маълум нест, эҳтимолан дар ҳудуди 450 будааст.

2) *Абулҳасан Баҳманёр ибни Марзбони Озарбойҷонӣ*. Маҷусӣ буд ва мусалмон шуд. Маъруфтарини шогирдони Бӯалист. Шӯхрати Баҳманёр яке ба воситаи суолоти фаровонест, ки аз Бӯалӣ карда ва Бӯалӣ ҷавоб додааст (бештари китоби "*Мубоҳисот*"-и Шайхурраис посух ба суолоти Баҳманёр аст), дигар ба воситаи китоби маъруфи *"Аттаҳсил"* аст, ки мукаррар дар китобҳои фалсафа аз он ёд мешавад. Садрулмутаалиҳин дар *"Асфор"* чандин бор матолибе аз он китоб ва ду навбат аз китобе аз ӯ ба номи *"Албаҳҷату вас-саъода"* нақл кардааст. Китоби "*Аттаҳсил*" ахиран дар ҷузъи нашриёти "Донишкадаи илоҳиёт ва маорифи исломӣ" бо тасҳеҳ ва таълиқи инҷониб чоп шуд. Баҳманёр дар соли 458 даргузаштааст.

3) *Абӯубайд Абдулвоҳиди Ҷузҷонӣ*. Шогирд ва мурид ва мулозими 20-сола ё 25-солаи Бӯалӣ. Ҳамон касест, ки гузориши зиндагии Бӯалиро такмил кард.

Бӯалӣ ба ҳифз ва нигаҳдории осори худ ҳиммат намегумошт. Дар пешомадҳои мухталиф рисолаҳои мухтасар ё тӯлонӣ менавишт ва ба касе медод бидуни он ки нусхае аз он нигаҳдорӣ кунад. Шояд маҳфуз мондани қисмате аз осори Шайхурраис марҳуни ҳиммати Абӯубайд аст. Бахши риёзии китоби "*Наҷот*" ва китоби *"Донишномаи Алоӣ"* ба василаи ӯ такмил гардидааст. Аз зиндагии Абӯубайд беш аз ин иттилое надорем.

4) *Абӯмансур Ҳусайн ибни Муҳаммад ибни Умар ибни Зайлаи Исфаҳонӣ*. Бино бар нақли *"Татиммату савонил-ҳикма"*, "*Шифо*"-и Шайхурраисро мухтасар кард ва рисолаи "*Ҳай ибни Яқзон*"-и ӯро шарҳ кард ва китобе дар мусиқӣ таълиф намуд ва дар фанни мусиқӣ беназир буд ва баъд аз 22 сол, ки аз вафоти устодаш мегузашт (яъне дар соли 450), даргузашт. Ибни Зайла аз касонест, ки аҳёнан монанди Баҳманёр аз Шайхурраис суолоте карда ва Шайхурраис ҷавоб додааст. Гӯянд: "*Китоби "Мубоҳисот" дар асл суолоте буда аз Баҳманёр ва каме аз Ибни Зайла ва камтаре аз дигарон*." Бӯалӣ шогирдони дигар низ доштааст, ки мо аз зикри онҳо худдорӣ мекунем.

* * *

Аммо афроди дигари ин табақа, ки шогирди Шайхурраис набудаанд:

1) *Алӣ ибни Ризвони Мисрӣ*. Ҳам табиб буда ва ҳам ҳаким. Аз касонест, ки бар назарияи Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ рад навиштааст. Марде карим аммо бадқиёфа ва кареҳулманзар будааст. Мутобиқи он чи дар *"Номаи донишварон"* омада китобе дар исботи нубуввати ҳазрати Хотамуланбиё аз рӯи Таврот ва Инҷил ва қоидаҳои фалсафӣ навишта ва дар соли 453 даргузаштааст. Аз асотид ва шогирдони ӯ иттилое надорем.

2) *Абӯанис Мухтор ибни Ҳасан ибни Абдун ибни Саъдун ибни Бутлони Бағдодии Насронӣ*, маъруф ба *Ибни Бутлон*. Шогирди Абулфараҷ ибни ат-Тайиби насронии собиқуззикр аст. Монанди устодаш ҳам табиб аст ва ҳам файласуф, вале бештар табиб аст, то файласуф. Бо Алӣ ибни Ризвони собиқуззикр таъоруз ва танофус дошта ва ӯро ба қабоҳати манзар сарзаниш мекарда ва "Тимсоҳул-ҷинн" мехондааст. Як навбат ҳам ба Миср рафта ва бо вай мулоқот карда ва оқибатуламр бо нороҳатӣ аз ӯ ҷудо шудааст. Ба Ҳалаб ва Қустантания низ мусофират карда ва то охири умр муҷаррад мезистааст. Вафоташ дар соли 444 воқеъ шудааст.

3) *Абулҳасани Анборӣ*. Феълан аз аҳволи ӯ иттилои зиёде надорем. Ҳамин қадр медонем, ки мутобиқи он чи дар *"Татиммату савонил-ҳикма"* омадааст, ҳам файласуф буда ва ҳам риёзидон, вале риёзиёт ғалаба доштааст ва Хайём риёзиётро аз маҳзари ӯ истифода

Табақаи ҳаштум

Ин табақа табақаи шогирдони шогирдони Бӯалист, аъамм аз он ки воқеан шогирди шогирдони Бӯалӣ будаанд ва ё бо онҳо ҳамзамон будаанд:

1) *Абулаббос Фазл ибни Муҳаммади Лукарии Марвӣ*. Ҳам файласуф аст ва ҳам адиб. Аҳёнан аз ӯ ба "Адиб Абулаббоси Лукарӣ" таъбир мешавад. Шогирди Баҳманёр будааст. Китоби маъруфе дорад ба номи "*Баёнул-ҳақ би замонис-сидқ*", ки ҳанӯз чоп нашуда, вале нусхаҳояш мавҷуд аст ва мавриди эътинои фалосифаи баъд аз худаш аст. Дар илоҳиёти "*Асфор*" аз ӯ ном бурдааст. Ӯ ба доштани ҳавза ва тарбияти шогирдон маъруф аст. Байҳақӣ дар "*Татиммату савонил-ҳикма*" мегӯяд: "*Фалсафа ба василаи Лукарӣ дар Хуросон интишор ёфт*." Маҳмуд Муҳаммад Хузайрӣ устоди Ҷомеъатулазҳар дар мақолае, ки ба муносибати ҳазораи Ибни Сино дар Бағдод дар китобе ба номи "*Алкитобуз-заҳабӣ лил-меҳраҷонил-алфи*

ли Ибни Сино" (с.55) мегӯяд: "*Абулаббос умри тавил ёфт ва ман торихи вафоти ӯро ба даст наёвардам, аммо гумон мекунам дар охирҳои қарни панҷуми ҳичрӣ воқеъ шуда бошад*."

Абдурраҳмони Бадвӣ дар муқаддимаи "*Таълиқот*"-и Ибни Сино (с.8) аз Брукелмон (*Carl Brockelmann*) нақл мекунад, ки вафоти Лукарӣ дар соли 517 (аввалҳои қарни шашум) будааст ва худи Бадвӣ мегӯяд: "*Ман намедонам Брукелмон аз чӣ маъхазе нақл кардааст*."

2) *Абулҳасан Саъид ибни Ҳибатуллоҳ ибни Ҳусайн*. Ибни Абиусайбиъа мегӯяд: дар тибб мумтоз буд ва дар улуми ҳикамия бофазл. Вай шогирди Абулфазли Катифот ва Абдуни Котиб буда ва онҳо шогирди Абулфарач ибни ат-Тайиби собиқуззикр. Ин шахс ҳамон касест, ки иҷоза намедодааст аз маҳзараш яҳудӣ ё насронӣ истифода кунад ва Абулбаракоти Бағдодӣ соҳиби китоби маъруфи "*Алмӯътабар*", ки дар ибтидо яҳудӣ буд, бо найранг дар кирёси дар менишаст ва истифода мекард ва то як сол ба ҳамин вазъ идома дод. Баъд аз як сол, ки устод аз вуҷуди чунин шогирде огоҳ шуд, бар ӯ раҳмат оварда ва иҷоза дод расман ширкат намояд.

Ибни Абиусайбиъа менависад: Абулбаракот китоби "*Аталхисун-низомӣ*"-и таълифи худи Саъид ибни Ҳибатуллоҳро назди ӯ хонд. Ман намедонам он китоб дар тибб буда ё фалсафа. Саъид ибни Ҳибатуллоҳ дар 495 даргузаштааст.

3) *Ҳуҷҷатулҳақ Абулфатҳ Умар ибни Иброҳими Хайёми Нишопурӣ*, маъруф ба Хайём. Файласуф ва риёзидон ва эҳтимолан шоир будааст ва шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад, аммо мутаассифона шӯҳрати Хайём ба ашъори мансуб ба ӯст, на ба фалсафа ва риёзиёт, махсусан риёзиёт, ки арзиши фаромӯшношуданӣ дар ин фунун доштааст. Ашъори мансуб ба Хайём, ки аксарияти қариб ба иттифоқи онҳо аз худи ӯ нест, ба ӯ чеҳрае дода комилан муғойир бо чеҳраи воқеии ӯ, яъне чеҳраи як инсони шаккоки пучигарои дамғаниматшумори ғайримасъул. Шоири англисӣ ба номи Фитзҷеролд (*Edward FitzGerald*), ки рубоиёти ӯро — ва бино бар гуфтаи оқои Тақизода, гоҳе бо таҳриф ва тағйири маъно — ба забоне фасеҳ ба шеър тарҷума карда, беш аз ҳар каси дигар мӯҷиби ин шӯҳрати козиб шудааст.

Аз Хайём бархе рисолоти фалсафӣ боқӣ монда, ки тарзи тафаккури ӯро равшан месозад. Яке, рисолаест ба номи "*Кавн ва таклиф*", ки дар посухи суоли Абӯнаср Муҳаммад ибни Абдурраҳими Насавӣ, қозии ноҳияҳои Форс аст. Вай аз Хайём дар бораи ҳикмати хилқат

ва ғарази офариниш ва ҳам дар бораи фалсафаи ибодот суол кардааст ва зимнан абёте дар мадҳи Хайём сурудааст, ки ин чанд байт аз онҳо боқӣ мондааст:

ان كنت ترعين يا ريح الصبا ذميي
فأقرئ السلام على العلامة الخيمي
بوسي لديه تراب الأرض خاضعة
خضوع من يجتدى جدوى من الحكم
فهو الحكيم الذى تسقى سحائبه
ماء الحيوة رفات الأعظم الرمم
عن حكمة الكون والتكليف يأت بما
تغنى براهينه عن أن يقال لم

Хайём ҳакимона мутобиқи мабонии устодаш Бӯалӣ (ё устоди устодаш) посух гуфтааст. Ҳар кас бар мабонии Бӯалӣ дар ин масоил ворид бошад, медонад, ки Хайём то чӣ андоза ворид будааст. Хайём дар он рисола аз Бӯалӣ ба унвони "Муаллим" ёд мекунад ва дар масоили мавриди суол, ки зимнан сирри "тазодд дар олам" ва масъалаи шурур ҳам матраҳ шуда, монанди файласуфе ҷазмӣ изҳори назар мекунад ва мегӯяд: ман ва омӯзгорам Бӯалӣ дар ин бора таҳқиқ карда ва комилан иқноъ шудаем; мумкин аст дигарон онро ҳамл бар заъфи нафси мо намоянд, аммо аз назари худи мо комилан қонеъкунанда аст.

Ин рисоларо бо чанд рисолаи дигар дар Иттиҳоди Ҷамоҳир Шӯравӣ чоп ва мунташир кардаанд ва қаблан ҳам дар Миср дар зимни маҷмӯае ба номи "*Ҷомеъул-бадойеъ*" чоп шуда будааст. Ноширӣ русӣ муддаъист, ки ноширони мисрӣ иштибоҳ карда, пиндоштаанд рисолаи "Тазодд" рисолаи мустақиллест, дар сурате ки мутаммими рисолаи "*Кавн ва таклиф*" ва ҷузъе аз он аст.

Иттифоқан он чи Хайём дар ин рисола қотеъона изҳор кардааст, ҳамонҳост, ки дар ашъори мансуб ба ӯ дар бораи онҳо изҳори таҳайюр шудааст. Ва ба ҳамин ҷиҳат аст, ки бархе аз муҳаққиқони урупоӣ ва эронӣ интисоби ин ашъорро ба Хайём нафй мекунанд ва бархе бар асоси як силсила қароини торихӣ мӯътақиданд, ки ду нафар ба ин ном будаанд: яке шоир ва дигаре ҳаким ва файласуф. Шоир ба номи Хайём будааст ва ҳаким ва риёзидон ба номи Хайёмӣ, ва ба ақидаи баъзе, шоир Алӣ Хайём будааст ва ҳаким ва риёзидон Умари Хайёмӣ.

Ин ки баъзе муддаӣ шудаанд, ки “Хайёмӣ” талаффузи арабии Хайём аст мардуд аст, зеро ӯ худ дар муқаддимаи рисолаи форсӣ, ки дар “вуҷуд” навиштааст, мегӯяд: “*Чунин гӯяд Абулфатҳ Умар Иброҳим ал-Хайёмӣ*”. Шояд ин андозаро битавон мусаллам донист, ки вай монанди аксари ин гуна донишмандон дар айни камоли имон ва эътиқод ба мабонии динӣ — ки аз ҳамаи китобҳои ӯ зоҳир ва лоеҳ аст, ҳатто “*Наврӯзнома*”-и мансуб ба ӯ — бо мутаъаббидони қишрӣ сар ба сар мегузошта ва ҳамин барои ӯ заҳмат ва дардисар фароҳам мекардааст. Байҳақӣ менависад:

“*Ӯ толии Бӯалӣ буд, аммо дар халқ зиқе дошт ва дар таълиму тасниф зиннате… Рӯзе ба ҳазрати Шаҳобулислом ал-вазир Абдурраззоқ ибни ал-Фақеҳ даромад ва имомул-қурроъ Абулҳусайни Ғаззолӣ ҳозир буд. Дар ихтилофи қурроъ дар бораи ояте баҳс рафт. Чун Имом (Хайём) ҳозир шуд, Шаҳобулислом гуфт: алал-хабири сақатно… Ӯ вуҷуҳи ихтилофи қурроъ баён кард ва ҳар ваҷҳе (-ро) иллате бигуфт. Пас Имом Абулфахр гуфт: кассараллоҳу мислака фил-уламо*.” (*Тарҷумаи Татиммату савонил-ҳикма, сс.71-72*)

Торихи таваллудаш маълум нест. Торихи вафоташро 517 ва 526 гуфтаанд. Қадри мусаллам ин аст, ки умри тавил карда (дар ҳудуди 90 сол), аммо ин ки маҳзари дарси Бӯалиро дарк карда бошад, бисёр баъид аст. Агар ӯ Бӯалиро “Муаллим”-и худ мехонд, аз он ҷиҳат аст, ки шогирди мактаби Бӯалӣ аст, на шогирди шахси ӯ, ва зоҳиран назди шогирдони Бӯалӣ таҳсил кардааст.

4) *Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Ғаззолии Тӯсӣ*, агарчӣ ӯро дар радифи фалосифа — ба маънии мусталаҳ — шумурдан саҳеҳ нест. Ӯ худро файласуф намешуморад, балки мухолифи фалсафа ва фалосифа (махсусан Ибни Сино) аст ва фалсафаро назди устод нахонда, балки се сол ба мутолеаи фалсафа пардохта, сипас китоби *“Мақосидул-фалосифа”*-ро навишта ва баъд *“Таҳофутул-фалосифа”*-ро, ки аз китобҳои муҳимми давраи исломӣ аст. Зидди фалсафа дар ҷаҳони ислом зиёд будаанд, аммо ҳеч кас ба қудрати Ғаззолӣ набудааст. Агар ба фосилаи каме афроде назири Сӯҳравардӣ ва Хоҷа Насируддин зуҳур накарда буданд, Ғаззолӣ басоти фалсафаро барчида буд. Дар айни ҳол назар ба ин ки назариёти манфии Ғаззолӣ — ва ба нудрат назариёти мусбати ӯ — нақше дар таҳаввули фалсафа доштааст, мо ӯро дар радифи фалосифа овардем.

Маъруфтарин китоби Ғаззолӣ *"Эҳёу улумид-дин"* аст. Камтар китобе дар миёни мусалмонон ба андозаи ин китоб асар гузоштааст. Ғаззолӣ саргузашти маъруф ва ҷолибе дорад. Ӯ дар соли 450 мутаваллид ва дар 505 даргузаштааст.

Дар ин табақа, аз Муҳаммади Шаҳристонӣ ва Абӯҳотам Музаффари Исфарозӣ ва Маймун ибни Наҷиби Воситӣ бояд ном бурд, вале аввалӣ бештар мутакаллим аст, то файласуф ва ду нафари дигар бештар риёзидонанд, то файласуф.

Табақаи нӯҳум

1) *Шарафуддин Муҳаммади Илоқӣ*. Шогирди Абулаббоси Лукарӣ ва Умари Хайём будааст. Ҳам файласуф буда ва ҳам пизишк. Гӯянд, дар ҷанги Қатвон дар соли 536 кушта шуд. Баъзе ӯро шогирди Баҳманёр донистаанд, вале бо таваҷҷӯҳ ба торихи фавти он ду, нодурустии ин назария равшан аст.

Вай устоди Қозӣ Зайнуддин Умар ибни Саҳлони Совоҷӣ, соҳиби китоби *"Албасоирун-насирия"* аст. Илоқӣ дар соли 536 даргузаштааст.

2) *Абулбаракот Ҳибатуллоҳ ибни Алӣ (ё Яъло) ибни Маликои Бағдодӣ*. Яҳудӣ буд ва мусалмон шуд. Дар иллати исломаш ихтилоф аст. Мо қаблан шогирдии ӯро назди Саъид ибни Ҳибатуллоҳ зикр кардем. Китоби маъруфи ӯ китоби "*Алмӯътабар*" аст ва воқеан аз китобҳои мӯътабари фалсафа аст. Абулбаракот файласуфе соҳибназар аст. Фалосифае монанди Садрулмутаалиҳин ба китоби ӯ назар доранд. Вай мухолифи Ибни Сино будааст. Силсилаи асотидаш мустақиман ба Форобӣ мерасад, зеро вай шогирди Саъид ибни Ҳибатуллоҳ ва ӯ шогирди Абулфазли Катифот ва Абдони Котиб ва онҳо шогирдони Абулфараҷ ибни ат-Тайиб ва ӯ шогирди Абулхайр Ҳасан ибни Савор ва ӯ шогирди Яҳё ибни Адийи мантиқӣ ва ӯ шогирди Абӯнасри Форобӣ будааст. Ғолибан оҳоди силсилаи асотидаш ғайримусалмонанд. Гӯянд, ҳангоме ки ба Ҳаким Умари Хайём гуфта шуд, ки Абулбаракоти Бағдодӣ Ибни Синоро рад мекунад, гуфт: "*Ӯ суханони Ибни Синоро намефаҳмад, то чӣ расад ба ин ки рад кунад*."

Ӯ устоди падари Абдуллатифи Бағдодӣ (шойеъасози маъруфи сӯхтани китобхонаи Искандария ба василаи мусалмонон) ва Ибни ал-Фазлон ва Ибни ад-Даҳҳони мунаҷҷим ва

Муҳаззибуддини Наққош будааст ва дар охири умр кӯр шуда буд ва ба ин шогирдон имло мекард.

3) *Муҳаммад ибни Абитоҳири Табасии Марвазӣ*. Шогирди Лукарӣ буда. Модараш аҳли Хоразм ва падараш аз ҳукмронони бахшҳои Марв маҳсуб мешудааст. Дар соли 539 пас аз бемории фалаҷ дар Сарахс даргузаштааст

4) *Афзалуддини Ғайлонӣ Умар ибни Ғайлон*. Аз шогирдони Лукарӣ аст. Торихи саҳеҳе аз ӯ дар даст нест. Ин қадр маълум аст, ки шогирди Лукарӣ ва устоди Садруддини Сарахсӣ аст. Бино бар нақли Маҳмуд Муҳаммад Хузайрӣ, Имом Фахруддини Розӣ (вафотёфтаи 606) дар *"Алмуҳассал"* аз ӯ ёд карда ва бар ӯ раҳмат фиристодааст. Мегӯянд, афкораш мухолифи Ибни Сино будааст. Рисолае дар ҳудуси олам навишта ва дар соли 523 дар низомияи Марв ба таҳсил иштиғол доштааст.

5) *Абӯбакр Муҳаммад ибни Яҳё ибни ас-Соиғи Андалусӣ* маъруф ба Ибни Боҷа. Аз бузургони фалосифа ба шумор рафтааст. Китобҳои зиёд таълиф кардааст. Ахиран рисолаи "*Нафс*"-и ӯ ба кӯшиши дуктур Муҳаммад Сафир Ҳасани Маъсумӣ, устоди Донишгоҳи Доко (Покистони шарқӣ) чоп шудааст. Дар соли 533 даргузаштааст. Вай устоди Ибни Рушд, файласуфи маъруфи андалусӣ будааст.

6) *Абулҳаками Мағрибии Андалусӣ*. Ҳам шоир аст ва ҳам ҳаким ва ҳам табиб, вале руҳи шеър бештар бар ӯ ҳоким буд. Ба ҳазл бештар тавоҷҷӯҳ дошта то ба ҷидд. Аслан араби боҳилӣ аст ва аз Мағриб ба билоди Машриқ омад ва дар ҳудуди Миср ва Шом бизист ва дар соли 549 даргузашт. Вай устоди Ибни ас-Салоҳ аст, ки устоди устоди Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ аст.

Табақаи даҳум

1) *Садруддин Абӯалӣ Муҳаммад ибни Алӣ ибни ал-Ҳорисон ас-Сарахсӣ*. Вай шогирди Афзалуддини Ғайлонӣ ва устоди Фаридуддини Домод ва устоди устоди Хоҷа Насируддини Тӯсӣ будааст. Иттилои саҳеҳе аз ӯ дар даст нест. Дар тарҷумаи "*Татиммату савонил-ҳикма*" мухтасар аз ӯ ёд шудааст. Маҳмуд Муҳаммад Хузайрӣ аз соҳиби *"Харидатул-қаср"* нақл мекунад, ки вай китобҳои зиёде дар фалсафа ва масоҳат ва ҳисоб таълиф карда ва муддате

дар Бағдод муқим буда ва бо Абӯмансури Ҷаволиқӣ (вафотёфта дар 539) мулоқот дошта ва ба Сарахс бозгашта ва дар соли 545 (шояд дар ҷавонӣ) фавт кардааст.

2) *Абӯбакр Муҳаммад ибни Абдулмалик ибни Туфайли Андалусӣ*. Аз ҳукамои маъруфи Андалус аст. Эҳтимолан шогирди Ибни ас-Соиғ будааст. Шӯҳрати бештари ӯ шояд ба воситаи китоби маъруфи "*Ҳай ибни Яқзон*" аст, ки аз рисолаи "*Ҳай ибни Яқзон*"-и Ибни Сино тақлид шуда, вале аз он ҷомеътар ва комилтар аст. Ин китоб дар Эрон ба василаи марҳум Бадеъуззамони Фурӯзонфар тарҷума шуд ва бунгоҳи "Тарҷума ва нашри китоб" чопу мунташир кард. Вай умри тавил карда ва дар соли 581 даргузаштааст.

3) *Қозӣ Абулвалид Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Рушди Андалусӣ*. Ҳам файласуф аст ва ҳам пизишк ва ҳам фақеҳ. Дар ҳамаи ин риштаҳо китобҳои мутаъаддид дорад. Китоби маъруфи ӯ шарҳест, ки бар "*Мобаъдуттабиа*"-и Арасту навишта ва чоп шудааст. Китоби фиқҳии маъруфаш *"Бидоятул-муҷтаҳид"* аст, ки чоп шуда. Маҷмӯаи расоили фалсафии вайро дар Бомбай чоп кардаанд. Урупоиён барои ӯ дар фалсафа мақоме дар ҳадди Ибни Сино қоиланд, вале орои ӯ дар миёни фалосифаи исломӣ арзиш надорад.

Яке аз китобҳои маъруфи ӯ "*Таҳофутут-таҳофут*" аст, ки "*Таҳофутул-фалосифа*"-и Ғаззолиро рад кардааст. Китоби беарзишест. Вай фавқулъода нисбат ба Арасту мутаъассиб аст ва ба ҳамин ҷиҳат бо Ибни Сино, ки чунин таъаббуде дар баробари Арасту надорад ва орои шахси худро дахолат додааст мухолиф аст. Эрнест Ренон, файласуфи маъруфи фаронсавӣ, ки муъоризоташ бо марҳум Сайидҷамолуддини Асадободӣ маъруф аст, корҳои зиёде дар заминаи шинохти Ибни Рушд анҷом додааст. Вай дар соли 595 даргузаштааст.

4) *Маҷдуддини Ҷилӣ*. Дар бораи ин мард иттилои зиёде надорем. Ҳамин қадр медонем, ки дар Мароға тадрис мекарда ва Имом Фахри Розӣ назди ӯ таҳсил кардааст ва ҳамчунин Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ низ дар оғози таҳсилаш аз маҳзари ӯ дар Мароға истифода кардааст. Зоҳиран ҳам ҳаким буда ва ҳам мутакаллим ва ҳам фақеҳ ва усулӣ. Ёқут дар "*Муъҷамул-удабо*" зимни шарҳи Сӯҳравардӣ, ӯро бо ановини фақеҳ, усулӣ, мутакаллим меситояд.

5) *Қозӣ Зайнуддин Умар ибни Саҳлони Совақӣ*, маъруф ба Ибни Саҳлон. Дар Сова ба дунё омада ва дар Нишопур мезиста ва аз касби дасти худ аз роҳи истинсохи китобҳо зиндагӣ мекардааст. Ба таъбири тарҷумаи "*Савонил-ҳикма*": "*Шариат ва ҳикматро дар ақде воҳид низом дод*." Вай шогирди Шарафуддини Илоқии собиқуззикр аст ва гӯянд, шарҳе бар *"Рисолатут-тайр"*-и Бӯалӣ ба форсӣ навиштааст. Китоби маъруфи ӯ *"Албасоирун-насирия"* аст, ки қисмати мантиқи он дар Миср чоп шуда ва аз беҳтарини китобҳои мантиқ аст. Мутобиқи он чӣ дар "*Татиммату савонил-ҳикма*" омадааст, ҳамаи китобҳои ӯ ҷуз китоби "*Албасоирун-насирия*" дар як ҳариқ аз байн рафт. Ибни Саҳлон аз касонест, ки номи зиндае дар фалсафа дорад. Аҳёнан бархе ороаш нақл мешавад. Торихи вафоташро намедонем.

6) *Абулфатуҳ Наҷмуддин Аҳмад ибни Муҳаммад ас-Сиррӣ*, маъруф ба Ибни ас-Салоҳ. Баъзе гуфтаанд, ҳамадониюласл аст ва баъзе гуфтаанд, ироқӣ ва аҳли Сумайсот (наздики Фурот дар ҳудуди Ҳалвон) будааст. Ба Бағдод муҳоҷират карда ва назди Абулҳаками Мағрибии собиқуззикр таҳсил карда ва дар соли 548 (яъне як сол пеш аз устоди худ) даргузаштааст. Торихи вилодати ӯро намедонем. Шояд ҳам битавон ӯро аз табақаи нӯҳум ба шумор оварда. Абулҳаками Мағрибӣ, ки собиқаи устодии ӯро дошт, ба афзалияти ӯ бар худ эътироф дошт. Гӯянд, "*Шифо*"-и Бӯалӣ ва *"Алфавзул-асғар"*-и Ибни Мискавайҳро шарҳ кардааст.

7) *Муҳаммад ибни Абдуссаломи Ансории Моридӣ (Моридинӣ)*. Дар замони хеш дар улуми ҳикамӣ ягона ва алломаи вақт ба шумор меомадааст. Зодгоҳаш минтақаи Қудс ва Фаластин аст ва падаронаш низ дар онҷо мезистаанд. Зоҳиран ҷадди аълояш аз ансори Мадина будааст. Устоди фалсафаи ӯ Ибни ас-Салоҳи собиқуззикр аст ва қасидаи "*Айния*"-и маъруфи Бӯалиро шарҳ кардааст, ва бино бар гуфтаи Ибни Қифтӣ, Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ миқдоре фалсафа назди ӯ омӯхтааст. Моридинӣ марде фавқулъода муташарреъ ва мутаъаббид будааст. Дар соли 594 бо оромиш ва итминони руҳонӣ ва мазҳабии хоссе дар синни 82-солагӣ ҷон ба ҷонофарин таслим кард.

Табақаи ёздаҳум

1) *Фахруддин Муҳаммад ибни Умар ибни Ҳасан ибни Ҳусайн ибни Алии Розӣ*, маъруф ба Имом Фахри Розӣ. Ҳам фақеҳ буд ва ҳам мутакаллим ва ҳам муфассир ва ҳам файласуф ва ҳам

пизишк ва ҳам хатиб. Зеҳни фавқулъода ҷаввол дошт ва дар табаҳҳур дар улуми мухталиф камназир аст. Дар айни ин ки дар афкори фалосифа ворид аст ва таълифоте гаронбаҳо дар фалсафа дорад, тарзи тафаккураш тафаккури каломӣ аст, на фалсафӣ, ва сахт бар фалосифа метозад ва дар мусалламоти фалсафа ташкик менамояд. Дар танзим ва табвиб ва тақрири масоил ҳусни салиқа дорад. Садрулмутааллиҳин аз ин назар аз ӯ бисёр истифода кардааст. Муҳимтарин китоби фалсафии ӯ *"Алмабоҳисул-машриқия"* аст. Шӯҳрати бештараш ба воситаи тафсири *"Мафотеҳул-гайб"* аст бар Қуръони Маҷид, ки ҷои шоистае дар миёни тафосир барои худ боз кардааст. Барои вай дар фалсафа устоде ҷуз Маҷдуддини Ҷилии собиқуззикр суроғ надорем ва шояд бештар бо мутолеа, бар масоили фалсафӣ даст ёфтааст, вале шогирдони зиёде доштааст, ки баъзе аз онҳо бориз будаанд аз қабили Шамсуддини Хусравшоҳӣ, Қутбуддини Мисрӣ, Зайнуддини Кешшӣ, Шамсуддини Хуӣ, Шаҳобуддини Нишопурӣ.

Фахри Розӣ дар соли 534 мутаваллид шуда ва дар соли 606 даргузаштааст.

2) *Шайх Шаҳобуддин Яҳё ибни Ҳабаш ибни Мираки Сӯҳравардии Занҷонӣ*, маъруф ба Шайхи Ишроқ. Бидуни шак аз уҷубаҳои рӯзгор аст. Зеҳни фавқулъода ваққод ва ҷаввол ва навҷӯ ва мубтакир доштааст. Тамоюли ишроқӣ дар фалсафа пеш аз ӯ ҳатто дар Форобӣ ва Бӯалӣ вуҷуд доштааст, аммо касе, ки мактабе ба номи "Мактаби Ишроқ" таъсис кард ва дар бисёре аз масоил роҳи он мактабро аз роҳи Мактаби Машшоъ ҷудо кард, ин марди бузург буд. Тақрибан ҳамаи масоиле, ки акнун ба унвони назариёти ишроқиюн дар муқобили машшоъин шинохта мешавад ва бархе мепиндоранд онҳо масоили мавриди ихтилофи Афлотун ва Арастуст, натиҷаи фикри шахси Сӯҳравардист, ки дар муқобили афкори машшоъин ва ба хусус машшоъиюни исломӣ овардааст. Вай назди Маҷдуддини Ҷилӣ (дар Мароға) ва Заҳируддини Қорӣ (зоҳиран дар Исфаҳон) ва Фахруддини Моридинӣ (дар Ироқ) таҳсил карда ва муддате мулозими Моридинӣ будааст. Моридинӣ мегуфта, дар ҳушу зако ва ҳиддати зеҳн монандашро надидаам ва аз ин рӯ бар ҷонаш метарсам. Гӯянд, *"Албасоирун-насирия"*-и Ибни Саҳлонро назди Заҳируддини Қорӣ хондааст.

Сӯҳравардӣ дар соири улум ва аз он ҷумла фиқҳ низ саромад будааст. Ба Шом ва Ҳалаб рафт ва дар ҷаласаи дарси фиқҳи устоди мадрасаи Ҳаловияи Ҳалаб ба номи Шайх Ифтихоруддин ширкат кард; бартариаш равшан гашт ва муқарраби устод шуд. Овозаи

шӯҳрataш ӯро мавриди алоқаи Ал-малик Аз-зоҳир писари Салоҳуддини Айюбӣ кард ва дар ҳузури ӯ бемуҳобо бо фуқаҳо ва мутакаллимин мунозира мекард ва онҳоро мағлуб месохт. Ҳамин кор сабаби ҳасодати дигарон шуд ва коре карданд, ки Салоҳуддини Айюбӣ фарзандашро водор кард, ки ӯро ба қатл бирасонад. Дар соли 586 дар синни 36-солагӣ ва ё дар соли 587 дар синни 38-солагӣ кушта шуд.

Гӯянд, вай бо Фахруддини Розӣ ҳамдарс будааст. Солҳо пас аз маргаш, ки нусхае аз китоби "*Талвеҳот*"-и ӯро ба Фахруддин доданд, онро бӯсид ва ба ёди айёми ҳамшогирдӣ ашк аз дида фурӯ рехт.

Сӯҳравардӣ на танҳо дар мунозира бо фуқаҳо ва мутакаллимин бепарво буд ва душманӣ меангехт, дар изҳори асрори ҳикмат — бар хилофи тавсияи Бӯалӣ дар охири "*Ишорот*" — шояд ба иллати ҷавонӣ, бепарвоӣ мекард ва аз ҳамин рӯ афроди пухта аз аввал ҳадс мезаданд, ки ҷони солиме нахоҳад бурд. Вақте ки хабари маргаш ба дӯст ва устодаш Фахруддини Моридинӣ расид, гуфт, ҳамон шуд, ки ман ҳадс мезадам. Ва низ аз ҳамин рӯ дар бораш гуфта мешуд, ки Шаҳобуддин илмаш бар ақлаш фузунӣ дорад.

3) *Афзалуддини Марақии Кошонӣ*, маъруф ба Бобо Афзал. Ин мард алорағми ин ки шахсияти барҷастае дорад, торихи равшане аз ӯ дар даст нест. Китобҳои бисёре ба форсӣ ва арабӣ таълиф кардааст ва ахиран феҳристе аз онҳо таҳия ва чоп шудааст.

Баъзе гуфтаанд, доии Хоҷа Насируддини Тӯсӣ будааст, вале таъйид нашуда ва бисёр баъид аст. Дар китоби "Доиратулмаорифи форсӣ" аз интишороти Фронклин менависад: "*Бобо Афзал шӯҳрати Афзалуддин Муҳаммад ибни Ҳусайни Кошонӣ, шоир ва орифи эронӣ, ба қавле дар ҳудуди 582 ё 592 дар қаряи Марақи Кошон мутаваллид шуда ва пас аз 654 ё 664 ва ба қавле дар аввалҳои қарни ҳафтум вафот ёфт… Аз асҳоби наздики Хоҷа Насируддини Тӯсӣ буд*." Луғатномаи Деҳхудо ва ҳамчунин "*Ғаззолинома*" вафоти ӯро дар 707 донистаанд. Баъзе вафоти ӯро дар 666 ва баъзе дар 667 донистаанд.

Маҳмуд Хузайрӣ дар мақолае, ки дар китоби "*Даъватут-тақриб*" таҳти унвони "*Афзалуддин ал-Кошонӣ; файласуфун мағмур*" навиштааст, аз нусхаи хаттии китобе ба номи "*Мухтасар фи зикрил-ҳукамоил-юнонийин вал-миллийин*", ки дар китобхонаи Ускурёли Испониёст нақл карда, ки вафоти Бобо Афзал дар соли 610 будааст. Дар китоби "*Фалосифаи эронӣ*" бо истифода аз муқаддимаи марҳум Нафисӣ ва мақолаи Хузайрӣ ва хусусан бо истинод ба он

чӣ Хоҷа дар "*Шарҳи Ишорот*" дар боби қиёси хулф аз Бобо Афзал ҳикоят карда — ки бо ҷумлаи "раҳималлоҳ" бар ӯ дуруд фиристодааст — истидлол карда, ки чун таълифи "*Шарҳи Ишорот*" мобайни солҳои 624-644 буда ва Бобо дар он вақт даргузашта будааст ва орои ӯ дар он вақт мунташир будааст, пас соли вафоти Бобо аз 667 ҳам ҷилавтар будааст.

Дар китоби "*Саргузашт ва ақоиди фалсафии Хоҷа Насируддини Тӯсӣ*" нигориши Муҳаммади Мударрисии Занҷонӣ, аз худи Хоҷа дар китоби "*Сайру сулук*" нақл карда, ки:

"*Падари банда бандаи камтаринро ба таҳсили фунуни илм ва истимоъи сухани арбоби мазоҳиб ва мақолот тарғиб кардӣ, то иттифоқро шахсе аз шогирдони Афзалуддини Кошӣ раҳимаҳуллоҳу Таъоло, ки ӯро Камолуддин Муҳаммади Ҳосиб гуфтандӣ ва дар анвоъи ҳикмат хусусан фанни риёзӣ тақаддуме ҳосил карда буд ва бо падари бандаи камтарин собиқаи дӯстӣ ва маърифатӣ дошт, бад-он диёр афтод. Падар бандаро ба истифодат аз ӯ ва тараддуд ба хидмати ӯ ишорат кард ва банда дар пеши ӯ ба таъаллуми фанни риёзӣ машғул шудам*."

Аз ин гуфтор равшан мешавад, ки Хоҷа Насируддин шогирди шогирди Бобо Афзал будааст ва Бобо аз асҳоби Хоҷа набудааст (ончунонки дар "*Доиратулмаорифи форсӣ*" омадааст), балки дар табақаи устодони устодони Хоҷа будааст. Бинобар ин, ин ки вафоти Боборо дар 606 ё 610 ва ё қариб ба ин санавот бидонем (бар хилофи он чӣ дар *Луғатнома* ва "*Ғаззолинома*" омадааст) ақраби эҳтимолот аст ва бар хилофи иддаои Саъиди Нафисӣ дар муқаддимаи рубоиёти Бобо Афзал ва дуктур Забеҳуллоҳи Сафо дар "*Торихи адабиёти Эрон*", таваллуди Бобо дар охирҳои қарни шашум набуда, балки дар авосити он қарн будааст.

Ин рубоӣ дар мадҳи Бобо мансуб ба Хоҷа аст:

Гар арз диҳад сипеҳри аъло
Фазли фузалову фазли Афзал
Аз ҳар малаке ба ҷои тасбеҳ
Овоз ояд, ки: Афзал, Афзал

Табақаи дувоздаҳум

1) *Фаридуддини Домоди Нишопурӣ*. Аз торихи зиндагии ин мард низ иттилои дурусте надорем. Ҳамин қадр медонем, ки устоди Хоҷа Насируддини Тӯсӣ буда ва Хоҷа "*Ишорот*"-

ро назди ӯ таҳсил кардааст ва худи ӯ шогирди Садруддини Сарахсии собиқуззикр будааст. Силсилаи асотиди Хоҷа аз тариқи Фаридуддини Домод ба Бӯалӣ мерасад; ба ин тартиб, ки: Хоҷа шогирди Фаридуддини Домод ва ӯ шогирди Садруддини Сарахсӣ ва ӯ шогирди Афзалуддини Ғайлонӣ ва ӯ шогирди Абулаббоси Лукарӣ ва ӯ шогирди Баҳманёр ва ӯ шогирди Бӯалӣ будааст. Соли вафоташ бар мо маълум нест.

2) *Шамсуддин Абдулҳамид ибни Исои Хусравшоҳӣ*, маъруф ба Шамсуддини Хусравшоҳӣ. Ибни Абиусайбиъа аз ӯ ба унвони имомул-уламо, сайидул-ҳукамо, қудватул-аном, шарафул-ислом ёд мекунад. Дар тибб ва фалсафа ва улуми шаръия бориз ва аз шогирдони боризи Фахруддини Розӣ буда. Китоби "*Шифо*"-ро талхис карда, вале шӯҳрataш дар муҳити фалсафа ба воситаи бархе суолоти фалсафист, ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аз ӯ — ки дар табақаи асотиди Хоҷа будааст — карда ва ӯ ҷавоб дода ва дар китобҳои фалсафӣ матраҳ аст.

3) *Қутбуддин Иброҳим ибни Алӣ ибни Муҳаммади Салмо*, маъруф ба Қутбуддини Мисрӣ. Ин мард низ аз шогирдони боризи Фахруддини Розӣ будааст. Ибни Абиусайбиъа мегӯяд вай аслан аз билоди Мағриб буда ва баъд ба Миср мунтақил шуда ва муддате дар онҷо иқомат карда, сипас ба билоди Эрон мусофират карда, назди Фахруддини Розӣ таҳсил кардааст. Устоди хеш Фахруддинро дар фалсафа бар Бӯалӣ тарҷеҳ медода, ҳамчунонки Абӯсаҳли Масеҳиро дар тибб бар Бӯалӣ тарҷеҳ медодааст. Қутбуддини Мисрӣ дар фитнаи муғул дар Нишопур кушта шуд. Ӯ низ аз асотиди Хоҷа Насируддини Тӯсӣ будааст. Бинобар ин, Хоҷа шогирди шогирди Фахри Розӣ будааст.

4) *Камолуддин Юнус (ё Камолуддин ибни Юнус)-и Мавсилӣ*, маъруф ба Ибни Мунъа. Ибни Абиусайбиъа, ки бо ӯ қурби замон дошта, ӯро низ қудватул-уламо ва сайидул-ҳукамо мехонад. Дар мадрасаи Мавсил ба тадриси улуми фалсафӣ иштиғол дошта ва шогирдоне тарбият кардааст. Мутобиқи он чӣ дар "*Райҳонатул-адаб*" омада, Хоҷа назди ин мард низ таҳсил кардааст. Дар "*Райҳонатул-адаб*" ҷилди панҷум сафҳаи 9 менависад:

"*Аз акобири уламои ҳукамои омма мебошад, ки дар наҳву сарф ва фиқҳу ҳадис ва тафсиру тибб ва тариху мусиқӣ ва ҳандасаву ҳикмату ҳайъат… ваҳиди асри худ буда, дар андак замоне шӯҳрати бениҳоят ёфта ва марҷаъи истифодаи афозил гардид. Аз билоди баъида ҳозири ҳавзаи дарсии ӯ мешудаанд… Вафоти ӯ дар соли 639 воқеъ шудааст*."

Табақаи сездаҳум

1) *Хоҷа Насируддин Муҳаммад ибни Ҳасани Тӯсӣ*. Ӯро "Устодул-башар" лақаб додаанд ва ниёзе ба муаррифӣ надорад. Арзиши корҳои фалсафии ӯ ва нақше, ки дар таҳаввули фалсафа доштааст, ниёзманд ба як китоб аст. Дар риёзиёт аз шахсиятҳои маъдуди ҷаҳон ба шумор меравад. Аз касонест, ки дар асоси ҳайъати Батламюс ташкик карда ва заминаро барои ҳайъати ҷадид фароҳам кардааст. Оқои Тақизода муддаист, ки эродоти Хоҷа дар китоби "*Тазкира*"-и хеш бар асоси ҳайъати Батламюс, ба Коперники лаҳистонӣ кӯмак кард, то тарҳи навинеро барои ҳайъати олам ироа бикунад.

Хоҷа монанди Бӯалӣ як зиндагии пурмоҷаро доштааст. Дар охири "*Шарҳи Ишорот*" ба шакли дардноке нола сармедиҳад, ва дар айни ҳол ин ҳама осор офарида ва шогирдони бисёр тарбият кардааст. Хоҷа дар соли 597 мутаваллид шуда ва дар соли 672 даргузаштааст.

2) *Асируддин Муфаззал ибни Умари Абҳарӣ*. Китоби маъруфи ӯ китоби "*Ҳидоя*" аст дар табиият ва илоҳиёт, ки ҷои шоистае боз кардааст. Ин китобро Қозӣ Ҳусайни Мибадӣ ва Садрулмутааллиҳини Шерозӣ шарҳ кардаанд. Шарҳи ахир мӯҷиби шӯҳрати бештари китоб ва муаллифи он шудааст. Аллома Ҳиллӣ дар китоби *"Ҷавҳарун-назид"* (сафҳаи 78) дар боби "Акси солибаи ҷузъия", ки мавриди иттифоқи мантиқийин аст, ки акс надорад, мегӯяд: "*Ба истиснои қазияи машрутаи хосса ва урфияи хосса*". Баъд мегӯяд: "*Ин матлаб аз матолибест, ки Асируддин Муфаззал ибни Умари Абҳарӣ бар он вуқуф ёфт.*" Гӯянд, шогирди Имом Фахри Розӣ будааст.

3) *Наҷмуддин Алӣ ибни Умари Котибии Қазвинӣ*, маъруф ба Дабирон. Аз акобири ҳукамо ва мантиқийин ва риёзидонон ба шумор меравад. Китоби маъруфи ӯ дар ҳикмат китоби *"Ҳикматул-ъайн"* аст, ки шуруҳи бисёр бар он навишта шудааст. Китоби маъруфаш дар мантиқ "*Шамсия*" аст, ки ба номи Хоҷа Шамсуддини Соҳибдевони Ҷувайнӣ навиштааст ва Қутбуддини Розӣ онро шарҳ карда ва маҷмӯи матну шарҳ аз китобҳои роиҷи дарсии туллоб аст. Котибӣ устоди Аллома Ҳиллӣ ва Қутбуддини Шерозӣ ва ҳамкор ва мусоҳиби Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар сохтани расадхонаи Мароға буда ва дар соли 675

Табақаи чаҳордаҳум

Ин табақаро шогирдони Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ташкил медиҳанд:

1) *Ҳасан ибни Юсуф ибни Мутаҳҳари Ҳиллӣ*, маъруф ба Аллома Ҳиллӣ. Ҳарчанд шӯҳрати Аллома Ҳиллӣ ба фақоҳат аст, аммо ӯ марде ҷомеъ буда, дар мантиқ ва фалсафа низ маҳорати комил дошта ва китобҳои арзишманде таълиф кардааст. Мо дар торихчаи фуқаҳо аз ин марди бузург, ки қатъан аз нобиғаҳои торихи исломӣ аст ёд кардаем. Аллома Ҳиллӣ араб аст ва шогирди Котибӣ ва Хоҷа будааст. Дар соли 648 мутаваллид ва дар соли 711 даргузаштааст.

2) *Камолуддин Майсам ибни Майсами Баҳронӣ*, маъруф ба Ибни Майсами Баҳронӣ. Адиб ва фақеҳ ва файласуф будааст. Фалсафаро назди Хоҷа Насируддини Тӯсӣ таҳсил кардааст. Баъзе гуфтаанд, ки Хоҷа низ мутақобилан назди ӯ фиқҳ хондааст. Ибни Майсам "*Наҳҷул-балоға*"-ро шарҳ кардааст. Аз назари фалсафӣ, шарҳи ӯ беҳтарин шуруҳи "*Наҳҷул-балоға*" шумурда шуда ва ахиран дар панҷ ҷилд чоп шудааст. Ибни Майсам дар соли 678 ё 679 ва ё бино бар таҳқиқи соҳиби "*Аззариъа*", дар соли 699 даргузаштааст.

3) *Қутбуддин Маҳмуд ибни Масъуд ибни Муслиҳи Шерозӣ*, маъруф ба Қутбуддини Шерозӣ. Дар мантиқ шогирди Котибии Қазвинӣ ва дар ҳикмат ва тибб (куллиёти Қонун) шогирди Хоҷа Насируддини Тӯсӣ будааст. "*Қонун*"-и Бӯалӣ ва *"Ҳикматул-ишроқ"*-и Сӯҳравардиро шарҳ кардааст ва худ китобе ба форсӣ дар ақсоми ҳикмат навишта, ки ба номи "*Дурратут-тоҷ*" маъруф аст ва ахиран чоп шудааст. Ҳар се китоби номбурда боарзиш аст. Шӯҳрати бештари ӯ дар ҷавви фалсафӣ ба воситаи шарҳи "*Ҳикматул-ишроқ*" аст. Бо Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар кори расадхонаи Мароға ҳамкорӣ доштааст. Дар соли 710 ё 716 даргузаштааст.

4) *Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Шарафшоҳи Алавии Ҳусайнии Астарободӣ*, маъруф ба Ибни Шарафшоҳ. Дар Мароға маҳзари Хоҷаро дарк карда ва назди ӯ таҳсил карда ва мулозими ӯ будааст. Баъд аз вафоти Хоҷа ба Мавсил рафта ва дар мадрасаи Нурия ба тадриси ҳикмат пардохтааст. "*Таҷрид*"-и Хоҷаро ҳошия ва *"Қавоъидул-ақоид"*-и ӯро шарҳ кардааст ва дар

Табақаи понздаҳум

1) *Қутбуддин Муҳаммад ибни Абиҷаъфари Розӣ*, маъруф ба Қутбуддини Розӣ. Аз уламои номии исломӣ аст. Ҳаким ва мантиқӣ ва фақеҳ будааст. Назди Аллома Ҳиллӣ дарс хонда ва Аллома ба ӯ иҷозаи ҳадис додааст. Шаҳиди аввал ӯро мулоқот карда ва аз ӯ иҷозаи

ривоят гирифта ва ӯро дарёе бепоён ёфтааст. Қутбуддини Розӣ — ҳамчунонки қаблан гуфтем – "*Шамсия*"-и Котибии Қазвиниро шарҳ карда ва акнун китоби дарсии туллоб аст. Дигар ин ки китобе навишта ба номи "*Муҳокамот*" ва дар он китоб миёни ду шореҳи бузурги "*Ишорот*": Фахруддини Розӣ ва Насируддини Тӯсӣ доварӣ кардааст. Дигар ин ки китоби "*Матолеъул-анвор*"-и Қозӣ Сироҷуддини Армавиро дар мантиқ шарҳ карда, ки чоп шуда ва ҳамакнун ба номи "*Шарҳи Матолеъ*" маъруф аст ва аҳёнан дар ҳавзаҳои илмия тадрис мешавад. Шӯҳрати Қутбуддини Розӣ ба воситаи ин се китоб аст, вале ӯ китобҳои дигар ҳам дорад. Қутбуддин дар соли 766 ё 776 даргузаштааст.

2) *Шамсуддин Муҳаммад ибни Муборакшоҳи Марвӣ*, маъруф ба Мираки Бухороӣ. Китоби "*Ҳикматул-ъайн*"-и Котибии Қазвиниро шарҳ карда ва аҳёнан дар китобҳои фалсафа аз ӯ ба шореҳи "*Ҳикматул-ъайн*" ёд мешавад, ва Мир Сайид Шарифи Ҷурҷонӣ бар шарҳи "*Ҳикматул-ъайн*" ҳошия задааст. Торихи вафоташ бар мо маълум нест.

3) *Қозӣ Азудуддин Абдурраҳмон Иҷии Шерозӣ*. Ҳам ҳаким буда ва ҳам мутакаллим ва ҳам усулӣ. Назариёти ӯ дар илми усул ва ҳамчунин дар бархе масоили фалсафӣ ва каломӣ матраҳ аст. Китоби маъруфи ӯ "*Мавоқиф*" аст, ки ҳарчанд унвони калом дорад на фалсафа, вале медонем, ки баъд аз давраи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва таълифи китоби "*Таҷрид*", калом ба нисбати зиёде ба фалсафа наздик шуд. Яъне ҳадафҳои каломӣ бо меъёрҳои фалсафӣ на бо меъёрҳои каломӣ тавҷеҳ мешуд ва бисёре аз масоили илоҳиёт билмаънал-аъамм ва билмаънал-ахасси фалсафа дар китобҳои каломӣ тарҳ мешуд, аз ин рӯ "*Мавоқиф*" аз ин назар ҷойи шоистае дорад. Ин китобро Мир Сайид Шарифи Ҷурҷонӣ шарҳ карда ва мукаррар бо матн чоп шудааст. Қозӣ Азудуддин шогирдоне тарбият кардааст аз қабили Тафтозонӣ, Шамсуддини Кирмонӣ, Сайфуддин Абҳарӣ. Ӯ дар соли 700 ё 701 мутаваллид шуда ва дар соли 756 ё 760 даргузаштааст.

Табақаи шонздаҳум

1) *Саъдуддин Масъуд ибни Умар ибни Абдуллоҳи Тафтозонӣ*, маъруф ба Мулло Саъди Тафтозонӣ. Шӯҳрати бештари ӯ ба калом ва улуми балоғат аст, вале марде ҷомеъ буда ва аз улуми фалсафӣ беиттилоъ набудааст. Матне дар мантиқ бисёр мухтасар ва ширин ба номи "*Таҳзибул-мантиқ*" таълиф карда, ки аз замони худаш то кунун дар ҳавзаҳои илмия

тадрис мешуда ва мешавад. Тафтозонӣ китобҳои зиёд таълиф кардааст. Баъзе муддаианд, ки Тафтозонӣ баъд аз харобии давраи муғул бо нерӯи ҳусни баён бори дигар ба қисмате аз маорифи исломӣ ҷон дод.

Ба илова, манзури мо аз табақоти фалосифа танҳо касоне нестанд, ки дар фалсафа соҳибназаранд; мақсуд ҳамаи касонест, ки ҳомили ин фанн буда ва воситаи интиқол аз даврае ба давраи дигар будаанд. Тафтозонӣ лоақал дар мантиқ ин шаънро доштааст.

Вай дар соли 712 ё 722 дар деҳе дар наздикии шаҳри Насо мутаваллид шуд ва дар соли 791 ё 792 ё 793 дар Сарахс даргузашт. Баъзе гуфтаанд, дар Самарқанд даргузашт ва ҷанозааш ба Сарахс мунтақил шуд.

2) *Сайидалӣ ибни Муҳаммад ибни Алии Ҷурҷонӣ*, маъруф ба Шарифи Ҷурҷонӣ ва Мир Сайид Шариф. Ба ҳаққ ӯро "Муҳаққиқи Шариф" хондаанд. Ба диққати назар ва таҳқиқ маъруф аст. Шӯҳрати бештараш ба адабиёт ва калом аст, вале ҷомеъ буда. Ҳавзаи дарси фалсафа дошта ва дар фалсафа шогирдони бисёр тарбият карда ва дар нигаҳдорӣ ва интиқоли улуми ақлӣ ба наслҳои баъд нақши муассире доштааст. Муҳаққиқи Шариф осор ва таълифоти фаровон дорад ва ҳама пурфоида аст, ва ба қавли Қозӣ Нуруллоҳ, ҳамаи уламои исломӣ баъд аз Мир Сайид Шариф туфайлӣ ва аёли ифодоти ӯянд. Таълифоти Мир Сайид Шариф бештар ба сурати таълиқот ва шуруҳ аст, аз қабили ҳошия бар шарҳи "*Ҳикматул-ъайн*" дар фалсафа, ҳошияи шарҳи "*Матолеъ*" дар мантиқ, ҳошияи "*Шамсия*" дар мантиқ, ҳошияи "*Мутаввал*"-и Тафтозонӣ дар илми фасоҳат ва балоғат, шарҳи *"Мифтоҳул-улум"*-и Саккокӣ дар ин илм, ҳошия бар "*Кашшоф*"-и Замахшарӣ, ки тафсире аст муштамил бар нукоти илми балоғат, ва шарҳи "*Мавоқиф*"-и Иҷӣ дар калом.

Аз китобҳои маъруфи Мир, яке "*Таърифот*" аст, ки ба номи "*Таърифоти Ҷурҷонӣ*" маъруф аст, ва дигар "*Кубро*" дар мантиқ аст ба форсӣ, ки барои мубтадиён навишта, ва дигар "*Сарфи Мир*" аст ба форсӣ дар илми сарф, ки аз замони худаш то кунун китоби дарсии мубтадиёни туллоб будааст.

Мир Сайид Шариф шогирди Қутбуддини Розии собиқуззикр аст. Гарчи аҳли Ҷурҷон аст, вале дар Шероз раҳли иқомат афканд. Мутобиқи нақли "*Равзот*" аз "*Маҷолисул-мӯъминин*" он гоҳ, ки Шоҳшуҷоъ ибни Музаффар ба Гургон омад ва бо Сайид мулоқот кард, ӯро бо худ ба Шероз бурд ва тадрис дар мадрасаи Дорушшифоро, ки худ таъсис карда буд ба ӯ вогузор

кард. Амир Темур, ки баъд вориди Шероз шуд, Мирро бо худ ба Самарқанд бурд ва дар ҳамон ҷо буд, ки бо Саъдуддини Тафтозонӣ мунозирот дошт. Пас аз марги Амир Темур, Мир Сайид Шариф бори дигар ба Шероз омад ва то поёни умр дар Шероз буд.

Мир Сайид Шариф аз 20-солагӣ ба кори тадрис ва таҳқиқ машғул буд, махсусан ба тадриси фалсафа ва ҳикмат эҳтимоми зиёд дошт ва ҳавзаи дарси қобили таваҷҷӯҳе аз фузало ташкил дода буд.

Гӯянд, яке аз касоне, ки дар ҳавзаи дарси ӯ ширкат мекард, Хоҷа Лисонулғайб Ҳофизи Шерозӣ буд. Ҳар гоҳ дар маҷлиси ӯ шеър хонда мешуд, мегуфт: Ба ивази ин турраҳот ба фалсафа ва ҳикмат бипардозед, аммо чун Шамсуддин Муҳаммад (Ҳофиз) мерасид, худи Сайид мепурсид: Бар шумо чӣ илҳом шудааст? Ғазали худро бихонед. Шогирдони ӯ эътироз карданд, ки ин чӣ розест, ки моро аз сурудани шеър манъ мекунӣ, вале ба шунидани шеъри Ҳофиз рағбат нишон медиҳӣ? Ӯ дар посух мегуфт: Шеъри Ҳофиз ҳама илҳомот ва ҳадиси қудсӣ ва латоифи ҳикамӣ ва нукоти Қуръонӣ аст.

Мир Сайид Шариф дар соли 740 дар Гургон мутаваллид шуда ва дар соли 816 дар Шероз даргузаштааст.

Табақаи ҳафдаҳум

Ин табақа бештар шогирдони Муҳаққиқи Шарифанд, ки баъд аз ӯ ноширони афкори ӯ будаанд:

1) *Муҳйиддини Гӯшкунорӣ*. Ин мард шогирди Мир Сайид Шарифи Ҷурҷонӣ ва устоди Муҳаққиқи Даввонӣ будааст. Аз торихи таваллуд ва вафоти ӯ иттилое надорем.

2) *Хоҷа Ҳасаншоҳ*, маъруф ба Баққол. Ин мард низ шогирди Мир Сайид Шариф ва устоди Даввонӣ будааст. Фозили муосир оқои Алии Даввонӣ дар китоби шарҳи зиндагонии Ҷалолуддини Даввонӣ аз "*Ҳабибус-сияр*" нақл кардаанд, ки Муҳйиддини Гӯшкунорӣ ва Хоҷа Ҳасаншоҳи Баққол дар замони Мирзо Муҳаммад Бойсунқур дар Шероз ба лавозими тадрис ва ифода қиём менамудаанд.

3) *Саъдуддин Асъади Даввонӣ*, падари муҳаққиқ Ҷалолуддини Даввонӣ. Ӯ низ аз шогирдони Муҳаққиқи Шариф будааст.

4) *Қивомуддини Карболӣ*. Устоди Сайид Садруддини Даштакӣ ва Ҷалолуддини Даввонӣ ва шогирди Шарифи Ҷурҷонӣ будааст.

Мо феълан дар ин табақа ҷуз инҳо касеро суроғ надорем ва аслан намедонем дар ин давра, ки қатлу ғорати муғул осори худро дар ҳамаи шуъун зоҳир сохта буд ва қатли оммҳои Амир Темур ҳам мазиди бар иллат шуда буд, дар ғайри Шероз чароғе равшан ва ҳавзае доир буда ё набудааст?!

Табақаи ҳаҷдаҳум

1) *Сайидулҳукамо Муҳаммад ибни Иброҳими Ҳусайнии Даштакии Шерозӣ*, маъруф ба Садруддини Даштакӣ ва Сайиди Санад. Аз бузургони ҳукамои давраи исломӣ ва аз афроди соҳибназар аст. То замони Мирдомод афкор ва оро ва осори ӯ ва муосири номдораш Ҷалолуддини Даввонӣ, дар миёни фузало ва толибони ҳикмат матраҳ буд. Бархе аз оро ва афкори ӯ ҳанӯз дар миёни фалосифаи исломӣ матраҳ аст ва бархе афкори мақбул дорад, ки акнун мавриди қабули фалосифаи баъд аз Садрост. Ин мард дар соли 828 мутаваллид шуда ва дар соли 903 даргузаштааст. Маъқулро назди марде ба номи Сайид Фозили Форсӣ ва Қивомуддини Карболӣ (шогирди Сайид Шариф) таҳсил кардааст.

2) *Аллома Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Асъадуддини Даввонии Сиддиқӣ*, маъруф ба Алломаи Даввонӣ ва Муҳаққиқи Даввонӣ. Дар мантиқ ва фалсафа ва риёзиёт соҳибназар будааст. Бархе оро ва афкори ӯ низ ҳанӯз дар китобҳои фалсафа матраҳ аст. Шогирди Қивомуддини Карболӣ ва Муҳйиддини Гӯшкунорӣ ва Ҳасаншоҳи маъруф ба Баққол ва падараш Асъадуддини Даввонӣ (ки ҳама аз шогирдони Сайид Шариф будаанд) будааст.

Соҳиби "*Равзот*" ва ҳамчунин соҳиби "*Райҳонатул-адаб*" Алломаи Даввониро шогирди мустақими Мир Сайид Шариф пиндоштаанд, вале фозили муосир оқои Алӣ Даввонӣ дар китоби нафиси худ "*Шарҳи зиндагонии Ҷалолуддини Даввонӣ*" иштибоҳи онҳоро равшан ва собит кардаанд, ки Алломаи Даввонӣ замони Мир Сайид Шарифро дарк накарда, балки шогирди шогирдони ӯ будааст.

Алломаи Даввонӣ аз касонест, ки дар ҳаёту мамоти худ ҷанҷоли илмӣ барангехтааст. Дар замони ҳаёташ бо Сайид Садруддини Даштакӣ мушоҷироти забонӣ ва қаламии фаровон дошта, ки маъруф аст. Баъд аз худаш китобҳояш мавриди таваҷҷӯҳ ва радду дифоъ ва нақзу

ибром будааст. Садрулмутааллиҳин дар ҷилди севвуми "*Асфор*" дар ҳудуди се сафҳа назарияе аз Алломаи Даввонӣ нақл ва рад мекунад ва дар охир мегӯяд: "*Баҳсро аз он назар тӯлонӣ кардем, ки акнун аксари аҳли назарро гумон бар он аст, ки назарияи ин алломаи ниҳрир охирин сухан дар боби тавҳид аст. Мо ночор будем халалҳои сухани ӯро ошкор созем*."

Аз ин ҷумлаҳо метавон нуфузи фавқулъодаи Даввониро дар мутааххиронаш дарёфт. Дар замони Алломаи Даввонӣ дар асари овозаи шӯҳрати вай, Шероз маркази сиқли улуми фалсафӣ буда. Аз Хуросону Озарбойҷону Кирмон ва ҳатто аз Бағдоду Руму Туркистон, донишҷӯён ба Шероз раҳсипор мешудаанд. Алломаи Даввонӣ дар соли 830 мутаваллид шуда ва дар соли 903 ё 908 даргузаштааст.

3) *Алӣ ибни Муҳаммади Самарқандии Қӯшҷӣ*, маъруф ба Муллоалии Қӯшҷӣ, соҳиби шарҳи маъруф бар "*Таҷрид*"-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. Қӯшҷӣ ҳам мутакаллим буда ва ҳам риёзидон. Зиҷи Улуғбекро, ки Қозизодаи Румӣ (устодаш) ва Ғиёсуддин Ҷамшеди Кошонӣ (нобиғаи риёзидон) шурӯъ карда буданд ва муваффақ ба анҷоми он нашуда буданд, Қӯшҷӣ ба амри Улуғбек ибни Шоҳрух ибни Амир Темур — ки худ риёзидони моҳир ва устоди Қӯшҷи буд — ба поён расонид. Ба Табриз ва Усмонӣ сафар карда ва дар Усмонӣ иқомат карда ва дар ҳамонҷо дар соли 879 даргузаштааст. Шарҳи Қӯшҷӣ бар "*Таҷрид*"-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аз китобҳоест, ки ҳамвора мавриди таваҷҷӯҳи фузало буда ва ҳошияҳо ва таълиқоти фаровон бар он зада шудааст. Шарҳи Қӯшҷӣ дар торихи фалсафаи илоҳӣ нақши фаъоле доштааст.

Табақаи нуздаҳум

Ин табақаро шогирдони Сайид Садруддини Даштакӣ ва Алломаи Даввонӣ ташкил медиҳанд:

1) *Ғиёсуддин Мансури Даштакӣ*, фарзанди барӯманди Сайид Садруддини Даштакӣ. Аз бузургони ҳукамо ба шумор меравад. Гӯянд, дар 20-солагӣ аз улуми замони худ фориғ гашт. Дар замони Шоҳ Таҳмосб муддате садорати узмо дошт ва баъд истеъфо дод ва ба Шероз баргашт. Мадрасаи Мансурияи Шероз — ки ҳамакнун боқӣ аст — аз таъсисоти ӯст. Дунболаи кори падари худро дар радди назариёти Алломаи Даввонӣ гирифт ва аҳёнан дар мунозироти ҳузурии он ду ширкат мекард. Чандин китоби фалсафӣ дорад аз қабили

“*Исботул-воҷиб*”, “*Шарҳи ҳаёкилун-нур*”-и Сӯҳравардӣ, ҳошия бар “*Шарҳи Ишорот*”-и Хоҷа, ҳошия бар “*Шифо*”-и Бӯалӣ, муҳокимот миёни падараш ва Даввонӣ дар ҳавошии он ду бар “*Таҷрид*”.

Садрулмутааллиҳин дар илоҳиёти “*Асфор*” аз ӯ ба унвони:

سر أبيه المقدس المنصور المؤيد من عالم ملكوت السماء غياث أعاظم السادات والعلماء

— ёд менамояд. Ғиёсуддини Даштакӣ дар соли 940 ё 948 даргузаштааст.

2) *Маҳмуди Найрезӣ*, шогирди дигари Сайид Садруддини Даштакӣ. Гӯянд, чанд китоби Ҷалолуддини Даввониро шарҳ карда ва бар ӯ тохта ва аз устоди хеш дифоъ кардааст.

3) *Қозӣ Камолуддини Мибадии Яздӣ*. Шӯҳрати ин шахс ба воситаи шарҳест, ки бар “*Ҳидоя*”-и Асируддини Абҳарӣ навишта, ки ба “*Шарҳи Ҳидояи Мибадӣ*” маъруф аст, ва ҳам шарҳе бар девони мансуб ба ҳазрати Амир алайҳис-салом навиштааст, ки он низ сабаби шӯҳраташ гаштааст. Китобе ба форсӣ ба номи “*Ҷоми гетинамо*” дар фалсафа навиштааст.

4) *Ҷамолуддин Маҳмуди Шерозӣ*. Курсии тадриси Ҷалолуддини Даввониро баъд аз маргаш ин мард ишғол кардааст. Аз атрофу акноф ба ҳавзаи дарсаш меомадаанд. Мулло Аҳмади Ардабилӣ маъруф ба Муқаддаси Ардабилӣ, Мулло Абдуллоҳи Шуштарӣ, Мулло Абдуллоҳи Яздӣ (соҳиби ҳошияи маъруф бар *“Таҳзибул-мантиқ”*), Мулло Мирзоҷони Шерозӣ маъруф ба Фозили Боғнавӣ, аз шогирдони ӯ будаанд.

5) *Мулло Ҳусайни Илоҳии Ардабилӣ*, фарзанди Хоҷа Шарафуддин Абдулҳаққи Ардабилӣ. Аз шогирдони Алломаи Даввонӣ ва Амир Ғиёсуддин аст ва чун замонаш мусодиф аст бо зуҳури Шоҳ Исмоили Сафавӣ, баъзе рисолаҳои худро ба номи ӯ навишта ва ба ӯ эҳдо кардааст. Агарчӣ Ардабилӣ аст, аммо барои касби файзу фазилат ба билоди мухталиф, аз он ҷумла Шероз ва Ҳирот мусофират кардааст. Осори мухталиф дар мантиқ, калом, фалсафа, ҳандаса ва ҳайъат навиштааст, ки ғолибан тибқи маъмули он замон ба сурати ҳошия ва ё ҳошия бар ҳошия аст, аз қабили “*Ҳошия бар Шарҳи Мавоқиф*” ва “*Шарҳи Матолеъ*” ва “*Шарҳи Шамсия*” ва “*Шарҳи Ҳидояи Мибадӣ*” ва “*Ҳошияи Аллома Даввонӣ бар шарҳи Таҷрид*” ва ҳошияи Сайид Садр бар он китоб ва “*Шарҳи Чағминӣ*” ва “*Шарҳи Тазкира*”-и Хоҷа дар ҳайъат ва “*Таҳрири Уқлидус*” дар ҳандаса ва 20 боб дар устурлоб. Торихи

Табақаи бистум

1) *Мулло Абдуллоҳи Яздӣ*, соҳиби ҳошияи маъруф бар "*Таҳзибул-мантиқ*", ки ба "*Ҳошияи Мулло Абдуллоҳ*" маъруф ва китоби дарсии туллоб дар мантиқ аст. Баъзе муддаӣ шудаанд, ки аз улуми шаръия беиттилоъ будааст, вале баръакс, ҳам фақеҳ буда ва ҳам аҳли маъқул хусусан мантиқ. Дар Шероз назди Ҷамолуддин Маҳмуди собиқуззикр ва Амир Ғиёсуддини Даштакӣ таҳсил кардааст. Дар охири умр ба Ироқ рафта ва муҷовир шуда ва дар ҳамонҷо дар соли 981 даргузаштааст.

2) *Мулло Ҳабибуллоҳи Боғнавии Шерозӣ*, маъруф ба Мулло Мирзоҷон ва Фозили Боғнавӣ. Шогирди Ҷамолуддин Маҳмуд буда ва чанд ҳошия ва шарҳ аз Аллома Давониро ҳошия кардааст. Дар соли 994 даргузаштааст. Дар табииёти Шарҳи Манзумаи Сабзаворӣ аз ӯ бо унвони "Фозили Боғнавӣ" зикре ба миён омадааст.

3) *Шамсуддин Муҳаммад Хафрии Шерозӣ*. Шогирди Амир Ғиёсуддин Мансур будааст ва зоҳиран ҳавзаи дарси Алломаи Даввонӣ ва Сайид Садруддини Даштакиро низ дарк кардааст. "*Шарҳи таҷрид*" ва "*Шарҳи Ҳикматул-ъайн*"-ро ҳошия зада ва рисолае таҳти унвони "*Исботул-воҷиб*" дорад. Марди дақиқунназаре будааст. Садрулмутааллиҳин дар ҷилди аввали "*Асфор*" матолибе аз ӯ нақл карда ва мавриди баҳс қарор додааст. Хафриро метавон аз табақаи нуздаҳум ҳам ба шумор овард, яъне ӯ аз ҷавонсолони табақаи нуздаҳум ва куҳансолони табақаи бистум будааст. Вай дар соли 957 ё 935 даргузаштааст.

4) *Хоҷа Афзалуддини Турка*. Аз шогирдони Ҷамолуддин Маҳмуд аст. Соҳиби "*Равзот*" мегӯяд: "Фозили ҳаким Хоҷа Афзалуддин Муҳаммад ибни Ҳабибуллоҳ маъруф ба Турка, устоди шайх Абулқосими Козирунӣ, ҳакими имомии маъруф ба Насрулбаён аст. Насрулбаён дар китоби "*Сулламус-самовот*", ки бахше аз он дар торихи ҳукамост (соҳиби "*Равзот*" аз он китоб фаровон баҳра бурда ва нақл мекунад) дар бораи устоди хеш гуфтааст: "*Тулӯъ ва шӯҳрати ин устод мобайни солҳои 970 ва 990 дар билоди Ироқи араб ва Хуросон будааст*."

5) *Ҳаким Довуд ибни Умари Антокии Мисрӣ*. Танҳо дар "*Номаи донишварон*" аз ин мард зикре дидаем. Вай аз аҷиллои фузалои атиббо ва мӯътабарини ҳукамои охирҳои садаи даҳум ва аввалҳои садаи ёздаҳум будааст. Мутобиқи он чӣ худаш шарҳи ҳоли худро имло карда, дар Антокия кӯри модарзод мутаваллид шуда, то 7-солагӣ фалаҷ ҳам будааст ва дар ҳамон ҳол

муқаддамотро омӯхта ва Қуръонро ҳифз карда ва ҳамеша аз Худованд шифои худ ва тавфиқи таҳсил масъалат менамудааст, то ин ки мусофире аз аҷам ба номи Муҳаммад Шариф бо ӯ бархӯрд мекунад ва фалаҷи ӯро муолиҷа менамояд ва чун ҳушу заковати хориқулодаи ӯро мебинад, ба ӯ мантиқ ва риёзиёт ва фалсафа меомӯзад. Ӯ худ алоқаманд ба омӯхтани забони форсӣ мешавад, вале устод мегӯяд, беҳтар аст забони юнонӣ биёмӯзӣ ва ҷуз ман касе дар ин диёр забони юнонӣ намедонад.

Довуд баъд ба Қоҳира рафта ва табъи мардуми он диёрро ба улуми ақлӣ бемайл дидааст. Дар охири умр муҷовири Байтуллоҳ шуда ва дар соли 1008 даргузаштааст.

Аз ҳифз ва тасаллути Довуд бар мутуни фалсафӣ ва тиббӣ аз қабили "*Қонун*", "*Шифо*", "*Ишорот*", "*Наҷот*, "*Ҳикматул-машриқия*", "*Таълиқот*", "*Муҳокамот*", "*Мутораҳот*", "*Расоили Ихвонуссафо*", ки ҳамвора мулозими ин китобҳо буда, достонҳо овардаанд.

Довуд таълифоте дошта, аз ҷумла рисолае дар "ишқ" таълиф карда, ки "*Номаи донишварон*" ба тафсил овардааст.

Табақаи бисту якум

1) *Мир Муҳаммадбоқири Домод (Мирдомод)*. Маъруфтар аз он аст, ки ниёзманд ба муаррифӣ бошад. Пас аз ҳамлаи муғул, ба илале, ки феълан бар ман равшан нест, ҷуз дар Форс ҳавзаи илмии қобили таваҷҷӯҳе ба чашм намехӯрд. Албатта дар Ҳирот ва Самарқанд ва ҷоҳои дигар аҳёнан афроде будаанд, вале ҳавзаи гарм зоҳиран мунҳасир ба Шероз будааст.

Мутаассифона ҳавзаи Шероз фавқулъода хислати ҷадалӣ дорад. Дар тӯли тақрибан ду қарну ним, бештари кӯшишҳо сарфи муҷодилот мешудааст; бар гуфтаҳои якдигар шарҳу ҳошия менавиштаанд ва бар он ҳошияҳо низ ҳавошии дигар ва ҳамчунин ҳошия бар ҳошия… Дар айни ҳол, давраи Шероз давраи омодагӣ будааст.

Дар замони Шоҳ Аббоси Кабир бо тулӯи афроде монанди Мирдомод ва Шайх Баҳоӣ ва Мирфиндирскӣ, Исфаҳон маркази улуми ақлии исломӣ гашт — ба тавре, ки шахсе монанди Садрулмутааллиҳин аз ватанаш Шероз муҳоҷират мекунад ва барои касби файз ба Исфаҳон меояд — ҳамчунон ки бо муҳоҷирати уламои Ҷабали Омил аз қабили Муҳаққиқи Каракӣ ба Эрон, ҳавзаи бисёр олии фиққӣ дар Исфаҳон ташкил шуд. Аз мушаххасоти ҳавзаи фалсафии Исфаҳон ин аст, ки дигар аз он баҳсу ҷадалҳо, ки ғолибан

камфоида буд хабаре нест. Фалсафа ба василаи Мирдомод рангу бӯи дигаре мегирад, ки акнун ҷойи баҳси он нест.

Мирдомод агар аз ҳукамои тирози аввали исломӣ ба шумор наравад, лоақал дар тирози дуввум ҳаст. Вай, илова бар ин ки файласуф буд, фақеҳ ва риёзидон ва адиб ва риҷолӣ ҳам буд. Рӯиҳамрафта марде ҷомеъ буд ва худро "Муаллими Солис" мехонд.

Вай ҳавзаи дарси бошукӯҳ ва гарм ва пурбаракате ташкил дод. Мо дар табақаи бисту дуввум баъзе аз шогирдони ӯро муаррифӣ хоҳем кард. Дуруст маълум нест, ки Мирдомод таҳсилоти фалсафии хешро чӣ гуна ва назди чӣ касоне анҷом додааст. Асотиди ӯро, ки шумурдаанд иборатанд аз: Шайх Абдулъолӣ Каракӣ, Сайид Нуруддини Омилӣ, Тоҷуддин Ҳусайни Соиди Тӯсӣ, Фахруддини Астарободии Самокӣ. Се нафари аввал аҳли маъқул набуда, устоди манқули Мир будаанд. Танҳо шахси ахир аст, ки аҳли маъқул будааст.

Оқои Сайидалӣ Беҳбаҳонӣ дар мақолае, ки таҳти унвони "*Фалсафа ва шарҳи ҳол ва нақди осори Мирдомод*" навиштаанд, мегӯянд: "*Фахруддин Муҳаммади Ҳусайнии Астарободӣ муосири Шоҳ Таҳмосб (918-984) ба навиштаи Искандарбек, аз бузургони Самоки Астаробод буда. Аз фаҳвои каломи вай истифода мешавад, ки Мирдомод маҷлиси дарси ӯро дарёфта, вале аз лиҳози замон ҳамтирози ӯ набуда. Вайро дар муқобили Муҳаққиқ Хафрӣ Муҳаққиқ Фахрӣ мегуфтаанд*."

Муҳаддиси Қумӣ дар *"Алкуно вал-алқоб"* низ аз ин шахс ба унвони "Устод Мирдомод" ёд мекунад, ҳамчунин "*Райҳонатул-адаб*". Вале иттифоқан аз фарди дигаре низ айнан ба ҳамин ном (Фахруддини Астарободии Ҳусайнӣ) дар ҳамин аср ёд шуда, ки ӯ низ аҳли маъқул буда, илоҳиёт ва ҷавоҳиру аърози "*Шарҳи Таҷриди Қӯшчӣ*"-ро ҳошия кардааст ва бино бар нақли оқои Алӣ Даввонӣ, "*Ҳошияи Даввонӣ бар Таҳзибул-мантиқ*"-ро низ ҳошия кардааст. Ибтидо ба назар мерасад, ки ду нафар ба ин ном нест, як нафар аст, вале соҳиби "*Аззариъа*" тасреҳ мекунад, ки инҳо ду нафаранд. Ба илова, Фахруддини Самокӣ Муҳаммад ибни Ҳасан аст ва он дигарӣ Муҳаммад ибни Ҳусайн.

Мо иттилои бештаре аз асотиди маъқули Мирдомод надорем. Ин ки Фахруддини Самокӣ (Муҳаққиқи Фахрӣ) назди чӣ касе таҳсил карда ва шогирдони дигараш чӣ касоне будаанд ва дар чӣ соле даргузаштааст, чизи дурусте намедонем. Гӯянд, шогирди Ғиёсуддин Мансури Даштакӣ будааст.

2) *Шайх Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Абдуссамади Омилӣ*. Аз муҳоҷирини Ҷабали Омил аст. Дар ҷомеъияти улуму фунун фавқулъодагӣ дорад. Аз устодони ӯ дар улуми ақлӣ (мантиқ ва фалсафа) ҷуз Мулло Абдуллоҳи Яздии собиқуззикр касеро намешиносем. Силсилаи асотиди маъқули Шайх аз тариқи Мулло Абдуллоҳ ба Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва сипас ба Бӯалӣ мерасад. Он чӣ мусаллам аст ин аст, ки Шайх илова бар он ки адиб, фақеҳ, муфассир, риёзидон, муҳандис ва шоир буда, ҳаким ва файласуф ҳам будааст. Аз ҳавзаи дарси фалсафаи ӯ иттилое надорем. Маъруф аст, ки Садрулмутааллиҳин ибтидо ба дарси Шайх мерафт. Шайх, ки истеъдоди хориқулодаи ӯро дид, ӯро ба дарси Мирдомод фиристод. Аз осори фалсафии Шайх низ чизе дар даст нест, ҷуз рисолае, ки мегӯянд ахиран дар Миср аз ӯ дар бораи "Ваҳдати вуҷуд" чоп шудааст. Шайх дар соли 1030 даргузаштааст.

3) *Мир Абулқосими Финдирискӣ*. Аҳл Финдириск аз тавобеъи Астаробод аст. Ҳаким, риёзидон ва орифмашраб аст. Бо он ки ҳавзаи бузурге дошта ва шогирдоне тарбият карда, иттилои зиёде аз зиндагониаш дар даст нест. Муосири Шайх Баҳоӣ ва Мирдомод будааст. Мусофирате ба Ҳинд рафта, аз назариёти ҳукамои Ҳинд огоҳ шудааст.

Мирфиндирискӣ рисолае дар бораи синоъот навишта, ки ба номи "*Рисолаи синоъия*" маъруф аст ва рисолае дар "ҳаракат" бар тибқи маслаки Машшоъин навишта ва дар 1050 дар синни 80-солагӣ даргузаштааст.

Табақаи бисту дуввум

Ин табақа шогирдони Шайх Баҳоӣ ва Мирдомод ва Мирфиндирискӣ мебошанд:

1) *Рафиъуддин Муҳаммад ибни Ҳайдари Ҳусайнии Таботабоии Ноинӣ* машҳур ба Мирзо Рафиъо. Шогирди Шайх Баҳоӣ ва Мирфиндирискӣ буда. Аз содоти таботабоии Ноин ва Заввора ва Ардистон аст. Марҳум Мирзои Ҷилва, файласуфи маъруфи аҳди Қоҷор ва вафотёфта дар 1314, аз авлод ва аҳфоди ӯст. Рисолае дар "*Ақсоми ташкик*" дорад, ки мавриди таваҷҷӯҳи мутааххирон аст. "*Шарҳи Ишорот*"-и Хоҷа ва "*Шарҳи ҳикматул-ъайн*"-и Шарифи Ҷурҷониро ҳошия кардааст ва рисолае дар ҳалли шубҳаи "истилзом", ки дар китобҳои фалсафа матраҳ аст навиштааст. Рисолае ба номи "*Самараи шаҷараи илоҳия*" дар усули ақоид бо порае аз муқаддимоти фалсафӣ ахиран аз ӯ ба василаи оқои Абдуллоҳи

Нуронӣ, аз фузалои муосир чоп ва мунташир шудааст. Мирзо Рафиъо дар соли 999 мутаваллид ва дар соли 1083 дар синни 85-солагӣ даргузаштааст.

2) *Муҳаммад ибни Иброҳими Қаввомии Шерозӣ* маъруф ба Садро ва Садрулмутааллиҳин, ҳакими илоҳӣ ва файласуфи раббонии беназир, ки ҳикмати илоҳиро вориди марҳилаи ҷадиде кард. Садро дар он чӣ илми аъло ё илми куллӣ ё фалсафаи ало ё ҳикмати илоҳӣ хонда мешавад — ва танҳо ҳамин бахш аст, ки ба ҳақиқат фалсафа аст ва фалсафаи ҳақиқӣ хонда мешавад, зеро соири бахшҳо аъамм аз риёзӣ ва табиӣ дар қаламрави улум аст — тамоми фалосифаи пешинро таҳтушшуъо қарор дод, усул ва мабонии аввалияи ин фаннро тағйир дод ва онро бар усули халалнопазире устувор кард.

Фалсафаи Садро аз як назар ба манзилаи чаҳорроҳе аст, ки чаҳор ҷараён яъне ҳикмати машшои арастуӣ ва синоӣ, ва ҳикмати ишроқи Сӯҳравардӣ, ва ирфони назарии муҳйиддинӣ, ва маъонӣ ва мафоҳими каломӣ бо якдигар талоқӣ карда ва монанди чаҳор наҳр сар ба ҳам бароварда, рӯдхонае хурӯшон ба вуҷуд овардаанд. Аз назари дигар ба манзилаи сурате аст, ки бар чаҳор унсури мухталиф пас аз як силсила феълу инфиъолҳо изофа шавад ва ба онҳо моҳият ва воқеияти навин бахшад, ки бо моҳияти ҳар як аз маводди он сурат мутағойир аст.

Фалсафаи Садро як навъ ҷаҳиш аст, ки пас аз як силсила ҳаракатҳои мудовим ва тадричӣ, дар маорифи ақлии исломӣ рух додааст.

Фалсафаи Садро аз навъи “саҳли мумтанеъ” аст; ба зоҳир бисёр содда аст, ибораташ адибона ва муншиёна аст, аммо як фарди бисёр мустаид солҳо бояд кор кунад то ба марҳилаи аввал бирасад, яъне бифаҳмад, ки онро намефаҳмад, то бори дигар бо диди дигаре ворид шавад. Басе афрод солҳо ӯҳдадори тадриси фалсафаи Садро будаанд дар ҳоле, ки ба умқи он нуфуз накардаанд. Аз ин рӯ тавсиф ва таҳлили кори Садро кори ҳар фалсафахондае нест.

Садро шогирди Шайх Баҳоӣ ва Мирдомод будааст. Дар шарҳе, ки бар “*Усули Кофӣ*” навишта, аз Шайх Баҳоӣ ба унвони устоди улуми нақлӣ ва аз Мирдомод ба унвони устоди улуми ақлӣ ёд мекунад. Китобҳои Садро маъруфтар аз он аст, ки дар инҷо мо бихоҳем муаррифӣ кунем. Вай дар соли 1050 зимни ҳафтумин сафари ҳаҷ, ки пиёда мерафт, дар Басра даргузашт.

3) *Шамсуддини Гилонӣ* маъруф ба Мулло Шамсо. Аз шогирдони Мирдомод аст. Миёни ӯ ва ҳамшогирдиаш Муллосадро муросилае сурат гирифтааст. Мулло Шамсо дар бораи чанд мушкил дар фалсафа аз қабили мавзӯъ дар ҳаракати каммия ва вуҷуди зеҳнӣ суол карда ва Садро посух гуфтааст. Посухи Садро ба сурати рисолае кучак даромада ва дар ҳошияи "*Мабдаъ ва маъод*"-и вай чоп шудааст.

4) *Султонулуламо Омулии Мозандаронӣ* маъруф ба Халифатуссултон. Шогирди Шайх Баҳоӣ ва Мирдомод будааст. Шоҳ Аббос духтарашро ба ӯ дод ва муддате вазорати Шоҳ Сафӣ ва Шоҳ Аббоси Сониро доштааст. Вай мардест муҳаққиқ. Ҳавошии ӯ бар "*Маъолим*" ва "*Шарҳи Лумъа*" намунаи як кори таҳқиқӣ аст. Бидуни ҳашву завоид чиз менавиштааст. Бар "*Ҳошияи Хафрӣ бар шарҳи Таҷриди Қӯшҷӣ*" низ ҳошия навиштааст. Вай дар соли 1064 дар синни 64-солагӣ даргузаштааст.

5) *Сайид Аҳмади Омулӣ*, домод ва холазодаи Мирдомод ва шогирди ӯст. Бар илоҳиёти "*Шифо*" ҳошия навишта ва ҳошияаш чоп шудааст. Дар он ҳавошӣ қисматҳое оварда, ки мерасонад аз Мирдомод аст ва гоҳе ҳам худ ишора ё тасреҳ ба он мекунад. Мирдомод ва Сайид Аҳмад наводаи духтарии Муҳаққиқи Каракӣ мебошанд.

6) *Қутбуддини Ишкеварӣ* соҳиби китоби маъруфи *"Маҳбубул-қулуб"*. Дар торихи фалосифа, шогирди Мирдомод будааст.

7) *Сайид Амир Фазлуллоҳи Астарободӣ*. Ин мард низ шогирди Мирдомод будааст. Аз ин мард иттилои дурусте дар даст надорем. Мутобиқи он чӣ дар "*Равзот*" зимни аҳволи Муқаддаси Ардабилӣ ба нақл аз "*Риёзул-уламо*" омадааст, Амир Фазлуллоҳ аз бузургони шогирдони Муқаддаси Ардабилӣ будааст. Ҳангоме, ки вафоти Муқаддаси Ардабилӣ наздик шуд, аз ӯ пурсиданд: Баъд аз шумо ба чӣ касе руҷӯъ кунем? Ӯ ҷавоб дод: Дар шаръиёт ба Амир Аллом, ва дар ақлиёт ба Амир Фазлуллоҳ.

Табақаи бисту севвум

1) *Мулло Муҳсини Файзи Кошонӣ*, ҳаким ва ориф ва муҳаддиси машҳур. Шогирд ва домоди Муллосадро буда ва ҳикматро назди вай омӯхтааст. Аз ӯ рисолаҳое дар ҳикмат ва фалсафа боқӣ аст. Китоби "*Усулул-маориф*"-и ӯ ахиран чоп шудааст. Он чӣ дар ин замина аз Файз ба мо расидааст, айнан талхиси гуфтаҳои устодаш аст. Марҳуми Файз дар соли 1091

даргузаштааст. Мо зимни аҳволи муфассирон ва муҳаддисон низ аз марҳуми Файз ёд кардем.

2) *Мулло Абдурраззоқи Лоҳиҷӣ* соҳиби *"Шавориқул-илҳом"* ва *"Гавҳари мурод"*. Шогирд ва домоди дигари Муллосадро. Мулло Абдурраззоқ баръакси Мулло Муҳсини Файз, мисли ин аст, ки аз устоди худ камтар мутаассир шудааст. Навиштаҳояш рангу бӯи ҳукамои қабл аз Садро аз қабили Алломаи Даввонӣ ва Ғиёсуддини Даштакиро дорад, на рангу бӯи фалсафаи Муллосадро. Вай дар соли 1071 ё 1072 даргузаштааст.

3) *Мулло Раҷабалии Табрезии Исфаҳонӣ*. Соҳиби "*Равзот*" аз соҳиби "*Риёзул-уламо*" нақл мекунад, ки вай назди Шоҳ Аббоси Сонӣ ва соҳибони мақомоти мамлакатӣ мӯҳтарам буда, ки ба дидораш мерафтаанд. Мулло Раҷабалӣ шогирдоне дошта аз он ҷумла Мавло Муҳаммади Танкобунӣ ва Ҳаким Муҳаммадҳусайни Қумӣ ва Қозӣ Саъиди Қумӣ. Вай шогирди Мирфиндирискӣ буда ва дар соли 1080 даргузаштааст.

4) *Мулло Муҳаммадбоқир* маъруф ба Муҳаққиқи Сабзаворӣ. Ҳам ҳаким аст ва ҳам аз бузургони фуқаҳо. Шогирди Шайх Баҳоӣ ва Мирфиндирискӣ будааст ва бар "*Илоҳиёти Шифо*" ҳошияи матине навишта, ки мавриди истифода аст. Соҳиби "*Равзот*" мегӯяд: Муҳаққиқи Хонсорӣ (Оқо Ҳусайн) ва Мулло Муҳаммади Танкобунӣ маъруф ба "Сароб" аз маҳзари дарсаш истифода кардаанд. Вале зоҳиран Муҳаққиқи Хонсорӣ дар манқул шогирди ӯ буда, на маъқул. Вай дар соли 1090 даргузаштааст.

5) *Оқо Ҳусайни Хонсорӣ* маъруф ба Муҳаққиқи Хонсорӣ. Шавҳархоҳари Муҳаққиқи Сабзаворӣ ва шогирди ӯ дар манқул будааст. Дар маъқул шогирди Мирфиндирискӣ будааст. Ҳошияи маъруфе бар "*Илоҳиёти Шифо*" дорад, ки дар даст аст. Ва ҳамчунин "*Шарҳи Ишорот*"-и Хоҷа ва "*Шарҳи Таҷрид*"-и Қӯшҷӣ ва "*Муҳокимот*"-ро ҳошия кардааст. Вай дар соли 1098 даргузаштааст. Соҳиби "*Равзот*" дар зайли номи Мулло Замон ибни Мулло Калбалии Табрезӣ менависад:

"*Вай китобе дорад ба номи "Фароидул-фавоид фи аҳволил-мадориси вал-масоҷид", ки дар айёми иқоматаш дар мадрасаи Шайх Лутфуллоҳ (дар Исфаҳон) таълиф карда ва номи гурӯҳеро, ки дар ин мадрасаи пурбаракат таҳсил кардаанд бурдааст аз қабили Оқо Ҳусайни Хонсорӣ, Мулло Шамсои Гилонӣ, Мулло Ҳасани Ланбонии Гилонӣ (ӯ низ марде ҳаким ва ориф буда ва Маснавиро шарҳ карда ва дар ҳамин табақа аст. М.М) ва гуфта Мулло Ҳасани Ланбонӣ дар фазилат ва тақво*

назир надошт… Ва аз он ҷумла аст зубдатулмуҳаққиқин ва усватуссоликин Мулло Раҷабалии Табрезӣ ва шогирдаш Мир Қивомуддини Теҳронӣ (Розӣ) соҳиби китоби "Айнул-ҳикма".

Соҳиби "*Равзот*" он гоҳ мегӯяд:

"*Ва аз он ҷумла аст фозили муҳаққиқ, ҳакими бореъ Мулло Абулқосим ибни Муҳаммадрабеъи Гулпойгонӣ, соҳиби таълиқоти латифа бар китобҳои маъқулу манқул.., ки гӯё шогирди Маҷлисии Аввал будааст*."

Мулло Ҳасани Ланбонии фавқуззикр падари Мулло Ҳусайни Ланбонист, ки шогирди марҳуми Маҷлисӣ будааст. Бинобар ин, ин ду нафар (Ланбонӣ ва Гулпойгонӣ) низ ҷузъи ин табақаанд.

Дар ин табақа гурӯҳи дигари камном ё гумном ҳастанд аз қабили Шайх Ҳусайни Танкобунӣ ва Муҳаммад ибни Алиризои Оқоҷонӣ шогирди Муллосадро. Хушбахтона ахиран бо ҳиммати қобили ситоиши оқои Сайид Ҷалолуддини Оштиёнӣ, устоди олиқадри Донишкадаи илоҳиёт ва маорифи исломии Машҳад, ин афрод ва осори онҳо таҳти унвони "*Мунтахаботе аз осори ҳукамои илоҳии Эрон аз асри Мирдомод ва Мирфиндирискӣ то асри ҳозир*" муаррифӣ шуда ва мешаванд.

Табақаи бисту чаҳорум

1) *Муҳаммадсаъид ибни Муҳаммадмуфиди Қумӣ*, маъруф ба "Қозӣ Саъид" ва мулаққаб ба "Ҳакими Кучак" . Аз шогирдони Мулло Муҳсини Файз ва Мулло Абдурраззоқи Лоҳиҷӣ ва Мулло Раҷабалии Табрезӣ будааст. Шогирдиаш назди Мулло Раҷабалӣ, дар Исфаҳон буда ва мутобиқи нақли соҳиби "*Равзот*", монанди устодаш назди Шоҳ Аббос мӯҳтарам будааст, вале шогирдиаш назди Мулло Абдурраззоқ дар Қум буда ва эҳтимолан назди Файз низ дар Қум таҳсил кардааст. Соҳиби "*Равзот*" ва соҳиби "*Райҳонатул-адаб*" нисбат ба торихи вафоти вай изҳори беиттилоӣ кардаанд, вале дар ҳошияи "*Равзот*" аз "*Аззариъа*" нақл карда, ки таваллуди вай дар соли 1049 ва вафоташ дар соли 1103 будааст.

2) *Мулло Муҳаммади Танкобунии Сароб*. Шогирди Мулло Раҷабалии Табрезӣ ва Муҳаққиқи Сабзаворӣ будааст.

3) *Ҷамолуддини Хонсорӣ* маъруф ба Оқо Ҷамоли Хонсорӣ. Фарзанди Оқо Ҳусайни Хонсории собиқуззикр ва шогирди ӯ ва шогирди доии худ Муҳаққиқи Сабзаворӣ буда. Вай бар

"*Табииёти Шифо*" ҳошия зада, ки чоп шуда ва албатта мухтасар аст. Ва ҳамчунин *"Шарҳи Ишорот"*-ро низ ҳошия кардааст. Марде муҳаққиқ ва ҷомеъи маъқулу манқул буда ва дар соли 1121 даргузаштааст.

4) *Қивомуддин Муҳаммади Розӣ* маъруф ба Қивомуддин Ҳаким. Оқои Ҳумоӣ дар муқаддимаи "*Шарҳи Машоир*"-и Мулло Ҷаъфари Лангарудӣ мегӯяд: вай шогирди Мулло Раҷабалии Табрезӣ ва устоди Шайх Иноятуллоҳи Гилонӣ будааст. Оқои Сайид Ҷалолуддини Оштиёнӣ дар ҷилди дуввуми "*Мунтахаботе аз осори ҳукамои Эрон аз асри Мирдомод ва Мирфиндирискӣ то асри ҳозир*" осоре аз ин мард чоп ва мунташир карда ва худи ӯро муаррифӣ кардаанд.

5) *Муҳаммадрафеъи Пирзода*. Ин шахс низ аз шогирдони Мулло Раҷабалии Табрезӣ ва бо як восита шогирди Мирфиндирискӣ аст. Баъзе аз осори ӯ дар ҷилди дуввуми "*Мунтахаботе аз осори ҳукамои илоҳии Эрон*" чоп шудааст.

6) *Алиқулихон фарзанди Қарчқойхони Халаҷии Қумӣ*. Вай шогирди Оқо Ҳусайни Хонсорӣ ва Мулло Шамсои Гилонӣ ва Мулло Раҷабалии Табрезӣ будааст. Дар китоби "*Турбати покон*" таълифи оқои Мударрисии Таботабоӣ (сафаҳоти 235-240) рисолаҳои фалсафии бисёре аз ӯ ном бурдааст. Алиқулихон дар соли 1020 мутаваллид шуда ва дар соли 1097 ҳаёт доштааст. Мадрасаи Хони Қум аз осори фарзанди донишманди ин мард Маҳдиқулихон аст.

Табақаи бисту панҷум

1) *Мулло Муҳаммадсодиқи Ардистонӣ*. Аз аҳволи ӯ иттилои дурусте надорем, ҳамин қадр медонем марде ҳаким ва зоҳид ва муртоз буда ва мавриди бемеҳрӣ ва такфири бархе муосирин қарор гирифта ва табъид шуда ва дар соли 1134 даргузаштааст.

Тибқи гуфтаи оқои Ҳумоӣ ва оқои Оштиёнӣ, аз Мулло Муҳаммадсодиқ рисолае боқӣ монда ба номи "*Ҳикмати Содиқия*" дар бораи нафс ва қувваҳои моддӣ ва маънавии он.

2) *Шайх Иноятуллоҳи Гилонӣ*. Ин мард мударриси фалсафаи Машшоъ ва аз таломизи Мир Қивоми ҳаким аст.

3) *Мир Сайидҳасани Толиқонӣ*. Ин мард мударриси "*Шарҳи Фусус*"-и Муҳйиддин ва китобҳои Шайхи Ишроқ будааст.

Табақаи бисту шашум

1) *Мулло Исмоили Хоҷуӣ*. Аз машоҳири ҳукамои қуруни ахира аст. Аслан мозандаронӣ аст. Соҳиби "*Равзот*" аз ин мард таҷлили фаровон мекунад, ӯро ба илм ва ҷомеъияти маъқулу манқул ва тақво ва маънавият ва матонат ва виқор сахт меситояд. Мегӯяд, Нодиршоҳ, ки нисбат ба аҳаде тавозӯъ надошт, дар баробари ин мард фурӯтанӣ мекард. Замони ин мард муқорин аст бо фитнаи афғон. Ҳаким Хоҷуӣ дар бархе навиштаҳояш аз он фитна нолаҳо сар додааст. Соҳиби "*Равзот*" мегӯяд, ба ҳеч ваҷҳ маълум нест, ки асотиди ӯ чӣ касоне будаанд. Фалсафа баъд аз фитнаи афғон ба василаи ин марди бузург идома ёфта. Шогирдони боризе дар ҳавзаи дарсаш парвариш ёфтаанд аз қабили Оқо Муҳаммади Бедободӣ, Мулло Маҳдии Нароқӣ, Мирзо Абулқосими Мударриси Исфаҳонӣ, Мулло Меҳроби Ҳакими Гилонӣ. Вай дар соли 1173 даргузаштааст.

2) *Мирзо Муҳаммадтақии Алмосӣ*. "*Равзот*" аз ӯ ба унвони наводаи марҳуми Маҷлисӣ ёд мекунад. Падараш наводаи Маҷлисии Аввал будааст ва аз касонест, ки дар буқъаи марҳум Маҷлисӣ дар Исфаҳон мадфун аст. Ва ҳам тасреҳ мекунад, ки устоди Оқо Муҳаммади Бедободӣ будааст.

Оқои Ҳумоӣ дар муқаддимаи "*Шарҳ машоир*" ду нафари дигар аз муосирони Мулло Исмоили Хоҷуиро ном мебаранд:

3) *Мулло Ҳамзаи Гилонӣ*. Шогирди Мулло Муҳаммадсодиқи Ардистонӣ буда ва дар соли 1134 даргузаштааст.

4) *Мулло Абдуллоҳи Ҳаким*. Ӯ низ монанди Хоҷуӣ ва Алмосӣ аз асотиди Оқо Муҳаммади Бедободӣ ба шумор меравад.

Табақаи бисту ҳафтум

1) *Оқо Муҳаммади Бедободии Гилонии Исфаҳонӣ*. Аз бузургони ҳукамои қуруни ахира ва эҳёкунандаи фалсафаи Муллосадрост. Аз замони Садрулмутааллиҳин ба баъд ҳарчанд афкор ва андешаҳои ӯ дар миёни фузало хусусан онон, ки силсилаи шогирдиашон ба худи вай мерасида матраҳ будааст, вале зоҳиран ҳанӯз мавҷи афкори пешиниён аз қабили Бӯалӣ ва Шайхи Ишроқ ғалаба доштааст, хусусан дар ниҳлае, ки аз Мирфиндирискӣ ва сипас Мулло Раҷабалии Табрезӣ иншиъоб ёфтааст.

Чунонки медонем — ва худи Муллосадро низ бозгӯ мекунад — Муллосадро дар замони худаш шӯҳрат ва эҳтироме надоштааст, монанди яке аз туллоби оддӣ зиндагӣ мекарда, дар сурате, ки Мулло Раҷабалии Табрезӣ (масалан), ки тақрибан муосири ӯст, дар марҳилае аз эҳтиром буд, ки шоҳу вузаро ба дидораш мешитофтаанд. Андешаҳои Садро тадриҷан шинохта шуд ва рӯ омад. Зоҳиран он даҳонаи фарҳанг, ки ин оби ҷории зеризаминӣ аз онҷо комилан зоҳир шуд ва бар ҳама падидор гашт, марҳум Оқо Муҳаммади Бедободӣ аст. Вай, мутобиқи нақли "*Равзот*", марде фавқулъода зоҳид, муттақӣ, богузашт, исоргар, соддазист будааст. Шайх Оқобузурги Техронӣ дар китобҳои худ аз ӯ ба унвони як орифи солик ёд мекунад. Ӯ воқеан марде ахлоқӣ ва муҳаззаб, балки солик будааст. Дар соли 1352 шамсӣ ду рисолаи кучак аз вай дар сайру сулук ба забони форсӣ ба василаи оқои Мударрисии Табатабоӣ аз афозили Қум, замимаи маҷаллаи "*Ваҳид*" чоп шуд. Руҳи ахлоқӣ ва ирфонии Бедободӣ мӯҷиби эърози ӯ аз таваҷҷӯҳ ба соҳибони зару зӯр буд. Онҳо ба ӯ рӯ меоварданд ва ӯ эъроз мекард.

Бедободӣ шогирдони бисёре парвариш додааст, ки анқариб аз онҳо ёд хоҳем кард, ва дар соли 1197 даргузашт.

2) *Мулло Маҳдии Нароқии Кошонӣ*. Аз бузургони фуқаҳо ва ҳукамост. Ӯ ва писараш Мулло Аҳмади Нароқӣ аз бузургони уламои ислом ба шумор мераванд ва ҳар ду ба ҷомеъият маъруфанд. Марҳум Сайид Муҳаммадбоқири Шифтии Исфаҳонӣ ва Ҳоҷ Муҳаммад Иброҳими Калбосӣ назди ӯ таҳсили ҳикмат кардаанд ва худи вай шогирди Мулло Исмоили Хоҷуӣ будааст.

3) *Мирзо Абулқосими Ҳусайнии Хотунободӣ* маъруф ба Мударрис. Аз машоҳири мударрисини фалсафа дар Исфаҳон ва аз хонаводаи Мир Муҳаммадҳусайни Хотунободӣ сибти Маҷлисӣ будааст. Шогирди Мулло Исмоили Хоҷуӣ буда ва дар соли 1203 даргузаштааст.

4) *Мулло Меҳроби Гилонӣ*, ҳаким ва орифи машҳур. "*Райҳонатул-адаб*" ӯро аз шогирдони Хоҷуӣ ва Бедободӣ шумурдааст, вале "*Равзот*" аз ӯ фақат ба унвони шогирди Хоҷуӣ ёд кардааст. Бино бар нақли Оқобузурги Техронӣ дар *"Нуқабоул-башар"* (сафҳаи 1114), марҳум Мирзо Абдурраззоқхони Бағоирӣ соҳиби китоби "*Маърифатул-қибла*", ки дар соли 1372

ҳичрии қамарӣ вафот кард, аз духтарзодагони Мулло Меҳроб будааст. Мулло Меҳроб дар соли 1197 даргузаштааст.

Табақаи бисту ҳаштум

1) *Мулло Алии Нурии Мозандарониии Исфаҳонӣ*. Аз бузургтарин ҳукамои илоҳии исломӣ ва аз афроди маъдуди ангуштшумори се чаҳор қарни ахир аст, ки то умқи фалсафаи садроӣ нуфуз кардаанд. Ибтидои таҳсилаш дар Мозандарон ва Қазвин буда, сипас ба Исфаҳон омада ва аз маҳзари дарси Оқо Муҳаммади Бедободӣ ва Сайид Абулқосими Мударриси Исфаҳонӣ истифода карда ва худ бузургтарин ҳавзаи ҳикматро дар Исфаҳон доир кардааст. Мулло Алии Нурӣ аз назари тадрис ва ташкили ҳавзаи дарсӣ ва тарбияти шогирдон ва тӯлонӣ будани муддати кори тадрис ва тарбияти шогирд (гуфта шуда қариб ҳафтод сол) ва тарвиҷи улуми ақлӣ, камназир ва шояд беназир аст.

Ҳангоме, ки марҳум Муҳаммадҳусайнхони Марвӣ мадрасаи Марвиро дар Теҳрон сохт, аз Фатҳалишоҳ тақозо кард Мулло Алии Нуриро аз Исфаҳон барои тадриси маъқул дар ин мадраса даъват кунад. Шоҳ аз ӯ даъват кард ва ӯ дар ҷавоб навишт, дар Исфаҳон ду ҳазор муҳассил машғули таҳсиланд, ки чаҳорсад нафари онҳо — балки мутаҷовиз — ки шоистаи ҳузури дарси ин дуогӯ ҳастанд, дар ҳавзаи дарси дуогӯ ҳозир мешаванд, чунончи ба Теҳрон биёяд ин ҳавза аз ҳам мепошад. Шоҳ муҷаддадан аз ӯ хост, яке аз беҳтарин шогирдҳои худро барои тадрис дар ин мадраса интихоб кунад ва ӯ Мулло Абдуллоҳи Занузиро интихоб кард ва фиристод.

Ҳамаи ин шогирдон аз атрофи Исфаҳон набудаанд, аз атрофу акноф дар ҳавзаи дарси ин марди бузург — ки мегӯянд, дар ҳудуди ҳафтод сол тадрис карда — ширкат кардаанд ва ба атроф пароканда шуда ва илму ҳикматро бо худ парокандаанд.

Соҳиби "*Равзот*" мегӯяд: дар кӯдакӣ ӯро дар ҳоле, ки пирамарде сафедмӯ буд дидаам. Дар масҷиди Сайид ба намози марҳум Сайидмуҳаммадбоқир Ҳуҷҷатулислом меомад ва баъд аз намоз бо ҳам ҷаласа мекарданд. Сайид Ҳуҷҷатулислом худ замоне шогирди ӯ будааст. Ӯ ва марҳуми Ҳоҷӣ Калбосӣ — ки марҷаъият ва риёсати Исфаҳонро доштанд ва фавқулъода мӯҳтарам буданд — Мулло Алии Нуриро дар маҷолис бар худ муқаддам медоштанд.

Бо вуҷуди ҳукамои бузурги дигар дар он замон, он чӣ баъдҳо идома ёфт, аз тариқи ин марди бузург буд. Баъзе ҳавошии мухтасар ва кӯтоҳ аз ӯ бар "*Асфор*" боқист, ки дар ниҳояти матонат ва диққат аст.

Гӯянд, тафсири бузурге бар сураи Тавҳид навиштааст. Вай дар соли 1246 даргузаштааст.

2) *Ҳоҷ Мулло Аҳмади Нароқӣ*, фарзанди Ҳоҷ Мулло Маҳдии Нароқии собиқуззикр. Монанди падари худ ҷомеъулфунун ва муфтӣ ва муҷтаҳид ва марҷаъи фатво будааст. Маъқулро аз падари худ фаро гирифтааст. Дар соли 1244 ё 1245 даргузаштааст.

Марҳум Аллomаи Теҳронӣ дар *"Ал-киромул-барара"* ва "*Нуқабоул-башар*" ба нақл аз китоби *"Лубобул-албоб"*-и марҳум Мулло Ҳабибуллоҳи Кошонӣ, номи гурӯҳе аз аҳли маъқулро дар қарни 13 ва 14 дар Кошон мебарад, ки нишон медиҳад Кошон то наздик ба замони мо аз марокизи маъқул будааст.

Зоҳиран улуми маъқул дар Кошон ба василаи Нароқиҳо ривоҷ ёфт.

3) *Мирзо Маҳдӣ ибни Мирзо Ҳидояуллоҳи Шаҳиди Машҳадӣ*. Ин мард аз машоҳири фуқаҳо ва маъорифи уламои он аср аст. Дар фиқҳу усул аз таломизи Ваҳиди Беҳбаҳонӣ аст. Муосири Сайид Муҳаммади Баҳрулулум ва Шайх Ҷаъфари Кошифулғито аст. Зоҳиран исфаҳониюласл аст. Дар Исфаҳон дар ҳавзаи дарси Оқо Муҳаммади Бедободӣ ҳикмат омӯхта ва дар Машҳад иқомат карда ва фиқҳу усул ва маъқул тадрис мекардааст. Мулло Алии Нурӣ, ки ҳамдавра ва ҳамдарси ӯ дар ҳавзаи Бедободист, зимни як истифтоъ аз Мирзо Абулқосими Қумӣ — ки дар "*Равзот*" мастур аст — ба муносибат аз ӯ ба унвони Мирзо Маҳдии Машҳадӣ ёд мекунад.

Ин мард риёзиёт низ медониста ва онро назди падарзани худ Шайх Ҳусайни Омилии Машҳадӣ омӯхтааст. Фарзандонаш Мирзо Ҳидоятуллоҳ ва Мирзо Абдулҷавод ва Мирзо Довуд ҳама дар фунуни ҳикмат ворид будаанд. Ду фарзанди ахир дар риёзиёт саромади аср дар Хуросон ба шумор мерафтаанд. Илму ҳикмат дар хонадони Сайид Муҳаммади Шаҳид дар ҳудуди 150 сол идома ёфт. Марҳум Ҳоҷ Мирзо Ҳабиби Разавӣ, муҷтаҳиди ҳакими орифи шоири машҳадии маъруф (вафотёфта дар 1327) набераи ӯст, ва ҳамчунин марҳум Оқобузурги Ҳакими Шаҳидии Машҳадӣ устоди мусаллами фалсафаи Хуросон дар ҳудуди нимаи қарни чаҳордаҳуми ҳичрии қамарӣ (вафотёфта дар 1355) набераи дигари ӯст ва зикраш хоҳад омад.

Мирзо Маҳдӣ “*Ишорот*”-и Шайх ва порае аз китобҳои риёзӣ тадрис мекарда. Дар соли 1152 мутаваллид ва дар соли 1218 дар басти болои хиёбони Машҳад дар ҷараёни дифоъ аз ҳуқуқи мардум ва мубориза бо дастбурди Нодирмирзо наваи Нодиршоҳ ба амволи остонаи муқаддасаи разавӣ, ба дасти Нодирмирзо шаҳид шуд.

Табақаи бисту нӯҳум

1) *Мирзо Ҳасани Нурӣ* фарзанди Мулло Алии Нурӣ. Баъд аз падар, ҳавзаи тадриси қобили таваҷҷӯҳе ташкил дод. Марҳум Оқо Алии Мударриси Занузии Теҳронӣ — ки зикраш хоҳад омад — дар муддате, ки ба Исфаҳон рафта аз маҳзари дарси ин устод истифода кардааст. Бино бар нақли Устод Ҷалолуддини Ҳумоӣ дар муқаддимаи “*Баргузидае аз ашъори се шоири бузурги Исфаҳон*”, бархе ӯро бар падараш тарҷеҳ медодаанд. Аз ӯ асари қобили таваҷҷӯҳе дар даст нест, ки бишавад дар бораш доварӣ кард, вале шогирдии афроде назири Оқо Алии Мударрис гувоҳи содиқе аст бар маротиби фазлаш. Ба ҳар ҳол, аз касонест, ки дар интиқоли фалсафа аз насли пеш аз худаш ба насли баъд аз худаш омили муассире будааст.

2) *Мулло Исмоил ибни Мулло Муҳаммади Самиъи Исфаҳонӣ*, маъруф ба Воҳидулайн. Аз бузургони шогирдони Мулло Алии Нурӣ ва устоди Ҳоҷ Мулло Ҳодии Сабзаворӣ аст. Ҳавзаи дарси қобили таваҷҷӯҳе дошта. “*Асфор*” ва “*Машоир*”-и Садро ва “*Шавориқ*”-и Лоҳиҷиро ҳошия карда ва “*Аршия*”-и Садроро шарҳ кардааст. Дар соли 1277 даргузаштааст.

3) *Мулло Абдуллоҳи Занузӣ*. Ин мард ҳамон аст, ки ба тақозои Муҳаммадҳусайнхони Марвӣ, Ҳаким Нурӣ ӯро барои тадриси фалсафа аз Исфаҳон ба Теҳрон фиристод. Марказияти Теҳрон дар муқобили Исфаҳон, ки тадриҷан Исфаҳон аз равнақ афтод, аз ин замон шурӯъ шуд.

Мулло Абдуллоҳ мутобиқи гузорише, ки фарзанди барӯманди олиқадраш Оқо Алии Мударрис додааст, муқаддамотро дар Озарбойҷон таҳсил карда ва сипас ба Карбало рафта ва аз ҳавзаи фиқҳи соҳиби “*Риёз*” баҳраманд шуда ва он гоҳ муддате дар Қум аз маҳзари дарси Мирзои Қумӣ, муҷтаҳиди маъруф, баҳраманд шуда, баъд ба Исфаҳон рафта ва аз маҳзари Ҳаким Нурӣ ҳикмат омӯхта ва дар соли 1237 ба Теҳрон мунтақил шудааст. Пас аз 20 соли тадрис ва ифоза дар мадрасаи Марвӣ, дар соли 1257 ба раҳмати Ҳақ пайвастааст.

4) *Мулло Муҳаммадҷаъфари Лангарудии Лоҳиҷӣ*. Вай муосири Мулло Абдуллоҳи Занузӣ ва шогирди Сайид Абулқосими Мударриси Исфаҳонӣ ва Мулло Мехроби Гилонӣ ва махсусан Мулло Алии Нурӣ аст. Асари маъруфи ӯ "*Шарҳи Машоир*"-и Муллосадрост. Ин шарҳ ахиран ба муносибати 400-умин соли вилодати Муллосадро бо муқаддимае англисӣ ба қалами оқои дуктур Сайидҳусайни Наср ва муқаддимае форсӣ ба қалами устод Ҷалолуддини Ҳумоӣ ва муқаддимае форсӣ ба қалами устод Сайидҷалолуддини Оштиёнӣ чоп шуд. Вай, илова бар "*Шарҳи Машоир*", "*Шарҳи Таҷрид*"-и Қӯшҷӣ ва "*Ҳошияи Хафрӣ бар шарҳи Таҷрид*"-и Қӯшҷиро ҳошия кардааст. Ҳошияи "*Шарҳи Таҷрид*"-и вай дар соли 1255 муқорини айёми салтанати Муҳаммадшоҳ таълиф шудааст. Торихи вафоти ӯро намедонем. Оқои Ҳумоӣ ҳамин қадр менависанд: "*Алаттаҳқиқ пеш аз 1294 будааст*".

Аҷиб ин аст, ки Аллomаи Теҳронӣ марҳуми Оқобузург дар китоби "*Ал-киромул-барара фил-қарнис-солиси баъдал-ашара* (сафаҳоти 239 ва 257) се нафарро, ки ҳар се ҳаким ва ҳамзамон ва ҳамном ва гилонӣ будаанд ном мебаранд: яке таҳти унвони Шайх Ҷаъфари Лоҳиҷӣ ва дигаре таҳти унвони Шайх Муҳаммадҷаъфари Лангарудӣ (ки "*Аршия*"-и Муллосадроро шарҳ карда) ва севвум Шайх Муҳаммадҷаъфари Лоҳиҷӣ, ки "*Машоир*"-ро шарҳ карда ва бар "*Илоҳиёти шарҳи Таҷрид*" ҳошия задааст.

Бисёр баъид аст, ки се нафар ҳаким ба ин ном дар як аср, аҳли як минтақа вуҷуд дошта бошанд, аз ин рӯ ниёзманд ба таҳқиқи бештар аст.

5) *Мулло Оқои Қазвинӣ*. Ин мард низ аз афозили шогирдони Мулло Алии Нурӣ аст. Пас аз муроҷиат аз Исфаҳон ба Қазвин, ҳавзаи гарме доир карда ва фузало ба ҳавзааш мешитофтаанд. Марҳум Оқо Алии Мударриси Занузӣ дар гузориши зиндагонии худ навишта, ки муддате барои касби файз аз маҳзари ин марди бузург ба Қазвин рафтааст. Вай аз касонест, ки назди Мулло Исмоили Исфаҳонӣ — ки шогирди бузурги Мулло Алии Нурӣ аст — низ таҳсил кардааст. Аз ин рӯ ба эътиборе метавон ӯро аз табақаи 30-ум ва ҳамтабақаи Ҳоҷии Сабзаворӣ шумурд. Вай дар соли 1282 даргузаштааст.

Табақаи сиюм

1) *Ҳоҷӣ Муллоҳодӣ Сабзаворӣ*. Баъд аз Муллосадро машҳуртарини ҳукамои илоҳии се чаҳор қарни ахир аст. Ҳоҷӣ Сабзаворӣ дар соли 1212 дар Сабзавор мутаваллид шуд. Ҳафтсола

буд, ки падараш мурд. Дар даҳсолагӣ барои таҳсил ба Машҳади муқаддас рафт ва дах сол иқомат кард. Шӯхрати ҳукамои Исфаҳон ӯро ба Исфаҳон кашонид. Дар ҳудуди ҳафт сол аз маҳзари Мулло Исмоили Исфаҳонӣ истифода кард. Ва зимнан, дар ҳамон вақт ду се соли охирҳои давраи Ҳаким Нуриро дарк кард. Сипас ба Машҳад муроҷиат кард ва чанд соле дар Машҳад ба тадрис пардохт. Он гоҳ озими Байтуллоҳ шуд. Дар муроҷиат иҷборан ду се соле дар Кирмон иқомат кард. Дар муддати иқомати Кирмон, барои ин ки нафси худро тарбият кунад ва риёзат диҳад, саъй кард ношинохта бимонад ва дар ҳамаи муддат ба кӯмаки ходими мадраса ба хидмати туллоб қиём мекард. Баъд духтари ҳамон ходимро ба занӣ гирифт ва раҳсипори Сабзавор шуд. Қариб 40 сол бидуни он ки ҳатто як навбат аз он шаҳр хориҷ шавад, дар он шаҳр таваққуф кард ва ба кори мутолеа ва таҳқиқ ва тадрис ва таълиф ва ибодат ва риёзати нафс ва тарбияти шогирдон пардохт, то умраш ба поён расид. Аз назари ташкили ҳавзаи гарми фалсафӣ ва ҷазби шогирд аз атрофу акноф ва тарбияти онҳо ва парокандани онҳо дар билоди мухталиф, баъд аз Ҳаким Нурӣ касе ба пояи Ҳаким Сабзаворӣ намерасад. Овозаи шӯхрataш дар ҳамаи Эрон ва қисматҳои хориҷи Эрон печид. Толибони ҳикмат аз ҳар сӯ ба маҳзараш мешитофтанд. Шаҳри матруки Сабзавор аз партави вуҷуди ин ҳакими олиқадр қиблаи ҷӯяндагони ҳикмати илоҳӣ гашт ва маркази як ҳавзаи илмӣ шуд.

Губину (*Arthur de Gobineau*), файласуфи маъруфи фаронсавӣ, ки назари хоссаш дар фалсафаи торих маъруф аст, муқорини авҷи шӯхрати Ҳаким Сабзаворӣ се сол вазири мухтори Фаронса дар Эрон буда ва китобе ҳам ба номи "*Се сол дар Эрон*" мунташир кардааст. Ӯ менависад:

"*Шӯҳрат ва овозаи ӯ (Ҳаким Сабзаворӣ) ба қадре оламгир шуда, ки туллоби зиёде аз мамолики Ҳиндустон, Туркия ва Арабистон барои истифода аз маҳзари ӯ ба Сабзавор рӯ оварда ва дар мадрасаи ӯ машғули таҳсил ҳастанд*."

Ҳаким Сабзаворӣ фавқулъода хушбаён ва хуштақрир буд; бо шӯру ҷазаба тадрис мекард. Ӯ гузашта аз мақомоти илмӣ ва ҳикамӣ, аз завқи ирфонии саршоре барҳӯрдор буд. Ба илова, марде боинзибот, аҳли муроқиба, мутаъаббид, муташарреъ ва билохира солики илаллоҳ буд. Маҷмӯи инҳо сабаб шуда буд, ки шогирдони ӯ ба ӯ то сарҳадди ишқ иродат биварзанд. Аз назари ҷозибаи устоду шогирдӣ, Ҳаким Сабзаворӣ бемонанд аст. Баъзе аз

шогирдони ӯ баъд аз ӯ бо ин ки 40 сол аз ӯ фосила гирифта буданд, боз ҳам ҳангоми ёдоварии ӯ, ба ҳаяҷон меомаданд ва ашк мерехтанд.

Ҳаким Сабзаворӣ ба форсӣ ва ба арабӣ шеър месуруда ва дар ашъораш ба "Асрор" тахаллус мекардааст. Дар ҳар ду қисмат бархе ашъор дорад, ки дар авҷи зебоӣ ва камол ва шӯр ва ҳол аст.

Ҳаким Сабзаворӣ дар соли 1289 дар як ҳолати ҷазабамонанде даргузашт. Яке аз шогирдонаш дар торихи вафоташ чунин сурудааст:

Асрор чу аз ҷаҳон бадар шуд,

Аз фарш ба Арш нола баршуд.

Торихи вафоташ ар биҷӯӣ,

Гӯем: "ки намурд, зиндатар шуд".

Шогирдони Ҳоҷӣ то он ҷо, ки мо феълан иттилоъ дорем, иборатанд аз:

Мулло Абдулкарими Хабӯшонӣ (Қучонӣ), ки бар "*Манзумаи мантиқ*" ҳошия дорад.

Мирзо Ҳусайни Сабзаворӣ муқими Теҳрон устоди Мулло Муҳаммади Ҳидаҷӣ ва Мирзо Алиакбари Яздӣ муқими Қум.

Ҳоҷ Мирзо Ҳусайни Алавии Сабзаворӣ муқими Сабзавор, ки дар ҷомеъият ва таҳқиқ дар асри худ беназир шинохта мешуд.

Ҳаким Аббоси Доробӣ устоди маъруфи фалсафа дар устони Форс.

Шайх Иброҳими Сабзаворӣ устоди Шайхурраис Қоҷор.

Шайх Муҳаммадиброҳими Теҳронӣ, ки бо Ҳаким Сабзаворӣ муросилот дошта ва Аллomаи Теҳронӣ онҳоро назди Шайх Муҳаммадҷаводи Ҷазоирӣ дидааст.

Сайид Абулқосими Мусавии Занҷонӣ.

Сайид Абдурраҳими Сабзаворӣ.

Мулло Муҳаммади Саббоғ.

Шайх Муҳаммадризо Баруғанӣ устоди Шайх Ҳодии Бирҷандӣ.

Мирзо Абдулғафури Доробӣ.

Мулло Ғуломҳусайни Шайхулисломи Машҳадӣ устоди Ҳоҷ Фозили Хуросонӣ ва Оқобузурги Шаҳидии Машҳадӣ.

Мирзо Муҳаммади Сарвқадӣ устоди Ҳоҷ Фозили Хуросонӣ ва Оқобузурги Шаҳидии Машҳадӣ.

Шайх Алӣ Фозили Таббатӣ.

Мирзо Оқо Ҳакими Доробӣ.

Мирзо Муҳаммади Яздӣ.

Ҳоҷ Мирзо Абӯтолиби Занҷонӣ.

Ҳоҷ Мулло Исмоили Орифи Буҷнурдӣ.

Шайх Абдулҳусайни Шайхулироқин.

Мирзо Муҳаммади Ҳакими Илоҳӣ.

Бузургтарин ҳасанаи Ҳаким Сабзаворӣ, марҳум ҳакими раббонӣ, орифи комили илоҳӣ, фақеҳи номдор, Охунд Муллоҳусайнқулии Ҳамадонӣ (Қуддиса сирруҳ!) аст. Ин марди бузург ва бузургвор, ки фарзанди як чӯпони поксиришт буд, барои идомаи таҳсил аз Ҳамадон ба Теҳрон омад. Овозаи шӯҳрат ва ҷозибаи маънавияти Ҳаким Сабзаворӣ ӯро ба Сабзавор кашонид. Муддате — ки торих ва миқдорашро феълан намедонам — дар ҳавзаи он ҳаким ширкат кард. Пас аз он ба атабот шитофт ва барои такмили улуми манқул, ҷузъи шогирдони устодулмутааххирин Ҳоҷ Шайх Муртазо Ансорӣ қарор гирифт.

Дар ҳамон айём тавфиқи ташарруфи ҳузури Оқо Сайидалии Шуштариро ёфт ва дар назди он орифи комил мароҳили сайру сулукро тай кард ва худ ба мақоме аз камолу маърифат расид, ки камтар назире барояш метавон ҷуст.

Агар ҳамаи шогирдони ҳавзаи Ҳаким Сабзаворӣ ба ҳузур дар ҳавзаи ӯ ифтихор мекунанд, ҳавзаи Ҳаким ба ҳузури чунин марде муфтахар аст.

Ҳавзаи таълиму тарбияти марҳум Охунд Муллоҳусайнқулӣ бештар ҳавзаи тарбият буд, то таълим, ҳавзаи инсонсозӣ буд. Аз ин ҳавза мардони бузурге бархостаанд. Аз мутолеаи мавзеи мутафарриқаи китоби "*Нуқабоул-башар*" метавон ба вусъати доираи он пай бурд. Тибқи он чӣ аз мадорик ва асноди мунташира дар бораи Сайидҷамолуддини Асадободӣ маъруф ба Афғонӣ ба даст меояд, Сайид дар муддати иқоматаш дар Наҷаф, аз маҳзари ду нафар баҳраманд шудааст: яке Шайхи Ансорӣ ва дигар Охунд Муллоҳусайнқулӣ. Назар ба ин ки тасреҳ шуда, ки Сайид дар Наҷаф ба таҳсили улуми ақлӣ иштиғол дошта — ба илова, аз осораш каму беш пайдост — ва ҳам тасреҳ шуда, ки Сайид аз маҳзари ин ду нафар

истифода кардааст, зоҳир ин аст, ки Сайид улуми ақлиро назди Охунд омӯхтааст. Бинобар ин Сайидҷамол бо як восита шогирди Ҳаким Сабзаворӣ аст.

Сайидҷамол тибқи мадорики мавҷуд, дар муддати иқомат дар Наҷаф, бо марҳум Сайидаҳмади Карбалоии Теҳронӣ ва марҳум Сайидсаъиди Ҳубубӣ аз шогирдони Охунд Ҳамадонӣ, ки ба ворастагӣ ва тайи мароҳили сайру сулук маъруфанд, рафоқат ва самимият доштааст. Ва ин яке дигар аз шигифтиҳои зиндагии ин марди хориқулода аст ва буъди тозае ба шахсияти ӯ медиҳад. То кунун надидаем касе мутаваҷҷеҳи ин нукта аз зиндагии ӯ шуда бошад.

2) *Оқоалии Занузӣ*, маъруф ба Оқоалии Ҳаким ва Оқоалии Мударрис. Фарзанди Мулло Абдуллоҳи Занузии собиқуззикр ва аз асотиди камназири ду қарни ахир аст. Дар соли 1234 дар Исфаҳон (се сол қабл аз ҳаракати падараш аз Исфаҳон ба Теҳрон) мутаваллид шуд. Аз падар маъқулан ва манқулан истифода кардааст. Барои такмили улуми манқул ба атабот рафт ва пас аз муроҷиат ба Теҳрон, ба Исфаҳон рафт ва аз маҳзари дарси Мирзо Ҳасани Нурӣ фарзанди Мулло Алии Нурӣ баҳраманд шуд. Аз онҷо ба Қазвин рафт ва аз дарси Мулло Оқои Қазвинӣ истифода кард. Бори дигар ба Исфаҳон рафт ва муҷаддадан дар хидмати Мирзо Ҳасани Нурӣ ба такмили таҳсилот пардохт. Он гоҳ ба Теҳрон муроҷиат кард ва солҳо дар мадрасаи “Сипаҳсолор”-и қадим мударриси расмӣ буд ва дар соли 1307 дар Теҳрон даргузашт.

3) *Оқо Муҳаммадризо Ҳакими Қумшаӣ*. Ӯ низ аз бузургони ҳукамо ва асотини ирфони қуруни ахир аст. Оқо Муҳаммадризо — ки шогирдон ва дӯстонаш номи ӯро ба сурати мухаффафи “Омирзо” талаффуз мекарданд — аҳли Қумша (Шаҳризо)-и Исфаҳон аст. Дар ҷавонӣ барои таҳсил ба Исфаҳон муҳоҷират кард ва аз маҳзари Мирзо Ҳасани Нурӣ ва Мулло Муҳаммадҷаъфари Лангарудӣ баҳраманд шуд. Солҳо дар Исфаҳон ӯҳдадори тадриси фунуни ҳикмат буд. Ҳудуди даҳ соли поёни умри худро дар Теҳрон ба сар бурд ва дар ҳуҷраи мадрасаи Садр маскан гузид ва фузало аз маҳзари пурфайзаш истифода карданд. Пуршӯртарин давраи зиндагонии Ҳаким Қумшаӣ даҳ соли охир аст.

Вай марде ба тамоми маънӣ ворастаа ва орифмашраб буд; бо хилват ва танҳоӣ маънус буд ва аз ҷамъ то ҳудуде гурезон. Дар ҷавонӣ сарватманд буд. Дар хушксолии 1288 тамоми

моямлаки манқул ва ғайриманқули худро сарфи ниёзмандон кард ва то поёни умр дарвешона зист.

Ҳаким Қумшаӣ дар авҷи шӯҳрати Оқоалии Ҳакими Мударриси Занузӣ ва Мирзо Абулҳасани Ҷилва ба Теҳрон омад ва бо он ки машраби аслиаш садроӣ буд, китобҳои Бӯалиро тадрис кард ва бозори Мирзои Ҷилваро, ки тахассусаш дар фалсафаи Бӯалӣ буд шикаст, ба тавре, ки маъруф шуд: "Ҷилва аз ҷилва афтод".

Ҳаким Қумшаӣ ҳаргиз ҷомаи рустоиро аз тан дур накард ва дар зийу ҷомаи уламо дарнаёмад. Марҳум Ҷаҳонгирхони Қашқоӣ, ки солҳо шогирди ӯ будааст нақл карда, ки ба шавқи истифода аз маҳзари Ҳаким Қумшаӣ ба Теҳрон рафтам. Ҳамон шаби аввал, худро ба маҳзари ӯ расондам. Вазъи либосҳои ӯ уламоӣ набуд, ба карбосфурӯшҳо монанд аст. Ҳоҷати худро бад-ӯ гуфтам. Гуфт: миъоди ману ту фардо дар харобот. Харобот маҳалле буд дар хориҷи Хандақ (-и қадими) Теҳрон ва дар онҷо қаҳвахонае буд, ки дарвеше онро идора мекард. Рӯзи баъд "*Асфор*"-и Муллосадроро бо худ бурдам. Ӯро дар хилватгоҳе дидам, ки бар ҳасире нишаста буд. "*Асфор*"-ро гушудам. Ӯ онро аз бар мехонд. Сипас ба таҳқиқи матлаб пардохт. Маро ончунон ба ваҷд овард, ки аз худ бе худ шудам, мехостам девона шавам…

Ҳаким Қумшаӣ аз завқи шеърии олие бархӯрдор буд ва ба "Саҳбо" тахаллус мекардааст. Ӯ дар соли 1306 дар кунҷи ҳуҷраи мадраса, дар танҳоӣ ва хилват ва сукуте орифона, аз дунё рафт. Қазоро он рӯз мусодиф буд бо фавти муфтии бузурги шаҳр марҳум Ҳоҷ Муллоалии Канӣ ва дар шаҳр ғавғое барпо буд. Дӯстон ва иродатмандонаш соатҳо пас аз фавти ӯ аз даргузашташ огоҳ шуданд. Он гурӯҳи маъдуд, ӯро дар сари қабри оқо ба хок супурданд. Ҳаким Қумшаӣ ончунон мурд, ки зист, ва ончунон зист, ки худ дар байте аз як ғазал суруда ва орзу карда буд:

Кохи заррин ба шаҳон хуш, ки мани девона,

Гӯшае хоҳаму вайрона ба олам кам нест.

Ҳаким Қумшаӣ шогирдони бисёре тарбият кард. Оқо Мирзо Ҳошими Ишкеварӣ, Оқо Мирзо Ҳасани Кирмоншоҳӣ, Оқо Мирзо Шаҳоби Найрезӣ, Ҷаҳонгирхони Қашқоӣ, Охунд Мулло Муҳаммади Кошии Исфаҳонӣ, Мирзо Алиакбари Яздӣ муқими Қум, Шайх Алии Нурӣ мударриси мадрасаи Марвӣ маъруф ба Шайх Алии Шавориқ, Мирзо

Муҳаммадбоқири Ҳаким ва Муҷтаҳиди Истаҳбонотӣ муқими Наҷаф ва мақтул дар машрутият ва мадфун дар Истаҳбонот, Ҳаким Сафоии Исфаҳонӣ шоири орифи маъруф, Шайх Абдуллоҳи Раштии Риёзӣ, Шайх Ҳайдархони Наҳовандии Қоҷор, Мирзо Абулфазли Калонтари Теҳронӣ, Мирзо Сайидҳусайни Разавии Қумӣ, Шайх Маҳмуди Буруҷердӣ, Мирзо Маҳмуди Қумӣ аз он ҷумлаанд.

4) *Мирзо Абулҳасани Ҷилва*, аз машоҳири асотид ва мударрисини ин табақа аст. Солҳои мутамодӣ тадрис карда ва шогирдони бисёре тарбият кардааст. Марҳуми Ҷилва дар соли 1238 мутаваллид шуда ва дар соли 1314 даргузаштааст. Марҳуми Ҷилва бештар тарафдори Бӯалӣ буда ва ба фалсафаи Муллосадро эътиқоди чандоне надоштааст. Вай аҳли Исфаҳон аст ва ба Теҳрон муҳоҷират кардааст. Ҷилва шогирди Мирзо Ҳасани Нурӣ ва Мирзо Ҳасани Чинӣ аз шогирдони Мулло Алии Нурӣ аст. Гӯянд, Ҷилва ибтидо, ки ба Теҳрон омад, ба қасди рафтан ба Сабзавор ва истифода аз маҳзари Ҳоҷӣ Сабзаворӣ (ки ним табақа бар ӯ муқаддам аст) буд, вале мунсариф шуд ва дар Теҳрон раҳли иқомат афканд. Ҷилва ва Ҳаким Қумшаӣ ва Оқоалии Мударрис се мударриси номдоре буданд, ки ҳавзаи Теҳрон дар охирҳои қарни сездаҳум ва аввалҳои қарни чаҳордаҳум бар меҳвари вуҷуди онҳо мегардид, вале ду рақиби Ҷилва бар ӯ аз назари илмӣ тақаддум доштаанд. Ғолибан шогирдони онҳо монанди афроде, ки дар зайли номи Ҳаким Қумшаӣ ёд кардем, муштараканд ва шогирдони ҳар се нафар будаанд.

Табақаи сию якум

1) *Мирзо Ҳошими Ишкеварии Раштӣ*. Аз асотиди мусаллами фалсафа ва ирфони замони худ буда ва шогирдони бисёре аз ҳавзаи пурбаракаташ бархостаанд. Ӯ яке аз арконест, ки воситаи интиқоли фалсафа ва ирфон ба табақоти баъдӣ аст. Шӯҳраташ ва имтиёзаш аз ҳамтабақаҳояш ба тахассус дар ирфони назарӣ аст. *"Мисбоҳул-унс"*-и Фанориро, ки шарҳи *"Мифтоҳул-ғайб"*-и Қунавӣ аст ҳошия карда ва чоп шудааст. Ҳаким Ишкеварӣ аз шогирдони Ҳаким Қумшаӣ ва Оқоалии Мударрис ва Мирзои Ҷилва будааст. Вай дар соли 1332 даргузаштааст.

2) *Мирзо Ҳасани Кирмоншоҳӣ*. Муосири Ишкеварӣ ва шогирди се устоди мусаллами фавқуззикр аст. Ӯ низ шогирдони бисёр тарбият кардааст ва аз аркони интиқоли фалсафа ба табақоти мутааххиртар аст. Вай дар соли 1336 даргузаштааст.

3) *Мирзо Шаҳобуддини Найрезии Шерозӣ*. Шогирди Ҳаким Қумшаӣ ва Мирзои Ҷилва буда ва дар фиқҳу усул низ маҳорат доштааст. Ӯ низ дар ирфони назарии муҳйиддинӣ яди тӯло доштааст. Ҳаким Найрезӣ мадрасаи Садри Теҳронро — ки қаблан иқоматгоҳи устодаш Ҳаким Қумшаӣ буд — маҳалли иқомат қарор дод ва ба кори таҳқиқу тадрис ва тарбияти шогирд пардохт. Рисолае дар "*Ҳақиқати вуҷуд*" нигоштааст. Марҳум Оқобузурги Теҳронӣ, ки шарҳи ҳоли вайро нигошта, мегӯяд: "*Нусхае аз ин рисола назди ман аст*."

4) *Мирзо Аббоси Шерозии Доробӣ*, маъруф ба Ҳаким Аббос. Аз асотиди мусаллами фалсафа дар устони Форс аст. Шогирди Ҳаким Сабзаворӣ буда ва қаблан аз ӯ дар зайли номи Ҳаким Сабзаворӣ ёд кардем. Алломаи Теҳронӣ менависад: "Дар маъқулу манқул бореъ буд. "Асфор"-ро ба хатти худ навишта ва аз худ бар он ҳавошӣ задааст. Дуои Кумайл ва қасидаи маъруфи Мирфиндирискиро шарҳ кардааст. Шайх Аҳмади Шерозии Наҷафӣ маъруф ба Шонасоз ва Мирзо Иброҳими Найрезӣ (ки ҳар ду аз мударрисони ҳикмат дар Шероз будаанд) аз шогирдони ӯ будаанд. Алломаи Теҳронӣ мегӯяд: "Торихи вафоташро намедонам, вале Фурсатуддавлаи Шерозӣ дар *"Осорул-аҷам"* вафоти ӯро дар соли 1300 навиштааст. Қабраш дар Ҳофизияи Шероз аст.

5) *Ҷаҳонгирхони Қашқоӣ*. Дар бузургӣ ишқи таҳсил ба сараш афтод ва дунболи илмро гирифт то он ҷо, ки устоди мусаллами фалсафа дар Исфаҳон гардид. Марҳуми Хон илова бар мақоми илмӣ ва фалсафӣ, дар матонат ва виқор ва инзиботи ахлоқӣ ва тақво намуна будааст. То охири умр дар ҳамон либоси оддии аввалии худ боқӣ буда ва фавқулъода мавриди иродати шогирдон ва ошноён будааст. Марҳуми Хон шогирди Оқо Муҳаммадризо Қумшаӣ буда ва эҳтимолан дар ибтидои таҳсили ҳавза, дарси Мирзо Абдулҷаводи Ҳакими Хуросонӣ муқими Исфаҳон ва Мулло Исмоили Исфаҳониро дарк кардааст. Ҷаҳонгирхон дар соли 1243 дар Деҳоқони Исфаҳон мутаваллид шуда ва дар соли 1328 дар Исфаҳон даргузаштааст ва қабраш дар Тахти фӯлоди Исфаҳон маъруф аст.

6) *Охунд Мулло Муҳаммади Кошӣ*. Муқими Исфаҳон, муосири Ҷаҳонгирхон ва шогирди Оқо Муҳаммадризо Қумшаӣ будааст. Дар мадрасаи Садри Исфаҳон мезиста ва то поёни

умр монанди Ҷаҳонгирхон бо таҷарруд ба сар бурд. Марде муртоз буда ва ҳолоти аҷиба аз ӯ зоҳир мешудааст. Бисёре аз акобир ва аз он ҷумла марҷаъи бузург марҳум Оқои Ҳоҷ Ҳусайни Буруҷердӣ ва марҳум Оқои Ҳоҷ Раҳими Арбоб ва гурӯҳе дигар аз шогирдони ӯянд. Охунд Кошӣ дар соли 1332 дар Исфаҳон даргузашт ва дар Тахти фӯлод наздики қабри Ҷаҳонгирхон дафн шуд.

7) *Оқо Мирзо Муҳаммадбоқири Истаҳбонотӣ*. Вай низ аз шогирдони Оқоалии Ҳаким ва Ҳаким Қумшаӣ ва Мирзои Ҷилва аст. Барои идомаи таҳсилот дар улуми манқул ба атабот рафт. Гурӯҳе дар онҷо аз он ҷумла муҳаққиқи бузурги муосир марҳум Ҳоҷ Шайх Муҳаммадҳусайни Исфаҳонии Ғаравӣ ва марҳум Ҳоҷ Шайх Ғуломризои Яздӣ аз маҳзари ӯ улуми ақлиро истифода карданд. Мушорун илайҳ дар ҷараёни машрутият дар соли 1326 дар Истаҳбонот ба қатл расид.

8) *Мирзо Алиакбари Ҳукмии Яздии Қумӣ*. Аз шогирдони се устоди фавқуззикр ва Оқо Мирзо Ҳусайни Сабзаворӣ муқими Теҳрон аст ва шояд дар назди шахси ахир риёзиёт омӯхтааст. Охирҳои умр дар Қум муқим будааст. Пас аз вуруди муҷтаҳиди бузург марҳум Ҳоҷ Шайх Абдулкарими Ҳоирӣ ба Қум ва ташкили ҳавза ва иҷтимои фузало, гурӯҳе ва аз он ҷумла марҳум Ҳоҷ Сайид Муҳаммадтақии Хонсорӣ аз мароҷеъи тақлиди асри мо ва оқои Ҳоҷ Сайидаҳмади Хонсорӣ яке аз мароҷеъи тақлиди муосир ва устоди бузурги ин банда Оятуллоҳ Хумайнӣ, аз маҳзари муаззамун лаҳ истифода кардаанд. Зоҳиран дар ҳудуди соли 1345 даргузаштааст.

9) *Ҳоҷ Шайх Абдуннабии Нурӣ*. Ҷомеъи маъқулу манқул будааст. Дар манқул шогирди марҳум Мирзои Шерозии бузург ва дар маъқул шогирди Оқоалии Мударрис ва эҳтимолан шогирди Қумшаӣ ва Ҷилва будааст. Вай дар соли 1344 даргузашта ва дар ҷивори ҳазрати Абдулазим дар мақбараи Носируддиншоҳ дафн шудааст. Марҳум Ҳоҷ Шайх Абдуннабӣ дар ҷомеъият ва ҳузури зеҳн дар масоили улуми мухталиф ва ҳам дар тақво, дар замони хеш машҳур будааст. Марҳум Шайх Муҳаммадтақии Омулӣ, фақеҳ ва ҳакими муосир, вафотёфта дар соли 1391, чаҳордаҳ сол аз маҳзари ин марди бузург баҳра гирифтааст.

10) *Ҳоҷ Мирзо Ҳусайни Алавии Сабзаворӣ*. Шогирди Ҳоҷӣ Сабзаворӣ дар маъқул ва шогирди Мирзои Шерозӣ дар манқул будааст. Ба ҳушу зако ва ҳифз маъруф аст. Гӯянд, таҷлиле, ки Мирзои Шерозӣ аз ӯ дар тасдиқи иҷтиҳодаш кардааст, аз аҳаде накардааст. Мутаассифона

умраш дар Сабзавор гузашт ва истифодаи қобили таваҷҷӯҳе аз ӯ нашуд. Муаззамун лаҳ дар соли 1268 мутаваллид ва дар соли 1352 даргузаштааст.

11) *Шайх Ғуломҳусайни Шайхулисломи Хуросонӣ*. Вай аз шогирдони Ҳоҷӣ Сабзаворӣ аст. Муддати шаш сол дарси Ҳоҷиро дар Сабзавор дарк карда ва худ солҳо дар Машҳади муқаддас машъалдори улуми ақлӣ будааст. Номаш ҳамроҳи номи марҳум Ҳоҷ Мирзо Ҳабиб дар достони "Асҳоби Сароча" (ки достони маъруфест дар Машҳад) бурда мешавад. Марҳум Ҳоҷ Шайх Аббосалии Хуросонӣ маъруф ба Ҳоҷ Фозил аз шогирдони ӯ будааст. Вай дар соли 1246 мутаваллид ва дар соли 1319 даргузаштааст.

12) *Мирзо Муҳаммади Сарвқадии Машҳадӣ*. Вай низ аз шогирдони баноми Ҳоҷӣ Сабзаворӣ ва мударрисони улуми ақлӣ дар Машҳад буда ва Ҳоҷ Фозили Хуросонӣ аз маҳзари ӯ истифода кардааст.

13) *Мулло Муҳаммади Ҳидаҷии Занҷонӣ*. Баъд аз таҳсили муқаддамот дар Занҷон ва Қазвин, ба Теҳрон омад. Риёзиётро аз маҳзари Оқо Мирзо Ҳусайни Сабзаворӣ муқими Теҳрон, ва ҳикмату фалсафаро аз маҳзари Мирзои Ҷилва истифода кард. Сафаре ба атабот барои такмили маълумот рафт. Дар онҷо низ зимни таҳсили улуми нақлӣ, ба такмили улуми ақлӣ пардохт. Пас аз муроҷиат ба Теҳрон, худ ҳавзаи дарс дошт. Толибони ҳикмат аз маҳзараш истифода мекарданд. Марҳум Ҳидаҷӣ ҳошияе дорад бар "*Шарҳи Манзума*"-и Ҳаким Сабзаворӣ, ки мавриди истифода аст ва мукаррар чоп шудааст.

Ҳаким Ҳидаҷӣ монанди бархе аз аслофи худаш, аз таҳзиб ва сафои нафс баҳраи кофӣ дошт ва ҳам монанди бархе аз он аслоф то поёни умр дар ҳоли таҷарруд боқӣ монд ва дар соли 1339 даргузашт. Ба порсӣ ва туркӣ шеъри некӯ мегуфтааст. Вай васиятномае диданӣ ва пандомӯз дорад, ки дар охири девонаш чоп шудааст.

Табақаи сию дуввум

1) *Ҳоҷ Шайх Аббосалии Фозили Хуросонӣ*. Чунонки гуфтем, дар маъқул аз шогирдони бовоситаи Ҳоҷӣ Сабзаворӣ ва дар манқул аз шогирдони марҳум Мирзои Шерозӣ аст. Вай аз намунаҳои фазл ва ҷомеъияти як қарни ахир аст.

Се нафар дар он аср зарбулмасали ҷомеъият ва диққат ва таҳқиқ будаанд: Ҳоҷ Фозили Хуросонӣ дар Машҳад, Ҳоҷ Шайх Абдуннабии Нурӣ дар Теҳрон, Ҳоҷ Мирзо Ҳусайни

Алавии Сабзаворӣ дар Сабзавор. Мегӯянд, Ҳоҷ Мирзо Ҳусайн афзали онҳо будааст. Марҳум Ҳоҷ Фозил дар замони худаш мударриси расмии китобҳои фалсафа дар ҳавзаи боравнақи Машҳад буд. Эшон дар ҳамон сол, ки ҳамтои техрониаш марҳум Ҳоҷ Шайх Абдуннабӣ даргузашт (соли 1344), дар Машҳад вафот ёфт.

2) *Мирзо Аскарии Шаҳидии Машҳадӣ*, маъруф ба Оқобузурги Ҳаким. Аз аҳфоди марҳум Мирзо Маҳдии Шаҳид аст, ки ҳамтабақаи Мулло Алии Нурӣ аст ва дар табақаи бисту ҳаштум аз онҳо ёд шуд. Байти Шаҳидӣ дар Машҳад дар ҳудуди 150 сол байти илму ҳикмату руҳоният буд. Марҳум Оқобузург фарзанди марҳум Мирзо Забеҳуллоҳ аст ва ӯ фарзанд ва шогирди марҳум Мирзо Ҳидоятуллоҳ ва ӯ фарзанд ва шогирди марҳум Мирзо Маҳдии Шаҳид аст, ки шогирди марҳум Оқо Муҳаммади Бедободӣ ва Шайх Ҳусайни Омилӣ будааст.

Аз таҳсилоти марҳум Оқобузург иттилои дурусте надорем. Зоҳиран ибтидо шогирди падараш ва марҳум Мулло Ғуломҳусайни Шайхулислом ва Мирзо Муҳаммади Сарвқадӣ дар Машҳад буда ва баъд ба Теҳрон омада ва андаке замони марҳум Ҷилваро дарк карда ва назди Ҳаким Ишкеварӣ ва Ҳаким Кирмоншоҳӣ низ дарс хондааст.

Ин банда (Мутаҳҳарӣ) дар ибтидои таҳсили муқаддамоти арабӣ дар Машҳад (солҳои 1352-1354) ӯро, ки пирамарде сафедмӯй ва соддазист буд дида будам. Вай фарзанде дошт ба номи Мирзо Маҳдӣ, ки дар ҳамаи ҳавзаи азим ва пурравнақи Машҳад дар он вақт аз назари фазлу фазилат монанди ситора медурахшид. Устоди "*Шарҳи Манзума*" ва "*Асфор*" ва "*Кифоя*" буд. Он вақт синини миёни 30 ё 40-ро тай мекард. Он ҷавон дар соли 1354 даргузашт ва Машҳадро азодор сохт. Соли баъд худи марҳум Оқобузург даргузашт ва бо даргузашти ин ду нафар парвандаи руҳоният ва ҳикмату фалсафа дар ин хонадон баста шуд.

Марҳум Оқобузург ба ворастагӣ ва сароҳати лаҳҷа ва озодагӣ ва озодманишӣ шӯҳра буд. Бо ин ки дар ниҳояти фақр мезист, аз касе чизе намегирифт. Яке аз уламои марказ, ки бо ӯ собиқаи дӯстӣ доштааст, пас аз иттилоъ аз фақри ӯ, дар Теҳрон бо мақомоти болотамос мегирад ва иблоғи муқаррарии қобили таваҷҷӯҳе барои ӯ содир мешавад. Он иблоғ ҳамроҳи номаи он олими марказӣ ба Оқобузург дода мешавад. Марҳум Оқобузург пас аз иттилоъ аз муҳтаво зимни нороҳатии фаровон аз ин амали дӯсти техрониаш, дар пушти

покет менависад: "*Мо обрӯи фақру қаноат намебарем…*" ва покетро бо муҳтавояш пасмефиристад.

3) *Оқо Сайидҳусайни Бодкӯбаӣ*. Марҳум Бодкӯбаӣ дар соли 1293 дар деҳе аз деҳоти Бодкӯба мутаваллид шуд. Пас аз таҳсили муқаддамот ба Теҳрон омад ва риёзиётро назди Мирзои Ҷилва (охирҳои умри Ҷилва) омӯхт ва фалсафаро аз маҳзари Ҳаким Ишкеварӣ ва Ҳаким Кирмоншоҳӣ истифода кард. Он гоҳ ба Наҷаф рафт ва ба такмили улуми нақлия дар ҳавзаи Охунд Мулло Муҳаммадкозими Хуросонӣ ва Шайх Ҳасани Мамқонӣ пардохт.

Мутобиқи нақли Алломаи Теҳронӣ дар "*Нуқабоул-башар*", марҳум Бодкӯбаӣ дар Наҷаф дар улуми ақлӣ ва нақлӣ шӯҳрат ёфт ва ба тадриси риштаҳои мухталифи нақлӣ ва ақлӣ пардохт. Гурӯҳи бисёре аз маҳзараш баҳраманд шуданд. Ҳазрати устоди мо оқои Ҳоҷ Сайид Муҳаммадҳусайн Табатабоӣ (соҳиби тафсири "*Алмизон*") табиияёт ва "*Илоҳиёти Шифо*"-ро аз аввал то охир назди ин марди бузург дар Наҷаф таҳсил кардаанд. Мутобиқи нақли Алломаи Теҳронӣ, ин мард ва марҳум Ҳоҷ Шайх Муҳаммадҳусайни Ғаравӣ ду чеҳрае буданд, ки дар он замон дар Наҷаф ба иттилоъ бар улуми ақлия шинохта мешуданд. Эшон дар соли 1358 дар Наҷафи Ашраф даргузашт.

4) *Оқо Мирзо Муҳаммадалии Шоҳободии Теҳронӣ*, исфаҳониюласл. Ҷомеъи маъқулу манқул буд. Дар фалсафа ва ирфон шогирди Мирзои Ҷилва ва Мирзои Ишкеварӣ будааст. Дар манқул шогирди Ҳоҷ Мирзо Ҳасани Оштиёнӣ дар Теҳрон ва Охунд Хуросонӣ ва Мирзо Муҳаммадтақии Шерозӣ дар Наҷаф ва Сомирро будааст. Дар Теҳрон ба мақоми марҷаъият ва фатво расид. Дар солҳои иқомати марҳум Ҳоҷ Шайх Абдулкарими Ҳоирӣ дар Қум, солҳо ба Қум муҳоҷират кард ва фузало аз маҳзараш камоли баҳраро мебурданд. Дар ирфон имтиёзи берақибе дошт. Устоди бузурги мо Оятуллоҳ Хумайнӣ дар он муддат аз маҳзари пурфайзи ин марди бузург истифода бурда буд ва ӯро ба хусус дар ирфон, бениҳоят месутуд. Эшон дар соли 1369 дар Теҳрон даргузашт.

5) *Сайидалии Муҷтаҳиди Козирунии Шерозӣ*, фарзанди марҳум Ҳоҷ Сайидаббоси Муҷтаҳиди Козирунӣ. Дар 1278 мутаваллид шуд. Дар 1291 аз Козирун ба Шероз омад ва то соли 1304 дар Шероз ба таҳсили маъқул ва манқул пардохт. Маъқулро назди Шайх Аҳмади Шерозии Наҷафӣ — ки шогирди Ҳаким Аббоси Доробӣ буда — ва Шайх Муҳаммадҳусайни Шонасоз

таҳсил кард. Эҳтимолан охирҳои давраи тадриси Ҳаким Аббос (вафотёфтаи 1300)-ро низ дарк кардааст.

Аз соли 1304 то 1315 дар Наҷаф иқомат кард ва аз ҳавзаи дарси Охунд Мулло Муҳаммадкозим баҳраманд шуд ва ба мақомоти олӣ ноил омад. Аз соли 1319 то поёни умр (1343) дар Шероз ба тадрис, хусусан тадриси фалсафа ва ирфон, иштиғол дошт. Бисёре аз мударрисин ва фузалои шерозӣ дар маъқул ва манқул шогирди ӯ будаанд. Марҳум Сайидалӣ намунае аз салафи солеҳ будааст. Шогирдони ӯ ва соири мардуми Шероз достонҳо аз сафои нафс ва тақвои ӯ доранд.

6) *Шайх Муҳаммади Хуросонии Гунободии Исфаҳонӣ*, маъруф ба Оқо Шайх Муҳаммади Ҳаким ва Оқо Шайх Муҳаммади Хуросонӣ. Муқими мадрасаи Садри Исфаҳон ва аз шогирдони марҳум Ҷаҳонгирхон ва Охунд Мулло Муҳаммади Кошӣ (ва бештар Ҷаҳонгирхон) будааст. Баъд аз даргузашти он ду нафар, устоди мусаллами фалсафаи Исфаҳон буд. Марҳум Ҳоҷ Мирзо Алиоқои Шерозӣ ва оқои Ҷалолуддини Ҳумоӣ, устоди Донишгоҳи Теҳрон, аз шогирдони ӯянд. Ҳаким Хуросонӣ дар ворастагӣ ва покӣ камназир буд ва монанди Ҷаҳонгирхон ва Охунд Кошӣ то охири умр муҷаррад зист. Дар соли 1355 даргузашт.

Пас аз даргузашти Ҳаким Хуросонӣ, дар Исфаҳон ду нафари дигар буданд, ки ин шамъро равшан нигаҳ медоштанд: марҳум Ҳоҷ Садри Купоӣ ва марҳум Шайх Маҳмуди Муфид. Бо даргузашти ин ду нафар, ин чароғи чаҳорсадсола тақрибан ба хомӯшӣ гароид.

7) *Ҳоҷ Шайх Муҳаммадҳусайни Ғаравии Исфаҳонӣ*. Дар тақво ва илм, манқулан ва маъқулан, ягона буд. Дар соли 1296 дар Наҷаф мутаваллид шуд. Падараш бозаргоне буд мутадайин муқими Козимайн. Марҳум Исфаҳонӣ то наздик ба 20-солагӣ дар Козимайн муқим буд ва таҳсил мекард. Баъд ба Наҷаф мушарраф шуд ва дар дарси марҳум Охунд Мулло Муҳаммадкозими Хуросонӣ ҳозир шуд ва то поёни умри устод идома дод.

Вай дар улуми маъқул, шогирди марҳум Мирзо Муҳаммадбоқири Ҳакими Истаҳбонотӣ аст. Марҳум Исфаҳонӣ таълифоти зиёде дар фиқҳу усул дорад ва андешааш ҳамакнун ҷузъи андешаҳои зиндаест, ки дар миёни уламо ва фузалои ҳавзаҳои дарси фиқҳу усул матраҳ аст. Манзумае дар фалсафа дорад бисёр олӣ ба номи "*Тӯҳфатул-Ҳаким*". Рисолае ҳам дар маъод навиштааст. Ҳазрати устоди мо оқои Таботабоӣ дар солҳои миёни 1344-1354

аз маҳзари ин бузург баҳраҳои фаровон бурда ва ифтихори шогирдиашро доранд. Эшон дар соли 1361 бо сактаи мағзӣ даргузашт.

8) *Шайх Муҳаммадтақии Омулӣ*. Дар соли 1304 дар Теҳрон мутаваллид шуд. Қисмате аз дуруси маъқул ва манқулро назди падараш Шайх Муҳаммади Омулӣ (1263-1336), ки ӯ худ аз файласуфон ба шумор мерафт, таҳсил кард. Сипас дар дарси марҳум Мирзои Кирмоншоҳӣ ширкат намуд. Баъд аз фавти Кирмоншоҳӣ, қариб 14 сол аз маҳзари Ҳоҷ Шайх Абдуннабии Муҷтаҳиди Нурӣ баҳраманд шуд. Аз он пас ба Наҷаф рафт ва ба такмили фиқҳу усул дар маҳзари оқоён Ҳоҷ Мирзо Ҳусайни Ноинӣ ва Сайидабулҳасани Исфаҳонӣ ва Оқо Зиёуддини Ироқӣ пардохт ва ба мақомоти олӣ расид. Дар ахлоқ аз маҳзари орифи комил Ҳоҷ Мирзо Алии Қозӣ файз мегирифт. Эшон дар муддати иқомат дар Теҳрон, ҳам манқул тадрис мекард ва ҳам маъқул.

Муҳимтарин асари маъқули ӯ ҳошияи ӯст бар "*Шарҳи Манзума*"-и Сабзаворӣ, ки мукаррар чоп шудааст, ва муҳимтарин асари манқулиаш шарҳест истидлолӣ бар *"Урватул-вусқо"*. Эшон дар соли 1391 қамарӣ дар Теҳрон даргузашт.

9) *Мирзо Маҳдии Оштиёнӣ*. Аз асотиди мусаллам ва мутабаҳҳири қарни мо буд. Падараш Мирзо Ҷаъфар мулаққаб ба Мирзо Кучак, аз шогирдони Оқо Муҳаммадризо Ҳакими Қумшаӣ буд ва модараш духтари Ҳоҷ Мирзо Ҳасани Оштиёнӣ муҷтаҳиди маъруфи Теҳрон буд. Марҳум Мирзо Маҳдӣ аз таломизи Мирзо Ҳасани Кирмоншоҳӣ ва Мирзо Ҳошими Ишкеварӣ будааст. Солҳо дар Теҳрон мударриси фалсафа ва ирфон буд ва унвони мударриси расмии мадрасаи "Сипаҳсолор"-и қадимро — ки бар ҳасби вақфнома, бояд моҳир дар ақлиёт ва нозир дар шаръиёт бошад — дошт. Дар ҳудуди солҳои 1365- 1366 ҳичрии қамарӣ ба истидъои фузало ва туллоби ҳавзаи илмияи Қум чанде ба Қум муҳоҷират кард ва ба тадрис ва ифоза пардохт. Ин банда (Мутаҳҳарӣ) дар он муддати қалил, тавфиқи истифода аз маҳзари ӯро ёфт.

Эшон осори арзандае аз худ боқӣ гузошт. Бар *"Шарҳи Манзума"* ҳошия дорад ва чоп шудааст. Китобе ба номи "*Асосут-тавҳид*" дар бораи қоидаи "алвоҳид" ва ваҳдати вуҷуд дорад, ки он низ чоп шудааст. Шояд осори дигаре ҳам дошта бошад, ки ман намедонам. Дар соли 1372 даргузашт.

10) *Оқо Мирзо Аҳмади Оштиёнӣ*. Эшон кучактарин фарзанди Ҳоҷ Мирзо Ҳасани Муҷтаҳиди Оштиёнӣ буд. Ҷомеъи маъқулу манқул ва зарбулмасали тақво ва порсоӣ буд. Беш аз 40 сол дар Теҳрон ба тадриси фиқҳу усул ва маъқул пардохт. Эшон низ аз шогирдони Ҳаким Кирмоншоҳӣ ва Ҳаким Ишкеварӣ буд.

Дар ҳудуди солҳои 1345-1350 барои такмили улуми нақлӣ ба Наҷаф рафт ва худ низ тадрис мекард. Дар дарси "*Асфор*"-и ӯ фузалои дараҷаи аввали он айёми Наҷаф, ки бисёре аз онҳо муҷтаҳиди мусаллам буданд ширкат мекарданд. Ҳазрати устод Аллома Таботабоӣ дар ҳамон айём аз маҳзари ин марди бузург истифода карда, қисмате аз "*Асфор*"-ро назди ӯ хондаанд. Эшон дар соли 1395 дар ҳоле, ки қариб 100 сол аз умраш мегузашт зиндагониро бидруд гуфт.

11) *Оқо Мирзо Тоҳири Туникобунӣ*. Ӯ низ аз асотиди мусаллами фалсафа дар даврони ахир буд ва мутахассис дар фалсафа буд. Иҳотаи вай ба мутун ва орои фалосифа ҳайратангез будааст. Дар соли 1280 дар Калордашти Мозандарон мутаваллид шуд. Барои такмили таҳсилот ба Теҳрон омад. Давраи Мирзои Ҷилва ва Ҳаким Қумшаӣ ва Ҳаким Мударрисро дарк кардааст. Инки аз дарси Ҳаким Кирмоншоҳӣ ва Ҳаким Найрезӣ истифода кардааст ё на, чизе намедонем. Пас аз давраи ин се ҳаким, ӯ аз асотиди мусаллам ба шумор рафтааст ва дар соли 1360 вафот ёфт.

12) *Сайидабулҳасани Рафиъии Қазвинӣ*. Аз машоҳир ва маъорифи асотид дар ним қарни ахир буд. Ҷомеъи маъқулу манқул буд. Фалсафаро назди Ҳаким Кирмоншоҳӣ ва Ҳаким Ишкеварӣ омӯхта буд. Пас аз таъсиси ҳавзаи илмияи Қум дар соли 1340 ба василаи марҳум Ҳоҷ Шайх Абдулкарими Ҳоирии Яздӣ, эшон ба Қум муҳоҷират кард ва зимни истифода аз маҳзари оқои Ҳоирӣ, худ ба тадриси "*Шарҳи Манзума*"-и Сабзаворӣ ва "*Асфор*"-и Мулло Садро пардохт. Фузало аз дарсаш истифода мекарданд. Устоди бузурги мо Оятуллоҳ Хумайнӣ "*Шарҳи Манзума*" ва қисмате аз "*Асфор*"-ро назди ӯ хондаанд. Ӯро ба хусус аз назари ҳусни тақрир ва баён месутуданд. Марҳум Рафиъӣ дар замони ҳаёти марҳум оқои Ҳоирӣ ба Қазвин муроҷиат кард. Толибони ҳикмат аҳёнан барои истифода аз маҳзараш ба Қазвин мерафтанд. Солҳои охир, Теҳронро маҳалли иқомат қарор дод ва аз мароҷеъи тақлид ба шумор мерафт. Дар соли 1394 ҷаҳонро видоъ гуфт.

13) *Шайх Муҳаммадҳусайни Фозили Тунӣ*. Аз машоҳири мударрисони фалсафа дар асри ахир буд. Рисолае дар илоҳиёт дорад. Дар муқаддимаи он рисола навишта, ки шогирди Ҷаҳонгирхон ва Ҳаким Ишкеварӣ будааст.

Пас аз таъсиси донишгоҳ, солҳо дар донишкадаи адабиёт ва донишкадаи маъқул ва манқул тадрис мекард. Фозили Тунӣ бар муқаддимаи "*Шарҳи Фусус*"-и Қайсарӣ ҳошия навиштааст. Вай дар соли 1309 мутаваллид ва дар ҳудуди соли 1380 даргузашт.

14) *Сайид Муҳаммадкозими Ассор*. Аз асотиди фалсафаи асри ахир ба шумор мерафт. Дар соли 1305 мутаваллид шуд ва дар 18-солагӣ ба Исфаҳон рафт ва се сол ба таҳсили фалсафа (зоҳиран назди Ҷаҳонгирхон ва Охунд Мулло Муҳаммади Кошӣ) пардохт. Баъд ба Теҳрон омад ва шаш сол назди асотиди Теҳрон: Ҳаким Ишкеварӣ ва Ҳаким Кирмоншоҳӣ ва Ҳаким Найрезӣ фалсафа таҳсил кард. Он гоҳ ба атабот рафт ва даҳ сол улуми манқулро назди асотиди фанн такмил кард ва дар синни 35-солагӣ (соли 1340 қамарӣ) ба Теҳрон муроҷиат кард ва ба тадриси маъқул ва манқул (ба хусус маъқул) пардохт. Пас аз таъсиси Донишгоҳи Теҳрон дар соли 1313 ҳиҷрии шамсӣ (тақрибан 1353 қамарӣ), дар донишкадаи адабиёт ва донишкадаи улуми маъқул ва манқул ба тадрис пардохт. Аз ҳудуди соли 1365, ки мадрасаи олии "Сипаҳсолор" номи донишгоҳи руҳонӣ ёфт, дар онҷо машғули тадрис шуд ва тақрибан то поёни умраш идома ёфт.

Марҳум Ассор марде хушмаҳзар ва базлагӯ буд; ҳеч чизро ба ҷидд намегирифт. Аз марҳум Ассор осоре дар ваҳдати вуҷуд ва бадо ва илмулҳадис ва тафсир боқӣ мондааст.

Баъзе аз он осор ахиран чоп шудааст. Эшон дар соли 1394 даргузашт.

Табақаи сию севвум

Ин табақа, табақаи асотиди худи мо ҳастанд. Мо ба мулоҳизоте аз тарҷумаи ин табақа дар ҳоли ҳозир худдорӣ мекунем ва ба вақти дигар ва фурсати муносибтаре мавкул мекунем.

Ин табақабандӣ (аз 1 то 33) назар ба ин ки аввалин бор аст, ки сурат мегирад ва то кунун надидаем касе дигар ба ин шакл баррасӣ карда бошад, табъан холӣ аз нақс нахоҳад буд. Аввалин нақс ин аст, ки ҷомеъ нест; афроди бисёре аз қалам афтодаанд ё худ аз қалам андохтаем, зеро ғараз зикри ҳамаи ҳукамо ё ҳакиммашрабони давраи исломӣ нест, ҷамъоварии ҳамаи онҳо кори осоне нест, қасди мо танҳо мутаваҷҷеҳи афродест, ки таъсири

равшане аз роҳи таълиф ё тадрис ва тарбияти шогирдон, дар насли баъдӣ дошта ва парчамдори ин фанн буда ва дар идома ва истимрори ин бахши азими фарҳанги исломӣ нақши мусбате доштаанд. Дар поён ёдоварии нукотеро лозим медонем:

1) Ин табақабандӣ монанди ҳар табақабандии дигар тақрибист, ҳарчанд бо меъёри устодӣ ва шогирдӣ анҷом ёфта. Мо медонем, ки афроде, ки аз як устод истифода мекунанд (агар он устод солҳо ба кори тадрис пардохта бошад) сад дар сад ҳамзамон ва ҳамдавра нестанд; маъмулан куҳансолони як табақа, навъе тақаддум нисбат ба ҷавонсолони он табақа доранд. Масалан, Ҳоҷӣ Сабзавориро ба эътибори ин ки шогирди Мулло Исмоили Исфаҳонӣ буда ва ӯ шогирди Мулло Алии Нурӣ будааст, бо Мирзои Ҷилва ва Ҳаким Қумшаӣ — ки онҳо низ шогирди шогирдони Нурӣ будаанд — ҳамтабақа шумурдем, дар сурате, ки Ҳоҷӣ аз куҳансолони ин табақа аст ва мухтасаре худи Нуриро дарк карда ва дар соли 1289 даргузашта, аммо Мирзои Ҷилва аз ҷавонсолони ин табақа аст ва то соли 1314 ҳаёт дошта ва худ дар ибтидо қасд дошта аз маҳзари Ҳаким Сабзаворӣ дар Сабзавор истифода кунад.

2) Аз нимаи аввали қарни севвум, ки торихи фалосифаи давраи исломӣ оғоз мешавад то поёни қарни чаҳорум “давраи тарҷума” аст. Дар ин давра бисёре аз файласуфон мутарҷим будаанд ва бисёре аз мутарҷимон худ файласуф будаанд. Албатта мутарҷимоне ҳам будаанд, ки файласуф набудаанд ва ё файласуфоне, ки мутарҷим набудаанд. Давраи тарҷума аз давраи таълиф ва таҳқиқ муҷаззо нест; чунон нест — он чунон ки баъзе гумон кардаанд — дар давраи исломӣ як қарн ё ду қарн мунҳасиран ба тарҷума машғул будаанд, баъдҳо афроди соҳибназар, ки онҳоро “файласуф” меномем, зуҳур карда бошанд, балки ҳамзамон бо тарҷумаҳои аввалӣ соҳибназаре камназир ба номи Яъқуб ибни Исҳоқи Кендӣ пайдо шуд, файласуфоне тарбият кард ва ин ришта идома ёфт. Кендӣ ҳамзамон аст бо мутарҷимоне аз қабили Ҳунайн ибни Исҳоқи Ибодӣ ва Абдулмасеҳи Ҳимсӣ, ва тақаддуми замонӣ дорад бар бисёре аз мутарҷимин аз қабили Собит ибни Қурра ва ғайра.

3) Мутарҷимин ғолибан яҳудӣ ё масеҳӣ ё собиӣ будаанд. Камтар мутарҷими мусалмон дар миёни онҳо меёбем, ҳамчунон ки мутарҷими зартуштӣ пайдо намешавад. Аз миёни мутарҷимон танҳо Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аст, ки эҳтимолан метавон гуфт зартуштӣ будааст, вале ӯ ҳам зартуштӣ набуда, монавӣ буда, ва ба илова баъд мусалмон шуд. Вале файласуфон ва соҳибназарони ин давра, ки аз худ андешае доштаанд, ҳама мусалмонанд.

Мо ҳатто як файласуфи соҳибназари ғайримусалмон пайдо намекунем. Ва ин худ аз назари таҳлили илмӣ ва ҷомеашиносӣ, қобили мутолеа аст.

4) Дар давраи баъд аз давраи тарҷума то қарни шашум ва ҳафтум ва то андозае дар давраи тарҷума, аксарияти қариб ба иттифоқи фалосифа зимни ин ки файласуфанд, дар фанни пизишкӣ маҳорат доранд, ҳамчунон ки Бӯалӣ ҳам файласуф аст ва ҳам пизишк. Дар бисёре аз онҳо пизишкӣ бар фалсафа ғалаба дорад.

Дар ин давра, ки давраи "файласуфи пизишкӣ" аст, мусалмон ва яҳудӣ ва масеҳӣ ширкат доранд. Аз собииён дар ин давра бар хилофи давраи тарҷума, хабаре нест. Дар ин давра мо ба пизишкони баландқадри масеҳӣ ё яҳудии зиёд бармехӯрем, ки зимнан файласуф ҳам ҳастанд, вале ба файласуфи баландқадре аз яҳудиён ё масеҳиён барнамехӯрем.

Масалан Абулфараҷ ибни ат-Тайиб, ки муосири Ибни Синост, аз назари пизишкӣ дар мартибае аст, ки Ибни Сино онро меситояд, вале дар фалсафа ба ҳеч ваҷҳ мавриди таваҷҷӯҳи Ибни Сино ва ғайри Ибни Сино набудааст. Абулбаракоти Бағдодӣ ва ҳатто Абулхайр Ҳасан ибни Савор метавонанд истисное аз ин ҷиҳат ба шумор равад, зеро Абулбаракот як файласуфи соҳибназари яҳудӣ буд ва Абулхайр як файласуфи масеҳӣ, вале чунонки медонем ин ду низ бар дини аввалӣ боқӣ намонданд ва ҳар ду охири кор мусалмон шуданд. Ин оморҳо метавонад мавзӯи мутолеаи ҷолибе аз назари ҷомеашиносӣ бошад, ки масалан дар табақаи "мутарҷимони файласуф ва файласуфони мутарҷим" файласуфони соҳибназар ҳама мусалмонанд ва ё дар табақаи "пизишкони файласуф ва файласуфони пизишк" файласуфони соҳибназар ҳама мусалмонанд ва ғайримусалмонон, бо ин ки пизишкони бисёр олиқадр доранд, файласуфи соҳибназар надоранд. Ин далели ин аст, ки руҳи исломӣ бо таъаққулоти фалсафӣ аз соири руҳҳои ҳоким бар мазоҳиби дигар созгортар аст.

Аз ҳама ҷолибтар ин ки дар тӯли торихи тақрибан дувоздаҳ қарнии фалсафа ва пизишкии давраи исломӣ, на ба як файласуфи зартуштӣ бармехӯрем ва на ба як пизишки зартуштӣ (ва зоҳиран аз ин қабил аст ҷамъи риёзидонон). Бадеҳист, ки ҳамчунон ки яҳудиён ва масеҳиён метавонистаанд дар ин наҳзати илмӣ ва фарҳангӣ ва фалсафӣ ширкат кунанд ва саҳим бошанд, зартуштиён ҳам метавонистанд ширкат кунанд, вале ширкат накардаанд, ҳамчунон ки дар даврони қабл аз ислом ҳам ширкате дар фарҳанги ҷаҳонӣ надоштаанд.

Дар даврони қабл аз ислом, эрониёне, ки машъалдори илму фарҳанг будаанд, масеҳӣ ва ё яҳудӣ ва ё собиӣ будаанд ва ҳамонҳо ҳастанд, ки донишгоҳи Ҷундишопурро идора мекардаанд.

Дар давраи исломӣ дар миёни фалосифа танҳо Баҳманёр ибни Марзбони Озарбойҷонӣ аст, ки зартуштӣ буд, вале ӯ ҳам баъд мусалмон шуд, ва дар миёни пизишкон танҳо Алӣ ибни Аббоси Аҳвозӣ маъруф ба Ибн ал-Маҷусӣ аст, ки пизишки олиқадрест, вале ӯ ҳам ҳамчунон ки Эдворд Броун дар тибби исломӣ ва дигарон гуфтаанд ва ба илова номаш гувоҳӣ медиҳад, ниёгонаш зартуштӣ будаанд, на худаш.

Ҳақиқат ин аст, ки руҳи зартуштигарӣ ба сурате буда (ё дароварда буданд), ки ба ҳеч вақҳ бо илму фалсафа созгор набуда ва агар аҳёнан афроде занҷирро пора мекардаанд ва ба улум мегароидаанд, зартуштигариро бадруд мегуфтаанд.

5) Дар миёни фалосифаи мусалмон, аксарият бо фалосифаи шиъа аст. Фалосифаи ғайришиъӣ ба истиснои файласуфони Андалус, ки аз муҳит ва андешаи ташайюъ дур будаанд, аксарияти қариб ба иттифоқ тамоюли шиъӣ доранд. Ин низ метавонад далел бар матлабе бошад, ва он ин ки ақли шиъӣ аз аввал ақли фалсафӣ будааст. Мо дар китоби *"Сайре дар Наҳҷул-балоға"* дар бораи ин матлаб баҳс кардаем; баҳси бештар фурсати бештаре мехоҳад.

6) Эрониён дар қисмати фалсафа ва ҳикмат — аз маҷмӯаи фарҳанги исломӣ, ки эронӣ ва ғайриэронӣ дар он ширкат доштаанд — нисбат ба ғайриэрониён аксарияти қотеъ доранд. Хусусан дар қуруни мутааххиртар — яъне аз давраи муғул ба баъд ва бахусус аз қарни даҳум ба баъд, ки Эрон яксара шиъа мешавад — фалсафаи исломӣ мухтасси Эрон аст. Эрониён фалсафаи исломиро оғоз накарданд — аввалин файласуфи исломӣ араб аст — вале пас аз ошноӣ бо фалсафа, беш аз ҳар қавми дигар ба он часпиданд. Ба ақидаи мо, ин ҷиҳат ду реша дорад: яке ин ки ақлияти эронӣ алорағми мумониатҳои зартуштии қабл аз ислом, ақлияти фалсафӣ аст. Дигар, нуфузи ташайюъ дар Эрон аст. Агар аз фалосифаи эронӣ, ки аз назари нажод араб ё турк ё нажоди дигаранд, сарфи назар кунем аз қабили Фахруддини Розӣ, Ҷалолуддини Даввонӣ, Садруддини Даштакӣ, Ғиёсуддини Даштакӣ ва иддаи дигар, фалосифаи ғайриэронӣ ба нисбат бисёр андаканд. Фалосифаи ғайриэронӣ ё ғайримусалмонанд ва онҳо гурӯҳе аз пизишкони файласуфи Миср ва Шом ва Андалус ва

ғайраанд, ва ё мусалмонони ғайриэронианд аз қабили Ибни Ҳайсами Мисрӣ, Абулбаракоти Бағдодӣ, Алӣ ибни Ризвони Мисрӣ, Кендӣ, Ибни Рушд, Ибни Туфайл, Ибни Ассоиғ, Қутбуддини Мисрӣ, Камолуддин Юнуси Мавсилӣ ва эҳтимолан Форобӣ, ки ададашон зиёд нест.

7) Маркази таълиму таъаллуми фалсафа қабл аз Ибни Сино Бағдод буд. Ибни Сино марказиятро ба Эрон мунтақил кард. Ибни Сино асосан ба Бағдод нарафт, балки ӯ дар фалсафа устод надоштааст. Андаке мантиқ пеши устод хондааст. Нубуғу шӯҳрати Ибни Сино, аз атрофу акноф толибони ҳикматро ба сӯи ӯ ва мутолеаи кутубаш кашонид. Китобҳояш носихи китобҳои пешиниён шуд. Асотиди китобҳои ӯ фақат дар Эрон пайдо мешуданд ва аз Эрон ба хориҷи Эрон густариш пайдо кард. Бо нуфузи андешаҳои Ибни Сино ва берақиб будани китобҳояш ва эронӣ будани шогирдонаш, ки мутахассисони он китобҳо буданд, Бағдод аз марказият афтод. Албатта дар Бағдод китобҳои фалсафа ва аз он ҷумла кутуби Ибни Сино тадрис мешуд, вале дигар он марказияти пешро надошт.

Баъдҳо ба василаи Абулаббоси Лукарӣ шогирди шогирди Ибни Сино, ҳавзаи фалсафа — ки дар замони Ибни Сино қисматҳои марказӣ ва аҳёнан ҷанубии Эрон буд — то Хуросон густариш ёфт.

8) Бо омадани муғул аз як тараф ва ҳамалоти амсоли Ғаззолӣ аз тарафи дигар, басоти фалсафа аз ғайри Эрон каму беш барчида шуд. Дар Эрон шӯълаи каме боқӣ буд, вале тадриҷан ҳамин шӯълаи заъиф рӯ ба қувват ниҳод. Ин кор бештар дар ҳавзаи Форс сурат гирифт. Бо тулӯъи давлати Сафавия ва наҳзати ҷадиди илмӣ ва фалсафӣ дар Исфаҳон, бори дигар ба василаи Мирдомод ва Садрулмутааллиҳин фалсафа равнақи ҷадиде ёфт.

9) Аз замони Сафавия ба ин тараф, ки фалсафаи исломӣ дар инҳисори шиъаёни эронӣ қарор мегирад, ҳамаи ноҳияҳои Эрон ба нисбати мутасовӣ саҳим нестанд. Баъзе минтақаҳо бо ин ки дар улуми нақлӣ саҳми қобили таваҷҷӯҳе доранд, дар улуми ақлӣ ё саҳме надоранд ва ё саҳми қобили таваҷҷӯҳе надоранд. Хузистон бо ин ки дар адаб, ҳадис ва фақоҳат саҳми муҳимме дорад, дар фалсафа ва ҳикмат ва улуми ақлӣ саҳме надорад, ҳамчунин устони Систон ва Балучистон. Абӯсулаймони Мантиқии Сиҷистониро бояд як истисно дар минтақаи Систон шумурд. Баъзе устонҳо саҳми андаке доранд мисли Озарбойҷон. Аз Озарбойҷон Баҳманёр, Шамсуддини Хусравшоҳӣ, Мулло Раҷабалӣ, Мулло

Ҳусайни Ардабилӣ ва Оқо Алии Ҳакими Занузӣ, ва дар асри мо Алломаи Таботабоиро бояд ном бурд. Вале баъзе дигар аз устонҳои Эрон саҳми бештаре доранд аз қабили Хуросон, Исфаҳон, Форс…

Он чӣ мумкин аст ғайримунтазира талаққӣ шавад ин аст, ки бештарин саҳмро дар улуми ақлӣ аз замони Мирдомод то асри мо, шимоли Эрон яъне Гилон ва Мозандарон ва Гургон дорад. Дар ҳудуди 30 нафар аз бузургон ва асотиди фалсафа аз ин ноҳиянд ва дар миёни онҳо файласуфони бисёр бузург ва номдоре вуҷуд доранд аз қабили Мирдомод, Мулло Исмоили Хоҷуӣ, Оқо Муҳаммади Бедободӣ, Мулло Алии Нурӣ, Мирфиндирискӣ, Абдурраззоқи Лоҳиҷӣ, Мулло Муҳаммадҷаъфари Лангарудӣ ва ғайруҳум. Ин гурӯҳ агарчӣ маркази таҳсил ё тадрисашон Исфаҳон будааст, вале худашон аз шимоли Эронанд.

10) Табақоти фалосифа ба тартибе, ки мо ба даст овардаем, як силсилаи муназзам ва мураттаб ва бидуни вақфа аст ва нишонаи як фарҳанги мустамир аст, ҳамчунон ки назири онро дар фиқҳ, ҳадис, ирфон ва адабиёт ва ҳатто риёзиёт метавонем ироа диҳем.

Аз назари устоду шогирдӣ, фақат дар ду нуқта аст, ки ба нуқтаи маҷҳул мерасем: яке дар Мулло Исмоили Хоҷуӣ, ки замонаш муқорин бо фитнаи афғон аст; на худаш ва на дигарон (дар ҳудуде, ки мо ба даст овардаем) аз асотиди ӯ ёд накардаанд. Ва дигар дар Фахруддини Саммокӣ устоди Мирдомод аст, ки асотиди ӯро намешиносем. Албатта дар ин ду нуқта вақфае пайдо нашудааст, тасалсули устоду шогирд ба ҳам нахӯрадааст, балки феълан бар мо маҷҳул аст, шояд баъдҳо ба даст ояд. Агар аз ин ду нуқтаи маҷҳул сарфи назар кунем, метавонем силсилаи асотиди худро то Бӯалӣ мушаххас кунем ва агар Шайх Баҳоиро ба унвони устоди фалсафа бипазирем, яке аз ду нуқтаи ибҳом бартараф мешавад. Яъне аз тариқи Шайх Баҳоӣ ва устодаш Мулло Абдуллоҳи Яздӣ — на аз тариқи Мирдомод — то Бӯалӣ силсилаи устоду шогирдӣ мушаххас аст.

Бӯалӣ шахсан вазъи дигаре дорад. Ӯ асосан устоди фалсафа надоштааст; истифодааш сирфан аз китобҳои дигарон будааст.

11) На танҳо Бӯалӣ дар фалсафа устод надоштааст ва бо мутолеаи китобҳои дигарон файласуф шудааст, Форобӣ ва Кендӣ — ки ду сарсилсилаи дигар ҳастанд — низ устоди фалсафа надоштаанд. Торих аз ҳеч файласуфе ба унвони устоди Кендӣ ёд намекунад, балки асосан дар он вақт файласуфе дар муҳити Кендӣ вуҷуд надоштааст, аз ин рӯ файласуфии

Кендӣ аз шахси худаш оғоз мешавад. Форобӣ низ фақат мантиқро назди устод (Юҳанно ибни Ҳайлон) хондааст. Қаблан гуфтем ин ки мегӯянд Форобӣ шогирди Абӯбашари Матто будааст, асоси дурусте надорад.

Бинобар ин, мусалмонон аз назари китобҳои фалсафӣ мадюн ва раҳини ғайримусалмононанд, на аз назари муаллими фалсафа.

Акнун навбати он аст, ки ба хадамоти эрониён дар риштаи ирфон ва тасаввуф бипардозем.

Ирфон ва тасаввуф

Яке аз улуме, ки дар домани фарҳанги исломӣ зода шуд ва рушд ёфт ва такомул пайдо кард, илми ирфон аст. Дар бораи ирфон аз ду ҷанба метавон баҳсу таҳқиқ кард: яке аз ҷанбаи иҷтимоӣ, ва дигар аз ҷанбаи фарҳангӣ.

Урафо бо соири табақоти фарҳанги исломӣ — аз қабили муфассирон, муҳаддисон, фуқаҳо, мутакаллимон, фалосифа, удабо, шуаро… — як тафовути муҳим доранд. Ва он ин ки: илова бар ин ки як табақаи фарҳангӣ ҳастанд ва илме ба номи ирфон ба вуҷуд оварданд ва донишмандони бузурге дар миёни онҳо зуҳур карданд ва китобҳои муҳимме таълиф карданд, як фирқаи иҷтимоӣ дар ҷаҳони ислом ба вуҷуд оварданд бо мухтассоти махсус ба худ, бар хилофи соири табақоти фарҳангӣ аз қабили фуқаҳо ва ҳукамо ва ғайруҳум, ки сирфан табақаи фарҳангӣ ҳастанд ва як фирқаи муҷаззо аз дигарон ба шумор намераванд. Аҳли ирфон ҳар гоҳ бо унвони фарҳангӣ ёд шаванд, бо унвони “урафо” ва ҳар гоҳ бо унвони иҷтимоияшон ёд шаванд, ғолибан бо унвони “мутасаввифа” ёд мешаванд.

Урафо ва мутасаввифа ҳарчанд як иншиоби мазҳабӣ дар ислом талаққӣ намешаванд ва худ низ муддаии чунин иншиобе нестанд ва дар ҳамаи фирқаҳо ва мазоҳиби исломӣ ҳузур доранд, дар айни ҳол як гурӯҳи вобаста ва ба ҳам пайвастаи иҷтимоӣ ҳастанд. Як силсила афкор ва андешаҳо ва ҳатто одоби махсус дар муоширатҳо ва либос пӯшиданҳо ва аҳёнан ороиши сару сурат ва сукунат дар хонақоҳҳо ва ғайра, ба онҳо ба унвони як фирқаи махсуси мазҳабӣ ва иҷтимоӣ ранги махсус дода ва медиҳад. Ва албатта ҳамвора урафое буда ва ҳастанд, ки ҳеч имтиёзи зоҳирӣ бо дигарон надоранд ва дар айни ҳол амиқан аҳли сайру сулуки ирфонӣ мебошанд ва дар ҳақиқат урафои ҳақиқӣ ин табақаанд, на гурӯҳҳое, ки садҳо одоб аз худ ихтироъ карда ва бидъатҳо эҷод кардаанд.

Мо дар ин баҳсҳои торихӣ ба ҷанбаи иҷтимоӣ ва фирқаӣ ва дар ҳақиқат ба ҷанбаи “тасаввуф”-и ирфон коре надорем; фақат аз ҷанбаи фарҳангӣ, он ҳам аз назари тасалсули торихии ин шохаи фарҳангӣ вориди баҳс мешавем. Яъне ба ирфон ба унвони як илм ва як шоха аз шохаҳои фарҳанги исломӣ, ки дар тӯли торихи ислом ҷараёне муттасил ва бидуни вақфа будааст назар дорем, на ба унвони як равиш ва тариқа, ки фирқае иҷтимоӣ пайрави он ҳастанд.

Ирфон ба унвони як дастгоҳи илмӣ ва фарҳангӣ дорои ду бахш аст: бахши амалӣ ва бахши назарӣ.

Бахши амалӣ иборат аст аз он қисмат, ки равобит ва вазоифи инсонро бо худаш ва бо ҷаҳон ва бо Худо баён мекунад ва тавзеҳ медиҳад. Ирфон дар ин бахш монанди ахлоқ аст, яъне як “илм”-и амалӣ аст бо тафовуте, ки баъдан ишора хоҳем кард. Ин бахш аз ирфон илми “сайру сулук” номида мешавад. Дар ин бахш аз ирфон тавзеҳ дода мешавад, ки “солик” барои ин ки ба қуллаи манеъи инсоният яъне “тавҳид” бирасад, аз куҷо бояд оғоз кунад ва чӣ манозил ва мароҳилеро бояд ба тартиб тай кунад ва дар манозили байни роҳ чӣ аҳволе барои ӯ рух медиҳад ва чӣ воридоте бар ӯ ворид мешавад. Ва албатта ҳамаи ин манозил ва мароҳил бояд бо ишроф ва муроқибати як инсони комил ва пухта, ки қаблан ин роҳро тай карда ва аз “расму роҳи манзилҳо” огоҳ аст сурат гирад. Ва агар ҳиммати инсони комиле бадрақаи роҳ набошад, хатари гумроҳӣ аст. Урафо аз инсони комиле, ки заруратан бояд ҳамроҳи “навсафарон” бошад, гоҳе ба “тоири қудс” ва гоҳе ба “Хизр” таъбир мекунанд:

Ҳиммататам бадрақаи роҳ кун эй “тоири қудс”!

Ки дароз аст раҳи мақсаду ман “навсафарам”.

* * *

Тарки ин марҳила бе ҳамраҳии “Хизр” макун,

Зулумот аст битарс аз хатари гумроҳӣ.

Албатта тавҳиде, ки аз назари ориф қуллаи манеъи инсоният ба шумор меравад ва охирин мақсади сайру сулуки ориф аст, бо тавҳиди мардуми оммӣ ва ҳатто бо тавҳиди файласуф (яъне ин ки воҷибулвуҷуд якест на бештар), аз замин то осмон мутафовит аст.

Тавҳиди ориф яъне мавҷуди ҳақиқӣ мунҳасир ба Худост, ҷуз Худо ҳар чӣ ҳаст “намуд” аст на “буд”. Тавҳиди ориф яъне “ҷуз Худо ҳеч нест” . Тавҳиди ориф яъне тайи тариқ кардан ва расидан ба марҳилаи ҷуз Худо ҳеч надидан.

Ин марҳила аз тавҳидро мухолифони урафо таъйид намекунанд ва аҳёнан онро куфру илҳод мехонанд, вале урафо мӯътақиданд, ки тавҳиди ҳақиқӣ ҳамин аст ва соири маротиби тавҳид холӣ аз ширк нест. Аз назари урафо, расидан ба ин марҳила кори ақлу андеша нест, кори дил ва муҷоҳида ва сайру сулук ва тасфия ва таҳзиби нафс аст.

Ба ҳар ҳол, ин бахш аз ирфон, бахши амалии ирфон аст. Аз ин назар, монанди илми ахлоқ аст, ки дар бораи “чӣ бояд”-ҳо баҳс мекунад, бо ин тафовут, ки:

Аввалан, ирфон дар бораи равобити инсон бо худаш ва бо ҷаҳон ва бо Худо баҳс мекунад ва умдаи назараш дар бораи равобити инсон бо Худост, ва ҳол он ки ҳамаи системҳои ахлоқӣ зарурате намебинанд, ки дар бораи равобити инсон бо Худо баҳс кунанд, фақат системҳои ахлоқии мазҳабӣ ин ҷиҳатро мавриди иноят ва таваҷҷӯҳ қарор медиҳанд.

Сониян, сайру сулуки ирфонӣ — ҳамчунон ки аз мафҳуми ин ду калима пайдост — пӯё ва мутаҳаррик аст, бар хилофи ахлоқ, ки сокин аст. Яъне дар ирфон сухан аз нуқтаи оғоз аст ва аз мақсаде ва аз манозил ва мароҳиле, ки ба тартиб солик бояд тай кунад, то ба сарманзили ниҳоӣ бирасад. Аз назари ориф, воқеан ва бидуни ҳеч шоибаи маҷоз, барои инсон “сирот” вуҷуд дорад ва он сиротро бояд бипаймояд ва марҳила ба марҳила ва манзил ба манзил тай намояд, ва расидан ба манзили баъдӣ бидуни гузар кардан аз манзили қаблӣ номумкин аст.

Аз ин рӯ, аз назари ориф, руҳи башар монанди як гиёҳ ва ё як кӯдак аст ва камолаш дар нумув ва рушдест, ки тибқи низоми махсус бояд сурат гирад, вале дар ахлоқ сирфан сухан аз як силсила фазоил аст аз қабили ростӣ, дурустӣ, адолат, иффат, эҳсон, инсоф, исор ва ғайра, ки руҳ бояд ба онҳо музайян ва ороста гардад. Аз назари ахлоқ, руҳи инсон монанди хонаест, ки бояд бо як силсила зеварҳо ва зинатҳо ва наққошиҳо музайян гардад бидуни ин ки тартибе дар кор бошад, ки аз куҷо оғоз шавад ва ба куҷо интиҳо ёбад, масалан аз сақф шурӯъ шавад ё аз деворҳо ва аз кадом девор, аз болои девор ё аз поин. Дар ирфон баръакс, аносури ахлоқӣ матраҳ мешавад, аммо ба истилоҳ ба сурати диалектикӣ, яъне мутаҳаррик ва пӯё.

Солисан, аносури руҳии ахлоқӣ маҳдуд аст ба маъонӣ ва мафоҳиме, ки ғолибан онҳоро мешиносанд, аммо аносури руҳии ирфонӣ басе васеътар ва густардатар аст. Дар сайру сулуки ирфонӣ аз як силсила аҳволу воридоти қалбӣ сухан меравад, ки мунҳасиран ба як "солики роҳ" дар хилоли муҷоҳидот ва тайи тариқҳо даст медиҳад ва мардуми дигар аз ин аҳвол ва воридот бехабаранд.

Бахши дигари ирфон (яъне ирфони назарӣ) марбут аст ба тафсири ҳастӣ, яъне тафсири Худо ва ҷаҳон ва инсон. Ирфон дар ин бахш монанди фалсафа аст ва мехоҳад ҳастиро тафсир намояд, бар хилофи бахши аввал, ки монанди ахлоқ аст ва мехоҳад инсонро тағйир диҳад. Ҳамчунон ки дар бахши аввал бо ахлоқ тафовутҳое дошт, дар ин бахш бо фалсафа тафовутҳое дорад.

Ирфон ва ислом

Ирфон, ҳам дар бахши амалӣ ва ҳам дар бахши назарӣ, бо дини муқаддаси ислом тамос ва истикок пайдо мекунад, зеро ислом монанди ҳар дину мазҳаби дигар (ва бештар аз ҳар дину мазҳаб дигар) равобити инсонро бо Худо ва ҷаҳон ва худаш баён карда ва ҳам ба тафсиру тавзеҳи ҳастӣ пардохтааст. Қаҳран инҷо ин масъала тарҳ мешавад, ки миёни он чӣ ирфон арза медорад бо он чӣ ислом баён кардааст чӣ нисбате барқарор аст?

Албатта урафои исломӣ ҳаргиз муддаӣ нестанд, ки сухане моварои ислом доранд ва аз чунин нисбате сахт табаррӣ (безорӣ) мечӯянд. Баръакс, онҳо муддаӣ ҳастанд, ки ҳақоиқи исломиро беҳтар аз дигарон кашф кардаанд ва мусалмони воқеӣ онҳо мебошанд. Урафо чӣ дар бахши амалӣ ва чӣ дар бахши назарӣ ҳамвора ба китобу суннат ва сираи набавӣ ва имомон ва акобири саҳоба истинод мекунанд.

Вале дигарон дар бораи онҳо назарияҳои дигаре доранд ва мо ба тартиб он назарияҳоро зикр мекунем:

а) Назарияи гурӯҳе аз муҳаддисон ва фуқаҳои исломӣ. Ба ақидаи ин гурӯҳ, урафо амалан пойбанд ба ислом нестанд ва истиноди онҳо ба китобу суннат сирфан авомфиребӣ ва барои ҷалби қалбҳои мусалмонон аст ва ирфон асосан рабте ба ислом надорад.

б) Назарияи гурӯҳе аз мутаҷаддидони асри ҳозир. Ин гурӯҳ — ки бо ислом миёнаи хубе надоранд ва аз ҳар чизе, ки бӯи "ибоҳият" бидиҳад ва битавон онро ба унвони наҳзат ва

қиёме дар гузашта алайҳи ислом ва муқаррароти исломӣ қаламдод кард ба шиддат истиқбол мекунанд — монанди гурӯҳи аввал мӯътақиданд, ки урафо амалан имон ва эътиқоде ба ислом надоранд, балки ирфону тасаввуф наҳзате буда аз ноҳияи милали ғайриараб бар зидди ислом ва араб, дар зери сарпӯшӣ аз маънавият.

Ин гурӯҳ бо гурӯҳи аввал дар зиддият ва мухолифати ирфон бо ислом ваҳдати назар доранд ва ихтилофи назарашон дар ин аст, ки гурӯҳи аввал исломро тақдис мекунанд ва бо такя ба эҳсосоти исломии тӯдаи мусалмон, урафоро таҳқир менамоянд ва мехоҳанд ба ин васила ирфонро аз саҳнаи маорифи исломӣ хориҷ намоянд, вале гурӯҳи дуввум бо такя ба шахсияти урафо — ки баъзе аз онҳо ҷаҳонӣ аст — мехоҳанд василае барои таблиғ алайҳи ислом биёбанд ва исломро таҳқир кунанд, ки андешаҳои зарифу баланди ирфонӣ дар фарҳанги исломӣ, бо ислом бегона аст ва ин аносур аз хориҷ вориди ин фарҳанг гаштааст, ислом ва андешаҳои исломӣ дар сатҳи поинтар аз ин гуна андешаҳост.

Ин гурӯҳ муддаӣ ҳастанд, ки истиноди урафо ба китобу суннат сирфан тақия ва аз тарси авом будааст, мехостаанд ба ин васила ҷони худро ҳифз кунанд.

в) Назарияи гурӯҳи бетарафҳо. Аз назари ин гурӯҳ, дар ирфон ва тасаввуф хусусан дар ирфони амалӣ ва билахасс он ҷо, ки ҷанбаи фирқаӣ пайдо мекунад, бидъатҳо ва инҳирофоти зиёде метавон ёфт, ки бо китоби Худо ва бо суннати мӯътабар вифқ намедиҳад, вале урафо монанди соири табақоти фарҳанги исломӣ ва монанди ғолиби фирқаҳои исломӣ нисбат ба ислом ниҳояти хулуси ниятро доштаанд ва ҳаргиз намехостаанд бар зидди ислом матлабе гуфта ва оварда бошанд. Мумкин аст иштибоҳоте дошта бошанд (ҳамчунон ки соири табақоти фарҳангӣ масалан мутакаллимин, фалосифа, муфассирон, фуқаҳо иштибоҳоте доштаанд), вале ҳаргиз суинияте нисбат ба ислом дар кор набудааст.

Масъалаи зиддияти урафо бо ислом аз тарафи афроде тарҳ шуда, ки ғарази хосс доштаанд, ё бо ирфон ва ё бо ислом. Агар касе бетарафона ва беғаразона китобҳои урафоро мутолеа кунад (ба шарти он ки бо забон ва истилоҳоти онҳо ошно бошад), иштибоҳоти зиёде мумкин аст биёбад, вале тардид ҳам нахоҳад кард, ки онҳо нисбат ба ислом самимият ва хулуси комил доштаанд.

Мо назари севвумро тарҷеҳ медиҳем ва мӯътақидем, урафо суиният надоштаанд. Дар айни ҳол лозим аст афроди мутахассис ва ворид дар ирфон ва дар маорифи амиқи исломӣ, бетарафона дар бораи масоили ирфонӣ ва интибоқи онҳо бо ислом баҳсу таҳқиқ намоянд. Масъалае, ки инҷо лозим аст матраҳ шавад ин аст, ки оё ирфони исломӣ аз қабили фиқҳу усулу тафсиру ҳадис аст? Яъне аз улумест, ки мусалмонон мояҳо ва моддаҳои аслиро аз ислом гирифтаанд ва барои онҳо қоидаҳо ва зобитаҳо ва усул кашф кардаанд, ва ё аз қабили тиббу риёзиёт аст, ки аз хориҷи ҷаҳони ислом ба ҷаҳони ислом роҳ ёфтааст ва дар домани тамаддун ва фарҳанги исломӣ ба василаи мусалмонон рушду такомул ёфтааст, ва ё шиққи севвуме дар кор аст?

Урафо худ шиққи аввалро ихтиёр мекунанд ва ба ҳеч ваҷҳ ҳозир нестанд шиққи дигареро интихоб кунанд. Баъзе аз мусташриқин исрор дошта ва доранд, ки ирфон ва андешаҳои латиф ва дақиқи ирфонӣ ҳама аз хориҷи ҷаҳони ислом ба ҷаҳони ислом роҳ ёфтааст.

Гоҳе барои он решаи масеҳӣ қоил мешаванд ва мегӯянд, афкори орифона натиҷаи иртиботи мусалмонон бо роҳибони масеҳист, ва гоҳе онро аксуламали эрониҳо алайҳи ислом ва араб мехонанд, ва гоҳе онро дарбаст маҳсули фалсафаи навафлотунӣ — ки худ маҳсули таркиби афкори Арасту ва Афлотун ва Фисоғурис ва ганусиҳои Искандария ва оро ва ақоиди яҳуд ва масеҳиён будааст — муаррифӣ мекунанд, ва гоҳе онро ношӣ аз афкори будоӣ медонанд, ҳамчунон ки мухолифони урафо дар ҷаҳони ислом низ кӯшиш дошта ва доранд, ки ирфон ва тасаввуфро яксара бо ислом бегона бихонанд ва барои он решаи ғайриисломӣ қоил гарданд.

Назарияи севвум ин аст, ки ирфон мояҳои аввалии худро (чӣ дар мавриди ирфони амалӣ ва чӣ дар мавриди ирфони назарӣ) аз худи ислом гирифтааст ва барои ин мояҳо қоидаҳо ва зобитаҳо ва усул баён кардааст ва таҳти таъсири ҷараёноти хориҷ низ (хусусан андешаҳои каломӣ ва фалсафӣ ва билахасс андешаҳои фалсафии ишроқӣ) қарор гирифтааст.

Аммо ин ки урафо чӣ андоза тавонистаанд қоидаҳо ва зобитаҳои саҳеҳ барои мояҳои аввалии исломӣ баён кунанд; оё муваффақияташон дар ин ҷиҳат ба андозаи фуқаҳо будааст ё на, ва чӣ андоза муқайяд будаанд, ки аз усули воқеии ислом мунҳариф нашаванд, ва ҳамчунин оё ҷараёноти хориҷӣ чӣ андоза рӯи ирфони исломӣ таъсир доштааст; оё

ирфони исломӣ онҳоро дар худ ҷазб карда ва ранги худро ба онҳо дода ва дар масири худ аз онҳо истифода кардааст ва ё баръакс мавҷи он ҷараёнот ирфони исломиро дар ҷиҳати масири худ андохтааст?… Инҳо ҳама матолибест, ки ҷудогона бояд мавриди баҳсу диққат қарор гирад. Он чӣ мусаллам аст ин аст, ки ирфони исломӣ сармояи аслии худро аз ислом гирифтаасту бас.

Тарафдорони назарияи аввал — ва каму беш тарафдорони назарияи дуввум — муддаӣ ҳастанд, ки ислом дине содда ва бетакаллуф ва умумифаҳм ва холӣ аз ҳар гуна рамзу матолиби ғомиз ва ғайримафҳум ва ё саъбулфаҳм аст. Асоси эътиқодии ислом иборат аст аз тавҳид. Тавҳиди ислом яъне ҳамчунон ки масалан хона созандае дорад мутағойир ва мутамойиз аз худ, ҷаҳон низ созандае дорад ҷудо ва мунфасил аз худ. Асоси робитаи инсон бо матоъҳои ҷаҳон аз назари ислом зуҳд аст. Зуҳд яъне эъроз аз матоъҳои фонии дунё барои вусул ба наъими ҷовидони охират. Аз инҳо, ки бигузарем, ба як силсила муқаррароти соддаи амалӣ мерасем, ки фиқҳ мутакаффили онҳост. Аз назари ин гурӯҳ, он чӣ урафо ба номи “тавҳид” гуфтаанд, матлабест варои тавҳиди исломӣ, зеро тавҳиди ирфонӣ иборат аст аз ваҳдати вуҷуд ва ин ки ҷуз Худо ва шуъуну асмоу сифот ва таҷаллиёти ӯ чизе вуҷуд надорад. Сайру сулуки ирфонӣ низ варои зуҳди исломист, зеро дар сайру сулук як силсила маъонӣ ва мафоҳим тарҳ мешавад аз қабили ишқу муҳаббати Худо, фанои дар Худо, таҷаллии Худо бар қалби ориф, ки дар зуҳди исломӣ матраҳ нест. Тариқати ирфонӣ низ амрест варои шариати исломӣ, зеро дар одоби тариқат масоиле тарҳ мешавад, ки фиқҳ аз онҳо бехабар аст.

Аз назари ин гурӯҳ, некони саҳобаи Расули Акрам (с), ки урафо ва мутасаввифа худро ба онҳо мунтасаб мекунанд ва онҳоро пешрави худ медонанд, зоҳидоне беш набудаанд; руҳи онҳо аз сайру сулуки ирфонӣ ва аз тавҳиди ирфонӣ бехабар будааст. Онҳо мардуме будаанд эърозкунанда аз матоъи дунё ва мутаваҷҷеҳ ба олами охират; асли ҳоким ба руҳи онҳо хавф буда ва рачо, хавф аз азоби дӯзах ва рачо ба савобҳои биҳиштӣ, ҳамину бас.

Ҳақиқат ин аст, ки назарияи ин гурӯҳ ба ҳеч вачҳ қобили таъйид нест. Мояҳои аввалии исломӣ басе ғанитар аст аз он чӣ ин гурӯҳ — ба ҷаҳл ва ё ба амд — фарз кардаанд. На тавҳиди исломӣ ба он соддагӣ ва бемуҳтавоист, ки инҳо фарз кардаанд, ва на маънавияти

инсон дар ислом мунҳасир ба зуҳди хушк аст, ва на некони саҳобаи Расули Акрам (с) ончунон будаанд, ки тавсиф шуд, ва на одоби исломӣ маҳдуд аст ба аъмоли ҷавориҳу аъзо. Мо дар инҷо иҷмолан дар ҳадде, ки равшан шавад, ки таълимоти аслии ислом метавонистааст илҳомбахши як силсила маорифи амиқ дар мавриди ирфони назарӣ ва амалӣ буда бошад, матолибе меоварем.

* * *

Қуръони Карим дар боби тавҳид ҳаргиз Худо ва хилқатро ба созандаи хона ва хона қиёс намекунад. Қуръон Худоро холиқ ва офаринандаи ҷаҳон муаррифӣ мекунад ва дар ҳамон ҳол мегӯяд, зоти муқаддаси ӯ дар ҳамаҷо ва бо ҳама чиз ҳаст:

فَأَيْنَمَا تُوَلُّواْ فَثَمَّ وَجْهُ اللّهِ

"*Ба ҳар тараф рӯ кунед, чеҳраи Худо онҷост.*" (*Сураи Бақара, ояти 115*)

وَنَحْنُ أَقْرَبُ إِلَيْهِ مِنْ حَبْلِ الْوَرِيدِ

"*Ва мо аз раги гардан ба ӯ (инсон) наздиктарем.*" (*Сураи Қоф, ояти 16*)

هُوَ الْأَوَّلُ وَالْآخِرُ وَالظَّاهِرُ وَالْبَاطِنُ

"*Аввали ҳамаи ашё ӯст ва охири ҳама ӯст (аз ӯ огоз ёфтаанд ва ба ӯ поён меёбанд), зоҳиру ҳувайдо ӯст ва дар ҳамон ҳол ботину нопайдо ҳам ӯст…*" (*Сураи Ҳадид, ояти 3*) ва оёти дигар аз ин қабил.

Бадеҳист, ки ин гуна оёт афкор ва андешаҳоро ба сӯи тавҳиде бартар ва олитар аз тавҳиди авом мехондааст. Дар ҳадиси Кофӣ омадааст, ки Худованд медонист, ки дар охируззамон мардумоне мутаъаммиқ дар тавҳид зуҳур мекунанд, аз ин рӯ оятҳои аввали сураи Ҳадид ва сураи "Қул ҳуваллоҳу аҳад.."-ро нозил фармуд.

Дар мавриди сайру сулук ва тайи мароҳили қурби Ҳақ то охирин манозил, кофист, ки бархе оятҳои марбут ба "*лиқоуллоҳ*" ва оятҳои марбут ба "ризвонуллоҳ" ва оятҳои марбут ба ваҳй ва илҳом ва муколимаи малоика бо ғайри пайғамбарон — масалан ҳазрати Марям — ва махсусан оятҳои меъроҷи Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)-ро мавриди назар қарор диҳем. Дар Қуръон сухан аз нафси аммора, нафси лаввома, нафси мутмаинна омадааст, сухан аз илми ифозӣ ва ладуннӣ ва ҳидоятҳои маҳсули муҷоҳида омадааст:

وَالَّذِينَ جَاهَدُوا فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا

“Ва касоне, ки дар роҳи мо кӯшидаанд, ба яқин роҳҳои худро бар онон менумоем…” (Сураи Анкабут, ояти 69) Дар Қуръон аз тазкияи нафс ба унвони ягона мӯҷиби фалоҳу растгорӣ ёд шудааст:

قَدْ أَفْلَحَ مَن زَكَّاهَا. وَقَدْ خَابَ مَن دَسَّاهَا

“Ҳар кас онро (нафсро) пок гардонид, қатъан растгор шуд. Ва ҳар ки онро олудааш сохт, қатъан дарбохт.” (Сураи Шамс, оятҳои 9-10)

Дар Қуръон мукаррар аз ҳубби илоҳии мофавқи ҳамаи муҳаббатҳо ва улқаҳои инсонӣ ёд шудааст. Қуръон аз тасбеҳу таҳмиди тамоми зарроти ҷаҳон сухан гуфтааст ва ба таъбире аз он ёд карда, ки мафҳумаш ин аст, ки агар шумо инсонҳо “тафаққуҳ”-и худро комил кунед, он тасбеҳҳо ва таҳмидҳоро дарк мекунед. Ба илова, Қуръон дар мавриди сиришти инсон масъалаи нафхаи илоҳиро тарҳ кардааст.

Инҳо ва ғайри инҳо кофӣ буда, ки илҳомбахши маънавияти азим ва густарда дар мавриди Худо ва ҷаҳон ва инсон ва бахусус дар мавриди равобити инсон ва Худо бишавад.

Ҳамчунон ки ишора шуд, сухан дар ин нест, ки урафои мусалмон аз ин сармояҳо чӣ гуна баҳрабардорӣ кардаанд, дуруст ё нодуруст; (балки) сухан дар бораи изҳори назарҳои муғризонаи гурӯҳе ғарбӣ ва ғарбзада аст, ки мехоҳанд исломро аз назари маънавият бемуҳтаво муаррифӣ намоянд. Сухан дар бораи сармояи азиме дар матни ислом аст, ки метавониста илҳомбахши хубе дар ҷаҳони ислом бошад. Фаразан урафои мусталаҳ натавониста бошанд истифодаи саҳеҳ карда бошанд, афроди дигаре, ки ба ин ном машҳур нестанд истифода кардаанд.

Ба илова, ривоятҳо ва хутбаҳо ва дуоҳо ва эҳтиҷоҷҳои исломӣ ва тароҷуми аҳволи акобири тарбиятшудагони ислом нишон медиҳад, ки он чӣ дар садри ислом будааст, сирфан зуҳди хушк ва ибодат ба умеди ачру подош набудааст. Дар ривоятҳо ва хутбаҳо ва дуоҳо ва эҳтиҷоҷҳо маъонии бисёр баланде матраҳ аст. Тароҷуми аҳволи шахсиятҳои садри аввали ислом аз як силсила ҳаяҷонот ва воридоти руҳӣ ва равшанбиниҳои қалбӣ ва сӯзҳову гудозҳо ва ишқҳои маънавӣ ҳикоят мекунад. Мо акнун яке аз онҳоро зикр мекунем:

Дар Кофӣ менависад: Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) рӯзе пас аз адои намози субҳ чашмаш афтод ба ҷавоне рангпарида, ки чашмонаш дар косаи сараш фурӯ рафта ва

танаш наҳиф шуда буд, дар ҳоле, ки аз худ бе худ буд ва таъодули худро наметавонист ҳифз кунад, Расули Акрам пурсид:

كيف اصبحت

"*Ҳолат чӣ гуна аст?*"

Гуфт:

اصبحت موقنا

"*Дар ҳоли яқин ба сар мебарам*."

Фармуд:

Аломати яқинат чист?

Арз кард:

Яқини ман аст, ки маро дар андӯҳ фурӯ бурда ва шабҳои маро бедор (дар шабзиндадорӣ) ва рӯзҳои маро ташна (дар ҳоли рӯза) қарор додааст ва маро аз дунё ва мофиҳо ҷудо сохта, то он ҷо, ки гӯӣ Арши Парвардигорро мебинам, ки барои расидан ба ҳисоби мардум насб шудааст ва мардум ҳама маҳшур шудаанд ва ман дар миёни онҳо ҳастам; гӯӣ ҳамакнун аҳли биҳиштро дар биҳишт мутанаъим, ва аҳли дӯзахро дар дӯзах муъаззаб мебинам; гӯӣ ҳамакнун бо ин гӯшҳо овози ҳаракати оташи ҷаҳаннамро мешунавам.

Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ба асҳоби худ рӯ кард ва фармуд:

Ин шахс бандае аст, ки Худованд қалби ӯро ба нури имон мунаввар гардонидааст.

Он гоҳ ба ҷавон фармуд:

Ҳолати худро ҳифз кун, ки аз ту салб нашавад.

Ҷавон гуфт:

Дуо кун Худованд маро шаҳодат рӯзӣ фармояд.

Тӯле накашид, ки ғазвае пеш омад ва ҷавон ширкат кард ва шаҳид шуд.

Зиндагӣ ва ҳолот ва калимот ва муноҷотҳои Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) саршор аз шӯру ҳаяҷони маънавӣ ва илоҳӣ ва мамлув аз ишороти ирфонӣ аст. Дуоҳои Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) фаровон мавриди истишҳод ва истиноди урафо қарор гирифтааст.

Амирулмӯъминин Алӣ (Алайҳис-салом), ки аксарияти қариб ба иттифоқи аҳли ирфону тасаввуф силсилаҳои худро ба эшон мерасонанд, калимоташ илҳомбахши маънавият ва маърифат аст. Мутаассифона феълан маҷоле ҳарчанд барои зикри намуна нест.

Дуоҳои исломӣ, махсусан дуоҳои шиъӣ, ганҷинае аз маориф аст аз қабили дуои Кумайл, дуои Абӯҳамза, муноҷоти Шаъбония, дуоҳои Саҳифаи Саҷҷодия. Олитарин андешаҳои маънавӣ дар ин дуоҳост.

Оё бо вуҷуди ин ҳама манобеъ, ҷои ин ҳаст, ки мо дар ҷустуҷӯи як манбаи хориҷӣ бошем? Назири ин ҷараёнро мо дар мавзӯи ҳаракати иҷтимоии мунтақидона ва мӯътаризонаи Абӯзари Ғифорӣ нисбат ба ҷаббори замони худаш мебинем. Абӯзар нисбат ба табъизҳо ва ҳайфу майлҳо ва зулму ҷаврҳо ва бедодгариҳои замон сахт мӯътариз буд, то он ҷо, ки табъидҳо кашид ва ранҷҳои ҷонкоҳ мутаҳаммил шуд ва охируламр дар табъидгоҳ ва дар танҳоӣ ва ғурбат аз дунё рафт.

Гурӯҳе аз мусташриқин ин пурсишро тарҳ кардаанд, ки муҳаррики Абӯзар кӣ будааст? Ин гурӯҳ дар пайи ҷустуҷӯи омиле аз хориҷи дунёи ислом барои таҳрики Абӯзар ҳастанд. Ҷорҷ Ҷурдоқи масеҳӣ дар китоби *Ал-Имому Алӣ; савтул-адолатил-инсония"* мегӯяд:

"Ман тааҷҷуб мекунам аз ин ашхос; дуруст мисли ин аст, ки шахсеро дар канори рӯдхона ё лаби дарё бибинем ва он гоҳ биандешем, ки ин шахс зарфи хешро аз кадом бирка пур кардааст? Дар ҷустуҷӯи биркае барои тавҷеҳи зарфи оби ӯ бошем ва рӯдхона ё дарёро надида бигирем. Абӯзар ҷуз ислом аз кадом манбаи дигаре метавонистааст илҳом бигирад? Кадом манбаъ ба қадри ислом метавонад илҳомбахши Абӯзарҳо бошад?"

Айни он ҷараёнро дар мавзӯи ирфон мебинем. Мусташриқин дар ҷустуҷӯи манбае ғайр аз ислом ҳастанд, ки илҳомбахши маънавиятҳои ирфонӣ бошад, ва ин дарёи азимро нодида мегиранд. Оё метавонем ҳамаи ин манобеъро аъамм аз Қуръону ҳадису хутбаву эҳтиҷоҷу дуову сира инкор кунем барои он ки фарзияи баъзе аз мусташриқин ва дунболаравҳои шарқии онҳо дуруст дарояд?!

Хушбахтона ахиран афроде монанди Никелсуни англисӣ ва Мосиниюни фаронсавӣ, ки мутолеоти васеъе дар ирфони исломӣ доранд ва мавриди қабули ҳама ҳастанд, сареҳан эътироф доранд, ки манбаи аслии ирфони исломӣ Қуръон ва суннат аст. Бо нақли ҷумлаҳое аз Никелсун ин баҳсро поён медиҳем. Вай мегӯяд:

“Дар Қуръон мебинем, ки мегӯяд: “Худо нури осмонҳо ва замин аст”, “Ӯ аввалин ва охирин мебошад”, “Ҳеҷ худое ғайри Ӯ нест”, “Ҳама чиз ба ғайри Ӯ нобуд мешавад”, “Ман дар инсон аз руҳи худ дамидам”, “Мо инсонро офаридем ва медонем руҳаш бо ӯ чӣ мегӯяд, зеро мо аз раги гардан ба ӯ наздиктрем”, “Ба ҳар куҷо рӯ кунед, ҳамонҷо Худост”, “Ба ҳар кас Худо равшанӣ надиҳад, ӯ ба куллӣ нур нахоҳад дошт”. Муҳаққақан реша ва тухми тасаввуф дар ин оятҳост ва барои сӯфиёни аввалӣ Қуръон на фақат калимоти Худо буд, балки василаи тақарруб ба Ӯ низ маҳсуб мешуд. Ба василаи ибодат ва таъаммуқ дар қисматҳои мухталифи Қуръон, махсусан оятҳои мармузе, ки марбут ба уруҷ (меъроҷ) аст, мутасаввифа саъй мекунанд ҳолати сӯфиёнаи Пайғамбарро дар худ эҷод намоянд.” (Китоби мироси Ислом, Маҷмӯае аз мақолоти мусташриқин дар бораи Ислом, с.84)

Ва ҳам ӯ мегӯяд:

“Усули ваҳдат дар тасаввуф, беш аз ҳама ҷо дар Қуръон зикр шуда ва ҳамчунин Пайғамбар мегӯяд, ки Худованд мефармояд: “Чун бандаи ман дар асари ибодат ва аъмоли неки дигар ба ман наздик шавад, ман ӯро дӯст хоҳам дошт, биннатиҷа ман гӯши ӯ ҳастам ба тавре, ки ӯ ба тавассути ман мешунавад; ва чашми ӯ ҳастам ба тавре, ки ӯ ба тавассути ман мебинад, ва забону дасти ӯ ҳастам ба тавре, ки ӯ ба тавассути ман мегӯяд ва мегирад.” (Ҳамон манбаъ)

Он чӣ мусаллам аст ин аст, ки дар садри ислом (лоақал дар қарни аввали ҳичрӣ), гурӯҳе ба номи “ориф” ё “сӯфӣ” дар миёни мусалмонон вуҷуд надоштааст. Номи сӯфӣ дар қарни дуввуми ҳичрӣ пайдо шудааст. Мегӯянд, аввалин касе, ки ба ин ном хонда шудааст Абӯҳошими Сӯфии Кӯфӣ аст, ки дар қарни дуввум мезистааст ва ҳам ӯст, ки барои аввалин бор дар Рамлаи Фаластин савмаъа (хонақоҳ) барои ибодати гурӯҳе аз уббод ва зуҳҳоди мусалмон сохт. Торихи дақиқи вафоти Абӯҳошим маълум нест. Абӯҳошим устоди Суфёни Саврӣ (вафотёфта дар 161 ҳ.к) будааст.

Абулқосим Қушайрӣ, ки худ аз машоҳири урафо ва сӯфия аст мегӯяд, ин ном қабл аз соли 200 ҳичрӣ пайдо шудааст. Никелсун низ мегӯяд, ин ном дар охирҳои қарни дуввуми ҳичрӣ пайдо шудааст. Аз ривояте, ки дар китоби “*Ал-маъиша*”-и Кофӣ, ҷилди панҷум омадааст, зоҳир мешавад, ки дар замони Имом Содиқ (Алайҳис-салом) гурӯҳе (Суфёни Саврӣ ва иддае дигар) дар ҳамон замон яъне дар нимаи аввали қарни дуввуми ҳичрӣ ба ин ном хонда мешуданд. Агар Абӯҳошими Кӯфӣ аввалин касе бошад, ки ба ин ном хонда шуда бошад ва

ӯ устоди Суфёни Саврӣ (вафотёфта дар соли 161 ҳичрӣ) ҳам будааст, пас дар нимаи аввали қарни дуввуми ҳичрӣ ин ном маъруф шуда будааст, на дар охирҳои қарни дуввум (он чунон ки Никелсун ва дигарон гуфтаанд), ва зоҳиран шубҳае нест, ки ваҷҳи тасмияи сӯфия ба ин ном пашминапӯшии онҳо будааст. Сӯфия ба далели зуҳду эъроз аз дунё, аз пӯшидани либосҳои нарм иҷтиноб мекарданд ва махсусан либосҳои дурушти пашмин мепӯшиданд. Аммо ин ки аз чӣ вақт ин гурӯҳ худро "ориф" хондаанд, боз иттилои дақиқе надорем. Қадри мусаллам ин аст ва аз калимоте, ки аз Сарийи Сақатӣ (вафотёфтаи 243 ҳичрӣ) нақл шудааст, маълум мешавад, ки дар қарни севвуми ҳичрӣ ин истилоҳ шойеъ ва роиҷ будааст, вале дар китоби "*Ал-лумаъ*"-и Абӯнасри Сироҷи Тӯсӣ — ки аз мутуни мӯътабари ирфону тасаввуф аст — ҷумлае аз Суфёни Саврӣ нақл мекунад, ки мерасонад дар ҳудуди нимаи аввали қарни дуввум ин истилоҳ пайдо шуда будааст.

Ба ҳар ҳол, дар қарни аввали ҳичрӣ гурӯҳе ба номи сӯфӣ вуҷуд надоштааст. Ин ном дар қарни дуввум пайдо шудааст ва зоҳиран дар ҳамин қарн, ин ҷамоат ба сурати як "гурӯҳи хосс" даромаданд, на дар қарни севвум (он чунон ки ақидаи баъзе аст). Дар қарни аввали ҳичрӣ ҳарчанд гурӯҳе хосс ба номи ориф ё сӯфи ё номи дигар вуҷуд надоштааст, вале ин далел намешавад, ки некони саҳоба сирфан мардуме зоҳид ва обид будаанд ва ҳама дар як дараҷа аз имони содда мезистаанд ва фоқиди ҳаёти маънавӣ будаанд (он чунон ки маъмулан ғарбиён ва ғарбзадагон иддао мекунанд). Шояд баъзе аз некони саҳоба ҷуз зуҳду ибодат чизе надоштаанд, вале гурӯҳе аз як ҳаёти маънавии нерӯманд бархӯрдор будаанд. Онҳо низ ҳама дар як дараҷа набудаанд. Ҳатто Салмон ва Абӯзар дар як дараҷа аз имон нестанд. Салмон зарфияте аз имон дорад, ки барои Абӯзар қобили таҳаммул нест. Дар аҳодиси зиёд ин мазмун расидааст:

لو علم ابوذر ما في قلب سلمان لقتله

"*Агар Абӯзар он чиро, ки дар қалби Салмон аст медонист, ӯро (кофир медонист) ва мекушт*."

Акнун ба зикри табақоти урафо ва мутасаввифа аз қарни дуввум то қарни даҳум мепардозем.

Табақоти урафо ва сӯфия

Қарни дуввум

1) *Ҳасани Басрӣ*. Торихи ирфони мусталаҳ монанди калом аз Ҳасани Басрӣ (вафотёфта дар 110 ҳичрӣ) оғоз мешавад. Ҳасани Басрӣ мутаваллиди соли 22 ҳичрӣ аст. Умри 88-солае дошта ва 9 қисмат аз умраш дар қарни аввали ҳичрӣ гузаштааст. Ҳасани Басрӣ албатта ба номи "сӯфи" хонда намешудааст, аз он ҷиҳат ҷузъи сӯфия шумурда мешавад, ки аввалан, китобе таълиф карда ба номи "*Риояту ҳуқуқиллоҳ*" (Риояти ҳуқуқи Худо), ки метавонад аввалин китоби тасаввуф шинохта шавад. Нусхаи мунҳасир ба фарди ин китоб дар Оксфурд аст. Никелсун муддаист, ки:

"*Аввалин мусалмоне, ки равиши ҳаёти сӯфиёна ва ҳақиқиро навишта Ҳасани Басрӣ аст. Тариқе, ки нависандагони ахир барои тасаввуф ва вусул ба мақомоти олия шарҳ медиҳанд: аввал, тавба ва пас аз он, як силсила аъмоли дигар.., ки ҳар кадом бояд барои иртиқо ба мақоми болотаре ба тартиб амалӣ шавад*."

Сониян, худи урафо баъзе аз силсилаҳои тариқатро ба Ҳасани Басрӣ ва аз ӯ ба ҳазрати Амир (Алӣ) алайҳис-салом мерасонанд, монанди силсилаи машойихи Абӯсаъид Абулхайр. Ибни ан-Надим дар "*Алфеҳрист*" фанни панҷум аз мақолаи панҷум, силсилаи Абӯмуҳаммад Ҷаъфари Хулдиро низ ба Ҳасани Басрӣ мерасонад ва мегӯяд: Ҳасан ҳафтод нафар аз асҳоби Бадрро дарк кардааст.

Солисан, баъзе аз ҳикоёт, ки нақл шудааст, мерасонад, ки Ҳасани Басрӣ амалан ҷузъи гурӯҳе будааст, ки баъдҳо номи "мутасаввифа" ёфтанд. Баъдан баъзе аз он ҳикоётро ба муносибат нақл хоҳем кард. Ҳасани Басрӣ эрониюласл аст.

2) *Молик ибни Динор*. Ин мард аҳли Басра аст. Аз касоне будааст, ки кори зуҳд ва тарки лаззатро ба ифрот кашондааст. Достонҳо аз ӯ дар ин ҷиҳат нақл мешавад. Вай дар соли 131 ҳичрӣ даргузаштааст.

3) *Иброҳими Адҳам*. Аҳли Балх аст. Достони маъруфе дорад шабеҳи достони маъруфи Будо. Гӯянд, дар ибтидо подшоҳи Балх буд ва ҷараёноте рух дод, ки тоиб (тавбакунанда) шуд ва дар силсилаи аҳли тасаввуф қарор гирифт. Урафо барои вай аҳаммияти зиёд қоиланд. Дар Маснавӣ достони ҷолибе барои ӯ овардааст. Иброҳим дар ҳудуди соли 161 ҳичрӣ даргузаштааст.

4) *Робиъаи Адавия*. Ин зани мисриюласл ва ё басриюласл, аз аҷоиби рӯзгор аст, ва чун чаҳорумин духтари хонаводааш буд "Робиъа" номида шуд. Робиъаи Адавия ғайр аз Робиъаи Шомия аст, ки ӯ ҳам аз урафост ва муосири Ҷомӣ аст ва дар қарни нӯҳум мезистааст. Робиъаи Адавия калимоте баланд ва ашъоре дар авҷи ирфон ва ҳолоте аҷиб дорад. Достоне дар бораи иёдати Ҳасани Басрӣ ва Молик ибни Динор ва як нафари дигар аз ӯ нақл мешавад, ки ҷолиб аст. Робиъа дар ҳудуди 135 ё 136 даргузаштааст ва баъзе гуфтаанд, вафоташ дар 180 ё 185 будааст.

5) *Абӯҳошими Сӯфии Куфӣ*. Аҳли Шом аст. Дар он минтақа мутаваллид шуда ва дар ҳамон минтақа зистааст. Торихи вафоташ маҷҳул аст. Ин қадр маълум аст, ки устоди Суфёни Саврӣ (вафотёфтаи 161) будааст. Зоҳиран аввал касест, ки ба номи "сӯфӣ" хонда шудааст. Суфён гуфтааст: агар Абӯҳошим набуд, ман дақоиқи риёро намешинохтам.

6) *Шақиқи Балхӣ*. Шогирди Иброҳими Адҳам будааст. Бино бар нақли "*Райҳонатул-адаб*" ва ғайра аз китоби *"Кашфул-ғумма"*-и Алӣ ибни Исои Арбилӣ ва аз *"Нурул-абсор"*-и Шабланҷӣ, дар роҳи Макка бо ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳис-салом мулоқот дошта ва аз он ҳазрат мақомот ва каромот нақл кардааст. Дар соли 153 ё 174 ё 184 даргузаштааст.

7) *Маъруфи Кархӣ*. Аҳли Кархи Бағдод аст, вале аз ин ки номи падараш Фирӯз аст, ба назар мерасад, ки эрониюласл аст. Ин мард аз маъориф ва машоҳири урафост. Мегӯянд, падару модараш насронӣ буданд ва худаш ба дасти ҳазрати Ризо алайҳис-салом мусалмон шуд ва аз он ҳазрат истифода кард. Бисёре аз силсилаҳои тариқат — бар ҳасби иддаои урафо — ба Маъруфи Кархӣ ва ба василаи ӯ ба ҳазрати Ризо алайҳис-салом ва аз тариқи он ҳазрат ба имомони пешин то ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) мерасад ва бад-ин ҷиҳат ин силсиларо силсилатуз-заҳаб (ришгаи тиллоӣ) мехонанд. Заҳабиҳо умуман чунин иддаое доранд. Вафоти Маъруф дар ҳудуди солҳои 200 то 206 будааст.

8) *Фузайл ибни Аёз*. Ин мард аслан аҳли Марв аст. Эронии арабнажод аст. Мегӯянд, дар ибтидо роҳзан буд. Як шаб, ки барои дуздӣ аз деворе боло рафт, як ояти Қуръон, ки аз шабзиндадоре шунид, ӯро мунқалиб ва тоиб сохт. Китоби *"Мисбоҳуш-шариъа"* мансуб ба ӯст ва мегӯянд, он китоб як силсила дарсҳост, ки аз Имом Содиқ алайҳис-салом гирифтааст. Муҳаддиси мутабаҳҳири қарни ахир марҳум Ҳоҷ Мирзо Ҳусайни Нурӣ дар хотимаи "*Мустадрак*" ба ин китоб изҳори эътимод кардааст. Фузайл дар соли 187 даргузаштааст.

Қарни севвум

1) *Боязиди Бастомӣ (Тайфур ибни Исо)*, аз акобири урафо ва аслан аҳли Бастом аст. Мегӯянд, аввал касе аст, ки сареҳан аз фано филлоҳ ва бақо биллоҳ сухан гуфтааст. Боязид гуфтааст: "*Аз боязидӣ хориҷ шудам монанди мор аз пӯст*". Боязид ба истилоҳ шатаҳиёте дорад, ки мӯҷиби такфираш шудааст. Худи урафо ӯро аз асҳоби "сукр" меноманд, яъне дар ҳоли ҷазаба ва бехудӣ он суханонро мегуфтааст. Боязид дар соли 261 даргузаштааст. Баъзе иддао кардаанд, ки саққои хонаи Имом Содиқ алайҳис-салом будааст, вале ин иддао бо торих ҷур намеояд. Яъне Боязид асри Имом Содиқ алайҳис-саломро дарк накардааст.

2) *Бишри Ҳофӣ*. Аҳли Бағдод аст ва падаронаш аҳли Марв будаанд. Аз машоҳири урафост. Ӯ низ дар ибтидо аҳли фисқу фуҷур буда ва баъд тавба кардааст. Алломаи Ҳиллӣ дар *"Минҳоҷул-карома"*достоне нақл кардааст мабнӣ бар ин ки тавбаи ӯ ба дасти ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳис-салом сурат гирифтааст ва чун дар ҳоле ташарруф ба тавба пайдо кард, ки "ҳофӣ" (побараҳна) буд, ба Бишри Ҳофӣ маъруф шуд. Баъзе иллати "Ҳофӣ" номидани ӯро чизи дигар гуфтаанд. Бишри Ҳофӣ дар соли 226 ё 227 даргузаштааст.

3) *Сарийи Сақатӣ*. Аҳли Бағдод аст. Намедонем аслан куҷоӣ будааст. Вай аз дӯстон ва ҳамроҳони Бишри Ҳофӣ будааст. Сарийи Сақатӣ аҳли шафқат ба халқи Худо ва исор будааст. Ибни Халлакон дар "*Вафаётул-аъён*" навиштааст, ки Сарий гуфт: 30 сол аст, ки аз як ҷумлаи "*Алҳамду лиллоҳ*", ки бар забонам ҷорӣ шуд истиғфор мекунам. Гуфтанд: чӣ гуна? Гуфт: шабе ҳариқе дар бозор рух дод. Берун омадам бибинам, ки ба дӯкони ман расида ё на. Ба ман гуфта шуд, ба дӯкони ту нарасидааст. Гуфтам: Алҳамду лиллоҳ! Якмартиба мутанаббеҳ шудам, ки гирам дӯкони ман осебе надида бошад, оё намебоист ман дар андешаи мусалмонон бошам? Саъдӣ ба ҳамин достон (бо андак тафовут) ишора мекунад он ҷо, ки мегӯяд:

Шабе дуди халқ оташе барфурӯхт,
Шунидам, ки Бағдод ниме бисӯхт.
Яке шукр гуфт андар он хоку дуд,
Ки дӯкони моро газанде набуд.
Ҷаҳондидае гуфташ эй булҳавас!
Туро худ гами хештан буду бас?

Писандӣ, ки шаҳре бисӯзад ба нор

Агар худ сароят буд бар канор?

Сарий шогирд ва муриди Маъруфи Кархӣ ва устод ва доии Ҷунайди Бағдодӣ аст. Суханони зиёде дар тавҳид ва ишқи илоҳӣ ва ғайра дорад ва ҳам ӯст, ки мегӯяд: "*Ориф монанди офтоб бар ҳамаи олам метобад ва монанди замин бори неку бадро ба дӯш мекашад ва монанди об мояи зиндагии ҳамаи дилҳост ва монанди оташ ба ҳама партавафшонӣ мекунад*." Сарий дар соли 245 ё 250 дар синни 98-солагӣ даргузаштааст.

4) *Ҳориси Муҳосибӣ*. Басриюласл аст ва аз дӯстон ва мусоҳибони Ҷунайд будааст. Аз он ҷиҳат ӯро "Муҳосибӣ" хондаанд, ки ба амри муроқиба ва муҳосиба эҳтимоми томм дошт. Муосири Аҳмад ибни Ҳанбал аст. Аҳмад ибни Ҳанбал чун душмани илми калом буд, ӯро ба воситаи вурудаш дар илми калом тард кард ва ҳамин сабаби эърози мардум аз ӯ шуд. Ҳорис дар соли 243 даргузаштааст.

5) *Ҷунайди Бағдодӣ*. Аслан аҳли Наҳованд аст. Урафо ва мутасаввифа ӯро "Сайидуттоифа" мехонанд, ҳамчунон ки фуқаҳои шиъа Шайх Тӯсиро "Шайхуттоифа" мехонанд. Ҷунайд як орифи мӯътадил ба шумор меравад. Бархе шатаҳиёт, ки аз дигарон шунида шуда, аз ӯ шунида нашудааст. Ӯ ҳатто либоси аҳли тасаввуф ба тан намекард ва дар зийи уламо ва фуқаҳо буд. Ба ӯ гуфтанд: ба хотири ёрон ҳам, ки ҳаст "хирқа" (либоси аҳли тасаввуф) бипӯш. Гуфт: агар медонистам, ки аз либос коре сохтааст, аз оҳани гудохта ҷома месохтам, аммо нидои ҳақиқат ин аст, ки:

ليس الاعتبار بالخرقة، انما الاعتبار بالحرقة

Яъне аз хирқа коре сохта нест, "ҳирқа" (оташ дил) лозим аст. Ҷунайд хоҳарзода ва мурид ва шогирди Сарийи Сақатӣ ва ҳамшогирди Ҳориси Муҳосибӣ будааст. Гӯянд, дар соли 297 дар 90-солагӣ даргузашт.

6) *Зуннуни Мисрӣ*. Вай аҳли Миср аст. Дар фиқҳ шогирди Молик ибни Анас, фақеҳи маъруф будааст. Ҷомӣ ӯро раиси сӯфиён хондааст. Ҳам, аввал касе аст, ки рамз ба кор бурд ва масоили ирфониро бо истилоҳоти рамзӣ баён кард, ки фақат касоне, ки вориданд бифаҳманд ва новоридҳо чизе нафаҳманд. Ин равиш тадриҷан маъмул шуд. Маъонӣ ба сурати ғазал ва бо таъбироти самбулик баён шуд. Бархе мӯътақиданд, ки бисёре аз

таълимоти фалсафаи навафлотунӣ ба василаи Зуннун вориди ирфон ва тасаввуф шуд. Зуннун дар фосилаи солҳои 240-250 даргузаштааст.

7) *Саҳл ибни Абдуллоҳи Тустарӣ*. Аз акобири урафо ва сӯфия ва аслани аҳли Шуштар аст. Фирқае аз урафо, ки аслро бар муҷоҳидаи нафс медонанд, ба номи ӯ "Саҳлия" хонда мешаванд. Дар Маккаи Муаззама бо Зуннуни Мисрӣ мулоқот доштааст. Вай дар соли 283 ё 293 даргузаштааст.

8) *Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ*. Аслан аҳли Байзо аз тавобеъи Шероз аст, вале дар Ироқ рушду нумӯ ёфтааст. Ҳаллоҷ аз ҷанҷолитарин урафои давраи исломӣ аст. Шатаҳиёти фаровон гуфтааст. Ба куфру иртидод ва иддаои худоӣ муттаҳам шуд. Фуқаҳо такфираш карданд ва дар замони Муқтадири Аббосӣ ба дор овехта шуд. Худи урафо ӯро ба ифшои асрор муттаҳам мекунанд. Ҳофиз мегӯяд:

Гуфт он ёр к-аз ӯ гашт сари дор баланд,

Ҷурмаш ин буд, ки асрор ҳувайдо мекард.

Баъзе ӯро марде шӯъбадабоз медонанд. Худи урафо ӯро табриа мекунанд ва мегӯянд, суханони ӯ ва Боязид, ки бӯи куфр медиҳад, дар ҳоли сукр ва бехудӣ будааст. Урафо аз ӯ ба унвони "шаҳид" ёд мекунанд. Ҳаллоҷ дар соли 306 ё 309 ба дор овехта шуд.

Қарни чаҳорум

1) *Абӯбакри Шиблӣ*. Шогирд ва мурид Ҷунайди Бағдодӣ буда ва Ҳаллоҷро низ дарк карда ва аз машоҳири урафост. Аслан хуросонӣ аст. Дар китоби *"Равзотул-ҷаннот"* ва соири китобҳои тароҷум, ашъор ва калимоти орифонаи зиёде аз ӯ нақл шудааст. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ гуфтааст: "*Аввал касе, ки ба рамз сухан гуфт Зуннуни Мисрӣ буд. Ҷунайд, ки омад, ин илмро мураттаб сохт ва баст дод ва китобҳо дар ин илм таълиф кард, ва чун навбат ба Шиблӣ расид, ин илмро ба болои манобир бурд*" . Шиблӣ дар байни солҳои 334-344 дар 87-солагӣ даргузаштааст.

2) *Абӯалии Рӯдборӣ*. Насаб ба Анушервон мебарад ва сосонинажод аст. Муриди Ҷунайд буда ва фиқҳро аз Абулаббос ибни Шурайҳ ва адабиётро аз Саълаб омӯхт. Ӯро ҷомеъи шариату тариқату ҳақиқат хондаанд. Дар соли 322 даргузаштааст.

3) *Абӯнасри Сарроҷи Тӯсӣ*, соҳиби китоби маъруфи "*Ал-лумаъ*", ки аз мутуни асил ва қадим ва мӯътабари ирфону тасаввуф аст. Дар соли 378 дар Тӯс даргузаштааст. Бисёре аз машойихи тариқат шогирди биловосита ё маъалвоситаи ӯ будаанд. Баъзе муддаӣ ҳастанд, ки мақбарае, ки дар поини хиёбони Машҳад ба номи "Қабри пири поландӯз" маъруф аст, мақбараи ҳамин Абӯнасри Сарроҷ аст (сарроҷ яъне зинсоз). Кам-кам ин калима ба поландӯз тағйири шакл додааст.

4) *Абулфазли Сарахсӣ*. Ин мард аҳли Хуросон ва шогирд ва мурид Абӯнасри Сарроҷ ва устоди Абӯсаъиди Абулхайр орифи бисёр маъруф будааст. Дар соли 400 ҳичрӣ даргузаштааст.

5) *Абӯабдуллоҳи Рӯдборӣ*. Ин мард хоҳарзодаи Абӯалии Рӯдборӣ аст ва аз урафои Шому Сурия ба шумор меравад. Дар соли 369 даргузаштааст.

6) *Абӯтолиби Маккӣ*. Шӯҳрати бештари ин мард ба воситаи китобест, ки дар ирфон ва тасаввуф таълиф кардааст ба номи "*Қутул-қулуб*" . Ин китоб чоп шуда ва аз мутуни асил ва қадими ирфону тасаввуф аст. Абӯтолиб аслан аз билоди Ҷабали Эрон аст ва дар асари ин ки солҳо дар Макка муҷовир буда, ба унвони "Маккӣ" маъруф шудааст. Вай дар соли 385 ё 386 даргузаштааст.

Қарни панҷум

1) *Шайх Абулҳасани Харақонӣ*. Яке аз маъруфтарини урафост. Урафо достонҳои шигифт ба ӯ нисбат медиҳанд, аз ҷумла муддаӣ ҳастанд, ки бар сари қабри Боязиди Бастомӣ мерафта ва бо руҳи ӯ тамос мегирифта ва мушкилоти хешро ҳал мекардааст. Мавлавӣ мегӯяд:

Ҳар сабоҳе рӯ ниҳодӣ сӯйи гӯр,

Истодӣ то зуҳо андар ҳузур.

Ё мисоли шайх пешаш омадӣ,

Ё ки бе гуфте шиколаш ҳал шудӣ.

Мавлавӣ дар Маснавӣ зиёд аз ӯ ёд кардааст ва менамояд, ки иродати вофире ба ӯ доштааст. Мегӯянд бо Абӯалӣ Сино файласуфи маъруф ва Абӯсаъиди Абулхайр орифи маъруф мулоқот доштааст. Вай дар соли 425 даргузаштааст.

2) *Абӯсаъиди Абулхайри Нишопурӣ*. Аз машҳуртарин ва боҳолтарини урафост. Рубоиҳои нағз дорад. Аз вай пурсиданд: тасаввуф чист? Гуфт: "*Тасаввуф он аст, ки он чӣ дар сар дорӣ биниҳӣ ва он чӣ дар даст дорӣ бидиҳӣ ва аз он чӣ бар ту ояд бичаҳӣ.*" Бо Абӯалӣ Сино мулоқот доштааст. Рӯзе Бӯалӣ дар маҷлиси ваъзи Абӯсаъид ширкат кард. Абӯсаъид дар бораи зарурати амал ва осори тоату маъсият сухан мегуфт. Бӯалӣ ин рубоиро ба унвони ин ки мо такя бар раҳмати Ҳақ дорем на бар амали хештан, иншо кард:

Моем ба афви ту таманно карда,

Аз тоату маъсият табарро карда.

Он ҷо, ки иноятӣ ту бошад, бошад,

Нокарда чу карда, карда чун нокарда.

Абӯсаъид филфавр гуфт:

Эй нек накардаву бадиҳо карда,

В-он гаҳ халоси худ таманно карда.

Бар афв макун такя, ки ҳаргиз набувад,

Нокарда чу карда, карда чун нокарда.

(*Номаи донишварон, зайли аҳволи Бӯалӣ Сино*)

Ин рубоӣ низ аз Абӯсаъид аст:

Фардо, ки заволи шаш ҷиҳат хоҳад буд,

Қадри ту ба қадри маърифат хоҳад буд.

Дар ҳусни сифат кӯш, ки дар рӯзи ҷазо,

Ҳашри ту ба сурати сифат хоҳад буд.

Абӯсаъид дар соли 440 ҳичрӣ даргузаштааст.

3) *Абӯалии Даққоқи Нишопурӣ*. Ҷомеъи шариату тариқат ба шумор меравад. Воиз ва муфассири Қуръон буд. Аз бас дар муноҷотҳо мегиристаа ӯро "Шайхи навҳагар" лақаб доданд. Дар соли 405 ё 412 даргузаштааст.

4) *Абулҳасан Алӣ ибни Усмони Ҳуҷвирии Ғазнавӣ*, соҳиби китоби *"Кашфул-маҳҷуб"*, ки аз китобҳои машҳури ин фирқа аст ва ахиран чоп шудааст. Дар соли 470 даргузаштааст.

5) *Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ*. Арабнажод ва аз авлоди Абӯаюби Ансорӣ, саҳобии бузургвори маъруф аст. Хоҷа Абдуллоҳ яке аз маъруфтарин ва мутаъаббидтарини урафост. Калимоти

қисор ва муноҷотҳо ва ҳамчунин рубоиёти нағз ва боҳоле дорад. Шӯҳрataш бештар ба воситаи ҳамонҳост. Аз калимоти ӯст:

“*Дар тифлӣ пастӣ, дар ҷавонӣ мастӣ, дар пирӣ сустӣ, пас кай Худо парастӣ?*”

Ва ҳам аз калимоти ӯст:

“*Бадиро бадӣ кардан сагсорист, некиро некӣ кардан хархорист, бадиро некӣ кардан кори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорист*.”

Ин рубоӣ низ аз ӯст:

Айб аст бузург баркашидан худро,

Аз ҷумлаи халқ баргузидан худро.

Аз мардумаки дида бибояд омӯхт,

Дидан ҳама касрову надидан худро.

Хоҷа Абдуллоҳ дар Ҳирот мутаваллид ва дар ҳамон ҷо дар соли 481 даргузашта ва дафн шудааст ва аз ин ҷиҳат ба “Пири Ҳирот” маъруф аст. Хоҷа Абдуллоҳ китобҳои зиёд таълиф карда, маъруфтарини онҳо, ки аз китобҳои дарсии сайру сулук аст ва аз пухтатарини китобҳои ирфон аст, китоби *“Манозилус-соирин”* аст. Бар ин китоб шарҳҳои зиёд навишта шудааст.

6) *Имом Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолии Тӯсӣ*. Аз маъруфтарини уламои манқул буд. Раиси Ҷомеъи Низомияи Бағдод шуд ва олитарин мақоми руҳонии замони хешро ҳиёзат кард, аммо эҳсос кард на он маълумот ва на он маносиб руҳашро ишбоъ намекунад. Аз мардум махфӣ шуд ва ба таҳзибу тасфияи нафс машғул шуд. Даҳ сол дар Байтулмуқаддас дур аз чашми ошноён ба худ пардохт. Дар ҳамон вақт ба ирфону тасаввуф гароид ва дигар то охири умр зери бори мансабу мақом нарафт. Китоби маъруфи “*Эҳёу улумид-дин*”-ро баъд аз давраи риёзат таълиф кард ва дар соли 505 дар Тӯс, ки ватани аслиаш буд даргузашт.

Қарни шашум

1) *Айнулқузоти Ҳамадонӣ*. Аз пуршӯртарини урафост. Муриди Аҳмади Ғаззолӣ бародари кучактари Муҳаммади Ғаззолӣ — ки ӯ низ аз урафост — будааст. Китобҳои зиёд таълиф кард. Ашъори обдоре дорад, ки холӣ аз шатаҳиёт нест. Билохира такфираш карданд ва

куштанд ва ҷасадашро сӯхтанд ва хокистарашро бар бод доданд. Дар ҳудуди солҳои 525-533 ҳ.қ. кушта шуд.

2) *Саноии Ғазнавӣ*, шоири маъруф. Ашъори ӯ аз ирфони амиқе бархӯрдор аст. Мавлавӣ дар Маснавӣ гуфтаҳои ӯро тарҳ ва шарҳ мекунад. Дар нимаи аввали қарни шашум даргузаштааст.

3) *Аҳмади Ҷомӣ* маъруф ба Жандапил. Аз машоҳири урафо ва мутасаввифа аст. Қабраш дар Турбати Ҷом (наздики сарҳади Эрон ва Афғонистон) маъруф аст. Аз ашъори ӯ дар боби хавфу раҷо ин ду байтӣ аст:

Ғарра машав, ки маркаби мардони мардро,

Дар санглохи бодия пайҳо буридаанд.

Навмед ҳам мабош, ки риндони ҷуръанӯш,

Ногаҳ ба як тарона ба манзил расидаанд.

Ва ҳам ӯ дар риояти эътидол дар амри инфоқ ва имсок гуфтааст:

Чун теша мабошу ҷумла бар худ матарош,

Чун ранда зи кори хеш бебаҳра мабош.

Таълим зи арра гир дар кори маъош,

Чизе сӯйи худ мекашу чизе мепош.

Аҳмади Ҷомӣ дар ҳудуди соли 536 ҳ.қ. даргузаштааст.

4) *Абдулқодири Гилонӣ*. Таваллудаш дар шимоли Эрон буда ва дар Бағдод нашъу намо ёфта ва дар ҳамонҷо дафн шудааст. Баъзе ӯро аҳли Ҷили Бағдод донистаанд, на аҳли Ҷилон (Гилон). Аз шахсиятҳои ҷанҷолии ҷаҳони ислом аст. Силсилаи Қодирия аз силсилаҳои сӯфия, мансуб ба ӯст. Қабраш дар Бағдод маъруф ва машҳур аст. Ӯ аз касонест, ки даъовӣ ва баландпарвозиҳои зиёд аз ӯ нақл шудааст. Вай аз содоти ҳасанӣ аст. Дар соли 560 ё 561 даргузаштааст.

5) *Шайх Рӯзбаҳони Бақлии Шерозӣ*, ки ба Шайхи Шаттоҳ маъруф аст, зеро шатаҳиёти зиёд мегуфтааст. Ахиран баъзе китобҳои ӯ ба василаи мусташриқин чопу мунташир шудааст. Ин мард дар соли 606 ҳ.қ. даргузаштааст.

Қарни ҳафтум

Ин қарн урафои бисёр баландқадре парвардааст. Мо иддае аз онҳоро ба тартиби торихи вафоташон ном мебарем:

1) *Шайх Наҷмуддин Куброи Хоразмӣ*. Аз машоҳири урафост. Бисёре аз силсилаҳо ба ӯ мунтаҳӣ мешавад. Вай шогирд ва мурид ва домоди Шайх Рӯзбаҳони Бақлии Шерозӣ будааст. Шогирдон ва дастпарвардагони зиёде доштааст, аз он ҷумла аст Баҳоуддин Валад, падари Мавлавии Балхӣ. Дар Хоразм мезист. Замонаш муқорин аст бо ҳамлаи муғул. Ҳангоме, ки муғул мехост ҳамла кунад, барои Наҷмуддини Кубро паём фиристоданд, ки шумо ва касонатон метавонед аз шаҳр хориҷ шавед ва худро наҷот диҳед. Наҷмуддин посух дод: ман дар рӯзи роҳат дар канори ин мардум будаам, имрӯз, ки рӯзи сахтии онҳост, аз онҳо ҷудо намешавам. Худ мардона силоҳ пӯшид ва ҳамроҳи мардум ҷангид, то шаҳид шуд. Ин ҳодиса дар соли 616 воқеъ шудааст.

2) *Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ*. Аз акобири дараҷаи аввали урафост. Дар насру назм таълиф дорад. "*Тазкиратул-авлиё*"-и ӯ, ки дар шарҳи ҳоли урафо ва мутасаввифа аст ва аз Имом Содиқ алайҳис-салом оғоз мекунад ва ба Имом Боқир алайҳис-салом хатм менамояд, аз ҷумлаи маъохиз ва мадорик маҳсуб мешавад ва шарқшиносон аҳаммияти фаровон ба он медиҳанд. Ҳамчунин китоби *"Мантиқут-тайр"*-и ӯ як шоҳкори ирфонӣ аст. Мавлавӣ дар бораи ӯ ва Саноӣ гуфтааст:

Аттор руҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,

Мо аз пайи Саноиву Аттор меравем.

Ва ҳам ӯ гуфтааст:

Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,

Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем.

Мақсуди Мавлавӣ аз ҳафт шаҳри ишқ, ҳафт водие аст, ки худи Аттор дар "*Мантиқут-тайр*" шарҳ додааст.

Маҳмуди Шабистарӣ дар *"Гулшани роз"* мегӯяд:

Маро аз шоирӣ худ ор н-ояд,

Ки дар сад қарн чун Аттор н-ояд.

Аттор шогирд ва муриди Шайх Маҷдуддини Бағдодӣ аз муридон ва шогирдони Шайх Наҷмуддини Кубро будааст, ва ҳамчунин сӯҳбати Қутбуддин Ҳайдарро — ки ӯ низ аз машойихи ин аср аст ва дар Турбати Ҳайдария мадфун аст ва интисоби он шаҳр ба ӯст — низ дарк кардааст.

Аттор муқорини фитнаи муғул даргузашт ва ба қавле, ба дасти муғулон дар ҳудуди солҳои 626-628 кушта шуд.

3) *Шайх Шаҳобуддини Сӯҳравардии Занҷонӣ*, соҳиби китоби маъруфи "*Аворифул-маориф*", ки аз мутуни хуби ирфон ва тасаввуф аст. Насаб ба Абӯбакри Сиддиқ мерасонад. Гӯянд, ҳар сол ба зиёрати Макка ва Мадина мерафт. Бо Абдулқодири Гилонӣ мулоқот ва мусоҳибат доштааст. Шайх Саъдии Шерозӣ ва Камолуддин Исмоили Исфаҳонӣ, шоири маъруф, аз муридони ӯ будаанд. Саъдӣ дар мавриди ӯ мегӯяд:

Маро шайхи донои муршид Шиҳоб,

Ду андарз фармуд бар рӯйи об:

Яке ин ки дар нафс худбин мабош,

Дигар он ки дар ҷамъ бадбин мабош.

Ин Сӯҳравардӣ ғайр аз Шайх Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ файласуфи мақтул маъруф ба Шайхи Ишроқ аст, ки дар ҳудуди солҳои 581-590 дар Ҳалаб ба қатл расид. Сӯҳравардии ориф дар ҳудуди соли 632 даргузаштааст.

4) *Ибни Форизи Мисрӣ*. Аз урафои тирози аввал маҳсуб аст. Ашъори арабии ирфонӣ дар ниҳояти авҷу камоли зарофат дорад. Девонаш мукаррар чоп шуда ва фузало ба шарҳаш пардохтаанд. Яке аз касоне, ки девони ӯро шарҳ карда Абдурраҳмони Чомӣ, орифи маъруфи қарни нӯҳум аст. Ашъори ирфонии ӯ дар арабӣ бо ашъори ирфонии Ҳофиз дар забони форсӣ қобили муқоиса аст. Муҳйиддини Арабӣ ба ӯ гуфт: худат шарҳе бар ашъорат бинавис. Ӯ гуфт: китоби *"Футуҳоти Маккия"*-и шумо шарҳи ин ашъор аст. Ибни Фориз аз афродест, ки аҳволи ғайриоддӣ дошта; ғолибан дар ҳоли ҷазаба будааст ва бисёре аз ашъори худро дар ҳамон ҳол сурудааст. Ибни Фориз дар соли 632 даргузаштааст.

5) *Муҳйиддини Арабии Ҳотами Тоии Андалусӣ*. Аз авлоди Ҳотами Тоӣ аст. Дар Андалус таваллуд ёфта, аммо зоҳиран бештари умри худро дар Макка ва Сурия гузарондааст.

Шогирди Шайх Абӯмидяни Мағрибии Андалусӣ аз урафои қарни шашум аст. Силсилаи тариқаташ бо як восита ба Шайх Абдулқодири Гилонии собиқуззикр мерасад.

Муҳйиддин — ки аҳёнан бо номи “Ибни Арабӣ” низ хонда мешавад — мусалламан бузургтарини урафои ислом аст; на пеш аз ӯ ва на баъд аз ӯ, касе ба пояи ӯ нарасидааст. Ба ҳамин ҷиҳат ӯро “Шайхи Акбар” лақаб додаанд. Ирфони исломӣ аз оғози зуҳур, қарн ба қарн такомул ёфт. Дар ҳар қарне — чунонки ишора шуд — урафои бузурге зуҳур карданд ва ба ирфон такомул бахшиданд ва бар сармояаш афзуданд. Ин такомул тадричӣ буд, вале дар қарни ҳафтум ба дасти Муҳйиддини Арабӣ “ҷаҳиш” пайдо кард ва ба ниҳояти камоли худ расид. Муҳйиддин ирфонро вориди марҳилаи ҷадиде кард, ки собиқа надошт. Бахши дуввуми ирфон, яъне бахши илмӣ ва назарӣ ва фалсафии он, ба василаи Муҳйиддин поягузорӣ шуд.

Урафои баъд аз ӯ умуман резахори суфраи ӯ ҳастанд. Муҳйиддин илова бар ин ки ирфонро вориди марҳилаи ҷадиде кард, яке аз аҷоиби рӯзгор аст. Инсонест “шигифт” ва ба ҳамин далел изҳори ақидаҳои мутазодде дар борааш шудааст. Бархе ӯро валии комил, қутбулақтоб мехонанд ва баъзе дигар то ҳадди куфр таназзулаш медиҳанд. Гоҳе мумитуддин (миронандаи дин) ва гоҳе моҳиюддин (нобудкунандаи дин)-аш мехонанд. Садрулмутааллиҳин файласуфи бузург ва нобиғаи азими исломӣ, ниҳояти эҳтиром барои ӯ қоил аст. Муҳйиддин дар дидаи ӯ аз Бӯалӣ Сино ва Форобӣ басе азимтар аст. Муҳйиддин беш аз 200 китоб таълиф кардааст. Бисёре аз китобҳои ӯ ва шояд ҳамаи китобҳое, ки нусхаи онҳо мавҷуд аст (дар ҳудуди 30 китоб) чоп шудааст. Муҳимтарин китобҳои ӯ яке “*Футуҳоти Маккия*” аст, ки китобест бисёр бузург ва дар ҳақиқат як доиратулмаорифи ирфонӣ аст. Дигар китоби “*Фусусул-ҳикам*” аст, ки гарчи кучак аст, вале дақиқтарин ва амиқтарин матни ирфонӣ аст. Шарҳҳои зиёд бар он навишта шудааст. Дар ҳар асре шояд ду се нафар бештар пайдо нашуда бошад, ки қодир ба фаҳми ин матни амиқ бошад. Муҳйиддин дар соли 638 дар Димишқ даргузашт ва ҳамонҷо дафн шуд. Қабраш дар Шом ҳамакнун маъруф аст.

6) *Садруддин Муҳаммади Қунавӣ*, аҳли Қуния (Туркия) ва шогирд ва мурид ва писари зани Муҳйиддини Арабӣ. Бо Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва Мавлавӣ Румӣ муосир аст. Байни ӯ ва Хоҷа Насир мукотибот радду бадал шуда ва мавриди эҳтироми Хоҷа будааст. Миёни ӯ ва

Мавлавӣ дар Қуния камоли сафо ва самимият вуҷуд доштааст. Қунавӣ имомати ҷамоат мекарда ва Мавлавӣ ба намози ӯ ҳозир мешудааст ва зоҳиран — ҳамчунон ки нақл шуда — Мавлавӣ шогирди ӯ буда ва ирфони муҳйиддиниро, ки дар гуфтаҳои Мавлавӣ мунъакис аст аз ӯ омӯхтааст. Гӯянд, рӯзе вориди маҳфили Қунавӣ шуд. Қунавӣ аз маснад ҳаракат кард ва онро ба Мавлавӣ дод, ки бар он биншинад. Мавлавӣ нанишаст ва гуфт: ҷавоби Худоро чӣ бидиҳам, ки бар ҷойи ту такя занам? Қунавӣ маснадро ба дур андохт ва гуфт: маснаде, ки туро нашояд, моро низ нашояд!

Қунавӣ беҳтарин шореҳи афкор ва андешаҳои Муҳйиддин аст. Шояд агар ӯ набуд, Муҳйиддин қобили дарк набуд. Китобҳои Қунавӣ аз китобҳои дарсии ҳавзаҳои фалсафа ва ирфони исломӣ дар шаш қарни ахир аст. Китобҳои маъруфи Қунавӣ иборат аст аз: Мифтоҳул-ғайб, Нусус, Фукук. Қунавӣ дар соли 672 (соли фавти Мавлавӣ ва Хоҷа Насируддини Тӯсӣ) ва ё соли 673 даргузаштааст.

7) *Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхии Румӣ* маъруф ба Мавлавӣ, соҳиби китоби ҷаҳонии Маснавӣ. Аз бузургтарини урафои ислом ва аз нобиғаҳои ҷаҳон аст. Насабаш ба Абӯбакри Сиддиқ мерасад. Маснавии ӯ дарёест аз ҳикмат ва маърифат ва нукоти дақиқи маърифати руҳӣ ва иҷтимоӣ ва ирфонӣ. Дар радифи шуарои тирози аввали Эрон аст. Мавлавӣ аслан аҳли Балх аст. Дар кӯдакӣ ҳамроҳи падараш аз Балх хориҷ шуд. Падараш ӯро бо худ ба зиёрати Байтуллоҳ бурд. Бо Шайх Фаридуддини Аттор дар Нишопур мулоқот кард. Пас аз муроҷиат аз Макка ҳамроҳи падар ба Қуния рафт ва онҷо раҳли иқомат афканд. Мавлавӣ дар ибтидо марде буд олим ва монанди уламои дигари ҳамтирози худ ба тадрис иштиғол дошт ва мӯҳтарамона мезист, то он ки бо Шамси Табрезӣ орифи маъруф бархӯрд; сахт маҷзуби ӯ гардид ва тарки ҳама чиз кард. Девони ғазалаш ба номи Шамс аст. Дар Маснавӣ мукаррар бо сӯзу гудоз аз ӯ ёд кардааст. Мавлавӣ дар соли 672 даргузаштааст.

8) *Фахруддини Ироқии Ҳамадонӣ*, шоир ва ғазалсарои маъруф. Шогирди Садруддини Қунавӣ ва мурид ва дастпарвардаи Шаҳобуддини Сӯҳравардии собиқуззикр аст. Дар соли 688 даргузаштааст.

Қарни ҳаштум

1) *Алоуддавлаи Симнонӣ*. Нахуст шуғли девонӣ дошт, канора гирифт ва дар силки урафо даромад ва тамоми сарвати худро дар роҳи Худо дод. Китобҳои зиёде таълиф кардааст. Дар ирфони назарӣ ақоиди хосс дорад, ки дар китобҳои муҳимми ирфон тарҳ мешавад. Дар соли 736 даргузаштааст.

2) *Абдурраззоқи Кошонӣ*. Аз муҳаққиқини урафои ин қарн аст. "*Фусус*"-и Муҳйиддин ва "*Манозилус-соирин*"-и Хоҷа Абдуллоҳро шарҳ кардааст ва ҳар ду чоп шуда ва мавриди муроҷиаи аҳли таҳқиқ аст. Бино ба нақли соҳиби "*Равзотул-ҷаннот*" дар зайли аҳволи Шайх Абдурраззоқи Лоҳиҷӣ, Шаҳиди Сонӣ аз Абдурраззоқи Кошонӣ санои балиғ кардааст. Байни ӯ ва Алоуддавлаи Симнонӣ дар масоили назарии ирфон, ки ба василаи Муҳйиддин тарҳ шудааст, мубоҳисот ва мушоҷироте будааст. Вай дар соли 735 даргузаштааст.

3) *Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ*. Ҳофиз алорағми шӯҳрати ҷаҳониаш, торихи зиндагиаш чандон равшан нест. Қадри мусаллам ин аст, ки марде олим, ориф, ҳофиз ва муфассири Қуръони Карим будааст. Худ мукаррар ба ин маънӣ ишора кардааст:

Надидам хуштар аз шеъри ту Ҳофиз,

Ба Қуръоне, ки андар сина дорӣ.

* * *

Ишқат расад ба фарёд гар худ ба сони Ҳофиз,

Қуръон зи бар бихонӣ бо чаҳордаҳ ривоят.

* * *

Зи ҳофизони ҷаҳон кас чу банда ҷамъ накард,

Латоифи ҳикамӣ бо нукотӣ қуръонӣ.

Бо ин ки ин ҳама дар ашъори худ аз пири тариқату муршид сухан гуфтааст, маълум нест, ки муршид ва мураббии худи ӯ кӣ будааст. Ашъори Ҳофиз дар авҷи ирфон аст ва камтар касе қодир аст латоифи ирфонии ӯро дарк кунад. Ҳамаи урафое, ки баъди ӯ омадаанд, эътироф доранд, ки ӯ мақомоти олияи ирфониро амалан тай кардааст. Бархе аз бузургон бар бархе аз байтҳои Ҳофиз шарҳ навиштаанд, масалан Муҳаққиқ Ҷалолуддин Даввонӣ, файласуфи маъруфи қарни нӯҳуми ҳичрӣ рисолае дар шарҳи ин байт:

Пири мо гуфт, хато бар қалами сунъ нарафт,

Офарин бар назари поки хатопӯшаш бод!

… таълиф кардааст. Ҳофиз дар соли 791 даргузаштааст.

4) *Шайх Маҳмуди Шабистарӣ*, офаринандаи манзумаи ирфонии бисёр олӣ мавсум ба "*Гулшани роз*". Ин манзума яке аз китобҳои ирфонии бисёр олӣ ба шумор меояд ва номи сарояндаи хешро ҷовид сохтааст. Шарҳҳои зиёде бар он навишта шудааст. Шояд аз ҳама беҳтар шарҳи Шайх Муҳаммади Лоҳиҷист, ки чоп шудааст ва дар дастрас аст. Марги Шабистарӣ дар ҳудуди соли 720 воқеъ шудааст.

5) *Сайидҳайдари Омулӣ*. Яке аз муҳаққиқини урафост. Китобе дорад ба номи "*Ҷомеъул-асрор*", ки аз китобҳои дақиқи ирфони назарӣ аст ва ахиран ба наҳви шоистае чоп шудааст. Китоби дигари ӯ "*Нассун-нусус*" дар шарҳи "*Фусус*" аст. Вай муосири Фахрулмуҳаққиқини Ҳиллӣ, фақеҳи маъруф аст. Соли вафоташ дақиқан маълум нест.

6) *Абдулкарими Ҷилӣ*, соҳиби китоби маъруфи *"Ал-инсонул-комил"*. Баҳси "инсони комил" ба шакли назарӣ аввалин бор ба василаи Муҳйиддини Арабӣ тарҳ шуд ва баъд мақоми муҳимме дар ирфони исломӣ ёфт. Садруддини Қунавӣ, шогирд ва муриди Муҳйиддин, дар китоби "*Мифтоҳул-гайб*" фасли муфассале дар ин замина баҳс кардааст. То он ҷо, ки иттилоъ дорем, ду нафар аз урафо китоби мустақил ба ин ном таълиф кардаанд: яке Азизуддини Насафӣ, аз урафои нимаи дуввуми қарни ҳафтум, ва дигар ҳамин Абдулкарими Ҷилӣ, ва ҳар ду ба ин ном чоп шудааст. Ҷилӣ дар соли 805 дар 38-солагӣ даргузаштааст. Бар мо равшан нест, ки Абдулкарим аҳли Ҷили Бағдод буда ё аҳли Ҷилон (Гилон).

Қарни нӯҳум

1) *Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ*. Ин мард насаб ба Алӣ алайҳис-салом мебарад ва аз маъориф ва машоҳири урафо ва сӯфия аст. Силсилаи Неъматуллоҳӣ дар асри ҳозир аз маъруфтарин силсилаҳои тасаввуф аст. Қабраш дар Моҳони Кирмон мазори сӯфиён аст. Гӯянд, 95 сол умр кард ва дар соли 820 ё 827 ё 834 даргузашт. Аксари умраш дар қарни ҳаштум гузашта ва бо Ҳофизи Шерозӣ мулоқот доштааст. Ашъори зиёде дар ирфон аз ӯ боқӣ аст.

2) *Соинуддин Алӣ Туркаи Исфаҳонӣ*. Аз муҳаққиқини урафост. Дар ирфони назарии муҳйиддинӣ яди тӯло доштааст. Китоби *"Тамҳидул-қавоъид"*-и вай — ки акнун дар даст аст ва чоп шудааст — далели табаҳҳури ӯ дар ирфон аст ва мавриди истифода ва истиноди муҳаққиқони баъд аз вай аст.

3) *Муҳаммад ибни Ҳамзаи Фанории Румӣ*. Аз уламои кишвари Усмонӣ аст. Марде ҷомеъ будааст ва китобҳои зиёд таълиф кардааст. Шӯҳрати ӯ ба ирфон ба воситаи китоби "*Мисбоҳул-унс*"-и вай аст, ки шарҳи китоби "*Мифтоҳул-ғайб*"-и Садруддини Қунавӣ аст. Шарҳ кардани китобҳои Муҳйиддини Арабӣ ва ё Садруддини Қунавӣ кори ҳар касе нест. Фанорӣ ин корро кардааст ва муҳаққиқини ирфон, ки пас аз вай омадаанд, арзиши ин шарҳро таъйид кардаанд. Ин китоб дар Теҳрон бо ҳошияҳои марҳум Оқо Мирзо Ҳошими Раштӣ (аз урафои муҳаққиқи садсолаи ахир) чоп шудааст. Мутаассифона ба иллати бадии чоп, миқдоре аз ҳавошии марҳум Оқо Мирзо Ҳошим ғайримақруъ аст.

4) *Шамсуддин Муҳаммади Лоҳиҷии Нурбахшӣ*, шореҳи "*Гулшани роз*"-и Маҳмуди Шабистарӣ. Муосири Мир Садруддини Дашткӣ ва Алломаи Даввонӣ буда ва дар Шероз мезиста ва мутобиқи он чӣ Қозӣ Нуруллоҳ дар "*Маҷолисул-мӯъминин*" навиштааст, Садруддини Дашткӣ ва Алломаи Даввонӣ — ки ҳар ду аз ҳукамои барҷастаи асри худ буданд — ниҳояти эҳтиром ва таҷлил аз вай мекардаанд. Вай муриди Сайидмуҳаммади Нурбахш буда ва Сайидмуҳаммади Нурбахш шогирди Ибни Фаҳди Ҳиллӣ буда, ки зикраш дар торихчаи фуқаҳо гузашт. Лоҳиҷӣ дар шарҳи "*Гулшани роз*" (сафҳаи 698) силсилаи худро, ки аз Сайидмуҳаммади Нурбахш шурӯъ ва ба Маъруфи Кархӣ мерасад ва сипас ба ҳазрати Имом Ризо алайҳис-салом ва имомони пешин то ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) мунтаҳӣ мешавад, зикр мекунад ва номи ин силсиларо "Силсилатуз-заҳаб" мениҳад.

Шӯҳрати бештари Лоҳиҷӣ ба воситаи ҳамон шарҳи "*Гулшани роз*" аст, ки аз мутуни олии ирфон ба шумор меравад. Лоҳиҷӣ ба тавре, ки дар муқаддимаи китобаш менависад, дар соли 877 оғоз ба таълиф кардааст. Торихи дақиқи вафоташ маълум нест, зоҳиран қабл аз соли 900 будааст.

5) *Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ*. Арабнажод аст ва насаб ба Ҳасани Шайбонӣ, фақеҳи маъруфи қарни дуввуми ҳичрӣ мебарад. Ҷомӣ шоири тавоно будааст. Ӯро охирин шоири

бузурги ирфонии забони форсӣ медонанд. Дар ибтидо “Даштӣ” тахаллус мекардааст, вале чун дар вилояти Ҷом аз тавобеъи Машҳад мутаваллид шуда ва муриди Аҳмади Ҷомӣ (Жандапил) ҳам будааст, тағйири тахаллус дода ва ба “Ҷомӣ” мутахаллис шудааст. Мегӯяд:

Мавлидам Ҷому рашҳаи қаламам,

Ҷуръаи ҷоми шайхулисломист.

З-ин сабаб дар ҷаридаи ашъор,

Ба ду маънӣ тахаллусам Ҷомист.

Ҷомӣ дар риштаҳои мухталиф: наҳв, сарф, фиқҳ, усул, мантиқ, фалсафа, ирфон таҳсилот олӣ дошта ва китобҳои зиёд таълиф кардааст, аз он ҷумла аст “*Шарҳу Фусусил-ҳикам*”-и Муҳйиддин, “*Шарҳи Ламаъот*”-и Фахруддини Ироқӣ, “*Шарҳи Тоия*”-и Ибни Фориз, “*Шарҳи қасидаи бурда*” дар мадҳи ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи), “*Шарҳи қасидаи мимия*”-и Фараздақ дар мадҳи ҳазрати Алӣ ибни Ҳусайн алайҳис-салом, “*Лавоеҳ*”, “*Баҳористон*”, ки ба равиши Гулистони Саъдист, “*Нафаҳотул-унс*” дар шарҳи аҳволи урафо. Ҷомӣ муриди тариқатии Баҳоуддини Нақшбанд муассиси тариқати Нақшбандия аст, вале ҳамчунон ки Муҳаммади Лоҳиҷӣ бо ин ки муриди тариқатии Сайидмуҳаммади Нурбахш будааст, шахсияти фарҳангии торихиаш беш аз ӯст, Ҷомӣ низ бо ин ки аз атбоъи Баҳоуддини Нақшбанд шумурда мешавад, шахсияти фарҳангӣ ва торихиаш ба дараҷоте беш аз Баҳоуддини Нақшбанд аст. Аз ин рӯ, мо, ки дар ин торихчаи мухтасар назар ба ҷанбаи фарҳангии ирфон дорем, на ҷанбаи тариқатии он, Муҳаммади Лоҳиҷӣ ва Абдурраҳмони Ҷомиро ихтисос ба зикр додем. Ҷомӣ дар соли 898 дар 81-солагӣ даргузаштааст.

* * *

Ин буд торихчаи мухтасари ирфон аз оғоз то поёни қарни нӯҳум. Аз ин ба баъд, ба назари мо ирфон шаклу вазъи дигаре пайдо мекунад. То ин торих шахсиятҳои илмӣ ва фарҳангии ирфонӣ, ҳама ҷузъи силсилаҳои расмии тасаввуфанд ва ақтоби сӯфия шахсиятҳои бузурги фарҳангии ирфон маҳсуб мешаванд ва осори бузурги ирфонӣ аз онҳост. Аз ин ба баъд шаклу вазъи дигаре пайдо мешавад:

Аввалан, дигар ақтоби мутасаввифа, ҳама ё ғолибан, он барҷастагии илмӣ ва фарҳангӣ, ки пешиниён доштаанд надоранд. Шояд бишавад гуфт, ки тасаввуфи расмӣ аз ин ба баъд бештар ғарқи одобу завоҳир ва аҳёнан бидъатҳое, ки эҷод кардааст мешавад.

Сониян, иддае, ки дохил дар ҳеч як аз силсилаҳои тасаввуф нестанд, дар ирфони назарии муҳйиддинӣ мутахассис мешаванд, ки дар миёни мутасаввифаи расмӣ назири онҳо пайдо намешавад. Масалан, Садрулмутааллиҳини Шерозӣ (вафотёфта дар соли 1050) ва шогирдаш Файзи Кошонӣ (вафотёфта дар 1091) ва шогирди шогирдаш Қозӣ Саъиди Қумӣ (вафотёфта дар 1103) огоҳиашон аз ирфони назарии муҳйиддинӣ беш аз ақтоби замони худашон будааст, бо ин ки ҷузъи ҳеч як аз силсилаҳои тасаввуф набудаанд. Ин ҷараён то замони мо идома доштааст, масалан марҳум Оқо Муҳаммадризо Ҳаким Қумшаӣ ва марҳум Оқо Мирзо Ҳошими Раштӣ аз уламо ва ҳукамои садсолаи ахир, мутахассис дар ирфони назарианд бидуни он ки худ амалан ҷузъи силсилаҳои мутасаввифа бошанд.

Ба таври куллӣ, аз замони Муҳйиддин ва Садруддини Қунавӣ — ки ирфони назарӣ поягузорӣ шуд ва ирфон шакли фалсафӣ ба худ гирифт — базри ин ҷараён пошида шуд. Масалан, Муҳаммад ибни Ҳамзаи Фанории собиқуззикр шояд аз ин гурӯҳ бошад. Вале аз қарни даҳум ба баъд ин вазъ яъне падид омадани қишри мутахассис дар ирфони назарӣ, ки ё аслан аҳли ирфони амалӣ ва сайру сулук набудаанд ва ё агар будаанд — ва ғолибан каму беш будаанд — аз силсилаҳои сӯфияи расмӣ барканор будаанд, комилан мушаххас аст.

Солисан, аз қарни даҳум ба баъд мо дар ҷаҳони шиъа ба афрод ва гурӯҳҳое бармехӯрем, ки аҳли сайру сулук ва ирфони амалӣ будаанд ва мақомоти ирфониро ба беҳтарин ваҷҳ тай кардаанд бидуни он ки дар яке аз силсилаҳои расмии ирфону тасаввуф ворид бошанд ва балки эътиное ба онҳо надошта ва онҳоро куллан ё баъзан тахтиа мекардаанд. Аз хусусиёти ин гурӯҳ, ки зимнан аҳли фақоҳат ҳам будаанд, вифоқу интибоқи комил миёни одоби сулук ва одоби фиқҳ аст. Ин ҷараён низ торихчае дорад, ки феълан маҷоли он нест.

Зимнан, аз ин торихча равшан шуд, ки ин шохаи фарҳангӣ (ирфон) монанди соири шохаҳо тамоми ҷаҳони исломро дарбар гирифтааст, аз Андалус ва Миср ва Сурия ва Рум гирифта то Хоразм. Албатта дар ин шоха низ саҳми эрониён аз назари камийят қатъан бештар аст.

Урафои бузург ва тирози аввал, ҳам дар миёни эрониён зуҳур кардаанд ва ҳам дар ғайриэрониён.

Завқу санъат

Он чӣ дар бахши илму фарҳанг баён кардем, мазоҳири хадамоти фикрии эрониён ба ислом буд; нишон дод, ки эрониён то чӣ андоза фикру андешаи худро дар роҳи ислом ва тамаддуни исломӣ ба кор андохтанд. Он чӣ дар ин бахш бад-он ишора мекунем, марбут аст ба мазоҳири хадамоти завқӣ ва эҳсосӣ ва ҳунарӣ ва фаннии эрониён.

Хадамоти завқӣ ва эҳсосӣ беш аз хадамоти фарҳангӣ метавонад нишондиҳандаи эҳсосоти пок ва холисонаи эрониён буда бошад; зеро беш аз онҳо сару кораш бо ишқу имон аст. Ба таври куллӣ, шоҳкорҳо мавлуди ишқҳо ва имонҳост. Зару зӯр ҳаргиз қодир нест шоҳкор халқ кунад, танҳо ишқу имон аст, ки шоҳкор меофаринад. Ин қоида дар бораи шоҳкорҳои фикрӣ ҳам содиқ аст ва бисёре аз осори эрониён дар бахши улуму фарҳанги исломӣ шоҳкор аст, аммо дар бораи шоҳкорҳои завқӣ ва эҳсосӣ хеле равшантар ва возеҳтар аст.

Шоҳкорҳои санъатии Эрон дар давраи исломӣ — аъамм аз меъморихо, наққошиҳо, хушнависиҳо, тазҳибкориҳо, хотамкориҳо, кошикориҳо ва муъаррақсозиҳо ва ғайра — бештар дар заминаҳои динии исломӣ будааст.

Ин банда ба ҳеч вачҳ дар салоҳияти худ намедонад, ки вориди ин мақула бишавад. Афроди зисалоҳият бояд дар ин бора доди сухан бидиҳанд ва худ мавзӯи як китоби мустақил аст.

Он чӣ бар ҳама возеҳ аст ин аст, ки шоҳкорҳои фавқ, ҳама дар масоҷид ва машоҳид ва мадорис ва Қуръонҳо ва китобҳои адъия таҷаллӣ кардааст. Меъморҳо ҳунари худро дар масоҷид ва машоҳид ва мадориси исломӣ буруз додаанд, ҳамчунин кошикорҳо, хотамкорҳо ва катибанависҳо. Ганҷинаҳои Қуръон, ки дар музейҳои мухталифи кишварҳои исломӣ ва аҳёнан кишварҳои ғайриисломӣ ҳаст, арҷи ҳунари эрониро дар заминаҳои исломӣ ва дар ҳақиқат чӯшиши руҳи исломиро дар завқи эронӣ мерасонад.

Эрониён на танҳо дар Эрон, дар ғайри Эрон низ осори ҳунарӣ ва фаннии исломии зиёде ба вуҷуд овардаанд. Дар бархе кишварҳои ғайри исломӣ, ки мусалмонон дар ақаллиятанд монанди Ҳинд ва Чин, осори исломии зиёде ҳаст, ки бо дасти эрониён ба вуҷуд омада ва

санади ихлоси эрониён нисбат ба ислом аст. Мо дар инҷо ба ҳамин ишора қаноат мекунем ва таҳқиқу тафсили онро бар ӯҳдаи аҳли фанн мегузорем.

Яке аз мазоҳири хадамоти завқӣ ва эҳсосии эрониён ба ислом, хадамоте аст, ки аз роҳи забони форсӣ ба ислом кардаанд. Удабо ва урафо ва суханварони эронӣ, ҳақоиқи исломиро бо ҷомаи зебои форсӣ ба наҳви аҳсан ороиш додаанд; ҳақоиқи исломиро бо тамсилоти латиф муҷассам карда ва маъонии латифи қуръониро дар қолаби ҳикоёти ширин берун овардаанд. Маснавии Мавлоно беҳтарин шоҳиди ин муддаъост.

Хадамоти забони форсӣ-дарӣ ба ислом, худ мавзӯи баҳсу таҳқиқи ҷудогонае аст. Агар касе дар ин мавзӯъ мутолеа кунад, мебинад ин забон дар тӯли умри тақрибан 1200-солаи худ дар давраи ислом, беш аз ҳар чизи дигар, дар хидмати ислом будааст. Агар касе танҳо дар садади ҷамъоварии ашъори олии форсӣ дар бораи тавҳиди ислом, тавсифи Қуръон, мадҳи Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ва мадҳи Аҳли байт алайҳимус-салом барояд, чанд ҷилд китоб хоҳад шуд, то чӣ расад ба ашъоре, ки дар либоси ғазал ё қисса ё панду андарз, ҳақоиқи исломиро баён кардааст.

Шеъри форсӣ ва насри форсӣ дар тӯли 12 қарн, аз мазомини Қуръон ва ҳадис ба шиддат мутаассир будааст. Ағлаби мазомини олии ирфонӣ ва мавъизаии форсӣ решаи қуръонӣ ё ҳадисӣ дорад ва таҳти таъсири Қуръон ва суннат роҳи таъолиро тай кардааст.

Душмании бархе аносур бо забони форсӣ-дарӣ — ки гоҳе бо пешниҳоди берун кардани луғоти арабӣ ва гоҳе пешниҳоди тағйири хатт иброз мешавад — ҳама барои ин аст, ки ин забон беш аз ҳар чизи дигар як забони исломӣ аст ва намоёнгари фарҳанги исломӣ аст. Мубориза бо ислом бидуни мубориза бо ин забон — албатта дар лифофаи мубориза бо луғоти бегона ва ё хатти маъмули имрӯз — муяссар нест.

Мо дар баҳс аз хадамоти арзандаи забони форсӣ ба ислом низ ба ҳамин ишора қаноат мекунем ва баҳси тафсилии онро бар ӯҳдаи донишмандоне мегузорем, ки аз мо салоҳияти бештаре доранд.

Ду қарни сукут?!

Хонандаи азиз аз он чӣ дар бахши севвуми ин китоб хонд — ҳарчанд ба ихтисор баргузор шудааст — як матлаб комилан дастгираш мешавад, ва он ин ки аксуламали эрониён дар баробари ислом фавқулъода наҷибона ва сипосгузорона буда ва аз як навъ тавофуқи табиӣ миёни руҳи исломӣ ва колбади эронӣ ҳикоят мекунад. Ислом барои Эрон ва эронӣ дар ҳукми ғизои матбӯе буда, ки ба ҳалқи гуруснае фурӯ равад, ё оби гуворое, ки ба коми ташнае рехта шавад. Табиати эронӣ махсусан бо шароити замонӣ ва маконӣ ва иҷтимоии Эрони қабл аз ислом, ин хӯроки матбӯъро ба худ ҷазб карда ва аз он нерӯ ва ҳаёт гирифтааст ва нерӯ ва ҳаёти худро сарфи хидмат ба он кардааст.

Чунонки медонем, аз соли 41 ҳичрӣ то 132 — яъне наздики як қарн — Умавиён бар ҷаҳони ислом ҳукумат ронданд. Умавиён аслеро, ки ислом миронда буд (яъне имтиёзоти қавмӣ ва нажодӣ) каму беш зинда карданд, миёни арабу ғайриараб – ба хусус эронӣ — табъиз қоил мешуданд, сиёсаташон сиёсати нажодӣ буд.

Умавиён ҳассосияти хоссе алайҳи эрониён доштанд, ки бо соири нажодҳои ғайриараб — масалан қибтиҳо — надоштанд. Иллати аслии ин ҳассосият тамоюли нисбии эрониён нисбат ба алавийин хусусан шахси Алӣ алайҳис-салом буд. Нуқтаи ҳассоси сиёсати умавӣ ҷанбаи зидди алавии он аст. Ва назар ба ин ки сиёсати алавӣ бар иҷрои ҷанбаҳои зидди нажодӣ ва зидди табақотии ислом буд ва табъан иҷрои ин асл бар араб хусусан Қурайш — ки худро нажоди бартар медонист — душвор буд. Умавиён аз нихвати арабӣ ва қурашӣ ба суди ҳукумати хеш бар зидди алавиён истифода мекарданд.

Аз ин рӯ, Умавиён бо ҳар унсури тарафдори алавийин — аъамм аз араб ё эронӣ ё офриқоӣ ё ҳиндӣ — мубориза мекарданд. Мазолиме, ки Оли Алӣ ва пайравони арабашон аз Умавиён диданд, аз мазолиме, ки бар эрониён дар он давра ворид шуд, басе бештар ва ҷонгудозтар будааст.

Аз соли 132, ки Аббосиён рӯи кор омаданд, дафтари сиёсат варақ хӯрд. Сиёсати Аббосиён то замони Муътасим — ки унсури турк рӯи кор омад — бар мабнои ҳимоят аз эрониён ва тақвияти эрониён алайҳи аъроб буд. Садсолаи аввали аббосӣ барои эрониён асри тиллоӣ будааст. Бархе вузарои эронӣ монанди Баромика, ки аз авлоди будоиёни Балх буданд ва

Фазл ибни Саҳли Зурриёсатайни Сарахсӣ баъд аз халифа бузургтарин қудрат ба шумор мерафтанд.

Эрониён дар қарни аввали ҳукумати аббосӣ ҳарчанд дар рифоҳ буданд, вале аз назари сиёсӣ ҷузъи қаламрави хилофати исломӣ буданд ва ҳукумати мустақилле надоштанд. Аммо пас аз сад сол яъне аз замони ҳукумати Тоҳириён бар Хуросон ва бахусус аз замони Саффориён, ҳукумати мустақил ташкил доданд.

Ва албатта ин ҳукуматҳои мустақил дар айни ҳол то поёни хилофати аббосӣ таҳти нуфузи маънавии хулафои аббосӣ буданд. Мардуми Эрон барои мақоми хилофат ба эътибори номи ҷонишинии Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) навъе қадосат қоил буданд ва ҳукумати ҳеч ҳокимеро дар Эрон модоме, ки маншуре аз халифа намеовард, шаръӣ ва қонунӣ намедонистанд. То он ки дар қарни ҳафтум дастгоҳи хилофати аббосӣ барчида шуд ва ин ҷараён хотима ёфт. Пас аз барчида шудани хилофати Аббосӣ, хулафои Усмонӣ дар ғайри Эрон то ҳадде нуфузи маънавӣ доштанд, вале дар Эрон ба иллати ташайюъи ин мардум ва ғайришаръӣ донистани хилофат, ба ҳеч ваҷҳ нуфузе надоштанд.

Бархе аз мусташриқин ва дар раъси ҳамаи онҳо Сэр Ҷон Малкуми англисӣ, ду қарни аввали Эрони исломиро — яъне аз ҳудуди нимаи қарни аввали ҳичрӣ, ки Эрон фатҳ шуд, то ҳудуди нимаи қарни севвуми ҳичрӣ, ки каму беш ҳукумати мустақил дар Эрон ташкил гардид — ба эътибори ин ки дар ин ду қарн Эрон ҷузъи қаламрави куллии хилофат буда ва аз худ ҳукумати мустақилле надоштааст, давраи сукуту сукун ва аҳёнан давраи бардагии эрониён номидаанд ва навъе ҷору ҷанҷол роҳ андохта, то он ҷо, ки бархе эрониёнро таҳти таъсири фикрии худ қарор додаанд.

Агар аз диди амсоли Сэр Ҷон Малкум бингарем, яъне тӯдаи эрониро надида бигирем ва ба таҳаввулоти фарҳангӣ ва ғайрифарҳангии самарабахши беназир, ки дар ҳамин ду қарн рух дод ва сахт ба ҳоли тӯдаи миллати Эрон муфид афтод таваҷҷӯҳ накунем ва танҳо табақаи ҳокимаро дар назар бигирем, ҳақ дорем давраеро, ки Эрон ҷузъи қаламрави хилофат буда давраи сукуту сукун бишуморем.

Оре, агар танҳо табақаи Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ва Абӯмуслими Хуросониро дар назар бигирем, ки он яке 120 ҳазор нафарро ба боди фано дод ва ин яке 600 ҳазор нафарро қатл омм кард ва монанди як араби мутаассиби нажодпараст навҳасарой кунем, ки чаро ин 600

ҳазор нафарро низ Ҳаҷҷоҷ, ки як унсури арабист ба боди фано надод, ва ё монанди як мутаассиби эронӣ сугворӣ кунем, ки чаро Абӯмуслим дар ҷои Ҳаҷҷоҷ нанишаст, то он 120 ҳазор нафар ҳам бо дасти тавонои ӯ қатли омм шаванд, ҳақ дорем, ки ду қарни аввалро давраи сукуну сукут аз назари Эрон биномем, чун бо муқоиса бо давраҳои дигар танҳо чизе, ки мояи таассуф аст ин аст, ки филмасал ба ҷои Абӯмуслимҳо номи Ҳаҷҷоҷҳо бурда мешавад.

Аммо агар тӯдаи миллати Эронро, яъне мӯзагарзодаҳо ва кӯзагарзодаҳоро — ҳамонҳое, ки Сибавайҳҳо ва Абуӯбайдҳо ва Абӯҳанифаҳо ва Оли Навбахтҳо ва Банӣ Шокирҳо ва садҳо афроди дигар ва хонадони дигар аз миёни онҳо бархостанд — дар назар бигирем, ки истеъдодашон шукуфт ва тавонистанд дар майдони як мусобиқаи озоди фарҳангӣ ширкат кунанд ва гӯйи ифтихорро бирубоянд ва барои аввалин бор дар торихи Эрон ба сурати пешвои адабӣ, илмӣ ва мазҳабии милали дигар дароянд ва осоре ҷовидон аз худ боқӣ бигузоранд ва номи хеш ва обу хоки хешро қарини иззат ва ифтихор ва ҷовидонӣ созанд, ин ду қарн ду қарни хурӯшу нишоту ҷунбишу нағмаву сухан аст.

Дар ин ду қарн буд, ки эрониён бо як идеулужии ҷаҳонӣ ва инсонии фавқинажодӣ ошно шуданд; ҳақоиқашро ба унвони ҳақоиқи осмонӣ ва мофавқи замону макон пазируфтанд ва забонашро ба унвони забоне байналмилалии исломӣ, ки ба ҳеч қавми хосс таъаллуқ надорад ва танҳо забони як маслак аст, азони худ дониста ва бар забони қавмӣ ва нажодии хеш муқаддам шумурданд.

Аҷабо! Мегӯянд: "*Дар тайи ин ду қарн, забони эронӣ хомӯшӣ гузида буд ва эронӣ сухани хеш ҷуз бар забони шамшер намегуфт*." Ман ҳақиқатан маънии ин суханро намефаҳмам! Оё забони илмӣ забон нест?! Оё забони адабӣ забон нест?! Оё шоҳкори адабии Сибавайҳ — ки дар фанни худ ҳамтирози "*Алмаҷистӣ*"-и Батламюс ва "*Мантиқ*"-и Арасту дар фанни худашон ба шумор меравад — ҷуз дар ин ду қарн офарида шудааст?! Оё "*Адабул-котиб*"-и Ибни Қутайба, ки он низ дар фанни худ як шоҳкор аст, маҳсули ин ду қарн нест?! Оё шоҳкори адабӣ офаридан, марбут ба забон нест?!

Хоҳанд гуфт: инҳо ҳарчи ҳаст ба забони арабӣ аст. Ҷавоб ин аст: магар касе эрониёнро маҷбур карда буд, ки ба забони арабӣ шоҳкор халқ кунанд? Аслан, магар мумкин аст касе бо зӯр шоҳкор халқ кунад?! Оё ин айб аст бар эрониён, ки пас аз ошноӣ бо забоне, ки эъҷози

илоҳиро дар он ёфтанд ва онро мутаъаллиқ ба ҳеч қавме намедонистанд ва онро забони як китоб медонистанд, ба он гаравиданд ва онро тақвият карданд ва пас аз ду се қарн аз омехтани луғот ва маъонии он бо забони қадими эронӣ, забони ширин ва латифи имрӯзи форсиро сохтанд?

Мегӯянд: "*Забони ин қавм (эрониёни қабл аз ислом) забони қавме буд, ки аз хирад ва дониш ва фарҳанг ва адаб ба қадри кифоят баҳра дошт. Бо ин ҳама, ин қавм, ки "ба сад забон сухан мегуфтанд" вақте бо аъроби мусалмон рӯ ба рӯ гаштанд "оё чӣ шуниданд, ки хомӯш шуданд?*"

Оқои дуктур Зарринкӯб, ки суоли болоро тарҳ кардаанд, худ бад-он посух додаанд:

"*Мегӯянд: забони тозӣ пеш аз он забони мардуми нимаваҳшӣ маҳсуб мешуд ва лутфу зарофате надошт. Бинобар ин, вақте бонги азон дар фазои мулки Эрон печид, забони паҳлавӣ дар баробари он фурӯ монд ва ба хомӯшӣ гаройид. Он чӣ дар ин ҳодиса забони эрониёнро банд овард, соддагӣ ва азамати "паёми тоза" буд ва ин паёми тоза "Қуръон" буд, ки суханварони арабро аз эъҷози баён ва умқи маънии хеш ба сукут афканда буд. Пас чӣ аҷиб, ки ин паёми шигифтангези тоза, дар Эрон низ забони суханваронро фурӯ бандад ва хирадҳоро ба ҳайрат андозад? Ҳақиқат ин аст, ки аз эрониён, онҳо, ки динро ба тиби хотири хеш пазируфта буданд, шӯру шавқи беҳадде, ки дар ин дини мусалмонии тоза меёфтанд, чунон онҳоро маҳву бехуд месохт, ки ба шоирӣ ва сухангӯӣ вақти хеш ба талаф намеовардан*." (*Ду қарни сукут, сс.17-108*)

Кучактарин санаде дар даст нест, ки хулафо ҳатто хулафои умавӣ, мардуми Эронро ба тарки забони аслии худ — албатта забонҳои аслии худ, зеро дар ҳамаи Эрон як забон роиҷ набуда, дар ҳар минтақае забони махсус будааст — маҷбур карда бошанд. Он чӣ дар ин замина гуфта шудааст, мустанад ба ҳеч санади торихӣ нест, ваҳму хаёл ва ғаразу мараз аст. Зебоӣ ва ҷозибаи лафзӣ ва маънавии Қуръон ва таълимоти ҷаҳонватании он даст ба дасти ҳам дод, ки ҳамаи мусалмонон ин тӯҳфаи осмониро бо ин ҳама лутф азони худ бидонанд ва маҷзуби забони Қуръон гарданд ва забони аслии хешро ба тоқи фаромӯшӣ бисупоранд. Мунҳасир ба эрониён набуд, ки забони қадими хешро пас аз ошноӣ бо нағмаи осмонии Қуръон фаромӯш карданд; ҳамаи милали гараванда ба ислом чунин шуданд. Ва чунонки мукаррар гуфтаем, агар кӯшиши Аббосиён, ки сиёсати зиддиараб доштанд набуд, забони форсии имрӯз, ки бо забонҳои қабл аз ислом мутафовит аст, падид намеомад. Хулафои

Аббосӣ беҳтарин мушаввиқи ин забон буданд. Онҳо моил набуданд, ки забони арабӣ дар миёни тӯдаи эронӣ роиҷ гардад.

Банӣ Аббос Шуъубиёнро, ки зиддиараб буданд ва дар матоъин ва масолиби араб китоб таълиф мекарданд, таъйид ва тақвият менамуданд. Алони Шуъубӣ китобе дар бадиҳои араб ва сифоти накӯҳидаи онон навишт, дар ҳоле, ки корманди расмии Ҳорун ва Маъмун буд ва дар Байтулҳикма барои онҳо китоб истинсох мекард ва музд мегирифт. Ҳамчунин Саҳл ибни Ҳоруни Шуъубӣ, ки шадидан зиддиараб буд ва алайҳи араб китоб навишт, мудири байтулҳикмаи ҳорунӣ ва маъмунӣ буд (*Тарҷумаи "Торихи тамаддун"-и Ҷурҷи Зайдон, ҷ.3, сс.310-311*). Ҳамчунон ки қаблан дар фасли марбут ба забони форсӣ гуфтем, Маъмун аввал ҳокимест, ки шоире порсигӯйро фавқулъода ташвиқ кардааст.

Оре, он буд иллати хомӯшӣ гузидани эрониён аз порсигӯӣ, ва ин буд иллати ривоҷи сонавии ин забон. Ва албатта ҳамчунон ки боз ҳам гуфтаем, ривоҷи сонавии забони форсӣ ба ҳеч вачҳ ҷои таъассуф нест, балки ҷои шукр аст. Ҳар забоне аз худ лутфу зебоии хосс дорад. Забони форсӣ аз баракати лутфу зебоии худ ва ҳам аз ҳиммату имони эрониёни порсигӯй хадамоти бисёр арзандае ба ислом кардааст.

Эдворд Броун мунсифона худро аз ғаразрониҳои амсоли *Сэр Ҷон Малкум* барканор медорад. Вай мегӯяд:

"*Ду китоби торихи Эрон аст, ки ангилисҳо бештар бо он ошно мебошанд: яке китоби Сэр Ҷон Малкум, дуввум китоби Климент Моркҳум. Дар ин ду китоб давраи таҳаввуле, ки дар фосилаи байни фатҳи араб дар қарни ҳафтуми мелодӣ ва ташкили нахустин силсилаи мустақил ё нимамустақилли эронӣ (Тоҳириён ва Саффориён) баъд аз ислом дар қарни нӯҳуми мелодӣ (қарни аввал ва дуввуми ҳичрӣ) пеш омад, ба таври сатҳӣ ва ноқис мавриди баҳс воқеъ шуд… Ва ҳол он ки аз бисёре ҷиҳот беш аз соири адвор ҷолиб будааст, ва аз назари илмӣ ва маънавӣ борвартарин куллияи азминаи торихи Эрон аст.*" (*"Торихи адабиёти Эрон", тарҷумаи форсӣ, ҷ.1, сс.311-312*)

Ҳамчунин пас аз баҳсе дар бораи Салмони Форсӣ мегӯяд:

"*Салмон ягона шахсест, ки аз миёни эрониён вориди ҷамъи муаззаз ва мӯҳтарами асҳоб гардидааст ва бисёре аз уламои баландмартибаи ислом низ аз рӯзҳои нахуст аз нажоди эронӣ бархостанд ва иддае аз усарои ҷанг монанди чаҳор фарзанди Ширин (Ибни Сирин ва се бародараш), ки дар Ҷалавло асир шуданд, баъд дар олами ислом ба маротиби шомихе расиданд. Бинобар ин,*

қавли касоне, ки мазмуни суханашон ин аст, ки пас аз истилои араб бар Эрон то ду се қарн эрониён фоқиди зиндагонии илмӣ ва маънавӣ будаанд, ба ҳеч вақҷ дуруст нест. Билъакс, он ду се қарн давраест бисёр ҷолиби таваҷҷӯҳ ва муҳим ва аз ин ҳайс беназир аст; имтизоҷи адвори қадиму ҷадид аст, давраи таҳаввули одоб ва тағаввури маросим ва сайри ақоид ва афкор аст, вале ба ҳеч вақҷ давраи рукуд ва сукун ё марг нест." (*Ҳамон, тарҷумаи форсӣ, ҷ.1, сс.301-302*)

Аз мушаххасоти ин ду қарн ин аст, ки шахсиятҳои мусалмони эронӣ илова бар шукуфтагии истеъдоди илмӣ ва фарҳангӣ ва касби ифтихороте аз ин назар, аз ҷанбаи мазҳабӣ ва динӣ худро ба мақоми қадосат расонданд, дар ҳадде, ки мавриди эҳтироми фавқулъодаи мазҳабии милали дигар қарор гирифтанд ва ҳанӯз ҳам дар китобҳои исломӣ, махсусан дар китобҳои ғайриэронӣ ва ғайри шиъӣ номи онон дар ҳолае аз қудс қарор гирифтааст. Дар ақсо билоди исломӣ мардум номи онҳоро бо эҳтироми фаровон мебаранд. Ин давра аз назари илмӣ ва фарҳангӣ дар радифи аввал аст ва аммо аз ҷанбаи касби қадосат ва эҳтироми мазҳабӣ барои эрониён қатъан берақиб ва беназир аст.

Агар бихоҳем маҳсули ин ду қарнро равшан кунем, бояд назаре ба ҷомеаи эронӣ аз ҳудуди даҳаи севвуми қарни аввали ҳичрӣ — ки Эрон ба дасти мусалмонон фатҳ шуд — то ҳудуди даҳаи дуввуми қарни севвуми ҳичрӣ, ки Тоҳириён дар Хуросон нимаистиқлоле ёфтанд ва балки то ҳудуди даҳаи шашуми қарни севвум, ки Саффориён истиқлол ёфтанд, биафканем ва натиҷагирӣ кунем.

Албатта, аз ин нукта набояд ғофил буд, ки тоза дар аҳди Саффориён ва Сомониён ва ғайруҳум низ бисёре аз донишмандони эронӣ, ки истеъдоди хешро ба зуҳур расонидаанд, дар Эрон ва ҳавзаи ҳукумати эронӣ набудаанд, ғолибан дар Ироқ ва аҳёнан дар Ҳиҷоз ё ҷои дигар мезистаанд.

Бигзарем аз Салмони Форсӣ, ки ифтихори сӯҳбати Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)-ро касб карда ва ба шарафи "*Минно аҳлал-байт*" ноил омадааст ва аз назари мусалмонони шиъа афзали саҳобаи Расули Худо ва Амирулмӯъминин аст, ва аз назари ғайри шиъа дар радифи кибори саҳоба аст ва номи номияш дар девори Масҷидуннабӣ медурахшад. Аз ин марди бузург ва бузургвор мегузарем. Соири эрониёни номдорро дар назар мегирем. Ва чун тарафи сухани мо касоне ҳастанд, ки бо миқёси эҳсососи миллӣ ва эронӣ бо мо сухан мегӯянд, мо феълан бо эҳсососи исломии худамон коре надорем, танҳо

аз ҷанбаи ифтихороти миллӣ матлабро маҳалли баҳс қарор медиҳем. Мехоҳем иҷмолан бибинем ин ду қарн чӣ имконоте ва чӣ ифтихороте барои миллати Эрон ва миллияти эронӣ касб кардааст.

Дар ин ду қарн, гурӯҳе аз эрониён ба воситаи пешвоӣ дар қироат ё тафсир ё ҳадис ё фиқҳ, ба мақоми пешвоии дин ва қадосати мазҳабӣ дар миёни милали дигар ноил шуданд ва дар ҳоли ҳозир дар ҳудуди 550 милюн мусалмон ба онҳо аз ҷанбаи мазҳабӣ эҳтиром мегузоранд. Нофеъ ва Осим ва Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ ва Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нишопурӣ ва Товус ибни Кайсон ва Рабиъатур-раъй ва Аъмаш ва Абӯҳанифа ва Лайс ибни Саъд аз ин табақаанд.

Лайс ибни Саъд ҳамон эрониест, ки муфтии Миср шуд ва дар сафаре, ки ба ҳаҷ омад, Суфёни Саврӣ (аз машоҳири дараҷаи аввали фуқаҳои аҳли суннат, ки худ араби аднонӣ аст) зимоми ноқаи ӯро ба ифтихор ба дӯш кашид.

Гурӯҳе дигар дар ин ду қарн ба пешвоии адабӣ ноил омаданд аз қабили: Сибавайҳ, Касоӣ, Фарроъ, Абӯубайда Муъаммар ибни Мусанно, Юнус, Ахфаш, Ҳаммоди Ровия, Ибни Қутайба Динаварӣ ва баъзе дигар.

Гурӯҳе дар радифи пешвоёни торих қарор гирифтанд аз қабили: Муҳаммад ибн Исҳоқ (соҳиби Сира), Абӯҳанифаи Динаварӣ, Билозарӣ (соҳиби Футуҳ) ва бархе дигар.

Гурӯҳе дар табақаи пешвоёни илми калом қарор гирифтанд ва ороашон дар садри орои китобҳои каломӣ қарор гирифт аз қабили: Оли Навбахт, Абулҳузайли Аллоф, Наззом, Восил ибни Ато, Ҳасани Басрӣ, Амр ибни Убайд ва амсоли инҳо.

Гурӯҳе дигар дар фалсафа ва риёзиёт ва нуҷум дурахшиданд монанди: фарзандони Шокири Хоразмӣ, ҳамчунин Навбахтиён, Абӯмаъшари Балхӣ, Аӯтаййиби Сарахсӣ ва ғайри инҳо.

Аз сардорони исломии эронӣ, гузашта аз сардороне, ки дар Эрон ҷангидаанд монанди Тоҳири Зуляминайн, бояд Мӯсо ибни Насир фотеҳи Испониёро ном бурд.

Оре, ин аст ду қарне, ки онро давраи рукуд ва сукун ва сукути Эрон номидаанд.

Поёни китоб